

БАҲРОМ ФИРӮЗ

# АГАР ВАЙ МАРД МЕБУД...

# БАҲРОМ ФИРӮЗ

# АГАР ВАЙ МАРД МЕБУД...

**“АДИБ”**



# БАҲРОМ ФИРӮЗ

# АГАР ВАЙ МАРД МЕБУД...

## ПОВЕСТЬҲО:

Агар вай мард мебуд...
Ситораи думдор
Рухсора

Душанбе, “Адиб”, 1987

ББК 84 Тоҷик 7
Ф 75

**Фирӯз Баҳром**

Ф 75 Агар вай мард мебуд: Повестьҳо.— Душанбе: «Адиб», 1987 — 384 саҳ.

Дар ин китоб, ки аз се повести нависанда фароҳам омада аст, масъалаҳои гуногуни ҳаёти имрӯзаи мардуми тоҷик аз ҷиҳатҳои гуногун мавриди тасвир қарор гирифта аст: шикасти сарват дар муқобили муҳаббат ва садоқати инсонӣ, кору зиндагии ҳалол дар рӯ ба рӯи фиребу дасисаҷӯӯҳои ҳаромкорон, ишқ, садоқат ва орзуҳои ҷавонӣ. Як хусусияти алоҳидаи қиссаҳои адиб он аст, ки бештарини воқеа ва қаҳрамонони асарҳои ӯ заминаи устувори ҳаётӣ доранд.

В книгу вошли три повести писателя, в основу которых положены реальные события времени экономического застоя страны. Идейную основу этих произведений составляет своеобразный диспут о счастье, суть которого автор видит в борьбе, любви и честности.

4702050020- 106 _ 42 _ 87 ББК 84 Тоҷик 7

**М 501(13) - 87**

**© Нашриёти «Адиб», 1987**



# АГАР ВАЙ МАРД МЕБУД...

Буньёди ин қисса воқеист ва иштирокчиёни он имрӯз дар қайди ҳаётанд. Ман саргузашти ононро ба тарзе ки мехостам, рангу бор ва равиши тоза додам, чунон ки вассаю болори иморати шикастаро барои бинои нав ба кор мебаранд. Ва ин бинои навбуньёд ба он иморати кӯҳнаи воқеӣ ба ҷуз вассаю болор шабоҳате дигар надорад. Муродам аз таъкид ин аст, ки агар касе худро аз ин қисса бишносад, маро домангир набошад.

Муаллиф.

# 1. Бадалбек

Фермаи подаи колхоз ду киломатр дуртар аз деҳа, дар доманаи кӯҳ воқеъ афтода, аз ҳавлии калони гирдогирдаш оғил ва чанд иморати дигар иборат буд. Аз паси девори молхона таллу теппаҳо оғоз мегирифтанду рафта - рафта қуллаҳои барфини кӯҳсорон гӯё ба осмон марасиданд. То ки аз селоби баҳорон эмин бошад, молхонаро дар мавзеи нисбатан баландтаре сохта буданд. Аз тарафи пеш онро рӯдаки шӯхобе ба тарзи нимдоира давр зада, ҷорӣ буд. Дар инчунин муҳит ва ин гуна пиромуни табиат молхона аз шибба ва бӯи нохуш пок набошад ҳам, макони нафасгир набуд, ҳатто баҳорон дар иҳотаи беду чинорҳо тарабангез ҷилва менамуд.

Ҳавлии фермаро бо девори сепохса иҳота гирифта буданд, дар таҳи дарвозаи калони дутабақаи он ҳамеша оби хлорнок ва дар пештоқи он шиору хитобаҳои муқаррарӣ, навтарин даъватҳое, ки рӯи матои сурх имло кардаанд, ба назар мерасид.

Дар масофаи сад қадам дуртар, дар рӯ ба рӯи дарвозаи ферма боз як иморат буд, ки дар он хонаи рӯ ба молхона вазифаи клуб ё маҷлисгоҳи молпарваронро адо мекард. Дар он хона ду мизи дароз ва чор-панҷ қатор курсӣ гузошта буданд, ки аз маҷлис то маҷлиси дигар чангу ғубор зер мекарду ба маҷаллаву рӯзномаҳои рӯи миз даст задан амри маҳол буд. Раҳбарон, вакилону меҳмонон, нотиқони шаҳрӣ дар ин манзил ба молпарварон ваъз мегуфтанд ё ба қавли худашон, сӯҳбат мекарданд.

Дар паси ин клуб боғчаи хушҳавое буд. Дар як хона ва кафшкаши ба клуб ҳамдевор посбони ферма Шогадо мезист. Молпарварон байни худ ин кулбаро идорахонаи мудир мегуфтанд. Азбаски дару девори ин кулбаи назарногир ва боғчаи он ба аксари чорвопарварон на ҳамеша қадамрас буд, дар назарҳо асроромез ҷилва мекард. Баъзе одамони бадгумон тахмин мегирифтанд, ки ин хонача агар забон медошт, асрори зиёдеро ба халқ фош мегуфт. Зирактарин кунҷковон ҳам аз хусуси гапу корҳои ин ҷо ба қиёс гумон мебурданду бас. Боиси ба миён омадани инчунин гумону ғайбат ва асрорангезӣ ин буд, ки дар ин макон мудири ферма Бадалбек ҳамроҳи зоотехник, ҳисобдор, байтор ва дигар улфатҳои дуру наздикаш, ки ҳар замон ғун меомаданд, баъзан палав пухта, машварат мероост. Ба ин ҳавлича баъзан одамони ба атрофиён сирф ношинос, ки аз рӯи тамғаи мошинҳояшон аз роҳҳои дур омаданашон аён буд, даробаро мекарданду дар дили мардум шубҳа меафзуданд.

Бадалбек баъзан аз ин макон сархуш мебаромаду, ба назди духтарони говдӯш мерафт. Духтарон мегуфтанд, ки вай ҳангоми сармастӣ, ҳазлкашу ширинмақол мегардад ба ҳама атласу кимхоб, махмалу рӯмол ёфта медиҳам гӯён кӯҳ-кӯҳ ваъдаҳо мекунад, нияти баъзеҳоро ба ордену медал сарфароз карданашро мегӯяд. Ҳатто яке аз духтаронро ба депутатӣ пешбарӣ кардааст, вале «ҳоли номаша намегӯям» гӯён ин сирро пинҳон доштанаш нуқли сӯҳбати чорвопарварон буд. Агар кайфаш боло гирад, Бадалбек назди духтарон мерафту ба онҳо амалан усули кор омӯхтанӣ мешуд, гоҳе ба шӯхӣ аз милаҳои онон кашида, таъзир, медод. Ҳамаи

духтарон пай бурда буданд, ки ин марди панҷоҳусесола ҳангоми ба ягон тан аз духтарон танҳо ба танҳо монданаш беибо ӯро бо чашмонаш хӯрам мегӯяд. Духтарон инро аз касофати шароб медонистанд, «шароб одами соға девона мекунад» мегуфтанд. Мардон аз чунин муомилаи ӯ бо духтарон нафрат мекарданд, вале инро ба мудир зоҳир наменамуданд. Онҳое, ки ҳисси худро зоҳир карда буданд, кайҳо аз кори ферма фориғ гаштанашон чағбут барин дами ғазаби мардонро мегардонд.

Бадалбек ҳар бор бо Занҷир рӯ ба рӯ ояд, оҳиста аз ҷигар оҳ мекашиду чашмони сурхашро аз рӯю мӯи вай наканда, лаҳзае ӯро ба изтироб меовард, дар талвоса меафканд. Занҷир духтари зебо аст. Рухсорааш сафеди ба гулобӣ наздик, лабонаш андаке во гашта, ҳамеша ба табассум моил. Табассуми ӯ ифодаи хушнудӣ аз зиндагӣ ва қаноатмандӣ аз ҳусну малоҳати ҷавонӣ буд. Қомати химчавор борику баланди духтар, дасту пои дарозу мавзунаш, мӯи хурмоӣ ва чашмони андешаманду махмураш сабру карори Бадалбекро мебурданд. “Насиби кадом ҷавони хуштолеъ бошӣ, намедонам, дар дуньё армонаш намемонад, — мегуфт, мудири ферма ба худ пичиррос зада ва агар хилват бошад аз паси духтар лаҳзае нигариста меистод. — Эҳ, кошки, ҳозир ақаллан бист солакак ҷавонтар бошам...” Сонӣ тамоми рӯз Занҷир пеши назараш ҷилва мекарду мудир худ ба худ реҷаҳо мекашид, баъзан дар фазои орзуҳои хаёлии худ чунон дур парвоз мекард, ки гӯё ин ҳама ҳавасҳояш амалӣ ва имконпазир бошанд, табъаш хуш, мастона лабханд мезад. Баъзан ӯро маъюсӣ рух медод ва дар

чунин ҳангом аз ҳасрати нокомӣ гӯё дармегирифт. “Молу давлатам бошад, инакҳо ба амри ман нигарон, дастнигарам бошанду... тавба, дасту поям бастагӣ барин. Дар бачагӣ чистонёбӣ мекардем, мегуфтанд: сабад пури анҷир, ҳаддат бошад, якта гир. Анҷираш ҳам, Занҷираш ҳам мана, маро бигир, гӯяду дасти ман ларзад, чӣ кор кунам?!. Оҳиста пеши додош биравам, пулу моли мехостагиша бахшаму гӯям, ки ҳамин фариштаро аз ин ҷойҳо дуртар бурда ба ман никоҳ карда диҳад. Хонаю ҷояша тахт карда медодаму рафтаву омада мегаштам. Ду зан доштагиҳо кам не-ку. Рустӣ-рустӣ доранд. Ана, Ҳалим, барои ду зан гирифтанаш ҳабс ҳам шуд, ду сол гузашт, боз омада зиндагӣ карда гаштааст. Аслан, гап ба падару модараш. Хайр, аввал дили духтарро андаке гарм кунам розӣ кардани додош кори саҳл аст. Ҳозир дилаш моил бошад ҳам, аз таънаю пичинги одамон тарсида розӣ намешавад. Ҳама китобхону телевизорбин шуданд, шавҳари калонсол гӯед агар, “и-и!” мегӯянд. Ҳеҷ кас намегӯяд, ки ҷавонон ҳолӣ кор карда, пул ёфтанашон зарур аст, зан шӯи бепула ба сараш мезанад?! Худаш дастнигару боз духтари як бечораро дарди сар карда гаштанаш касро месӯзад. Пештар мегуфтанд, ки ба духтар марди падараш қати ҳамсин шавҳар будан метавонад... Забони раис бастагӣ. Плони ҷувориро буд кардем гӯён рапорт доду камии анборро ба сари ферма зад. Бист тонн зиёдтар ҷувориро гӯё ба мол хӯрондем. Бист тоннаро агар мол хӯрад, кафида мемурад. Ман ҳам ҳаждаҳ тонна кунҷораро гирифта, дили ёру ошноҳоро меёбам. Шукр, дар район таноби бахилу

нотавонбинҳоро кашида монданд, вазифаҳои муҳим дар дасти одамони дуруст аст. Лекин Рустам барин бахилу иғвогарон ҳам ҳастанд. Хайрияти кор ҳозир ин хелҳоро хуш намекунанд. Дар як идора ё колхоз якта ин хел одам бошад ҳам, доим хавотиред-да, аз дасташ ҳеҷ, коре наояд ҳам, эҳтиёт мешавед. Раис доим ба Рустам «офарин, корат дуруст» гӯяд, вай аҳмақ ба ҳамин ғарра шуда мегардад, вале ман медонам, муйсафед аз вай безор аст, «ҳар ошба қатиқу ҳар нонба ҷазза» гӯён чандин бор ғут-ғут карданашро гувоҳам. Худаш ҳам махав барин ягон одами дуруст қатӣ равуо надорад. Маро «ҳаромхӯр» гуфтаст. Лаънатӣ, ҳоли ман барин ошатро ҳалол карда хӯр, сонӣ гап зан! Ин хелҳо чи мехоҳанд, ҳама медонанд: мехоҳанд, ки ҳама мисли онҳо кафангадо бошад, лаққии беҳуда бошад. Агар раҳбарон дурусттар фикр кунанд, аз Рустам баринҳо на ба давлат манфиате мерасаду на ба халқ. Ҳозир агар фермаро ба дасти ҳамин Рустам диҳанд, ду сол нагузашта, хароб мекунад, на плони шир иҷро, на гӯшт, на саршумор меафзояд, моли будагиро ҳам нобуд мекунад. Ман худамро ба теғу табар зада, молро сер мекунам, худам ҳам сер мешавам, ёру ҷӯраҳо ҳам. Ана, як ҳафта пеш барои бист тонна пӯчоқи пунбадона қоғаз гирифтам. Ку, бубинам, Рустам рафта даҳ тонна рӯёнад!, Ба мошини раис тири пеш даркор буд, ки дарьёб кард? Ман, бандаи ганда — Бадалбек! Дар идораи Сельхозтехника ба саломи Рустам баринҳо алек намегиранд. Ку, даҳ сол давида, як тири пеш бигирад, бубинам! Ё як матор бигирад. Агар ман набошам, на кори колхозаш пеш меравад на муҳими районаш мебарояд. Кори заводу

фабрикаш ҳам аз пушти ҳиммату ғайрати мо барин ҷонфидоҳо пеш меравад у ордену медалро дигарон мегиранд, вазифаҳои баландро ҳам... Раиси колхозамон аз паси ман ба минбари баланд баромада, ҷувол-ҷувол ваъда медиҳад, дар президиум мешинад. Боз ғуд-ғуд мекунад, ки чаро аз гӯсфанд саду бист барра намегирам. Агар ман саду бист барра гирам, мошинат бемотор мемонад, ако! Занаш як даҳан намегӯяд, ки ҳар шаб меҳмонҳот қатӣ захрро мехӯрӣ...”

Занҷир аввал аз Бадалбек ҳеҷ гумони бад надошт. “Марди додом қатӣ ҳамсол, наход, ки ба ман чашм ало кунад, балки барои писари дар аскарӣ будааш таҳи чашм дорад ё барои ягон хешованди дигараш”, — гӯён вай илтифоту меҳрубониҳон мудирро ба тарзи худ эзоҳ мекард. Аз ҳамин сабаб, ба гаппартоиҳои ҳазломези Бадалбек бебок ҷавоб медод, аз сари ғурури ҷавонӣ бедард механдид, аз таъсири ҳусни худ ба атрофиён меболид. Говҳояш фарбеҳ, ҳамеша серу покиза, аз говҳои дигарон серширтаранд ва Занҷир аз ин ваҷҳ эътибори мудирро ба шахси худаш як амри воҷиб мепиндошт.

Баъзан ба ферма меҳмонон меомаданду мудир дар боғча барои онҳо ба қавли худаш, як пиёла чой мекард. Дар чунин рӯзҳо Шогадо ба пухтупаз машғул буд, агар меҳмонон бисӣёр бошанд, аз деҳа ҳамсараш ҳам барои ёридастӣ меомад. Гоҳе барои шустани дегу дегу табоқ ё дигар корҳо як - ду тан духтарони говдӯшро ҳам ба дастӣёрӣ даъват мекард.

Бадалбек бо меҳмонҳо зарофат мегуфт, хонаро ба сараш бардошта қоҳ - қоҳ мезад, аммо духтаронро

фаромуш намекард, ҳар замон аз назди меҳмонон бархоста, ба ошхона меомад. Ба назар чунин меомад, ки агар вай ҳар замон бо духтарон як - ду сухани шӯхиомез нагӯяду ҳазл накунад, ба чашмони софу беғаши онҳо чашмони аз таъсири шароб махмуру кашидаи худро дуру дароз надӯзад, гӯё хӯрок дар гулӯяш дармемонда бошад, беқарор буд, дар ҷояш нишаста наметавонист.

Сарват, зан, шароб... Аз ин се ишкели мардони сабуксор Бадалбек низ озод набуд. Хуршеди саховатманди Шарқ, гӯё асрҳои аср дар сиришти фирқае аз мардони ин сарзамин ба ҷуз савдои зан «ҳунари» дигаре напарвард. Замони пеш кам андар кам мардоне дучор меомаданд, ки ба сарват расанду ба дарди фисқ гирифтор набошанд. Мардони соҳибдил ҳароина дар ҳамаи замонҳо аз паи ободию иморат, ҳунар ва илму фарҳанг буданд, вале ин корҳо ба ноқобилон заррае ибрат нашуд. Агарчи фисқ меваи тунукандешию беҳунарист, ин зумра чунин мепиндоштанд, ки парҳезгории аҳли ҳунар аз тунукмоягии эшон аст. Монанди бисьёр маразҳои қадимӣ ҳануз ҳам ба сахтҷонӣ зуҳур кардани ин дардро сабаб чи бошад, ҳеҷ кас намедонист.

## 2. Занҷир

Занҷир дар дил майли аз ин муҳит парвоз гирифтан, ба олами дилорои ҳунарҳо, маърифату худшиносиҳо пайвастанро надошт, зеро хуб медонист, ки ӯ ҷасорат ва ёрои исьён надорад, аз русуми маъмула берун пой ниҳода, наздикону пайвандони худро ғам додан

намехоҳад. Медонист, ки наздиконашро дар андӯҳ ниҳода, ӯ дар дуньё соате хуррам нахоҳад буд, сар ба осмон судан насибаш гардад ҳам, рӯи хушнудӣ ва хушбахтиро нахоҳад дид. Ақидаи Занҷир ин буд. Зотан, чунин як қадами инқилобомез аз духтар маърифати зарурӣ тақозо дошт, вале ӯ онро доро набуд. Овони таҳсил дар мактаб мисли аксари духтарони деҳа вай ҳам он ҳама илмро барои говдӯш ё пахтакор беҳуда ва нодаркор меҳисобид. Монанди баъзе дугонаҳояш вай аз он, ки имкони таҳсили илм наёфт, пушаймон набуд, агар ба сари ӯ моҷарое намеомад, аҷаб не... Аслан, кӣ медонад, иқдоми ӯро саҳв ё бебарорӣ шумурдан раво бошад? Дар дуньё яке бо илму ҳунар, кору амал ва санъатварӣ хушбахт аст, дигаре бо хандаю гирьяи кудакони худ ободию озодӣ дорад. Кадоме аз ин муқаддам аст — кӣ медонад?!

* * *

Боре бегоҳирузӣ ҳангоми ширро полуда, ба ҳисобдори ферма супоридани Занҷир Шогадо ба назди вай омаду оҳиста гуфт:

— Ба боғча бирав, меҳмон меомадаст, хӯрок-пӯрок мепазӣ. Бадалбек фармуд.

— И-и!— ҳайрон шуд Занҷир — Бевақт шуд, ман чӣ хел ба хона меравам? Худатон пазед-да. Ман гову гусоларо сер кунам ё меҳмона? — Занҷир, одатан, кинояву зарофати ба забонаш омадаро бебок мегуфт.— Меҳмонҳоро шумо парвариш кунеду ҷӯшед.

— Ба ман кори дигар фармуд, ба деҳа меравам.

Шогадо инро гуфту мисли ҳамеша сархам, ба рӯи духтар нанигариста ба раҳаш қафо гашт. Занчир лаҳзае саргаранг аз қафои вай нигариста монду баъд фарьёд кард:

— Амаки Шогадо. Ман танҳо намеистам, ягон духтари дигара ҳам гӯед.

— Ба худаш гӯй,— ба пасаш нанигариста ғурунгӣ кард мардак.

— Сояи арвоҳ барин лағжида нагашта мур, ту безарда,— гуфт Занҷир зери лаб.

Боз аз дилаш гузашт, ки инояти мудир ба вай аз дили софу холис нест. «Баъд аз ин хас барин чизашро намегирам. Агар намегирифтам, ҳозир ҷавобаша медодаму ба хона мерафтам. Авзои Шогадо дигар хел намуд, чӣ гап бошад? Аҷаб не, мудир ӯро дашному хорӣ дода, гум шав гуфту сонӣ маро даъват кард? Дар дили ин Шогадо дуньё-дуньё гапу кори ферма пинҳон аст, Бадалбек ӯро ба ҳеҷ ваҷҳ намеронад. Шогадоро одамон гӯристони ҳама сиру савдои ферма мегӯянд. Бибиам одами неку бадро аз як назар дидан мешиносанд, хато намекунанд. Чаро ман одамшинос нестам, ҳайронам, охир, маро нусхаи он кас мегӯянд-ку. Ба қавли бибиам, ягон вақт чашми дили ман ҳам кушода мешудагист. Балки гумонам ғалат будагист, бесабаб ҳамин Шогадои бечора ба ман намефорад... Рӯз бегаҳ шуд, то ман наравам, биби хӯрок пухта наметавонанд. Ба ғайр аз ин, агар дер монам, хавотир мешаванд. Аз ҳама бадиаш, дар ин ҷо дер монданамро агар одамон шунаванд, ҳар хел гап паҳн мекунанд. Хайр, як-ду раҳ мебахшанд, аммо агар паёпай мондан гирам, худо зад маро. Хосият

саркор катӣ андак ҳингир-ҳингир кардаст ё не, корашро зиёд навиштаст, бо ҳамин бечора пирдухтар шуд ва оқибат ба як марди занмурда расид. Шаби тӯяш чунон гирист, чунон гирист...»

Занҷир саргарми инчунин андешаҳо шитоболуд кор мекард. Баъди ширро полуда супоридан, ба модговҳо хошок дод, охури онхоро аз нишхӯр тоза карду баъд хилъаташро кашида аз дарвоза берун шуд.

Бадалбек дар хона танҳо нишаста, дар тахтача пиёз реза мекард. Дар назди вай пиёлаву шишаи шаробро дида, дили духтар ба як бор рам хӯрду дар таҳи дар истод.

— Амаки Бадалбек, дер шуд, ман як худам чӣ хел мемонам... — гуфт вай хоҳишмандона саропо дар ташвишу изтироб.

— Э, парво накун, Занҷирҷон, ним соат... — Бадалбек аз ҷояш бархоста пеш омад. Нигоҳи вай саропои духтарро дарзмоли гарм барин гӯё лағжида гузашт, ки аз он вуҷуди Занҷир номаълум ларзид. — Ана, дар ин ҷо гӯшт... — Вай як кунҷи пойгаҳро нишон дод, ки дар он ҷо гушти барраро ба пӯсташ печонда монда буданд. — Вақти рафтанат камтар бигиру ба хонаатон бар. Ҳозир, ҷони ширинам, як кабобча паз, ку дастат ҳам худат барин ширин аст, бубинам. Хизмати моро кунӣ, фақат барака меёбӣ, ҷони ширин.

Бадалбек бо завқ мӯйлаби мошубиринҷашро молиду қоматашро росттар гирифта, бо як навъ табассуми аҷиби соддалавҳона ба рӯи духтар мутаваҷҷеҳ шуд. Сипас хост, ки ба вай наздиктар истад, вале авзои ҷиддии духтар ӯро аз ин нияташ боздошт.

— Гӯштатон даркор не, намегирам, амак, — гуфт духтар барои назокат ва сахт нарасидани суханаш андаке табассум карда. Сонӣ ба оҳанги боз ҳам нармтар баҳонаи бардурӯғе пеш овард:

— Додом фаҳмида, ҷанг кардfestанд, «дигар ҳеҷ чиз набиёр» гуфтанд.

Занҷир бо дили пурҳавл ба кунҷаки хона рафт ва як лаби пӯстро бардошта, гӯшт гирифтан хосту пурсид:

— Чӣ қадар гирам?

— Як-якуним кило барин гир... Камира набин, ҷони ширин. Додот беҳуда дилаша бад кардаст. Ман аз дили соф. Ҳа, ман баъзеҳо барин худхӯрам не. Дар дуньё ба одам чӣ даркор аст? Тани сиҳату хотири ҷамъ. Хотири ҷамъ ин пулу мол аст, Занҷири ҷон. Давлатат бошад, — хотират ҷамъ. Дар зиндагӣ чӣ чиз аз марг бадтар аст, гуфта пурсанд, Луқмони Ҳаким ҷавоб додаст — нодорӣ, дасткӯтоҳӣ...

Бадалбек рост истода, чашмаш ба сару мӯи Занҷир, аз ҳикмати рӯзғори худ сухан мегуфт. Зотан, инчунин ҳикмат вирди забони ҳамнишинони пулдори ӯ буд. Панди ӯ ба гӯши духтар намедаромад. Вай на хатари нодориро медонист, на фароғати сарватмандиро, бинобар он, инчунин ҳикмат барои ӯ аз қиссаҳои бибиаш беш маъние надошт. Хоса, ин лаҳза, ки вуҷуди Занҷир аз изтироб раъша дошт, дастонаш меларзид, аз ҳаросе, ки ба дилаш ангез карда буд, сар бардошта ба сӯи мудир наменигарист, вале ин вазъи худро зоҳир кардан намехост. Нигоҳаш ҷиддӣ, балки норизонамо, абрӯвонаш — гиреҳ, лабонаш — сахт ба ҳам фишурда. Вай ҳам мисли дигар духтарони деҳа аз бадномӣ

метарсид, ба ҳадде метарсид, ки аҷдодаш аз вабо, аз тоун, аз маразу песу махав ин қадар тарсу ваҳм надоштанд.

Занҷир аз хона берун шуду як нафаси сабук гирифт. Сонӣ дар оташдон алав карду ба дег равған андохт ва саросема ба гӯштбурӣ машғул шуд.

Офтоб ғуруб кард. Духтарон корашонро анҷом дода, якдигарро садо мекарданду ба ҷониби деҳа раҳсипор буданд. Занҷир мехост, ки ягон тан аз дугонаҳояш ҳамроҳ бошад, вале инро боз ба чи оҳанге ба мудир гӯяд, ки ӯ қабул кунад. То мудир нагӯяд, ҳеҷ яке аз духтарон ба ин ҷо намеояд.

Дар ҳар як амали хатарнок умеди хайрият ҳаст ва инсон ҳамеша ҳангоми таваккал ин буттаи ночизро сахт медорад. Дили Занҷирро як навъ ваҳму ҳароси нотаъин фишор меовард, вале ин ҳолро тан гирифтан намехост, аз тарси худ ботинан хиҷил буд. Вай зудтар кабобро дам карда, аз ин ҳавличаи хилвату бекас берун рафтанӣ буд.

— Заҳратон шавад... Доим гӯшти тоза мехуранд, — зери лаб ба худ пичиррос зад Занҷир. Сонӣ аз дилаш гузашт. — Моҳонааш дусаду сесад бошад ҳам, ба ин хел айш намерасад, аз ду сар duздӣ-да. Эҳ, агар ман мард мебудам, пӯстаки ин Бадалбекро меафшондам. Ин мардони мо зарда надоранд, «нағз ҳам, бад ҳам ду рӯз аст, мегузарад», гӯён хотирҷамъ мегарданд. Як марди ин деҳа — додом аст, ки гап занед, доим байт мехонанд: «Доро, ки кабоб мехӯрад, мегузарад, Сад нуқлу шароб мехӯрад, мегузарад. Бечора ба косаи гадоӣ нонро, Тар карда ба об мехӯрад, мегузарад». Ҳафтае мо ба зӯр як бор хӯроки гӯштӣ мехӯрем, инҳо-ҳар рӯз. Ба қавлӣ

бибиам, ягонтааш шох набаровардаст. Он кас доим мегӯянд, ки кор накарда мехӯранду воҳ нагуфта мемуранд. Ман ба ин гапашон хандидам, он кас гуфтанд: «Ҳамаи онҳое, ки кор накарда, калон - калон мехӯранд, дард накашида, ногаҳон афтода мемуранд, ба ду даҳан васият зор, аз дуньё рафтанашонро надониста мемонанд, духтарам...»

Бадалбек табақи пиёзи реза кардааш дар даст аз хона берун шуду ба сӯи оташдон омад. Дар таҳи айвон, ки дар як гӯшаи он оташдон буд, халтаҳои биринҷ, сабзию пиёз, қуттиҳои помидору мева ҳар сӯ парешон буданд. Вай аз ин парешонӣ ва бесомонӣ норозӣ, зери лаб ғурунгос заду омада, дар сари дег рост истод. Занҷир сар бардошта ба ҷониби вай нанигарист ва сухане ҳам нагуфт.

— Ана, пиёз, Занҷири ширин, — баъди лаҳзае рост истодан садо баровард Бадалбек. — Чӣ гап шуд, як бор ба тарафи ман наменигарӣ, гап намезанӣ? А? Аз дӯст шуд ё аз душман? Ман ташнаи як нигоҳи оламкуши ту бошаму...

— Шарм намекунед?! — бо каҳр зуд сухани ӯро бурид Занҷир.— Ман духтаратон қатӣ баробарам.

— Шавҳари духтар бояд ҳамсинни падараш бошад гуфтаанд, — сухани аз куҷое шунида, вирди забон кардаашро боз такрор кард ӯ. — Ман аз миёни духтарон ба ту меҳри алоҳида дорам. Дилам намешавад, ки туро кор фармоям, лекин барои дидор... Элак баҳонаю дидор ғанимат мегӯянд-ку! — Ҳингиррос зада зуракӣ хандид вай. Сонӣ ҳамчунон бардурӯғ оҳе кашиду суханашро идома дод: — Эҳ, кошкӣ, ҳозир ҳамин фермаро аз ман

мегирифтанду дар бадалаш туро медоданд. Додот сад ҳазор қалин пурсад ҳам, медодам. Бовар мекунӣ, сад ҳазор пурсад ҳам! Ҳурмати нон. Қадри зарро заргар медонад, гуфтаанд машоихҳо. Занҷири ҷон, ту худатро хор накун, лоиқи ҳар касу нокас нестӣ. Туро одам ба кафи дасташ бардошта гардад, меарзӣ. Худо ба ту давлати ҳусн додаст... Хайр, аслан, мард пир намешавад. Бибӣ Оишаи нуҳсоларо ба Муҳаммад — пайғамбарамон никоҳ карда доданашон гапи беҳуда не. Эҳ, Занҷири ҷон, ту қадри худатро донista мон. Баъзе ҷавонҳо дар кисаашон як пул не, дар хонаашон муш бозӣ мекунаду зан мегиранд. Ҳайфи духтари ба ин хел ҷавони бадбахт расидагӣ-да... Эҳ, аз сарат зар пошам, меарзӣ.

— Амак, ба ман ин хел гапҳоро нагӯед, — гуфт Занҷир, ки худро ба дег машғул дошта, ба сӯи мудир наменигарист. — Агар ин тавр кунед, ман аз кори ферма меравам.

— Беақлӣ накун, Занҷир, — ҳоло ба мақсади авзои духтарро саҳеҳтар мулоҳиза кардан Бадалбек аз паҳлӯи оташдон гузашт. — Маслиҳати мана гӯш накунӣ, охир пушаймон мешавӣ. Ман хушбахтии туро мехоҳам. Мехоҳам, ки дастатро ба оби хунукназада, шоҳдухтар барин зиндагӣ кунӣ...

— Бас... Гиред дегу табақатона, ман меравам,— Занҷир бо шаст кафгирро рӯй табақ партофту қоматашро рост кард.

— Беақлӣ накун, Занҷир, — якбора дасту по хӯрд мудир. — Кабобро пазу сонӣ рав. Ҳа, кӯтоҳандешӣ накун, духтар, ман одами андак-мандак нестам, — аз раъяш баргаштани духтарро дида, Бадалбек рӯҳ

гирифт. — Аз дасти ман ҳар кор меояд. Агар хоҳам, туро хушбахт мекунам. Калиди бахти ту дар дасти ман аст.

— Ба додом ҳамин гапатонро мегӯям, он кас пеши раис мераванд, — Занҷир аз шасташ гашту боз кафгирро ба даст гирифт.

Бадалбек хираханде карду сар ҷунбонд.

— Кабобро паз, ҷони ширин.

Чашми вай ба рӯи Занҷир ба мафтунӣ гиреҳ хӯрда, ба ҳадде инону ихтиёр аз даст дода буд, ки авзои ғазабноки духтар ҳам ба ӯ кора намекард. Вай ба дили занҳо, ба фикру ақидаи онон, муҳаббату нафраташон ба ҳадде беэътибор буд, ки ҳоло рӯю мӯй, тоқи абрӯвони чинзадаи Занҷирро хаёлан бӯсаҳо мезад, дасти навозиш мениҳод, дарди дил мекард. Оқибат вай ҳушашро аз банди ин гирудори эҳтирос фароҳам гирифту ғайри ихтиёр баланд оҳе кашид ва ба худ гуфт: «Ваъдаҳои ширин қатӣ кам-кам оҳанашро мулоим карда, сонӣ ниятамро гӯям, бовар кунад, сонӣ розӣ мешавад. Ба як ҷавони косагадо расидан қатӣ чӣ рӯзи равшан мебинад?! Агар ҳозир ягон тӯҳфавор медоштам, атласи куртавор, ҳалқа ё ангуштарини тилло... Бояд, ки кайҳо гирифта мегаштам. Ҳозир калон ҳам, хурд ҳам, зан ҳам, духтар ҳам ба дастат менигарад. Хушомад гуфтам, ба худо хуш омад! Баъзеҳо «э, вай намегирад, тамаъ надорад», мегӯянд. Ба ин мардуми гӯл чи ҳам гӯям?! Албатта, агар «ма, ин пораро гиру кори маро соз кун», гӯяд, кӣ аз дасти вай чиз мегирад?! Ришваю тӯҳфаи одами беақл аз ҳақорат ҳам бадтар аст. Агар ангези гапро оварда, ҳамчун пора нею тӯҳфа ё тиккаи муҳаббат, савғотӣ ё

дастовез бубахшеду бе шумо аз гулӯям нагузашт, чи кунам гӯед канӣ, кӣ рад мекунад?!»

Аз суханони Бадалбек ҳоло Занҷир яқин ҳосил кард, ки дили вай чунон ки мегӯяд, холис нест. Аз ин ҷиҳат ваҳму ҳароси духтар дақиқа ба дақиқа меафзуд, торикӣ ва хомӯшии атроф бештар ӯро ба изтироб меафканд. Кошкӣ, ягон кас меомад. Агар мардум шабона дар ин ҳавлича бо Бадалбек танҳо ба танҳо буданашро шунаванд, рӯзаш сиёҳ мешавад, дигар касе ӯро арӯс кардан намехоҳад, хостгорон аз ҳавлии онҳо қадамашонро мекананд, шубҳаю хавотирии бибиаш дуруст мебарояд... «Наход барои бадном кардани ман қасдона чеғ зада бошад? — мегуфт вай худ ба худ. — Барои чӣ Шогадои косалесаш гум шуд? Наход ки барои фиреби ман дом андохта бошад?.. Не-е, мурд магар...— Занҷир чору ночор худашро таскин медод. — Дигар духтарон ҳам дар ин ҷо пухтупаз мекарданд. Лек ин рӯзона дастьёрӣ мекарданд, ба шом монданашонро нашунидаам. Кӣ медонад, балки ин мардак ба ман дил дода, ақлу ҳушашро гум карда бошад? Ё маст магар? Не, одам арақ хӯрад, ақлашро намехӯрад-ку! Агар аз ростӣ ошиқ бошад, чӣ мекунам? Мардум ошиқии ӯро шунаванд, аз ман дилмонда мегарданд, дасти махав расидагӣ барин ҳазар мекунанд. Ё барои ба чангаш афтондан маро бадном карданӣ бошад? Чаро пештар фикр накардам?!»

Бадалбек зери лаб таронаеро замзама карда, калавида-калавида ба хона даромаду чароғро даргиронд.

Торикӣ фуромад, баоси гову гӯсолаҳо пасанда гашт, овози одамон, бонги мошинҳо ҳам сокит шуд. На аз Шогадо дараке буду на аз меҳмонон. Дар молхона, ду-се нафар молбонҳо буданд, ки одатан, дар ин вақти шом ба назди посбон омада, ӯро ба чойхурӣ даъват мекарданд, вале имшаб қасд кардагӣ барин ҳеҷ яке аз онҳо садое намебаровард. Агар ҳозир онҳо аз дарвозаи боғча дароянд, Занҷир ҳозир буд дастонашро бибӯсад. Ҳар рӯз вай чандин бор онҳоро медид, салом мекарду ба рӯи онон нанигариста, аз паи кораш медавид. Вай ҳеҷ гумон надошт, ки имрӯз ба қадами онҳо ин қадар зору муштоқ мешавад.

Занҷир гӯшту пиёзро бирьён карду каме картошка пӯст канда онро ҳам ба дег андохта таф дод. Сонӣ ба кабоб андаке об рехту бо табақи сирдор буғ кард. Қӯри оташдонро пеш кашиду саросема бархоста, ба сӯи хона рафт, то рухсат гираду биравад.

Бадалбек шароб мехӯрд. Занҷир ба дарун надаромад, нияти даромадан ҳам надошт. Ҳоло шишаи шароб, авзои мудир, тобиши ғайриоддии чашмони вай вуҷуди ӯро ба ларза оварданд. Бадалбек бо табассуми мастона пиёлаи дасташро ба дастархон монда аз ҷо бархосту пеш омад. Ин гуна табассуми мастонаи ӯро Занҷир борҳо дида буд ва медонист, ки мудир ҳоло ба вай кӯҳ-кӯҳ ваъда мекунад. Сараввал ба дил қарор кард, ки «Хайр, ман рафтам» гӯяду гурезад, вале ғурури ҷавонӣ бошад ё иззати нафс иҷозаташ надод, ки тарсу ҳаросашро маълум кунад.

— Дам партофтам... Амак, акнун ман меравам.

— Меравӣ, Занҷири ширин?.. Кабоб нахӯрдӣ... Хуб, майлат... Ист-ист... Ба ман нигар... Ҳаросон нашав...

Занҷир гумон бурд, ки мудир боз гӯшт гир гуфтанист, бинобар он, истоду баргашта лаб ба инкор ҷуфт кард, вале ин дам Бадалбек чаҳиду аз банди дасти вай дошт.

— Сар диҳед. Дод мегӯям...

— Як даҳан гап дорам, Занҷир... Суханамро шунав, сонӣ бирав... Бе ту ба ман зиндагӣ ҳаром шудаст. Бовар кун... Ин ҳазл не... Аз баҳри ҳамааш мебароям, туро мегирам. Ба шаҳр меравем, ҳавлию макон мехарему зиндагӣ мекунем. Давлати ман ба ҳафт пуштат мерасад. — Бадалбек саросема, тез-тез сухан мегуфт, вале Занҷир ба гуфтаҳои ӯ аҳамияте надода, барои халос кардани дасташ зӯр мезад, печутоб мехӯрд, вале кӯшишаш натиҷае намедод,

— Гапамро фаҳмидӣ? Аввал бигӯ. — Бадалбек аз дасти Занҷир сахт гирифта ӯро ба худ наздик кашид.

— Дастамро сар диҳед, — зӯр мезаду дар изтироб печутоб мехӯрд Занҷир.— Сар диҳед... Шарм доред... Нокас...

— Ма,— Бадалбек як дасташро ба ҷайб заду се - чор қоғази шарақкосии панҷоҳсӯмиро бароварда, ба ҷайби духтар ниҳод. — Тӯҳфа... тӯҳфаи аввалини ман... Барои худат ягон чиз хар... Суханҳои маро фикр кун. Дурусттар фикр кун, Занҷири ҷон. Беақлӣ накун, сухани ман нашикастаст ва намешиканад.

— Сар диҳед... Э, шумо одамед ё...

Ин лаҳза дарича ғиҷиррӣ карда садо бароварду Шогадо ва ду тан молбон даромаданд ва Бадалбек дасти Занҷирро раҳо кард. Ашки духтар якбора ба рӯяш рехт

ва ӯ бо фиғон худро ба дарича зад. Табассуми сарду аблаҳонаи Шогадо ва авзои ғазабноки ду тан чӯпон дар лавҳи хотираш нақш бастанд.

## 3. Бибӣ

Бибӣ ӯро ба умеди он, ки духтари занҷирмӯй шавад, Занҷир ном карда буд. Дар ин гирду атроф ин ном расм набуд ва пиразан ҳоло ёд надошт, ки онро аз куҷо шунида, барои наберааш дар хотир гиреҳ карда будаст. Ҳоло синни духтар ба ҳабдаҳ расида, хушқаду баст, занҷирмӯй ва латифандом буд ва бибии пир аз ваҷҳи андаке ҳусну тароват ва хушгилии набера ботинан изтиробу ташвиш дошт. Шабу рӯз андешааш ин буд, ки ягон гапи нохуш сар назада, духтарро ба дасти соҳибаш супорад.

Дар ҳалқаи хешу табор агар аз малоҳати Занҷир аз сари ваҷҳу таҳсин сухан кунанд, бибӣ бесаранҷом ба худ печутоб мехӯрд, рӯй турш мекарду нописандона лаб пеш медамонд ва дастони шахшӯли худро, ки бар асари тарбод ангуштонаш чангалук шуда буд, афшонда, аксар ҳангом норозиёна ғут-ғут мекард:

— Ҳусн чизи бекора аст, худо бахт диҳад.

Чунин менамуд, ки гӯё пиразан зебоию малоҳати набераашро намеписандад, балки чашми дидан надорад. Агар аз Занҷир ба ғурури ҳусн ва эҳсоси шаъну ифтихор монанд алфозе ё ҳаракате сар занад, кампир филфавр мешӯриду суханони сахт мегуфт, вале Занҷир дар ҷавоби инчунин тундӣ ба шӯхӣ механдиду мегуфт, ки ҳазл мекунад. Аммо ҳусни малеҳи ӯро эътибор

накардани модаркалон баъзан духтарро тачанг менамуд, аз ин нописандӣ малолати худро зоҳир насозад ҳам, аз феъли бибӣ озурдагиашро бо ягон сабаби дигар мегуфт.

— Вой бар ҳоли очаҷонам. Шумо барин модаршӯй қатӣ ин қадар сол муросо доштаанд, — Занҷир надоматомез сар меҷунбонду лабханд мезад. — Барои ҳамин либосҳои арӯсиашон то ҳол дар тахи сандуқ оҳораш нашикаста мондаст.

Занҷир ин суханонро аз сари ҳазлу шӯхӣ, бедардона мегуфту аз дилаш мегузашт, ки агар шавҳар кунаду ба дасти модаршӯи аз бибиаш бадтар шаддод биафтад, чӣ мекунад. Он гоҳ пиразан мегуфтагист: “Ҳа, ҳолат, чӣ шуд? Суханони ман намефорид, модаршӯи шаддод чӣ хел будаст? Дидӣ? То риш набарорӣ, ба кӯса наханд мегӯянд, духтарам». Аммо дар ин синн, монанди ҳамаи духтарон Занҷир ҳам аз иқболи фардои худ дилпур буд, дар назараш тамоми хоҳишу орзуҳо ба вай дастрас ҷилва мекарданд, одамон ҳама некхоҳу накӯкор, дилҷӯю хандонрӯ буданд. Хушбахтии ҷавонӣ ҳам дар ин буд ва духтар аз даврони беғамӣ ва беташвиши умри худ бархурдор, ба қавли бибии пир, як гуфта, даҳ механдид. Дарвоқеъ, агар дар синаи кас асари бухлу кина ва рашку ҳасад набошад, ин синн биҳишти умри одамист. Занҷир аз он, ки ба либосу палоси дигаре назари ҳасадомез надошт, ҳамеша кушодаҷабин, хандон ва дилхуш буд. Ӯ бо муҳаббат ва хуррамию хушҳолии худ дар ҳама кор ғолиб буд ва ба ҳар як нияти худ мушарраф мегашт.

Бибӣ рухсат намедод, ки Занҷир ба монанди духтарони дигар ҳамвора либоси оҳарӣ ё атласу

кимхоби назаррабо пӯшад, ҳамеша назорат мекард, ки дар тани наберааш пӯшоки арзону оддӣ бошад. Ӯ ин қасди худро тавзеҳ карда, баъзан мегуфт:

— Духтар шаби арӯсиаш бори аввал шоҳию кимхоб мепӯшад, абрӯвонашро чинда, оростаю пероста мешавад. Хок кашад духтарони ин замонаро! Ин қадар орою торо? Фарқ намекунед, ки вай духтар аст ё арӯс. Сонӣ арӯс мешаванд, арӯсиашон маълум не. Кадом рӯз обгирӣ баромадаму духтари раиса дидам, аз шаҳр омадаст. «Ассалом, бибиҷон» гуфт. Ба рӯяш нигарам, абрувонаш чиндагӣ, ранг кашидагӣ, дар танаш кимхоби ранги оби анор. «Вой, аз сарат гардам, ту кай арӯс шудӣ, ман бехабар?» гуфтам. Духтар хандиду «ҳолӣ мехонам, тӯй кунем, шуморо хабар мекунам», гуфт. «Охир, тӯй накарда абруҳота чинда мондӣ-ку», гӯям, «ҳозир замона дигар шудагӣ» мегӯяд. Тавба, ҳар номаъқулӣ кунанд, замона сабабгор. Охир, ҳамин замона барои чӣ ба ман кафши пошнабаланд пӯш намегӯяд? А? Ин не, он не, баҳона. Ба падару модар пешхезӣ кунанд ҳам, зану шавҳар номуросо бошанд ҳам, дар миёни мардум бешармӣ, ҳаромхӯрӣ, беномусӣ кунанд ҳам, — ба ҳамааш замона сабабгор аст! Одамизод бенӯхта шавад, чӣ корҳое намекунад... Урфу одат ганда будааст! Барои бенӯхтаҳо урфу одат ганда, ҳар номаъқулие хоҳанд, мекунанд. Урфу одата ман набаровардаам, халқ, расм кардагӣ. Намедонам, ин расма нест карда, сонӣ чӣ хел зиндагӣ мекарда бошед?

Бибӣ набераашро ба ҳамин тартибу қоида тарбия мекард ва падару модари Занҷир ҳам, ки аз аввал нахустфарзанди худро «духтари бибиаш» гуфта буданд,

ба сахтгириҳои модар монеъ набуданд, онро комилан маъқул надонанд ҳам, ба пиразан эътироз намекарданд. Аслан, онҳо чандон имкони зиёд ҳам надоштанд, ки Занҷир монанди баъзе духтарони деҳа сару либоси гаронбаҳо пӯшад.

Падари Занҷир — Имомалӣ марди орому камгап, бечораҳол ва қаноатпешае буд. Ӯ аз зумраи деҳқононе буд, ки ба тағьири касбу кор ва тартиби зиндагӣ ба осонӣ майл намекунанд, гӯё ба мардуми дигар на ҳасад мебаранду на ҳаваси пайравӣ доранд. Агар дар деҳа ягон воқеае сар занаду аҳли хонавода аз ӯ савол кунанд, ки ин валвала рост аст ё дурӯғ, Имомалӣ пинакашро вайрон накарда мегуфт:

— Кӣ медонад, ҳамин тавр мегӯянд.

— Ту ҳам одам барин гапу кори дуньёра гап зан, мо ҳам бифаҳмем. Як тарафи деҳаро сел барад ҳам, мо — бехабар, — дилтанг мешуд пиразан.

— Кӣ медонад, — китф мебардошту норозӣ аз ин талаб даст меафшонд Имомалӣ.

Вай бисту шаш сол инҷониб дар як бригада кор мекард. Ҳамсолони вай кайҳо аз кори пахтазор рафтанд, ба ҷои онҳо писару духтарони онҳо омаданд, вале ӯ якзайл гоҳ — обмон, гоҳ — порукаш, гоҳ дар хирман, хулоса саркорони қариб сол дар миён ҷойгардон чӣ коре супориданд, ҳамонро иҷро мекард.

Маразе тозаи ҳамагир — ғун овардани пулу молу ашьё ҳанӯз ба Имомалӣ сироят накарда буд. Вале ин кӯҳнасифатӣ ҳоло ба аксар мардуми деҳот ғайриоддӣ ва бегона менамуд, бинобар он, ӯро марди беҳавсала мешумурданд. Ҳатто баъзе касон агар фарзандони

ноқобилро маломат кунанд, дар омади гап мегуфтанд: «Агар ҳолат ин бошад, Имомалӣ барин дар зиндагӣ як ҷомаат дута намешавад». Инчунин суханон ва ба ин монанд ақидаи одамон бешак ба гӯши Имомалӣ расида ва ҳатто аз забони баъзе аз аҳли хонадонаш борҳо таънаомез таъкид ёфта бошад ҳам, вай хӯи худро ба осонӣ тағйир дода наметавонист. Шоҳидон дар ҳаққи вай як воқеаи парерсоларо гуфта, то ҳол механдиданд. Имомалӣ аз деҳа дур, пахтазори соҳили дарьёро об медод. Дар сари роҳаш полизи бодиринги барвақтӣ буд. Рӯзе даргузар аз он мавзеъ дид, ки палаки бодирингро канда, ғун мекунанд, агарчи дар ҳар як палак се-чортогӣ бодиринги барра ва зард буд.

«Ҳой, мондаҳо, чӣ гап шуд, ки палаки бодиринга меканед?» — наздик рафта пурсид вай.

«Саломат бош, додар, — гуфт Ғанибобо, ки дар бригадаи обчакорӣ корҳои сабукро адо мекард. — Ба ҷояш тезтар карам шинондан даркор мегӯянд».

«Ҳамин гапа барвақттар нагуфтед, аз ин бодиринг ба хона мебурдем», — афсӯс хӯрд Имомалӣ.

«Як ҳафта боз дар ҳамин ҷо обмонӣ дорӣ, аз ҳамин бодиринг ба хонаат набурдӣ?» — ҳайрон шуд муйсафед.

«Не, валло, ман аз ин хел корҳо ҳазарӣ».

«Охир, қариб як ҳафта аст мардум аз ин бодиринг мебаранд. Ман посбон будам, «бодиринг даркор не рад шуд», гӯён ба полизи Сойча фиристоданд. Ту чӣ, аз дунёӣ бехабарӣ? — ба соддадилии Имомалӣ хандон-хандон эзоҳ дод муйсафед. — Агар даркор бошад, бирав, ягон линга биёр, аз барра-баррааш бигир».

«Э-э, як лингара чӣ мекунам, монед, боз гап назананд, ана, ба ин миёнбанд...»

«Сӯфӣ шаву рав», — гуфт муйсафеди полизбон.

Модари Занҷир шаш-ҳафт сол боз дардманд гашта, хонашин буд.

Занҷир аз синфи шашум сар карда, баъди дарс дар силки дугонаҳояш мунтазам ба кори пахтазор машғулӣ дошт. Вай хуб фаҳмида буд, ки номи неки ахлоқи покиза, хушхӯӣ ва кор — мизону миқьёси баҳои духтари деҳа ва гарави хушбахтии ӯст. Мисли ҳар як духтар вай хушбахт будан мехост ва хушбахтиашро аз рӯи русуми деҳа дар симои ҳамсари ояндааш медид. «Толеи духтар шавҳар аст, — мегуфт гаштаю баргашта бибии пир, — туро хушбахт кунад ҳам, бадбахт кунад ҳам, ҳамон бахшидаат мекунад, духтарам». Марбут ба он ҷавони номаълуме, ки мебоист шавҳараш мегашт, Занҷир дар дил чи орзуҳое мепарвард!

Вай ба синфи нӯҳум гузашту ба хонаи онҳо хостгорон омадурав сар карданд, вале ҳама аз ваҷҳи ноболиғии духтар ночор монда, пушти сар мехориданд. Бибӣ алам мекашид, ки хостгорони дилхоҳ меоянду қонуни ҳукумат ба тӯи духтар монеъ аст. Ҳар бор талабгори дилписандеро гусел карда, пиразан ду-се рӯз беором ғут-ғут мекард:

— Тавба, ҳамин ҳам гап шуд! Кӣ ҳамин қонуна бароварда бошад? А?.. Охир, духтарата олим карданӣ бошӣ, хонондан гир, ба духтари дигарон чӣ ҳақ дорӣ?! Ба ҳаждаҳ дароядy пирдухтар шавад, сонӣ шӯ мекардааст! Пушт-пушти мо духтара аз 14—15

нагузаронда ба дасти соҳибаш месупориданд, ҳеҷ бало намезад-ку. Дар синни шонздаҳ ман фарзанд ёфтам.

— Қонуна аз ҳаво намегиранд, оча, — ба пиразан талқин мекард Имомалӣ. — Фикри духтурҳо, олимони доноро гирифта, қонун кардаанд. Бесабаб манъ намекунанд. Ягон гапаш будагист-да. Ба даҳонатон нигариста гап занед, дар замони мо кӣ ҳақ, дорад, ки ба қонуни ҳукумат забон расонад?!

Баъзе аз хостгорони ҷазбманд гаштаю баргашта омада, исрор, мекарданд, ки гувоҳномаи духтарро диҳанд, онҳо синни ӯро калон карда меоранд, вале Имомалӣ аз ин сон корҳои хилофи қонун метарсид. Сипас, хостгорон «хуб, сабр мекунем, аммо розӣ шавед, даҳанбаста кунем» гӯён таманно мекарданд, фиристодагони хонаводаи дигаре — «писарамон агар Занҷира нагирам, аз дуньё безан мегузарам мегӯяд, гуфта, илтиҷо доштанд, ки духтарро фотиҳа кунанд, вале дар сари ин муомила низ сухани бибӣ бо писар рост намеомад.

— Қонун, қонун мегӯӣ, худат агар тарсӣ паттааша ба дасташон бидеҳ, худашон дуруст карда меоранд. Ту барин марди латта нестанд. Ана, Азиз ҳам, Шокир ҳам духтарони 16—17 соларо тӯй карданд-ку. Ғами фарзандата нахӯрӣ, чӣ гуфта мард шудӣ?! Падар фақат хӯрондану пӯшондан қатӣ падар намешавад. Як раҳ агар бахташ гардад, ба қадами хостгор зор мешавӣ. Солҳои дароз ҳар саҳар ҳавлию кӯчаро об зада рӯфта, ба қадами хостгорон нигарон одамон кам нестанд. Духтардорӣ осон не. Писар буд, ҳеҷ гап не, гаштааст-

дия мегуфтӣ. Духтари аз даҳан мондагира бару се газ замина кову гӯр кун!

— Ба шумо зарари ҳамин духтар нарасидааст-ку, — мегуфт оқибат Имомалӣ ва сипас ба нармӣ илова мекард: — Ба азоб калон кардед, монед, ду-се сол ба шумо хизмат кунад. Ана, кор мекунад, моҳона мегирад, аз коркардааш мо ҳам баҳра мегирем. Духтара калон карда, вақти аз дасташ кор омадану нафъаш расидан ба мардум бароварда додан алам намекунад?

— Агар сари вақт ягон гап набаромада, номи некаш катӣ ба дасти соҳибаш супорӣ, мукофоти аз духтар меёфтагиат ҳамин аст. Ақлата кор фармо мегӯям, набошад, ба ман чӣ? Духтар меваи пешпазак, баъди расидан ба соҳибаш бисупор. Таъхир ҳам убол аст. Худо накунад, агар ягон гап бароял, сонӣ сарата ба сад санг занӣ ҳам, суд намекунад, — исрор мекард пиразан. — Духтар алафи дари мардум аст, хоҳӣ-нахоҳӣ, бароварда медиҳӣ. — Вай ҳикмату мақоли донистагиашро шафеъ оварда, матлаби худро собит мекард.

Баъди хатми мактаб Занҷир як сол боз ба кори ферма мерафт. Вай говдӯшӣ ва нигоҳубини молро аз хурдӣ медонист, бинобар он, ба ҳеҷ талвоса ва тарсу бим зуд ба сафи говдӯшон даромада, баробари дигарон понздаҳ сар говро ӯҳда мекард. Аз миён соле нагузашта, вай хислати ҳар як модгови дӯшоиашро омӯхта буд. «Ду модгови ало ва қашқаи бешох бе макру фиреб ширашонро пок-покиза медиҳанд, аммо думсафеду сурх намехоҳанд, ки тамоми ширашонро бигирам, пистонашонро молида хору мол кунам, сонӣ якбора ширашонро мефуроранд», — мегуфт.

Занҷир аз ҷавонӣ ва таъсири ҳусни худ дилпур, ба омаду рафти хостгорон бепарво набошад ҳам, дилаш ҷаз-ҷаз карда об мехӯрдагӣ талабгораш ҳанӯз пайдо нашуданашро меандешиду ба атрофи худ умедвор менигарист. Ба гӯшаш мерасид, ки баъзе хостгорон аллакай ба падару модари ӯ шарту талаби худро пеш мегузоштанд. Махсусан, баъзе аз онон дар ферма кор кардани ӯро чандон хуш надоштанд. Сабабашро ошкоро изҳор насозанд ҳам, возеҳ буд, ки зери дасти Бадалбек кор кардани арӯсшавандаро, намехостанд. Ҳамин ки хостгорон дар фуроварди сухан ин матлабро баён мекарданд, бибӣ лаб газида, ба тасдиқ оҳиста сар меҷунбонд ва баъди гусели меҳмонон аз писар тақозо дошт, ки духтарро аз кори ферма бигирад, аммо Имомалӣ аз ин талаб даст меафшонд, зеро хостгорон аз одамони дилхоҳи ӯ набуданд. «Қатори ҳамин қадар духтарон кор карда гаштааст, — мегуфт вай ба дил — Э, ин пиракиҳоро «одамони кӯҳна» гуфтанашон бе гап не, кони шубҳаанд. Ман порсол аз алафи колхоз як банд юнучқа бигирифта, сарам дар ғавғо монд. Баъзеҳо рӯирост гуфтанд: «Ту дуздӣ карда наметавонӣ, чаро ин корро мекунӣ?!» Аз ферма шукр, ба хонавода фоида мерасад — як сатил-ду сатил ем, як халта-ним халта силос меорад. Кадом рӯз Бадалбек каллаю поча ва рӯдаю ишкамбаи як гӯсфандро додааст. Сонӣ, моҳонаи говдӯшҳо аз пули мегирифтаи каландзанҳо зиёд аст, боз мавсимӣ не. Ба ғайр аз ин, рӯзи дароз дар саҳро кор кардан куҷою говдӯшӣ куҷо?! Дар ферма тамоми рӯз банд не. Ҳар кас ҳам ҷои гарм мекобад. Кампир ношукрит мегирад мегӯяд, лекин чӣ кунам, як бевазан

гуфтагиаш барин, ман тарона кунаму дигарон сақич хоянд? Бас аст, дида-дида, чашми ақли мо ҳам кушода шуд, намехоҳам фарзандонам ман барин шаванд. Ё дар ферма ҷои вай даркор будагист?.. Аз ин одамон ҳар нағма меоянд», — Имомалӣ фикран бо он хостгорон хархаша дошт ва баъд ӯ сабаби ин ақидаи худро ба модар тавзеҳ мекард.

Пиразан ба ин тариқ хилофи хулқу атвори худ амал кардани писарро ҳаргиз чашм надошт, бинобар он, аз ин сухани ӯ тааҷҷуб мекард. Бо ақли пиронаи худ вай ҳоло идрок мекард, ки Бадалбек баринҳо нуфуз ёфта, одамони оддию заҳматпеша ҳам аз онҳо таъсир ва ибрат мегиранд. Бешак пиразан ҳам огоҳ буд, ки дар деҳа Рустам баринҳо низ ҳастанд ва дар паи пешгири ин марази сироятӣ ва ҳамагир нашудани он ҷидол доранд. Вай Рустамро мешинохт, аз одамон дар ҳақи вай доим сухани нағз мешунид, вақте ки бобои Ҷалол дар беморхонаи шаҳр бандагиро ба ҷо овард, аз раис барои овардани мурда бо ҷанҷолу ханҷол мошин гирифтанашро шунида, ӯро дуо карда буд.

Хонадони Имомалӣ бе ҳеҷ шаке то имрӯз аз ингуна хархашаҳо комилан дар канор буд. Ҳам волидайн, ҳам бибии пир ва ҳам Занҷир аз толеъ хостгори дилхоҳро нигарон буданду бас. Хостгорон остонаи онҳоро охурча мекарданд, ҳар саҳаргоҳ аз ҳавлию кӯчарубӣ Занҷир дилгир гашта буд, вале духтури деҳа, ки зимнан аз ӯ дилкашолӣ доштанд, алҳол расман талабгорӣ намекард. Рӯзгори осуда, номи нек ва хулқу атвори писандидаи писар ва падару модари ӯ ба онҳо хуш омада буд ва баъди як-ду раҳ нимҳазлу нимҷиддӣ ишораи матлаб

кардани онон Имомалӣ орзуманд буд, ки агар хостгорӣ кунанд, Занҷирро ба фарзанди он хонавода нон шиканад. Аммо аз рӯи расми дерина ҳама ташаббус ба дасти хонадони домод буда, тарафи духтар ба ҷуз интизорӣ114 ҷораи дигар надошт.

## 4. Хешовандон

Занҷир ба шаҳр омада, дар корхонаи атласбофӣ ба кор шурӯъ карду дар хобгоҳи коргарон иқомат гузид. То вақте ки ба кор таъинот гирифт ва дар хобгоҳ соҳиби як кат гашт, ӯ басо овора буд, саргардон гашт, баъзан аз дарди ноумедиҳо гирьяҳо карду ашкҳо бирехт. Хайрияти кор, пор як гурӯҳ духтарони фабрика дар колхози онон пахта чида буданду Занҷир бо Ирина шиносо ва каме қарин гашта буд. Ҳамон рӯзи ташвишу изтиробаш Занҷир ба умеди Ирина ба шаҳр омада саҳв накард. Агар Ирина намебуд... вай дар тасаввур овардан наметавонист, ки ҳолаш чи буд...

Ҳоло Занҷир аз дур, баъди якуним сол ба он ҳодисаи нохуш бешак аз манзари дигаре назар меафканд ва пеш аз ҳама қасди худкушии худро сирф аҳмақӣ меҳисобид ва аз хиҷолати он соддалавҳиаш буд, ки он рӯзҳоро дигар ба ёд овардан намехост.

Занҷир аз деҳа ба баҳонаи таҳсили илм рафт.

Сараввал ҳамон шаб оқибати ин ҳодисаро андешида, ба ҳадде алам кашид, ки ба ҷони худ қасд карду бо ҳамин ният наздиконашро видоъ намуд. Модарашро, бибиашро, хоҳаракону додараконашро бо ҳар баҳона оғӯш гирифту бӯсид, ба падар навозишу меҳрубонӣ

кард. Сонӣ тамоми шаб бедор нишаста, андешиду ба ҳоли модараш раҳм овард. Дилаш гувоҳӣ медод, ки модари бетобаш аз ҳалоки вай ғуссамарг хоҳад шуд.

Вай хеле андешиду худро таскин дод, ки аслан ҳеҷ гапу кори ғам хӯрданӣ рӯй надодааст, фақат дар назари мардуми деҳа дасти духтарро дар хилват доштани мард гап аст, доғ аст. Дар шаҳр агар инро гӯед, балки моро “қафомонда” гӯён механданд. Лекин чӣ илоҷ, бо ин насақи бад дигар дар деҳа сар бардошта гашта наметавонист.

Субҳи содиқ хаёлҳои ботилро аз сари ӯ дур андохт, афкори парешон ва мубҳами вайро ба низом оварду саҳаргоҳ, чашми рӯз накафида, ҳанӯз деҳа аз хоб бедор нашуда буд, ки Занҷир ба роҳ афтод. Дар варақе навишта монд, ки ӯро наҷӯянд, аз паи таҳсили илм ба шаҳр рафт, насиб бошад, рӯзе баргашта меояд, дарак медиҳад. Падару модар ду рӯз ин воқеаро аз наздикони худ низ пинҳон доштаанд. Умедвор будаанд, ки духтар шояд аз карда пушаймон шаваду боз ба хонаояд, беҳуда ӯро бадном накунанд. Баъди он ки аз ӯ дарак нашуд, падар ночор ба хешовандон арзи ҳол намудаст.

Деҳа ин воқеаи ногаҳониро шунида ба мисли орухона важ-važ мекардааст. Марду зан хабари бедарак рафтани духтари Имомалиро сесаду шаст паҳлу гардонида, месанҷидаанд, ба ҳар як гумон даҳ тахмини дигар, илова мебастаанд. Яке мегуфтааст, ки чашмони духтар бесаранҷом буд, дигаре шоҳиди ҳингир-ҳингир хандаи ӯ, сеюмӣ бо кадом ҷавоне ҳамгап диданашро мегуфтаст.

Сараввал ҳукми ҳама бар он будаст, ки ӯ азбаски ҳусну малоҳати назаргир дошт, ба доми фиреби кадом

бадкирдоре афтода, ақлу ҳуш аз даст додаасту ҳамроҳи ӯ рафтаст.

Баъд падар ва хешовандон ҳамаи донишгоҳҳои шаҳрро кофта, ӯро наёфтаанд, аз милиция имдод хостаанд, милиция ҳам ӯро дарьёб накардаст. Ҳар шаб дар ҳавлӣ хешу табор ғун омада, ҳазор хел гумону тахмин мезадаанд, нақшаи ҷустуҷӯ мекашидаанд. Ҳавлӣ гӯё мотамсаро будаст.

Дар ин миён нобакории Бадалбек дар деҳа овоза гирифта, падару модар аз алам даргирифтаанд. Дар сари ҳамин сӯзу гудоз талвоса доштаанд, ки мактуби вай расидаст. Сиҳату саломат буданашро фаҳмида, аз худо ҳазор бор шукр кардаанд. Дар атласбофӣ кор карданашро шунида, модари бемор гуфтаст: «Ақлакатба гардам, хуб кардӣ. Аз дидани рӯи ҳамин нокасон бадтар азоби ҷаҳаннам нест. Хайр, худои одилу ҷаббор оҳи бандагонаша мешунидагист».

Занҷир пеши назар меовард, ки рӯзи дигари ин воқеа агар дар деҳа мебуд, чӣ валвалаеро гувоҳ мешуд: «Бадалбек духтари Имомалира ба хилватхонааш даровcovарда, зурӣ карданӣ шудаст, аммо духтар фарьёд баровардаст, посбонони ферма даромада, духтарро аз оғӯши маст халос кардаанд» мегуфтанд. Агар аз рӯи инсоф эзоҳ диданд, тахминан ҳамин тариқ, вагарна муболиғааш катӣ... Э,- е, худо ҳар духтарро аз забони ин халқ эмин дорад. Дар ҳамаи хонаводаҳои колхози калон, балки деҳаҳои дуру наздик ҳамин гап, ҳамин валвала. Баъд ҳама ба сӯи ӯ бо нафрат менигаранд, ба ношиносҳо ангушт катӣ нишон дода, шиносо мекунанд, баъзе ҷавонону мардони фаҷ дар кӯча ба вай ҳар хел гап

мепартоянд, духтарон аз ӯ худро дур мекашанд, қадами хостгорон яку якбора аз ҳавлии онҳо канда мешавад, вай монанди Хосият, боз ана, вай номаш чӣ буд, духтари раиси ҷамоат барин чашм ба роҳи хостгор пирдухтар мегардаду дар ҳавлии додош шумрӯй шуда мешинад. Духтари маюбу маслух, кӯру карро ба занӣ мегиранд, аммо бадномро не. Даҳони мардум бад аст, шавҳари ин хел арӯс ба ягон кас аз бинӣ боло гап занад, номаълум пичингаш мезананд, номардҳо ошкоро: «Э, ту ҳам гап зан! Зан наёфта, духтари аз бағали фалонӣ хестагиро зан карда гаштаӣ, боз ба кадом рӯй даҳанкалонӣ дорӣ?! Нангу номус чӣ чиз аст, ту ҳам медонӣ?» гӯён таъна мекунанд. Ана, аз ҳамин сабаб он ду духтари бечора 28—30 сола шуданду сонӣ шавҳар карданд. Ночор ба мардоне, ки як хона-як хона бача доштанду дигар занҳо ба онҳо нарасиданд, зан шуданд. Якеаш ҳасрат кардааст, ки шавҳараш сари ҳар кор таъна мекунад, пичинги талху тунд доим дар забонаш, аз тарс бечора ба кӯча нигариста наметавонистаст. Аз ин хел зиндагӣ мурдан авлотар аст. Дар ҳама боб, дар ҳама кор духтар барои сафед кардани худ сухан гуфта метавонад, аммо дар ин бобат ҳеҷ кас ӯро намепурсад, магар ки падару модараш. Онҳо чӣ кор карда метавонанд?.. Нокас, рӯзи равшанро набинӣ, ба бахту саодати ман зомин шудӣ!.. Нағз медидаст... «Хоҳу нохоҳ ту зани ман мешавӣ, дониста гап зану кор кун», гуфт дар охир аз қафоям расида. Ба ҳамон мерасидаам!... Девона...»

Шаҳбози гумону шубҳаҳои мардуми деҳа ин бор чунон баланд парвоз гирифтаст, ки аксари мардум ба дурустӣ ҳақиқати ҳолро баъди муддатҳо гузашта,

пасанда гаштани хаёлбофиҳои ботил ва пиндоштҳои беҳосил таъин кардаанд. Ин ҳодиса на як рӯз, на як ҳафтаю ду ҳафта, балки як-ду моҳ нуқли сӯҳбати аҳли деҳа гаштанашро наздиконаш сонитар ба вай гуфтанд.

Падараш баъди ин воқеа, ки ба номи хонавода исноди нохуш овард, бештар хомӯшу пакар гашта, аз мардум худро батамом канор мегирифтаст. Бо аҳли хонавода низ аз ин хусус кам ҳарф мезадаст. Фақат як бор гирьяи талхи модарашро тоқат наоварда, умедашро аз мукофоти амал изҳор кардаст: «Ресмони ҳукумат дароз аст, сар дода мемонаду сонӣ як рӯз чунон печонда мегирад, ки...» Хешовандон мегуфтанд, ки дар қаҳру адовати худ бибии пир аз ҳамаи наздикон бебоктар буд. Вай хона дарояд ҳам, берун барояд ҳам, бо овози баланд ҳафт пушти Бадалбекро нафрину лаънат мекардаст, дуои бад дар забон мегуфтаст, ки агар аз ҳамин роҳ гузаштани ӯро бинад, бо корд ҳалқи он мурдорро медарронад. «Ба ҳалқаш ҳамин корда мезанам, ана, сонӣ ҳукумат мана ҳар чӣ хоҳад, бикунад! — мегуфтаст вай корди калони ошхонаро дар дасташ алвонҷ дода. — Падарлаънат, илоҳо, оқибати хайр набинӣ! Ба сари ту ҳам балое мерасад, оҳи Занҷири бегуноҳам мегирад... Ман ҷазои тура надида намемирам, нокас! «Дуньёю қасос» гуфтаанд, алҳамдилиллоҳ, ягон нобакор аз ин олам ҷазои амалашро накашида, нарафтаст, ки ту биравӣ. Агар ин қоида расм намебуд, э-э, ту барин палидҳо кайҳо ин дуньёро хоку туроб мекарданд. Чор танга пулро дида, бехуд гаштагиҳо кам набуданд. Ҳар касе халқро пешипо зад, ба рӯи ҳамин халқ зор гашта, дар ким-куҷоҳо мурд, сабр кун, туро ҳам мебинам. Агар

ман набинам, ҳамин халқ дида, ба рӯят мегуфтагист, ноҷинс!..»

Моҳҳои аввали ба шаҳр омаданаш хешовандон ҳар ҳафта ӯро хабаргирӣ меомаданд. Ҳеҷ кас наояд ҳам, падараш меомад. Сонӣ-сонӣ ба ин ҷудоӣ хӯ гирифтанд ё тан доданд магар, ҳоло дер-дер ба назди ӯ меомаданд. Боре, баъди ду-се моҳи ба шаҳр омаданаш, як рӯзи якшанбеи истироҳат падараш ҳамроҳи Сайфӣ-муаллим омад. Муаллим ҳам аз Бадалбек ситам дида буд, бинобар он, сабаби омадани ӯро Занҷир қиёсан дарҳол пай бурд. Сайфӣ-муаллим аз дур сухан оғоз карда гуфт:

— Агар Бадалбек дарягон ҷои дигар ин корро кунад, кайҳо лингашро аз ҳаво меоварданд. Ҳазл-не, номи поки як духтарро доғ зада, ҳаёташро тира намуда, аз бахташ маҳрум кардан... Ин ҷинояти калон аст. Аммо мо хомӯш, — садқаи сар, бо одами ганда баробар шудан лозим не, гуфта мегардем. Ҳақиқат ҳаст, аммо то бача гирья накунад, оча шир намедиҳад. Падару модарро аз духтар ҷудо кард. Колхозро аз як говдӯши пешқадам...

Занҷир лому мим нагуфта, сархам суханони собиқ муаллими худро гӯш медод. Аз дилаш мегузашт, ки ин одам олимаълумот бошад ҳам, фаҳмишу бинишаш аз дигар одамони деҳа фарқ надорад. Охир, ҳамин одам ҳам як замоне дар шаҳр таҳсили илм кардааст, аммо чаро ин гуна соддалавҳ гаштааст? Агар ҳозир Ирина бо ин одам ҳамсӯҳбат шавад, ҳеҷ бовар намекунад, ки ӯ муаллим аст.

— Ҳозир фурсат расид, мо лаҷоми ин пулмастро сахтакак кашида метавонем. Оҳанро дар гармиаш

кӯфтан даркор аст. Ана, ман аз номи ту ҳамаашро навиштам, ту хону имзо кун, ба ҷои даркорӣ мерасонем.

— Чӣ навистед? — Занҷир дардолудона заҳрханде карду надоматомез ба чашми Сайфӣ-муаллим нигарист.

— Хайр, ҳамон воқеаи туро...

— Хуб, аз дасти ман дошту ин тӯҳфаро бигир, гуфт. Ҳамин ҳам гап шуд? Ё ин кор ҷиноят аст? — Занҷир бепарво ба чашми муаллим нигарист. Сипас аз малолат оҳе кашиду гуфт: — Кори дуньёро мо хеле саҳл мегирем, муаллим. — Ӯ «мо» гӯён аҳли деҳаро дар назар дошт. — Барои бо Бадалбек баринҳо мубориза кардан донотар будан лозим, чуқуртар андешидан даркор аст. Аз дасти ман доштаст! Худатон бигӯед, ҳамин ҳам гап аст?!

Сайфӣ-муаллим лаҳзае дасту по хӯрд, чӣ гуфтанашро надониста дасташро ба даст суда, заҳрогин тамасхур карду сипас гуфт:

— Агар гап набошад, барои чӣ аз деҳа саргурез шудӣ?

— Ман аз кори ӯ не, агар дуруст андешед, аз боиси гапи мардум гурехтам. Дар шаҳр агар гӯям, ки мудири ферма дастамро дошту қаҳр карда омадам, одамони ин ҷо маро ахмақ гӯён механданд... Эҳ, муаллим, муаллим... Аз шаҳр баробари латтаю патта як-ду даста китоб ҳам харид кунед.

— Ваҳ!.. Чор рӯз дар шаҳр гашта, ту китобхон шудию мо — нодон?! — заҳрогин тамасхур намуд муаллим. Вай аз ғазаб лаблабу барин сурх гашта буд.

Занҷир ҷавоб надод.

Онҳо хеле вақт дар сукут буданд. Сонӣ Сайфӣ-муаллим ба соати дасташ нигаристу сар бардошта гуфт:

— Хайр, имрӯз туро бадном кард, фардо духтари амакатро, пасфардо духтари дигареро... Ба нанг олуда гардед. Аслан, сазои мардуми мо ҳамин аст.

Занҷир тамасхур карду монд. Қаҳру ноумедии муаллими аламзада ба вай ҳеҷ таъсире накард. Сухане гуфта озурдагии муаллимро бартараф кардан мехост, вале сухани зарурӣ намеёфт. Ба ӯ ин лаҳза сухане даркор буд, ки андешаи ботили муаллимро инкор накарда, ӯро тасаллӣ бахшад, ғубори озурдагӣ аз синааш бубарад. «Чаро муаллимро ранҷондам, — мегуфт ӯ ба худ. — Ба шаҳр, ба корхона одат карданам осон набуд, гумон мекардам пагоҳ-фардо сабабе пеш меояду боз ба деҳа баргашта меравам. Оҳиста-оҳиста ба корхона, ба ҳамкорон хӯ мегирифтам, аммо деҳаро, аҳли хонавода, ҳамдеҳагонро пазмон будам, муаллимонамро ҳам...

Онҳо ҳар лаҳза дар пеши чашмонам буданд. Ҳоло чаро муаллими худро ранҷондам, ҳеҷ намефаҳмам. Наход ки ба ин шаҳр, ба расму қоидаи он, ба таомули мардумонаш, фикру ақидаи онон ба ҳамин минвол одат кунам? Чӣ бало, аз деҳа ва ҳамдеҳагонаш инсон ба ҳамин минвол дур мегардад? Аҷаб не, рӯзе мерасад, ки ман ҳам монанди ҳамхонаҳоям — Иринаю Салима рӯи қайроқсанги дарьёю сабзаи талҳо побараҳна гаштанро фаромӯш мекунам? Дигар харбузаро аз пайкол канда, ба кулӯхи огарди он зада кафонда намехӯрам. Балки фарзандонам қурут чисту қурутоб чист, донистан ҳам намехоҳанд, ҳурмати падару модар ва калонсолонро зарур намеҳисобидагӣ ҳамадонҳои ҳеҷмадон мешудагистанд?.. Хуб, дар ивази ин маҳрумиҳо шаҳр ба

ман чи дод, чи ёфтам?.. Бояд, ки тан гирам: хеле чиз омӯхт, хеле чиз ёфтам...

## 5. Инқилобе чун обҳои баҳорон...

Имшаб дугонаҳояш ба кино рафтанду Занҷир дар ҳуҷра танҳо монда буд ва саргузашташ ғайриихтиёр, монанди фильми нохуше гаштаю баргашта аз мадди назараш мегузашт. Вай тааҷҷуб мекард, ки масофаи байни замонҳоро инсон дар як мижа задан тай мезанад, сад бор гаштаю баргашта мебинад, вале он рӯйдодҳоро боре аз саҳифаи рӯзгори худ пок кардан наметавонад. Баъзан вай худро тасаллӣ бахшидан мехост ва ба хотираш мегузашт, ки дар ивази он нокомӣ ба шаҳр омад, чашми ақлаш кушода шуд, дар чунин корхонаи дилписанд кор мекунад, музди кораш ҳам хуб аст. «Шавҳар намегурезад, дар пешониам будагиш вомехӯрад, — мегуфт вай ба худ. — Ана, аксари ҷавонони корхона ба як нигоҳам ташнаанд, аз қафоям кашола мегарданд, гап мепартоянд, мактуб менависанд. Ҷавонҳои дуруст, ботамкину ботамиз ҳам ҳастанд. Аммо ман ба сухани ширину чашму рӯи зебо набояд фирефта шавам. То киву чи будани шавҳаршавандаамро равшан надонам, сидқан хуш накунам, падару модари ӯро дида, озмуда, писанда накунам, шавҳар намекунам. Дар зиндагӣ то хато накунам, мебояд ҳам ҳиссиёти худ ва ҳам ҳиссиёти ӯро сахту шадид имтиҳон кунам, бисанҷам. Ман ба хато ҳақ надорам. Нон ба як рӯй мепазад. Нони аз танӯри сард хомкандагиро дубора боз мепазанд, лекин он нони дупушта аст. Ана, як сол боз

Кабир аз паям гаштаст, медонам — орзуманди ҳамгап шудан аст, вале имконаш намедиҳам. Ҷавони дилхоҳ, бамаънӣ, ояндааш равшан мегӯянд, аммо, аз чӣ бошад, ки ҳанӯз аз дӯстдорӣ ҳам метарсам...»

Баъди ду-се моҳи ба кор омадани Занҷир боре Кабир пеши вай омад ва баъди як-ду сухани беаҳмият дар хусуси кори дастгоҳаш, ба гӯши ӯ даҳонашро, наздик оварда гуфт:

— Барои шумо аз ҳавлии як кампир ҳуҷраи иҷора ёфтам. Қимат не, ҷои нағз, наздик.

— Аз афти кор, ҳу вай Амрӣ иҷора мекофт, ман не, — зуд ҷавоб дод Занҷир бепарво ба чашми ҷавон нигариста.

— Ман барои шумо... Хобгоҳ барои духтарон... а-а-а.. чӣ гӯям...

— Беҳтараш ҳеҷ чиз нагӯед, — гуфт Занҷир ба тундӣ.

— Ҳар хел одам ҳаст.

— Як хели аз ҳама ғалатиаш — ман, худам. Дина як бачаи маст чашми дарбона хато карда даромадаст, телпакаша гирифга аз тиреза ба берун ғуррондам. Агар ман мард мебудам, телпакаш кати каллашро ҳам гирифта меғуррондам. Каллаи холӣ ба вай чӣ даркор аст?!

Кабир дар нигоҳаш тааҷҷуб ба вай нигарист. Шигифтангезтар аз ин чӣ мешавад, ки як духтари деҳотӣ сухани ӯро василаи шӯхӣ ва дилхушӣ мекунаду вай ёрои ҷавоб гуфтан надорад, сухани даркорӣ ҳеҷ ба забонаш намеояд. «Ман суханони ҳазлу шӯхиро намебардорам. Андешаи ман фақат ҷиддӣ аст. Мазоҳу масхарабозӣ кори мардуми бетаъину сабукфикр аст. Одами ҷиддӣ

беҳуда даҳон намекушояд» гӯён ӯ ба дил худро таскин доду аз назди Занҷир дур шуд.

Баъди ягон ҳафта вай боз бо айни ҳамин матлаб ва пешниҳоди худ пеши Занҷир омад. Аввал латифае гуфта, духтарро хандондан хост, аммо латифаи дар асл хандаовар ҳам дар забони вай оҳанги ҳаҷвиашро гум кард.

— Хонаи кампиратон дарбон надорад, — гуфт Занҷир ин бор боз ҳамон матлаби ӯро шунида. Вай ҳоло шӯхиашро бо ҷиддияти тамом пинҳон дошта, балки ба соддалавҳӣ нисбат медод.

— Дарбон чӣ даркор аст? Дарвозааш доим руст.

— Намешавад. Дарвоза дарвоза аст, ҷои дарбонро намегирад. Ман бе дарбон метарсам.

— Э, натарсед, маҳаллаи мо — ором, осуда.

— Не, намешавад. Ҳамхонаи ман Ирина мегӯяд, ки дар ҳавзи ором ҷину аҷина мешавад.

— Тавба, — аз суханони духтар тааҷҷубаш меафзуд ва аз шарҳу идроки ин гуфтаҳои вай оҷиз табассум мекард Кабир. Сараввал аз дилаш гузашт, ки духтар ноқисулақл барин. Баъд, инро комилан ба соддагии духтари деҳотӣ ҳамл карду гуфт: — Шумо духтари чор кас медидагӣ. А-а... Дар хобгоҳ истиқомат мекунад, гӯянд нағз не. Ман барои обрӯи шумо...

— Ман чор кас медидагиам? Аз ростӣ?.. Ҳа-а, барои ҳамин Иринаю Салима маро ба шавҳар додани будаанд. Бовар намекунед, аз нӯги қалини ман аллакай яктагӣ телпаки қоқумӣ аст, чӣ бало гирифтаанд. Боз пальтои белгӣ мегирифтаанд, — Занҷир якбор хандиду Кабир мазох кардани ӯро пай бурд.

— Боз масхарабозӣ сар шуд! Ман шуморо духтари дуруст гӯям... Ба шумо ин хел нағма намезебад. Вазнину ботамкин бошед.

— Рафиқ иқтисодчӣ, аз ман наранҷед, ман ҳам гумон кардам, ки ҳазл мекунед. Охир, одами ҷиддӣ ба хонаи духтарон чӣ кор дорад?

— Ман ҷиддан мегӯям: хобгоҳ ба шумо мувофиқ не. Шумо шароити шаҳри моро намедонед, санги шуморо паст мезанад.

— Бубахшед, ман аз шумо маслиҳат напурсидаам. Ман кӯрмуш барин дар як хилвати танг нафасгир намешинам. Ҳозир — хобгоҳ, дугонаҳо... Медонед, баъзан аз тиреза ба сари ҷавонҳои раҳгузаре, ки гап мепартоянду шилқинӣ мекунанд, оби ҷӯш пошида, меронем.

— Боз сар шуд. Ин хел масхарабозӣ ба духтари тоҷик намезебад. Ана, таъсири хобгоҳ! Шумо нуқтаи назари шаҳриёнро намедонед. Хобгоҳ дар назари онҳо... хайр, ҷои хуб не.

— Нуқтаю вергули шаҳриҳо барои худашон, ман нуқтаю вергули худамро медонам, — худро ба гӯлӣ мезаду ӯро мазоҳ мекард Занҷир ва аз ин кори худ ба дил завқ дошт.

Падару модари Кабир аслан, духтарони илмдида ё аврупоипӯшро арӯс кардан намехостанд, вале барои ба духтарони хонагӣ талабгорӣ кардан алҳол сармоя надоштанд. Одатан, падару модари ин қабил духтарон аз домод харҷи зиёд талаб мекарданд, риояи расми онҳо кори осон набуд. Бинобар он, Кабир ният дошт ду-се сол дар фабрика кор карда, маблағи заруриро ғундошта,

сонӣ хонадор шавад. Аслан, агар духтари хондагии аз хонаводаи баэътибор бошад, Кабир илоҷе карда, волидайнашро розӣ мекард, аммо ин хел духтар ҳам ба вай даст надода буд. Чун дар фабрика Занҷир пайдо шуд, занҳои ҳаммаҳалла, ки аз вазъи ҳоли хонаводаи ӯ огоҳӣ доштанд, бо як овоз ба вай гуфтанд: «Кабир, ҳамин духтара аз даст надеҳ. Бе қалин, бе хароҷоти зиёд муфт зандор мешавӣ. Ин хел духтари хӯшруюю боз чашму рӯяш бастагиро агар аз дасти падару модараш гирифтан хоҳӣ, камаш даҳ ҳазор сӯм харҷ мекунӣ».

Занҳо ин фикрро ба модари Кабир ҳам маслиҳат доданд ва волидайн ба Кабир аз ин хусус ишорае карданду ҷавон аз паи тасхири дили Занҷир шуд. Бо илқои ин занон Кабир рӯз аз рӯз дар ишқи Занҷир сахттар гирифтор мегашт.

Аз занҳои ҳамкораш — холаи Барфӣ ҳар боре фурсат даст диҳаду Занҷирро танҳо дучор кунад, аз боби хосияту фазилатҳои Кабир ва хонаводаи ӯ ҳикоят оғоз мекарду дар фуроварди сухан маҳрамона, бо овози пасттар, ки Занҷир ба зӯр мешунид, мегуфт:

— Барои ту домоди мувофиқ аст, пушаймон намешавӣ, ҳамин ҷавона аз даст надеҳ духтарҷон.

— Барои ман? — Занҷир бар асари шарму ҳаё то буни гӯшаш сурх мешуд. Сонӣ аз сари ғурур мегуфт: — Безорам аз шавҳар. Ман шӯ кофта наомадаам. Аз бобати шавҳар ихтиёрам ба дасти падару модар аст.

Аммо холаи Барфӣ, ки гарму сарди зиндагиро басо озмуда буд, пай мебурд, ки суханаш ба духтар таъсир мекунад ва ин ҷавоби ӯ барои пинҳон доштани майлу рағбати духтари соддадил пардае беш нест.

Ҳар замон шалоин гашта, ӯро безор кардани ду-се тан ҷавонони беҳаё ва як марди дарози нафратангез, ки аз сабаби пургӯиаш Девонаи Даҳондарида мегуфтанд, Занҷирро баъзан ба он водор медошт, ки зудтар худро ба ҳимояи ҷавонмарди дилхоҳу мувофиқе бигирад. Аммо аз хато кардану пушаймон гаштан дар ин арса өнчунон меҳаросид, ки баъзан шабҳо хоб аз чашмонаш мепарид.

Кабир қариб ним сол кӯшид, ки бо Занҷир ҷиддан гуфтугӯ кунад, вале духтар суханро ба ҳазл, баъзан ба мазоҳу масхара мебурду табъи ӯро хира мекард. Ӯ чандин айём поида гашт, то Занҷирро дар танҳоӣ дарьёбаду гуфтугӯ кунад, вале ба ин мақсади худ низ ноил нашуд. Занҷир бо зоти мард ҳаргиз танҳо намемонд. Аз корхона ба хобгоҳ ва аз хобгоҳ ба корхона ҳамеша ҳамроҳи духтарон рафтуомад дошт ва худаш танҳо ба ҷое намерафт. Сонитар Кабир фаҳмид, ки духтар аз ҷавонон фақат бо вай ин қадар ҳазлу базлагӯӣ кардааст. Ҷавонони дигар мегуфтанд, ки ба сухан ҷавоб ҳам намедиҳад, ту кистӣ ҳам намегӯяд. Вай аз Иринаю Салима, ки дар хобгоҳ бо Занҷир ҳамхона буданд, аз хусуси ин духтари ошиқнописанд пурсуков карда, хеле гап гирифт ва пайваста ба онҳо тамаллуқ мекард, то дар ин ҷода ӯро мададгор бошанд.

Занҷир дигар бо вай гуфтугӯро дароз намекард. Як шаби ид хоҳарчаи дувоздаҳсолаи Кабир аз дастархони идонаашон барои Занҷир табақе манту, меваю қандалот гирифта овард. Дар деҳа ба духтарони гаҳворабахш ё номзад шуда ин гуна идӣ мефиристоданд. Духтарак ба нею нестони Занҷир гӯш надода «Модарам

фиристоданд, агар гардонед, хафа мешаванд гӯён гурехта рафт. Баъди ду-се рӯз боз дар коғазхалта мева дар даст омаду табақу дастархони холиашро бурд.

Дили Занҷир оҳиста-оҳиста ба Кабир гармтар мегашт, аксар ҳангом хаёли ӯро ба сар дошт, вале ин ҳисси худро алҳол ба ҷавон зоҳир кардан намехост Дар дили ҷавон чӣ сиру савдоест, вай чӣ одам аст, падару модараш чӣ касонанд, ӯ намедонист ва аз ин хусус хотирҷамъ набуд. Мехост ӯро дӯст дорад, вале ба самимияти ҷавон дилпурӣ надошт. Ба ғайр аз ин Кабир аз саргузашти вай бехабар аст. Ҳоло Бадалбеки шум дараки ӯро ёфта, дарди сар медиҳад. Занҷир намедонист ба чӣ роҳ қадами ӯро аз остонаи фабрика барканад. Бадалбек аз ӯ умедвор буд ва сари ҳар чанд вақт дар шаҳр пайдо мешуду дар суроғи Занҷир ба фабрика меомад, раҳи ӯро мепоиду ҳамгап шудан мехост. Баъзан чунон берӯю беҳаё амал мекард, беибо аз ҳамроҳони духтарак вайро зӯран аз роҳ доштан мехост, сипас баробари онҳо меомаду раҳораҳ ниятҳои худро мегуфт, ваъдаҳо медод. Ҳатто боре ба кисаи Занҷир як даста пулро андохтан хост, вале ӯ пули вайро гирифту ғурронд, духтарон пулҳоро аз замин бардошта бо мазоҳу масхара ба ҳаво мепартофтанду бод онро ба ҳар тараф парешон мекард.

Иринаю Салима ба Занҷир гуфтанд, ки ба директори фабрика дарою арзи ҳол кун, чунон таноби ин аблаҳро мекашанд, вале Занҷир ба шикоят ҷуръат намекард. Боре дар таҳи дарвозаи фабрика дугонаҳояшро нигарон буд, ногаҳон дар рӯ ба рӯяш Бадалбек пайдо шуд ва Занҷир гуфт, ки агар ӯро ба ҳоли худ намонад, шикоят

мекунад, кулли ҷинояти ӯро ба прократура мерасонад, вале Бадалбек тамасхуромез хандиду гуфт:

— Фоида надорад, Занҷири ширин, ҳеҷ фоида надорад. Ман медонам, шикоятатро «барои тафтиш ва чораҷӯӣ» гӯён боз ба район, ба дасти ҷӯраҳои худам мефиристонанд, онҳо... — вай ба ишора фаҳмонд, ки печ мекунанду носашонро ба дарунаш туф карда, ба қуттии хокрӯба мепартоянд. — Наботов шикоят навишта чӣ ёфт, аз додот пурс. — Сипас ба нармӣ гуфт: — Боз худатро бадном мекунӣ. Ақлата кор фармо, ман дар шаҳр барои ту ҳавлӣ мехарам, маликаи шоҳ барин зиндагӣ мекунӣ. Тамоми давлату сарватамро ба дасти ту месупорам. Фикр кун, Занҷири ширин, аз ду сар, баъди ин қадар валвала ягон одами дуруст туро зан намекунад. Агар ҳамин хел аҳмақ ёфт шавад ҳам, аз дасти ман туро гирифта наметавонад. Биё розӣ шав, хушбахт мешавӣ, як умр ба чор танга моҳона нигарон намекунам. Ман намегузорам, ки дастатро ба оби сард занӣ, Занҷир. Ман аз баҳри ҳамааш мебароям, ҳамроҳи ту мемонам.

Занҷир ин гуфтаҳои Бадалбекро андешида, дар илоҷи мушкили худ ҳайрон монд. Агар ба касе дар деҳа аламе гузараду шикоят менависам гӯяд, одамон мегуфтанд: «Шикоят навис, Наботов барин гумномат мекунанд». Наботов як вақте ба мактаби деҳа директор таъин гашта, мактабро бағоят ободу батартиб кардааст. Моҳи май бо хоҳиши раҳбарон талабагон чанд рӯзи истироҳат ба ягонаи пахтазор рафтаанд. Директор ба шогирдон ваъда кардааст, ки музди корашонро ситонда, ба он пул онҳоро ба тамошои Норак мебарад. Аммо маъмурони колхоз имрӯзу фардо гӯён музди кори шогирдонро

надодаанд. Директор ба рӯзнома навиштааст. Баъди дар рӯзнома чоп шудани даъвои ӯ ҳамаи раҳбарон пӯстинашонро чаппа пӯшидаанд. Ба мактаб комиссия болои комиссия фиристода, бо ҳар баҳона ба кори вай халал расонда, ба танг овардаанд. Ӯро «Нависанда» гӯён дар район мазоҳ мекардаанд. Бечора «Чӣ кунам, ба шогирдон дурӯғ гуфтан ба дилам зад» мегуфтаст. Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки дар ҷавоби мақолаи рӯзнома раҳбарони колхоз навиштаанд, ки даъвои директори мактаб дуруст, колхоз ҳоло музди шогирдони мактабро дод, гунаҳгорон ба ҷазо расиданд. Боз ҳамон рӯзнома ин ҷавоби онҳоро чоп кардаст. Ва ҳол он, ки шогирдон як пул ҳам музд нагирифтаанд. Муддати зиёде нагузашта директори мактаб ночор аз кор меравад.

Ҳоло Занҷир намедонист, ки чӣ чорае кунаду аз Бадалбек халос шавад. Аз ин бобат ҳамеша хотираш парешон буд. Аз кинораӣ, аз маҷлис, аз бевақту барвақт гаштан меҳаросид, ҳатто саъй мекард, ки рӯзона ҳам тоқаву танҳо аз дарвозаи фабрика берун набарояд. Сари роҳашро гирифтани марди миёнсинни бо падараш ҳамсол ӯро дар назди дугонаҳояш малул ва хиҷил мекард, аз ин хусус алам мекашид, баъзан худ ба худ дармегирифт. «Кошкӣ, ба ягон раҳзан ё авбоше дучор мегашту як бор ғораташ мекарданд ё кӯфта, маъюбу маслух мепартофтанд, — орзу мекард вай — Эҳ, агар як акои ғамгусорам мебуд, ин мард ҳақ дошт, ки ба ман аз бинӣ боло гап занад?! Барои ҳамин падарону модарон бештар писарталаб будаанд! То имрӯз ба маънии он равшан сарфаҳм намерафтам... Ин мардак дилпур аст, ки маро ба занӣ мегирад. Наход, ки розӣ

набошам ҳам, ба зурӣ бигирад?.. Сӣ - сиюпанҷсола бошад ҳам, кӯр шавад мегуфтам, охир, вай додом кати баробар-е! Пулу молат аз сарат монад, пирхар!.. «Ариза навису як моҳ аз корат рухсат гир, ҳар ду ба тамошои Маскаву Ленинград меравем, дар беҳтарин меҳмонхонаҳо манзил мегирем, дар ресторанҳои зӯртарин хӯрок мехӯрем, аз магазинҳо ҳар чӣ дилат мехоҳад, харида медиҳам...» гуфта, сарамро ба дард овард. Вай дар ин шаҳр ҳам шиносу ошноҳои зӯр дорад мегуфтанд, метарсам ба сарам ягон балоро набиёрад... Бибиам мегуфтанд, ки нон деҳу фармон деҳ, ин Бадалбек ҳам пулаш кати ба ҳама фармон медиҳад... Агар ман мард мебудам, дар деҳа истода ба решаи ин алав мемондам!..»

Занҷир баъди изтиробу андешаҳои бекарон дар ин боб бо ҳамхонаҳояш машварат ороста буд, Ирина гуфт: «Биё, ман ҳамроҳат ба назди директор медароям у ҳама гапро ба вай мефаҳмонам. Ба прократура телефон мекунад, аз паяш мешаванд». Занҷир лаҳзае биандешиду баъд гуфт: «Агар ба сари вай ғавғо барангезам, дар деҳа овоза мекунад, дар шаҳр ҳам вай катӣ алоқадор будам, боб кард. Айнан ҳамин хел мегӯяд ва шикояти ман ин даъвои ӯро дар назари одамон дуруст мебарорад. Ба ғайр аз ин, барои прокурор асосе нест, гап заданро ба ҳеҷ кас манъ накардаанд-ку». «Хуб, худат бигӯ, аз ӯ чи хел халос мешавӣ?» — мепурсид Ирина. «Ҳайронам», — китфонашро боло мекашид Занҷир ва даст зери манаҳ ниҳода, соатҳои дароз муқаййиди андеша менишаст.

Ба ҳамин минвол Бадалбек гоҳ-гоҳ дар шаҳр пайдо мегашту рӯзгори ӯро нороҳат менамуд. Занҷир баъзан

инон ба ихтиёри хаёл медоду аз ҳар як марди ҳамкору шинос мадад пурсидан мехост, аммо зуд аз ин андеша даст мекашид, зеро ба худ ва ба одамон нобоварӣ, тарсу ҳароси номаълум дами ҳар як азми ӯро зуд мегардонданд.

Аз Бадалбек гап кушояд, Салима мегуфт:

— Мардаки бечора туро дӯст медорад, барои ту ҳозир аст, аз зану фарзанд, хонаву мол, аз баҳри мансабаш гузарад.  Агар дилат андаке об хӯрад, бирас. Ба ту боз кӣ ин қадар талабгор мешавад? Ҷавонон қадри занро чӣ медонанд?!

— Э, бас кун-е, Салима! — бо фиғон сухани ӯро мебурид Ирина. — Гул барин духтари ҳаждаҳсола ба марди панҷоҳу панҷсола мерасидаст?! Фардо чӣ хел ҳар ду ба кӯча мебароянд, ҳамкорон чӣ мегӯянд, фикр кун. Ин ҳам орзу дорад, ҳавас дорад. Дар кӯча ҳар касе ин хел ҷуфти номувофиқро бубинад, «Э, ҳайф-е!» гуфта мегузарад.

— Гап-дия, ба чӣ гуфтани одамон чӣ кор дорад? Бигзор, гап зананд! Худашон ба як мӯза ё пӯстин зору гап мезананд-да. Ҳой, гарангҳо, вай мард як мильюн пул доштагист, ба ҳафт пушти Занҷир мерасад. Ба Занҷир боз чӣ даркор аст? Ман-ман гуфта гаштагӣ ҷавонҳо аз паи хизматаш метозанд. Ишқ, муҳаббат, идеал гуфтани чизҳо дар дуньё бошад ҳам, барои мо одамони оддӣ не. Ба ману шумо лозим ҳам нест. Мо ба дуньё омадаем, ки зиндагӣ кунем, ба орзую ҳаваси худ бирасем. Орзую ҳаваси мо аз чӣ иборат аст, медонед? Гапҳои ҳавоиро як сӯ таҳ карда монед. Нағз хӯрдан, нағз пӯшидан, бароҳату фароғат умр ба сар бурдан — ана, ҳамин орзуи

ҳамаи мо. Дигараш — гап, боз мегӯям — гапи бекора! — дастони дарозашро ба ҳар сӯ алвонҷ дода, ақидаи худро гузарондан мехост Салима.

— Апаи Салима, ту орзуи ҳаваси худатро гуфтӣ. Орзуи ман ин аст, ки камбағалу нодор бошад ҳам, ба ҷавони дилхоҳу дӯстдорам бирасам.

— Ҳолӣ хомӣ, духтар, дар синни ҳабдаҳу ҳаждаҳ орзуи мо ҳам ҳамин буд. Аммо сонитар зиндагӣ чашмамонро, кушоду ҳайфо, ки дер кушод. Ҳолӣ чашми ту ҳам ягон рӯз боз мешаваду сонӣ мегуӣ: «Ҳамон Салимаи шаттоҳ асли гапро гуфта будааст». Мегӯӣ, қасам мехӯрам, мегӯӣ. Агар ба кас гуфта натавонӣ, ҳеҷ набошад, дар дилат мегӯӣ. Дуньё сад бор чаппаю роста шавад ҳам, боз асли гапу кор пул аст, дугонаҳои ширин!

Салима боз сари баҳсу мунозираро кушод.

Занҷир ба ёд овард, ки зани ношиносе як-ду бор ба хобгоҳ омада, барои ӯ сару либос, ҳатто туфлии мувофиқи андозаи пояшро ба кампири дарбон дода рафтаст. Мактуб ҳам мондаст: «Занҷир, ин чизҳо барои ту, ангура хӯру боғаша напурс». Дигар гап не. Занҷир он сару либосро то ҳол напӯшида нигоҳ медошт. Онро Бадалбек фиристода бошад ё Кабир, нафаҳмида ҳайрон буд. Мошини Бадалбекро як-ду бор дар сари роҳ дид, ҳар ду дафъа ҳам дарунаш ду каси ба ӯ ношинос буданд. Ин нобакор аз гирифта гурехтан ҳам рӯ намегардонад, бинобар он, боре вай аз Ирина хоҳиш кард, то рақами мошини ӯро дар ёд дорад ва боз гуфт, ки агар бо ӯ ягон ҳодисае рӯй диҳад, ҳамин мардро сахт гиранд. Ирина аз соддадилию хавфу ҳароси беасоси вай хандиду гуфт:

— Ин бор агар ояд, туф кун ба рӯяш! Агар нахоҳӣ, рӯирост туф кун, вассалом. Ҷои он, ки вай аз ту тарсад, ту ҳаросида гаштаӣ! Ҳанӯз ҳам соддаи, Занҷир.

«Дуруст мегӯяд Ирина, чаро ба рӯяш туф намекунам?! Барои чӣ метарсам? — аз худ савол мекард Занҷир. — Ҳайронам... Минбаъд чунон мекунам, ки...»

Ба ҳамин минвол, дар дилу дар шуури вай тағийроте чун обҳои баҳорон медамиду андешаю афкори аз кӯдакӣ сахт қолибзадаи ӯро номаълум зеру забар месохт ва аз Занҷир Занҷири дигаре нумӯъ мекард.

## 6. Девонаи Даҳандарида

Имрӯз Кабир даргузар аз цехи тайёрӣ гӯё тасодуфан Занҷирро дида бошад, салом карду баъд наздиктар омад ва ба гӯши вай хам шуда, фарьёдкашон чизе гуфт. Тарақотуруқи дастгоҳ имкони шунидан надод. Ҷавон ӯро канортар равем гуфт, Занҷир ба аломати инкор сар ҷунбонд. Кабир дастаро кашиду дастгоҳро аз кор боздошт.

— Ба ман нигаред, Занҷир, — вай ба духтар рӯ ба рӯ омад. — Ҳазлу мазоҳро монед. Ба сухани ман ҷавоб диҳед. Ман ба хонаатон хостгор мефиристонам.

Занҷир хавотиромез ба атроф нигарист. Ҳамкоронаш ҳама ба кори худ саргарм буданд. Бо вуҷуди ин, аз изтироб дар вуҷудаш раъша давиду як-ду қадам қафотар рафта, беҳолона бо оринҷаш ба дастгоҳ такья кард.

— Ман як сол боз ба умеди шумо зиндагӣ мекунам...

— Одами хушбахт будаед, ман кайҳо ҳамаи умедҳоямро гӯр кардам.

— Гапи беҳударо монед. Ман хостгор мефиристам, — якзайл такрор дошт вай.

«Ҳамин «хостгор мефиристам» гуфтанаш ҳам як навъ оҳанги омирона дорад ва ё ба гӯши ман сахт мерасад, намедонам, — аз дил гузаронд Занҷир. — Ба баъзеҳо ҳамин хел худбоварии ҷавонон ҳам хуш меояд, аммо чаро ба ман маъқул не?»

— Ихтиёри ман... дар дасти падару модарам, — гуфт Занҷир оқибат оҳиста. Овозаш дар гулӯ печида, ба сахтӣ баромад. Сонӣ ҳушашро ба сараш ҷамъ оварду илова кард: — Ман алҳол ба шумо ягон ҷавоби таъин дода наметавонам. Сабр кунед.

— Барои чӣ? А?.. Сабабаш? — ҷавоби саволашро ба исрор талаб дошт Кабир.

— Сабабаш?.. Сабабашро намедонам, — Занҷир ба тарзи мухтасар чӣ ҷавоб гуфтанашро надониста, ба инкор сар ҷунбонду сонӣ иқрор кард: — Кас агар на дӯст дораду на бад бинад, чӣ сабаб мешавад? Ин гапу кори саҳл не, ман метарсам. Ҳолӣ нав ба ҳаждаҳ даромадам.

— Ман медонам, — сухани Занҷирро бурид Кабир, — лекин рӯирост худатон гӯед... Занҷир, ба ман бовар кунед, сири дилатонро аз ман пӯшида надоред. Ман аз он булҳавасони ҳарзаталош не. Агар шубҳа доред, аз одамон пурсед, фаҳмед.

Занҷир суханони ӯро шунида, аввал хавотиромез ба рӯяш нигарист, ҳатто аз изтироб лаҳзае вуҷудаш арақи сард бароварду фикраш карахт шуд. Аз дилаш гузашт: «Аз кӣ шунида бошад? Одами боақлу баинсоф гуфта бошад ё ягон ноодам?» Вай хотирпарешон ба пасу пеш

нигаристу беҳол дами сард кашид. Хайрият, ки таракотуруки дастгоҳҳои дигар баланд буд ва Кабир вазъи ӯро пай набурд. Баъд Занҷир ба чашмони ҷавон амиқтар нигаристу тасмим гирифт, ки гумонаш беасос аст, вай аз саргузашти ӯ бехабар барин, бинобар он, ба аломати инкор сар ҷунбонду гуфт:

— Шуморо нашинохта, надониста чӣ гӯям? Бозӣ магар? Сонӣ шумо ҳам ҳоли маро намедонед.

— Ҳазор кунед, ки инсон то ҳамхона нашавад, якдигарро намешиносад, намедонад. Зану шавҳар сонӣ- сонӣ бо якдигар мувофиқат пайдо мекунанд. Ё зан ба шавҳар ҷӯр мешавад, ё баръакс.

— И-и! Аз ин мебарояд, боз ҳамон расми пешин будаст-дия!.. Не, ман дар назарам ба шавҳар ҷӯр намешудагӣ барин метобам.

— Чунон ҷӯр мешавед, ки...

Кабирро даъват карданду суханаш дар даҳон монд. Занҷир зуд «хайр» гуфту бо табассуми латифе ба чашми ҷавон нигарист ва дастгоҳашро ба кор андохт.

— Бегоҳ ба хобгоҳатон меравам, гапзанон мекунем, — гуфт вай баргашта ба роҳи худ равон.

— Не-е, илтимос мекунам, набед, — Занҷир аз изтироб бо имою ишора инкор кард. Вай ба дил аз он хавотир буд, ки Кабир ба хонаи онҳо меравад у ин охирин мулоқоти онҳо мешавад. Чӣ кор кунад, ки худо аз шубҳаю нобоварӣ юғе ба гардани вай андохта ва аз ин юғ ӯро халосӣ нест барин...

Кабир бо виқори махсусе, ки дошт, табассум карду рафт. Нигоҳаш, табассумаш мегуфтанд: «Ин суханонат инкор не, нозу нузи духтарона аст, ман медонам. Ту аз

сӯҳбати ман мафтунӣ, дар курта намеғунҷӣ, ин ҳолро ҳеҷ кас надонад ҳам, ман медонам.»

Занҷир то бегоҳ дар сари дастгоҳ буд, вале чашму дасташ ба кор банд, аммо ҳушаш ба ин савдо буд, ки ба Кабир чӣ ҷавоб диҳад, минбаъд бо ин ҷавон чӣ гуна муносибат дорад.

Зағӯтаи дастгоҳаш тамом шуду Занҷир зағӯтаи бузурги вазнаш бештар аз як пудро кушода гирифта ба девор рост карда монд. Аз дур калобаи ба бофтан тайёр монанди атлас ҷилва мекард. Калобаҳои атласбофиро цехи онҳо тайёр карда медиҳад. Ҳар як тораи рангин бояд дар дастгоҳи ӯ ҷои худро ёбад, вагарна нусха вайрон мешавад. Чашми Занҷир аллакай ба ин кор пухта гашта, торҳои чигил ва дарҳаму барҳамро бо як-ду зарби чӯбдаст рост мекард, риштаҳои кандагиро аз зағӯтаҳои болои дастгоҳ пайванд медоду дар як лаҳза тори атласи намози шом ё товус ҳамвор мерафт.

Ҳоло зағӯтабиёрон бедарак. Мардони машғули ин кор баъзан дар ягон гӯша ба чақ-чақ андармон мегардaнду корро фаромӯш мекунанд. Амаки Орзумурод кам мондани зағӯтаамро дида гузашта буд.

Занҷир интизори зағӯта дақиқае чанд нишаст. Баъд бархосту ба назди ҳамкори наздиктаринаш рафта, дақиқае бо ӯ ҳамгап шуд.

— Зағӯта нест, чӣ кор кунам, намедонам, — китф боло мекашиду нотаъин савол мекард Занҷир. — Агар ба усто ё сардори цех раваму гӯям, ки зағӯта нест, дастгоҳро аз кор боздоштам, амаки Орзумурод меранҷад... Биё ҳамроҳ рафта зағӯта биёрем. Дар он ҷо мардон ғун гашта чойхурӣ карда мешинанд, тоқа худам

шарм мекунам, — хоҳиш кард Занҷир аз ҳамкораш.

— Э, бирав, барои зағӯта омадам бигӯ, яктааш оварда медиҳад. Балки худи амаки Орзумурод ҳам дар ҳамон ҷо нишастагист. Аслан, як дам даматро рост кун, бишин. Ман ягон бор зағӯта гӯён намеравам.

Занҷир хоҳиши ӯро рад карду ночор ҷониби анбори зағӯта рафт. Амаки Орзумурод замбарғалтаки зағӯтакашониашро дар таи дари «гапхона» монда, бо як гурӯҳ мардону ҷавонон чақ-чақ дошт. Хонаи зағӯтакашонро, ки доим мардони бекормонда дар он ҷо ғун гашта сӯҳбат доштанд, духтарон «гапхона» мегуфтанд.

Баъди ба дӯкон мондани зағӯтаи нав қариб як соат кори Занҷир барор накард: аввали калоба бениҳоят чигил баромад. Оқибат дилаш заъф карду қайчии дасташро ба замин зада аз ҷояш бархост. Ин лаҳза Барфӣ-хола аз миёнарав мегузашт, ҷониби Занҷир тоб хӯрду ҳолҷӯӣ кард. Баъд ҳар ду ба азобе калобаи чигилро, ки натиҷаи ҳаромкории цехи калобакашӣ буд, ба тартиб оварданд.

Барфӣ-хола рафту Занҷир боз даст ба кору хаёлан бо моҷарои худ банд гашт: «Ҳамин Барфӣ-хола ҳам Кабирро бачаи нағз мегӯяд. Дидаю дониста маро ба оташ намезадагист-ку. Лекин ин зан ҳам саргузашти маро намедонад. Агар саргузашташро гӯяд, аҷаб не, Кабир аз ниbriaташ даст кашад. Он гоҳ ба ин алам тоб оварданаш мушкил аст. Аммо нагуфта наметавонад. Агар ба ӯ умедворӣ бахшидан хоҳад, мебояд ҳама сирро гӯяд. Сонӣ Кабир ин розро ба дигарон гӯяд, дар корхона чӣ хел сар бардошта мегардад?.. Вай иқдисодчӣ

аст, ба ҳар хел духтар хонадор намешавад. Фаразан, агар хонадор шудан хоҳад ҳам, балки саргузашти ӯро шунида, падару модараш розӣ нашаванд. «Ба духтар қаҳтӣ омад магар, ки қишлоқии бадномшударо зан мекунӣ?» — мегуфтагистанд. Ба ман ин хел иқдисодчию инҷинер ҳам набошад, хушрӯ ҳам набошад, бигзор, як ҷавони оддӣ, кору суханаш мувофиқ, меҳрубон бошад... Чӣ ҷавоб диҳам? Беҳуда ӯро саргардон карда гаштан хуб не. Хуб, ана, падару модарам омада, пурсуков карда, чӣ хел одамон будани онҳоро мефаҳманд, лекин... Ба ман ҳанӯз вай як марди бегона барин. Одам ҳамдеҳагонашро медонад, мешиносад, лекин ин... Чӣ кунам? Эҳ, ку он муҳаббате, ки дар китобҳо менависанд, тану ҷони касро сӯхта, миқнотис барин ду дилро ба якдигар ҷазб менамояд?.. Медонам, дар дунъё на ҳар кас ин хел муҳаббати сӯзон меёбад, вале ман, хоҳӣ захр аст, хоҳӣ шаҳд аст, як бор онро чашидан мехоҳам... Кабир маъқул аст, аммо... Бадалбек агар фаҳмад, хап намешинад, вайронӣ меандозад. Дар деҳа мегуфтанд, ки раиси комиссияи тафтишоти колхоз Рустам қатӣ тараф афтоду он бечораро ба ҳар коре таъин кардан хоҳанд, Бадалбек монеъ мешавад. Ба район ба кор гирифтан хостаанд, дар ҳамон ҷо ҳам гапашро гузарондаст. Тавба, ин чӣ гап, як одам ҳамин қадар бедодгарӣ мекунаду касе пишаки ӯро пишт гуфтан наметавонад? Наход ки як умр мардума мазоҳ карда гаштан гирад? Эҳ, агар ман мард мебудам, ҳозир...» Занҷир равшан дар тасаввур овардан хост, ки агар мард мебуд, ин дам чи кор мекард. — Кӯшиш мекардам ба ягон донишгоҳи олӣ дохил шавам. Инҷинер мешудам, ё духтур... Ҳеҷ

набошад, ба ягон омӯзишгоҳ дохил шавам-чӣ? Не, дер шуд. Аз физикаю математика, химия, ҳатто аз таърих ҳам баробари бачаҳои синфи панҷу шаш дониш надорам. Мебояд, ки сараввал синфҳои ҳашту нӯҳу даҳро такрор бихонам. Дер шуд. Ҳавсала ҳам надорам. Ман аз Бадалбек халосӣ ёбам, бас аст... Мегӯянд, ки чор-панҷ сол пеш аз ин ҷиянаш мошини сабукраваш катӣ як шомгоҳон дар роҳи район, наздики деҳаи Чорсада пирамардеро зер карда гурехта будаст. Мӯйсафед аз арғамчини модаговаш гирифта аз канори раҳ меомадаст. Шабошаб Бадалек рафта дили хешовандони марҳумро ёфтааст, «пирамардро гов шох заду мурд» гӯён ҷиму им ба хок супоридаанд... Кӣ ин хелҳоро лаҷом зада метавониста бошад? Суду прокурор ҳамтабақи доимиаш, назорати халқӣ ҳам. Рӯзноманигорон чӣ? Вазирон метавонистагистанд. Эҳ, агар ягон хеши наздикамон вазифаю мартабаи калон медошт. Не, мартабадорон ҳам аз сояи худашон меҳаросиданд, ба ин хел ҷанҷолҳо ҳаргиз ҳамроҳ намешудаанд. Ирина ҳамин хел мегӯяд...»

Занҷир бо донишу ҷаҳонбинии бештар аз сӯҳбати ҳамхонаҳо бардоштааш ҳанӯз ба ҳалли ин муаммоҳои сарпечи рӯзгор оҷиз буд. Ҳоло медид, ки дар шаҳр, ҳатто дар ҳамин корхонае, ки имрӯз кор мекунад, Бадалбек баринҳо набошанд ҳам, нобакорони ба вай монанд ҳастанд, вале ҳеҷ кас таноби онҳоро кашида наметавонад. Тааҷҷуб мекард, ки дар корхона садҳо одамони дилҷӯю некирода кор мекунанд, ба ҳеҷ кас зиёнашон намерасад, омадурафти онҳоро пай намебаред, аммо Девонаи Даҳандарида баринҳо се-чор

тан бошанд ҳам, ҳастии онҳо ба атрофиён чӣ миқдор вазнину дилфишор аст. Кӣ медонад, балки ҳамон палид ҳам кору бори худро ҳаққонӣ мегуфтагист?..

Занҷир Даҳандаридаро аз дур бинад, дастгоҳашро вогузошта, худро ба назди ягон зани ҷиддию хашмгин мегирифту ба сӯи ин марди хабис нигоҳ намекард. Вале ӯ даргузар аз назди онҳо дастони кареҳашро барои вохӯрӣ дароз мекард, агарчи Занҷир бо нафрат аз ӯ дур мешуд.

— Салом, хонумча!.. Боз чӣ шуд, ки ба ҷониби ман наменигарӣ?! Чашмони золимат маро куштаст... Ман ба директор мегӯям, туро ба цехи мо мегузаронад. Розӣ ҳастӣ? Беҳтарин дастгоҳ азони ту! Ҳар чорьяк мукофотат таъмин! Ман — кафил!..

Даҳандарида ба ин минвол гоҳе даҳ-понздаҳ дақиқа ҳарзагӯӣ мекарду сари ӯро ба дард меовард. Ҳамкорон мегуфтанд, ки вай бо иғвою дасиса баъзе раҳбаронро тарсонда, хоҳишашро мегузаронад. Директори фабрика, сардорони шӯъбаҳо, ҳатто дар вазорат будагон ҳам аз вай меҳаросидаанд. Агар мансабдоре талабашро қонеъ накунад, дар ҳақи вай аз росту дурӯғ, аз шунидаю бофтааш ахбори бардурӯғ навишта, баъзан он бечораро ба тӯҳматҳои гӯшношунида мубтало карда, муддатҳо дар озору шиканҷа дошта, аз карда пушаймон месохтааст. Мегуфтанд, ки дар фабрика фақат амаки Лочин ва саринҷинер, баъзе коргарони қаторӣ аз ӯ наметарсидаанду бас. Боре Даҳандарида ба идораи саринҷинер ворид гашта, бо дасиса ӯро тарсондан хостаст: дар ҳақи ту чунон санаде дар даст дорам, ки агар онро каме обуранг дода, пуф кунаму ба идораҳои

боло нависам, поятро аз осмон меоранд гуфтаст. Саринҷинер бо нафрат ба рӯи вай нигариста, хандидасту «ман ҳаромхӯрию ҳаромкорӣ надорам, бинобар он, аз нависонависи ту заррае наметарсам, бирав, якто не, садто тӯҳматнома навис» гуфтаст. Даҳандарида бошад «аз оташу офат ҳазар, аз тӯҳмати ноҳақ ҳазар...» гӯён бо тамасхур замзама кардасту рафтаст. Мегуфтанд, ки баъд аз ин воқеа саринҷинер як соли расо рӯзи осуда надидаст: ҳар моҳ — тафтиш, ҳар моҳ — муҳокимаи ӯ. Албатта, агар вай сирф беайб мебуд, аз навиштани Даҳандарида боке надошт. Сохтакорӣ, ҳисоботи бардурӯғ, мукофоту подоши беасос сабаб шудаанду вай танбеҳи сахт гирифтаст. Мегуфтанд, ки ҳатто вазир аз дидори шуми Даҳандарида безор гашта, бенавбат ба вай якто хонаро додасту гиребонашро аз чанги ин хабис раҳо кардаст. Мансабдорони ягон навъ домантарӣ доштагӣ дар иҷрои талаби ӯ кӯшанд ҳам, баъзе раҳбарони ғаюр чигуна Даҳандаридаро аз идора ронданашон — нуқли сӯҳбати коргарон буд. Боз мегуфтанд, ки вай ба назди директор бе пушт-пушт, дар ҳузури вай ҳар касе бошад, қатъи назар карда, рост медаромадаст. Ҳатто як бор ба манъи котиба эътиборе надода, балки бечораро бо таҳқиру дашном аз сари роҳаш дур андохта, ба идорахона ворид гаштаст. Директору саринҷинер ҳамроҳи вакилони вазорат ва мутахассисони москвагӣ машварати муҳиме доштаанд. Директор Даҳандаридаро дида, ғазабаш ҷӯшидаст, аммо ба ночор тамкин нигоҳ дошта, «бубахшед, мо машварат дорем...» гӯяд, ин девона «ҳеҷ гап не, ман ду калима гапи зарур дорам, таъхирнопазир

аст» гуфта, даъвояшро изҳор намудасту директорро розӣ карда, сипас аз хона берун рафтаст.

Даҳандарида боре ба даст афтода будаст. Вай ҳамроҳи ду тан шариконаш, ки яке маъмури тартиботу дигаре ходими рӯзнома будаст, ба мудири ошхонае худашонро аз ходимони идораи тафтишот гӯён муаррифӣ карда, ҳар замон омада, хӯрок мехӯрдаанду пул намедодаанд. Ин ҳол чандин муддат давом мекунад. Оқибат, мудири ошхона бо як тан нозири тафтишоти ҳақиқӣ ошноӣ меёбаду дар омади гап, аз муфтхӯрии он се тан шиква мекунад. Онҳоро ба даст мегиранд. Ҳангоми муҳокимаи ҳамкорон Даҳандарида худро ба замин андохта, бемор кардаст духтур даъват кардаанд, баъд ҳамчун бемори савдоӣ аз ҷазо халос шудаст. Ҳамкорон баъзан шукргузорӣ доштанд, ки Даҳандарида, хайрияти кор, безурриёт аст ва авлоди фардо аз ин бало эмин хоҳанд буд.

Занҷир аз ӯ метарсид. Ба вай гуфта буданд, ки Даҳандарида духтарони соддадилу гӯлро бо ваъдаҳои гуногун — ашьёи зарурӣ дарьёб кардан ё бо сардорони идораҳо гапзанон карда, мушкилашонро осон намудан фирефта, бероҳа мекардааст. Дар таҳи дарвозаи фабрика баъзан инчунин занону духтараконе ба доми фиреб дармонда ӯро нигарон меистоданд. Дарбони фабрика ҳикоя мекард, ки ҷавонзани бадбахте қариб як ҳафта омадурав доштааст, ки ин девонаи мо бо вазир гуфтугӯ мекунаду ҷазои шавҳари маҳбусашро сабук мекунанд. Дарбон ба соддагии занак бихандад, ӯ бе ҳеҷ, шубҳа гуфтаст: «Ҳамроҳам рафтанд, ман дар берун истодам, ба вазорат даромада, гапзанон карда

баромаданд. Аммо аз чӣ бошад, ки вазир ваъдаашро фаромӯш кардагӣ барин...»

Занҷир дар дил хайрият мегуфт, ки овони корталаб ба ин ҷо омаданаш ба ин нокас рӯ ба рӯ наомадаст. Қомати дарозу қоқ, чашмони чуқур ва андоми пурочингу беситораи Девонаи Даҳандарида монанди ҷасади қоқшудаи мурдаи садсола ба дили Занҷир ҳавлангез асар мекард. Хандаи ӯ, ки бе ҳеҷ шавқе қаҳқаҳа мезад, ба гӯши Занҷир чун ҷилвае аз даҳшати кобус мерасид. «Инсон магар ин қадар шумдидор мешавад? — Занҷир ахлоқу андоми зишти ӯро бо танаффур пеши назар меоварду тааҷҷуб мекард. Агар мор ба танам печад, ин қадар кароҳат намекунам, чунон ки дасти ин палид ба дастам расад.

Вале гурӯҳе одамон аз вай мамнун буданд, «Хайрияти кор, ин Даҳандарида баринҳо ҳастанд, баъзеҳоро аз худсариҳо ҳаминҳо нигоҳ медоранд, ҷое, ки ин хелҳо ҳастанд, бо эҳтиёт, обашонро ҳам пуф карда мехӯранд», — мегуфтанд. Занҷир аз ин хел суханон ҳайрон буд. «Кӣ медонад, мегӯянд, ки мор ҳам ба одам фоидаовар аст, ягон хосияте доштагист-дия», — мегуфт ба дил.

## 7. Мулоқот дар хобгоҳ

Ҳамон рӯз аз кор ба хона баргашту аз гулӯи Занҷир оби хунук ҳам нагузашт. Хомӯш худро рӯи кат афканду китоберо, ки аз китобхона гирифта буд, ба хондан шурӯъ кард. Саҳифаҳоро хонда мегузашт, вале маънии онҳоро дар хотир гирифта наметавонист. Дигарбора ба

хондан шурӯъ мекард, вале боз ҳамон ҳол рӯй медод. Ҳамхонаҳояш русдухтари кабудчашму малламӯй — Ирина ва тотордухтари кулчарӯю сабзчашм — Салима баъди он, ки ҳазломез як-ду бор гаппартоӣ карданду аз ӯ ҷавобе нашуниданд, аз чи бошад, ки ба дастархон густурдан сар карданд. Онҳо ба рӯи миз нуқлу хӯрданӣ мениҳоданд. Занҷир сараввал ба луқмапартоию тараддуди онҳо беэътибор, андаруни ғарқоби андешаҳои бесарунӯги худ саҳифаҳои китобро хонда мегузашт. Ба мазмуни китоб ҳеҷ сарфаҳм наравад ҳам, аз ин ёзидан баъди ҳаштсоатина кор мондагиаш раъф мешуд. Сонӣ пай бурд, ки дугонаҳояш ҷиддан омодагарие доранд.

— Чӣ гап? Рӯзи мавлуди кӣ? — пурсид вай оқибат лоқайдона аз китобаш чашм набардошта.

— Намедонӣ?.. Худатро ба гӯлӣ назан, духтар. Хаппаки бало, корро мекунию ба лабат кулӯх молида гаштанат маро месӯзад, — бидиррос зад Салима.— Туро ба шавҳар дода, аз қалинат обод нашавам, дигар илоҷе надорам.

— Боз мани сарсахт ҷави киро хом даравидам? — ҳамчунон чашмаш ба китоб бепарво пурсид Занҷир.— Ту худат шаддодӣ, бинобар он, ман дар назарат хаппак метобам, Салима. Аз дасти ту шаддод шавҳарат гурехтагӣ.

Сонӣ миёни вараҳи китобаш ишорат гузошта, онро пӯшиду боз пурсид:

— Хайр, гӯед, чӣ ташвиш доред?

— Пайғамбари мо Исои Масеҳро барои чӣ чормех кардаанд, медонӣ? — савол кард Ирина тақсимчаҳоро

бо дастмол поккунон. Баъд ба тарзи худ эзоҳ дод: — Барои он чормех кардаанд, ки ба ин муносибат ҳар сол як бори дигар ид кунем. Якуми январь рӯзи мавлудашро ид мекунем, имрӯз...

— Мурдани пайғамбарата ид кардана шавҳар кунӣ, намешавад, тӯй мехӯрем, — гуфт Занҷир ин дафъа китобро рӯи синааш ниҳода.

— Шавҳарони моро Малика Арақбону бероҳа кард, Занҷири азиз. Шишаи арақро бағал гирифта хоб мекунанд. Ҳолӣ ту шавҳар кун, агар пушаймон нашавӣ, сонӣ мо ҳам боз як бор толеъамонро месанҷем, — гуфт Салима.

— Э, ҳазла мону бигӯ чӣ ташвиш дорӣ? — исрор кард Занҷир. Аз дилаш гузашт, ки ҳамхонаҳояш аз омадани Кабир огоҳанд. — Кабирро шумо даъват кардед? Ба хонаатон меравам гуфт.

— Хайр, ин чӣ бадӣ дорад? — гуфт бепарво Салима аз кораш сар набардошта. — Ин ҳам ба ту намефорад? А?

— Намедонам... Ба гумонам қулфи як дарро алҳол ҳар ду бо ду хел калид кушоданием.

— Парво накун, хезу созу бозата кун. Ба дасти ҳар ду як хел калид медиҳам! Калиди тилло медиҳам! Лекин сонӣ ин хизмати моро фаромӯш накун, духтар, — чашм хобонду маънидор таъкид кард Салима. — Аз тақдирам гардам гӯён чашмата равған нагирад. Аз ёдат набарояд — ба тақдир ҳам тақдирҷунбон даркор аст.

— Дуруст мегӯяд, моро фаромӯш накун, — ҳамовозӣ кард Ирина.— Агар ягон хешу табори одамшавандааш бошад, ман розиам ки зани дарбони фабрик барин сирф

тоҷик шаваму куртаю эзори тоҷикӣ бипӯшам. Хонаву ҷояш басомон бошад, касбу кораш ҳам. Сонӣ, арақхӯр набошад, серпултар, ҷавонмарди зиёитақлид, дилкашу базеб бошад-дия.

— Ғалатӣ... Ҳамон занакро ҳеҷ кас рус намегӯяд, тамом тоҷик шудаст-е! Сару либосаш ҳам, тарзи гуфтугӯяш ҳам, хислаташ ҳам. Нӯҳ фарзанд доштаст. Саравал занони тоҷик ба рус буданаш бовар накарданд.

— Дар деҳаи мо ҳам як украинзанак ҳаст. Як мардак дар ҷанг маъюб гашта, аз ҳамон тарафҳо овардагӣ. Забони тоҷикиро нағз медонад, аммо тоҷик намегӯӣ, шикаста-шикаста сухан мегӯяд.

— Яке қобилияти забономӯзӣ дорад, дигар не, — сухани Занҷирро бурид Ирина. — Аз хурдӣ омӯзад, гапи дигар.

— Занҷир, ба мо шавҳари тоҷик ёб, мерасем. Лекин ман аз дуто зиёд фарзанд намекунам. Чӣ азоб? Як умр барои бачаҳо зиндагӣ мекардаам. Ман мемираму меравам, ҳар кадомаш кайфи худаш катӣ. Ана, падару модарам аз ман чӣ нафъ диданд? Ёфтагиам аз сару либоси худам зиёдатӣ намекунад, — гуфт Салима гӯё худ ба худ арзи ҳол мекарда бошад, оҳ кашида.

Занҷир муқаййиди он буд, ки агар Кабир ояд, ҳамхонаҳояш чӣ мегӯянд, чӣ хел муомила мекунанд, умуман, ба ин алоқамандӣ чӣ назар дошта бошанд? Дар назди Иринаю Салима гап кушояд, чӣ мекунам, чӣ мегӯям?

Занҷир дар ин андеша буд, ки касе дарро оҳиста ангушт зад. Баъди он, ки рухсат шуд, дар оҳиста нимроғ гашту Кабир сарашро даровард.

— Рухсат медиҳед, духтарҳо? — вай бо овози бардам, мисли он, ки аз муқимиёни ин ҷо бошад, зоҳиран бепарво иҷозат пурсиду ба хона ворид гашт. Гарданашро шах дошта, бо лабони фишурда, табассуми дандоннамо катӣ бо виқор дасти ҳозиронро сахт-сахт фишурда, салом карданаш, монанди қатраҳои оби бороне, ки аз лангари кулоҳаш ба рӯи фарши покизаи тахтагин мечакид, ба дили Занҷир боз нохуш асар кард.

Иринаю Салима зуд пеш омада, бо ҳазлу мутоиба меҳмонро марҳабо гуфтанду пальтою кулоҳашро гирифта овехтанд. Кабир зимни вохӯрию ҳолҷӯӣ асбобу ашьёи хонаро аз назар мегузаронд. Кати Занҷир, сачоқи гулдӯзӣ, пардаҳои кашидадӯзии каташ, сурати ба чорчӯба гирифтаи хонавода — ҳама як-як аз мадди назари ӯ гузаштанд. Баъд вай гулдони мисинро аз рӯи ҷевончаи Занҷир гирифта, тамошо кард, дастархончаи зери он ҳам аз назараш наафтод, ҳатто хам гашта, байти дар ҳошияи он гулдӯзиро қироат кард. Кабир каф ба каф суда, бо Иринаю Салима гуфтугӯ дошт, савол медоду ба пурсишҳои онон ҷавоб мегуфт, аммо чашмаш ба ин ашьё буд. Рӯи пурра ва сергушти вай мисли он, ки ба чӯби чормағз лок молида бошанд, сурх ва лайсу ҷилодор буд. Костюми қаҳваранг, галстук ва кафши ҳамранги костюмаш гувоҳи ҳол буданд, ки аз ин боб завқе дар салиқаи ӯ ҳаст. Дар сари синааш нишони сурхе зада буд, ки он ҳам бо рангу рӯ ва пӯшиши вай мувофиқати тамом дошт.

Занҷир, ки саросема аз бистар бархоста буд, рӯмоли сарашро дуруст баст. Изтироби дилаш ҳам дар ин миён фурӯ нишаст. Кабир коғазпечи дасташро кушода, як шиша шароби шампан ва як қуттичаро рӯи дастархон ниҳод. Иринаю Салима якбора ба ваҷду шодмонӣ нидои таҳсин бароварданд, ки аз ин кори онон Занҷир хиҷил шуд, дар дилаш ҳамхонаҳояшро маломат кард ва барқасди онҳо ба он қуттича, ки духтарон аз дасти якдигар гирифта, бо завқ менигаристанд, эътибор надод.

— Ваҳ!.. Тухми моҳӣ?

— Ҳатто сурхаш!

— Ташаккур, Кабир. Ин хел чизҳоро аз куҷо, бо чӣ роҳ меёбӣ? Ба мо ҳам сирашро гӯй, — таҳковӣ кард Салима.

— Сираш? — баргашта савол карду мамнун табассум намуда, шонаҳояшро боло кашид Кабир ва сипас гуфт: — Имрӯз, агар саҳв накунам, одамон бо се роҳ ин чизҳоро дарьёб мекунанд. — Вай асроромез ханда зад, вале хандааш соддалавҳона буд. Сонӣ лаҳзае таваққуф кард, то ки ин ҳикмати нодирро осон гуфта, беқадр насозад. — Аввало — пули калон, сонӣ — мартаба ва вазифаи баланд, роҳи сеюмаш — ошноию улфати мӯл дошта бошед!

— Уф-ф... — Ирина дилгир оҳе кашид. Сонӣ ҳасратомез гуфт: — Ин роҳҳо барои пои мо не, ягон роҳи осонтарашро гӯй.

— Чаро? Ноумед шайтон аст, мегӯянд, — гуфт Кабир бесабаб қоҳ-қоҳ зада, дастонашро ба ҳам молида. — Кӣ медонад, ҳар яки шумо фардо ба кӣ зан мешавед? Ба

вазир ё мудири база, раис ё... Ҳозир ояндаи ҷавонро санҷида, сонӣ шавҳар мекунанд.

Занҷир дар як канори миз амонат нишаста, хомӯш ба ин гуфтугузор гӯш медод. Шишаи шаробро дида, худ ба худ авзои вай дигаргун шуд. Симои Бадалбек ва ишратхонаи вай пеши чашмаш ҷилвагар омад. «Наход ҳамаи мардон ҳамин ранг бошанд? Шароб, ишрат, фисқу фиреб, хиёнат. Аввал гумон мекардам мардони нағз, ҳатман додом барину нокасон монанди Бадалбек арақхӯру серпуланд. Дар фабрика кор карда одаму оламро шинохтам. Дар дуньё ҳазор ранг одам будаст. Дар деҳа парвои одаму олам надоштам, дар назарам ҷавонон асосан ду тоифа буданд: хушрӯ ва безеб. Акнун он айёмро ба ёд оварда, ба соддагии худ механдам. Ана, ҷавонони шаҳр беибо шишаи шароб дар бағал ба хонаи духтар меоянд, баъзе духтарон қати ҷавонон нишаста шаробхӯрӣ мекунанд, ҳатто сигор мекашанд. Хайр, ин хелҳо ба роҳи худаш, дар ҳама ҷо се-чор тан пешдаргирон ёфт мешавад. Кабир агар ақлашро медавонд, ба ин ҷо намеомад, зарур шаваду ояд ҳам, бешароб меомад...»

Занҷир дар умраш фақат як бор дар базми хатми мактаб, он ҳам аз сари шӯхӣ, рустӣ бо дугонаҳояш ним пиёла барин аз ҳамин хел шароби шампан хӯрда буд. Дар хонаи онҳо на шароб буд, на шаробхӯр. Баъзе меҳмонҳои шаробхӯр аз ин ҷиҳат дар хонаи онҳо зиёда наменишастанд, бо баҳонае зуд бархоста, ба ягон хонаи шаробрез мерафтанд. Аз ин кори онҳо гоҳе димоғи додош месӯхт. «Ба дидори мо не, барои, арақ омадаст, — мегуфт додош ғазаболуд бари ҷомаашро афшонда.

— Беарак ӯро дар ин хона баста монӣ ҳам, намеистад». Балки Кабир ҳам аз ҳамон хел шаробхӯрон будагист? Ба корхона ҳушьёр омада меравад, лекин баъди кор бо чӣ кор машғул аст, кӣ медонад? Дар деҳа сиёҳу сафеди ҳар як кас аён аст, аммо дар шаҳр... Ҳама дар кӯча сӯфӣ барин мегарданду...

— Занҷир! Ҳушат куҷо рафт?... Меҳмон барин ин қадар ботамкин нишастаӣ? Чӣ гап шуд? Ту мизбонӣ. баръакс, Кабир меҳмони ту, — бидиррос зад Салима риштаи хаёли ӯро бурида. Сонӣ ба дилат нагир гӯён оҳиста ба сӯи ӯ чашмакӣ зад.

— Хостгор ояд, духтар одатан, бамаънӣ мешинад, намедонӣ? Ба ҳавлиамон хостгорон оянд, модарам маро дар ошхона руст мекард, — гуфт Занҷир курсиашро ба миз наздиктар кашида. Баъд аз гуфтаи худ шармида, рӯяшро бо дастонаш пӯшид.

— Мон, камтар бамаънӣ бишинад, — луқма дод Ирина.

Кабир ба рӯи вай нигаристу нигоҳаш куртаи оддӣ ва ҷемпири обшустаи духтарро лағҷида гузашт ва сипас қоматашро росттар гирифта, ба рӯи ӯ бебок назар андохт. Аз дилаш гузашт: «Андаруни ин либоси оддию обшуста чӣ вуҷуди тозаву нозук, чӣ тиллои поку холисе ниҳон аст! Дуруст мегӯянд, ки тилло даруни лой ҳам медурахшад. Вуҷудаш оби поку мусаффо барине! Афсӯс, дар танаш ягон либоси шинаму таърифбоб надорад, ки ба ту зебидаст, гӯён таъриф кунам. Фаронсавиҳо ба фарзандони ашроф усули дар як шаб чандин бор таъриф кардани сару либоси хонумҳоро меомӯхтаанд. Агар занро таъриф кунӣ, зан ғуломи ту

мегуфтаанд. Чунон ки дар химия обро ғуломи натрий мегӯянд, як зарра намак дар ҷисми одам садҳо зарраи обро аз қафояш гирифта мегардад...»

— Ку, ҳама ба сари миз наздиктар шинед, — Салима меҳмондорӣ оғоз кард.

Ба хӯрдану нӯшидан сар карданд. Духтарон ба Занҷир ҳам қадаҳе аз шароб рехта, наздаш ниҳоданд. Салима ба ифтихори Кабир ба тариқи нӯшбод сухане гуфт ва дугонаҳо қадаҳҳои худро холӣ карданду ба вай ҳамлавар шуданд:

— Э, гир, ин қадар сипоҳигарӣ накун. Кабир холӣ хостгорӣ наомадаст. Инҳо шароб мехӯрдаст гӯён туро муттаҳам намекунанд, натарс. Ин корҳо дар деҳаи шумо гуноҳ аст.

— Ҳолӣ ҳам ту қишлоқӣ баринӣ, Занҷир. Туро ба шавҳар дода, шаҳрӣ насозем, дигар илоҷ не.

— Ман... охир, арӯсшавандаам, — арӯсҳои шарминро тақлид карда, ҳозиронро хандонд Занҷир.— Шарм медорам.

— Ҳозир занҳои деҳа бемалол арақу коньяк мехӯранд, — гуфт Кабир монанди одамони ҳолдону бохабар аз вазъи занони деҳот, вале сухани аз кӯчое шунидаашро такрор кардани вай аён буд.

— Дуруст мегӯянд, ба ман арақу коньяк бошад, мехӯрдам. Ин шампанро духтарони нозукадои шаҳр мехӯранд. Ягон шиша коньяк наовардед-дия, акои Кабир. Ё ин арзонтар аст, чӣ бало?

— Масхарабозита мон, Занҷир, бигир, як қадаҳ шампан намекушад.

— Мекушад. Дар деҳаи мо як мардак арақ хӯрда-арақ хӯрда, дар сари дастархон мурда буд. Гуфтанд, ки ӯро арақ кушт.

— Хуб, бас кун. Ба ту гир гуфтанд, гир, — қаҳраш омаду итоб кард Ирина. — Нозу нузи бемаврид...

— Намемонӣ... дар назди Кабир ако камтар сипоҳигарӣ кунам. Духтари қишлоқӣ нозу адоро ҳам намедонад мегӯянд, — гуфт Занҷир чашмонашро ба ноз гардонда, ба тақлиди духтаракони нозпарвард овозашро маҳин карда, печутоб хӯрда.

— Ҳой, бас! — дилтангона дод зад Салима.— Гир, қадаҳатро холӣ кун. Нозу нуз ҳам агар аз ҳаддаш гузарад, бӯи пилла барин ба дил мезанад.

Ҳама ба рӯи Занҷир мутаваҷҷеҳ буданд.

— Маро маҷбур накунед, духтарҳо, хӯрда наметавонам. Ҳурмати нон, — якбора симои аслии худро гирифту ҷиддан хоҳиш кард Занҷир.

— Не, мегирӣ. Намемонам. Кабир барои ту ба хонаи мо ояду...

— Ман катӣ агар шаробхӯрӣ омада бошанд, дигар наоянд, — гуфт Занҷир бепарво.

Ин суханони густохона ба деги ҷӯшон гӯё оби сард рехт. Ҳама хомӯш, лаҳзае аз хиҷолат ба рӯи якдигар нигариста натавонистанд. Кабир дар як вазъи ноҳинҷор хиҷолатомез табассум менамуду бо рӯмолча лабонашро пок мекард. Вай ду-се бор даҳон ҷуфт карду сухане гуфтан хост, аммо нагуфт. Салима бо қаҳр даст афшонду аз Занҷир рӯй тофт.

— Худо агар одама задан хоҳад, аввал ақлашро мегирад.

То ки боз ягон сухани сахт гуфта, сӯҳбатро барҳам назанад, Ирина обсофкунак шуд:

— Ба ман нигар, Занҷир, Кабир маҳз барои ту шампанро наовардаст. Ба хонаи ҳамкоронам дасти холӣ надароям гӯён, овардагӣ. Назокату ҳалимӣ, посихотирдорӣ ба ҳусни духтар ҳусн илова мекунад, мегӯянд. Ба ту чӣ шуд? Ба дигарон ақлу фаросат ёд медодӣ. Барои узри гуноҳат акнун мегирӣ, нагирӣ, мо меранҷем. Бигир, гуфтам, бигир, — Ирина қадаҳи шаробро ба дасти Занҷир дод.

Баъди он ки зиёда якравона талаби шаробхӯрӣ карданд, Занҷир дилтанг шуд ва оқибат қадаҳро бардошту шароби онро аз тиреза ба берун пошид. Ба пошидан пошид, вале баргашта ба авзои ҳозирон нигаристу фаҳмид, ки ин кораш ба дили онҳо бағоят сахту нохуш асар кардааст, аз карда пушаймон шуд. Вай ҳеҷ чашмдор набуд, ки аз шароби қадаҳашро партофтани вай ҳамнишинон ин қадар меранҷанд.

Табъи ҳама якбора хира шуд, ҳолате рӯй дод, ки ҳар чаҳор тан ноҳинҷор монданд ва сар бардошта ба рӯи якдигарӣ нигариста наметавонистанд. Баъд Ирина ба чашми Занҷир нигариста, маломатомез сар ҷунбонду гуфт:

— Густохӣ ҳам ба эбаш, духтар! Барои хурмати ҳозирон як бор лаб тар карда, истаконро монӣ, қиёмат қоим намешуд.

— Густохӣ будаст! Қишлоқигарӣ, — лаб кач кард Салима. Сонӣ сухане ҷонгудозтар гуфтан хосту лаб ҷуфт кард, вале нигоҳи таъхирталаби Иринаро фаҳмиду хомӯш монд.

Боз шароб хӯрданд, тухми моҳиро бо равғани зард рӯи нон молида, газакӣ карданд, аз лаззати он ва майда-чуйдаҳои дигар сухан гуфтанд, вале сӯҳбати онон чандон даргир нашуд. Иринаю Салима баъди фурсате даробаро якояк номаълум ғайб заданд. Занҷир азбаски дар баҳри андешаҳои беканори худ ғӯтавар менишаст, кай, чигуна рафтани онҳоро сирф пай набурд. Ногаҳон аз олами хаёлот ба худ омаду сар бардошта нигарист, ки дар хона ӯ ба Кабир танҳо мондааст. Ба ин тариқ ӯро танҳо мондани дугонаҳояш ба вай хуш наомад. Аз дилаш гузашт: «Агар ба ҷавони дигаре шавҳар кунаму вай ин мулоқоти маро шунавад, чӣ ҷавоб хоҳам дод?! Дар хобгоҳи холӣ бо ҷавонон танҳо ба танҳо нишаста, ишқбозӣ доштаӣ» мегӯяд. Ҳар як талабгор катӣ ин тавр вохӯрам, расвою радди оламиён мешавам, дигар гап не...»

Занҷир айёми дар деҳа буданаш, ҳатто рӯзҳои аввали дар шаҳр маскун гаштанаш ҳам амин буд, ки духтарони шаҳр аз қайди бисьёр таассубҳо ва русуми лозиму нолозим фориғ, дар нисбати духтарони деҳа озодтаранд, хушбахттаранд. Вале ҳоло пай мебурд, ки вай ба шаҳр ояд ҳам, аз чи бошад, ки духтари шаҳрӣ буда наметавонад... Не, сад кунад ҳам, расму қоидаи деҳаи худро пушти по заданаш осон набудаст. Аҷаб не, баъзе духтарон тавонанд, аммо вай наметавонад. Хуб, агар саркашию нописандӣ кунаду ба ҳамааш тфу гӯяд, чӣ мешавад?.. Ӯ дар сари ин нукта хеле вақт андешиду сипас дилгирона оҳи пурдарде кашид.

## 8. Кабир ва Занҷир

— Занҷир, ба ман ин қадар бо шубҳа нанигаред. Азбаски дар корхона фурсати бафурҷа ҳамгап шудан нест, ба ин ҷо омадам. Мехоҳам ба тарзи ҷиддӣ гуфтугӯ кунем, — гуфт Кабир, чунон ки андешаҳои Занҷирро хонда бошад, узромез. Вай аз дастархон чашм набардошта бо тамкини махсус ва оҳанги эътимодбахш сухан мекард. — Шуморо дӯст медорам... Агар хато накунам, шумо ҳам...

Занҷир ду дасташро ба рӯяш ниҳод, то хандаи чашмони ростгӯяшро аз чашми ҷавон пинҳон кунад. Вазъи гуфтугӯ ҷиддиятро тақозо дошт.

— Агар ба ман бовар накунед, бигзор хешу таборатон омада, аз маҳаллаамон киву чӣ будани маро ҳам, хонаводамонро ҳам пурсанд, фаҳманд. Ана, худатон як сол боз маро мешиносед, ҳар рӯз мебинед. Аз чашму гӯши ҳамкорон ҳеҷ гапу кор пинҳон намемонад.

— Ҳамин хел вохӯрӣ ҳам? — худдорӣ карда натавонист Занҷир.

— Ман бори аввал... Аз ин пеш ҳаргиз бо духтарон мулоқот надоштам, намедонам. — Баъд илова кард: — Ҳарчанд талабгорони ман ҳам дар институт, ҳам дар корхона аз мӯи сарам кам набуданд...

— Бовар мекунам,— гуфт Занҷир ба тамасхур чашм аз як нуқта наканда. Кабир ин тамасхури ӯро ба дил сахт гирифт. Ба миён сукунати вазнине афтод.

— Хуб, чӣ мегӯед? А, Занҷир? Агар розӣ бошед, ба падару модарам гӯям? — Ӯ ба ин духтари густох аз кадом паҳлу наздик шуданашро намедонист.

Занҷир қабл аз он, ки ҷавоб диҳад, дуру дароз хомӯш нишаста, андешид. Кабир дар ин миён боз саволашро такрор кард. Аз моҷарои вай бехабар будани Кабир, таҳдиди Бадалбек, чӣ одам будани Кабирро возеҳ надонистанаш, норавшании ҳиссаш Занҷирро ба он водор доштанд, ки муҳаббати ҷавонро рад кунад. Кию чӣ будани ӯро надониста, нафаҳмида талаби хостгорӣ кардани Кабир ҳам дар дили вай шубҳа ангехта буд.

— Ҳар чӣ гуфтанӣ будам, дар корхона гуфтам-ку,— Занҷир бебок чашм ба чашми ҷавон дӯхта, лаҳзае авзои ӯро мулоҳиза намуд. — Ба рад кардани муҳаббати шумо асосе надорам, ба ризоият ҳам. Ба фикрам, мо якдигарро кам мешиносем. Шумо ҳам киву чӣ будани маро намедонед, ман ҳам.

— Падару бобоёнамон рӯи духтари арӯсшавандаро надида, ҳамхона мешуданд, ману шумо ҳамин қадар вақт якдигарро дида, озмудем, магар ин кам аст?.. Як духтари ҳамсояи мо санҷидаю дониста шавҳар мекунам гӯён, аз ин монд, аз вай монд, оқибат пирдухтар шуд. Мегӯянд, ки агар одам санҷидаю гашта хонадор шавад, баръакс, зуд аз якдигар дилмонда мешавад. Медонам, шумо ба сари худ ин масъаларо ҳал намекунед, рафта маслиҳат кунед.

— Аз саросема шавҳар ёфта, сонӣ бадбахт шудан, пирдухтар будан авлотар не? — Сухани Кабирро бурида, зуд савол кард Занҷир. Сонӣ пайрави суханаш гуфт: — Баъзе одамро дар як рӯз мешиносед, баъзе касонро барои шинохтану фаҳмидан солҳо ҳам кам аст. — Занҷир сукут кард, вале ба дил мегуфт: «Чаро бесабаб ҳам сари инро, ҳам сари худамро гаранг мекунам,

рӯирост бояд ҳама сиру савдоро гӯям, аздусар гуфтанам даркор аст». Вай ба ин мақсад гуфт: — Дурусттар фикр кунед, Кабир ако, шумо ҳанӯз кию чӣ будани маро намедонед, аз сари ман чӣ ғавғо гузашта аст, хабар надоред. Духтари тоҷик хешу пайвандашро тарк карда, аз сари ҳавову ҳавас ба шаҳр намеояд.

Ҳар ду ҳам баъди ин суханон дуру дароз хомӯш буданд.

Кабир ба чашми духтар нигариста монд. Аз дилаш гузашт: «Дарвоқеъ, чаро аз ин хусус фикр накардам? Аҷаб не, ин духтар зани ягон кас бошад. Аз хонаи шавҳари ҷоҳил гурехта бошаду ман ӯро харидорӣ карда, обрӯямро резам, боиси мазоҳу масхара шавам... Ё боз аз ҳамон ҳазлҳои бемаъниашро сар кард? Ба ҳар ҳол духтари бамаънӣ будаст, ки ин гапро гуфта, маро ҳушьёр кард. Балки як сағираи бекасу кӯй бошад, дар ба дару кӯ ба кӯ гашта калон шудагист, барои ҳамин метарсидагист? Сухани падарам дуруст, кирои хешу табор гаштан тӯбу тухмааш одаму одамшаванда бошаддия. Аз хонадони дуруст барин менамояд. Агар аз он хел духтарони безот мебуд, кайҳо домани маро сахт медошт. Дигарон ҳам аз ӯ умедворанд, зӯр зада гаштаанд. Боз кӣ медонад, алои одам аз дарун мегуянд. Э, не-е, метарсам, ки ин духтар боз маро мазоҳ мекунад».

— Хуб, ман розӣ. Ҳоло то сабаби ба шаҳр омаданатон ва умуман, саргузаштатонро нагӯед, аз ҳамин ҷоям намехезам, — гуфт оқибат Кабир аз андеша сар бардошта.

— Эҳ-ҳе-е! — Занҷир табассуме намуду нидо баровард. — Ана, барои ҳамин гуфтам, ки ҳанӯз хостгорӣ барвақт аст. Кадом духтар ба одами саҳлу паҳл шинос сири дилашро гуфтаст?!

Кабир ба дил иқрор кард, ки Занҷир ҳоло ба вай яку якбора сири дилашро намегӯяд, аммо андаке бошад ҳам, аз саргузашти вай, аз вазъи хонаводааш огоҳӣ ёфтан мехост.

— Ҳеҷ набошад, камтар худатонро шинос кунед. Рости гап, дили маро алағда кардед,— гуфт Кабир оҳиста хоҳишомез .— Ҳамту ишора кунед, бас.

Аз дилаш гузашт: «Гумонам бегонахӯии Занҷир асари ғурури ҳусн ва худбоварии ҷавонӣ аст, не, сояи дарду мусибат барин. Ба сари ин духтар чӣ хел нохушӣ омада бошад? Аз ин хусус ҳеҷ кас ишорае накард. Иринаю Салима медонистагистанд, аммо ҷаро як даҳан нагуфтанд? Агар шавҳар дидагӣ бошад, дар миёни ҳамкорон расо хандахариш мешавам. Балки намехананд, ҳозир ба бева хонадор шудани ҷавонон ҳеҷ касро ҳайрон намекунад. Аммо аҳли маҳалла механданд, таъна мекунанд. Не, агар бева бошад, хонадор намешавам...»

Ҳоло ҳисси шаҳват дар вуҷуди ӯ туғъён карда, мехост ба Занҷир наздиктар бишинад, бо дастонаш дасти ӯро бигирад, мӯйҳояшро навозиш кунад, бибӯяд, бибӯсад. Аммо ҷиддияти авзои духтар шасти ӯро мегардонд.

Дар нимроғ шуду ҷавонзани сиёҳчурдаи гесӯбуридае сар дароварда ба ҳар яке бо диққат, алоҳида-алоҳида нигарист ва боз дарро пӯшид.

Аз чӣ бошад, ки нигоҳи ин зан ба Занҷир хуш наомад, лаҳзае андешид, ки ӯро дар куҷо дидааст, аммо ҳеҷ дар ёд надошт. Бархосту дарро кушода, ба долон нигарист, он зан аз зина поён мешуд.

Вай алҳол рози дили худро ба Кабир гуфтан намехост, ҳанӯз ӯро ба худ ҳамрозу ҳамдард намедид, аммо метарсид, ки дили ҷавонро шубҳазор мекунад. Оқибат ба умеди он, ки аз гап гап мебарояду шояд, ки чорае биёбад, Занҷир гуфт:

— Ман шуморо ҳурмат дорам, лекин барои муҳаббати худро бахшидан ин кам аст. Муҳаббат аз дӯстӣ бармеояд мегӯянд, намедонам дуруст аст ё не. Албатта, аз як бор дидан ҳам ошиқ мешаванд, аммо ба фикрам, ин хел ишқ дар замони мо кам будагист. Бесабаб дилатонро алағда накунед — ман аз хонаи шавҳар ё аз побандии падару модар нагурехтаам. Барои як кори дупула... Як нокас рафтори таҳқиромез карду аз сари қаҳру ғазаб ё ситеза аз деҳа баромада омадам. Лекин ба гумони дигар наравед, ман бо ҳеҷ кас ишқбозӣ накардаам. Бо ҳеҷ кас, — ба таъкид такрор гуфт ӯ.

Кабир, ки ҳоло суханони вайро саропо гӯш гашта мешунид, филфавр савол кард:

— Равшантар гӯед, Занҷир. Ин ҷо деҳа не, ба ин хел гапу кори майда-чуйда ҳеҷ кас эътибор намекунад. Чӣ ҳодиса шуд? А?

— Ҳеҷ... — даст афшонд Занҷир. Вале вай пай бурд, ки баъди нӯги гапро кушодан, ҳамаро гуфтан лозим аст.

— Гӯед, — зорӣ дошт Кабир. — Илтимос мекунам, аз ман ҳеҷ чизро руст накунед.

Инчунин зорӣ ва хоҳишмандии пурисрори вай дили духтарро рам дод. «Миҷингу майдагап будаст, — гуфт ӯ ба дил. — Ҷавони илмнок ҳам ин хел мешудааст-дия. Сонитар, ҷояш ояд, мегуфтам ё мепурсид. Ба қадатон мувофиқ қад ёбед ҳам, ба дилатон мувофиқ дил намеёфтаед. Хайр, аслан ба вай ҳам айб мондан аз инсоф не, — лаҳзае баъд боз ӯро сафед мекард Занҷир. — Агар дар ҷои вай ин дам худам бошам ҳам, таҳқовӣ мекардам. Аслан, ба ин ҷавон ҷаро ин қадар айб мемонам?! Дар дуньё одами бенуқсон нест. Кабир сифатҳои хуб ҳам дорад, ҷои суст ҳам. Ислоҳ кардан мумкин аст. Бибиам мегуфтанд, ки агар духтар нағзу бадро озмуда, чашми ақлаш кушода шавад, шавҳар хуш карданаш мушкил мешавад...»

Кабир хоҳиши худро ба исрор такрор мекард. Занҷир бо як-ду сухан иктифо кардан хост, вале ҷавон таҳқовӣ карда, табъи ӯро коҳиш дод. Оқибат Занҷир бо дили нохоҳам ирода кард, ки мухтасар он саргузашташро бигӯяд. Ӯ аз он хусус ҳикоя мекарду ботинан ҳам ба худ, ҳам ба Кабир ғазабаш меҷӯшиду худро ҳақиру ночиз медид. Баъд аз дилаш гузашт, ки ӯ ғайриихтиёр бозичаи дасти ин ҷавони начандон дурандеш гардидааст. Бинобар он, вай захри аламашро бо ин суханони охирин ба Кабир пошид:

— Ана, ҳамааш ҳамин аст. Кофӣ? Хотиратон ҷамъ шуд? Бовар намекунед? Дуруст. Боввариро ба қарз, намегиранд, гадоӣ намекунанд, ақидаи ҳар кас ба қадри ҳимматаш. Ман гумон мекардам, ки дили ҳамаи одамон дили ман барин, барои ҳамаи бандагонаш худо гӯям ё

табиат як хел дил додаст, фақат забону фикрашон дигар аст, аммо ин тавр набудаст.

Кабир кинояи тунд ва оҳанги аламноки гуфтаҳои ӯро нафаҳмид ва ё пайхас карда бошад ҳам, эътибор надод. Аз ин гуна беэътиноӣ духтар беш аз ҳама оташин шуданашро намедонист. Ба ғайр аз ин, Занҷир чашмдор буд, ки ҷавон саргузашти ӯро шунида, ҳеҷ набошад «ҳамин ҳам гап шуд!» гӯён барои тасаллии ӯ хандида даст меафшонад. Аммо баръакс, дар банди шубҳа дармондани Кабир ба дили вай теғ зад, ҷароҳати синаашро намак пошид. Кабир ҳим-ҳимкунон хеле вақт дар хона пасу пеш қадам зад. Сонӣ манаҳашро дошта, мутафаккирона хомӯш монд ва оқибат пурсид:

— Кӣ вай? Ному фомилиаш чӣ? Батафсилтар гӯед. — Вай шубҳаомез ба чашми Занҷир менигарист, вале зуд чизи дигаре гуфт: — Боварам намеояд. Шумо ин хел духтар не. Батафсилтар гӯед. Ӯро дӯст медоштед?.. Яъне, гуфтанӣ будам, ки моил будед? Худ аз худ вай аз шумо умедвор намешавад-ку.

Ин суханон ба дили маҷрӯҳи духтар намаксой гаштанду ногаҳон дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Вай аз ҷояш бархосту ба назди каташ рафта, рӯмолча гирифт. Кабир зуд бархост ва аз машраба ба пиёла об рехта ба вай дод, як-ду суханони таскинбахш гуфт. Лаҳзае дигар аз миён гузашту Занҷир оромиш ёфт ва хиҷолатомез табассум кард. Баъд худ аз худ якбора ба сухан даромаду аз хусуси Бадалбек ва муомилаи ӯ ҳар чӣ медонист, ҳикоят кард. Ба назар чунин менамуд, ки дигар хомӯш будан наметавонад, ҳар чӣ зудтар ҳамаро гуфта, ин бори

гаронро аз дӯши худ афкандан мехоҳад. Сонӣ, чунон ки ба сухан сар карда буд, якбора хомӯш монд.

Кабир беқарор аз курсӣ бархосту дар хона қадам задан гирифт.

— Нокаси падарлаънат... Худаш духтар калон накардаст магар?

— Духтар дорад. Дар Институти тиббӣ. Ҳамона намегиред? — Занҷир хандид.

— Мазоҳ накунед, — гуфт Кабир ранҷидахотир ба чашми духтар нигариста. Сонӣ насиҳатомез ба сухан даромад:— Шумо ҳазл мекунед, лекин бисьёр мардон инро аломати сабукхӯӣ мепиндоранд, бинобар он...

— Чӣ бинобар он?

— Чашми тамаъ доранд.

— Наход? — ранги Занҷир канд, ӯ аз алам лаб газиду чи гуфтанашро надониста хомӯш монд.

Кабир ҳанӯз ҳам ҳим-ҳимкунон дар хона қадам мезад. Сонӣ рӯ ба рӯи духтар истоду гуфт:

— Занҷир... Ман отпуск мегираму ба деҳаатон меравам. Вай нокасро дида, як бор таъзир медиҳам. То ӯро аз карда пушаймон накунам, зиндагӣ ба ман ҳаром аст.

Аз дили Занҷир гузашт, ки Кабир ба ҳақиқати суханони вай бовар надорад, аз ин сабаб ба деҳа рафта, асли воқеаро аз даҳони дигарон фаҳмидан мехоҳад.

— Сонӣ? Сонӣ чӣ мекунед? — кинояашро пинҳон дошта пурсид Занҷир.

— Сонӣ меояму... агар розӣ бошӣ, тӯй! — Кабир аз киноя ва заҳрханди духтар бехабар, бори нахуст ба вай

«ту» гӯён муроҷиат кард ва барои маънӣ гирифтан ба чашми ӯ нигарист.

— Бадалбекро дида, чӣ мекунед? А? Мекӯбед? — сипас ба ин саволи худ гӯё ҷавоб медода бошад, тахминашро рӯирост баён кард: — Не, барои аз вай қасоси маро гирифтан намерафтагистед? Ҳамин тавр не, Кабир ако? Албатта, агар даркор бошад, аз одамон пурсед, фаҳмед, ба ман фарқе надорад. Ҳанӯз ман ба шумо розигӣ надодаам, умедвор нашавед. Лекин аз барои ман дар деҳа ягон гапу ҳодиса барнахезад. Илтимос... Барои қасоси ман наравед, — ӯ калимаи «ман»-ро шиддатноктар гуфту ба чашми Кабир нигарист — матлабро фаҳмидани ӯ аён буд.

— Шуморо агар нагирам, ман бадбахт мешавам,

— Афтатон бадбахт мешудагӣ барин не. Ё ин ки ба ин хел бадбахтиҳо хӯ гирифтагӣ баринед.

— Ҳазлро монед, ман бе шумо наметавонам. Барои ҳамин ҳам қасоси шуморо мегирам. Агар шумо муҳаббати маро рад кунед ҳам, сазои ӯро медиҳам. Агар ин корро накунам, дар дилам ҳасрат мемонад. Як умр ин беғайратию безардагиамро ба худ намебахшам. Фаҳмидед?

Занҷир тамкин нигоҳ дошту ин бор хомӯш монд ва оҳиста китф дардаҳ кашид. Нигоҳи вай ба нуқтае дӯхта шуд. Вай ҳеҷ дар тасаввур оварда наметавонист, ки Кабир аз Бадалбек чигуна қасос мегирад. «Наход, ки кӯбокӯб кунад? Не, ин кори аҳмақона аст. Чӣ кор мекунад? Одамони доною зирак кӯбокӯб карда қасос намегиранд, балки ба рақиби худ номаълум зарбаи ҳалокатовар мезананд, морро бо дасти дигарон

мекушанд. Ирина ҳамин тавр гуфта буд. Кабир чӣ хел қасос мегирифта бошад? Кӯбокӯб намекунад. Ҳеч намехоҳам, ки дар деҳа боз гапи ман барояд. Худо нишон надиҳад. Аслан, ман ба вай аҳмақ қасд-паст надорам. Хуб, дастамро дошт, барои ҳамин қасос? Он замон гӯл будам... Аммо Кабир гӯл не-ку, чаро қасос мегирам мегӯяд? Ё ҳамту, ҳавои даҳан мекунад, кӣ медонад?! Аҷаб не, Бадалбек гӯям, гумон дорад, ки як қишлоқии аноӣ аст, аз дӯғу пӯписаи вай метарсад. Бечора бехабар аст, ки ӯ вай барин ҷавонҳои шаҳриро ба дарьё ташна бурда, ташна меорад. Эҳ, мехостам, ки шавҳарам аз ман донотар, ба ақлу ботадбир бошад, дар ҳар кор аз вай маслиҳат пурсаму ба ақлу тадбираш қоил шавам. Албатта, ҳамаи мардон донишманд нестанд, баъзеашон дар хонадон ақли зан қатӣ кор мекардаанд. Аммо ман мехоҳам, ки шавҳарам дар ҳар бобат раҳбаладӣ ман бошад...

— Шубҳа кардеду ман ба шумо саргузаштамро гуфтам. Намехоҳам, ки боз дар деҳа гапи ман бархезад. Ман, шахсан, ба Бадалбек ҳеҷ хусумат надорам. Дастамро дошт, ҳамин ҳам гап шуд? Хайр, барои мардуми деҳа гап аст. Агар ҳатман диданӣ бошед, метавонед, ки ӯро дар шаҳр ҳам бубинед. Қариб ҳар моҳ меояд. Ба назди ман ҳам меояд, — гуфт Занҷир то ки ҳеҷ чизро аз Кабир пинҳон надошта бошад. — Моли колхозро оварда, ба гӯшт месупорад, боз дастьёри калонони район аст, ташвишаш мӯл...

— Ба ин ҷо омад?.. Ба хобгоҳ? — чашмони Кабир қариб аз косахона берун баромаданд. Овозаш дигаргун

садо дод, ки инро нафақат Занҷир, балки худаш ҳам пай бурд. — Барои чӣ? Чӣ мақсад катӣ?

— Дар таҳи дарвозаи фабрика борҳо роҳамро мепоид. Ман ба суханаш гӯш накарда гурехтам. Натарсед, ба ин ҷо наомадаст. Сонӣ ҳазломез илова кард: — Хуб, ба ин ҷо биёяд чӣ? Ана, шумо омадед, ҳеҷ гап нашуд- ку. Ин қадар тарсидед? — бо ин ҳазлҳо аслан, Занҷир ба Кабир гилагузорӣ дошт.

Аз он ки Кабир ба дурустии суханони ӯ бовар надорад, Занҷир ботинан алам мекашид. Аз он зачр мекашид, ки бегуноҳии худро ҳаргиз ба вай собит карда наметавонад.

— Ту ҳаргиз парешон нашав, — Кабир боз ба духтар «ту» гӯён хитоб кард ва равшан буд, ки ин ба ӯ хуш меояд. — Ман мегардам, мефаҳмам, илоҷашро ёфта, коре мекунам, ки... Дар дили ту, азизам, алами нотавонии он рӯзинаат намонад.

Дар чашмони Занҷир шарорае гӯё чароғак зад, дар чеҳрааш шодмонии беғубор гул кард, лабонаш ба табассуми ширини хушбахтона моил шуданд. Табассуми вай чунон ширину беғаш буд, ки ҳар инсоне ба он ночор бо табассум ҷавоб медод. Аз як назар кас бовар мекард, ки дар дили ӯ норостие пинҳон нест, ӯро ранҷонидан, фирефтан уболи сахт аст, ӯро дӯстдор набудан, аз ӯ даргузашта, дигареро тарҷеҳ кардан ғайриимкон аст.

Дарбони хобгоҳ Катя-хола дарро кушода, ба ҳар ду як-як нигаристу баъд ба Занҷир рӯ оварда гуфт, ки кадом як хешовандат омадаст, туро кофта наёфт, дар поён нигарон аст. Сонӣ ӯ ба Кабир рӯ оварда гуфт:

— Ту ҷавони навқирон, вақту бевақт моро дар ғафлат дида, ба хобгоҳ надаро! Рӯз бегаҳ мешавад, дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? Бори дигар берухсат дароӣ, ба директор мегӯям. Зуд бирав.

— Ман бегона не, ба назди ҳамкорон омадам.

— Ин ҷо хобгоҳи духтарон аст, беиҷозат даромадани мардон — манъ! Фаҳмидӣ? — Катя-хола бо зарда дарро пӯшид.

Кабир дар хиҷолат монду сурх шуд ва ночор хайрухуш карду рафт.

Дар таҳдари хобгоҳ Занҷир ҳамон ҷавонзани муйбуридаро, ки ним соат пеш аз ин дарро нимроғ карда, нигариста буд, нигарон дида, тааҷҷуб кард.

— Шумо маро меҷустед?

— Ҳа, гардам. Дар пешатон одам буд, надаромадам. — Ӯ даст дода бо Занҷир ҳолҷӯӣ кард. — Бед, ҳу, дар хараки таҳи чинор нишаста, гапзанон кунем. Ман ду даҳан ба шумо гап дорам, гардам. Ба фоидаи шумо. Ҳайрон нашавед.

— Шумо кистед, ман намешиносам.

— Ҳозир ҳамаашро мегӯям.

Занҷир ба ҷавонзани ношинос зеҳн монда нигарист. Сару либосаш — ҳама аврупоӣ, орою торояш ҳам, пӯсти рӯяш дурушт, ҳатто таҳи пӯсташ майхораҳо барин кабудча метофт, ба кас чашмони сиёҳи калон-калонаш худбоварона менигаристанд.

— Занҷир, сухани маро ба диққат гӯш кун, — гуфт ӯ баъди дар харак нишастан, — Кию чи кора будани ман аҳамияте надорад, маро донистани ту зарур не. Агар даркор шавӣ, ман доим туро меёбам. Аз ҳар як қадами

ту бохабарем... Пӯсткандаи гап ин ки беҳуда сари ин бачаро гаранг карда нагард, духтар. Ин гӯсолача бо он одаме, ки талабгори ту аст, сар ба калла зада наметавонад. Ту духтари боақлу ҳуш, ҳоҷати ин нағзу он бад гуфта фаҳмонданам нест. Ин бача ба нохуни он мард баробар намешавад. Вай марди мардон куҷою ин бодичаи фиси биниашро пок карда наметавонистагӣ куҷо!.. Бечора мардак туро чунон нағз дидаст, ки тайёр аст барои ту аз бахри ҳама чиз брояд. Гап ҳамин: бахтатро пешпо назан, беақлӣ накун, ҳаётатро нашикан, духтар, фаҳмидӣ?.. Ба ман нигар, охир Бадалбек аз он бачаи кафангадоят хушруйтар-ку, бефаҳм!..

Ба ин тарз ту-тукунон омирона сухан кардани ин ҷавонзан Занҷирро ҳайрон карду дарҳол ба ӯ ҷавоб гуфта натавонист.

— Ҳеҷ нафаҳмидам...

— Худро ба гӯлӣ назан, духтар, — муйбурида зуд сухани ӯро бурид. Ҳамаашро хуб фаҳмидӣ. Боз мегӯям: беақлӣ накун! Ба ҷони ҷавонат ҷабр мешавад. Вай агар хоҳад, дар як шаб туро бурда ба бағалаш меандозанд. Ҳа... Шукр кун, шоҳдухтар барин зиндагӣ мекунӣ. Ба гапи ҳар кас даромада, аҳмақ нашав. Бадалбек туро аз ҷонаш азиз медорад, дигар кас, агар дар сараш ҳафт шох дошта бошад ҳам, туро гирифта наметавонад, дониста мон! Либосҳои тӯҳфаашро пӯш. Ма, ин рӯмоли ҷопонӣ ба ту, — ҷавонзан тӯҳфаи коғазпечро рӯи зонуи Занҷир ниҳод. — Агар ба вай расӣ, ҳам худат, ҳам падару модарат осуда...

Занҷир аз ин гапу корҳо тамоман саргаранг, ҳушашро ба сар ҷамъ карда наметавонист.

— Даркор не! — Вай тӯҳфаро баргашта ба ҷавонзан дароз кард, аммо вай аллакай дар паҳлӯяш набуд.— Тӯҳфаатонро гиред! — Занҷир бо шаст онро ба сӯи зан партофт.

Садои пӯшидани дарҳои мошин ба гӯши вай расид, баъд якбора «Волга» ғурриду чароғакҳояшро дарнагиронда, бо шаст ба роҳ даромад ва дар тирагии говгуми бегоҳон аз назар ғоиб шуд.

## 9. Амаки Исмоил

Падару модар ва хешовандони наздики Кабир — ҳама одамони аз соҳаи илм ва ихтисоси замонавӣ барин касбу корҳо дур буданд ва дар инчунин арса машғул гаштани фарзандонашонро чандон хоҳиш надоштанд. Падараш Исмоил пас аз чанд воқиаи бебарориаш, ки буду нобуди вайро, ба қавли худаш ба бод дода буд, ба ҳар навъ писарро дорои дипломи донишгоҳи олӣ дидан мехост, зеро диплом надоштанаш дар зиндагӣ ба вай сахт асар карда буд.

Соле, ки Кабир мактаби миёнаро хатм кард, амаки Исмоил дар як магазини калон гӯштфурӯш буд. Аз шӯъбаи гӯшт, албатта қаноатманд буд, лекин ду сол пеш аз ин вай мудири он магазини калон, аз тоифаи онҳое буд, ки хурду калони шаҳр «ин ҷо биё, ин ҷо гузар» мегӯянд. Он рӯзҳо дахлаш — оби равон барин, бахташ ҳам, табъаш ҳам хандон, ҳукмаш ба хурду калон мегузашт, мардум «амаки Исмоил» гӯён ба наздаш меомаданд, «ба мо ягон хизмат надоред» гӯён мепурсиданд ва агар аз ӯ хоҳишеву талабе бигиранд, ба

худ мояи фахр медонистанд. Аммо ногаҳон бахт аз вай баргашту пешпо хӯрд. Як ҷавони ба ду пул намеарзидагӣ хархаша бардошта, айши ӯро талх кард. Аз одам бахт агар баргардад, ҳамин тавр мешудаст, — мегуфт ӯ. Нотавонбину бахил миёни ӯро шикаст. Як бачаи косагадо-я! Дар ноомади кор атола дандон шиканад мегӯянд, сад фоиз дуруст будаст. Дар назар ҷавони қобилу гапдаро менамуд, бинобар он ӯро дар магазин сардори гурӯҳи назорати халқӣ таъин кард. Аз миён се-чор моҳ нагузашта ҷавон аз худ рафт, дар кори ҳама нуқсон ёфта, ба мудир пешхезӣ намуда, ба рӯяш давидан гирифт. Худро бо саг дар як ҷувол андохта, будасту бехабар. Магазини калон бе ҷанҷолу ханҷол мешавад магар? Фурӯшандаҳо ҳар рӯз ҳазор хел одам катӣ муомила доранд. Харидори инҷиқе тухми андаке пачақро намегирам гӯяд, фурӯшанда ҳам ба ҷонаш расида, он тухмро ба сӯи вай ғуррондаст, яктааш сад грамм макарон ё конфетро кам додаст. Хулоса, ин ҷавон, ман ҳомии адолатам гӯён, ҳамаи ин майда-чуйдаҳоро дафтар карда, сари ҳамаро ба дард овард. Аксар аз ӯ безор шуданд, ҳатто аз кори магазин гурехтанӣ буданд. «Ба дигар магазинҳо назорати халқию обехес соле як-ду бор андармон шавад, ба мо ҳар рӯз» мегуфтанд онҳо бо шикоят ба назди мудир омада, Исмоил охири солро нигарон нашуда, ночор кори гурӯҳи назорати халқиро ба муҳокима гузошт ва онро ғайриқаноатбахш бароварду магазинро аз ин балои худӣ халос кард. Дигар дар ин магазин кор кардани он ҷавон барои ӯ хатарнок менамуд. Ариза навису ба хоҳиши худ бирав гуфт, аммо ҷавони якрав

нахост. Дигар бачаҳо ҳамин, ки мудир катӣ гапашон қӯр нагирифт, худашон ариза дода мерафтанд. Исмоил ночор ду-се гуноҳро ба гарданаш дайн карду ӯро аз кор биронд. Одами ганда катӣ баробар нашав мегуфтанд, рост будаст. Дар боло ягон касаш будаст магар, ки бача ғавғоро то назорати халқии республика, суду прокуратура бурд. Ӯро ба кор барқарор карданд, шаш моҳа муздашро рӯёнда доданду бо ҳамин магазин аз дасти Исмоил рафт. Якбора қассоби оддӣ шуду монд. Дигар ба вай магазин надоданд, дипломат нест гуфта баҳона карданд. Агар мудири магазин мебуд, Исмоил писарро ба ҳуқуқшиносӣ ё ҳеҷ набошад, ба иқтисодиёти савдо хононданӣ буд.

Ҳамкорон дар байни харидорони ӯ як марди мӯйсафедро муаллими донишгоҳ гуфтанду Исмоил бо ӯ шинос шуд ва як соли расо бенавбат гӯшти беустухон дода, дилҷӯӣ кард, аммо он муаллим илтимоси ӯро аз хусуси писараш шунида, «ман дар имтиҳон нестам, лекин шиносҳо ҳастанд, вақти имтиҳон расад, мебинем» гуфту рафт. Исмоил ба ин хел савдои насья хушаш набуд. Як ошнояш аз универмаг пор факультети иқтисодиро гӯру бало карда ғоибона тамом карда буд. Исмоил барои маслиҳат ба назди вай рафту ба тавассути ӯ бо ду нафар муаллим шиносо гашт, ба онҳо зиёфат доду сонӣ Кабирро ба зиммаашон партофт «Ман дар хизмати шумо...» гӯён дилашонро пур кард. Аммо ба курси савдо ҳама бачаҳои пушташон зӯр омада будаанд, онҳо дукаса зӯр зананд ҳам, дохил карда натавонистанд. Ана, ба ҳамин тариқ Кабир ба ночор иқтисодчии корхона шуд.

Кори Исмоил барор накард, ки накард. Кабир дар курси охирини донишгоҳ буд, боз як кори чигил бархосту кораш ба суду прокурор афтод ва то сарашро аз он бало халос кардан, ба қавли худаш, «луб-луч» гашт. Баъди ин моҷаро ӯро ба нафақа бирав гуфтанд.

Исмоил баъзан дар хилват нишаста, фикр мекард — фикр мекарду алам мекашид, ки кор кард-кор карду оқибат фиреб хӯрд. Вай як умр аз дигарон худро боақлтару зирактар меҳисобид, аммо охиру охирон ба ин ҳол афтоданаш ӯро алам мекард.

Ҳоло дилаш мехост, ки писараш таҷрибаи ӯро дастури ҳаёт созаду алами падарро аз дил барорад, аммо ин бечора ба фабрика афтода, ба моҳона нигарон аст. Исмоил ӯро талқин мекард, ки касбу корашро партояду худро ба кори савдо занад. Аммо идораҳои савдо дастур гирифтаанд, ки мутахассисони соҳаи дигарро ба кор нагиранд, бинобар он, дӯстонаш илтимоси Исмоилро қонеъ карда натавониста, ҳайрон монданд. Аммо ӯ ин гапҳоро баҳонае беш намеҳисобид. «Агар хоҳанд, ба ҳазор усул роҳашро меёбанд, — мегуфт вай бо алам. — Қонунро ҳам ману ту барин одам баровардагӣ, барои ин одамон қонун ҳеҷ корро манъ намекунад. Ҳозир агар ҳазор сӯмака ба пешашон партоям, раҳаша меёбанд! Агар нахоҳанд, қонуну қоидаро сабаб месозанд. Аз ману ту ба онҳо фоидае намерасад, писарам. Ҳа. Қонун чист? Қонун девори ҳавлӣ барин чиз аст. Барои ба ҳавлӣ даромадан девора кандан зарур не, рахна ёфтан даркор, — талқин дошт ӯ ба писар. — Ана, масалан, қонун мегӯяд, ки дар ду ҷо соҳиби ҳавлию хона будан мумкин не. Лекин аз худи ҳамин маҳалла чанд кас дар шаҳр ҳам

ҳавлию ҳам хонаи давлатӣ доранд, ман медонам. Ана, дар бозор...»

Амаки Исмоил баъди ба нафақа баромадан аз муқимиёни бозори шаҳр буд. Аз хешу табори дуру наздик гирифта то шогирду ҳамкорони собиқаш се-чор кас дар дӯконҳои сабзавоти шаҳр кор мекарданд. Сабзӣ, пиёз, ангур ё ягон меваю сабзавоти бозоргир ба дӯкон ояд, хабар медоданд. Амаки Исмоил тохта мерафту чор танга зиёдтар пул дода, дар танаффуси нисфирӯзӣ ё тарафи бегоҳ ду-се линга сабзӣ, пиёз ё дигар меваю сабзавотро сара карда, чинда мегирифт ва онро ба бозор мебурд. Ангур дар дӯкон ҳаштод тин, дар бозор ду-дуним сӯм буд. Ана, ба ҳамин тариқ ҳар рӯз ӯ ба хонааш чил-панҷоҳ сӯм ёфта меомаду коркарди писарашро назару писанд намекард.

Аммо Кабир бо роҳи дигар рафтан мехост. Ӯ дар дил шуғли падарро парвози мурғи хонагӣ меҳисобид. «Не, ман аз роҳи падар намеравам. Ман барои як-ду кирми ночиз монанди мурғ аз ҳавлӣ ба сари девор парида, ба лаби ҷӯйи бадбӯй намефуроям. Ҳолӣ мебинанд чи гуна ба мисли шоҳин дур ва баланд паридан насиби ман мегардад. Афсӯс, ки ҳеҷ муттакое надорам, агар як каси кашола мекардагӣ меёфтам...»

Вай худро барои ин парвоз тайёр мекард, аз ҳар як василаи хурдтарин истифода мебурд. Ҳамеша боадаб, дасташ ба сари сина, сари хам бо роҳбарони корхона муомила дошт, ҳангоми вохӯрӣ табассум дар чеҳрааш гул мекард, ошкоро ҳеҷ касро танқид ва мазаммат наменамуд. Вай хуб медонист, ки танқид фоида надорад. Гунаҳкор ҳазор сабабу баҳона меёбаду агар ошкоро

изҳор насозад ҳам, ботинан гапу кори худро ҳақ меҳисобад. Сониян, ӯ ҳатман ба танқидкунандааш кина мегирад, ҳамеша мавридеро нигарон мешавад, то қасосашро ситонад. Бинобар он, Кабир ҳамин ки сабабе меёфт, оҳиста ба тавсифи ин ё он раҳбари корхона мепардохт. Ин чаҳди вай барҳадар нарафт, роҳбарон зимнан ӯро ҳамчун як чавони қобилу фармонбардор таҳти назар гирифта буданд.

Ин шаб амаки Исмоил баъди таоми шомро хӯрда, фотиҳа хондан, чойники чойро пеш кашиду чойи онро се бор ба пиёла рехта, гардонд ва маънидорона ба рӯи писар нигарист.

— Корат тинч аст?

— Ҳа, тинч.

— Моҳона катӣ мегардӣ? То кай? — Ба саволи худ чавоб нагирифту боз савол кард падар.— Ҳолӣ ёфти ман катӣ рӯзгорамон аз яке пеш, аз дигаре қафо мегузарад. Ман ҳам пир шудам. Дар пеш тӯи ту, боз хоҳаракат ҳаст. Фикр кун, писарам. Аслан, ман ҳам аз кори савдо безорам. Касби ман пойафзолдӯзӣ буд. Лекин чӣ илоч, ба рафти об нигариста рафтан даркор.

Кабир пай бурд, ки падар барои ӯ боз ягон кору вазифа ёфтааст. Боз ягон дӯкон бошад, ё ягон хел корхонаи ба қавли аҳли савдо, «левакдор» пайдо кардааст. «Сабил, худи ҳамин калимаи «левак» аз кадом забон омада бошад?» — аз худ савол дошт Кабир.

— Чӣ илоч, додо, корхонаи мо «левак» надорад. Дораду хавфнок. Анбори матои тайёрро дузд зад, ҳозир кофта-кофта, нӯги калоба дар корхона будаст, мегӯянд.

Арғамчини давлат дароз аст, оқибат ба банд мефурорад. Модом ки ҳамин хел аст, роҳи бехавф нағз не?

— Ин хел duздию анборзанӣ кори аҳмақон аст. Моли давлатро дуздида мешавад?! Аз одамони боақлу ботадбир кор ёд гир. Ана, Мардон писараш катӣ як дӯконро гирифту худи ҳамин сол мошин харид, ҳавлиашро нав кард. Ману ту аз онҳо чӣ камӣ дорем?

— Дӯкони меваю сабзавот?

— Ҳа, як дӯкончаи хурд, ҳу, дар рӯ ба рӯи ҳаммом. Як мошин помидор аз база гирад, ду мошин аз чапу рост мегираду мефурӯшад. Хоҳу нохоҳ, рӯи ширро аҳли савдо мехӯранд, писарам, мондагиашро дигарон.

— Не, додо, саршир ҳозир насиби онҳо не. Сабзавот ҳам, матоъ ҳам, сару либосу ашьё ҳам аввал ба база меояд. Аз база киҳо гирифта метавонанд? Касоне, ки нуфуз доранду гапашон мебуррад. Аз онҳо монад, сонӣ ба аҳли савдо мерасад.

— Ҳар кас ба кӯрпааш нигариста пой дароз кунад, нағз аст, писарам. Ману ту аз он тоифаҳо не. Ризқи ҳар кас дар пешониаш навиштагӣ мегӯянд. Ба пои дигарон пой дароз мекунам гуфта, чанд кас чатанашро дарронд. Акнун ту хурд не, ҳавасҳои бачагонаро аз сарат барору парто, кори шуданиро фикр кун. Агар аз тӯбу тухми мо дута-сета ин хел одам мебуд, гапи дигар, туро кашола мекарданд.

— Дар мамлакати мо давлат дар дасти халқ аст. Тарҷумаи ҳоли ҳамаи ҳамин вазиру раис таъин шудагиҳоро хонед — ману шумо барии одамони оддӣ будаанд: коргар, муаллим, ҳисобдор... Онҳо ҳам ману шумо барин одам, чӣ зиёдатӣ доранд?! Албатта, агар як

нафар пушту паноҳ медоштам кайҳо ман ҳам соҳиби ягон идора мешудам, лекин...

— Ҳамон пушту паноҳ, ки нест, қаноат кун. Дар ин шаҳр ту барин кайки ман ароба мекашад гӯён гаштагиҳо лак-лак.

— Не, ман то ҷон дорам, зӯр мезанам, роҳашро меёбам. Овезӣ, ба дори баланд овез, мегӯянд.

— Зӯри беҳуда. То як дастгират нест, ба ҷое намерасӣ. Ман мегум, ҷудо агар мансаб гирифтан хоҳӣ, ҳамон директори бозор катӣ хеш шавем-чӣ? Чор тараф катӣ алоқааш ҳаст, одами будаманд.

— Боз аҳли савдо! — даст афшонд Кабир. Сонӣ пурсид: — Бадавлат аст?

— Ба худаш мувофиқ. Чашми духтараш андак нуқснок будаст, аммо чашму рӯяш бастагӣ, духтарони илмнокат барин бепойҷома не, сарлучу танлуч не.

— Вай, шӯрам хушк шавад, — модар, ки то ин дам гуфтугӯро хомӯш гӯш мекард, даст ба пешонӣ зад. — Ба моҳ барин писар духтари чашмаш нуқснокро кӣ арӯс кардааст?! Монед-е, ҳама механданд.

— Хуб, мондем,— киноя кард падар,— модару писар арӯси мувофиқи табъатонро ёбед.

— Хайр, ёфт мешудагист,— гуфт модар аз ғазаби падар рам хӯрда, бо овози паст. — Мулки худо танг не, пои фақир ланг не. Шукр, писарамон олимаълумот бошад, афту башараашро каси дидагӣ, боз бинам мегӯяд... Холаю аммаҳои чор тарафро мекофтагӣ надорад, набошад, ба ҳар тори мӯяш — як духтар!

— Ҳамон духтари фабрикааш чӣ шуд? — пурсид падар ин дафъа аз модар.

— Аз кор фориғ шавам, як бор ба деҳааш мераваму сонӣ яктарафа мекунам. Таҳу тӯбашро фаҳмида омаданиам, — гуфт Кабир.

— Аз вай ҳамин калу кӯри худамон беҳтар аст, — писарам. Ҳозир ба гапи ман механдию сонӣ пушаймон мешавӣ. Ҳусни зан гули намозишом барин, чашм кушода мепӯшию мегузараду меравад. Хешу табори зан ҳам ба одам даркор, баъзеҳо дар сояи хусур одам шуданд, ба сарат мушкиле афтад, мададгор аст. Парерӯз ба идораи раиси маҳалла даромадам, ману вай дар як тубак шишта калон шудагӣ. Домодаш дар комбинати гӯшт кор мекард, каму беш гӯшт катӣ ба даст афтодаст, «як бало карда халос кардам» мегӯяд. Ду соат барин дар идорааш гапзанон шиштам, коргари пешқадамат ҳам омад, ҳу, сурataш дар боғ ҳаст-ку, ҳамон муаллими номдорад ҳам омад, дар сари синааш нишони аълочӣ задагӣ. «Кор бисёр, имрӯз қабул нест» гӯён ҳамаашро аз таҳи дар гардонд. Як муаллими институт омад, «ин одами даркорӣ» гӯён кори ҳамонро соз карда доду, сонӣ як ҷавон омад, устои мошин будаст, коғази ҳамонро мӯҳр монда дод. Дидӣ? Коргар, муаллим, инҷинер дар корхонаи худаш эътибор дорад, писарам, ҳамин ки аз дарвозаи корхонааш берун баромад, вай сангу тарозуе, ки гаштаю баргашта радио мегӯяду тиливизор мехонад, эътибор надорад, мардум агар ҳазор кунӣ, сангу тарозуи худашон қатӣ баҳо медиҳанд. Менигаранд, ки аз дастат чӣ кор меояд, ба онҳо чӣ нафъат мерасад. Дигараш гап аст!

Кабир дар ҷавоби гуфтаҳои падар муддате ҳарфе назада, хомӯш буд. Ба дил иқрор мекард, ки падар

муҳити рӯзгори худро медонад ва аз рӯи таҷрибаи бардоштааш амал мекунад, аммо аз ин зина болотарашро намебинад. «Сад задани сӯзангар — як задани оҳангар аст, додоҷонам!.. Аслан, сабаби беқадрии касбу ҳунар, ихтисос, чӣ бошад? Чаро коргару муаллими пурҳунар эътибор надораду устои мошин ё мудири магазинро аз онҳо пеш мегузаронанд? Инҳо серпул, инҳо ҳоҷатбарорӣ карда метавонанд. Хуб, агар ҳамин усул давом кунад, оқибат чӣ мешавад, ба куҷо мерасем? А?.. Оянда чӣ ҳол мешавад, агар дониста кор кунад, одам фиреб намехӯрад.»

— Хуб, гап зан Кабир, чӣ мегӯӣ? То кай сабр карда шинем? — сухани падар риштаи андешаҳои Кабирро канд.

— Ман отпуск мегираму як бор ба деҳаи ҳамон духтар равам, додо, сонӣ маслиҳат мекунем.

— То кай кор карда мегардӣ гуфтаниам? 140 сӯм қатӣ умратро мегузаронӣ. Туфлии поят — 60 сӯм, писарам!

— Пул намегурезад, додо, — гуфт Кабир аз дастархон чашм набардошта. — Монед, ман зӯр зада бинам. Бачаҳо даҳ-понздаҳ сол ба моҳонаҳои садсӯмию саду бистсӯмӣ қаноат мекунанд, то ки ба мақсад расанд. Баъди ба як ҷо расидан қусури даҳ солро дар як сол мебароранд. Як бор ба доираи баланд дароед, бас, то зиндаед, шумо паст намефуроед.

— Хайр, ман ин доираю усули туро намедонам. Он хел одамон ба мо корафтода намешуданд.

— Ҳа, ана ҳамин хел, ман ҳам мехоҳам, ки ба ин майдасавдогарони шумо мутеъ набошам. Аз ин бист сол пеш як директори корхонаамон вафот карда будаст. То

ҳол фарзандонаш ба зару зевар ғӯтида мегарданд. Як ҷӯраи сирдонам гуфт, ки ҳоли чандин сандуқ моли кушода надидагиашон ҳаст. Шумо бошед караму картошка гуфта мегардед.

Нақли мухтасари сӯҳбати имшабаи онон агар такрору руҷӯъҳои нолозим ва «Эҳ-ҳа! Ӯҳ-ҳӯ!» - ҳои беҳисобро мансух созем, чунин буд ва ба ҳамин сурат идома дошт. Амаки Исмоил, ба тарзи худ, ҳар чӣ зудтар чашми писарро ба зиндагӣ кушодан мехост, ғаразаш ин буд, ки Кабир пульёб бошаду дар зиндагии ӯ миёнашро сахтакак баста гирад, зеро амин буд, ки пулу мол фарзанди одамиро аз ҳама офатҳо балогардон аст. Бинобар он ҳам, ба дастархон фотиҳа хонда, пас аз талаби мағфират доим ниёиш дошт, ки халлоқ ӯро ва аҳли хонаводаашро сиҳатӣ, хотири ҷамъ ва барори кору бениёзӣ диҳад, бас аст, дигар ҳамаро ба пул харидан метавонанд.

## 10. Имомалӣ

Баъди аз деҳа рафтан Занҷир ҳар сари вақт ба хонаашон мерафт, аммо омадурафти ӯро аз ҳамдеҳагон аксар ҳеҷ кас намедид. Шомгоҳон, аз деҳа ним фарсанг дур, дар роҳи калон аз мошин мефуромаду аз пайраҳаи миёни пахтазор меомад ва субҳи барвақт боз бо ҳамон роҳи бекас ба шаҳр бармегашт.

Аз ҳамдеҳагон ҳанӯз ба таъна монанд сухане ё ишорате нашунида ва надида бошад ҳам, ҳар бор аҳли хонавода чӣ гуфтани одамонро начакқондаю нарезонда ба вай мерасонданд. Дар пахтазор занону духтарон чиҳо

мегуфтанд, дар ферма аз ваҷҳи ӯ чӣ гуфтугузоре мегузашт, асосан, ба вай маълум буд, бинобар он ҳам, ҳеҷ касро дидан намехост. Бибӣ ӯро таскин медоду мегуфт: — Парво накун, аз қафои пайғамбар ҳам ғайбат мекунанд. Занро худо аз қабурғаи чапи ҳазрати одам офаридагӣ мегӯянд, бесабаб не. Миёни зану мард агар моҷарое хезад, доим занро айбдор мекунанд. Як зарра ба дилат нагир. Чӣ илоҷ, шуданӣ кор шуд, забони ҳамаи моро кӯтоҳ карда рафтӣ. Як бор обгирӣ баромадам, Хадича — зани Назар дар кӯча фата-фата карда Мухтори бригадир катӣ гап мезад. Афту андом қурбоққаи сиёҳ барин, туф аз даҳон пошида гап мезаду боз ҳар бор «акаи биргад, акаи биргад» гӯён аз остини мард мекашид. Баъди Мухтор рафтан оҳиста гуфтам, ки ҳой духтарам, мард катӣ дуртар истода гап зан, мабодо занаш ё шӯят бинад, чӣ мегӯяд. Чунон берӯй будаст, якам бидиррос зад, ки ҳеҷ мон. «Ҳамин насиҳата ба набераатон мекардед, намешуд, овораи олам намегашт, — мегӯяд. «Ман дар рӯзи равшан, пеши назари халқи олам гап мезанам, бибиҷон, заҳрханда мекард бадбахт, — агар шабу нимишаб дар ягон хонаи хилват мебудам, ин гапро гӯед...» Ҳеҷ гап не, духтарам, ту бегуноҳӣ, ҳар касе, ки бегуноҳро таъна кунад, оқибати хайр надорад чунон расво мешавад, ки... Ба гапам бовар кун, агар зинда бошам, мебинам, не, агар набинам, ту мебинӣ...»

Аз ҳамин сабаб Занҷир ба тӯи додараконаш ночор, бо гардани баста омада буд.

Шаби аввал ба оши маслиҳат, ки як гӯсфанд кушта буданд, асосан, бист-бисту ду нафар мардони обрӯманди деҳа ва хешу табори наздик хабарӣ буданду Занҷир

хотирҷамъ дар ошхона ҷунбуҷӯл дошт, зеро медонист, ки аз занҳо имшаб ҳеҷ касро намебинад.

Меҳмонон таомро хӯрданду аз миён дастархонро бардошта, пойҳоро дароз карданд. Сарони деҳа дар вазъи чойхӯрӣ оид ба сарфу хароҷот ва тартиби тӯй ба соҳибхона чанд савол дода, вазъи ҳолро фаҳмиданд, як тойину як гӯсфанд куштани ӯро шунида, маъқул карданд, сонӣ чанд маслиҳати дигар доданду бархостанд. Баъди саранҷоми корҳои асосӣ наздикони хонавода ҳам хайрухуш карда рафтанд.

Баъди ҳама рафтан ногаҳон дар рӯи ҳавлӣ Шогадо пайдо шуду аҳли хонадон бо ҳайрат ба ӯ рӯ ба рӯ баромаданд. Имомалӣ пеш рафт.

— Ҳа, ба хайр, акаи Шогадо? Тинҷед? — ба авзои меҳмони бемаҳал зеҳн монда нигаристу бахри вохӯрӣ даст дароз кард Имомалӣ. — Кадом шамол парронд?

— Шамоли тӯй-да... Муборак... Хуб, тинҷед, охир?

— Ҳа, шукр. Барвақттар наомадед... — Имомалӣ дар тааҷҷуб чашмаш ба даҳони Шогадо буд.

— Андак ба ту гап доштам.

— Ба хона дароед.

— Не. Дар ҳамин чорпоя шинем, — Шогадо ба чорпояи зери тути балхӣ ишорат кард. — Ду даҳан гап... Як кас таъин кард, қарз намонад, гӯям...

— Хӯш-хӯш?

Шогадо чи навъ сухан сар карданашро андешида, лаҳзае хомӯш монд. Занону бачаҳо ба хонаҳо даромада сокит шуданд. Дар оғил модагов оҳиста «ҳу-у» гӯён овоз баровард. Аз ҳавлии ҳамсоя хурӯсе пар афшонду дурудароз ҷеғ зад. Саг ғишингос зад.

— Чӣ воқеа, тинҷӣ охир? — тоқаташ тоқ гашту боз пурсид Имомалӣ.

— Тинҷӣ... Оши маслиҳати тӯй будаст... Бадалбекро нагуфтӣ, хуб накардӣ. Кина нагирӣ, хуб аст, — гуфт оқибат Шогадо ба овози аз ҳамешагиаш ҳам пасттар.

— Барои ҳамин омадед?

— Не. Аз ман хафа нашав... Бадалбек фиристод. Ягон ёрдам лозим бошад, гӯй. Вай як тойинро тӯёна овардanӣ. Ҳар ду ҳам ба гузашта салавот гӯед, вай ба баҳонаи тӯй оштӣ шавем, мегӯяд. Дасти оштира нагардон, ҳеҷ барака намеёбӣ. Вай ба Занҷир қасдона кор накардаст. Хайр, нағз дидаст, вақти мастӣ худаша дошта натавонистаст. Ҳозир ҳам вай тайёр аст, барои Занҷир бо сараш чоҳ канад...

— Хайр, бас, акаи Шогадо, — гуфт Имомалӣ бетакаллуф, ту-тукунон сухани ӯро бурида. Азбаски вай ҳаргиз одати суханбурӣ надошт, Шогадо бо тааҷҷуб ба чашми ҳамсуҳбаташ нигарист. — Мақсади омаданатро фаҳмидам. Ба хӯҷаинат рафта гӯй, агар дуньё чаппаю роста мегашта бошад ҳам, ман вай катӣ ҳамгап намешавам. Касе, ки имон надорад, виҷдон надорад, чӣ инсон аст?! Худо хоҳад, ҳолӣ ҷазою сазои кирдораша мебинад. Аз духтараш мебинад, аз писараш мебинад. Аллакай аз шаҳр хабараш меояд...

Имомалӣ заҳри алами як сол боз аз ваҷҳи духтар дар синааш ғун шударо ба Шогадо якояк гуфта, дилашро холӣ кард. Ба ин қадар сухангӯии вай на фақат Шогадо, балки аҳли хонавода ҳам, ки аз дару тиреза онҳоро мушоҳида мекарданд, ҳайрон буданд.

— Имомалӣ, аз кинадорӣ додарам, ҳеҷ кас барака наёфтааст, — Шогадо ҳамвора як гапро такрор мекард. — Чӣ ёрдам даркор аст, гӯяд, буд мекунам, тӯяшро чунон гузаронем, ки ҳама ҳайрон шаванд, мегӯяд. Ҷавонмардӣ ҳамин қадар аст, Имомалӣ. Аз кина чӣ мегирӣ, намедонам. Вай давлат дорад, савлат дорад, ману ту чӣ? Дар замони пеш ин хел давлатмандон духтарамонро аз ману ту пурсида намегирифтанд, додар. Мегӯянд, ки Хайдарбек бойбача рӯи зани ана ҳамин Мираки кафшдӯзро ногаҳон дида монда, ошиқ мешавад. Бой рӯзи дигар аз Мирак талоқи занашро талабид ва бегоҳӣ хутбаи никоҳи ӯро ба писараш хононду дод мегӯянд. Номашон бой буд, лекин давлати даҳтояш ба дороии як Бадалбеки мо баробар набуд мегӯянд. Кӣ ба ин мард духтар намедиҳад?!

Бешак ҳамаи ин гуфтугузорро бибӣ намешунид, вагарна сӯҳбат рангубори дигар мегирифт. Имомалӣ аз сухани Шогадо хеле таъсир гирифта нарм гашта бошад ҳам, авзоъи аҳли хонадонашро инобат карда гуфт:

— Вай аз давлаташ миннатдор бошад, ман аз давлати Хукумати Советӣ миннатпазирам, Шогадо! Бираву бигӯй, пилта аз гӯшаш барорад...

Чоштгоҳи рӯзи дигар раис ба нияти ҳолҷӯӣ ба ҳавлии Имомалӣ даромад. Ҳама хешовандони тӯйдор ғун омада, ба базми имшабина омодагӣ доштанд. Дегҳои бузургро шинонда мешустанду барои палаву шӯрбо пухтан тайёрӣ медиданд, аз самоворҳои калони мисин аллакай фашшос зада, бухор мебаромад, гурӯҳе дар рӯи чорпояи таҳи тут давра гирифта нишаста, барои палав

сабзию пиёз реза мекарданд, якчанд нафар барои меҳмонон аз тахтаҳо ҷои нишаст месохтанд.

Раис Имомалиро муборакбод гуфту аз эҳтиёҷи ӯ пурсон шуд ва сипас ваъда кард, ки як мошин ҳезум мефиристад. Сонӣ ӯро ба ишора канортар бурду насиҳатомез сухан оғоз карда гуфт, ки аз кинадорӣ инсон ҳеҷ манфиате намебинад, маслиҳати ӯ ин аст, ки бо Бадалбек оштӣ шавад. «Дар сари тӯи фарзандон одам аз ҳар гуноҳе мегузарад, боз вай худаш узру сад узр гӯён гаштаст», гуфт, раис. Имомалӣ хеле андешиду ба раис чи гуфтанашро надониста, оқибат иқрор кард:

— Ман сухани шуморо шикаста наметавонам, раис. Агар тамоми аҳли деҳа аз ман рӯй тобанд ҳам, оштӣ намешудам, лекин... Очаам розӣ намешавад... Аз баҳрам мегузарад, раис, ҳамин тӯй вайрон мешавад. Ана, худатон бо кампир гап занед. Агар кампирро ба гап дарореду розӣ кунед, ман оштӣ мешавам, нашавад, — не.

Раис дилпур аз он ки пиразан сухани ӯро рад карда наметавонад, ба як хонаи холӣ даромада, бо кампир хеле вақт ҳамгап шуд, аммо суханаш кӯр нагирифту аз қаҳр суп-сурх даргирифта баромад ва ба касе нанигариста аз ҳавлӣ берун шуд.

Имомалӣ сахт пушаймон гашт, ки чаро раисро ба модар рӯ ба рӯ карду ин гуна ба қаҳр овард. Тамоми рӯз ҳам худро, ҳам очаашро маломат карда, монанди мурғи посӯхта чӣ кор карданашро намедонист.

Мардум ба тӯй меомаданд. Хизматгузорон ҳар кадомеро аз рӯи обрӯю мартаба мешинонданд, тӯёнаи хешовандонро қабул карда, оҳиста дар коғаз сабт мекарданд. Имомалӣ ба муборакбоди онҳо ҷавоб

мегуфт, аммо хотираш парешон буд. Сухани атрофиёнро аз як бор намефаҳмид, бо чашми кушода мегашт, аммо ҳеҷ чизро намедид. Аз дилаш мегузашт, ки дигарон тӯй дода, дилҷӯию дильёбӣ мекунанд, калононро иззату ҳурмат карда, ба шахси худ ҷалб месозанд, аммо вай баръакс раисро ранҷонд. Раисро ранҷонда, дар ин колхоз чӣ хел кору зиндагӣ мекунад? Кампир ҳам наандешид. Хато кардем, хатои сахт гузашт. Боз корам ба ҳамин калонҳо меафтад, бе инҳо ҳеҷ кас ба доди ман намерасад. Ба мол алаф даркор шавад ҳам, барои иморат шифер ё чӯбу тахта — ҳамааш бо иҷозати раис... Ман аҳмақам, худам бехабар банги девона хӯрдаам, дигар гап не.... Албатта, Бадалбек катӣ вохӯрда, даст додан ҳам кори мушкил аст, лекин чӣ чора, модом, ки раис ганда катӣ баробар нашав гуфтанд... Не, раис наоянд, тӯй карданам беҳуда, худам ҳам хурсанд намешавам. Ана, ҳозир ҳам, гӯё дар ҳавлӣ тӯй нею азо бошад. Чӣ кор кунам? Ё очаам катӣ гап занам, гапу кор чӣ фаҳмонам, кампирро розӣ кунаму ба пеши раис равам, узру маъзур гӯям, биёяд, дар сари тӯй истад, дӯсту душман бинанд... Одамон агар фаҳманд, ки раис ба ман пушташро гардондааст, аз назар меафтам, дигар одам ҳисоб намекунанд, қатори як девона ё песу махав кӯдакаш ҳам аз қафоям кулух меғурронад...

Имомалӣ ҳар қадар ҷаҳд мекард, вале хотир аз ин васваса фароҳам гирифтан наметавонист, ӯ ояндаву равандагонро «хуш омадед» мекард, ба муборакбодиҳо ҷавоб медод, наздикон маслиҳате агар пурсанд, фикр медод, аммо хаёлаш беҷо, беқарор гоҳ дарун мерафт, гоҳ берун мебаромад, чӣ кор карданашро намедонист.

Занҷир, фақат Занҷир аз паси пардаи тиреза вазъи падарро мушоҳида карду дарьёфт, ки ҳоли ӯ чист ва додараки ҳафтсолаашро фиристод, ки ӯро ба дарун даъват кунад. Баъд падарро, маломат карду гуфт:

— Ранҷад, ранҷидаст, барои ҳамин ин қадар парешонед? Дар шаҳр директорро аксар коргарон ба тӯяшон хабар намекунанд.

— Дар ин ҷо бе раис чӣ хел мешавад, духтарам? — сархаму малул оҳ кашид Имомалӣ. — Раисамон одами нағзанд, беозор, одил...

— Аввало, агар одами нағз бошад, аз шумо намеранҷад. Сонияи, агар ранҷад, ранҷидан гирад. Худатон гӯед, ҳамин қадар сол дар саратон раис аст, шахсан ба шумо чӣ кӯмак кард, чӣ некӣ кард, дар кадом кор амалан фоидааш расид? А? Бигӯед, ҳа? — падарро ба истинтоқ гирифт Занҷир.

— Фоидааш нарасад ҳам...

— Зарараш нарасад, ман — розӣ! Ҳамин тавр гуфтаниед-а? Ин тавр агар бошад, ман ба шумо кафолат медиҳам, раис ба шумо зараре намерасонад. Имрӯз вай раис аст, фардо якеи дигар.

— Э, ин бисту шаш сол аст, ки раис аст, — гуфт ноумедона, беҳол садо бароварда Имомалӣ.

— Сад сол раисӣ кунад ҳам, ёрдами аз вай мерасидагӣ — дар тӯй як мошин ҳезум! Барои ҳамин ҳам мард ғам мехӯрад?! — ба таъкид мепурсид Занҷир. — Замони бедарак ба шаҳр рафтанам ҳолатонро пурсида буд? Не. Агар дар ҷои шумо ман мебудам, ба тӯй хабар ҳам намекардам! Бас аст, саратонро баланд бардореду қадру эътиборатонро дигар дар пеши ҳеҷ одам паст накунед,

додо. Баъд аз ин нони худатонро хӯреду гапи худатонро гӯед, вассалом.

Суханони Занҷир тасаввури то имрӯз дар ҳақи раис парваридаи Имомалиро сахт рахна карданд. «Дарвоқеъ, ба ман-ку аз ин раис на фоидаю на зиён... Беҳуда ғам хӯрда нишастаам...»

Вай лаҳзае хомӯш биандешиду сонӣ сар бардошта, ба рӯи духтар нигариста лабханде карду гуфт:

— Бепарво бош, духтарам... Гапат дуруст... Рост-дия, ман аз вай қарздор нестам-ку! Агар ояд, ана тӯй, наояд, садақаи сарам-е!

— Ана, ин гапи дигар аст, додоҷон! Бас аст, то кай мо феълу хӯи ғуломиро намепартоем? — Ӯ ин бор сухани ба вай гуфтаи Иринаро такрор кард. — Ғидӣ-бидӣ кунад, раведу ба кори заводи шир дароед. Гирад ҳамон як порча замини рӯидаричаро!

Имомалӣ баъди лаҳзае далер қадам ниҳода, мисли пештара хушнуд дар ҳавлӣ мегашту ба хешон чигуна раисро ба бибӣ рӯ ба рӯ карданашро гуфта механдид.

## 11. Агар Кабир директор шавад...

Сокинони хобгоҳ ба шӯхӣ Занҷирро «посбони хобгоҳ» мегуфтанд. Ҳамсояҳо гоҳу бегоҳ калиди хонаашонро бемалол ба ӯ монда мерафтанд. Вай тарафи бегоҳу шаб аз хобгоҳ ҳаргиз берун намерафт. Фақат дар рӯзҳои истироҳат ҳамроҳи ҳамхонаҳо ба кино ё сайри магазину бозор мерафту бас. Иринаю Салима баъди кор на як бору ду бор ӯро ба сайр, ба кинову театр кашола

карданд, аммо муродашон ҳосил нашуд ва оқибат ба феъли дугонаи ҷавони худ тан дода буданд.

Ин бегоҳирӯзӣ ҳам Иринаю Салима ба сайри боғ рафта буданд. Занҷир соате ҷомашӯӣ карду ҳоло курсиро дами тиреза ниҳода, берунро тамошо дошт, равандагону оянрагонро менигаристу аз симои ҳар яке одами нек ё бадкирдор, хушбахт ва ё бадбахт будани ононро ба тарзе ки фаросати ҷавониаш ҳукм мекард, тахмин мезад. «Ана, ин арӯсаки хушрӯ, ки аз дасти кӯдаки навпояш гирифта, ба майли хотир меояд, бешубҳа хушбахт будагист. Дар танаш куртаи атласи намози шом, мӯяш ҳам зебо, рӯяш ҳам, дар гӯшаш ҳалқаи барги тут, дар ангуштонаш чор ангуштарини тилло. Аз як назар, афташ мегӯяд, ки вай ба дил армоне надорад. Боз ҳам кӣ медонад».

Монанди ҳамаи духтарони ҳамсолаш Занҷир ҳам хушбахт будан мехост ва аломатҳои зоҳирии ин хушбахтиро дар ҳар як зану духтар меҷуст. Ӯ ҳанӯз огоҳӣ надошт, ки дар дунъё заноне ҳастанд, ки дар равшании рӯз, дар назари одамон басо бекаму кост, хушбахту хушҳол ҷилва мекунанд, вале ҳамин ки ба кулбаи хилвати худ қадам мениҳанд, чӣ микдор шиканҷаи рухӣ онҳоро фаро мегирад, аламҳо мекашанд, вале аз он уқубат ба касе ёрои даҳон кушодан надоранд. Дарвоқеъ, баъзан дупула чизи бесуботу беҳуда — андоми зебо, чашмони гиро, суханони тафдор, мансаб, сарват чашми касро мебараду ақлу ҳушро мегирад ва ҳақиқати ҳолро аз чашми инсон чӣ осон мепӯшад. Ҳар як фард хушбахт будан мехоҳад ва метавонад хушбахт бошад, зеро роҳу тариқи хушбахтию дастури онро қариб

ҳама медонанд, аммо аз чи сабаб аст, ки ҳама хушбахт нестанд. Аслан, дар ин ҷода ҳам ҷӯянда ёбанда аст, ҳар он касе, ки феълан хушбахт будан мехоҳад, бешак хушбахт хоҳад буд...

Касе дарро оҳиста ангушт зад. Занҷир ҳанӯз овозе набароварда буд, ки дар нимроғ шуд ва Кабир намоён гашт. Занҷир, ӯро нигарон набуд. Вақтҳои охир вай бо ҳар баҳона ҳамин ки Салимаю Ирина ба ягон ҷо рафтанд, ба хобгоҳ назди ӯ меомад ва ҳар бор аз ваҷҳи деҳаравиаш сухан кушода, ба дили Занҷир ғаш меандохт.

— Кабир ако, сардорони хобгоҳ ба ман пичингу киноя доранд. Худатон медонед, хуб не, — гуфт Занҷир гилаомез баъди он ки Кабир саросема ба хона ворид гашта, дар курсӣ нишаст.

— Ман бегона не, коргари ҳамин корхонаам-ку. Ду даҳан гап дорам торик нашуда, аз хобгоҳатон меравам. Ба пичингу киноя эътибор накунед. Худи ҳамин киноя мекардагиҳо бо чӣ корҳои ношоиста машғуланд, шумо намедонед, — мисли ҳамеша нописандӣ ва айбмонӣ сар кард Кабир.

«Боз сар шуд», — аз дил гузаронд Занҷир, ки ин хислати ҷавон ҳеҷ ба вай хуш намеомад ва борҳо эътироз баён карда буд.

Кабир ҳар боре, ки ба хобгоҳ меомаду бо Занҷир танҳо ба танҳо менишаст, дар тавсифи худ мекӯшиду боқӣ ҳамаро ҳеҷу пуч мегуфт ва ин ҳол аллакай духтарро дилгир карда буд. Дилаш мехост, Кабир ҳам монанди дигарон инсондӯст бошад, бештар ҷиҳати хубу неки одамонро бубинаду бигӯяд.

— Ҳисоботро тайёр кунам, аз аввали моҳи дигар маро ба отпуск рухсат медиданд. Агар ман набошам, сарҳисоби корашонро дар сад сол ҳам намеёбанд. Ҳама бюрократҳои кӯрсавод ғун шудаанд. Отпуск мегираму ба деҳа меравам. Агар шумо муқобил намебудед, ман ба комитети партиявии район даромада, гапзанон мекардам. Агар котиб ба прокуратура як даҳан амр кунад, дар бадали як ҳафта пояшро аз ҳаво меоварданд... — изҳори ният мекард Кабир.

Занҷир ҳоло суханони ӯро чандон бовар надошт, ба ҳар ҳол, гуфтораш бо кирдор чӣ андоза мувофиқ меояд, минбаъд озмуданӣ буд, бинобар он, суханашро бешавқ, гӯё ба вай дахле надошта бошад, зоҳиран беалоқа гӯш мекард.

— Боз план иҷро намешудагӣ барин. Рости гап, директорамон — одами латта. Ҳар кас ба сари худ, сари ӯро гардонда, гапашро маъқул мекунад. Ба ҳеҷ кас суханаш намегузарад. Коргарон ба ғайр аз фиребу қаллобӣ, ба чашми маъмурият хок пошидан, дигар мақсад надоранд. Ман агар директор мебудам, ними ин ландаҳурҳоро аз кор мерондам. Ана, сонӣ дар фабрика тартиб ҷорӣ мешуд. Мудири хоҷагӣ, мудири анбори хомашьё, мудири анбори матои тайёр — чунон равған бастаанд, ки акнун аз ҳеҷ бало намеҳаросанд. Даҳони ҳамаро баста гирифтаанд. Ҳамаашон аз якдигар забонкӯтоҳ-дия. Чор-панҷ кас ягон хел усули осони корро меёбанд ё ягон навъи бозоргири атласро мебароранду сад- саду панҷоҳ кас мукофот мегиранд. Ба қарибӣ нусхаи атласи марғилонро тақлид карда ҳамчун навоварӣ ҳама бо подош сарфароз гардиданд. Чунон ки

русҳо мегӯянд: всем сестрам по серьгам! Ҳар як ҳисобдор, посбон, ходимони идора соле ҳазор-ҳазор мукофот мегиранд. Хуб, ман ҳам, шумо ҳам мегирем, лекин ба он кор дахле надорем! Яъне, ғайриқонунӣ... Чӣ механдед? — Кабир, бо лабханд ба саҳифаи китоб чашм дӯхтани Занҷирро диду суханрониашро қатъ карда, пурсид.

— Э, ҳамту... Романи ғалатӣ будаст.

— Беҳуда нахонед. Ҳамааш гапҳои бофта. Барои пул гирифтан менависанд. Айнию Турсунзода адибони ҳақиқӣ буданд, дигар ҳамааш аз ҳаво гирифта менависад — монанди ҳамаи ашхоси дар ин боб бевуқуф вай аз рӯи шунида яқин дошт, ки дар адабиёт дигар осоре хонданӣ эҷод нашудааст.

— Барои чӣ? Ана, ин воқеаи китоб барин воқеа айнан дар деҳаи мо рӯй дода буд. Мо шоҳиди ҳодиса бошем ҳам, сабабҳои аслии онро намедонистем ва барои донистан ақламонро намедавондем. Нависанда чунон таҳлил карда решаашро ёфтааст, ки ҳайрон мешавед.

— Аҷаб не, аз садта якташ дуруст бараояд. Ҳозир мақсади ҳама — зиёдтар пул ёфтан. Ҳар касе пул дорад, вазифа дорад, нависанда ҳам мешавад, олим ҳам.

— Барои китоб навиштан истеъдод даркор аст, мегӯянд. Беистеъдод намешавад. Истеъдодро ба пул харида наметавонанд, дар базаҳо ҳам нест, — хандон-хандон таъкид кард Занҷир.

— Ҷони ширин, агар пул ё мансаб дошта бошед, ба шумо китобро навишта медиҳанд. Масалан, ман ҳам метавонам як чиз-ним чиз нависам. Агар нависандаю журналистон зери дасти ман бошанд, лабу лунҷи онро

соз карда, чоп кардан мегиранд, таъриф мекардагӣ касон ҳам ёфт мешаванд. Ана, понздаҳ-бист сол боз ягон фильми дуруст нагирифтаанд. Дар он ҷо... — Кабир нописандона даст афшонд. — Рӯзномаҳоро намебинед?! Гапҳое, ки солҳои сиюм ба бобоҳои бесаводи мо мегуфтанду менавиштанд, ҳозир ҳам дар забон. Охир, замона дигар шуд, одамон дигар шуданд, акнун фақат гап катӣ кор буд намешавад. Ба хонанда ғизои маънавӣ даркор аст, ҳақиқат даркор, сухани пӯст кандагӣ лозим. Барои ин хелашро навиштан ҳунар лозим, ҷасорат, ҷон коҳондан лозим, сонӣ нағзу бадро баробар мондан даркор не. Барои чӣ журналистони рус рӯзномаи хонданӣ баровараа метавонанду мо не? То, вақте ки интихоби кадрҳоро аз рӯи қобилият ва кордонию маҳораташон ҷорӣ намекунем, ин ҳол давом мекунад. Дар ин бобат ҷӯрабозию хешу таборҷӯӣ комьёбиҳои моро барбод медиҳад. Ана, аз корхонаи худамон қиёс кунед: раҳбароне, ки ба онҳо бовар карда, корхонаро супоридаанд дар ғами пешрафту маҳсули баланду хушсифатанд магар? Ҳаргиз! Аввалан, онҳо ҳаргиз нороҳат шудан намехоҳанд, сониян, бо ҷасорат усулҳои нави бофандагӣ, рангубор, нусхагириро ҷорӣ кардан лозим, ки аз ин кор метарсанд — мабодо ба ягон хел шикасти ғайричашмдошт пешрав шаванду аз мансаб маҳрум гарданд. Баъд, хеле касони беҳунар, косалесони коҳилро аз кор рондан лозим, ки инро ҳам намехоҳанд, зеро аксари инчунин одамон аз наздикони худашонанд, ё пуштибоне доранд... Бинобар он, ин тоифа солҳою сол баробари коргарони ҳалолкор подошу тақдирнома

мегиранд. Ба ростӣ, об овардагию кӯза шикастагӣ баробар. Агар ман директор мебудам...

— Нависанда мешудед? — суханро бо ҳазл бурда хандид Занҷир.

— Мегӯянд, ки аз паси мансаб на фақат нависанда, балки академик мешудаанд. Бовар кунед ба ман, ин хелҳо ҳастанд....

Дар назар чунин менамуд, ки ҳоло Кабир дар рӯ ба рӯи духтараки як сол қабл аз деҳа ба шаҳр омада не, балки аз минбари баланде ба тамоми башар хитоб дорад. Бо эътимоди кулл, бе хиҷолат, беибо сухан кардани ӯро агар аз канор касе медид, балки гумон мебурд, ин ҷавон дар рӯ ба рӯи одами зинда неву дар муқобили ҳайкали берӯҳест ва ӯ ба ин ҳайкали беҷон дарди дилашро холӣ мекунад.

— Вазорат ҳаст, чандин идораҳои дигар... — ба даъвои ислоҳотталабонаи ӯ эътироз баён кардан хост Занҷир.

— Инҳо ба вазорат мераванду даст ба сина ниҳода, фақат хуб-хуб мегӯянд. Агар ман дар ҷои инҳо мебудам, ба тарзи қатъӣ мегуфтам: «Рафиқ вазир, ба ин тарз кор кардан ғайриимкон аст, чунину чунон...»

Дафъаи гузашта ва аз он пеш ҳам Занҷир ин тариқ суханрониҳои дабдабаомези ӯро бо шавқ гӯш мекард, вайро ҳамчун як ҷавони донишманд ва пурғайрате, ки хирад ва нерую матонати худро алҳол имкони кор фармудан надорад, эҳтиром мепазируфт. Аммо тадриҷан Кабир аз ҳаддаш мегузашту ба дили духтар шубҳа меандохт. Худситоии беқиёс ва ҳамаро наҳс задани ӯ, як

корхонаи калон ва коргарони онро аз хурд то бузург ба ҳеҷ фуроварданаш вайро сахт дар андеша афканд.

«Наход ки ӯ маро як духтари гӯлу гаранг пиндорад?.. Наход ки маро бефаҳм ангорида, бозори худситоияшро ба рӯи ман кушода бошад? — мегуфт вай худ ба худ.— Агар вай ин суханони калонгирона ва наҳсзаниҳояшро дар ҳузури дигарон ҳам мегуфт, гап дигар буд. Хайр, балки мегуфтагист, ман чӣ медонам. Вай акнун ман катӣ наздик мешаваду дилашро мекушояд. Дар деҳа акои Рустам ҳам ҳамин хел, ҳар чӣ дар дилаш бошад, берӯихотир хоҳӣ дар кӯча, хоҳӣ дар маҷлис мегуфт...»

Деҳаро ба ёд оварду дили Занҷир ғашнок шуд. «Кабир ба деҳа рафта чӣ кор мекарда бошад? Агар мардум шиноси вай буданашро фаҳманд, чӣ мегӯянд? Боз валвала, боз гирди номи вай ғайбат меҷӯшад...»

Кабир беором сухан мегуфт.

«Ғалатӣ, агар Кабир директори фабрика таъин шавад, чунон ки мегӯяд, ними коргаронро аз кор меронда бошад? — гаштаю баргашта аз худ савол мекард Занҷир. — Ирина мегӯяд, ки агар одамро санҷидан хоҳӣ ба вай мансаб бидеҳ. Наход Кабир ҳамин хел одам бошад? Агар ҳамсари вай шавам, як умр ба ҳамин минвол беҳудагӯии ӯро гӯш карда мешинам? Ва ё мегӯям: «Бас аст, маро гӯлу гумроҳ нашумор. Мард дар хилвати ҳамсараш ҳам, худ ба худаш ҳам, ҳамон суханеро мегӯяд, ки аз гуфтани он дар рӯ ба рӯи мардумон хиҷолат накашад». Агар ҳозир бигӯям, чӣ мешавад?.. Аммо... аммо барои ин кор ғалат будани гуфтаҳои ӯро исбот кардан лозим. Аслан, ҳама даъвои ӯ

дуруст барин менамояд. Хайр, ман бисьёр гапу кори корхонаро намедонам... Сухани дуруст ҳам, агар ба он амал накунед, вақ-ваќи беҳуда барин будаст. Агар Кабир фақат дар назди ман донотарошӣ намекарду дар фабрика паи дурусткорию ростию адолат талош менамуд, аҳсан мегуфтам...»

## 12. Кабир дар деҳа

Кабир ба суханони Занҷир бо диққат гӯш медод, аммо одати ӯ чунин буд, ки ба қавли дигарон ҳамеша дар як гӯшаи дилаш андаке шубҳа ҳам дошт ва дар зиндагӣ бештар аз рӯи дидаю санҷидаи худ амал мекард. Бинобар он, вай ҳақиқати суханони Занҷирро санҷидан мехост. Агар ҳодиса гуфтаи Занҷир барин бошад, ба вай хонадор мешавад. «Лекин пеш аз хонадоршавӣ коре, карда, Бадалбекро таъзир медиҳад. Вале чи гуна таъзир доданашро ҳанӯз возеҳ намедонист. Ҳеҷ фикр намекард, ки агар Бадалбекро таъзир додан натавонад, дар назди Занҷир барои сухани бебурдаш мулзам хоҳад шуд. Не, Кабир аз ин хусус ҳоло намеандешид ва одати дар назди хурдон барои сухани худ масъул ва мулзам шудан надошт.

Вай дар сар чунин нияту нақшаҳо ҳамроҳи устои телевизор савори мошини фарсудаи таъмиргоҳи район ба деҳа омад. Яке аз шиносони айёми донишҷӯиаш, ки ҳоло дар район сардори корхонаи таъмир буд, ӯро ба усто ҳамроҳ кард. Усто дар даст як бандча талабномаи сокинони деҳаро дошт. Онҳо аз роҳҳои каҷу килеби деҳа мегузаштанду Кабир пеши назар меовард, ки Занҷир аз

ин роҳҳо гузашта аст, ба иморати мактаб менигаристу дар тасаввур меовард, чи гуна маҳбубаш дар ин ҷо даврони бачагию наврасиашро ба сар бурдааст.

Кабир дар умраш чандин бор ба деҳоти гуногун рафта буд, вале ҳеҷ як деҳа монанди имрӯз диққати ӯро ҷазб намекард. Вай ба боғу полиз, ҷӯйбору иморатҳои деҳаи Занҷир нигариста, дар ҳамаи онҳо як ҳусну назокате дарьёфтан мехост, мехост, ки одамони ин деҳа ба мардуми деҳоти дигар монандӣ надошта бошанд — зебою нуронӣ, тезҳушу боҳиммат, хушлибос ва хушсухан бошанд. Аммо воқеият зуд ин орзуҳои ӯро парешон сохт. Кӯчаҳои кажу маж, порутӯдаҳо, оғилҳои пастак, одамони камсухан ва ба шахси ӯ бепарвою беэътино малулаш кардаанд.

Вай ҳавлии падари Занҷирро суроғ карду рафт. Гирди ҳавлию боғи фақирона лаҳзае чанд гашт, вале ба дарун надаромад. Аз як ҷиҳат ин корро густохӣ ва беадабӣ ҳисобид, аз ҷиҳати дигар ҳавлӣ ва аҳли он барои вай беаҳмият намуд. Ба ғайр аз ин, Кабир барои ба ҳавлӣ даромадан баҳонае тайёр ҳам надошт. Сипас ба худ гуфт: «Даромада чӣ мекунам? Бе ин ҳам сари духтари бечора дар маломат аст. Ганҷи ману ганҷинаи ман! Аз ҳамин кулбаи оддию вайрона... Агар сидқан ӯро дӯстдор намебудам, магар ман бо ин одамон хешу табор мешудам?! Қафомонда гӯянд, ба маънияш дуруст сарфаҳм намерафтам, акнун ба ҳавлиҳояшон даромада, бо чашми худам дидам...»

Вай баргашта ба сӯи ҳавлие, ки усто дар он макон машғули телевизори вайроне буд, рафт. Дар ин ҳавлӣ ба

ғайр аз бачагони хурдсол ва як тан пирамари гаронгӯш дигар касе набуд, то Кабир гап гирад.

Дар ҳавлии дигар ҳам “кори” ӯ чандон барор накард — марди камгапу эҳтиётпешае дучор омад.

— Ҳавлии мудири ферма дар куҷо, намедонед? — гӯё дар омади сухан аз ӯ савол кард Кабир.

— Мудири ферма? Бадалбек?

— Ҳа.

— Ҳу, ҳамин кӯча катӣ поён меравед, иморати калони дарвозадор.

— Худаш дар хона бошад?

— Ман чӣ донам, додар.

— Ҳар хел гап мезананд, рост?

— Ман чӣ донам.

— Серпул аст?

— Ман сандуқи уна надида бошам.

Кабир пай бурд, ки ӯ аз хусуси Бадалбек бо одами бегона сир додан намехоҳад, хомӯш шуд ва дар дил ин марди «Ман чӣ донам» - ро нафрин кард.

Оқибат ӯ ҳамсӯҳбати даркориашро дучор кард. Вай як марди лоғарандоми метавон гуфт, пӯсту устухон, чашмҳояш чуқур, нигоҳаш мисли феълаш тез, рафтору гуфтораш бетакаллуф ва дуруштнамо буд.

— И-и, номаша нагир падарлаъната! — гуфт вай номи Бадалбекро шунида. Сонӣ носашро аз тирезаи айвон ба берун туф карду пайрави суханаш пурсид: — Ба ту ҳам ем-пем ваъда карда буд?

— Не, — гуфт саросема Кабир. — Дар район аз хусуси вай хар хел гап мезананд.

— Ҳар чӣ гӯянд — сад фоиз дуруст. Гург дар сари рама чӯпонӣ мекунад. Ба гург аз ин зиёд боз чӣ даркор аст?.. Ин хелҳоро ҳукумат ҳам ба даст фуроварда наметавонад. Ба дарьё меафтаду хушк мебарояд нокас. Медонед, барои чӣ? Ман медонам. Баъзе одамоне, ки ҳукумат ба онҳо сад фоиз эътимод мекунад, корҳои чатоқашонро дасти ин катӣ буд мекунанд, бародар. Дар район назорати халқӣ ҳаст, раиси он писари як хеши дури мо. Вай мора намешиносад. Ба қарибӣ аз як хеши дигарамон ногаҳ фаҳмидам, ки писари ҳамон раис, ки дар институт мехонд, як гуноҳи сахт катӣ ба даст афтодаст. Раиси назорат ҷонҳавлӣ Бадалбекро ёфта фиристодасту аз он ташвиш халосаш кардаст. Ин мурдор расо реша партофтагӣ-да.

— Гуноҳаш бисьёр аст, мегӯянд, — зоҳиран лоқайд ҳамфикрӣ изҳор кард Кабир. — Аз паси ферма расо давру даврон доштаст-дия. Ба занону духтарон чашм ало карданаш рост аст?

— То шамол набошад, шохи дарахт меҷунбад? — пурсид соҳибхона ба дарахти хурмои саҳни ҳавлӣ ишора карда ва ҳамоно пайрави саволи худ гуфт: — Замона намебардорад, набошад, ин хел нокасона... астағфуруллоҳ... — вай аз ғазаб лаб газид. — Бовар мекунед, ба шумо дурӯғ, ба худо рост, нони ҳамин халқу давлата хӯрда, ба дастархон туф карда гаштагӣ одам ҳамин аст. Бачаи эркатулфораш чӣ номаъқулие кардасту ба ҷони муаллим расондаст, вай як шаппотӣ задаст. Дайюс ҷои он, ки писараша таъзир диҳад, дар роҳ муаллими бечораро дошта қамчинкорӣ кард. Зану духтар гуфтӣ, ин гап ҳам бесабаб не. Пор аз дасти вай

гул барин як духтари бегуноҳ бадном шуду убол аз деҳа сар гирифта рафт. Ин нокас ягон рӯз ҷазоша мебинад, оҳи халқ беасар намемондагист.

Кабир доир ба «он духтар» пурсон шуд ва мардак ҳодисаро мухтасар баён кард.

— Барои чӣ даъво накарданд? Раҳбарон чаро хомӯш монданд? — пурсид Кабир ғазабаш ҷӯшида. Баъд заҳрханде карду гуфт: — Қишлоқ қишлоқ аст.

— Раҳбарон миёнагир карда, гапзанон кардаанд. Духтарак аз номус ба ҳеҷ кас, ҳатто ба падару модараш ин сирро нагуфта, аз деҳа баромада рафт. Сонитар бӯи ин кор баромад, аммо нокас тан нагирифт. Падари духтар як марди бечора, хешу табори Бадалбек катӣ шох ба шох мезадагӣ надорад. Э-э, ин палид кӯҳна ҳаромхиштак аст. — Мардак бо танаффур даст афшонд ва носкадуяшро аз ҷайб бароварда, ба зери забонаш нос партофту боз суханашро бемалол идома дод: — Аз ин як даҳ сол пеш аз боиси ҳамин хел номаъқулиаш кӯфта, маъюб карда буданд. Барзагов мурад ҳам, боз чашмаш — ало.

— Чӣ кор кард? Барои чӣ кӯфтанд? — зуд савол кард Кабир.

— Як хеши дураш аз ин нокас панҷсад ё шашсад сӯм қарз мегирад. Шабе дар набудани он мард ин мурдор ба хонаи вай меравад. Зани ун чой мекунад, дастархон мекунад. Ин номард ба занак «қарзатона бахшидам, ту ба ман меҳрубон шав, пӯла-шӯла» мегӯяд. Занак сир надода берун меравumаду ба хешонаш мегӯяд, ки гапу кор чунину чунон аст. Кӯфта, лах-лах карда, саг барин бароварда, ба кӯча мепартоянд. Ҳамон вақт ҳам аз ферма

мегиранд-мегиранд гуфтанду не, пишакаша ҳеҷ кас пишт нагуфт... Э, тавба, — мардак худ ба худ тааҷҷуб мекарду сар меҷунбонд. — Пештар тагу тӯби одама санҷида, фаҳмида, сонӣ ба ин хел мартабаҳо лоиқ медиданд. Солҳои пеш аз ҷанг, баъди ҷанг ҳам одам ҳақ дошт, ки ба моли давлат, ба ризқи мардум чашм ало кунад? — Вай носашро туф карду дар хотимаи суханаш оҳе кашида гуфт: — Ман ба шумо гӯям, то ҳукумат таноби ин хелҳоро накашад, кор пеш намеравад, инҳо халқа бероҳа мекунанд. Одам агар ба ҳаромхӯрӣ одат кунад, дигар ӯро аз ин роҳ гардонда намешавад, додар. Аслан, пулу моли ҳаром катӣ шикам сер шавад ҳам, ба тани кас ош намешавад. Ба ҳамин син даромада чӣ қадар ҳаромхӯронро дидам, ҳисобаш не. Охири кори ҳамааш — вой. Ягонтааш моли халқу давлатро хӯрда, ба роҳат аз дуньё нарафт, ки нарафт. Агар худаш сазояшро накашад, фарзандонаш кашиданд. Ана, ҳамин палиди Бадалбекро гирем: талабаҳо аз шаҳр хабар оварданд, ки духтараш ҷавонони дайду катӣ шабҳо дар ресторанҳо кайф мекард аст, дар кӯчаҳо масту аласт дасту бағал мегаштаст. Аз афти кор, чанд бор аз мактабаш ҳам рондаанд ё аз синфаш нагузаштаст магар, додош рафта, хеле хароҷот кашида омад, гуфтанд. Ана, ҳамин хел, аз бод омада ба бод меравад, додар. Аммо чӣ илоҷ аз ин саргузашт ягон ҳаромхӯр ибрат намегирад. Ба зану духтари мардум чашм ало кардагиҳора пур дидам, додар, оқибат зану духтарашон ба роҳи ганда рафтанд, беномус шуданд. Албатта, шумо одамони ин замона, хондагӣ, ба ин хел гапҳо механдед. Лекин чӣ гуям... — марди тундмизоҷ заҳрханде карду худ ба худ даст афшонд. Баъди лаҳзае

тавақкуф суханашро хулоса баста гуфт: — Шумо ҳам ҳозирбинед, оқибаташро фикр намекунед. Ҳамаи ин алғов-далғови дунёи аз касофати одамони кӯтоҳбин аст. Зӯроварӣ ҳам, фиребу қаллобӣ ҳам, хунрезию ноҳақӣ ҳам. Агар дар дунёи одамон адолату инсофро шиор мекарданд, андозаи қадри ҳар кас ростию адолат мебуд...

— Ҳой, амак, мегӯянд-ку, панҷ ангушт баробар не, — сухани ӯро бурида эътироз кард Кабир. — Дар боғатон фақат гул намерӯяд, хор ҳам аст.

— Дуруст, дар ҷое, ки гул ҳаст, хор ҳаст, панҷ ангушт баробар не, инашро ҳам медонам, — ба вай имкони сухан надод ӯ. — Лекин хинсир агар нарангуштам гӯяд, аз инсоф набудагист? На қади нарангуштро дораду на бори онро мебардорад, — ӯ ангушти хурдашро намуда, таъкид кард.

— Парво накунед, давидани гӯсола то каҳдон, вақту соаташ расад, ҷилавгирӣ мекунанд. — Бепарво даст афшонд Кабир.

Тамасхур ва оҳанги нописандонаи гуфтори ӯ ба марди деҳотӣ сахт расид магар, вай лаҳзае димоғ тоб дода хомӯш монд. Авзоъаш гувоҳи ҳол буд, ки ӯ аз дарди дил гуфтанаш ба ин ҷавони ношинос пушаймон аст. Вай бо чӯбчаи гӯгирде, ки усто сигорашро оташ гиронда партофта буд, ба замин хат мекашид.

— Шумо шаҳриҳо мора қишлоқӣ мегӯед, гӯлу нодон, аз маданият дуру меҳисобед, — гуфт оқибат мард аз андеша сар бардошта бо алам ба Кабир хитобан. — Гумонатон одам агар либоси тозаю дарзмол кашидагӣ пӯшад, гапаш суроби гапи радио бошад, ақл дорад, маданият дорад. Ба фикри ман, ақл ҳам, маданият ҳам

инсофи одам аст. Инсоф набошад, дигараш — як пул. Ман ҳам агар дар шаҳр зиндагӣ кунам, либоси тоза мепӯшам, шаҳриёна гап мезанам, шумо ҳам агар ба деҳа оеду кори маро кунед, як сол нагузашта, сару либосатон аз сари либоси ман фарқ намекунад, додар. Ҳолӣ ҷавонед, ба гапи ман гӯш кунед: шумо шаҳриҳо калонгирӣ накарда, ба мардуми деҳа ғамшарик шавед. Ҳар сол чӣ миқдор комиссия вакилу муфаттиш ба колхоз омада мераванд, ҳисобаш не. Агар арзи ҳол кунем, «мебинем, месанҷем» мегӯянду бо ҳамин тамом. Ба деҳа, ба мардуми деҳа то аз дастатон омадан ёрӣ кунед, ана сонӣ деҳқон алафашро ҳам худаш медараваду пахтаашро ҳам худаш meғундорад. Сад фоиз meғундорад, ба ман бовар кунед.

— Шабу рӯз бозоргардӣ кунед, колхозро тала кунед, шаҳриҳо омада кор кунанд, боз аз онҳо домангиред? — гуфт Кабир лоқайд ба рӯи вай нигариста.

Мард ба истеҳзо сар ҷунбонду сонӣ ба чашми Кабир лаҳзае дигаргуна нигариста истод, чунон ки шиноси деринашро акнун шинохта бошад Кабир аз инчунин нигоҳи вай беқарор гашту пурсид:

— Ҳа, чӣ менигаред?

— Ҳа-а, ҳамту... — гуфт вай зери лаб ва чашм ба замин дӯхт. Баъди лаҳзае сукут вай сар бардошта ба рӯи ҷавон боз нигаристу пурсид: — Шумо аз устохонаи район не. — Якбора ба шумогӯӣ сар кардани мард Кабирро ба тааҷҷуб афканд. — Росташро гӯед... Аз рӯи гапатон... — вай тахмини худро ба гуфтан ирода накарда ғӯлингхоӣ дошт.

— Аз рӯи гапам чӣ?

— Суробатон ба намояндаҳо монанд... Гапатон ҳам аз як ҷо мебарояд. Ба колхози мо як намоянда омада буд... Суробатон мемонад. Хешатон не? — пурсид вай ҳанӯз ҳам ба рӯи Кабир зеҳн монда нигариста. — Ман фаъолу активҳора аз як даҳан гапашон мешиносам.

— Ба вай монандам?

— Суробатон меояд, — гуфт боз мард ҳанӯз ҳам чашмаш ба мушоҳидаи Кабир. — Пор, дар мавсими пахтачинӣ духтурҳо аз марказ омаданд, гапи онҳо дигар хел, гапи намояндаи район — ба усули дигар. Дили одам — дар забонаш мегӯянд. Боз ҳам кӣ медонад.

Ӯро ба фаъолон монанд кардани ин марди деҳотӣ ба Кабир хуш омад ва аз ин монандӣ ботинан хурсанд шуд.

Усто тамоми рӯз аз як ҳавлӣ ба ҳавлии дигар гузашта, радиову телевизор таъмир мекарду Кабир ба вай ҳамроҳ буд. Фикр мекард, ки агар бо Занҷир тӯй кунаду вай домод шуда ба ин деҳа ояд, ин одамон ӯро шинохта, чӣ мегуфта бошанд. Албатта, ӯро мешиносанд. Баъзеашон бист сол аз ин пеш як бор дидагӣ одамашонро мешиносанд. Умуман, деҳа кони гап будаст. Бадалбек ба чӣ тарз дар ин ҷо ошашро ҳалол карда хӯрда гаштаст, ман ҳайронам. Ҳама якдигарро медонанд, шаб чӣ хӯрду рӯз чӣ сохт, хабардоранд, кӣ оши киро шӯр карда буду падар ё бобои кадоме кори савоб ва аҷдоди кӣ табаҳкорӣ дошт — ҳамааш равшан, ҳамааш — мӯ ба мӯ дар ёдашон. Кас ҳайрон мешавад. Аз як ҷиҳат ҳамин одат дуруст аст. Инсон дар назди мардум масъулиятманд аст, аз хурдӣ барои ҳар як кораш

ҷавобгариро эҳсос мекунад. Дар шаҳр ҳам пештар маҳалла-маҳалла зиндагӣ мекардаанд, ҳамин расму таомул ҳамин усул будаст. Ҳоло касе ба касе кордор не, баъзан намедонед, ки ҳамсояатон чӣ одам аст. Хайр, ин ҳамааш садқаи сар, акнун илоҷе карда Бадалбекро медидам.

Ҳоло вай мехост аввал бо худи Бадалбек гуфтугӯ кунад ва сипас ба назди раҳбарони район даромада, аз атвори ношоистаи ӯ онҳоро огоҳӣ диҳад ва талаби ҷазо кунад.

Кабир ҳамон рӯз тарафдорони Бадалбекро ҳам дучор кард.

— Валвалаи бекора. Ба ин мардумон гап бошад, Беғийбат аз гулӯяшон об намегузарад, — ғут-ғут кард як марди сиёҳриши рангаш заҳир, — Духтар худаша ба вай молад, мард ҳам даст-пасташа медорад-дия! Бадалбека ҳоли боз мебардоранд. Дуои кӯрмуш катӣ борон намеояд. Марди мардон ҳамин аст. Баъзеҳо барин худхӯрам не. Ба аксари ҳамин одамон некӣ кардагӣ. Марди ҳоҷатбарор аст, як чиз гуфта равед, ноумед намекунад. Ин хел одама аз душманаш дӯсташ бисьёр аст. Бовар кунед, агар аз вай ёрӣ пурсед, ягон чиз талаб кунед, хурсанд мешавад, ҳама кору борашро монда, аз паи кори шумо медавад. Худо надониста заволаи бандаашро калону хурд намегирад. Ризқи ҳар кас мувофиқи феълу хӯяш...

«Виҷдонат сӯзад ту сили заққума!» — гуфт ба дил Кабир аз назди вай бархоста. Суханони Занҷирро ба ёд овард, ки гуфта буд: «Ҳамон шомгоҳ аз пасам расида омада дар кӯча гуфт: «Бекора валвала бардошта, худро

бадном накун. Даҳони ин одамон бастагӣ. Хоҳу нохоҳ, ту аз они манӣ, дониста мон. Аз дасти ман туро ҳеҷ кас гирифта наметавонад. Агар ба гапам дароӣ, як умр хушбахт мешавӣ, бефаҳм...» Ғалатӣ, ин мардак аз ростӣ ошиқ бошад? Чӣ гуна ӯро хушбахт карданӣ аст, маълум. Лекин Занҷир барин духтар фақат пулу мол қатӣ хушбахт намешавад, инро мардаки ҳафтафаҳм намедонад. Албатта, барои хушбахтӣ сарват зарур аст. Лекин сарват як рӯз не як рӯз адо мешавад. Вазифаи баланд беҳтар аст: одам як умр таъмин, беҳтарин мошин, манзил, табобат, фароғат, хӯрок, пӯшок - ҳамааш...» Ӯ дар сари ин андеша чунон ба хаёл рафт, ончунон ғарқи ҳавас гашт, ки хеле муддат худ ба худ ширин табассум менамуд.

Кабир дар рӯзгор агарчи бо роҳи падар рафтан намехост, аммо худ бехабар баъзан ҳирси дарунаш ӯро ҷилавгир буд. Вай худро зиёӣ медонист, вале виҷдону инсофаш боре дар рӯ ба рӯи разолату хабисиҳо фарьёде намебаровард, ба ноҳақию нотандиҳӣ гоҳе бепарво нигариста мегузашт. Монанди як тоифа ҳамсолонаш гумон мекард, ки бо сару либос, суханронии омирона, рӯҳбаландии доимӣ, мартабаю вазифа, канораҷӯӣ аз одамони оддӣ ва рӯзномахонӣ кас зиёӣ аст. Муаллимони бисьёре ба ӯ таълим доданд, аммо на устод, на китоб ҳеҷ яке дили ӯро ба туғьён наандохт, зеҳну андешаи ӯро идеалҳои баланд изтироб наангехта буданд.

## 13. Дилмонӣ

Кабир ҳамон рӯз дар деҳа Бадалбекро пайдо накард. Дарвозаашро кӯфт, гуфтанд, ки ба район рафта буд. Ӯ худро вакили корхонаи атласбофӣ муаррифӣ карда, шикояти духтаракро санҷида, ба идораҳои боло руҷӯъ карданашро ба вай гӯшзад намудан мехост. «Аввал як бор» афту башараашро бинам, одами тараф афтодан меарзидагӣ аст, ё беҳуда барои куштани мӯрча табар тез карда гаштаам? Шиносо шавам, сонӣ аз гап гап мебарояду равиши кор равшан мешавад», — мегуфт ӯ ба худ.

Дарвоқеъ, алҳол ҳамаи нақшаҳои вай аз хусуси Бадалбек монанди ҳубоби рӯи об бебақо ва ҳавоӣ буданд, ҳар якеро агар андаке бо тааммул ва тааммуқ меандешид, аз соддалавҳӣ ва муҳоландешии худ таҷанг мешуд. Хусусан, баъди он, ки як нафар марди босалобат дар район аз ваҷҳи Бадалбек ҳурматомез ва баръакс ба шахси Кабир сирф беэътино ва нописандона сухан гуфт, азмаш бештар суст шуд.

Баъди ба шаҳр баргаштан Кабир ин ғарази худро ба шахси Бадалбек батамом беасос шумурд ва нишони гӯлию гумроҳиҳои ҷавонӣ ҳисобид. Ба тадриҷ вай ба дурустии ин амри худ далелҳои зиёд пайдо кард. «Хуб шуд, ки дар деҳа набудаст, — мегуфт вай ба худ. — Дар сари мастӣ дасти духтарро доштаст! Ҳамин ҳам гап шуд?! Албатта, барои қишлоқиёни содда гап аст. Мақсадам ҳақиқати гапҳои Занҷирро санҷидан буд... Ҳавлии падараш хароб аст. Одам шарм мекунад. Вайрона барин ду-се боми пастак. Ана, ҳавлию боғи

Бадалбек — диданӣ! Дар шаҳр ҳам ҳар кас ин хел иморати бошукӯҳ надоштагист. Агар ҳавлии Занҷир ҳам ҳамин суроб мебуд, дар тӯй хешу табори рафтагӣ хурсанд мегаштанд, назарашон мегирифт. Аслан, ман мехостам, ба ягон одами дуруст домод шаваму иззат бинам, ҳимоят ва пушту паноҳ ёбам. Духтари мувофиқ дучор нашуд, ки дучор нашуд. Дар донишгоҳ як дуньё духтар буд, аксаран духтарони одамони дуруст, аммо дилхоҳам ба даст нафуромад. Муомилаи Заррина ман катӣ соз буд, аммо духтарак безеб — биниаш картошка барин, як чашмаш каҷ, қоматаш уштур барин... Сонӣ аз афти кор, падарашро гирифтанд. Бе муҳаббат зиндагӣ кардан азоб аст гуфтаму зиёда зӯр назадам. Падарашро гуфта, як умр нози духтари барзангии ӯро кашидан ҳам кори осон не. Боз як духтари дигар буд, — Оиша, аз ман ду сол қафо таҳсил мекард, аммо ин танноз сабукпой баромад. Кӣ дидаю дониста ӯро зан мекунад?! Духтари ана, вай олим ҳам аз ҳамин қабил ҳирҳиракҳои машҳур буд. Духтарони нағз ҳам буданд, аммо ҳамаашон даҳанбаста, одамдор, ё аз хешу табори худ умедвор. Аслан, бояд тан гирам: он солҳо гӯлу гумроҳ будаам, бепарво гаштам. Агар ҳозира ақлу идрокам мебуд! Эҳ-ҳе... Афсӯс, падару модар аз хурдӣ кордон шав, зирак шав гӯён ақли моро ба зиндагӣ намекушоянду пулу мол, фоидаю зарар гӯён, варсоқиҳои беҳуда катӣ андармон мекунанд. Акнун дер шуд. Дар ин фабрика аз он духтарони ман мехостагӣ нест, ба ин ҷо намеоянд ҳам. Бояд ба қисмат тан дода, Занҷирро ба занӣ гираму оҳиста ҳисоби пешравиро ёбам... Шукр, пеш меравам, осиёб ба навбат-дия. Як бало карда узви фирқа

мегаштам, сонӣ корам пеш мерафт... Дар баъзе ҷойҳо ду ҳазор катӣ мегӯянд...»

Ба гуфтан осон, кошкӣ Кабир шукр карда метавонист. Шукргузорию қаноатпешагӣ амри ночорӣ не, он аз хирад ва нерӯю тавоноӣ бармеояд. Аммо Кабир ҳанӯз ин ҳақиқатро намедонист ва чуқур идрок ҳам намекард. Вай пай мебурд, ки дар зиндагӣ ба маслиҳатгаре сахт эҳтиёҷманд аст, ӯро дасти роҳнамое лозим аст, аммо ку он?! Ба Кабир аз ин боб на муаллимону ҳамнишинонаш, на падару модар ва пайвандон ибрате ё таъсире нарасонда буданд ва расонда ҳам наметавонистанд. Аз ин сабаб ҳоло ӯ дар ин дарьёи пурталотум таваккалан дасту по мезад.

Баъди сафари деҳа Кабир рӯзе, ки бори аввал ба назди Занҷир рафт, чашмдор буд, ки духтар ӯро хушнуду хушбахт истиқбол мекунад, аз меҳрубониву навозиши худ сарфароз месозад. Вале Занҷир ба чашми вай лоқайд менигарист, гӯё қабл аз ин миёни онҳо аз меҳру муҳаббат ҳеҷ гуфтугузоре рух назада бошад. Занҷир ҳикояти ӯро аз хусуси деҳа ва ҳамдеҳагонаш дар хона ба пештахтаи тиреза такья карда, бо нимтабассуми ғамангез, нигоҳаш дилгиру андӯҳгустар, вале чунон ки беҳудагӯии ширини кӯдаки хурдсолро мешунида бошад, зоҳиран бепарво гӯш мекард. Кабир ин гуна гуногунвазъӣ, махсусан, ин ҳолати ба карахтӣ монанди духтарро намефаҳмид ва инро тавзеҳ дода натавониста ранҷ мекашид. Чӣ кунад, ки вай эҳсосу идроки латифи дили занҳоро намедид, бориктарин таҳрик ва хафифтарин садои дили онҳоро намешунид. Ба деҳа рафта, аз хусуси вай гап гирифтани Кабир Занҷирро

нохуш ва ноҳузур мекард, дили вай ҳоло ба фиғон омада, хомӯш менолид, ҳастиашро зеру забар менамуд, вале ҳайрон буд, ки ҷавон ҷаро фарьёди дили ӯро намешунавад. Бешак, дар инчунин ҳолат як ҳисси ба аксари занону духтарон махсус дар сиришти Занҷир ҳам боло гирифта буд: вай он нохушии ба сараш омадаро ҳоло ба ҳадди як бадбахтию ноҳақии беамсоле ва озору шиканҷаи сахт тавзеҳ дода, ботинан аз он лаззат мегирифт, баъзан ин ҳисси кулфатзадагӣ гӯё ба вай осоиш ва оромиш мебахшид.

— Ман шуморо гуфта ба деҳа рафтам... Дар миён агар шумо набошед, аз сарам зар пошанд ҳам, ба он ҷойҳо қадам зер намекардам, — Кабир дар фуроварди сухан озурдагиашро ба ин тариқ изҳор карду бо ҳамин худ бехабар дари сулҳу оштиро ба рӯяш сахттар бубаст.

— Маро гуфта? — тааҷҷуби Занҷир бепарво ҷилва кунад ҳам, заҳри нигоҳаш, паридани лабонаш, изтироби овозаш гувоҳи ҳол буданд, ки вай ба сахтӣ тамкин нигоҳ медораду худдорӣ мекунад. — Бечора... Оҷаро дил месӯзад, дояро доман мегуфтанд, дуруст будаст.

Кабир ба дурустӣ ба маънии ин ҳикмат сарфаҳм нарафт, фақат тахмин гирифт, ки духтар бо ин мақол ба вай киноям талх дорад, аз ин рӯ ҳайратзада ба рӯи вай нигарист ва ба хашми ӯ асосе наёфта гуфт:

— Албатта, агар зарур ояд, барои шумо ба деҳа не, ба Макка ҳам рафта меоям, лекин умедам аз шумо ин набуд.

— Хуб, дар ивази ин ранҷу азобатон аз ман чӣ талаб доред, гӯед, — гӯё чашмашро раҳ бурда бошад, аз боми шиферпӯши рӯ ба рӯ чашм наканда, лоқайд савол кард

Занҷир. Вай ба ҳамин минвол ин сӯҳбати барояш нофорро мухтасар кардан хост. Баъд ҷавоби Кабирро нашунида, пайрави саволи худ гуфт: — Ман хеле фикр кардам... Ҳоли-ҳозир шавҳар намекунам, Кабир ако. Чуну чаро гӯён худатонро дарди сар надиҳед.

Вай якбора ба сухан шурӯъ карду беором хеле гап зад ва ҳама ба ҳамин оҳанг. Аслан, ин гуфтаҳои ӯ нидои ранҷу ситеза ҳам набуд, балки дар қаъри дили худ ба ин ҷавони шаҳрӣ меҳри гарму сӯзон наёфта, ба худ гӯё хашм мегирифт ва ночор каҷ дору нарез мекарду бар асари ҷавонӣ аз оқибати ин кори худ намеандешид.

Дар чашмони Кабир ин лаҳза ҳайрати бемисле, ки дар сояи он қаҳру ғазаби пинҳонӣ таровиш дошт, ҷилвагар буд. Ин лаҳза аз дили вай мегузашт: «наход ки ба ҳамин ҳоли зор ту ҳам маро пешпо занӣ?! Ё нозу нузи духтари қишлоқӣ ҳамин хел аст, кӣ медонад? Агар ноз дорад, ин бефаҳм аз ӯҳдаи ноз ҳам намебарояд...»

— Маро мазоҳ мекунед? Ғалатӣ... Аслан, феъли шуморо ҳеҷ нафаҳмидам, ҳавои баҳор барин ҳар замон авзоятон дигар мешавад, — гуфт Кабир озурдахотир. Сонӣ оҳиста ба мушташ сурфа карду ба чашми духтар нигариста пурсид: — Хуб, чӣ қадар вақт нигарон шавам?

— Чӣ қадар? — матлаб равшан бошад ҳам, ин бор ғайриихтиёр савол кард Занҷир. — Ман ба ҳар як саволатон сари вақт ҷавоб медиҳам, аммо шумо зуд фаромӯш мекунед. Охир, шумо ба ман имкон бидиҳед, ҳиссиёти худамро бисанҷам. Ба ростӣ, ҳайронам.

— Шумо розӣ будед-ку, чӣ гап шуд?

Занҷир аз алам зери лаб хандид. Агар сухани муҳимро сабукборона, балки бепарво ба духтарон гӯянд, одатан,

ба ин тариқ аламнок механданд, Занҷир чӣ гуфтанашро андешида, лаҳзае сукут кард. Ба забонаш ягон ҷавоби оқилона ва мувофиқи ҳол наомад, то онро гӯяду заҳри дилаш резад ва таскин ёбад.

— Аз чӣ бошад, ки ба шумо чӣ гуфтанамро намедонам, Кабир ако, — оқибат вай дардолудона лабханде карду ба рӯи ҷавон нигарист. Сонӣ диққаташро ҷамъ карду ифодаи нигоҳи ӯро ба мушоҳида гирифт ва ба оҳанги ҷиддӣ гуфт: — Алҳол шуморо умедвор намекунам. Мо якдигарро нағз намешиносем. Ҳамин тавр не? Нағз мебинем гуфта наметавонем. Ба ҳар ҳол, бешитоб, бесаросемагӣ эҳсосотамонро имтиҳон кунем, он гоҳ пушаймонӣ намекашем. Падару модари шумо маро намешиносанд, волидайни ман ҳам. Ба ғайр аз ин, метарсам ягон рӯз хешони шумо саргузаштамро шунида, ба рӯям таъна кунанд. Ман ин ҳолро тоқат оварда наметавонам, сарам калу дилам нозук аст. Хоҳиш мекунам, дигар ба хобгоҳ наоед, дар корхона ҳам маро ба гап нагиред, шояд ғайбати одамон кам-кам барҳам хӯрад.

— Шумо хотир ҷамъ доред, ман ба наздикони худ мефаҳмонам, — гӯё духтарро маҳз тарси таънасорӣ ба ин ҳол афканда бошад, зуд ба таскини вай забон кушод Кабир. — Дар шаҳр ба ин хел суханон кӣ гӯш мекунад?! Шумо одамони шаҳрро намедонед, Занҷир.

— Ана, шумо гӯш кардед-ку! — Занҷир аз чӣ бошад, ки ба чашми ҷавон нанигариста сухан мекард. Сонӣ ба сараш чӣ фикре расиду бо табассум илова кард: — Агар ягон духтари таҳи чашм кардагиатон бошад, тӯйро ба таъхир нагузоред.

— Ин чӣ гуфтагетон?! Маро кӣ гумон мекунед?! — қаҳри Кабир боло гирифту лаҳзае димоғ тоб дода, хомӯш монд.

Вай аз он дилтанг буд, ки чараёни фикри Занҷирро ҳаргиз идрок кардан наметавонист. Ҳамвора аз худ савол мекард, ки баъди ба деҳа рафта омаданаш чаро авзои духтар тағйир ёфт, чӣ шуд, ки самимияти пешини вай гум шуд, ҳеҷ намефаҳмид. Гумон дошт, ки касе ба духтар дом андохтааст ва дили ӯро ба худ гарм кардааст. Баъзан тахмин мегирифт, ки аслан ин духтари деҳотӣ чунин гуногунавзоъ ва бетаъин аст. Андешаи Кабир бар маърифати ақлу фикр асос дошт, матои ҳукми ӯро далелу мадорики аз рӯзгор гирифтааш тору пуд мебаст ва ӯ чунон ки шоирон мегӯянд, аз олами дилу эҳсос дур буд. Бинобар он, вай ба дурустии азми худ ҳаргиз шубҳа надошт, ҳаргиз гумоне намебурд, ки ин таҳқовию пурсуҷӯҳояш ба дили духтар балки сахт асар доранд, аҷаб не, ба шахси ӯ таҳқиромезанд. Саҳви Кабир ин буд, ки сари ҳар амал ва ё гуфтораш суду зиёни худро меандешиду бас. Аз ин буд, ки монанди кулли мардуми худпараст ҳар як қадаме, ки пеш мениҳод худ ба худ пас мерафт. «Аз ман гузашта ба кӣ мерасад?! — мегуфт Кабир дилпур аз худ.— Духтари дар деҳа бадном, аз хонаи падар гурехтагиро ягон хонаводаи дуруст арӯс намекунад. Агар ба ҳуснаш мафтун шавад, ягон сағираи бекасу кӯй ё олуфтаи ҳарзагарди кӯча зан мекунад. Як сол зан накарда, кафшашро пеш мегузорад. Афсӯс духтар аз беақлӣ ҳаёташро мешиканад. Не домани маро сар намедиҳад. Аз ман гузашта, ба кӣ мерасад, ӯ фикр мекунад. Ба гумонам духтарак камтар нозу нуз карда,

нархашро боло бардоштанӣ аст. Бояд тан гирам, ки Занҷир аз духтарони сабукфикр не, ботамкину боақл аст, ба ҳар хел ҳавову ҳавас фирефта намешавад. Аз ин ҷиҳат ба вай пурра эътимод кардан мумкин, аз ин бобат духтари нодир аст, камьёб аст. Сабаби серхаридориаш ҳам ҳамин аст...»

Занҷир фикр мекард: «Кабир илми олӣ дошта бошад ҳам, дил надорад, фаросаташ кунд аст, ҳатто камтар худписанд аст. Аз ин ҷиҳат Сомон як коргари оддию назарногир бошад ҳам, аз вай бартарӣ дорад. Муддатҳост, ки ба рӯям муштоқ менигарад, раҳамро мепояд, аммо ба сухан кардан ҷуръат намекунад. Шармин аст. Ана, вай мухбири аз рӯзномаи ҷавонон омадагӣ ҳам дилкашол аст, рақами телефонашро навишта доду ягон бор телефон кунед, ман шуморо диданӣ...» гӯён илтиҷо карда рафт. Ман ба вай телефон мекардаам! Қоидаи мардуми мо ин тавр не! Умуман, ҷавонони шаҳр дили одами деҳаро намефаҳмидаанд. Хайрият, ки он журналист аз Кабир шармгинтар будаст, бечора як-ду бор роҳамро поид, аммо маро ҳамроҳи духтарон дида, ба сухан гуфтан ҷуръат накард. Аз густохона сухан кардан ҳамин беҷуръатиаш сад раҳ авлотар аст. Чаро Кабир монанди вай хоксор ва якдилу якрӯй не? Ба назарам ҷавони хомхаёл метобад. Э, худо, чӣ хислаташ ба ман намефорад, худам намедонам, аммо ғашамро меоварад. Ташвиши Кабир ба сарам кам набуд, ки боз Бадалбек аз ман умедашро намеканад. Намедонам, бо ин ҳарина чӣ кор кунам? Аз вай ҳар хел нобакориро чашм доштан мумкин аст. Метавонад тӯи маро вайрон кунад... Чораи дуруст — алҳол сабр. Агар

ҳалол кор кунам, дилу дидаамро покиза дораму ба раҳам рост гардам, шавҳар намегурезад. Аз борон гурехта ба новадон афтодан кори саҳл аст. Аҷабо, Кабир ба ихтисосмандиашу вазифааш ин қадар ғарра бошад ё ба ҳуснаш? Хабар надорад, ки ба ман на инаш лозиму на онаш. Ба қавли очаам, шаробхӯр набошад, кор карда як лаб нонашро хӯрад бас, одами хуб аст. Бибиам мегуфтанд, ки ба ҷавони шаробхӯр нохуни духтарро нишон надиҳед, ҳатто агар додошу бобош ба ҳамин кӯй афтода бошад, ба он авлод духтар надиҳед. Асад шаробхӯр буд, ҳашт фарзанд ёфт, сиҳат барин метобанду лекин... Якеаш — карахт, дигараш — бадфеъл... Яке аз набераҳояш ҳам беҳуштар баромад... Эҳ, агар як сол пеш «шаҳр» гӯянд, диламро ваҳм мегирифт, гумонам дар ин ҷо ҳама одамони донишманду моҳир, зираку фаросатманд кору зиндагӣ мекунанд. Аз ҳаёт ва кору бори бофандагони шаҳр ягон китобе ба тоҷикӣ дастрасам набуд, то ки хонаму бидонам. Ана, дар ин ҷо ба ҷавонону духтарон чӣ тавр мӯҳтоҷ будаанд. Дар деҳа чӣ қадар одамон саланг-саланг бекор мегарданд. Дар шаҳр хона гирифтан мушкил аст, барои ҳамин намеоянд. Агар бачаҳоро аз мактаби деҳа ҳар сол ба корхонаҳои шаҳр ба тамошо биёранд, гапу кор чӣ, фаҳмонанд, соз мешуд. Хуб ҳозир ба Кабир аз ин зиёд чӣ гӯям, намедонам. Умедворӣ бахшам ё умедашро канам, ҳайронам. Сонӣ пушаймон намешавам? Агар дар ҷои ман духтари дигаре буд, балки кайҳо ба хонаи вай даромада мегирифт. Салима ҳамин тавр мегӯяд. Не, ман сабр мекунам. Сабр, сабр. Ин бача зӯр зада азми худашро ба ман гузаронданӣ.

Намедонам, агар ман ба вай мутеъ бошам, шох мебароварда бошад? Аз хусуси ҳурмати якдигар чӣ қадар китоби бисьёре! Қариб ними китобхонаро хондам. Кабир ҳеҷ китоб намехонад, вагарна меандешид, ки ман ҳам инсонам, худро аз вай кам намедонам, ба худ мувофиқ иззати нафс дорам, ба вай зор нестам. Намедонам, ин ҳол аз нодонӣ бошад ё дар табиаташ ин хислат ҳаст. Агар дар табиаташ бошад...

— Сабр мекунем, Кабир ако, — гуфт оқибат Занҷир ба нармӣ табассум карда.— Дар ин роҳ хатои духтар аз ҳар чӣ сахттар аст. Хотирҷамъ бошед, ман алҳол талабгори дигаре надорам. Аммо бемуҳаббат аз дари ҳеҷ кас намедароям. Даромадан наметавонам.

— Ман дар кӯчаҳо даст ба даст гашта, ишқбозӣ катӣ зан намегирам.

— Ман ҳам... Ҳеҷ кас катӣ даст ба даст дар кӯча гаштанӣ нестам, — фавран ҷавоб дод Занҷир. Аммо заҳри сухани Кабир бо ин гуфтаҳо аз дилаш берун нашуд. «Ё ҷавобашро диҳаму дигар умедворӣ набахшам?» — барқ барин аз хаёли духтар гузашт.

— Хуб, чанд муддат сабр мекунем? То кай? — Аз ӯ рам хӯрдани духтарро пай барад ҳам, Кабир умедашро буридан намехост.

Оҳанги қаҳролуда ва асабонияти вай ба дили Занҷир тир барин сахт мерасид, аммо наадешида сухане гуфтан намехост. Ба худ меандешид, ки агар ин ҷавон шавҳараш бошад, бо ӯ чӣ муомила карданаш маълум: хоҳиши ман барои ту қонун аст мегӯяд, майли маро заррае инобат намекунад. Албатта, одами беайб нест. Эҳ, агар ман мард мебудам... Аз ишорае дили духтарро мефаҳмидам,

бо ҳар як кору суханам ӯро хушбахт мекардам. Ин бача хабар надорад, ки ҳамин «то кай?» гуфтанаш чӣ хел ба дили ман оби сард мерезад...»

— Намедонам, — Занҷир оқибат шонаҳояшро боло бардошту дар нигоҳаш ифодаи бепарвои дилгирона ба чашми Кабир нигарист. — Намедонам, кай шуморо дӯст доштан метавонам. Садо аз ду даст. — Сонӣ ба суханаш оҳанги шӯхию ҳазл бахшида гуфт: — Ба нақша гирифтан даркор. Ҳар ду ӯҳдадор мешавем, ки то охири сол ба дили якдигарӣ аз порсола бештар тухми муҳаббат кошта ҳосили...

— Сонӣ... Ман равам, бо дугонаҳоятон масхарабозӣ мекунед, — гуфт Кабир суханашро аз зиҳи дандон бароварда, бо табассуми талх.

— Ман агар шуморо дӯст дорам, зуд сари роҳатонро мегираму мегӯям, агар дӯст надорам, аз ман наранҷед, паноҳи худо! Ҳа, агар дилатон ба ягон духтар об хӯрад, бемалол... — гуфт Занҷир ба чашмони Кабир рост нигариста тез-тез.

Ҷавон ранҷидахотир нигоҳашро поён гирифт.

## 14. «Афсун»-и миёнчӣ

Пирони деҳа қиссаву ривояти бисьёрро ёд доранд, онҳо он ёдгорро афсона не, саргузашт мегӯянд ва аминанд, ки ҳар яке аз он воқеа ба кадоме аз бобоён дар зиндагӣ рух додаст. Аммо ҷавонон, ки тоифаи ҳозирбинанд, ин ривоятҳоро асари хаёлоти рангин ва маҳорати афсонапардозон мепиндоранд. Онҳо аз таърихи ин қиссаҳо ва ин сарзамин бехабаранд, ҳол он

ки ҳар як афсона ва саргузашт сабақи рӯзгор, василаи огоҳӣ ва хотирнишон кардан аст. Агарчӣ пирони солдида баъзе аз он саргузаштҳоро шоҳиди барҳаётанд, ҷавонон ба қавли онҳо камтар эътибор доранд. Чаро ҷавонони имрӯз ин қадар нобоваранд, ҳеҷ кас возеҳ намедонад. Баъзеҳо аминанд, ки ин ҳол бар асари ҳамлаҳои мо ба кулли тартиб ва расму ақоиди пешин рух дода.

Шабе, ки Занҷир бори нахуст аз шаҳр ба деҳа омад, бибии пир зимни насиҳату дилбардориҳо як қиссаи тозаашро, ки барои ӯ дер боз дар зеҳни худ гиреҳ баста монда буд, ҳикоят кард.

Дар як замон, дар як макон се марди ҷалои ватан дар роҳи сафар ба ҳам расидаанду ҳамроҳ гаштаанд. Роҳ рафтаанд, роҳ рафтаанд, ҳафтаву моҳ рафтаанду ба дараи кӯҳе даромадаанд. Пайроҳае қад-қади наҳри пурталотум ва шӯрангез тӯл кашида, дар тори сари онҳо шаху зовҳои баланду даҳшатафкан соя андохтаст. Рӯи шахи сари роҳ ин суханон сабт будаст: «Роҳи бегуноҳон». Ҳар кӣ гуноҳе дорад, аз ин роҳ саломат намерафтаст. Мусофирон аз роҳ истода, машварат мекунанд. Яке аз онон, ки соҳиби деҳае будаст, мегӯяд: «Дар ин ҷаҳон гуноҳ нокарда касе нест. Агар замоне ба одамон сахтдастӣ кардаам, ҳеҷ боке нест, дар ивази гуноҳам чандин кори савоб дорам: масҷид сохтам, қурбониҳо кардаам, ба шайхон назр додаам, тоату ибодат ва намозам канда не. Ба сари ман дар ин роҳ санге намезанад». Дигаре мегӯяд, ки тарозудор буд, аз ҳақи мардум мезад, моли касонро бо зӯри ақлу тадбир мегирифт, аммо растаеро обод кард, ҳавз сохт, ҷӯй

гузаронд, корвонсарое барпо кард. Сеюмӣ мегӯяд: «Бародарон, исту бисти ман гуноҳ аст. Ошиқ будаму ринди бенамоз. Кори савобе ҳам накардаам».

Мусофирон таваккал бар худо мекунанду ба роҳ медароянд. Дар ними раҳ санге аз боло парида ба сари соҳиби деҳа мезанаду ӯ ба наҳри хурӯшон меравад. Санги дигаре ба дасти чапи тарозудор мезанад, вай ҳам ба об меравад, аммо бо як даст аз соқаи бодоме, ки дар канори об мерустаст, дошта, амон меёбад. Марди ринд бе ҳеҷ осеб дасти тарозудорро гирифта, он роҳро ба поён мерасонад. Мусофирон дар поёни он роҳи сахт ба манзили шайхе медароянд ва ҳар яке саргузашти худро мегӯяду эзоҳ талаб мекунад.

«Тарозудор, ту ҳар рӯз кӯдаки бекасу кӯеро кор мефармудиву бо як нон ва як каф бодом навозиш мекардӣ, — мегӯяд шайх. Ноне, ки бо дасти рост ба бача медодӣ, дасти рости туро сипар шуд ва бодом ба имдодат расид. Ту, — ба дигаре рӯ меовард шайх, — марди ошиқу ринд будаӣ, азбаски ба ҷони касу моли касон қасде накардӣ, гуноҳи ту кам аст...»

— Ана, ҳамин тавр, духтарам хотирҷамъ бош, ҳар як сангу чӯби ин замин ба сари вай нобакор мезанад, чунон ногаҳонӣ мезанад, ки... Насиҳати ин бибии пиратро дар гӯш дор, ҳушьёр шав, духтаракам, ба ҳамин гашта-накот ҳам бахилӣ мекунанд, бахил агар ба саг бахилӣ накунад, бахил не, мегӯянд, — талқин мекард бибӣ.

Занҷир ин суханони бибиро ҳар замон ба ёд оварда, чашмдор буд, ки дар ивази ростию некдилиаш ӯ ба мурод мерасад. «Аммо кай ҳамон санги сазо ба сари

нокасон мезанад? Кай? Баъди хоку туроб гаштани ман?» — мегуфт вай гоҳе итоб намуда худ ба худ.

Айёми охир Занҷир пай мебурд, ки Бадалбек бо ҳамхонаҳои ӯ чӣ муомилае дорад. Иринаю Салима алоқамандии худро бо Бадалбек аз ӯ махфӣ медоштанд ва ин кори онҳо ба Занҷир алам мекард. Хавфаш аз он буд, ки Бадалбек дильёбӣ кардан метавонад, ҳамхонаҳояшро ба худ моил мекунаду бо ҳамин дасту пои ӯро билкулл мебандад. Аммо ин гумони ӯ ғалат буд: Иринаю Салима сидқан ба вай некхоҳӣ доштанд.

Баъзан аз ин гапу корҳо Занҷир ончунин дилгир мегашт, ки таваккалан ба ягонтаи ҳамин хостгорон розигӣ додан мехост. Ҳангоми чунин дилтангиҳояш ҳатто Бадалбек ҳам дар назараш як марди наҷотбахш ҷилва менамуду мегуфт: «Ҳам аз худу ҳам аз ин одамон безор шудам. Агар Бадалбек зан намедошт, ба ҳамин пирсаг мерасидаму аз ин моҷароҳо ду-се рӯз осуда зиндагӣ мекардам...» Баъд фикр мекард, ки ба рӯи зани Бадалбек ва фарзандони ӯ, ба чашми ҳамдеҳаҳо чи гуна нигоҳ мекунад. Занҷир ин ҳолро пеши назар меоварду вуҷудаш ба ларза медаромад. Бо вуҷуди ин, хусусан, баъди он, ки Кабир ӯро малул кард ва дигар ҷавони шоистатаре ба вай дучор наомад, Занҷир гоҳ-гоҳ аз Бадалбек ёд меовард. Дар фабрика аллакай алоқамандии ӯро бо Кабир медонистанд, пичир-пичиру гӯшакиҳои онҳо ҳам ӯро бефароғат месохт. «Ҳамин хел овозаҳо чи хел пайдо мешаванд, паҳн мегарданд ва боз оҳиста хомӯш мегарданд, ҳеҷ кас намедонад, — мегуфт ӯ ҳоло, — Аслан, овоза ҳам огоҳӣ аст, бонги хатар ва ё ба ҳуштаки поезд монанд аст. «Кӣ гуфт, кӣ паҳн кард?» гӯён

овоза катӣ мубориза карданӣ мешаванд, ки ин кори сирф беҳуда аст. Саҳви ман шуд, ки Кабирро дуруст насанҷида, надониста ҳамроз гаштам. Агар бадиққаттар менигаристам, майдагапиаш маълум... Аслан, чандон ҷавони бад ҳам не, худам инҷиқ гаштаам, вуҷудам пур аз шубҳаю хавф шудаст...»

Ирина аз дар даромада гӯшаки радиои деворро тофт ва риштаи андешаи Занҷирро барканд. Савти рубоб ва овози дилнишини Ҷӯрабек Муродов хонаро пур кард.

— Ҳофизи дилписандат мехонад, — гуфт Ирина дар ҳавои тарона ба ракс даст кушода. — Ба ман ракси тоҷикиро омӯз, ман ба ту танци русиро ёд медиҳам, Занҷир. Бо ҷавонон оғӯш ба оғӯш мераксӣ! Эҳ, ба дасту бозуи мард такья кардан чунон нағз, чунон нағз! Э, ту хока медонӣ! — Ирина лаҳзае чашмонашро пӯшида, хаёлан худро дар оғӯши ҷавоне тасаввур кард магар, лабонаш ба табассуми ширин моил шуданд. — Биё, ин бегоҳ туро ба боғ ба ракс барам? Меравӣ?

— Девона шудам магар?

— Ту то кай побанди урфу одатҳои феодалӣ мемонӣ, ҳеҷ намедонам. Ҳой, олам дигар шуд, чашматро кушо! Ҳамин рӯзатро дону ишрат кун, фардо чӣ мешавад, худо медонад. Ҳозир зану мард баробаранд, якдигарро шинохта, озмуда...

— Ба ҳоли худам наменонанду... Ду соат пеш на Салима буд, на ту, ба хона ҳамон даллаи Бадалбек омад.

— Хуб, чӣ гуфт?

— Чӣ мегуфт, маро барои Бадалбек хостгорӣ дорад.

— Ба ман нигар, агар ин хел муштипар барин хонашин бошӣ, вай аз ту умедашро намеканад. Баро,

ҳамроҳ ба боғ меравем, бо ҷавонон шинос мешавӣ, гуселат мекунанд... Ана, сонӣ Бадалбеку даллааш ҳад доранд, ки ба ту наздик шаванд. Ба боғ рафтан катӣ, дарҳол туро намехӯранд. Урфу одат гӯён дар кунҷи хона мағор зада нашин, Занҷир. Агар духтар бамаънӣ, хулқаш покиза бошад, аз боғ ҳам шинохта мегиранд, аз ресторан ҳам. Нигоҳ кун, ҷавонону духтарон дар шаҳр чӣ хел мегарданд?! Ҳозир пешопеши ман ду ҷуфт писару духтар — тоҷикон меомаданд. Кӯр шавам, ки кадоме духтару кадоме писар фарқ кардан натавонистам.

— Намедонам, дар ҳама кор ба мардон тақлид кардани занон дуруст аст ё не, аммо урфу одати халқро на фақат ман, балки ҳазорҳо ман барин духтарон ба майдончаи боғ рафта рақсанд ҳам, тағйир додан наметавонанд, — гуфт Занҷир сухани Иринаро бурида. — Худро бадбахт мекунанду бас. Пешравӣ, тамаддун мегӯӣ, наход, ки он ба рақсу ишқбозии рӯирости духтарон вобаста бошад? Намебинӣ, ҷавонони донишҷӯ сари духтарони гӯлро гардонда, рақс мекунанд, шабу нимишаб дар кӯчаҳо дасту бағал мегарданд, аммо аксар ба деҳаашон рафта, ба ҳамон духтарони ба қавли ту, бемаданият хонадор мешаванд. Духтароне, ки саросема ба маданиятнокии онон бовар мекунанд, фиреб мехӯранд.

— Э, мон, туро тарбия карда натавонистем, — гуфт даст афшонда Ирина. Ин дам Салима ба хона даромаду Ирина ба вай рӯ овард: — Ҳой, зани занон, куҷо гаштӣ, ба хона хостгор омадаст! Хостгор катӣ худи духтарамон гапзанон кардаст. Аслан, барои чӣ мо худи Бадалбекро

ба ин ҷо даъват карда, рӯ ба рӯ гапзанон намекунем?! Даъват кардан лозим...

— Ту биист. Кӣ омад, Занҷир? — Салима тӯрхалтаи дасташро рӯи миз ниҳоду ба чашми Занҷир нигарист.

— Ҳамон занак... Миёнчии Бадалбек амакатон, — кинояашро пинҳон надошт вай.

— Амаки ман не, амаки худат. Чи гуфт? Ба хона даромад? — чашмони сабзашро калон карда ташвишомез пурсид Салима.

— Даромад. Чӣ буд? — Аз ташвиши ваҳмангези Салима дар ҳайрат, маънии пурсукови ӯро нафаҳмида саргаранг буд Занҷир. Вай ҳайрон буд, ки Салимаи баъзан тарафдори хостгории Бадалбек чаро аз омадани миёнчӣ дар таҳлука аст.

— Ин далла хеле вакт боз фурсат мепоид... Чӣ гӯям, духтари гарангӣ ту, Занҷир!.. Ин хел далла барои ту катӣ чой хӯрдан ба хона намеояд. Метарсам, духтарҷон, ба бағали ҳамон амаки мӯйлабдарозат медаройӣ-дия. Хайр, аслан, шавҳари кори калон аст, аммо чи кунам, ки каллаи ту пури бод аст.

Занҷиру Ирина ба маънии сухани ӯ ба дурустӣ сарфаҳм нарафта, бо тааҷҷуб ба чашми ӯ нигаристанд. Салима аз авзои онон матлабро пай бурду ҳукми худро тавзеҳ кард:

— Ин далла дили туро бо ягон афсун ба он амак гарм кардагӣ. Вай фақат аз паи ҳамин кор ба хона меояд.

— Ҳолӣ ҳам ту ба ҳамон афсонаҳо бовар мекунӣ? — гуфт Ирина ва даст афшонду рафта дар кати худ дароз кашид.

— Мо одат кардаем, агар ба шарҳу тавзеҳи илмии чизе ақламон нарасад, онро афсонаву мавҳумот мегӯем. Ирина, ту ба ман бовар кун, як духтари қобилу меҳрубон ба як марди нафратангез, ки худаш ӯро аз бало бадтар медид, мерасам гӯён, аз падару модараш рӯй гардонд.

— Нағз дида бошад...

— Он мардро ягон зану духтар хуш намекунад. Як одами ҳайвонсуробе.

— Хуб ана, агар дили Занҷирро бо афсун гарм карда бошад, мебинем. Ҳой духтар, гап зан, — Ирина ба Занҷири андешаманд рӯ овард, — дил-пилат ба он амак чиз-пиз мекунад?

Занҷир табассум кард, сонӣ даст афшонду беҳудагӯӣ чи даркор гуфтан хост, аммо хавотириаш аз авзояш маълум буд.

— Занҷир, ӯро дар хона танҳо монда, чоймонӣ баромадӣ-а? — ба таҳқиқ пурсуҷӯ дошт Салима.

— Ҳа, як чойник чой кун, ташнаам, гуфт, меҳмонро «берун баромада ист» гӯям?

— Шуд. Бархез, як бор бистаратро ковам, — Салима ба назди кати ӯ рафт. Занҷир зоҳиран бепарво дар рӯи ҷогаҳ дароз кашида, китобро варақ мезад. — Ман ба ту мегӯям, бихез, шӯхӣ мапиндор, одами пулдор аз хас мадад гӯён, ба ҳар як чора дударста мечаспад. Ҳозир ба хона даромадаму дилам дигаргуна тапидагӣ барин, сарам гирд гашт.

Салима кӯрпаю болишти Занҷирро афшонда бо диққат нигаристу оқибат дар як канори матрас чокеро дида, аз Занҷир пурсид:

— Ин чок пештар буд?

— Намедонам, валлоҳ... Набуд.

— Нав буридагӣ барин, — гуфту Салима ба он чок ангушт даровarda аз даруни матрас як тӯбча риштаи рангоранги пургиреҳро гирифт. — Ана, нагуфтам, ки гулӯямро касе хафа кардагӣ барин, дилам ғашу ғил...

Ҳар ду ба он чиз мутаваҷҷеҳ шуданд. Ирина аз каташ бархоста омад.

— Ҳафт хел ришта... ана, ин аз мӯи худат... ана, инаш латтаи дуо... Туро афсун кардаст, духтар, — гуфт Салима бо тантана.

Риштаҳои пургиреҳро ҳар яке ба даст гирифта диданд.

— Акнун чӣ мешавад? — гуфт Занҷир ба зӯр овоз баровarda. — А?.. Чӣ кор кунам? — Ранги вай канда, чашмонаш бо изтироб ба ҳар яке бо навбат менигаристу имдод талаб дошт.

— Ба як канор бару сӯз, — гуфт Салима монанди занҳое, ки ин хел сиру савдоро бисьёр дидаанд, ба тамкин ва эътимод. — Рӯзи шанбе ман туро ба як ҷо мебарам, афсуни ӯро мегардонанд.

— Ба дили духтар ваҳм андохтӣ! — гуфт Ирина маломатомез ба дугонааш нигариста. — Бовар накун, Занҷир, гап аст ин, содда нашав.

— Гап будаст! — тамасхуромез писханд кард Салима. — Ку бинем, «гап аст» гӯён гардад, баъди як моҳ дар пеши ин духтар «Бадалбек лоиқи ту не» гӯю бин! Сири гипнозу афсунро ҳеҷ кас то охир намедонад, Ирина! Олимон ба ин иқроранд.

Занҷир аз хусуси бо афсун гарму хунук карданҳо дар деҳа қиссаҳои бисьёр шунида буд, аммо то имрӯз ба ин

амал чандон бовар надошт. Ҳоло ин банду латтаҳоро дида, дилашро якбора ваҳм гирифт, гулӯяшро чизи номаълуме хафа карда, дилаш дар қафаси сина танг гашт. Ӯ зуд бархоста, ба ҷое рафтан бо ягон кас маслиҳату машварат кардан мехост, аммо ончунон саргаранг буд, ки ҳарфе ба забонаш намеомад.

Салима сӯзондани он риштаю латтаҳоро бори дигар дастур доду аз паи кори худ шуд, аммо Занҷир беқарор ба он чиз менигаристу бесабаб хонаро мегашт, гоҳ назди тиреза рафта ба берун назар меандохт, оҳиста оҳе мекашиду баргашта ҷевони либосро мекофт. Ҳоло вай ба ёд овард, ки дар деҳа ба зиндагию ҷудоии чандин ҷуфт зану шавҳарон мардум афсуни гарму хунукро сабаб медонистанд. Обиди духтур Хосияти хӯшруйро аз шавҳараш дилхунук кард, оқибат ҷудоӣ андохту гирифт, мегуфтанд. Бадалбек чӣ, худи Бадалбекро ҳам занаш ҳеҷ намехостаст, шум чӣ амале карда, дили падари духтарро ба худ гарм кардасту вай ба майли духтараш нигоҳ накарда, рӯмолча додаст. Духтар баъди ба хонаи Бадалбек омадан ҳам, як-ду моҳи аввал шавҳарашро ҳеҷ хуш надоштаст, аммо баъд дилгарм гаштаст. Ҳоло зан мегуфтаст, ки Мулло Сиддиқи Навкатӣ мурданду меҳри дили ман ҳам ба ин бало адо шуд. Ҳамаи ин дурӯғ аст ё рост, ҳеҷ кас намедонад. Наход, ки дурӯғ гӯянд? Агар маро ба он шум гарм карда бошанд, чӣ мекунам? Наход ки ба ҳамон марди ҳамсоли додом зан шавам?! Чӣ кор кунам, чӣ чора? Салима ба назди касе мебарам гуфт, он одам ин афсунро гардонда метавониста бошад ё не? Ба деҳа рафта бибиам катӣ маслиҳат мекунам... Аслан, барои чӣ ба ин хурофот бовар дорам? Мавҳумот

бечораю дармондагонро зуд таъсир мекунад, гӯён дар кучое хонда будам. Не, ман бечора ҳам не, дармонда ҳам... Ҳамту, аз эҳтиёт пешгирӣ кардан мехоҳам...»

Занҷир дар тасаввур овард, ки ҳоло ҷавонону духтарони фабрика агар аз тамоми фикру андеша, шубҳаю гумонҳое, ки ӯ дар дил дорад, огоҳӣ меёфтанд, чӣ валвалае боло мегашт. Бешак, аз ваҷҳи ин гуна ҳарос ва буздилиаш мавриди мазоҳу масхара мебуд. Ӯ чандин бор ба дил аҳд карда буд, ки дар ботину зоҳир якранг бошад, ҳар он чӣ ба дил мегӯяд, ба забон орад, аммо феълан ин корро наметавонист, ки наметавонист. Худаш ҳам амин буд, ки ҳанӯз, бо ин мавқею мақоме, ки дар ҷамъият дорад, ӯ дар ҳама ҳол якранг, якдилу якзабон будан наметавонад. Аммо дилпур буд, ки рӯзе феълан ба нияти худ мушарраф мегардаду дилаш равшан, рӯҳаш озоду беғаш мешавад, он гоҳ одамонро, ба қавли бибиаш, бо чашмони дилаш мебинаду неку бад — ҳама бар ӯ аён хоҳад гашт. «Он гоҳ бибиам барин одамонро аз як назар дидан мешиносам, суханашон қалбакӣ аст ё холис, пай мебарам. Ба худ расидан, одамонро шинохтан, ҳақиқатро дарьёфтан ҳам мақсади хурд нест, аммо баъзе одамон инро намефаҳманд. Хайр, агар ман ҳам ғарраи гапу кори ночизи худ валвала бардошта мегаштам, ки ҳад дошт, ки ба рӯям тамасхур кунад, хатои манро гӯяд?!»

Ақидаҳои таскинбахшу тасаллипарвари бибӣ, махсусан, ҳангоми бебарориҳо аз ҳар ҷиҳат ӯро гиребонгир мешуданд. Ба ҳар ҳол, Занҷир айёми хушвақтию компрониҳо аз онҳо камтар ёдовар мегашт.

## 15. Дилҷӯӣ

Кабир хеле муддат ба Занҷир димоғ тоб дода гашт, ҳангоми рӯ ба рӯ шудан сар ҷунбонда, нӯги забонӣ, ночор салом мегуфту бас. Аммо ин вазъи вай дер гоҳ тӯл накашид. Боз тадриҷан забони ҳолҷӯиаш гӯё шуд, табассуми шавқмандӣ дар чеҳрааш гул кард ва боре ба хобгоҳ омаду боз аз муҳаббати худ сухан сар карда, ранҷу азобашро гуфт ва сипас дар тавсифи кору эътибори Занҷир дар корхона сухан гуфта, ақидаи баъзе аз ҳамкоронро аз ин хусус нақл кард. Сонӣ аз қадррасию вафодориаш ба ӯ ваъдаҳо дод, савгандҳо хӯрд, ки агар ӯро фиреб кунад, кӯр мешавад, песу махав мегардад.

Занҷир суханони ӯро гӯш мекарду дар дил бо худ гуфтугузори дигаре дошт: «Агар Кабир шиносо нагашта, ҳамгап нашуда хостгорӣ мекард, аз толеам шукркунон ба вай мерасидам. Хуб, акнун чаро ноз мекунам?.. Ҳайронам. Ҳатто дар нисбати ин ба ман Бадалбек маъқултар барин: мард барин салобате дорад. Ин дар назар кӯдак барин аст. Наход ки сабаби ин ҳол шиносоӣ, донистани дили ӯ бошад?.. Бадалбекро ҳам мешиносам-ку чаро ӯро ин барин нописанд кардан наметавонам. Ҳатто Иринаю Салима ҳам ҳоло дар ҳақи вай сухан ояд, ҳурматомез гап мезананд, фақат, синнаш андаке калон мегӯянд... Ба фикрам, Бадалбек инҳоро ба ресторан бурда, зиёфат кардагӣ ва аҷаб не, ҳамон гулдонҳои булуринро вай ба умеди дилҷӯӣ харида тӯҳфа карда бошад... Ҳайронам, чи кор кунам, аз кӣ маслиҳат пурсам? Падару модар қудрати пуштибонии маро надоранд, бародари тавоное надорам, то ҳар замон

«ҳолат чист» гӯён аз дарам дарояд. Баъзе арӯсонро аз вачҳи падару модар, амаку тағои корбудкун ё пуртаъсирашон тарафи домод иззат мекунанд, сахт намерасанд. Ҳамсари ман бояд ба худам мувофиқ бошад. Кабир барои чӣ маро саросема мекунад, ҳеҷ ақлам намегирад. Модараш аз ҳамкорзанон маро пурсидаст. Ҳатто яке аз хоҳаронаш ба корхона омада, маро дидаст. Ба Кабир чӣ хел фаҳмонам, ки ман зоҳири ӯро не, дили ӯро дида, шинохта сонӣ... Ба вай осон аст, лекин агар ман пушаймон шавам, чӣ мекунам? Шикастапораҳои умедамро, ҳаётамро ба назди кӣ мебарам? Салима мақсади маро намефаҳмад «хайр, шавҳар кун, агар нағз бошад, зан мешавӣ, ба дилат нафорад, чор тарафат қибла мегӯӣ, ними ҳавлиашро девор зада мегирию аз хобгоҳ халос мешавӣ» мегӯяд. Намедонад, ки ба ман ҳеҷ чизи вай даркор не, агар ноодам барояд, сарамро гирифта меравам, дигар илоҷам нест. Лекин ба куҷо меравам?.. Не, мурданам авло. Дар деҳа мегӯянд, ки ана, агар духтари бамаънӣ мебуд, даст ба даст намешуд. Ман мехоҳам бо ҳамсарам монанди гӯшту нохун пайванд бошам. Кӣ ба ман кафолат медиҳад, ки Кабир ҳамин гуна шавҳар мешавад? Кӣ? Ана, барои чӣ одамон қалинро фикр карда баровардаанд! Ҷавонон осон зан гирифта, сабукфикрона ҳаёти духтарро нашикананд! Аз ду сар қалинро мегиранду дар ивази он духтар асбоби рӯзғорашро омода карда, ба хонаи домод меравад. Хуб, одамони хондагӣ мегӯянд, ки муҳаббат кафолатдор аст. Лекин муҳаббат эҳсос аст, ҳисси одамӣ ҳар хел мешавад — баъзе чуқуру устувор, дигаре зудгузар, нопойдор. Не, духтар ҳаёташро ба эҳсос супурда наметавонад. Ба ман

кафолати эҳсос кам аст. Ман ба хато, ба таваккал умедамро намесупорам... Барои чӣ то ҳол ӯро дӯст медорам ё не, равшан намедонам? Аз дӯстдорӣ одам таб накунад, атса назанад, ягон аломати дигар надошта бошад, чӣ тавр гӯям, ки дӯсташ медорам. Мегӯянд, ки одам аз ишқ девона мешавад... Агар дар миён андешаи фоидаю зиён, ягон ғарази ба ҳамин монанд набошаду ҳеҷ каси дигар ҷои маҳбубро иваз кардан натавонад, он гоҳ ишқ аст.

— Занҷир, нияти ман ҷиддӣ аст.

Кабир овозашро баландтар карду Занҷир аз олами андешаҳои худ ҷудо шуд, вале суханони такрор ва якнавохти ӯ ба дили духтар таъсири амиқ надоштанд, бинобар он, бедиққат гӯш мекард.

— Шумо ҳам бо камоли ҷиддият сухан кунед. Талабгоратон кам не, медонам, лекин талабгор аз талабгор фарқ дорад.

— Бори дигар ҷиддан андешида мегӯям: ин кори бозӣ не, рафиқ иқтисодчӣ! Ҳа, инро савдои умр мегӯянд, — гуфт Занҷир ба таъкид поҳошро ба замин тап-тап кӯфта. — Шумо худ гуфта будед, ки маънии дигари иқтисод сарфакорӣ аст, эҳсосро ҳам ба сарфа харҷ кунед, сарфакор! Беҳисоб ба ҳар тараф рехтан гиред агар, мабодо, ки камомад шавад.

Занҷир дар ин ҳангом, ки забонаш ин суханонро мегуфт, ба дил гуфтугӯи дигаре дошт: «Очаам ба фалон табиб баред гӯён исрор кунанд, бибиам гуфта буданд: «Бубар, ки мега, бубараш, гувоҳии дил аз далели ҳазор ақл пештар аст». Инак,ҳоло ақлам мегӯяд, ки домани ин ҷавонро аз даст нагузор, ин барин хоҳони ҷазбманду

фарзанди хонаводаи осударо ёфтанат кори муҳол аст, аммо дилам мегӯяд, ки сабр кун, дӯстдорӣ ин тавр нест, муҳаббат бешубҳаву гумон, бедудилагӣ мешавад... Вале сухани гуфтагии ошиқи илмнок, сафеду сиёҳро фарқ мекардагиро шунавед! Э, тавба, чӣ мешавад, ки як раҳ, одам барин, ба худ бино монданашро маълум накарда, аз дигарон афзалияташро таъкид насохта, сухан кунад?! Девонаи Даҳандарида кадом рӯз мазоҳаш мекард, ки беилм-пилм бошад ҳам, аз Кабир барин илмнок ду баробар зиёд маош мегирад... Талабгор аз талабгор фарқ доштаст!, Ё бачаи гӯл аст ин Кабир ва ё соддафиреб. Сарам ба дард омад. Ба худо, ки духтарони қишлоқ аз ин хусус фароғат доштаанд: парвое надоранд, падару модар касеро лоиқ донанд, ба ҳамон мерасанду мераванд, дӯсташ медоранд. Ба ростӣ, кас лаҳзае фолбин будан мехоҳад, то бубинад, ки Кабир баъди хонадорӣ дар оила чӣ сирату сурате дорад. Бибиам мегуфтанд, ки дилатро покиза дор, аз дурӯғу дағал панох кун, дилат оина барин равшан мешаваду ҳама сири дуньёро ба ту мегӯяд.

— Гумонатон ман шуморо фиреб мекунам?.. Не-е, мо аз он хел одамон не. — Кабир дудилагии ӯро пай бурда эътимод бахшидан мехост. — Дар тӯби мо занмондаю шӯмондаҳо нестанд. Мо ору номус гӯён ҷон медиҳем. Бобоям номус гӯён баъди вафоти бародараш зани бевамондаи ӯро ба бегона надода, ба никоҳи худаш даровардагӣ. Имрӯз ҳам марди бесабаб занмондаро дар маҳаллаи мо хуш намекунанд.

— Фиреб мекунед нагуфтаам, — гуфт Занҷир чӣ ҷавоб доданашро надониста. — Агар феълу атвори

якдигарро надониста, нафаҳмида тӯй кунему сони кору суханамон ба ҳам бахья нахӯрад...

— Ман фардо тӯй нагуфтаам-ку! — гӯё ҷон гирифт Кабир. — Ба падару модаратон гӯед, онҳо омада, хонаводаи мо катӣ шинос шаванд, гапзанон кунанд...

Занҷир якбора баланд хандиду Кабир аз гуфтан таваққуф кард ва бо тааҷҷуб ба духтар нигарист.

— Падару модари ман дар сад сол ҳам ба дари шумо намеоянд, — гуфт вай хандон-хандон. — Остонаи духтардор баланд аст, рафиқ сарфакор! Хостгорӣ ин тавр намешавад. — Занҷир аз бевуқуфии ҷавон мамнун, ширин табассум дошт. Аз чӣ бошад, ки дар нисбати хӯрдагирию донотарошиҳои Кабир ҳамин бехабарии ӯ ба вай хуш меомад. Ӯ чунон хаёлангез маҳин табассум дошт, ки миёни лабони сурхи ба ханда моилаш дандонҳояш гулобиранг менамуданд. — Саравал мебояд, ки ман розӣ шавам, аз одами хуш кардаам дилпур бошам, дӯст дорам. Сонӣ падару модари шумо хостгорӣ мераванду тарафи мо хоҳиши онҳоро шунида, «чарх зада бед, маслиҳат кунем» гӯён, мӯҳлат медиҳанд. То навбати дигар омадани онҳо падару модари ман пурсуков карда, кию чӣ будани хонаводаи шумо, худатон, гузаштагонатонро мефаҳманд, аз ҳамкорон ва ҳаќу ҳамсоягонатон гап мегиранд. Сонӣ маслиҳату машварат мекунанд, ҳамаро ба тарозу монда месанҷанду баъд ба як қарор меоянд. Ҳатто бори дуюм оянд ҳам, ба хостгорони шумо дарҳол рӯмолча намедиҳанд.

— Эҳ-ҳе-е!.. — Қаҳролуда даст афшонд Кабир. — Расму қоидаи деҳаро як сӯ монед, мо одамони ҳозиразамонем. Одатҳои кӯҳнаи боёну феодалон... —

Кабир давоми суханашро гуфта натавонист, зеро Занҷир бо нимтабассуми маънидор ба вай нигариста сар меҷунбонду бо забони нигоҳаш мегуфт: «Ту ҳам ҳамин суханони беҳударо такрор мекунӣ?! Расму одат ба халқ тааллуқманд аст, на ба сарватмандон ё бечорагон. Масалан, пеш аз инқилоб дар деҳаи мо ду нафар давлатманд будаанду чор нафар миёнҳол. Магар ин шаш хонавода барои худ расму одати махсус ҷорӣ мекарданд?!. Бою камбағал — ҳама бо якдигарӣ хешу ақрабо, аз як реша, аз як палак. Яке чор-панҷто, дигаре чил - панҷоҳта моли реза доштаст. Инаш дарди бахайр, Кабир аз чӣ бошад, ки ҳар бор калимаи «деҳа»-ро нописандона ба забон мегирад. Балки ҳамзист шавем ҳам, аз ин ваҷҳ маро таъна мекардагист? Ба ҳамин тарз нописандона «деҳа-деҳа» гӯяд, ман тоб оварда наметавонам...» Вале тухми муҳаббате, ки дар дилаш неш мезад, ин гумони нохушро зуд парешон сохт. Занҷир лаҳзае худро ба ҷои Кабир монда, ба ин вазъият аз даричаи чашмони вай нигаристан хост.

Дар назари Занҷир чунин меомад, ки бо Кабир ҳаёташро пайваста зиндагӣ кардан тавонад ҳам, ӯ ҷавони майдагап дар нисбати баъзе ҷавонон бачасуроб аст, сухани ӯ кору амали ӯро дида, ҳайрон намешавед, мафтун намегардед. Аз ин бобат вай ҳаргиз Довар барин намешудагист. Ана, ӯро инҷинер гӯед, меарзад. Ба рӯи кас наменигарад, сухани зиёдатӣ надорад... Агар ман дар ҷои Кабир мебудам, ҳеҷ бесабрӣ намекардам, баръакс, ягон бор падару модарамро оварда, духтарро бо ягон баҳона ба таҳи дарвоза чеғ мезадам, онҳо шиносо мегаштанд, бигузор волидайн арӯсшавандаро

бинанд, ситорааш хуш меояд, ё не.... Эҳ, агар мард мебудам, духтари дилписандамро чунон дӯст медоштам, ки ишқи ман дар забонҳо афсона мегашт. Не, ин ҷавонон дӯст дошта наметавонанд. Худашонро дӯстдоранд. Ана, Кабир ҳам сабр кунем гӯям, қаҳраш омад. Чаро ҷавонон ин қадар худпарастанд, фақат сухани худ, майлу хоҳиши худро инобат мекунанду бас? Ба атроф менигараму ана, он Довар барин ҷавони яклухт, ҳунарманду худшиносро кам мебинам. Дар байни мардони миёнсолу солдидаи корхонаамон ин қабил одамон ҳастанд, аммо ҷавонон — аксар майда-чуйдаи худписанд. Ана, устои мо амаки Лочин чӣ хел марди наҷибу пуртамкин. Аз ин ҷавонон кӣ вай барин мешавад? Кӣ вай барин бар замми шаш фарзанди мактабхонаш ду кӯдаки рафиқашро ба фарзандӣ мегирад? Зану шавҳар бо мошин ба дарьё парида, ҳалок шудаанду ду кӯдакашон рӯи хона мондаст. Саравваал хешу табор фарзандон ва молу ҳоли ду берӯзиро соҳиб шудаанд, аммо сонӣ-сонӣ бачаҳоро нағунҷондаанд, Лочин-амак хабари саргардонии кӯдаконро шунида, аз паи онҳо рафтаст. Бадалбек баринҳо гумон доранд, ки пулдорӣ — маънии ҳаёти одам аст. Не-е, ин тавр набудагист. Номи неку кори нек дар дуньё асосу эътибори одам аст. Бибиам қиссаи Ҳотами Тойро мегуфтанду таъкид мекарданд: «Ростӣ ҳамеша роҳатрасон аст». Ман мехоҳам, ки шавҳарам ана ҳамин амаки Лочин барин бошад. Ба фикрам, илм гирифтан катӣ на ҳама кас оқилу накӯкор мешудаст, аммо одами накӯкор ҳамеша оқилу доно ва дӯстрӯй аст. Хайр, аҷаб не, Кабир ҳам ба синни он кас дарояд, ҳалиму дильёб ва

пухтаю суфта мешудагист. Мегӯянд, ки пеш аз инқилоб, ҳатто дар солҳои ҷанг ҳам бачаҳои чордаҳсола саробони хонавода будаанд. Наход, ки фақат сахтию тангрӯзӣ бачаҳоро зуд ба камол расонад? Не, агар ин тавр бошад, фарзандони давлатмандони дуньё — ҳама хому норасида мемонданд. Ҳол он, ки аз рӯи қавли ба Артек рафтагон, онҳоро ҳаргиз фарзанди капиталист намегуфтаед. Чунон хуб навбатдорӣ мекардаанд, пухтупаз, дӯхтудӯз, ҳазору як ҳунар аз дасташон меомадаст..»

— Хуб, акнун гап ҳамин аст? — бепарво дар банди андеша афтодани Занҷир Кабирро андаке оташин карду вай бо як навъ оҳанги беэътино, гӯё дар бозор нархи қатъии харбузаеро мепурсида бошад, савол кард.

— Сабр кунем, аз сабр ғӯра ҳалво мешавад, мегӯянд, Кабир-ако, — қаҳру ситезакории Кабир ва оҳанги гуфтори ӯро хуб идрок кунад ҳам, бепарво бо табассуми ширини ҳамешагиаш сухан кард Занҷир. Пас аз лаҳзае андеша пайрави каломаш гуфт: — Албатта, на ҳар ғӯра ҳалво мешавад, лекин...

— Ба шумо ҳалво даркор бошад... — Ҷавон дар сари қаҳр ба дуруштӣ чӣ гуфтанашро надониста даст афшонд.

— Ба шумо ғӯра даркор бошад... — Занҷир филфавр бо як навъ адои ширине ӯро тақлид кард ва бо ин шӯхию зарофат мехост кудурат аз дили ҷавон бардорад, ӯро дилбардорӣ кунад, аммо Кабир ин лаҳзаи диловезро пай набурд.

Ҷавон ба нишони афсӯс сар ҷунбонду аз ҷо бархост, кулоҳашро ба даст гирифт ва ба нишони хайрухуш ба сӯи духтар як раҳ нигаристу аз дар берун шуд. Занҷир аз

ҷо бархосту аз паси вай хомӯш нигариста монд. Аз дилаш гузашт, ки ҷавони бечораро зиёда озор доданаш хуб не, бояд ки ба як қарор ояд. Ин андеша дар сар ба Кабир раҳм овbooрду худро маломат кард. Сипас ба худ гуфт: «Агар шарм намекардам, ҳозир рафта, аз амаки Лочин мепурсидам: ба ҳамин Кабир расам, ё не, шумо чӣ мегӯед, мегуфтам. Ҳайфо, ки духтар аз ин хусус пурсида наметавонад. Девона шудаст мегӯянд. Аслан, барои чӣ ба ҷавон айб неву ба духтар айб аст? Ҷавонон ҳар коре хоҳанд, ихтиёр доранд, ҳар чӣ хоҳанд, мепӯшанд, дар ҷое хоҳанд мераванд, ҳар киро хоҳанд, ба занӣ мегиранд. Очаам мегуфтанд, ки худо бад дидагиашро зан месозад. Не, ман аз зан буданам розиам. Фақат мехоҳам, ки мардон ба қадри зан расанд, онҳоро ҳимояву пуштибонӣ кунанд. Охир, на ҳамаи занон ҳаққу ҳуқуқ ва иззату шарафи худро ҳимоя карда метавонанд. Албатта, баъзе занҳо дар ҳама кор аз мардон намемонанд. Аммо ман ин хел буда наметавонам ва намехоҳам ҳам. Зану мард якранг шаванд ҳам, намезебад. Масалан, ман агар мард мебудам, духтареро, ки баробари ман тамоку мекашад, шароб мехӯрад, зан мекардам? Не, зан зан барин монад, беҳтар аст. Саг аз бӯи худаш безор аст мегӯянд, агар зан дар ҳама бобат мард барин бошад, шавҳарашро дилгир мекардагист? Умуман, сару либос, муносибат — ҳама мафҳумҳои шартӣ будаанд. Ҳар он чӣ расм бошад, ҳамон дуруст мегуфтаем. Аммо агар ман Абдулло барин доим ба равған ғӯтида, дар даст калиди якманию сатили равған ба таги дастгоҳҳо дароему вай дар ҷои ман истода, торҳои кандагиро бандад, хуб аст? Не, намезебад...

Имрӯз усто маро таҳсин кард. Аммо ин таҳсин барои корам не, балки барои ҷадду суботкориам аст, ман медонам. То атласбофи моҳиру номдор нашавам, намемонам. Ман дар пахтазор ҳам, дар ферма ҳам пешкору пешқадам будам. Дар ферма ҳама барои корам маро таҳсин мекарданд, аммо баъзе духтарони бахил гумон доштанд, ки барои хушрӯиам таъриф мекунанд. Раис  ҳам мудом аз раҳашон истода, ҳолҷӯӣ карда мегузаштанд. Раиси колхозамон аслан одами бамаънӣ аст. Баъзеҳо ӯро латта мегуфтанд, аммо ин гапашон нодуруст. Ҳамту, одами баандеша, эҳтиёткор аст, бо неку бад муросо мекунад-дия. Дили ҳамаро ёфтан осон не. Аз ин пеш ягон раис дар мавсими пахтачинӣ ба тӯй иҷозат намедод. Ҳатто чанд сол аз ин пеш як ҷавон ба хизмати ҳарбӣ даъват шудасту то ки модараш танҳо набошад, тӯй карда, номзадашро ба хона оварда, сонӣ бо хотири ҷамъ ба хизмат рафтан хостаст, аммо раиси ҳамонвақта рухсат надодаст. Бача баъди шаш моҳ аз хизмат рухсат гирифта омада, тӯй кардаст. Одамон ҳаминро медонанду боз аз раис меноланд. Барои ҳама нағз будан мушкил аст. Парерсол айни авҷи пахтачинӣ Ҷамол тӯй мекунам гӯяд, рухсат дод. Аввал манъ карда бошад ҳам, сонӣ рухсат додаст. Арӯсу домодро ба мошини худаш савор карда, ба идораи ҷамоа оварда, аз қайд гузарондасту рост ба саҳро бурдаст. Дар сари хирман аз пахта ҷавонон ба сару гардани арӯс ҳамелу тоҷи сафед, ба сари домод гултоқӣ бастаанд. Сонӣ ҳар дуро ба чанголи мошини пахтаборкунӣ рост монда, баланд бардоштаанд, сураташонро гирифтаанд. Нимирӯзӣ зиёфатро дар ҳамон ҷо хӯрдаанд. Шаб базмро

ҳам манъ накардаст, фақат гуфтаст, ки то соати дувоздаҳ иҷозат медиҳам, бишинед, хурсандӣ кунед... Албатта, замонасозӣ мекунад, каҷ дору нарез мекунад, бе ин намешавад. Дар ферма мегуфтанд, ки раис мехостаст як кас аз говдӯшон узви правления шавад, аммо Бадалбек розӣ нашудаст: «ҳар бор ба маҷлиси правления меояду говҳо нодӯшида мемонад, ман худам узви правления ҳастам, бас-да», гуфтаст... Ана, ҳам молпарварон мамнуну ҳам Бадалбек! Ҳозир агар номзади ӯро ҳаққу ҳалол ба овоз монанд, мегузашта бошад?

Кору бори деҳа ва ҳамдеҳагон аз назари Занҷир дур намерафт, дар хобу бедорӣ фикран вай ҳанӯз ҳам бо деҳа пайванд буд. Деҳа ба монанди ёди чашмаи обе, ки ба чашми мусофири ташнаи роҳи биёбон аз дуродур метобад, лаҳзае аз лавҳи хотираш дур намегашт. «Ҷойгардон кардани одам ин қадар кори мушкил будаст, намедонистам, — мегуфт ӯ ба худ. — Касе, ки деҳаро тарк карду ба шаҳр омад, аз афти кор ҳамаро тарк мекардасту худашро мегуфтаст...»

## 16. Бадалбек дар шаҳр

Бадалбек дар таҳи дарвозаи корхонаи атласбофӣ беқарор пасу пеш қадам мезаду ҳар лаҳза ба соати дасташ менигарист. Риши тоза тарошидааш, мӯйлаби кӯтоҳу гамбусквор ба болои лаб часпида ва паси гардани покизааш гувоҳӣ ҳол буданд, ки вай ҳозир аз сартарошхона баромадааст. Дар танаш костюми қаҳваранги геронбаҳо, дар сар кулоҳи қоқумӣ ӯ ба худ симои савдогарони зиёитақлиди шаҳрро касб карда буд.

Бо вуҷуди ин ҳама як назари зоҳирӣ кофӣ буд, то бидонед, ки ин сару либос махсуси ӯ нест: костюмаш ҳаргиз дарзмол надида, дар бари пиҷак ва почаҳои шимаш танга барин — танга барин доғҳои равған намоён, галстуки ба ранги костюмаш сирф номувофиқ ва гиребони лифофавор тобхӯрдаи куртааш шаҳодат медоданд, ки ӯ кисту чикора.

Вай ҳоло ба ҳар як касе, ки аз дарвоза берун мешуд, бо диққат менигарист, гӯё сухане пурсиданӣ бошад, ба сӯи баъзеҳо ду-се қадам пеш мерафт, вале бепарво ба роҳи худ шитоб кардани ин одамон ӯро аз шасташ бозмедошт. «Аз даруни ҳаминҳо якта-дута шиноси нағз ёфтан даркор аст, — мегуфт ӯ ба дил. — Бешинос бе ёру бародар кор буд намешавад. Одами беёру дӯст дар ҳама ҷо ғарибу мусофир барин будаст. Раиси матлуботи район Додарбеков мегуфт-а: «Бадалбек, ошно, ба ҳар шаҳру деҳа рафта яктагӣ қӯрғон соз». «Қӯрғон чӣ даркор, ошно?» гӯям, «Э, афандӣ қӯрғони одам иморат не, ёру ошно аст. Дар ҳар ҷое, ки ёру ошно дорӣ, худо накунад, агар ба сарат мушкиле афтад, қӯрғон барин туро аз балою офат нигоҳ медорад», гӯён таъкид мекард. Гапаш — тилло. Ана, барои ҳамин одамони кордон ба гирди худ хешу табор, ҳамшаҳрӣ ғун мекунанду онҳоро дастгирӣ доранд, ҷави онҳоро гандум гӯён дод зада мегарданд. Дар рӯзи сахт яктааш не, яктааш кор медиҳад-дия. Хешу таборгирию маҳалпарастӣ кори хуб не, ин ба роҳи партия ва ҳукумат хилоф аст, гӯён гаштагиҳоро ҳам дидам. Гапи Додарбековро ба дилатон мӯҳру ба коратон сармашқ кунед, ки меарзад. Агар ҳозир дар миёни инҳо ягонта ошно медоштам, маро аз

ҳар як қадами Занҷир хабардор мекард. Балки кайҳо духтарро ба никоҳи худам медаровардам. Ин духтараки аҳмақ аз ман гузашта ба кӣ мерасад?.. Як кас даркор аст, то ки шабу рӯз ба гӯши вай ин гапа чакконда истад, дилаша гарм кунад. Каллаи ин ҷавонону духтарона гапҳои пуч катӣ пур мекунанд, аз ҳамин сабаб дар кисаашон як пули сиёҳ набошад ҳам, ситораи осмона нишон гирифта мегарданд. Сонитар мефаҳманд, лекин фоида надорад. Ҳозир ақли ин Занҷир ҳам кӯр аст. Хуб, ана ба ягон ҷавони косагадо мерасад, баъд чӣ? На хонаю ҷои дуруст, на орзую ҳавасу сару либос, барои як ишкамаш рӯз то бегоҳ хар барин кор карда мегардад. Кошки, аз пӯшоку хӯрокаш ягон чиз изофа кунаду роҳат бинад. Эҳ, аҳмақ, аҳмақ... Ана, ин сакалтуҳора бинед, «ман — коргар» гӯён аз дарвоза чунон дабдабаю азамат катӣ баромада меоянд, ки гӯё соҳиби ягон район ё вазорат бошанд, димоғашон осмона сӯз медиҳад. Ягонтааш суроби одамшаванда надорад, ки ҳамгап шавам... Ба хобгоҳаш рафтам, кампири дарбона ба гап гирифтам, лекин аз вай гаранг ҳеҷ фоида намерасидагӣ барин. Ба ҳар ҳол, дилаша гарм кардам, даркор мешавад. Эҳ, агар дар шаҳр ҳавлӣ харида, побарҷо мегаштам... Сонӣ... ниятам калон аст...»

Аз дарвоза ду тан мардони миёнсол ҳамсӯҳбат, бо хандоханд берун омаданд. Бадалбек ба сару тан ва табъи чоқи ин мардон нигариста, ба таъбири худ онҳоро «одамшаванда» ҳисобиду се-чор қадам пештар рафт, ҳатто ба салом лаб ҷуфт кард, вале коргарон ба сӯи вай эътиное накарда, ба самти муқобил раҳсипор шуданд. Бадалбек ба умеди он ки ҷониби вай менигаранд, аз паси

онҳо панҷ-шаш қадам рафту сонӣ ночор қафо гашт. «Одами шаҳр ин қадар саросема буданашро намедонистам, — мегуфт вай ба дил.— Ҳамааш моли ташна барин, гӯё дилу ҷигараш даргирифта бошад, аз дарвоза мебарояду ба чапу рост нанигариста метозад-е...»

Ин лаҳза вай дар рӯ ба рӯяш Занҷирро диду сараввал сонияе карахт монд ё ба чашмонаш бовар накард, баъд худро ба даст гирифту ба лабонаш табассум давид. Ӯро дучор кардан дар хаёли Занҷир ҳам набуд магар, якбора нафасаш дар гулӯ печ зад, рангаш канд ва пеш ё қафо рафтанашро надониста, лаҳзае саргаранг истод.

— Занҷири ҷон...

Занҷир хавотиромез ба атрофаш нигарист, сипас ғазабнок ба чашми Бадалбек чашм дӯхту далер ба вай рӯ ба рӯ рафт.

— Ҳой, амаки Бадалбек, — гуфт тез-тез ба овози паст, хавотиромез ба атрофаш нигариста, — ақлатон дар ҷояш ё не?.. Э, тавба, одами кап-калон кӯдак барин...

— Муҳаббати ту... — сухани ӯро бурид Бадалбек.

— Муҳаббатро ба пулу мол намехаранд, — ба вай имкони сухан гуфтан надод Занҷир. — Беҳуда овора нашавед. Бекора. Ман акнун Занҷири пешин нестам.

— Бекора не, Занҷири ҷон, — даст ба сина ниҳода бо сарҷунбонӣ таъкид кард Бадалбек. — Ҳеҷ кас ман барин туро дӯстдор намешавад. Ман хоб дидам, фолбин ҳам гуфт, — тақдири мо ба якдигар афтодаст, аз тақдир гурехта намешавад, ҷони ширин. Бахтро пешпо назан, худатро ба фалокатҳо пешрав накун.

— Хобатонро рафта, ҳу ба обу сойи қишлоқатон гӯед, — гуфт Занҷир қафо гашта. — Овора мегардед...

Аз суханони Бадалбек ба як бор азми Занҷир шикаста, ба дилаш шубҳаю нобоварӣ роҳ ёфту овози ӯ ҳоло дигаргуна садо дод. Аммо Бадалбек ин ҳолати ӯро пай набурд.

— Ба ман нигар, Занҷир... Гӯш кун... Гӯшти қавурдоғу равғани зард овардам, бигиру бирав! Ба ту мегӯям!

— Даркор не!.. Чизҳотона ман ба мӯҳтоҷон додам, зоро дуо кунанду ақлатон ба сар ояд, — гуфт Занҷир ва даст афшонду бо ҷадал аз дарвоза дарун рафт.

— Занҷир!.. Занҷир, гӯш кун... Ба ман нигар...

Аммо Занҷир дигар ба қафояш нанигарист.

Бадалбек мунтазир истод. Ҳоло зану мард — коргарони корхона гурӯҳ-гурӯҳ аз дарвоза берун мешуданд. Як мошини «Волга» ҳам баромада рафт. «Калони ҳамин корхона бошад? — худ аз худ савол кард Бадалбек. — Корди интуриҳо болои равған аст гӯед, мешавад. Охир, атласи қимат аз ҳамин корхона мебарояд. Як ҷӯра атласаш дар бозор саду панҷоҳ сӯм! Агар калони ҳамин корхона бошад, ин мардак ягон мильёна зер карда гирифтагист, балки зиёдтар. Барои инҳо пул худаш ғелида меояд. Хайр, ба Занҷири ман чашм ало накунад, шуд. Хӯрад, ошаш шавад. Аслан, дар ин шаҳри калон хӯрдагеша ош карданаш ҳам осон не, чандин касона хӯронданаш даркор, набошад, ду-се бор комиссияю ревизия фиристода, хӯрдагеша захр мекунанд. Ман ҳам баъзе қадрдонҳоро кай боз ёдоварӣ

накардаам. Сонӣ мегӯянд-да: «Корат агар афтад, моро ёд мекунӣ, табибро рӯзи сиҳатӣ эъзоз кун... »

Миёни коргарони аз дарвоза берун омада ҷавонмарде диққати ӯро кашид. Ҷавон ӯро ба касе монанд кард магар, гаштаю баргашта ба рӯяш нигарист, ҳатто гап доштагӣ барин гашташро суст кард. Сонӣ пеш омаду зери лаб салом кард ва ба касе нигарон будани ӯро пай бурд магар, пурсид:

— Амак, ягон касро нигаронед? Гуфта бароям? — ҷавони хушсурату хушсухан ба сар то пои вай зеҳн монда менигарист.

— Ҳазор раҳмат, додар, — Бадалбек бо табассум ба вай даст дароз кард. — Худаш мебаромадагист. — Сонӣ барои накандани таноби сухан пурсид: — Шумо дар ҳамин корхона кор мекунед?

— Бале, дар ҳамин корхона иқтисодчиам. Ягон хизмат буд? — Кабир ҳоло аз рӯи нақшаи кашидааш амал мекарду сухан мегуфт.

— Не, ҳамту... Аз шиносоӣ, додар, ҳеҷ кас зарар накашидаст. Дар ҳамин ҷо иқтисодчӣ бошед, коратон зӯр будаст. Шумо катӣ дурусттар шинос шудан даркор. Ҳамин ҷо як хешакамон дар корхонаатон кор мекунад, ҳамуна бинам гӯён омада будам. Дар шаҳр ҳар хел одам ҳаст, баъзан, рости гап, хавотир мешавам...

— Кӣ вай? Номаш чӣ?

— Ягон сол бештар шуд, дар ҳамин ҷо. Номаш Занҷир.. Фомилиаш..

— Ҳа-ҳа, Занҷир! Аз қишлоқ омадагӣ, а? — боз пурсид Кабир. Сонӣ илова кард: — Вай ҳозир савори «Волга» рафт, надидед?

— Не?! — овози Бадалбек сахл тағйир ёфт, вале зуд худро ба даст гирифт. — «Волга»-ро дидаму ба қафояш дуруст зеҳн монда нанигаристам. Калонон катӣ наздик аст? А? Кӣ уна савор мекунад? — Гӯё тарбузаш аз бағал афтода бошад, ӯ хотирпарешон, нигоҳи ҳайронаш ба чор сӯ мелағҷид.

— Нафаҳмидам, — китф боло кашид Кабир. — Агар даркор бошад, барои шумо фаҳмида мемонам, — бепарво илова кард ӯ.

— Ягонтааш сари духтари ҷавона гардонда, бероҳа накунад, мегӯям, додар. Аз худатон гап намемонад, дар ин синн духтар чиро мефаҳмад?.. Дар ин шаҳр пулдору пулмаст ҳисоб надорад, сақича аз даҳони одам зада мегиранд. Дуруст мегӯям?

— Бесабаб хавотир нашавед, амак, мошин равона буд, илтимос карда бошад, савор кардагист. Занҷир духтари бамаънӣ аст, — Кабир аз ин мошинсаворию бо калонон наздикӣ ба номи духтар доғи дигар заданашро андешиду ба ислоҳи саҳви худ кӯшид.

— Ҳа-а, рост мегӯед, — гуфт Бадалбек ҳанӯз ҳам хотирпарешон. — Ману шумо кайҳо шинос гаштанамон даркор будаст.

— Аҷаб не, дар деҳа Занҷир ба чашматон гавҳари якто барин тобад, дар шаҳр ин хелҳо лаб задагӣ. Бепарво бошед, — таъкид кард Кабир.

Аз ин сухани ҷавон Бадалбек филфавр таскин ёфт ва ё андешаи дигаре ба фикраш расид магар, тағйири авзоъ карду ба ҳамсӯҳбаташ рӯ овард:

— Барака ёбед, додар, агар шумо дучор наоед, беҳуда нигарон меистодам. Ба падаратон раҳмат,

ҷавонмарди рамузфаҳм будаед. Кам андар кам ҷавонони ин замон ин хел фаросат доранд. Худо хоҳад, ягон рӯз директори ҳамин корхона мешавед. Ман гуфтам, шумо шунидед. Нахандед, ман дар илми одамшиносӣ хато намекунам. Шуморо дидаму ситораатон ба дилам нишаст. Ин бахти калон аст, додар. Шумо хуб гӯед, ба худо ҳам, ба бандааш ҳам ситораи одам гарм афтад. Ризқи одами ситорагарм фаровон аст. Аз чеҳраи шумо нур меборад, додар. Бешӯхӣ мегӯям... Ба колхози мо бед, сариқтисодчӣ кунам. Барои оянда тарҷумаи ҳолатон даркор мешавад.

Кабир аз ин суханон мум барин нарм гашта, хиҷолатомез табассум мекард. Ба дил мегуфт, ки ин мард бесабаб ба сарвату мансаб нарасида будаст, ба як дидан кию чӣ будани одамро медонад. Пул кӯр не, ба дасти кӣ рафтанашро медонад, — аз дил мегузаронд вай Бадалбекро миннатпазирӣ карда.

— Хайр, Занҷирро фардо омада мебинам. Агар вақтатон танг набошад, додар, бед, ҳар ду шаҳрро чарх занему ба ягон ресторани нағз маро баред. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад гуфтанашон бедарак набудаст. Ситораи шумо ба дилам нишаст, ман шуморо зиёфат мекунам. Ман як одат дорам, додар, тоқаву танҳо як пиёла чой ҳам аз гулӯям намегузарад. Ба ҳамин таклифи ман чӣ мегӯед? Ҳайрон нашавед, ман ақлам дар ҷояш, одами назаратон мегирифтагӣ... — Вай хандида дасти Кабирро гирифта фишурд. — Ситораатон ба дилам нишаст гуфтам-ку, ин сухан бегап не, додар, шумо одами калон мешавед. Исми шарифатон?

Кабир табассум карду номашро гуфт. Вай ба таклифи Бадалбек чӣ ҷавоб доданашро надониста ҳайрон буд.

— Маро Бадалбек мегӯянд. Агар ба райони мо равед, аз ҳафтсола то ҳафтодсола, шукр мешиносанд, медонанд. Кабирҷон, шумо ҳайрон ҳам нашавед, хиҷолат ҳам накашед. Ҳа, қисса мекунанд-ку, мо — ҳама насту баланд ба дуньё меоем, аммо баъди мурдан ҳама баробарем, аз се газ замин зиёд ҷо ба мо намерасад, додар. Ошно шавед, худо агар хоҳад, ба тарафи мо меравед, мебинед. Шукр, додар, дар район иззату ҳурмат дорам. Улфатӣ ҳам, ҳоҷатбарорӣ ҳам аз дастам меояд. Аслан, ман ба одамони шаҳр ихлосмандам, аз ҳамин шаҳр ҳавлӣ харам мегӯям. Шумо барин ҷавонони ҳушьёру бамаъниро бинам, ростӣ гап, аз сӯҳбат сер намешавам, баргашта ба деҳа наравам мегӯям. Ҷавонони деҳа катӣ нишаста, роста гап, каллаи кас пӯк мешудаст. Ситораатон ба дилам нишаст-да. Хайрият, як худам дилтанг будам, худо шуморо рӯ ба рӯ кард, — Бадалбек ҳоло тез-тез, бидиррос зада сухан мегуфту зӯр мезад, то ба ҳамсӯҳбаташ имкони даъваташро рад кардан надиҳад.

Кабир аз рӯи адаб ва қоидаи маъмула ба як бор узр овард, аммо Бадалбек дар хоҳиши худ исрор кард:

— Ман дар шаҳратон меҳмонам, маро наранҷонед, додарам. Аз шиносиамон фақат хурсанд мешавед. Ман одами даркориам. Ҳа, баъзе одамони дуруст ҳам ман катӣ роҳи ошноиро кофта мегарданд, — ӯ мад кашида рамзомез ба чашми ҷавон менигарист. — Одам ба одам ҳамеша даркор аст. Ҳоли мебинед... Хайр, рафтем,

сӯҳбат дар сари дастархон маза дорад. Ҳафт-ҳашт сол пеш аз даҳони як одами калон шунида будам, як байти ғалатӣ буд... Ҳозир... Аз Умари Хайём гуфтанду навишта монда будам... Ҳозир... — Бадалбек зӯр зада чабин мехориду таҳхонаи ноободи хотироти худро тагурӯ мекард. — Ҳа, ёфтам. Ҳамин ки аввалашро ёбед, сабил. Ана, гӯш кунед: «З-он пеш, ки ғамҳот шабехун оранд, Баргӯй, ба мо шароби гулгун оранд. Ту зар наӣ, эй ғофилу нодон, ки туро, Дар хок ниҳанду боз берун оранд!» Зӯр гуфтаст-а!.. Хуб, рафтем, Кабирҷон, — вай аз бозуи ӯ гирифту онҳо ба роҳ даромаданд.

— Охир, ман... — оҳиста эътироз кардан хост Кабир.

— Додар, ман одами дилкушоду беғашу гил, бекина, аз дастам ояд, ба ҳама ёрӣ мекунам, аммо бадӣ намекунам, — ба баҳонаҷӯии ҳамроҳаш беэътино буд ӯ. — Бахилию ҳасад гуфтанӣ чизро намедонам. Одам, ки бахил шуд, яктааш ду намешавад, намешавад, додар. Аз афти кор, ин хелҳо ба худо ҳам маъқул не-дия, ягон бахил одам шуда, ба рӯи об набаромадаст, агар баромада бошад ҳам, ман надидаам. Ҳамсоям агар мошин харад, ман аз таҳи дил хурсанд мешавам. Барои чӣ? Аввало, агар ҳамсоя осуда бошад, шумо ҳам осудаед. Сонияш, дар зарурат мошини вай ба ман ҳам кор медиҳад-ку! Агар дар сари роҳ бинад, партофта намегузаштагист-ку! Шабу нимишаб агар бемор шавам, ба духтур мебурдагист? Гапам дуруст аст ё не?

Онҳо аз пайраҳа оҳиста-оҳиста мерафтанд. Бадалбек баъзан аз роҳ истода, аз остин ё гиребони пиҷаки Кабир медошту суханашро тасдиқ мекунонд. Дар дили Кабир туғёни дигаре барпо буд: «Агар алоқамандии маро бо

Занҷир медониста бошаду барқасд худро ба нодонӣ зада бошад, чӣ мекунам? Аз некию накӯкорӣ сухан мегӯяду кӣ медонад, дар дили ин мардак чӣ сиру савдо аст? Бояд, ки эҳтиёт бошам»...

«Волга»-и сиёҳи Бадалбек дар сари роҳ буд. Ба хоку гили даруну беруни мошин, чирки курсиҳои он нигариста Кабир ноаён тамасхур кард.

— Кабирҷон, пештар мошини калонҳо сиёҳ буд, ман ҳам сиёҳашро гирифтам. Акнун ҳамаашон ба мошини сафед савор мешаванд, ман ҳам дигар кунам-чӣ?А? — Баъд вай ҷавоби пурсишашро нагирифта, якбора аз боби дигар савол кард: — Кабирҷон, падару модар ҳастанд?

— Шукр...

— Давлатманд будаед, додарам. Дар ҷавонӣ агар падару модарро қадр кунед, азиз доред, додар, дуои онҳо катӣ ба ҳар орзуятон мерасед, ба шумо на теғ мегузараду, на чашми баду кинаю тӯҳмат. Шумо — шохи дарахтед, волидайн — решаатон, то вақте ки онҳо ҳаётанд, решаи шумо дар об аст. Баъди сари онҳо обатонро ҳам пуф карда мехӯред, додар. Дӯстон саломат бошанд, албатта ба кас бепадару бемодариро маълум намекунанд. Росташро гӯям, ман як одати ғалатӣ дорам, Кабирҷон. Агар як дӯсти нав ёбам, гӯё ба заёмам даҳ ҳазор сӯм бурда бошам, хурсанд мешавам. Одама болу параш ёру дӯст аст, додар. Одами бедӯст мурғи бепар барин тӯъмаи гурба мешавад, поймоли ҳар касу нокас мегардад, Кабирҷон! Дӯст хоҳӣ калон аст, хоҳӣ хурд, хоҳӣ ҷавон аст, хоҳӣ пир, аз номаш гардам, ҷояш — болои дида аст. Дуои пирон бесабаб не — доим ба дӯст зору ба душман хор накун мегӯянд-ку. Умуман,

Кабирҷон, аз номаш гардам, мардуми тоҷик ба қадри дӯст мерасад. Албатта, одами кӯрнамак дар ҳама ҷо ҳаст, аммо дар байни халқи мо камтар аст. Худо дӯстонро кам накунад, ба шарофати дӯст одам ба ҳар мақсад мерасидаст. Ҳамин тавр не? — Бадалбек чашмаш ба роҳу дасташ ба фармони мошин савол мекард, изҳори ақида дошт, ба ҳамсӯҳбаташ умедворӣ мебахшид, фикри худро талқин менамуд.

— Дуруст, дуруст, — зуд бо каллаҷунбонӣ сухани ӯро тасдиқ кард Кабир ва аввалбор дар нигоҳаш ифодаи самимият ва ҳурмат ба чашми ҳамроҳаш нигарист.

Ҳоло вай ба дил муомила ва гуфтугузори дигаре дошт: «...Бо ин одам шиносо гаштанам, аслан, фоли нек аст. Аз ин хел одамон фоида мерасаду зиён не. Мошини нав гиру лаънатӣ, ин мошини кӯҳнаро ба ман тӯҳфа кун, ана, сонӣ ман як умр дӯстӣ ту. Гапи хушк катӣ дӯстӣ мешавад?.. Занҷир метавонист пулу моли инро мӯй-мӯй кашида гирифта, луб-луч кунаду сонӣ ман туро намешиносам гӯяд. Ҳеҷ кор карда наметавонист, аз даъво кардан ин хелҳо метарсанд. Аммо Занҷир ба ин хел корҳо қобил не. Аз ин ҷиҳат Занҷир, баҳо надорад. Барои ҳамин ҳама ба вай дилкашоланд. Духтари дигар як бор дашном дода, беобрӯй мекарду инро мегурезонд, аммо Занҷир шарм медорад, наметавонад. Ин барзагов ба кори худ ҳушьёр аст, дар шаҳр пушту паноҳи зӯр дорад. Бешубҳа. Яктаву дуто ҳам не. Танҳо будааст! Ҳиъ... Ба худ дӯст мекофтаст! Ҳамдасту мададгор меҷӯяд. Аслан, агар чуқуртар биандешем, хурду бузург аз ҳирс, аз тамаъ холис нестем. Ҳатто муйсафедони диндор дар сӯҳбати худ мудом хирсу тамаъро манфур

мегӯянд, хилофи муъминон меҳисобанду аммо ҳеҷ яке аз фикри нафъи худ, аз фоидаҷӯӣ озод нестанд. Агар дурусттар мулоҳиза кунем, Шарқро асрҳо ҳамин ҳирсу тамаъи фарзандонаш поймоли сармояҷӯёни бегона кардааст. Англис ҳам, фарансавӣ ҳам бо андаке сармоя ва имтиёзе сарони миллатеро мехариданду... Хайр, ку ман ба дили ин гов даст андохта нигарам. Феодали ҳозиразамон. Бо ин гаданги пулмаст чӣ хел муомила карданро бояд фикр кунам...»

Аз дарбон то пешхизмату мудири ресторан — ҳама Бадалбекро мешинохтаанд, ӯро бо ҳурмат истиқбол карданд. Мардумони дигар барои ба ресторан даромадан соатҳо дар беруни дар навбати худро интизор мешуданд, баъди ворид шудан ҳам, баъзе мизи мувофиқи табъ кофта саргардон буданд. Кабиру Бадалбек аз дари қафои ресторан даромаданду бо ҳидояти як тан пешхидмате, ки ба вай Бадалбек номи касеро гуфта афсун кардагӣ барин гӯш ба фармон сохта буд, ба пешгоҳи толор рафта, сари яке аз мизҳои покизаи барои меҳмонони хориҷӣ тахсис шуда нишастанд. Ҷавонзани нозофарине, ки хандаю ишваҳои ширинаш дилҳоро адо мекард, бетаъхир аз паи хизматгузорӣ шуд ва лаҳзае аз миён нагузашта дастархон аз салату газакҳои гуворо — аз мурғ то моҳӣ моломол буд. Тобиши коньяки фаронсавӣ дар ҷомҳои булӯрӣ чашмҳоро мебурду худ аз худ лаззати хумор мебахшид.

— Кабирҷон, баъд аз ин ману шумо, ҷонам, додару бародарем. Додару бародари қиёматӣ! Ман ҳар касро «додар» намегӯям, баъди гуфтан як умр шарти бародариро ба ҷо меорам. Ман туро одам мекунам... Ту диплом дорӣ, корат соз, аммо ҳоли ҳозир ба ҷое нарасидӣ, — Бадалбек беибо якбора ба «ту» гузашт ва гӯё Кабирро қабл аз ин мешинохта бошад, дилпур ва омирона сухан мегуфт. Вай бо чӣ ҳисси ба дигарон номаълуме шахсони ба худаш дастнигарро зуд мешинохт ва ҷои сусти ононро зуд пайхас мекард. — Рости гап-да, қаҳрат наояд. Бахтат тофт — ситораат ба дилам нишаст. Минбаъд харҷи рӯзгорат ба гардани ман. Дар дасти чӯпонҳо мол дорам. Мол дорӣ — ҳол дорӣ. Як гӯсфандро кушта биёрам, як моҳ меҳӯрӣ. Вақти меваю сабзавот мегӯям, як мошин ба хонаат оварда мепартоянд, ба як зимистонат мерасад. — Баъди як-ду қадаҳ шароб хӯрдан аз даҳони Бадалбек чун аз зери санги осиёб орди ваъда мерехту гӯё он ҳеҷ поён надошт.

Кабир ҳайрон буд, ки ба суханони вай бовар кунад ё не. Ба ҳар ҳол, дилҷӯӣ ва ваъдаҳои умедбахши ин мард асари адоват ва кину хусуматеро, ки дар дили Кабир аз ваҷҳи Занҷир пайдо гашта буд, сутурд ва дар қалбаш ба ин одами ҳимматбаланд ва беғаш як навъ ҳисси таслиму тавозӯъ пайдо шуд. Вай суханони Бадалбекро гӯш мекарду ӯро дар сари дурӯғ ё ваъдаҳои беасосе гирифтан мехост, вале ин ҳол ба вай муяссар намешуд. Бадалбек дар муомила гурги борондида буд, ҳамеша ҷои сусту заифи одамонро ҳадаф гирифта, мантиқан пухта сухан мекард ва тираш аксар ҳангом ба нишон мерасид.

Кабир ба суханони вай гӯё бодиққат гӯш медод, сар ҷунбонда маъқул мекард, механдид, табассум менамуду

ба дил мегуфт: «Одами кордону калонгир буданаш аён аст. Роҳи зиндагиро ёфтагӣ. Аз Занҷир умедвориаш ҳамту, ҳаваси пуч гӯям не, ин хел одам ҳарзахаёлӣ намекунад, ҳар роҳ катӣ дили духтарро меёбад. Кӣ медонад, балки Занҷир ба пулу моли ин мард мафтун гашта, бо ман имрӯзу фардо мекунад? ё... ё ҳозир ҳам ин одам катӣ ба маслиҳат гапро якта карду сонӣ рафта, ба ман хабар дод?... Агар ин тавр бошад, ин нокас маро масти лояқил карда, сонӣ ба ягон фалокат пешрав карданӣ аст. Занҷири хаппак бало будай-ку! Туро мебинам!.. Агар бо ин одам маслиҳат дошта бошӣ, рӯзата сиёҳ накарда намемонам...»

— Кабирҷон, ҳамаи фарзандонам илм мегиранд. Як писарам дар Самарқанд, дар институти савдо аст, духтарам дар ҳамин ҷо — дар институти тиббӣ, як писарам эркатар баромад, ду моҳ хонда, факультети иқтисодиро партофт. Ҳозир дар хизмати ҳарбӣ. Агар хоҳам, аз хизмат ҳам гирифта мемондам, аз дастам меомад, лекин рафтанаш даркор буд: ақлаш медарояд, камтар ҳушьёр мешавад. Дигарҳош — мактабхон. Шукр, ёздаҳта! Очаашон — қаҳрамон. Давлати одам ҳамин фарзанд-да, аз одам ҳаминҳо нусхаю нишона мемонанд, дигар ҳамааш беҳуда. Бори ҳар кадомашро баста мондам. Акнун, худо агар насиб кунад, боқӣ умрамро айшу ишрат катӣ мегузаронам. Бас-дия, ба дуньё як бор меоем, чӣ гуфтӣ, Кабирҷон?

— Дуруст, дуруст. Одам умраша фақат ба зану фарзанд бахшад, дар шаҳри мо, ако, ин хел одама занмизоҷ мегӯянд.

— Ҳо, бале. Ман тарафдори ҳамин гап. Росташро гӯям...

Ин лаҳза аз дили Кабир мегузашт: «Духтараш хушрӯ бошад? Агар Занҷир барин набошад ҳам, андаке ситорадор бошад, бас, як бало карда дилашро меёфтам. Курсу факультеташро пурсидан даркор аст. Агар духтари хушрӯй бошад, ин одам катӣ хешу табор шавӣ, меарзад. Кирои домод шудан. Ҳама гап ба духтараш, агар ягон ҷавон ба чангаш надароварда бошад, худи фардо меёбамашу ба ман мерасӣ мегӯям. Духтур мешавад. Фақат дипломаш якта Занҷир барин духтар катӣ баробар аст». Кабир дар хаёл худро шавҳари духтари Бадалбек медиду зиндагии муҳташамамашро бо ӯ пеши назар оварда, ширин табассум дошт.

— Кабирҷон, зану бача дорӣ? — гӯё аз афкори Кабир огоҳӣ ёфта бошад, Бадалбек ногаҳон мавзӯи суханро тағйир доду савол кард.

— Не, амак, ҳоли хонадор нашудаам. Пор донишгоҳро тамом кардам. Камтар кор кунам, зан намегурезад. Саравval одам дар байни ҷамъият ба ҷӣ кор қодир буданашро собит кунад, мавқею мақомашро ёбад, сонӣ зан. Ба фикри ман, мақсади ҳаёт зан не, — Кабир суханони дар кучое шунидаашро бо рағбат ба забон меовард ва бо ҳамин ҷавони ҳечу пуч набуданашро ба ин марди деҳотӣ нишон додан мехост.

— Хонадор шав, — даст афшонд Бадалбек. — Номзад дорӣ? Ё ягонтааашро таги чашм карда мондагистӣ-а? — Бадалбек ба гуфтаҳои вай эътиборе надода савол кард.

— Не, ҳолӣ ба як қарор наомадаам. Духтарон катӣ гапам намепазад. Ба ман ҳар хел духтар маъқул намешавад, амак. Вагарна дар фабрик духтар лаб задагӣ. Ман... ман... ман...

— Худам аз духтарони қишлоқ ягонтаашро гапзанон кунам? Рафта мебинӣ, агар хуш кунӣ... — Бадалбек ҳоло мастона, бештар бо имову ишораи чашму абрӯ ва сарҷунбонӣ фикрашро ифода мекард.

Пешхизмат бо амри Бадалбек сихкабобҳои сардро аз пеши онҳо бардошту фурсате аз миён нагузашта гарму доғашро овард, аммо Бадалбек он кабобро рӯи миз гузоштан намонд.

— Сабр кунед, ҷонон... Ин кабобро бареду ху, ба он меҳмонҳои айнакдор диҳед. Одами чорчашма ҳар чизро хӯрад, ош мешавад! — Вай коҳ-коҳ заду дастони пешхизматро аз сари луфту навозиш молид. — Гӯед ба мо даҳ сих кабоби барра... Ҷигару думба катӣ.

— Тамом!.. Охираш буд, дигар нест, — хандида эътироз кард ҷавонзан.

— Меёбад. Кабоби махсус фармуданд, гӯед, — ӯ маънидорона сар ҷунбонду даҳонашро ба гӯши зан наздик бурда гӯшакӣ чи сухане гуфт, ки Кабир нашунид.

Бадалбек ба қадаҳи Кабир шароб мерехту ҳамвора «Ку, бардоштем», гӯён тақозо мекард ва худаш ҳам бепарво, беташвиш мехӯрду менӯшид. Баъди он, ки сархуш гашт, Кабир дар шаробхӯрӣ имони худдорӣ аз даст дод ва бар асари мастӣ пургӯйтар гашт.

— Рости гап, амак, мехоҳам ба ҷӣ кор қобил буданамро нишон диҳам. Одам бояд мақсади калон дошта бошад. Кӯҳ талаб кун, теппа мегирӣ, мегӯянд. Зан намегурезад. Як ҷӯраи ман ҳаст, (дар як идораи калон...) доим мегуфт, ки аввал мошин мегираму сонӣ — зан. Ҳамчунон кард. Ман ҳам аввал ба ҷӣ кор қобил буданамро собит мекунам, — Кабир ба гумони он, ки ҳамсӯҳбаташ ба як бор мағзи сухани ӯро нафаҳмид,

дубора мегуфт. — Э-э, амаки Бадалбек, одам агар танҳо бошад, мушкил будаст! Агар пушту паноҳи зӯр медоштам, ман аллакай... — ӯ бо ишораи даст ва чашму абрӯ баёни матлаб кард.

— Ту саросема нашав, Кабир. Зан гир, рӯзгората соз кун, хотирҷамъ шав. Додарам, ин вазифа, пул оҳиста-оҳиста худаш туро кофта меояд. Ҳар вақте ки омад, сахт дору аз даст надеҳ. Ҷавонмард агар безан бошад, хаёлаш ҷамъ намешавад, ана, сонӣ пешпо мехӯрад.

— Зан мегирам, — ҳамоно ба тарзи қатъӣ розӣ шуд Кабир. — Сухани шумо барои ман қонун аст! Шуд, зан мегирам. Киро гирам? Шумо маслиҳат медиҳед... Ҳамон... а-а... хешатон Занҷира гирам? Гир гӯед, мегирам?.. Дигарашро гир гӯед, дигарашро мегирам. Сухани шумо — қонун!

— Не, додари азиз, вай лоиқи ту не. Гапаш ҳаст... Ҳа, ман сонӣ... Ягон вақт мегӯям, — Бадалбек асроромез чашм хобонд. Сонӣ пайрави суханаш гуфт: — Вай ман катӣ гапаш баромадагӣ, нағз не. Барои ту барин йигит духтар кахт не, чунон арӯсак ёбем, ки модараш бӯса накарда бошад! Ман худам ба ту як духтари очааш набӯсидагиро ёбам?.. А, ёбам?.. Дар таҳи дастам қариб бист духтар кор мекунад. Ман хӯҷаини фермаи моли колхоз! Агар хоҳӣ, духтари худама ба ту медиҳам. Ҳа, ситораи ту ба дилам шишт, ба ту медиҳам! Ман — мардам, гапам — якта. Агар домани маро сахт дорӣ, пушаймон намешавӣ, додарам! Вазират ҳам ба ту ман барин пуштибон намешавад! Ҳа, дасти ман даро-оз...

— То зиндаам... чӣ гӯям... аз шумо миннатдорам. Шумо аз бародар ҳам зиёд... падар... — дар чашмони

Кабир ашки миннатдорӣ ҳалқа зад. — Хезед, ба хонаи мо меравем, ако, хезед!— калавида аз ҷо бархост Кабир.

Бадалбек ҳам мастона аз ҷо бархосту бо навозиш ба китфи ӯ даст ниҳод ва ба нишастан талқин кард. Баъд ба соати дасташ нигаристани Кабирро диду соатро аз дасти вай гирифт ва соати худро дароз кард.

— Сонӣ, Кабириҷон, сонӣ... Ҳолӣ меҳмон мешавам, туро меҳмондорӣ мекунам... Ҳозир ишрат кун. Ана, ин гулбаданҳоро тамошо кун! — Бадалбек ба сӯи онҳое, ки ҷуфт-ҷуфт ба оҳанги гӯшкаркунандаи ҷаз мерақсиданд, ишора кард. Ӯ лаҳзае ба ду нафар тоҷикдухтароне, ки дар миёни раққосони гуногунмиллат ба чашм мерасиданд, дидагонашро дӯхт ва ба Кабир рӯ оварда, бо иштиёқ сар ҷунбонд. — Ҳайф шудаст, ҳайф... Ин қадду баст, ин рӯю мӯй катӣ хар кадомаш хонаи як йигита обод мекард. Хайр, ҳамин хелҳо ҳам даркоранд, чӣ гуфтӣ, Кабирҷон? Агар ҳамин хелҳо набошанд, мо барин мусофирон дар ин шаҳр аз зиқи мемурданд. Рост не? А, чӣ гуфтӣ? — коҳ-коҳ зад, вай ва оби чашмашро бо коғази дастпоккунӣ хушк кард. — Зан аз мард бисьёр мегӯянд. Яктагӣ зан гирифтем, мондагиҳош чӣ мекунанд?..

— Дуруст. Бешавҳараш чӣ мекунад?! Ман ба шумо гӯям, зан пул барин... ҳар қадар бошад, боз кам аст.

— Аз ин туриҳо дорӣ охир? — Бадалбек лабонашро инҷ карда хандиду бо манаҳаш ба раққосаҳо ишора кард.

— Не-е, — гуфт Кабир чи гуфтанашро надониста. Инҳо — ошиқи пул. Бепул гапатон намегузарад. Ман ба зане, ки танашро ба пулу чиз мефурӯшад, ҳаргиз нигоҳ намекунам.

— Э, пул гӯяд, пул мепошам, Кабирҷон!.. Парво накун... Якта-дуташа гапзанон кун. Ман ба ту гӯям, зан гирӣ ҳам, ба занат бисьёр часпон нашав! Ҳа, ин сирра ба ту мегӯям, дар ёд дор, чор абзори хонаводаро соз куну аз паи ишрат шав. Лекин як зарра нафаҳмад. Мард барои чӣ пул меёбад? Барои як шикамаш ё зану фарзанд? Не, марди ҳақиқӣ ҳам пул ёфта метавонад, ҳам ишрат карда метавонад. Мард беишрат дар ду рӯз пир мешавад, дониста мон! — баъзан барои таъсири сухан овозашро баландтар мекард вай.

Кабир ба тасдиқи суханони Бадалбек сар меҷунбонд, вале аллакай фикраш тира гашта ба ӯ имкони равшану возеҳ андешидан намедод. Вай ба худ талқин мекард ва амин ҳам буд, ки дар нисбати Бадалбек ҳушьёр аст. Дар сараш гаштаю баргашта як фикр — Бадалбек рӯзи дигар ин ваъдаҳояшро аз хотир намебароварда бошад,— меҷӯлид. Ҷувол-чувол ваъда дода, фардо суханони худро фаромӯш накунад, хуб кор аст... — мегуфт вай худ ба худ. Ваъдабоз ба кас сидқу дӯстӣ надорад, мегӯянд. Хайр, ман ҳам ба корбасти ӯ нигариста амал мекунам. Шавад, — обӣ, нашавад,— лалмӣ мегӯянд, духтари ин нашавад Занҷир ҳаст... Эҳ, Занҷир, Занҷир!.. Маро занҷирбанд кардӣ... Ҳозир ба хобгоҳаш равам? Хайр, мо маст не... Агар кабоби нағз катӣ шароб хӯред, маст намешудед. Ду шишаро холӣ кардем-а...

— Гумонат дар сари мастӣ ҳар хел гап мезанам, калон-калон ваъда мекунам?... Ҳамин тавр не?.. А? Ман аз дили одам чӣ гузаштанашро медонам, Кабирҷон... Ту ба ман бовар кун, — Бадалбек мастона, суханони аз дил гузарондаи Кабирро фаҳмидагӣ барин сухан сар кард: — Миёни мастию ҳушьёрии ман фарқ нест!.. Ман туро

одам мекунам! Тамом! Агар хоҳӣ, духтарамро гир! Фардо ба институт рав, бин, шинос шав. Агар маъқул куниву ба ту надиҳам, ман — номард!.. Дастата деҳ, — Бадалбек саравал дасти Кабирро гирифта фишурд, сонӣ аз ҷояш бархосту ӯро оғӯш кашида бӯсид.

— Агар он кас маро хуш накунанд, чӣ мекунам? — Кабир сухани худро ба ҳазл бурда хандид, зеро аз рӯи расму одат домодшаванда дар хусуси арӯс бо хусур ба ин тариқ маслиҳат оростанаш воқеаи касношунида буд.

— Чӣ-и?! Шукр, ман худама мард гуфта, камар бастагиам, ба сарам телпак мепӯшам, рӯмол не, додари азиз! — Ба синааш мушт зад Бадалбек. — Ту ба вай маъқул мешавӣ ё намешавӣ — инро намепурсам, аҳамияте надорад. Ба ман маъқул шудӣ, бас. Барои шумо аз шаҳр ҳавлӣ харида медиҳам. «Жигули»-и навро мегирӣ. Болояшро пӯшида мондаам. Хӯш... Гапзанон мекунам ба ягон кори дуруст мегузарӣ. Ошноҳои дуруст ҳастанд, кашола мекунанд. Ана-мана нагуфта, мебинӣ — соҳиби як идораи калон мешавӣ. Бигир, ба ниятамон расем,— Бадалбек шароби қадаҳашро ба таъбири худаш «ба даҳан ғурронд» ва як пора кабобро гирифту ба даҳан бурд.

— Амак... пушаймон намешавед... аз ман розӣ мешавед! — мегуфт Кабир.

— Агар худо хоҳаду ба Фотима тақдират рафта бошад, ба ман фарзанд мешавӣ, ҷон,— дигарбора ба чашми Кабир нигариста, монанди одами ҳушьёр ба сухан сар кард Бадалбек. — Ман катӣ дарнамемонӣ, гардам, давлати ман ба ҳафт пуштат мерасад. Фақат... кӯрнамакӣ накунӣ, бас. Сазои кӯрнамак... — Ӯ дасташро панҷара карда ишорат намуд.

— Ман як умр аз шумо миннатдор, амак... як умр дар хизмати шумо... — даст ба сина ниҳода ғулдур - ғулдур дошт Кабир.

— Шаҳр ҳам, қишлоқ ҳам, Кабири ҷон, ғуломи пул аст. Пул дар шаҳр ҳам ҳаст, лекин... пули шаҳр дар дасти одамони зӯр аст. Пулашон ҳам ҷонашон ҳам — тилисм! Ҳа, ҷонашон дар тани онҳо не, дандони ҳукумат ҳам намегузарад. — Бадалбек ба имо чашм хобонд, ки маъниаш даҳонӣ ҳамаро баста гирифтагӣ» буд. Ман ҳам ними шаҳратро харида метавонам, ҷон! Намехарам? А?..

— Агар як ферма ин қадар фоида диҳад, аз паси колхоз раис миллиард меғундоштагист-а? — пурсид Кабир чашм аз рӯи Бадалбек наканда, бо лабони аз ҳайрат вомонда.

— Хока, — даст афшонд Бадалбек. — Одами ризқаш танг подшоҳи мамлакат шавад ҳам, якеаш ду намешавад, Кабирҷон. Нотавонбинҳо гумон мекунанд, ки ман моли колхозро мехӯрам. Одами кӯр ба ҳар гумон меравад. Ҳол он ки колхоз моли маро мехӯрад. Бовар намекунӣ? А?

— Чӣ хел? Молатон бисьёр аст? — ҳайрон шуд Кабир.

— Не, молам бисьёр не, лекин... Ана, гӯш кун. Масалан, бигирем, ки молро барои ба гӯшт додан ба комбинат меорем? Меорем. 120 км! Боз дар таҳи девори комбинати шаҳратон баъзан як ҳафта нигарон мешавем, то онро қабул кунанд. Ҳар як барзагови парворӣ то 25 кило лоғар мешавад. Раҳи дур, бе хӯрок, об катӣ ба зинда монданаш шукр мегӯем. Комбинат дар ин хел ҳол бояд ҷарима диҳад, аммо намедиҳад. Бечора чорводорон баъди азоби раҳу интизорӣ ҳамин, ки молашон ба дарун

даромад, ба сари тарозу медаванд! Агар тарозудор ҳаққи ҳалол баркашида гирад, комбинат камомадашро аз куҷо пур мекунад?! Агар корхона панҷсад нафар коргар дорад, дар рӯз ду килогӣ — як тонна гӯштро дуздида, аз дарвоза мебароранд. Ҷои онро аз куҷо пур мекунанд? Аз ҳисоби колхозу совхозҳо. Аммо ман фиреб намехӯрам. Ҳам молро лоғар накарда, дарҳол месупорам, ҳам аз комбинат ҷарима мерӯёнам, ҳам ҳаққу ҳалол баркашида мегиранд. Фаҳмидӣ? Пор аз ҳисоби ҷарима ҳаштоду ҳашт гӯсфанд супорид гӯён ҳуҷҷат пур карда ба колхоз бурдаму плони гӯшт иҷро шуд. Дидӣ, колхоз моли маро хӯрдаст? Дигарон говҳои чорсадкилогиро бурда, ба зӯр ба дусад-сесад кило месупоранд! Э, Кабирҷон, раҳбарони район ақл доранд, медонанд, ки аз ҳиммати мо баринҳо корашон пешрав аст. Ман ба ту гӯям, — Бадалбек ба сӯи Кабир хам гашту овозашро пасттар кард, — калон-калонаш ҳам, бе ман мушкилаш осон намешавад. Ана, ҳозир ҳам дар ин шаҳр беҳуда нагаштаам, баъзе фондҳоро дубора месанҷанд. Ҷӯбу тахта зарур аст. Инҳо як нӯги қалам катӣ як тарафро ҷӯл ҳам мекунанду кӯл ҳам. Аммо сад дареғо, ки халқ хизматҳои маро намедонад, Кабирҷон!.. Плони гӯшти колхоз андак не, додар, агар ҳамаи моли колхозро ба гӯшт супорем ҳам, буд намешавад.

— Ин тавр бошад, чи хел иҷро мекунед?

— Худро ба сад бало мезанем... Аз халқ мехарем.

— Ҳа-а, илоҷаш будаст-ку.

— Ин кори осон не, ҷон. Ту намедонӣ. Дар бозор гӯшти гов шаш сӯм. Кӣ молашро килои гӯшташ якуним сӯмӣ медиҳад?! Ана, ҳисоби ин хел чигилҳоро ман меёбам. Масалан, як роҳаш — нархи давлат катӣ аз

сокинони районҳои дигар молашонро мехарему дар ивази зарарашон гандуми нағз ё биринҷро ба нархи еми мол ба онҳо мефурӯшем, сонӣ боз баргашта ба нархи гандуми нағзу биринҷи аъло аз онҳо харида мегирем. Ин ҳама доду гирифт дар коғаз-дия... Хайр, ту ҳолӣ ин корҳоро намефаҳмӣ, додар, саратро дард накунон.

— Медонам, барои шумо гӯсфанд пашша барин гап аст... — ғурунг-ғурунг мекард Кабир. — Кай хоҳед, мекушед, маишат мекунеду касал буд, мурд гӯён акт месозед. Мо барин бечораҳо дар шаҳр барои як кило гӯшт саргардон мегардем... — мастона даст афшонда норозигӣ баён мекард ӯ.

— Додари ҷон... Мулло Кабир... — тамасхуромез хандида ба китфи ҷавон мезад Бадалбек. — Ту гапу кори моро намедонӣ, додар. Мол касалӣ кати мурад ҳам, баъзан мо руст мекунем. Ҳа, ҷӯра. Гӯш кун, ана, ба ту як воқиаро гӯям: аз ин ҳафт-ҳашт сол пеш як ҷавон сарбайтори вилоят таъин шуд. Ҳисоботи колхозу совхозҳоро менигарад, ки мол солим, касалаш аз солҳои пеш бештар не, як хел. Маълумоти додагии комбината гӯшт кати муқоиса мекунад, ки аксари мол касали сил дорад. Хусусан, моли ду колхоз... Валвала бардошта то комитети партиявии вилоят, комитети иҷроия баёнот менависад. Раис ба ҷонишин, ҷонишин ба мудири шӯъба, мудир ба поёнтар, хулласи калом, аризааш баргашта боз ба сари худаш меояду ба ӯ чора диданд, ҳа, аз кор гирифтандаш.

— Барои чӣ? — ҳайрон монд Кабир.

— Барои он ки фермае, ки касали сил дорад... корро вазнин мекунад. Манъу маҳдуди бисьёр дорад. Моли касалро аз молҳои дигар ҷудо кардан лозим. Барои ҷудо

кардан ҷойи алоҳида даркор. Молро супоридан даркор, ин кор саршуморро, плани ширсупориро халал меоварад. Хӯ-ӯш, фавран поруи молро тоза бардошта, тахтаю замини зери онро як қабат канда, бурда гӯр кардан лозим. Ку мошин, ку одам? Таъмир, дезинфекция... Ба гусолаҳо ширро ҷӯшонда додан лозим, пӯла-шӯла, як дуньё ташвиш. Бинобар он, байторро аз кор гирифтанд.

Кабир мастона як ҳуштаки дароз кашид.

Онҳо кабоби аз гӯшти барраи шашмоҳа бо ҷигару думба нимдумбул пухтагиро хӯрданд. Бадалбек боз коньяки «Наполеон» фармуд, набудаст, ба ночор ба «КС» қаноат кард.

Баъд Бадалбек ба сӯи ду нафар ҷавонзане, ки сари миз бо як тан ҷавонмард нишаста, андак-андак шароби шампан мехӯрданду хандохандӣ доштанд, ду-се бор тез-тез нигаристу ба ишора пешхидматро даъват кард.

— Валяхонум, ба ман нигар, ҳамон... мӯяш тоҷи хурӯсро ба гап намедарорӣ? — Бадалбек ба сӯи вай ишора кард.

— Ношинос, тамоман ба ман бегона.

— Як бало кун, ба назди мо шинон.

— Ҳамроҳаш вай ҷавонмард аст, балки шавҳараш будагист.

— Хуб, ба Шокалод тилфон куну ба хонаи ман кабобу коньяк фиристон.

— Чау, имшаб омада наметавонанд.

— Э, гаранг накун!.. Ма, — Бадалбек якчанд бисту панҷсӯмии рахташ накушодагиро ба назди пешхидмат партофт. — Баъди як соат ҳозир кун. Ман ин ҷавони хушрӯйро гусел мекунам. Фаҳмидӣ?

Онҳо ба дӯши якдигар такья карда, каловида-каловида аз ресторан берун шуданд. Бадалбек бо овози баланд сухан мекард, Кабирро гоҳ «додарам» мегуфт гоҳ «писарам».

Кабир сархуш буд, аз ин суханон бештар сараш гашт. Ваъдаҳои Бадалбек ҳар қадар меафзуд, сари вай ба ҳамон андоза гаранг мешуд, вале лаҳзае баъд боз малул буд, ки ҳамроҳаш мастона ҳарзагӯӣ дорад. Вале Кабир ба ҳақиқати ин суханон бовар кардан мехост, аз ин сабаб ба нерӯи ирода шакку шубҳаро бартараф месохт. Ҳоло ба вай чунин менамуд, ки баякборагӣ аз дуньёи оддию беранги худ ба оламиi рангини орзуҳои бузург афтодааст. Дили пурмуддаои вай аз ин ҷаҳони Бадалбек офарида ба ҳеҷ ваҷҳ берун рафтан намехост. «Бахтам омад кард, бояд домани инро аз даст надиҳам. Бахт як бор ба рӯи кас механдад, фақат як бор! Хуб, ана, Занҷир духтари нағз, хушрӯ, лекин ҳамроҳи вай ба ҷое намерасам. Бесабаб нагуфтаанд, ки хок гири, аз хоктӯдаи баланд гир. Ҳозир гап-гапи Бадалбек. Агар духтараш маро назару писанд накунад, ё ягон ҷавон катӣ қавлу қасам дошта бошад, чӣ мекунам? Хӯш?.. Ба қавли додош, ба хосту нохости вай корам чӣ. Ман ба хотири падараш, барои сарвату таъсири ӯ ба вай хонадор мешавам. Ин мардак дар сари суханаш истад, шуд. Аслан, ман барин домодро ин қишлоқӣ аз куҷо меёбад...» Кабир бо ин андешаҳо худро таскин мебахшид, зеро ба ваъдаҳои зиёда саховатмандонаи Бадалбек бовар кардан хоҳад ҳам, як гӯшаи қалбашро шубҳаю нобоварӣ мехарошиду ӯро ноҳинҷор медошт. Вай аллакай умедҳои худро ба ин мард сахт пайваста, дар рӯи боли орзуҳои тозае парвоз дошт. Дар маҳаллаашон

як духтари ба вай дилписанд буд, аммо падару модараш ба хостгорони Кабир ҷавоби рад доданд. Хонаводаи Кабирро ба худ баробар надида, духтарашонро ба писари кадом як директори мактаб доданашон ба Кабир сахт алам карда буд. Ҳоло ӯ пеши назар меовард, ки агар ба Бадалбек домод шаваду рӯи об барояд, онҳоро чигуна аз карда пушаймон хоҳад дид.

Кабир ҳар лаҳза ба соати тиллое, ки Бадалбек аз банди дасти худ кушода, *ба* дасти ӯ баст, менигарист. Вай соати кӯҳнаи Кабирро бо кароҳат гирифту аз тиреза ба берун партофт. Кабир то ҳол соати тиллоро ягон бор дар даст дошта надида буд, бинобар он, ҳар замон бо шавқ ба он менигарист. Дар гумонаш мегузашт, ки аз ҳамин рӯз сар карда ақрабакҳои зарандуди ин соат дақиқаҳои хушбахтию комронии ҳаёти ӯро хоҳанд шумурд.

## 17. Фотима

Кабир то ҳол ҳеҷ духтареро сидқан, бо тамоми ҳастиаш дӯстдор набуд. Занҷирро мехост, дилаш ба вай моил буд, аммо бечораҳолии падару модари духтар ӯро малул медошт. Аз ин хусус меандешид, вале аз чи бошад, ки дар дилаш ҳаргиз эҳсосу ҳаяҷони амиқу бузург шӯриш намекард, синааш барои дили пуризтироб танг намеомад, шабҳо бо дидагони бедор ситорашуморӣ надошт, аз қаъри дил оҳи пурдард намекашид. Анъана, расму одат барои вай хурофоти мавҳум буд, таърихи халқу ватан аз дарси дилгири мактабӣ беш чизе набуд. Ӯ худро барои гапфурӯшиҳои беҳуда не, балки барои кору амал офарида мешумурд. «Барои чӣ ман зиндагии

мӯҳташам надорам, чаро «кор кун» мегӯянд?! — тамасхур мекард вай. — Кӣ аз музди кор зиндагии бошукӯҳ дорад? Кӣ? Кӯдак ҳам инро медонад, аммо гаштаю баргашта ба ман талқин мекунанд, ки бо музди кор зиндагӣ кунам, ин ҳалол аст, дигараш — ҳаром. Не, ман аҳмақ нестам...»

Кабир ҳамин андешаҳо дар сар имрӯз ба дидани духтари Бадалбек омад. Ҳоло вай андаке бо виқор ва тамкини махсус гоҳ-гоҳ ба чашми духтар нигариста, саъй мекард шавқмандиашро бештар бо нигоҳаш баён кунад. Ба ин вохӯрӣ вай бо диққат омодагӣ карданаш ба назар мерасид: куртаи оҳории арзан пошидагӣ барин майдагул, галстукаш ҳам сурхи рахташ нашикаста, костюми идпӯшиаш дар тан, мӯяшро бо ҳавсалаи тамом равған молида шона зада буд.

Нигоҳи Фотима сарду бепарво, метавон гуфт ба атрофиён беалоқа менамуд. Аз инчунин ваҷоҳаташ ӯро духтари батамкин ва ахлоқан поку мубарро тахмин задан мумкин буд. Вале дар умқи чашмони ӯ андӯҳу аламе соя андохта буд, ки онро чашми ҳама кас намедид. Оре, андӯҳе, ки аз саҳв, аз рашку ҳасад ва бухлу аламҳо бармеояд, кулфати дарди бедавоеро мемонаду ҳар инсонро берабт мекунад, одатан, ба ин зумра ҷавонону духтарон муддате тамкин мебахшад. Вай ҳусну малоҳати назаррабо надошт, вале бенуру беҷозиба ҳам набуд. Мӯи сиёҳи ҷилодор, қомати мавзун ва чашму абрувони сиёҳу фаттон дошт. Ғурур ва ба худ бино мондани духтарро намегӯед! Баъзе ҷавонони даврони мо ба ғурури духтар ошиқанд, хоксору сарафкандагонро намеписанданд. Ба ҳар ҳол, бо ин ҳама сару либос ва зару зевар фурӯтаниро агар ширеш кунед

ҳам, ба Фотима намечаспид. Ҷавонони олуфта ва ҳаводори ашьёву либос аввал ба пӯшиши духтарон менигаранд, вале аҳли касбу ҳунар баръакс, зевари занону духтаронро гӯё намебинанд. Агар аз ин ҷиҳат нигаред, сару либоси Фотима аз нодиртарин ашьёи хориҷӣ буд. Арзиши гӯшвораaш ба харҷи тӯйи як ҷавон баробар, ҳалқаи расми охирин, ки «барги тут» мегуфтанд ва баҳояш аз шашсад сӯм кам не. Ангуштаринҳои тиллояш бо сангҳои дараҷаи аввал аксандозӣ мекарданд.

Бо ин ҳама Кабир ӯро дида, ба як бор гӯё тарбузаш хом баромада бошад, лаҳзае пушти сар хорид. Гардани аз андомаш ҳам сиёҳтар, рӯи паҳн ва бинии лӯндаи ин духтар Кабирро малул карданд. Кабудии болои пилки чашмон, ранги зиёда ғализи ба мижгон молидааш, ғозаи ба ранги рӯю гардан номувофиқ — ҳама, аз завқи пасту бетарбият ва тақлидкории ӯ далолат мекарданд. Мӯяш зебо буд, вале духтар онро бурида, худ бехабар гардани ғафсу кӯтоҳашро дар назарҳо боз кӯтоҳтар ҷилва медод. Вай чандон духтари безебу беназокат набошад ҳам, Кабир ба як бор ӯро бо Занҷир муқобала ва муқоиса карду сахт малул гашт. Ҷавон ғофил аз он буд, ки дар муқобили малоҳати Занҷир на фақат Фотима, балки бештарин духтарону занони хушгил таъсири ҳусни худро гум мекунанд, ситораашон тиратар мегардад.

Кабир дар нисбати Фотима худро зеботар донист. Вай ҷавони миёнқад бошад ҳам, китфу бозувони хушбаст дошт, ҷабину чеҳрааш кушода, нигоҳаш равшан буд. Агар баъзе одамшиносҳоро истисно кунем, аз бисьёр ҷиҳат вай ба атрофиён писанд меафтод. Дар чашмонаш ифодаи ҳалимӣ бо нури шодмонии махсуси

кӯчакона медурахшиду ҳисси худписандии ӯро пинҳон медошт, дар гирди лаб барои ҳар як мавриди зарурӣ ва инсонӣ даркориаш табассуме тайёр дошт.

Ҳоло вай дар донишгоҳ аз паи Фотима афтоду паёпайи ӯ то истгоҳи мошин омад. Духтар дар истгоҳ касеро нигарон истод. Саравval Кабир ин чашмдошти ӯро пайхас накарду ба наздаш рафта, худро шиносонданӣ буд, вале беқарор, ҳар лаҳза ба соаташ нигаристани ӯро дида, аз ин ғараз даст кашид. Гумонаш хато набаромад. Лаҳзае аз миён гузашту як ҷавони қоматбаланд, ки аз лаби болояш то анголик бурути ҳалқашакл дошт, хаш-хашкунон омаду бо ду дасти дарозаш бетакаллуф аз шонаҳои духтар гирифта, ӯро ба худ ҷафс кашид ва ба фарқи духтар ҳалқаи буруташро расонда, бӯса зад. Мисли он ки ногаҳон ӯро торсакие зада бошанд, чашмони Кабир сиёҳӣ зад. Ба назараш чунин намуд, ки ин ҷавони манфур мӯйлаб не, ба даҳонаш наъли чиркини аспро овехтааст. Онҳо дар ҳамон вазъи ҳамоғӯшӣ гуфтугӯ доштанд. Фотима сарашро боло карда, даҳонаш ба манаҳи наълбурут бо изтироб сухан мегуфту сухан мегуфт. Раҳгузарон, марду зан — дар истгоҳ будагон аз бешармӣ ва сахтрӯии ин ду тан танаффур ва кароҳати худро пинҳон намекарданд, адоватомез ким-чӣ суханони маломат мегуфтанд, вале ошиқу маъшуқа гӯш ба карӣ зада буданд.

Азбаски инчунин мулоқот ва оғӯшу канор дар назди ҷамъият миёни тоҷикон ҳаргиз расм набуд, мардум ба ин ҳол бепарво нигариста наметавонистанд. Дар назари куҳансолон ин ҳол аломати бешармию беадабӣ буд, аммо фирқае аз ҷавонон ҳоло ба тарзи қадим зистанро гардан намефуроварданд.

Духтар ва он навчаи наълбурут ба мошин савор шуданду ба кучое рафтанд. Кабир ба кучо рафтану чӣ кор карданашро надониста, лаҳзае дар истгоҳ истоду сипас пиёда ба роҳ афтод. Табъаш бағоят хира шуд. Ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ намехост ба ҳалокати орзуи ширини худ тан диҳад. Ғазабаш мечӯшид. «Безебу беситора буданаш кам набуд, ки боз ин хел «нағма» ҳам дорад, — мегуфт вай симои Фотима ва ба зери манаҳи он наълбурут чафс истода, сухан кардани ӯро пеши назар оварда. — Афсӯс, духтар бераҳа гаштаст. Касофати пулдорӣ, зинату зевардия, — мегуфт вай, бехабар аз он, ки худаш бо исрор ба ин кӯи фалокатосор майл дорад.— Дигар ҳамааш фано шуд. Бадалбек боз ягон духтари қадрас надошта бошад?..»

Вай аз ин хусус раҳорах андешид, баъд шаб дар бистари хобаш ҳам, субҳу рӯзи дигар ҳам фикр карду оқибат он умедҳое, ки аз ваъдаҳои Бадалбек дошт, ба вай ғолиб омаданд ва ба худ гуфт: «Гаштагӣ бошад, гаштаст, дар шаҳр кам духтарон бо чавонон мегарданд?.. Рӯирост нагарданд ҳам, рустӣ-рустӣ мулоқот мекунанд, лекин на ҳама ба дӯстдораш мерасад... Барои ҳамин аз оянда фараҳбахш, аз ҳавлию мошин, аз вазифа даст кашидан аҳмақӣ аст. Гаштани ӯро хешу таборамон намедонанд, балки шиносҳо ҳам намедонанд. Агар аз шиносҳоямон касе дида бошад ҳам, он наълбурутро ачаб не, ягон хешаш гӯяд...» Кабир ба ҳамин минвол садои номус ва нидои вичдони худро зӯран хомӯш кард.

Вай баъди ду рӯз боз ба донишгоҳи Фотима рафт, вале ин бор духтар дар ҳалқаи дугонаҳояш ба кучое

саросема рафту Кабир мавриди шиносой ва гуфтугузор наёфта баргашт.

Дафъаи сеюм вай Фотимаро боз ҳамроҳи он навчаи наълбурут ёфт, вале ин бор ҳамроҳи он ду ба мошин савор шуд.

Дар мошин Кабир пушт ба онҳо гардонда наздик истоду канда-канда бошад ҳам, ҳиссае аз гуфтугузори онҳоро шунид. Садои мошин ошиқонро маҷбур мекард, ки баландтар сухан гӯянд, ё гӯши яке аз онҳо гаронтар буд магар, ба ҳар ҳол, барои одами гӯш ба қимор шунаво сухан мекарданд.

Фотима: — Куҷо будӣ, дайду? Муаллим туро пурсид... Чӣ шуд?

Наълбурут: — Ҳозир не. Илоҷам нест, падарам...

Фотима: — Ҳисобата ёб... Пушаймон мешавӣ.

Наълбурут: — Чӣ кор кунам? Гӯй.

Фотима: — Ҷудо шав, вассалом. Агар...

Наълбурут: — Падарам... намехоҳанд...

Фотима: — Нобуд мешавӣ...

Наълбурут: — Як бало кун.

Фотима: — Бадбахт намекунам.

Наълбурут: — Ҳозир имкон надорам. Мехоҳам, лекин...

Фотима: — Ба ҷонат ҷабр мекунӣ...

Наълбурут: — Э, натарсон... Ман...

Кабир аз ин гуфтугузори қисман шунидааш, ки бештар иборат аз рамзу ишора буд, матлабро қиёсан пай бурду тарбузаш аз бағал афтод. Баъд давоми сухани онҳоро гӯш накарда, аз мошин фуромад. Вай аввал раҳорах қасд кард, ки ин савдоро аз сараш берун афканад. «Ба қисмати бебарор тан додан даркор, —

мегуфт вай гаштаю баргашта ба худ. — Агар толеъ мадад накунад, ҷаҳду ҷадал беҳуда будаст. Ин духтар беисмат барин... Инро зан карда мешавад магар? Ба рӯи падару модар, хешу табор чӣ хел менигарам. Одатан, арӯси беномусро зуд ба хонаи падару модараш баргашта мефиристанд. Не, падару модар, хешовандонашро ҷеғ мезананду ҷойпӯши сафеди арӯсу домодро ба онҳо нишон дода шармсор мекунанд, сонӣ «духтаратона гирифта баред» мегӯянд. Ин гап дар ҳама ҷо овоза мешавад. Чор-панҷ сол пеш аз ин дар маҳаллаамон арӯси писари нонвой беисмат баромаду ғавғои маҳшаре бархоста буд. Падару модари духтар шабона омада, духтарашонро бисоташ катӣ бурда буданд. Муйсафедони маҳалла гиребонашонро дошта, тавба мегуфтанд, баъзе мардони бадзафт ба сӯи мошини боркаше, ки бисоти арӯсро бор мекарданд, туф карда «Байталчаатона ба айғир монда, сонӣ тӯй кардед-дия» мегуфтанд. Бечора хешовандони арӯси ноком сар бардошта, ба рӯи атрофиён наменигаристанд. Бачаҳои авбош аз қафои мошини онҳо кулӯхғурронӣ карда, носазо мегуфтанд... Не, падару модар ҳам аз ман нафрат мекунанд, ҳам аз ин хел арӯс... Доим гули бахти ман агар хандад, заҳрпечак мебарояд. Як бор дигарҳо барин бахти ман ҳам, бегилу ғаш хандад чӣ мешавад? Ин қадар ситораи ман шум будаст, намедонам. Ман қанд мегирам, аммо худо онро ба намак магардонад-е! Чӣ кор кунам? Кӣ ба ман маслиҳат медиҳад? Кӣ?.. Баъзан одам ба маслиҳати одами оқил зор мешавад. Лекин ҳозир маслиҳати ягон кас кор намеояд. Агар Афлотун аз гӯраш бархоста ояду маслиҳат диҳад ҳам, одам боз бо салоҳдиди худаш кор мекунад. Дигаронро намедонам,

аммо ман аз донистаи худам намемондам. Дар кори умум маслиҳат ҷоиз аст, ана, доир ба азнавсозии фабрика ду сол аст, ки маслиҳат мекунанд, аммо ба як қарор намеоянд. Атласбофиро кам накарда, яъне ҳам планро иҷро мекардаанду ҳам цехи наву дастгоҳҳои навро ба кор омода месохтанд. Агар планро кам накунанд, коргарон аз мукофот маҳрум мешаванд... Ҳа, воқеан, Бадалбек боз дар деҳа духтар дорад-ку...» Ин фикр ба сараш омаду Кабир як оҳи сабук кашид, гӯё чораи мушкили худро дарьёфта бошад, қоматашро рост кард.

Кабир ин ҳама розу ниёзро ба Бадалбек чигуна гуфтанашро намедонист. Бо духтараш шиносо нагашта, аз забонаш як сухан нашунида, валвала бардоштан аз ақлу тадбир набуданашро пай мебурд. Мебоист, ки як бор духтаракро дида, ҳамсӯҳбат шавад. Балки худи духтар розашро ба падар гуфта, мушкили Кабирро осон мекунад. Бо вуҷуди ин, хомӯш будан натавонист.

Фотима он рӯз ҳамроҳи духтарон аз дари донишгоҳ берун омад.

Ин бор духтар зуд нигоҳи гарму ташнаи ӯро пай бурд, ҳатто дуздида-дуздида ду-се бор ба гӯшаи чашмаш дилҷӯёна нигарист. Ба Кабир чунин намуд, ки вай чандон бенуру бесафо нест, ҳатто аз гӯшаи чашм дуздида нигаристанаш аҷаб дилрабо аст.

Баъд духтар якбора аз роҳаш бозистоду бо баҳонае аз дугонаҳояш ҷудо шуд ва баргашта дарун рафт. Хотири Кабир ба мисли шаддаи марҷоне, ки ногаҳон риштааш гусаста бошад, дар як лаҳза боз парешон шуд:

наход, ки ин ҳам ӯро хуш накунад? Аммо дилаш мегуфт: «Бо ҳамон як нигоҳи зеричашмӣ духтар туро писандид, ҳатто пинҳон аз дигарон бо забони нигоҳ ҳама розу ниёзашро гуфт». Бадбахтак агар бамаънӣ мегашт, як арӯсаки нозанин мешуд. Афсӯс... Забони нигоҳ одамро фиреб намекунад, чашм росташро мегӯяд. Вай маро диду батамом авзояш дигар шуд. Бечора якбора ин бахт аз куҷо омад гӯён, ҳайрон будагист? Агар маро нигарон бошад, имрӯз ба гӯшаш дарс ҳам намедарояд. Ҳозир барояд, рӯирост мегӯям: додот туро ба ман... Не, ин тавр гӯям, балки меранҷад. Ин гап, аслан, ба шаъни духтар ҳақорат аст. Агар мазоҳ карда, маро таҳқир кунад, чӣ одам мешавам? Беномус бошад ҳам, вай ҳозир дар назди ман худашро аз шоҳдухтар кам намегирад. Кони кибру ғурур дар вуҷуди ҳамин хелҳо-да. Аз ҳолаш хабардор буданамро агар медонист... Хуб, агар ишора кунам, чӣ мешавад? Чӣ мегуфта бошад? Ин қабил духтарҳо ҳаргиз паст намеоянд, ҳазор хел сабабу баҳона меёбанд. Мегуфтанд, ки духтарони институти тиббӣ ҳар хел китоб мехонанд, аз ҳар гӯру бало хабардоранд, ҳоли ин кӯчагард маро бозича карданӣ мешудагист?..»

Кабир беқарор дар саҳни донишгоҳ пасу пеш қадам мезад. Вай ҳоло дилпур буд, ки Фотима ӯро диду қафо гашта даромад ва ҳамин замон баргашта мебарояд. «Агар хоҳарашро зан кунам, кию чӣ будани ин беномусро ба вай мегуфтаму талаб мекардам, ба хонаи мо равуо накунад. Ин хел духтарони сабукпойро, одатан, аксари мардум мешиносанд. Ман намехоҳам...»

Шаҳболи хаёлҳои мубҳам ва печ дар печ дар осмони ҳавасҳои пурмуддао ӯро мебурду мебурд, инону ихтиёри вай дигар дар панҷаи ин ҳавасҳо буд, дили аз талаб

шӯридаи вай дигар қудрати онро надошт, ки ин ҳама хаёлотро аз имкон тафовут кунад, воқеиятро аз пиндорҳои беҳосил тарҷеҳ намояд. Агар дар дилаш заррае шубҳа бошад ҳам, ҳоло теғи ҳирсу ҳавас зуд онро пора менамуду ботил мекард. Гӯё чашмонаш ҳоло фақат Бадалбекро медиданд, ӯро мешинохту бас ва неку бад, савобу носавобро гӯё фақат бо чашми валинеъмати худ менигарист. Бешак, Кабир ба ин тариқ сояи тираи Бадалбек будан намехост ва агар ҳозир касе аз ин хусус ба вай ишорае кунад, ӯ ҳаргиз ин вазъи худро тан намегирифт. Кабир дипломи донишгоҳи олиро гирифта буд, ба иқтисодиёти корхонаҳои саноат сарфаҳм мерафт, вале ӯро ҳанӯз инсони зиёӣ ва равшанфикр ҳисобидан хато буд, агарчи худро ҳамадон мегирифт. Ҳирс ӯро ҷилавгир гашта, ҳама подошҳои ҷавониро ҳоло чун бори нодаркор якояк ба роҳ афканда мерафту мерафт. Аз ин буд, ки аломатҳои деррасии баъзе ҷавонони имрӯз дар тимсоли вай аён буд, баъзан хубу зиштро ба дурустӣ тафовут накарданаш бисьёр касонро дар тааҷҷуб меовард. Асари ҳамин гумроҳӣ буд, ки ӯ орзуманди маслиҳатгари дидаваре, ҳар замон оҳи ҳасрат мекашид, рафтору гуфтори атрофиёнашро тавзеҳ карда натавониста, таҷанг мегашт.

Фотима баргашта берун омаду Кабир далер ба истиқболи вай рафт. Духтар пешвоз омадани ӯро аз таҳи чашм нигаристу зери лаб хандид, сонӣ бо адою ишваҳои махсус сарашро гоҳ ба як сӯ хам карда, гоҳ боло бардошта раҳашро давом кард.

— Ассалом, Фотима... Ман шуморо диданӣ омадам. Илтимос, як дақиқа истед. — Кабир беизтироб суханашро гуфтанӣ буд, вале натавонист. Аз дилаш

гузашт: «Духтари бадном шуда ҳам, касро ба изтироб меовардаст. Гумонам шатар-патар суханамро мегӯям».

— Маро? Аҷоиб... — Фотима дар муқобили ҷавон аз роҳ истоду сарашро ишваомез ба як китфаш хам карду сонӣ ба нишони таҳайюр китфонашро боло кашид. Чашму абрувонаш низ бо нимадо боло шуданд, мижаҳояш ҳунармандона пир-пир париданд, дар лабони ғафси духтар табассуми истеҳзоомез давид. Агарчӣ аз бобати Кабир хабардориаш аён бошад ҳам, Фотима худро ба нодонӣ мезад ва ин корро бағоят моҳирона. артиствор дилҷӯю ширинадо иҷро мекард.

— Шумо духтари амаки Бадалбек охир? — пурсид Кабир, асосан на аз ваҷҳи шубҳа, балки бештар ба нияти худро шиносондан ва ба матлаб наздик омадан.

— Шумо падари маро мешиносед? Ғалатӣ. Ман ягон бор шуморо надидаам.

— Мо ба қарибӣ шинос шудем. Ҳамту, шинос гуфтан ғалат будагист... Мо додару бародар барин. Балки аз ин ҳам наздиктарем.

— Ҳа-а, дар омади гап ким чӣ мегуфтанд, ман дуруст гӯш надодам.

— Ман факультети иқтисодиро тамом кардам, ҳозир дар шаҳр кор мекунам. Иқтисодчии як фабрикаи калон... Ҳа, ҳамон атласҳое, ки шумо духтарон мепӯшед, аз фабрикаи мо мебароянд. — Кабир аз ҳаяҷон тез-тез сухан мегуфту нафасаш дар гулӯ мепечид.

Онҳо оҳиста аз пайраҳа қадам мезаданд. Аз миён панҷ, дақиқа фурсат гузашт ё не, Кабир ҳис кард, ки тамоми тарҷумаи ҳолаш ва ҳамаи он чӣ ба гуфтан меарзад, ба духтар изҳор кардааст.

— Хуб, шуморо додом барои чӣ фиристоданд? — Фотима дар муомила бо духтарон гӯлии ҳамсӯҳбаташро дониста буд ва ҳоло таноби сӯҳбатро дар ихтиёри худ дошт. — Мақсад аз ин шиносоӣ чӣ бошад?

— Мақсад?.. Мақсад, ҳамту... Шинос шавем, — музтарибона ғурунгос зад Кабир.

— Ғалатӣ, — Фотима моҳирона тааҷҷуби сохта зоҳир мекард. Аслан, вай зимни ин гуфтугӯ ҳаракатҳои дилшикори худро, ишваю адоҳои дилнишинеро, ки бар асари заҳмати зиёди машқ омӯхта буд, ба кор бурда, таъсири онҳоро ба ин ҷавони гӯл амалан санҷидан мехост.

— Хуб, духтару писарро ба чӣ мақсад шиносо мекунанд, худатон медонед, — гуфт оқибат Кабир худро комилан ба даст гирифта.

— Ғалатӣ, — хеле зебо ва дилнишин китф боло кашид Фотима. Чашмонаш гӯё ниммаст бошад, хаёломез ба нуқтаи номаълуме дӯхта шуданд. — Хуб, гап занед, ана, ману шумо шиносо шудем.

— Яку якбора чӣ гӯям? — Ночор ба ин оҷизӣ тан дод Кабир. — Агар фурсат доред, ба кино ё сайру тамошо мерафтем.

— Э, шумо ҷавони ғалатӣ будаед! — бо шавқ қиқиррос зад духтар. — Якбора аз бом тароша афтодагӣ барин. Ҳиъ. Ман ин кас катӣ ба кино мерафтаам! Нашинохтаю надониста чӣ хел... — Фотима аз роҳ бозистод ва чашмонашро калон карда, ҳайратзада ба чашми ҷавон нигаристу хандид.

Кабир ҳам ҳайрон буд. «Гӯё наълбурут катӣ дидагӣ духтар ин набошад!.. Ё ман саҳв кардам? Ҳайронам... Нозу адоҳои дилнишин дорад. Ҳаракатҳояш ба худаш

зебанда, аз рӯи завқи баланд. Тарбияи шаҳр, таълими донишгоҳи тиббӣ дигар аст». Вай Фотимаро бо Занҷир аз ин бобат таққос карду ба дил гуфт: «Агар Занҷир ҳунару муомилаи инро меомӯхт, дуньёро беоб меҷунбонд.»

— Хуб, ба чӣ роҳ якдигарро мешиносему унс мегирем, гӯед, — гуфт Кабир ночор ва ин амрро ба духтар ҳавола кард. — Мо бояд якдигарро санҷида, озмуда, а-а... агар илоҷаш бошад, маъқул кунем. Одатан, тамошои фильм, муҳокимаи он... Ман охир кию чӣ будани шуморо намедонам, шумо ҳам инчунин... Балки беҳуда ранҷ кашида, шинос шудан лозим набошад, ки медонад...

Кабир чашмдор буд, ки агар матлабро ба духтар равшан фаҳмонад, ӯ мегӯяд, ки дар ин бобат падараш катӣ гап задан лозим ва ғайра.

— Ман дар умрам ягон ҷавон катӣ ба кино нарафтаам, акнун омада-омада шумо катӣ меравам?! — Боз қиқиррос зада, дасташро ба сина ниҳоду сарашро ба ақиб хам дода, лаҳзае хандид духтар. — Додарам омад, ун катӣ ба кино рафтанба шарм кардам.

Духтар ба ҳадде дилпур аз худ сухан мегуфт, ки ба қавли вай эътимод накардан ғайриимкон буд. Кабир дар банди шубҳа дармонд: «Ин духтар шир барин покиза метобад... Ман таҳи гапро таъин нафаҳмида, дар ҳақаш гумони бад кардам. Мабодо ғалат карда бошам-а! Аз бистари он ҷавон кашола карда гирифтагӣ барин боз инро ба додош ҳам ишора кардам. Марди дигар мебуд, ҷоғамро зада мешикаст. Офарин ба тамкину бардошти Бадалбек! Ана, ӯро мард мегӯянд. «Бирав, аввал шинос

шав, гапзанон кун, сонӣ ин хел «хати қазо навис-дия» гуфт-а!

— Роста гап ин ки ман фотиҳаи амаки Бадалбекро гирифта, ба назди шумо омадам. Агар ҷавоби суханамро ба ман нагӯед ҳам, ба падар фаҳмонед. Албатта, дар ин синну сол ҳар кас умедворие дорад, дилкашолиаш ҳаст, ин айб не, — Кабир ҳоло ақлу ҳуши худро аз чанги хиҷолату изтироб фароҳам гирифта, суханонашро санҷидаву андешида мегуфт, то дар ҳар гуна вазъият хиҷил набошад.

— Шумо маро ҳайрон кардед, — гуфт ин бор Фотима андешаманд аз рӯи раҳ чашм набардошта. — Маълумоти олӣ дорам мегӯеду, аммо суханҳои гуфтагиатон... — вай дандонҳои тиллояшро намоёнда табассум кард.

— Ба кушодадилии ман нахандед, — сухани ӯро бурид Кабир. — Ман ба ин мақсад омадам, ки... шуморо бинам... Агар ситораамон рост ояду толеамон ба ҳам ҷуфт афтода бошад.

— Ходимони тиб равшану возеҳ сухан мегӯянд. Мақсад чӣ? — бесаброна сухани Кабирро бурид духтар нигоҳи шӯхаш рост нигариста, чашмони Кабирро гӯё парма мекарданд.

— Мақсад? Мақсад... Амаки Бадалбек... маро ба фарзандӣ... не, аниқтараш ба домодӣ... а-а-а... сарфароз... кардан мехостанд.

— Ҳа, ана, боиси дилпуриатон чӣ будаст? — Чашмонашро ба ноз гирд гардонду сарашро ба як сӯ хам карда хандид Фотима. Сонӣ барои хайрухуш даст дароз кард. — Паноҳи худо, Кабир ако. Ман имрӯз саросемаам. Дар беморхона маро нигаронанд.

— Кай шуморо мебинам?.. Ман фардо соати шашуним аз кор фориғ мешавам. Агар фурсат меёфтед...

— И-и, шумо ғалатӣ будаед!.. Охир, гуфтам-ку, — Фотима кӯшиш дошт, ки бо инкори худ дили ҷавонро наранҷонад, ӯро ғам надиҳад. Бинобар он, ҳоло суханони инкори вай ҳам мисли он, ки каломи навозишомезе бар он зам бошад, дилнишин садо медоданд.

— Фардо бояд якдигарро бубинем. Таъхир кардан имкон надорад. Илтимос, Фотима, — Кабир дар қолиби андешаҳои худ сухан мегуфту духтар аз ин талабҳои асроромез баъзан дар тааҷҷуб буд. — Агар фардо набиёед, илтимос, ҳеҷ набошад ба падар занг зада, узратонро гӯед. Агар ба ман гуфтан нахоҳед, ба он кас гӯед, аз забони худатон шунаванд.

— Мебинам... — Фотима ба аломати ҳайрат китф боло кашид, баъд сарашро рӯи як китфаш хам карду сиёҳии чашмонашро гирди пилк ба ноз гардонд. Равшан буд, ки вай ин амалро хеле машқ кардааст ва ҳоло аз адои он қаноатманд менамуд.

Суханони охирини Кабир Фотимаро дар банди андешаҳои мухталифу мубҳам кашиданд. Ӯ тахмин гирифт, ки ин ҷавони содданамо чандон гӯл нест ва агар гӯл бошад ҳам, аз баъзе сиру савдои ӯ огаҳ аст.

Падару модар аз Фотима кайҳо умеди хайрият бурида буданд ва худи духтар ҳам баъзан бемеҳрӣ ва беалоқагии худро ба хонавода сабабе наёфта, ҳайрон буд ва чору ночор онро ба пешрафти маънавию мадании худ ва қафомонии онон ҳамл мекард. Фотима ба дарду

ғам ва ташвишу тараддуди пайвандонаш сирф бепарво, як духтари бегонасуробе гашта буд, ба ҳадде, ки баъзан ба тӯю азоҳои наздиконаш ҳам намеомад. Тӯҳфаҳои гаронбаҳо, меҳрубониҳои бекаронаи падар ба вай ҳеҷ таъсире надоштанд. Фотима аз падар пул талаб мекарду бас. Баъзан пули калон мепурсид, сабабу баҳонаҳои гуногун пеш меовард. Бадалбек аз тарси мабодо бегонахӯйтар шудани духтар бошад ё ба умеди дилгарм кардани ӯ ва ё худ дигар ягон андешае хоҳиши ӯро рад намекард. Бо ин ҳама навозишу дилҷӯиҳо вай баъзан аз рафтору кирдори духтар дилтанг мегашт, дар хона рӯ ба рӯи ҳамсараш менишасту паёпай оҳ мекашид, гоҳе инону ихтиёр аз даст медод ва монанди мардони дигар вай ҳам, аламҳои дилашро бо сӯз баён мекард: «Намедонам, ба ин духтар чӣ бало зад?! Охир, ман баъзеҳо барин инҳоро ошу нони ҳаром хӯронда калон накардаам-ку! Барои чӣ ин хел нокасу кӯрнамак шуд?!»

Кӣ медонад, балки вай ҳасрату армони дар қаъри дил ниҳони худро ба ин тарз изҳор дошт ва ё хавфи худро аз мукофоти амал мегуфт.

## 18. Кабир ва Бадалбек

Рӯзи дигари ин гуфтугузор Кабир баъди кор аз дарвозаи фабрика берун омаду Фотима бо хандаю адоҳои ширин ба истиқболаш расид ва дасти вайро гирифт. Ба назари Кабир чунин менамуд, ки ӯ ҳаргиз он духтари дирӯз шиносо гаштагиаш не, балки маъшуқаи солҳои дароз ҳамрозу ҳамроҳаш аст. Азбаски дар ин ҷо Фотимаро дучор кардан дар хаёли Кабир набуд, вай лаҳзае аз ин мулоқот дасту по хӯрд, худро гум кард,

ҳатто ранги рухаш андаке канд. Сонӣ зуд ба духтар ҳамроҳӣ карду аз дарвозаи фабрика дур шуд.

Фотима бидиррос зада, гап мезаду гап мезад.

— Ман дина суханони шуморо хуб фикр кардам. Аввал ҳайрон мондам. Кӯр шавам, ки дар аввал ҳеҷ чизро нафаҳмида гаранг будам. Ин бача чи ҳақ дорад, ки якбора раҳи маро гирифта ин хел сухан мекунад, гӯён дар қаҳр шудам. Аз алам шаб ба хона занг задам. Сонӣ камтар аз алам фуромадам. Намедонам, шумо чӣ кор карда, дили додомро ин қадар мафтун кардаед. Гуфтам, ки ман аз ҷои дигар андаке дилкашолӣ дорам, аммо он кас ин суханро шунидан ҳам нахостанд. Мардони деҳа ҳамин хел мутаассибанд, ки ҳеҷ монед. «Ман туро ба Кабир медиҳам, вассалом! Агар рад кунӣ, ту духтари ман не!» гуфтанду гӯшаки телефонро партофтанд. Сухани падару модарро кӣ ҳақ дорад, шиканад? Моро дар хонавода ҳамин хел тарбия кардаанд... Ҳа, воқеан дилкашолӣ доштаст гӯён дилатонро бад накунед, ҳамту, аз қафоям давида мегаштанд, аммо ман, фу, назару писанд намекардам...

Чанд бор ҷои сухан омаду Кабир даҳон ҷуфт кард, то аз бобати он ҷавони наълбурут савол кунад, аммо Фотимаро ранҷондан нахост. «Духтарро ранҷондан фоида надорад. Чанд бор ишора кардам, ки аз саргузашти ӯ воқифам, арзан барин эътино накард. Агар гуноҳ мекард, сурх мешуд. Ё ин духтари шайтонхаёл моҳирона худро ба гарангӣ зад?... Ку, бубинам, падараш чӣ мегӯяд...»

Фотима ҳар рӯз, баъди кор Кабирро дар таҳи дарвоза истиқбол мекард. Ин ҳолро фаҳмида, занону духтарони фабрика баъзан тӯдакашон баромада, духтари

интихобкардаи ӯро медиданд. Боре Занҷир берун омада, онҳоро ба ҳам диду хандида, қафо гашта даромад.

Баъди се-чор рӯз Занҷир Кабирро дар саҳни корхона дучор карда, асроромез хандида гуфт:

— Кабир ако, шумо бурут намемонед? Мегӯянд, ки ба баъзе духтарон ҷавонони бурутдор хуш меоянд. Қулфи анбор барин як ришу бурути ғафс монед, мебинед, коратон чӣ хел барор мекунад.

Занҷир хандон-хандон инро гуфту гурехту рафт. Аммо овозаш тамоми рӯз дар гӯши вай садо медод. Ин овоз шабонгаҳ дар бистари хоб, рӯзҳои дигар ҳам пайваста дар гӯши Кабир ҷарангос мезад, ӯро беқарор мекард, ришта барин тоб медодаш. Сонитар ин заҳрханди духтар батамом оромиши ӯро бибурд. Кабир аз рӯбарӯшавӣ бо Занҷир мегурехт.

Баъди ду ҳафтаи шиносоию киноравиҳояш Бадалбек як рӯз Кабирро ҷуста ба корхона омад. Кабир серкор буд, аммо як гӯсфандро ба хонаашон додани ӯро шунида, ба ночор баҳонае пеш оварду аз кор иҷозат гирифт ва ба Бадалбек мувофиқат кард. Аслан, вай аз омадани ӯ чандон хурсанд набуд, зеро бо Фотима чи кор карданашро ҳанӯз намедонист.

Бадалбек ҳоло ҳамроҳи Кабир мошинашро ба сӯи маркази шаҳр ронд, ба хонаи касе расида, аз бордони мошин як лингаю ду-се қутти пурборро ба соҳибхона дод ва сипас ба идорае даромада дуру дароз ғайб зад. Сонӣ онҳо дар ҷустуҷӯи директори таъмиргоҳи мошинҳо хеле вақт саргардон гаштанд. Ба кадом як

ошнои Бадалбек корпуси мошини «Газик» даркор будаст.

Кабир тачангу турунчида менишаст, ба саволҳои Бадалбек аз хусуси Занчир ва Фотима нотаъин ва муҷмал ҷавоб медод.

Гашти пешин Бадалбек кору борашро анҷом доду мошинашро ба сӯи дараи Варзоб ронд. Кӯҳсорону обшорони диловези Варзоб ҳам дар аввал табъи гирифтаи Кабирро накушоданд. Савдои Фотима се ҳафта боз хӯрду хоби ӯро ҳаром карда буд. Баъди он, ки духтарак худро дар рӯ ба рӯи вай фаришта барин поку бегуноҳ гирифт, сараввал Кабир ба шубҳа афтод, мабодо саҳв карда бошад. Ба воситаи як тан шиносаш, ки ҳамсараш дар института тиббӣ таҳсил дошт, гап гирифт, вай ҳам бадгардии Фотимаро тасдиқ кардаст. Қарордоди Кабир ин буд, ки ҳоло ҳама кор ба Бадалбек вобаста, агар вай духтари дар деҳа мактабхонашро ба ӯ додан хоҳад, хушбахташ мекунад, вагарна кафгираш ба таҳи дег бархӯрданаш таъин буд.

Бадалбек усули ба сухан даровардани Кабирро аллакай хуб медонист, бинобар он, чуну чаро накарда хомӯш тоқат меовард. Ӯ баъди қад-қади рӯди Варзоб хеле боло рафтан Кондараро гузашту назди ошхонаи сари роҳ мошинашро қарор дод.

Онҳо як мизу ду курсиро бардошта, дар сояи беди канори рӯд барои нишастан ҷой интихоб карданд. Фурсати зиёде аз миён нагузашта сихкабоб ҳам омаду ҳар ду ба хӯрдан муқайид шуданд.

Чун аз шароб сархуш гаштанд, гуфтугӯ ранги дигар гирифт. Азбаски Кабир дар муомала ҳанӯз пухтакор ва батадбир набуд, то даме ки шароб ба вай кора накард,

димоғошуфта нишаст, баъд якбора ҷуръат гирифту аз ноумедиаш сухан оғоз намуд. Бар асари сархушӣ вай аз бадгардии Фотима чунон бо малолат ҳикоят оғоз кард, ки дар чашмонаш ашки ҳасрат ҳалқа зад.

— Ҳамин ҳам гап шуд, ки ғам мехӯрӣ! — Бадалбек сарававл лаҳзае дасту по хӯрд, вале моҳирона авзои худро аз ҳамсӯҳбаташ пинҳон дошт ва сипас ҷавони ошуфтаро оғӯш гирифту бӯсид. — Парво накун! Парво накун, ман ҳастам. То ман ҳастам, ту ғам нахӯр! Ҳамаашро соз мекунам. Ҳамааш соз мешавад.

Кабир бо тааҷҷуб, даҳонаш во ба вай менигарист. Вай пиндошт, ки Бадалбек маънии суханони ӯро ба дурустӣ сарфаҳм нарафтааст. Аммо аз суханони минбаъдаи ӯ аён шуд, ки маънии он гуфтаҳоро вай саҳеҳ идрок кардааст.

— Дар ин синн кадом духтар ақл дорад, Кабирҷон?! Духтар агар бинӣ надошта бошаду бӯйро нафаҳмад, гандагиашро мехӯрад, ба ман бовар кун. — Вай овозашро паст карда, даҳонашро ба Кабир наздик оварда, маҳрамона ин суханонро ба вай гуфт. — Занону духтарона озод карда, сар додем... Кадомаш ба дом намефуроянд, ту ба ман гӯй? Намефуромадагиаш нест!.. Парво накун, ту ҳам қусурашро мебарорӣ, вассалом! — Вай айёрона чашмакӣ зад. — Бадалбек ба қадаҳҳо шароб пур карду қадаҳи Кабирро ба дасташ дода гуфт:

— Ку, биё ҳаминро нӯш кунем, сонӣ ман ба ту як сирро мегӯям. Ин сири мардон...

Кабир суханони Бадалбекро паҳлу гардонда андешидан мехост, шикаста мағзи онро дидану чашиданӣ буд, аммо таъсири шароб риштаи фикрашро сусту беҳол кард. Вале вай бо ин ҳама сармастӣ ҳоло

маънии кароҳатангези гуфтаҳои ҳамсӯҳбаташро дарьёфта, мисли он, ки ногаҳон устухонеро фурӯ бурда бошад, нохуш ва ноҳинҷор менишаст. «Ман аз олами чиркини савдогарону қаллобон гурехтам, ихтисос омӯхтам, маълумоти олӣ гирифтаму оқибат ба куҷо расидам?! Дар вуҷуди ман қатрае хуни зиёӣ набудаст магар?! — бо изтироб меандешид Кабир. — Бадалбек аз савдогарони мо бадтар дағалбозу даййус, беномус, бефаросат, бевиҷдон аст. Дузд бош, аммо дузди баномус бош-да, хуносо!.. Хуб, чӣ чора, чӣ бояд кард? Агар элак барин «иру равам — мезананд, уру равам — мезананд» гӯён овора гардам, ба ҳеҷ мақсад нарасиданам таъин аст. Бояд ба рӯи об бароям. Ҳар коре карда мебояд ба рӯи об бароям. Сонӣ одам барин зиндагӣ кардан мумкин аст. Духтарони хӯшруву коньякҳои хориҷӣ сонӣ аз они ман аст. Чашми ман ҳам кушода шуд, ман ҳам саршири диёрамро чашидан мехоҳам. Бадалбек гумон дорад, ки шираи республикаро мехӯрад, аҳли савдо ба худ ғарраанд, ки таҳсуфраю пасмондаи онҳоро дигарон мехӯранд. Бечораҳо!.. Рӯзе мерасад, ман ба шумо кӣ сарширии кишварро мехӯрад, менамоям... Аслан, Бадалбек вазъи ҳолро нағз идрок кардагӣ. Дар назди дигарон доим аз ҳаёт шукронагӯӣ дорад, қонуну карордодҳои Ҳукуматро ситоиш мекунад, аз ақлу заковат ва ҳақиқату адолати мо сухан мекунад. Чунон чиддану сидқан...»

— Ба ман нигар, Кабирҷон, ман ба ту як сирро бигӯям. — Бадалбек остини ӯро кашиду Кабир ба худ омад. — Ҳамин ки чароғро куштию ба бистар даромадӣ, ҳамааш якранг аст! — вай чашмони махмурашро ба рӯи Кабир дӯхта ҳингир-ҳингир механдид.

Аз хандаи вай ҷавонро нафрат омад, ғазабаш ҷӯшид, вай дандон ба дандон газиду ба рӯи ин марди бешарм нанигариста, бо чангак табақчаи пешашро нақора навохта, ҷаҳд дошт кароҳати худро аз гуфтаҳои ӯ зоҳир насозад. Вай аз раъшаи асаб чангакро ниҳода, қадаҳи холиро ангушт мезад ва бо худ мунозара дошт: «Духтари ин марди беномусро ба занӣ гирифта хато намекунам? А? Тавба... Кадом хусур ба домодшаванда инчунин суханҳоро мегӯяд? Агар чӣ одам будани инро падару модарам фаҳманд, чӣ мегӯям? А?.. Гунохи ман ин аст, ки одам шудан мехоҳам, одам! — Дили Кабир мастона фарьёд мекард, дар ҷанги ихтилофи гуногун нолаҳо дошт, метапид, мехурӯшид. — Орзу кардам, ки духтари ягон одами ду кас бинад, ҳавас мекардаро ба занӣ гирам, хусурам одами боақлу батадбир, аз ҳар бобат бениёз, раҳнамою валинеъмати ман бошад. Ана, аҳволи ин қишлоқии бетамизро нигаред...»

— Ҳой, Кабирҷон, ту парво накун, пушаймон намешавӣ. Ҳаргиз! Ман ҳастам. Ту ҷавони калладорӣ, ояндаатро фикр кун. Ҳа, ба кайк ситеза карда кӯрпаро насӯз... Фотима кати ҷуфти нағз мешавед. Дар ҷавони кӣ аҳмақӣ накардаст?! Кӣ?.. Ман туро нағз дидам, додар, вагарна кӣ ба духтари ман шавҳар намешавад?! Ман туро одам кардан мехоҳам. Мехоҳам, ки такьягоҳам бошӣ. Ту ҷавони калладорӣ, тарбия кунад, арзандаӣ. Ту ба ман бовар кун, туро нағз дидам. Холисанлиллоҳ нағз мебинам. Агар дахта духтари қадрас медоштам, аз байнашон дилхоҳатро сара карда бигир, мегуфтам. Ҳайфо, ки дигарҳош ноболиғанд. Ту маро гуфта хонадор шав, вайро мон, ман туро хушбахт мекунам. Ту домоди манӣ, тамом! Дигар гап нест! Фардо тӯйро сар

мекунем! Дастатро бидеҳ! — Бадалбек мастона шараққос зада каф ба кафи Кабир зад.— Ё гапам нодуруст?

— Ман ҳолӣ падару модарам катӣ маслиҳат накардаам. Онҳо арӯсро надидаю насанҷида розӣ намешаванд.

— Дуруст мегӯӣ, Кабири ҷон. Падар розӣ — худо розӣ гуфтаанд. Дуои падару модар ба ҳар мақсад мерасонад. Падари ту, Кабирҷон, одами як гапро мефаҳмидагӣ, вазъи замонаро дуруст пай бурдагӣ. Як-ду бор ҳамгап шудему ман донистам. Садқааш шавам, дар шаҳр одами хом нест. Одами хом ба шаҳр афтода монад, майзада мешаваду меравад. Ё гапам нодуруст аст? — Бадалбек то ҷавоби тасдиқ гирифтан чашм ба чашми Кабир дӯхта мижа намезад.

— Дуруст, — дуруст... Ҳозир ман... а-а, ниятамро а-а, ба падару модар бояд, ки а-а... фаҳмонам, — мастона ғулдурросзанон, бо а-аю э-э-ҳои беҳисоб ва ишораи чашму абру изҳори матлаб мекард Кабир.

— Ҳеҷ гап не, — даст афшонда сухани Кабирро бурид Бадалбек. Ҳе-еҷ гап не, ҳо-озир... Ҳар ду ба ҳавлиатон меравем! Меравем? Меравем! Ма-ман мегӯям: гап ҳамин: Кабири шумо... домоди мо, духтари мо — Биби Фотима — арӯси шумо. Шуд? Рӯирост мегӯям: ҷавонҳо гапашонро пазондаанд, боқӣ сухан ба мову шумо. Тамом! Ғами тӯйро нахӯред, ҳамааш тахт мешавад! Либосу палос, асбобу анҷом гӯён гаранг нашавед, қудоҳои азиз-! Ман — Бадалбек! Ба ман азизу авлиё назар кардагӣ!

Вай аз ҷайб як даста пул бароварду якчанд коғази сурхи даҳсӯмиро рӯи тақсимча партофт, сонӣ як даста пулро ҷудо карду ба пеши Кабир ниҳод.

— Бигиру ба киса андоз... Даркор мешавад, — гуфт вай мастона чашмонашро кушодаю пӯшида.

— И-и... Барои чӣ? А-а, ман а-а, пул дорам.

— Бигир гуфтам, бигир!.. Ин хел майдагап нашав. Баъд аз ин кисаи ту набояд сабук бошад! Агар кисаи одам сабук бошад, гапаш ҳам намебуррад. Ҳа, инро дониста мон!

— Ман... а-а, пул дорам.

— Э-э, Кабири ҷон!.. Пули моҳона катӣ таксӣ савор шудан намешад!

Домоди ман бошӣ, ҳа, агар домоди ман бошӣ-ӣ, автобус савор намешӣ!.. Ҳа! Хӯш... ҳозир ба ҳавлӣ меравем... Ба ҳавлӣ меравем-у маслиҳати тӯятона мекунем. Тамом! Омин! — Бадалбек каловида аз ҷояш бархосту чаппаю роста дастонашро ба манаҳаш бурд.

Бадалбек маст буд, вале чашму гӯшаш монанди он ҷонвари ваҳшие, ки душмани бисьёр дар камин дорад, боз буд. Вай зуд пай бурд, ки Кабир дар пояш устувор нест, аз оринҷаш сахт гирифту ӯро ба по устувор дошта, аз мадди нигоҳи ҳозирон гузаронд.

Вай медонист, ки Кабир Фотимаро намехоҳад, аммо ӯ дар муомала басо кордида ва ҳаётсанҷида буд ва ҳамеша ҷои сусти одамонро ба ҳадаф гирифта кор мебасту амал мекард. Ҳар як инсоне, ки дар вуҷудаш андаке бошад ҳам ҳирс агар ғолиб аст, ногузир дар доми густурдаи вай дармемонд. Вай фақат дар муомала бо он касоне, ки дар синаи худ ҳирсу тамаъро билкул куштаанд, ночору нотавон мегашт.

## 19. Кабир

Бомдоди субҳи дигар Кабир аз хоб чашм кушоду бар асари аз шароб заҳролудии ҷисмаш монанди нахустбодагон ба шиканҷаи алиме гирифтор шуд. Меъдааш беҳузур, даҳонаш талх, сараш пурдард, ҳатто ҳалқу гулӯ ва сари синааш озурда буд. Ба замми ин азоб вай гуфтугузори шабонаро якояк ба ёд оварду бештар таҷанг шуд. Нахуст ӯро чунон ҳолате рух дод, ки якбора ба Бадалбек ва духтараш хашм гирифт, пеши назараш он ду нафар аз манҳустарин махлуқи ин ҷаҳон ҳам зишттар ҷилва карданд. Худ ба худ иқрор кард, ки агар он ду тан нобакорон ин лаҳза дар рӯ ба рӯяш ҳозир мебуданд, ӯ ҳақиқати кори онҳоро бо ҷонгудозтарин алфоз ба худашон мегуфт ва аз ин ҷасорати худ ҳаргиз пушаймонӣ намекашид. Не, балки сонитар афсӯс мехӯрд, аммо... Инак, аллакай вай ҳамаи подошҳои ҳаёти биступанҷсолаашро аз даст дод: ҳамкорон, ҳамсабақон, ҷӯраҳояш ба ҳоли ӯ механданд, не, балки ошкоро нафрат мекунанд. Бале, аксар нафрат мекунанд. Хусусан, ҳамкорон ба кӣ хонадор шудани ӯро шунида... Занҷири нозанин аз даст рафт... Дигар дар сад сол ҳам дасти ман ба дасти ин хел духтари нозанин намерасад. Дигар дар хоби шабам мебинам, ки бо ӯ нишастаам! Аммо дар бадали ин қадар бохт чӣ ёфтам? Бурдам чист? Ҳанӯз номаълум.

Оташи хашму адовати вай лаҳза ба лаҳза боло мегирифт. Фардои норавшан, умеди нотаъин ҳамзистӣ бо духтари бадгарду бадном дили ӯро пайваста мефишурд. Кабир ним соат буд ё бештар вақт рӯи бистар дар банди инчунин андешаҳои нохуш ва

дилхарош печутоб хӯрд, монанди ҷонвари ба дом афтода дандон хоид, аз ҷигар дарун-дарун нолаҳо кард. Сипас ӯ ба падару модари худ хашм гирифт, баъд ба Занҷир, ки муҳаббати ӯро тақдир накард, ба ҳамкорон, ба собиқ ҳамсабақонаш, хулоса, ба ҳама ононе, ки аз рӯзгори худ қаноатманд буданд ва ҳар як рӯзи пешомадаро ҳамчун рӯзи ид, ҳамчун рӯзе, ки ба онҳо подошу мукофоти беҳисоб меоварад, ба шодмонӣ истиқбол мекарданд, хашм гирифт ва ба аламаш тоб наоварда, ба мазоҳу тамохираи онон заҳрханд намуд. Аммо аз ин заҳрханди оҷизона оташи аламаш пасанда нагашт ва ӯ ғайриихтиёр мӯйхои сари сина ва таҳи бағалашро меканд, ки модараш дарро нимроғ карду овоз дод:

— Кабирҷон... Хобат бурд ё бедорӣ? Ба корат дер намонӣ.

— Бедорам... Дер намемонам, — гуфт вай аз он ки модар дар таҳи дар пайдо шуду риштаи хаёли ӯро барканд, норозӣ ва асабонӣ кампалро ба болояш кашид.

Модар аз ҳодисаҳои рӯзҳои охир ҳайрон буд. Бадалбек ду-се бор ба хона омад, аммо ба модар ҳеҷ дилнишин нагашт, бинобар ин, дар ҳақи вай ягон даҳон сухани нағз нагуфт. Сухани бад ҳам нагуфт, аммо аҳли хонавода медонистанд, ки сухани нағз нагуфтани вай худ далели он аст, ки ин одам ба модар намефорад. Бадалбек ба падараш маъқул буд ва ӯ арӯсшавандаро надида, нафаҳмида «бо ин хел одам хешу табор шавӣ, меарзад, мева аз шохаш дур намеафтад», мегуфт. Аммо модар ангушт газида, андешаманд сар меҷунбонд, ки аз ин сарҷунбонии вай равшан набуд, ки сухани гӯяндаро маъқул мекунад ё инкор. «Як назар арӯсшавандаро

надида, напурсидаю насанҷида, хонаю ҷояшро, муросояшро бо ҳаку ҳамсояҳояш нафаҳмида, чӣ хел арӯс мекунем», мегуфт ӯ. Ба майли шавҳару писар ночор тан додани вай аён буд: «Хайр, агар худаш хуш карда бошад, қобилу гапдаро бошад, ихтиёр дорад. Шумо ин замона бачаҳо илмнок бошед, ман чӣ мегӯям. Ба ман ҳамон Занҷир маъқул буд. Занҳои маҳалла ҳар рӯз ба гӯшам чакконда-чакконда, меҳри гӯрсӯхтаро ба дилам ҷой карда монда буданд. Хайр, чӣ илоҷ, ба амри дилат гӯш кун, писарам. Ана, дугонаам Хосияти дарзӣ ба раъи писараш нигоҳ накарда, духтари хоҳарашро арӯс карда оварду оқибат пушаймон шуд. Ду хоҳар ногапанд. Хоҳараш аз инҳо ҳам бадавлат, қӯша мошин дорад, ҳавлиҳои кунгурадору таҳхонанок. Писараш домани кадом як занаки кӯчагира гирифту рафт...»

Кабир фикр мекард-фикр мекарду дамодам нисбат ба Фотима нафраташ меҷӯшид, ба вай чунин менамуд, ки маҳз ҳамин духтараки беномус айши ӯро талх мекунад, вагарна Бадалбек духтари дигарашро ба вай медод. Он гоҳ бахти вай бе ғилу ғаш, монанди осмони баҳор софу беғубор мебуд. Ягон тан аз ҳамон ошиқони мӯйлабдораш як корд зада, дар ягон кунҷу камар мекушт, ман озод мегаштам. Шабу нимишаб мегардад, кошкӣ ба ягон фалокат дучор мегашт, — худ ба худ хаёлтарошӣ мекард Кабир. — Наълбурут ба ман расиданашро шунида, хурсанд мешавад, ки аз ҷазои кирдораш халос шуд. Албатта, ба ҳоли ман заҳрханд мекунад! Зану фарзандони наълбурут аз ман як умр миннатдор бошанд, меарзад. Ин Фотима бо ҳар усул ӯро аз онҳо ҷудо карда мегирифт. Фотима ба маъмурияти институт арз мекунад, наълбурут ба онҳо зану фарзанд

дорам гӯяд агар, ту чаро зан надорам гӯён духтарро фирефтӣ, ба духтурӣ лоиқ нестӣ гӯён, аз донишгоҳ хориҷ мекунанд, агар зандориашро руст кунад, инро ба занӣ бояд бигирад. Ҷавон ночор зан мекарду... Эҳ, маро фалак зад, рост аз фарқи сарам чунон зад...»

Кабир ҷаҳд кард, то хотир ба хушию беҳрӯзиҳои домодӣ бандаду қабл аз оғози рӯзи кор табъашро хушнуд созад, вале ин кор ба вай муяссар нашуд. Ба хотираш расид, ки ин дам ба корхона мераваду ба Занҷир, ба дугонаҳои вай рӯ ба рӯ мешавад ва ҳама ба сӯи ӯ тамасхуромез менигаранд. Кабир нигоҳҳои ҳамкоронашро пеши назар оварду бештар аз пеш дилтанг шуд. Ӯ имрӯзҳо, махсусан, Занҷирро дидан намехост. Махсусан, аз ишқбозии Фотимаю наълбурут воқиф будани Занҷир ҳоло Кабирро сахт беҳаловат месохт. Хандаи Занҷир, нигоҳи вай корхонаро барои Кабир ба дорулҷазо табдил карда буд.

Вале ӯ худро таскин додан метавонист. Компониву хушиҳои рӯзгори фардои худро бо Фотима ҳар бор рангу бори тоза медоду пеши назар меовард. Бо ҳамин усул вай нидои виҷдони худро хомӯш мекард ва ҳамчун далели роҳ ба худ санадҳо пеш меовард: «Агар аз ваҷҳи зан заррае пушаймон шавам, баъди он, ки роҳамро ёфтам, кафшашро пеш мегузорам, вассалом...» Баъди чор-панҷ сол Бадалбек ба чанги ман расида наметавонад. Ҳозир одамони пухта «хочешь жить — умей вертеться» мегӯянд, яъне, ҳар коре куну ҳисобатро биёб гуфтагешон-да. Ана, Наҷмиддин дар дипломаш ягонта баҳои чор надошт — ҳамааш се, боз чӣ хел се?! Аз ду бадтар сеҳои ночорӣ. Як қурути сахту санг буд, аммо ҳозир мудири шӯъбаи як завод аст. Одам дошт.

Нозим аз вай ҳам бадтар як кӯрсавод буд. Ариза навишта наметавонист, агар нависад ҳам, аз ним саҳифа аризааш даҳ ғалати имло меёфтед. Имрӯз вай ҳам дар вазорат кор мекунад. Шодмоне, ки дипломи сурхи имтиёзнок гирифта буд, кадом рӯз шикоят дошт, ки Нозим андеша намекунад, ба вай кор омӯхтан мехоҳад. Боз калондаҳонӣ карда ба Шодмон гуфтаст: «Ту аз ман наранҷ, ман ҳозир ту барин даҳҳо дипломи сурх гирифтагиҳоба кор ёд медиҳам. Ҳа, гоҳе чунон метобам...» Аҷиб, он бачаҳое, ки айёми таҳсил ба илму фан рағбате надоштанду вақти худро бештар ба корҳои ҷамоатӣ сарф мекарданд, оқибат калон шуданд. Мани гаранг гумон мекардам, ки бедонишу ҳунар ин қабилҳо ҳамин ки ба кор сар карданд, мисашон мебарояд, расво мешаванд. Албатта, донишу маҳорат ҳам даркор аст, хусусан, ба одами бекасу бепуштибон зарур аст. Дертар бошад ҳам, ман ин сирро фаҳмидам. Албатта, агар панҷ-шаш сол пештар мефаҳмидам, гапу кор дигар хел сурат мегирифт».

Ногаҳон ба хотири Кабир расид, ки вай фардо бояд ба алафдаравӣ биравад. Қариб аксари ҷавонону духтарони муҷаррад мераванд. Занҷир ҳам мерафтагист? Бешак, ӯро мефиристанд. Баъзеҳо баҳонаю сабабе ёфта, халос мешаванд, аммо вай аз ӯҳдаи ин хел корҳо намебарояд. Мавсими пахтачинӣ расад, ба пахтачинӣ мефиристанд, алафдаравӣ, хишова, картошкачинӣ, бинокорӣ... Сонӣ дар охири моҳ «аврал» гӯён «ҳа, бош ҳа, бош» мекунанд... Ба гурӯҳи алафдаравҳо киро сардор таъин мекарда бошанд? Ду шиша арақ бурда медодаму ба хона омада бафароғат мегаштам. Агар Доварро таъин кунанд, рӯзи ҳама — сиёҳ. Ӯро ба гап даровардa

намешавад. Довар меравад... Ночор се-чор кило гӯшту колбаса ёфта, ба пеши духтур рафтан даркор, халос кунад.

Ин дам бонги мошин аз таҳи дарвоза баланд гашту Кабир гӯё дар бистари худ каждум дида бошад, ҷаҳида бархост ва саросема либосашро ба бар кашид.

Баъд аз тиреза нигаристу дар саҳни ҳавлӣ модарашро бо Бадалбек дар гуфтугузор дида, шитобон аз хона баромад.

— Кабири ҷон... — Бадалбек пеш омаду дасти ҳанӯз ношустаи ҷавонро гирифта, фишурд ва маломатомез, сари ҷӯлидамӯи ӯро молиш дод. — Зуд дасту рӯятро шӯй, ҳамроҳ меравем... Кор-пор нагӯй, касал гуфта ҳуҷҷат мебарӣ-да! Хотирҷамъ... Ҳа, воқеан, қариб аз ёдам баровардам сабил. Ҳуқуқномаи ронандагиатро ҳам гиру паспортатро ҳам. Дар бозгашт мошини худата савор биё. Дар ин ҷо ба Фотима ҳам... ана, ба янгаю амак ҳам даркор мешавад, — Бадалбек ба сӯи модари Кабир, ки дар он сӯтар як лаби рӯяшро бо рӯмолаш пӯшида ҳайрон буд, ишорат кард.

## 20. Довар ва Занҷир

Он рӯз Занҷир алафи панҷ сотих қитъаи худро мисли ҳамеша аз ҳамкорон барвақттар даравид, аммо мисли рӯзҳои дигар ба ину он кӯмак расонида, рӯзро бегоҳ накарду ба сӯи бошишгоҳ равон шуд. Ҷаро ба сӯи бошишгоҳ рафт, ки ӯро даъват кард, инро андешида, сонитар худаш ҳайрон буд. Аҷаб не, дилаш мехост то омадани ҳамроҳонаш, дар танҳоӣ нишаста, соате андешад, хаёл кунад. Дарвоқеъ, он шабу рӯзҳо Занҷир ба

хилватгоҳе зор буд, мехост, ки ҳеҷ набошад, як-ду соат танҳо бошад, ин ҳама воқеаҳои тозаи ҳаёташро бо тааммуқ таҳлил кунад, фикран андозу баркаш намояду бисанҷад. Ё худ ин не, он не, дидори Довар ӯро ба ҷониби хаймаҳо мекашид, кӣ медонад. Не, Занҷир ҳанӯз бо Довар шиноси наздик набуд, гуфтугузорашон аз доираи ҳамкорӣ берун намерафт. Аммо дили Занҷир аз воқеае гувоҳӣ медод.

Вай досаш ба китф рӯ ба поён қадам мезаду чашмаш ба зебоиҳои атроф буд, бинобар он, ҳар замон пешпо мехӯрд. Занҷир ҳоло ба дил иқрор мекард, ки умраш бино шуда ин гуна баҳори зебо ва мӯъҷизанокро надида буд. Баҳори диёри кӯҳистон ҳамасола пуртароват у зебо буд, аммо ба ин тарз ҳаргиз ӯро масту мадҳуш накарда аст, ин қадар рангу бор надошт, дӯкони аттор барин ҳазор хел атромезӣ намекард. Садою оҳанги онро намегӯед! Талу теппаҳо шабу рӯз аз оҳанги муҳаббатпарвари зиндагӣ моломол буданд. Дар ин кӯҳпояи бекас ин қадар рангубор, ин қадар назокати бемисол будаст! Дар ин талу дараҳои дар назари аввал сокит ва хомӯш чӣ қадар ҳаёт, наво, сурур ба ҳам ҷӯр будаанд, акнун вай мешуниду медид. Аз тамошои ранги гулу гиёҳ чашми Занҷир сер намегашт. Одатан, агар досашро аз каф монад, ҳатман ӯ алаферо канда ба даҳан мебурду ба дандон онро мегазид. Дар ин теппаҳо ва сойҳо ҳар гиёҳе, ки вай аз пеши пойи худ меканд, шаддаи гул буд. Ҳатто дар хоки чариҳо ва қайроқи селкандаҳо гул рӯида аст. Занҷир ба қавли худаш, алаф не, гул медаравид, ҳар як дарзаи ӯ гулдастае буд.

Онҳо дувоздаҳ рӯз боз дар миёни ин теппаҳо алаф медаравиданд. Занҷир ҳеҷ гумон надошт, ки дар

масофаи ҳамагӣ 25—30 километр дуртар аз шаҳр инчунин теппаю алафзорҳои беохир ҳаст. Даҳ-понздаҳ километр меравед, теппа аз паси теппа, тал аз қафои тал ва ҳама — сабзпӯш. Аз деҳаю иморат нишоне набуд, ҳатто аз ин қарибиҳо роҳи мошингард намегузаштаст.

Онҳо — понздаҳ тан ҷавонону духтарони фабрика як бригада буданд. Боқӣ ҳашт бригада аз корхонаҳои дигари районни онҳо буд. Идоранишину бинокор, артисту муҳаррир, олиму духтур, журналисту муфаттиши адлия — ҳазор ранг одамро дар ин ҷо дида, Занҷир рӯзҳои аввал ҳайрон монд. Хурду бузург қариб чил хайма — як деҳаи муваққати хаймагиро ташкил мекард.

Доварро ӯ дар ҳамин ҷо ба дурустӣ шинохт. Вайро ба қарибӣ аз сафари кадом як шаҳри дур баргашт мегуфтанд. Занҷир ӯро дар фабрика аҳьён-аҳьён медид, мисли ҷавонони дигар ба ҷониби вай мафтунона назар накарда, бепарво гузаштанашро писандида ба дил гуфта буд: «Чашму дилаш бесаришта не, қадру эътиборашро медонад, иззати нафсаш баланд барин. Ҷавонмард бояд, ки назарбаланд бошад-дия». Сонитар шунид, ки Довар аз хонаводаи хеле бомаърифате будаст. Падари ӯ олими илми химия, профессори номдор, худи вай ҳам сараввал аз паи касбу кори падар рафтаст, дар илм кашфиёти муҳимме карда, унвони илмӣ гирифта будаст. Баъд илми беамал ҳеҷ даркорӣ надорад, гӯён аз Академия ба фабрика омада, ба кори рангубор машғул шудаст. Дар ин ҷо аз паи омӯхтани таҷрибаи корхонаҳои дигари мамлакат афтодаст ва қариб ду сол боз дар фабрикаҳои шоҳибофии Москва, Тошканд, Боку кор мекардаст, усули кори онҳоро, тариқи рангу бори онҳоро

меомӯхтаст. Ҳоло мегуфтанд, ки ӯ чунон тарзи рангубори бирешимро ёфтааст, ки атласи онро бемалол крепдешин барин дар об мешустаеду рангаш намезадаст. «Кошкӣ, ҳамин тавр мешуд, — мегуфтанд занҳо, — дар ивази ин хидматаш ба Довар хушрӯйтарин духтари Тоҷикистонро арӯс мекардем».

Довар ҳамчун саркори гурӯҳи алафдаравони фабрика аз рӯзи аввал баробари дигарон ҳар субҳ ба алафдаравӣ мерафт, панҷ сотихи нормаро медаравид, дар байни кор ё дар охир, вақт ёфта, аз паи хӯрду хӯрок ва дигар муҳимми даравгарон овора мегашт, барои мардум меваю сабзавот, ҳаммоми сайёр, китобу рӯзнома ва кинову концерт талаб карда, ба идораҳои дар ким-куҷоҳо будаи совхоз рафта меомад. Баъди он, ки чандин мушкили даравгаронро осон кард, ӯро аз алафдаравӣ озод карда, муовини сардор таъин карданд, аммо Довар гуфт, ки аз алафдаравӣ даст намекашад. Инро шунида, ҳар кас ҳар хел сухан мегуфт: гурӯҳе ӯро аҳсант мегуфтанду таъкид мекарданд, ки агар ҳамаи сардорон вай барин худро аз одамони оддӣ канора намегирифтанд, корҳо дигаргуна сурат мегирифт. Фирқае дигар шубҳаомез ба ҷониби ӯ нигариста, донишмандона ҳукм мекарданд: «Обрӯ ёфтанӣ, ба назари эътибори хурду калон сазовор гаштанӣ... Авомфиреби гузаро будаст». Тоифаи сеюм ӯро на сиёҳ мегуфтанду на сафед, балки ба худ монанд мекарданд: «Одами хом Академияро партофта, ба корхонаи мо намеояд. Ин бача нони илмро хӯрда калон шуд, фаҳмид, ки академик шавад ҳам, мудири анбор ё директори мо барин зиндагӣ карда наметавонад. Азмаш дуруст, бачаи баақл будаст. Ҳолӣ калонҳои мо ӯро чандон хуш

надоранд, аммо бача ҳар коре карда, роҳашро меёбаду пеш меравад...»

Довар ҳар субҳидам ба ҷавонону духтарони бригада замин чен карда медод. Ҳар яке ҷаҳд мекард замини камалафро бигирад, фақат Занҷир хомӯш дар як канор меистод. Қитъаеро, ки ҳеҷ кас талабгор нашуд, вай мегирифт, баъд худи Довар. Бинобар он, аксар ҳангом онҳо дар шафати якдигар алаф медаравиданд. Довар ҷавони миёнақади бағоят лоғар бошад ҳам, девкор буд, ба ҳар коре агар даст мезад, онро сидқан, аз таҳи дил иҷро мекард. Барои Занҷир ҳам даравии панҷ сотих алафи худрӯи ёбон кор не, бозӣ буд. Довар ин ҳолро пай бурда, ба доскашии вай зимнан зеҳн мемонд, баъзан шӯхӣ мекард:

— Ҳамсоя, маро ба шогирдӣ намегиред?

Занҷир хиҷолат мекашиду чӣ ҷавоб доданашро надониста ғурунгос мезад:

— Муаллим, ин хел нагӯед.

— Беҳазл, чунон озод, сабук дос мезанед, ки ҳаваси кас меояд. Деҳқондухтар буданатон равшан аст.

«Ин ҳам Кабир барин маро қишлоқӣ гуфтанӣ бошад?» гӯён лаҳзае Занҷир хомӯш мемонду сонӣ бо шиддат ба дарав машғул мешуд. Довар ба тааннӣ дос мекашиду ба сухан давом мекард:

— Медонед, дар шаҳри мо аслан одами сирфан сирф шаҳрӣ ҳанӯз нест бошад ҳам, хеле кам аст. Ҳамаи мо ба деҳа пайвандем. Бобою бибии ман ҳам дар деҳаанд, аксар тобистон дар деҳа истироҳат мекардам. Агар бо деҳа ин қадар наздик намебудам, дар ҳаёт хеле чизҳоро возеҳ дарк намекардам. Ба фикрам, онҳое ки ба табиат пайванд нестанд, ҳаёти мардуми деҳаро намедонанд,

онҳое ки умрашон фақат дар шаҳр гузаштаст, биолог зоолог, филолог, этнограф, нависанда шаванд ҳам, дар ин шуғлҳо ба сахтӣ муваффақият меёбанд.

— Хуб, биологу зоолог гуфтанатон дуруст, дугонаҳои ман, ному хосияти ягонтаи ана, ҳамин алафи дарав мекардагиашонро намедонанд, «алаф-дия» мегӯянд. Аммо барои чӣ нависанда намебарояд?

— Гулу гиёҳ, хосияти онҳо, паррандаю чаранда, забон, урфу одати халқатонро надида, надониста чӣ менависед? Ҳамаи ин чизҳоро албатта омӯхтан мумкин аст, аммо чунон ки Низомӣ гуфтааст: «Худраста дигар бошаду барбаста дигар...» Агар аз кӯдакӣ ба табиати диёратон ҳамдаму ҳамоҳанг бошед, накҳати ҳар як гиёҳро фарқ мекунед, нағмаи ҳар як мурғро мешиносед. Ҳоло нависандагон ҳам монанди олимон бештар доираи мавзӯи худро медонанду меомӯзанд ва аз он хусус китоб менависанд. Яке доим аз ҳаёти деҳа, дигаре аз корхонаи шаҳр, сеюми аз бинокорӣ. Балки ҳамин усул ҳам дуруст будагист, аммо...

Занҷир ҳеҷ гумон надошт, ки ин ҷавонмарди камсухан, ҳамеша батамкин бо ӯ худашро баробар гирифта, сӯҳбат мекунад. Вай ботинан аз ин гуфтугӯяш дар пеши духтарон меболид. Бинобар он, ҳар замон саволе дода, намегузошт, ки оташи сӯҳбат фурӯ нишинад.

Дар чунин лаҳзаҳо Довар ба чашмони шаҳлою равшани духтар менигаристу ба дил мегуфт: «Чӣ нигоҳи софу беғаш, маъсум ва бемакр! Фақат шӯхию бебокӣ аз онҳо шарора мепошанд. Лабонаш ҳаргиз хамию каҷӣ надоранд, тоб намехӯранд, табассумаш дилкушой, соддаву самимӣ ва рӯҳафзой...»

Духтарон мегуфтанд, ки Довар тамоман ба кор омаду шаш моҳ боз цехи рангубор маломат намешунавад, кораш якбора пешрав шуд. Коргарон ғамхории ӯро ҳикоя карда мегуфтанд, ки яке аз рангуборчиён фарзанд ёфтаст, Довар аз иттифоқи касаба пул рӯёндаст, ҳамкорон се-чорсӯмӣ ғундоштаанду ба вай аробачаву як рахт сару либоси кӯдакона тӯҳфа кардаанд.

Ҳоло Занҷир ба сӯи нишебӣ сабук-сабук қадам партофта мерафту хаёлаш ба Довар банд буд, имрӯз вай аз ӯ дур монду духтарон ба гап гирифтанд, бинобар он, қитъаи худро нисбат ба ҳаррӯза дертар даравид. Ҳамсояи девкор касро ба ғайрат меовардаст. Ба ғайр аз ин, Довар доси ӯро қайроқ зада медод... Ба афташ нигаред, лоғару нимҷон барин, гарданаш чунон борик аст, ки бачаи чордаҳ-понздаҳсола мегӯед. Хӯроки дуруст намехӯраду давидагиаш, давидагӣ...

Дар осмон абрҳои сиёҳ ғун мешуданд. Аз дур садои тундар меомад.

Дар бошишгоҳ Довар чобаҳоро дутогӣ бо арғамчин баста, ба аспҳо бор мекард.

— Имрӯз трактор об наовардаст,— гуфт вай ба сӯи Занҷир табассум карда. — Ҳамин ки ҳавои борон шуд, намеояд.

— Барои чӣ? Аз борон метарсад? — пурсид Занҷир. Баъд ба шӯхӣ илова кард: — Кулӯх аст, ки об мешавад?!

— Ин талҳо — ҳама хок, агар борон борад, лой мешавад, лағҷон мегардад. Он гоҳ фақат трактори тасмачарх гузашта метавонад. Агар бекор бошед, бед ҳамроҳ рафта, аз чашма об биёрем, — хоҳиш кард Довар.

Занҷир аз ин пешниҳод ҳайрон, ба рӯи ҷавон нигарист, то мазмун бигирад, аммо Довар аз хиҷолат сурх гашту нигоҳашро гурезонд.

— Танҳо худам? — пурсид оқибат Занҷир баъди хеле андешидан овозаи нохуши ин ҳамроҳиро пеши назар оварда.

— Барои чӣ? Ҳамроҳи ман. — Довар аз хавфу ҳароси духтар бехабар буд.

— Ҳамроҳи шумо як худи ман?

Ҳар ду лаҳзае ба чашми якдигарӣ нигариста мазмун гирифтанд.

— Хуб, ана, Оляро ҳам мегирем — гуфт Довар матлабро пай бурда. Аз ин тарсу ҳароси бемавриди духтар ӯ маъюс шуд.

Занҷир дар умраш ҳаргиз ба асп савор нагашта буд. Довар ба чаҳор асп дутогӣ чобаро бор кард ва гулафсори якеро ба дасти Занҷир доду дигареро ба Оля. Занҷир аспро ба назди ғарами ҳезум бурда, ба «болои як кундаи калон баромад ва аз рӯи он ба сахтӣ худро ба болои асп гирифт. Довар хост ёрӣ диҳад, аммо ӯ рад кард. Оля шармида нанишасту бо кӯмаки ҷавон зуд ба аспаш савор шуд.

Довар аз паҳлӯи Занҷир асп меронду ҳоло ба хотири Оля ба лафзи русӣ сухан мегуфт. Баъзан гуфтораш бағоят олимона буд магар, Занҷир ба маънии хеле аз суханони ӯ сарфаҳм намерафт. Дар ин чунин ҳолатҳо вай ботинан малул ва пакар мегашт. Сонитар Довар ин вазъи ӯро пай бурду як ҳикояташро ба тоҷикӣ боз гуфт ва Занҷир фаҳмид, ки аз боиси забони русиро мукаммал надонистанаш ба гуфтаҳои ӯ сарфаҳм нарафтаст. Оля аз ӯ доир ба кимьёгарзанони маъруф савол кардаст ва

Довар аз ин хусус сухан гуфта, роҷеъ ба кимьёгарзани хеле донишманди немис Ида Ноддак, ки охирин элементи устувори ҷадвали  Менделеев — рений кашфи ӯст, ҳикоя кардаст. Ида Ноддак соли 1934 ба олими машҳур Ган гуфтааст, ки бо физикҳо маслиҳат кунед, ядрои атом ҳангоми таъсири нейтронҳо ба ҳиссаҳо ҷудо мешудагӣ барин. Ган ба ин тахмини даҳоёнаи зан он замон тамасхур мекунаду мегӯяд, ки агар унвони олимиро ба хок задан нахоҳӣ, дигар ин хел гапро нагӯй.

Занҷир ҳарчанд, ки номи ин олимонро бори аввал мешунид, доир ба атом тахмини он олимзанро ба дил таҳсин кард. Бо ин ҳама, аз ин сӯҳбат дар дили ӯ гиреҳи ноҳинҷор пайдо шуд ва он ҳоло ба вай оромиш намедод. Занҷир бори аввал пай бурд, ки Оля аз ҳар боб бо Довар сӯҳбат мекунад, аммо ӯ оҷиз аст. Ҳарчанд, ки медонист, Оля олимаълумот аст, дар кадом як институти илмӣ-таҳқиқотӣ кор мекунад, эҳсоси тафриқааш, бо Довар Занҷирро андӯҳгин кард, вай худро ба онҳо номувофиқ дида, ранҷ мекашид. Довар аз аҳли фаросату тамиз буд, аз рӯи адаб ва ҳурмат ҳар замон мавзӯи сӯҳбатро дигар мекарду бо саволе ё талаби эзоҳе Занҷирро ба гап мегирифт, аммо аз ин кори ӯ гиреҳи дили духтар сахттар мегашту бас.

Чор километр роҳ дар назари Занҷир аз даҳ километр афзунтар намуд. Вай раҳорах ба дил мегуфт, ки агар Кабир ба алафдаравӣ меомад, ҳоло ӯро ҳамроҳи ин ҷавон дида, балки алам мекашид. Доварро бо ӯ баробар карда намешавад. Ман мехоҳам, ки шавҳарам ана, ҳамин Довар барин аз ман донову боақлтар, ба ман муаллим барин бошад.

Занҷиру Оля бо навбат сатилро аз оби чашма пур карда ба Довар медоданду вай обро ба чобадо мерехт. Азбаски барои як худи Довар ба асп бор кардани ду чобаи пуроб мушкил буд, ӯ онҳоро ба замин нагирифта дар болои асп пур мекард.

Дар бозгашт аз лаҷоми аспҳо гирифта, турнақатор пиёда мерафтанд: Оля пешопеш, аз қафои вай — Занҷир, баъд — Довар. Офтоб дар паси теппаҳо ғуруб мекард магар, ҳавои абрнок якбора тира шуд. Ба назар чунин менамуд, ки абрҳо аз рашк ба ин мулоқоти онҳо осмонро сахт бастаанд.

— Занҷир, шумо чанд додару хоҳар? — мепурсид Довар. Баъд фарзанди нахусти оила будани ӯро фаҳмида: — Яъне, нозпарвард!.. Аммо нозпарвардиатон маълум не.

— Ку нозбардор? — даҳонашро бо дасташ пӯшида хандид Занҷир. — Ба ин мардум ноз карда мешавад?!

Тундар якбора болои сари онҳо тараққос заду ҳама як қад париданд. Занҷир аз ҳавл ба гиребонаш туф кард. Гӯё миёни тоқати осмон шикаста бошад, тароқутуруқи он пай дар пай бо қатраҳои борон омехта дар як лаҳзаи кӯтоҳ ҳар се нафарро шип-шилта кард. Паноҳгоҳе набуд, дар ин талу теппаҳо на шаху на дарахтеву буттае. Онҳо ночор ба роҳи худ давом доштанд. Азбаски ҳаво гарм буд, ҳама тани курта буданд. Куртаю шалвори Занҷир ҳоло тар шуда, ба танаш часпида, ӯро дилтанг мекард. Вай дар ин сурат ба чашми мардон ҳаргиз намудан намехост, бинобар он дам ба дам домани куртаашро мекашид, кӯшиш мекард, ки аз Довар дуртар равад, аммо ҷавон аз вай ҷудо намешуд. Борони баҳорон бо шиддати тамом меборид. Аз ҳар тараф

ҷӯйчаҳо равон мешуданд. Чунон ки Довар гуфта буд, дар он ҷойҳое, ки урьён ё камалаф буданд, замин лой ва лағжонак гашта, бароюю фуро мушкил гашт. Аспҳо бо ду пои қафо лағҷида баъзан бо ду сони худ ба замин менишастанд, гоҳи дигар бо чор по лағжида, ба сахтӣ худро аз сарнагун афтодан медоштанд.

Борон мебориду меборид. Довар ба ранҷи духтарон худро сабабгор дониста, ҳоло ғазабнок меомаду гап намезад, ёрои ба рӯи ҳамроҳон нигаристан надошт.

Онҳо ба сойча расидаанду селроҳаи мудом беобро ҳоло дар талотуми ҳавлангез дида, баробар нидо бароварданд:

— Эҳ-ҳе!..

— Ана, тамошо!

— Дар кӯи Пистазор борони сахт задаст-дия, — гуфта Довар ба сӯи кӯҳсори рӯ ба рӯ нигарист, аммо дар паси тӯри борон тимсоли тираи он ба назар менамуду бас.

Сел чандон бисьёру харобиовар набошад ҳам, ба дилҳо ваҳмангез асар дошт. Ғурриши ин оби гилолуди бо суръат ҷаҳанда шасти ҳар як одами пурдилро мегардонд.

— Ба аспҳо савор шавед! — гуфт Довар ва худ ба назди Оля рафта, ӯро кӯмак кард, то ба аспаш савор шавад. Баъд худаш ҳам аспро савор гашту аз арғамчини аспи дигар гирифта, ба сой фуромад. — Аспро ҳаргиз ба майлаш нагузоред! Фақат аз паи ман, роҳи ман гузаштагӣ катӣ! — фарьёд кард вай баъди ба об даромадани аспҳо.

Довар гумон дошт, ки агар ба сӯи Занҷир нанигарад, вай осон ба асп савор мешавад. Аммо Занҷир ҳарчанд

зӯр мезаду ба гардани тари асп овезон мегашт, ба зини борбастагӣ савор шуда наметавонист. Вай бо умеди баландие атрофро нигарист, аммо ҷойи мувофиқ набуд.

Дар ин миён Довару Оля аз сой гузаштанд. Довар ҳоли Занҷирро акнун пай бурда буд ва аз бепарвоии худ хиҷил гашта, ба канори об омада, фарьёдзанон маслиҳат дод:

— Арғамчинро ду қат карда, ликеб кунеду як тарафашро барои пой мондан ба ҷониби худ кашол монда, ҷониби дигарашро бо дастатон доред! Ана, ин хел, ба ман нигаред, — ҷавон ин усули аспсавориро амалан нишон медод.

Борон ҳоло аз шиддат монда, аз элак бехтагӣ барин шибитак меборид. Оля ба роҳ афтода оҳиста-оҳиста мерафт. Довар эътимод ҳосил кард, ки Занҷир танҳо худаш ба аспи борбаста савор шуда наметавонад, аспашро савор шуду баргашта, аз селоб гузашт. Ӯ зуд арғамчинро ликеб карду болои зин андохт ва як тарафашро бо як дасташ сахт дошта истод. Занҷир хиҷил ва музтариб як пояшро ба ликеб монда, бо дастонаш аз ёли асп сахт дошту худро ба рӯи зини асп гирифтан хост, аммо ноомоди кор гирифту арғамчин якбора канда шуд ва агар Довар намебуд, ӯ рӯболо ба замини лой меафтод.

— Занҷир, бед, савор кунам, — хоҳиш кард Довар. Ин лаҳза аз дилаш мегузашт: «Чи хел духтари зебо нотавониаш ҳам, шарму изтиробаш ҳам, атри мӯйи, тараш ҳам дилнишин, ҳаяҷонбахш...»

— Чӣ хел? — матлаби ӯро нафаҳмид Занҷир ва саволомез ба чашми ҷавон нигарист.

Занҷир ғайриихтиёр чиррос заду чашм кушода, худро рӯи зин дид ва хавотиромез ба атроф нигарист. Оля дур рафта буд. Вай аз хиҷолат бо ду даст рӯяшро пӯшид.

— Бубахшед, Занҷир... дигар илоҷе набуд, — гуфт Довар ба аспаш савор гашта. — Пештар арӯсро худи домод бардошта, ба асп савор мекардаст. Ҳоло ин одат қариб фаромӯш гаштаст, арӯсро ба хонаи домод мошин кати мебаранд. Дар ин шаҳр фақат ба ман насиб афтод, ки...

— Ин чи гуфтагетон? — Занҷир нимтабассум дар лаб лаҷоми аспашро андаке кашиду ба Довар наздик шуд. — Ҳар кас арӯси худашро савор кунад, аз рӯи инсоф мешавад.

— Аз сел гузарем, сони мегӯям, — вай асроромез, як навъ хушбахтона табассум мекард.

Дар чашмони Занҷир шарорае гӯё чароғак зад, дар чеҳрааш шодмонии беғубор гул кард, лабонаш ба табассуми ширини хушбахтона моил шуданд. Табассуми вай чунон ширину беғаш буд, ки ҳар инсоне ба он ночор бо табассум ҷавоб медод. Аз як назар кас бовар мекард, ки дар дили ӯ норостие пинҳон нест, ӯро ранҷонда, фирефтан уболи сахт аст, ӯро дӯстдор набудан, аз ӯ даргузашта, дигареро тарҷеҳ кардан ғайриимкон аст. Ин лаҳза дили вай чунон ба шиддат метапид, ки садои он ғурриши ваҳмангези селро билкул пахш карда буд. Вай аз ин ҳолат вақте ба худ омад, ки асп аз об гузашта дар канори сой истода буд ва сарашро афшонда гӯё ӯро «фуро охир!» мегуфт.

Онҳо баъди аз селоб гузаштан аз зин фуромада, пиёда аз ҷилави аспҳо гирифтанду ба роҳ даромаданд. Довар

аз паҳлӯи Занҷир омаду оҳиста дасти ӯро гирифт. Дасти духтар бағоят сард буд.

— Занҷир, хунук хӯрдаед... Баногоҳ шамол нахӯрда бошед гӯён метарсам. Ҳозир ба манзил расем, арақ меёбам. Ба бистар дароеду ба духтарҳо гӯед, тамоми баданатонро арақ моланд. Либосҳои гарм пӯшед. Либоси гарм оварда будед?

Занҷир ба нишони тасдиқ сар ҷунбонду оҳиста дасташро аз дасти ҷавон раҳо кард.

— Ман шуморо дӯст доштаам, Занҷир, — гуфт вай баъди лаҳзае хомӯш роҳ гаштан. — Шабу рӯз аз пеши назарам дур намегардед. Аз боиси шумо розиам, ки алафдаравӣ якчанд моҳ давом кунад. Волидайни ман шуморо аз падару модаратон хостгорӣ кунанд, розӣ шавед-а?

— Нашинохта, надониста, якбора хостгорӣ?! — Занҷир чашмонашро калон карда ба Довар нигаристу хандид. — Булҳавас гӯям, ба булҳавас монанд нестед.

— Дар назди муҳаббат ҳазор далели ақл эътибор надорад, Занҷир. Санҷидан, имтиҳон кардан кори одамони аз ишқ бебаҳра аст. Агар сидқан дӯст доред...

— Нишонаи дӯстдорӣ чӣ хел аст, ба ман ҳам гӯед,— нимҳазлу нимҷиддӣ хоҳиш кард Занҷир. — Агар савдои муҳаббат ба сарам ояд, бехабар набошам, — хушбахту масъуд механдид вай.

— Наздиктар бед....

Довар аз ду дасти ӯ гирифту аз роҳ боздошт. Занҷир бо ҳайрат ба даҳони ӯ нигарон буд. Онҳо лаҳзае рӯ ба рӯ ба чашми якдигар нигариста гирифтанд. Ду нигоҳи амиқ, пур аз розу ниёз, пур аз саволу ҷавоб... Баъд

Довар ӯро оғӯш карда бӯсидан хост, аммо Занҷир чолок аз чанги ӯ раҳоӣ ёфту дур гурехт.

— Хобатона ба об гӯед!.. Беадаб!

Борон қатъ ёфта, ҳоло бод абрҳоро меронд. Дар талу теппаҳо торикии нофармонтоб мефуромаду атроф сеҳрангез ҷилва менамуд.

— Ҳамроҳ равем, одамон чӣ мегӯянд? — хавотиромез, пурсид Занҷир.

— Ҳар чӣ хоҳанд, бигзор, гӯянд. Ман эълон мекунам, ки номзади ман гаштаед ва баъди алафдаравӣ — тӯй!

— Илтимос, ин корро накунед, — хоҳиш кард Занҷир. — Пеш аз пода чанг бардоштан чӣ лозим? — Ӯ гиребонашро кашида куртаи тари ба танаш часпидаро ҷудо кард.

— Пеш аз пода не, хостгорони ман ба ҳавлиатон рафта буданд, то ки шинос шаванду..

— Наход?

— Ман кайҳост, ки шуморо дӯст медорам. Шумо товуси маст барин аз ҳусни худ мағрур, ба атрофатон нанигаред, ман чӣ кунам?!

— Рӯякатон сафед, воҳимачӣ! — гуфт Занҷир бо як навъ адои ширин. — Ба ҳар ҳол, ман пештар меравам. Рости гап, аз ғайбату тӯҳмат метарсам. Ба шумо бовар мекунам, аммо... — Дар нисбати забон нигоҳҳои онон ҳоло бештар ва гӯётар гуфтугузор доштанд.

— Хуб, равед. Натарсед, дар паси ҳамин тал манзили мо. Ман тарона мехонам. — Сонӣ аз қафо хитоб кард: — Занҷир... мо ин ҷойҳоро як умр зиёратгоҳ мекунем, ҳар замон омада, муҳаббати ҷавониамонро ба ёд оварда меравем, — гуфт ӯ гӯё Занҷир ин орзуи ӯро нашунида гурехта мерафта бошад, шитобон, бо овози баланд.

Баъд якбора ба ҳавои уфар тарона сар кард: — Ишқ дар ҳар гӯшае афсонаҳо хонад зи ман...

Занҷир аз ҷилави асп гирифта бехуд қадам мефиканд, гӯё дар хоб бошад ё беҳуш, мерафту фақат овози нафис, равшан ва аз сидқу самимият моломоли Доварро гӯш мекард.

Баъд чароғҳои манзил намоён шуданду овози Довар ҳам қатъ ёфт. Вале дили Занҷир ҳанӯз ҳам мисли мурғаки ба дом афтода беқарор метапид, овози ҷавон дар гӯшаш садо медод, вай ӯро дар паҳлӯи худ равон медид. Занҷир бо кафи дасташ сарашро аз ду тараф молида гузашт, сарсӯзанҳояш барҷо, уребчаи намро раҳо намекарданд. Ногаҳон ба вай чунин намуд, ки баҳор ҳам, шаби сиёҳи абрнок ҳам якбора дигар шудаанд. Аз ин замини сабз ҳоло ба машоми ӯ накҳати бахту шодмонӣ, оромишу осоиши аҷиб меомад, дилаш хушиҳои басо афсонавӣ, зебо ва рӯҳбахше мужда медод.

Вай ҳайрон ба атрофи худ менигарист, ба олами сабзу мулаввани навзоде, ки иҳотааш гирифта буду бо ӯ хомӯш, асроромез, бо забони муҳаббат гуфтугӯ дошт ва тапиданҳои дилашро тадриҷан ба меъёри муқаррарӣ меовард, ҳамнафас мегашт.

Баъди обро фуровардан Занҷир танҳо будан мехост бинобар он, ба хайма ворид гашту либосашро иваз карда, даруни бистар даромад.

Оля ним шиша барин арақ овarду гуфт, ки ману туро Довар зиёфат мекунад.

Занҷир фикр мекарду фикр мекард... Вай ба дил ҳасрат мехӯрд, ки рози худро ҳайфо, ки дар ин ҷо ба касе гуфтан наметавонад. Аслан, ин розро магар бо сухан гуфтан мешавад?! Не, гапу кори имшаб, дар

канори сой воқеъшударо набояд, ки ягон ҷонзот бишнавад. Агар шахси сеюм аз он огоҳ бошад, тамоми зебоию назокати он меравад, он ба воқиаи оддию беранги муқаррарӣ мубаддал мешавад.

Он шаб то хеле вақт хоби Занҷир набурд. Ҳар лаҳза паҳлу мегашту аз равзани хайма ба дили торикӣ менигарист, шаҳболи хаёл ӯро бардошта, ба соҳили сойи пурталотум мебурд. Ду дасти Довар аввал кафи дастонашро месӯхт, баъд сарашро, дилашро, тамоми вуҷудашро оташ мезад. Дар хомӯшии ин шаби махмалин оқибат вай иқрор кард, ки оташи муҳаббат дилу ҷонашро месӯзад. Занҷир ғайриихтиёр пичиррос зад:

— Ана, муҳаббат чӣ хел будаст!

Акнун, баробари нахустин сабзаи нимранги ишқ дар дили ӯ тарсу ҳаросе хона гирифту аз чашмонаш хобро бурд. Занҷирро аз як тараф лаззати ин диду водид, аз ҷиҳати дигар тарси аз даст додани ин хушбахтии бемисл дар шиканҷа медошт. «Не ман лоиқи ӯ нестам, чи кори савобе кардаам, ки қисмат дар подошаш ӯро насиби ман кард?!. Ҳеҷ бовар намекунам...» мегуфт ӯ худ ба худ пичиррос зада.

## 21. Дилсӯзӣ

Пагоҳӣ хобгоҳи шоҳибофон пурвалвала буд. Духтарон пуршитоб ва саросема шустушӯй доштанд, наҳорӣ мешикастанд, сарулибос мепӯшиданд, дар назди ҳар як оина ду-се каси ғун шуда, ба созу бози худ машғул буданд.

То пардози афту андомашонро ба субот расонидани Иринаю Салима, одатан, Занҷир чой ё қаҳва дам

мекард, тухм меҷӯшонд, колбасаро дар равған таф медод, хулоса дастархон густурда, тахтӯл тайёр мекард. Ин пагоҳӣ чойи ба пиёлаҳо рехтагии ӯ сард шуд, аммо ҳамхонаҳояш ҳанӯз ҳам бо машшотагӣ машғул буданд.

— Ҳой, ҳар ду баробар имрӯз шӯй мекунед, чӣ бало?! Э, хонаатон обод, бас будагист-е!.. Бобоёни мо фаранҷию чашмбандро аз орою торои занон халос шавем гӯён, расм карда будаанд, акнун донистам, — аз кашолкории ҳамхонаҳо дилтанг шуд Занҷир.

— Занҷири ҷон, ҳолӣ ту ҷавонӣ, ба рӯякои ту, ба чашму абрӯи ту на қалам даркор аст, на сурхию кабудӣ. Баъди...

Радиои дар девор буда, ки ин дам вазъи обу ҳавои кишварро хабар медод, гуфторашро қатъ карду овози дурушту шамолхӯрдаи амаки Лочин баланд шуд: «Рафиқони азиз, ҳамкорон, ассаломуалайкум... Пагоҳӣ кати ба шумо аз номи Фабком як хабари зарур... Ҳа, воқеан... Ман — амаки Лочинам, ҳамаатон мешиносед. Хӯш, гап ҳамин: писари Барфӣ бетоб аст. Ҳамоне, ки ду моҳ пештар аз хизмати ҳарбӣ омада буд. Ҳозир хунравиш қатъ намеёбад. Ҳаёти ҷавон дар хатар аст. Худатон медонед, Барфӣ ғайри мо ҳеҷ кас надорад. Шавҳараш се сол пеш аз ин деги буғ кафида ҳалок гашта буд. Духтурҳо гуфтаанд, ки агар сесад-чорсад кас хун диҳанд, писарашро наҷот додан мумкин. Ана, ҳамин тавр... Хӯш, мо маслиҳат карда духтури хунгирро ба фабрика даъват кардем. Ҳар касе, ки хунаш гурӯҳи якуму дуюм бошад, хоҳишмандем ба назди духтури фабрика дарояд. Албатта, хоҳишмандон...»

— Эҳ бечора!.. Ҳама умедаш ба ҳамин писар буд,— даст ба пешонӣ зада, фиғон баровард Ирина. — Ду

духтарашро ба шавҳар доду се сол боз аз хизмат баргаштани ҳамин писарро нигарон буд. Моҳона гирад ҳам, мукофот гирад ҳам, барои арӯс гӯёнягон хел матоъ мехарид.

— Рӯзи иди занон ба пешқадамон як либоси атлас доданд, ба вай зани солдида аст гӯён, атласи осмонранг диҳанд, вай онро ба атласи сурхи кадоме иваз карда, хурсанд, ки барои арӯсаш куртавори дилхоҳ ёфт. — Салима тухмро пӯст канда, як бор газиду изҳори афсӯс кард.

Занҷир аллакай бо рӯймолча ашкашро пок мекарду рӯяшро ба тарафи тиреза тофта менишаст. Ҳамин ки чашмаш нам гирифт, одатан, пилки дидаву абрӯвони вай сурх мегаштанд. Ин гуна чашмтарии ӯро Салима ҳеҷ хуш надошт.

— Ҳой, духтари бефаҳм, аз афти кор, дар он сӯи уқьёнус ягон капиталист аст ё социалист мурад ҳам, ту дар ин ҷо мотам гирифта, гирья мекунӣ! Бас кун, гир, хӯрокатро бихӯр, меравем, — гуфт оқибат Салима бо тамасхур ва маломати нафратомез. Вай пеш аз ин «ваҳ-ваҳ, ӯҳ-ӯҳ» гӯён Занҷирро барои дилсӯзию ғамшарикиаш мазоҳ дошт.

Дар духтурхона аллакай даҳ-дувоздаҳ тан мардону ҷавонон ғун шуда, хун медоданд. Як ҷавонзани бегона ҳам хундиҳӣ омадаст. Мегуфтанд, ки пор писари нӯҳсолааш аз марази хун ҳалок гашта будааст. Ин саҳар хабари бемории ҷавонро шунида, дар хона нишаста натавонистаст, гирьён-гирьён омадаст. Боз мегуфтанд, ки ин дард ҳар касеро аз ҳаёт бубарад, барои ин зан як мотами дигаре будаст. Боз панч-шаш тан мардон ки аз рӯи сару либосашон ронанда буданашон аён буд, ду-се

тан коргари бинокор хун доданд. Ғамшарикии ин одамон Занҷирро чунон мутаассир сохт, ки ҳозир буд дастҳои дурушту шахшӯли ҳар яке аз ин мардонро аз сари ҳурмату муҳаббат бибӯсад.

Занҷир зуд хун доду ба коргоҳаш рафта, духтаронро маломат кард:

— Шарм намедоред, эй духтарҳо?! Шиносу ношиносҳо аз ҷойҳои дигар омада, ҳама ғун шуда хун медиҳанду шумо бепарвоед. Одаму одамгарӣ ҳамин аст? Фардо чӣ хел ба рӯи Барфӣ-хола менигаред? Ман дар назди мардон хиҷил шудам...

Занҷир ба баъзе занону духтарон суханони як дараҷа сахту таъсирнок ҳам мегуфт. Баъзе духтаракони тарсончакро тела-тела карда, худаш ба духтурхона бурд. Он рӯз ҳар касе ба вай дучор ояд — хоҳӣ мард аст, хоҳӣ зан, хоҳӣ пир аст, хоҳӣ ҷавон, Занҷир мепурсид, ки хун дод ё не. Агар ба хундиҳӣ нарафта бошад, фиғони вай мебаромад афсӯсу надомат мегуфт, он касро аз кораш хиҷил месохт.

— Сад-саду панҷоҳ грамм хуни шумо катӣ хонаи умеди як инсон вайрон намешавад, як модари муштипарро аз аламҳои доғи фарзанд халос мекунед, як ҷавони бечора ҳаёт мебинад. Дар акси ҳол, ба оби чашми ҳамин Барфӣ-хола чӣ хел менигаред? А? Нигариста метавонед?... Равед, равед, ҳамин бечора ноумед намонад. Ба мо вобаста, ба мо вобаста будаст. Гоҳе хун додан ба сиҳатии одам фоида дорад. Дар деҳаи мо ҳар саратон одамон шох катӣ хун мегиронанд. Як гурӯҳ мӯлтонӣ хунгирӣ мегарданд. Ба пахтазор, ба ферма мерафтанд. Бед, барам, хун диҳед, — чунон

илтичо мекард, гӯё ҳозир буд дар пеши пои ҳар яке биафтад вай.

Ҳамон рӯз миёни занҳо гӯшакию шибир-шибир сар зад:

— Чӣ бало, Барфӣ-хола инро арӯс кардани буд магар?

Баъзе даҳансахтон ба дуруштӣ изҳори ҳайрат мекарданд:

— Ин духтар барои чӣ саги сӯзан хӯрдагӣ барин бетоқат аст?

— Кӣ медонад, талвосаи духтар ҳамаро ҳайрон кард, ягон сир будаст-да.

— Э, ин Барфӣ бало!

— Вай, хонааш пури гандум, ин Барфира! Ана, ун иқтисодчӣ бачаро умедвор карда, рустӣ ин духтара ба писари худаш дуруст кардаст-дия!

— Пагоҳӣ хабари касалии бачаи Барфиро шунида гирья кардаст. Сонӣ ба фабком омада, чаро маҷбур намекунед, бигзор ҳама хун диҳанд, гӯён онҳоро гаранг кардаст.

Хайрият, яке аз занҳое, ки аз вазъи ҳақиқии воқеа огоҳӣ доштаст, хулосабофиҳои занҳоро пешгирӣ кардаст:

— Ба ман нигаред, Барфӣ чандин сол боз ният карда гаштаст, ки ба писараш хоҳарзодаашро арӯс кунад. Номзади вай бача тайёр буд. Беҳуда номи ин духтарро бад накунед. Бечора духтарак гӯлу соддадил аст, маънии бисьёр гапу корҳоро чуқур фикр намекунад. Ба ғайр аз ин вай ба начайлики рангуборчиҳо Довар номзад аст, мегӯянд. Кадоме гуфт, ки ба қарибӣ тӯй мекунанд.

Писари Барфӣ холаро нақот доданд ва бо ҳамин ин гапу калоча ҳам аз миён бардошта гашт.

Муддате аз миён гузашту Занҷир ҳаводори номаълуме пайдо кард. Касе ҳар пагоҳӣ ба сари дастгоҳи вай гулдастаи тару тоза мениҳод. Рӯзҳои аввал Занҷир ба гулдаста мисли он, ки ба гаппарониҳои ҷавонон рағбате зоҳир намекард, бепарво буд. Сонитар фикраш ба он банд шуд.

Сараввал ба гулдастаи тару тозаи рӯи дастгоҳ ҳеҷ кас зиёда эътибор надод. Баъзе ҳамкорон даргузар ҳам гули ӯро, ҳам худашро таҳсин мекарданд, баъзан аз роҳ истода «Ваҳ, чӣ хел гулҳои нағз!» гӯён, гулро бӯй мекашиданду мерафтанд. Дили Занҷир ҳар боре агар аз ваҷҳи гул сухан сар занад, беқарор метапид, вуҷудаш ба изтироб меомад. Довар гуфт, ки ҷаро дуздона гул биёрад, ошкоро ботантана меорад. Сипас, Занҷир онро кори Кабир ҳисобид. Аммо вай рӯзҳои охир Занҷирро дида, худро нодида ангорида мегурехт. Дигар кӣ бошад? Дар сари ин муаммо Занҷир шабу рӯз фикр мекард, ба чашми ҳар як ҷавоне ки ба сӯи вай назаре дошт, маъниҷӯёна, амиқ менигарист, вале ҷавони гулбиёр худро ошкор намесохт.

Ҳар пагоҳӣ ба цех медаромаду рӯи дастгоҳаш дар гулдони сафолин як даста гули тару тоза — гоҳ садбарг, гоҳ савсану шаддаи сурху сафеди гули аспак, гоҳи дигар дастаи гулҳои гуногунро медид. Якояк қариб аз ҳамаи ҷавонони фабрика гумонбар шуд, сонӣ кори занону духтарони одати миёнаравӣ доштагӣ донист, баъдтар як-ду тан раҳбарони миёнсол ҳам муддате ба доираи шубҳаи ӯ афтоданд.

Иринаю Салима низ дар ҳалли ин гиреҳи аҷибу ғариб фикр мекарданд, аз даҳони мардум гап мегирифтанду гап мепоиданд, аммо ошиқи навбаромади Занҷир малоика барин нодиданӣ ва шайтони раҷим барин гумном буд. Чӣ қадар тахмину шубҳа, чи миқдор маслиҳату машварат карданд, вале ҳама беҳосил. Ирина гуфт, ки ин кори Бадалбек будагист, вале Занҷир гумони ӯро рад кард: «Бадалбек ҳар чӣ хоҳӣ, тӯҳфа меорад, вале гул не. Шумо намедонед, гул дар назари вай хасу хошок аст, ҳамон хошоке, ки говонаш мехӯранд», гуфт. Оқибат ин ошиқи номаълум онҳоро дилгир ва асабонӣ карду дигар «аз ҳамин хусус гап назан» гуфтанд. Бо вуҷуди ин, ҳар шаб ҳамхонаҳо аз хусуси он савол мекарданд. Салима мегуфт, ки агар ошиқ бошад, Бадалбек барин тилловорӣ ё барқутҳои нодир биёрад, ин чи гап, ҳар рӯз як даста гул! Дарвоқеъ, аз тӯҳфаҳои Бадалбек вақтҳои охир Занҷир безор гашта буд. Занаки миёнчӣ ҳар бор ягон чиз партофта мерафт.

Занҷир ба муомила ва муносибати ҳамаи ҳамкорон гӯши ҳуш дода ва назар гумошта буд, то камтарин тағйири авзоъи ҳар якеро пай барад, аммо дар хулқу атвори атрофиён ҳеҷ дигаргуниеро пай намебурд. Аз ҳар касе гумонбар мегашт, вале зуд он тахминаш хато мебаромад. Дастагулҳои тоза ба тоза ҳар субҳ оташ барин пеши назараш даргирифта, аз дили шайдои ҷавоне розу ниёз мекарданд.

Занҷир аз кори ин ошиқи номаълум ҳам завқ мекарду ҳам хиҷил буд. Баъд, як субҳ ба сари дастгоҳаш расиду дар гулдон ба ҷои гулдастаи тару тоза дастаи садбарги дирӯзаро дида, лаҳзае ҳайрон монд, ҳатто аз чӣ бошад, ки ҳушаш парешон ва табъаш хира гашт. Боз аз дили

духтари бечора ҳазор навъ гумону тахмин, яке некманзару дигаре ғамангез соя андохта гузаштанд. Ӯро ҳолате рӯй дод, ки на ғамаш возеҳ буд, на шодмониаш. Не, дар дилаш ба андӯҳи номаълум монанд ташвише бархост, ки ӯро хотирпарешон медошт. «Соҳиби гулро чӣ шуд? Ба фалокате дучор гашт? Ё номзади Довар будани ӯро шуниду умедашро бурид. Наход, ки як калима сухан накарда, боре рӯ ба рӯ наомада, умедашро бурад?! Не, агар вай ин гуна одами бетаъин мебуд, як ҳафта боз мунтазам, ба ҳеҷ кас нафаҳмонда рӯи дастгоҳам гулдаста намениҳод, — мегуфт Занҷир дасташ ба кор, вале ҳушаш ба ин савдо банд, худ ба худ. — Кӣ бошад ҳам одами гӯлу раҳомад не, ба кораш пухтаю пуртамкин аст, Довар гуфт, ки бепарво бош, ҷавон аз пеши роҳат мебаромадагист».

Занҷир он чошгоҳӣ ба ҳамин минвол миёни амвоҷи шубҳаю гумонҳои бепоён талвоса дошт, ки Барфӣ-хола пеши вай омад.

Ӯ чун ҳамеша бо Занҷир аз сари меҳр ҳолҷӯӣ кард, китфони духтарро бо навозиш молиду печаки дасташро кушода, аз он гулдастаи тару тозаеро гирифт ва ҷои гулдастаи дирӯза дар гулдон ниҳод.

— Шумо ҳар рӯз гул меовардед? — пурсид Занҷир беҳол овоз бароварда.

Вай аз кори Барфӣ-хола он қадар малул буд, ки дар як лаҳза дасту пояш беҳолу бемадор шуданд. Ҳатто ба ин зани солдида хашм гирифту ягон сухани сахт гуфтан хост, аммо худдорӣ кард.

Барфӣ-хола ба майли хотир табассум менамуду бо гулдаста машғул ба саволи Занҷир аз чӣ бошад, ки зуд ҷавоб намедод.

— Не, гардам, аз ин пеш наовардаам. Ягон бор гул наовардаам, садқа. Ин гула нигар, ранги худат, холаат садқа. Соҳиби ин гул гуфт, ки имрӯз дар мактабҳо дарс сар шудаст, саҳар дар бозор гули дуруст наёфта, дер мондаст. Узр гуфт, холаат садқа. — Табассуми холаи Барфӣ аз он далолат мекард, ки вай аз гулдаста овардани он ҷавон зиёда хушнуд аст.

— Кӣ вай?.. Худаш кӣ будаст? — Занҷир ғайриихтиёр саволашро қатор кард, аммо аз хиҷолат ба рӯи холаи Барфӣ нигариста натавониста монд.

Холаи Барфӣ ҳим-ҳимкунон боз хеле вақт дар сукут шуд, гӯё ба саволи духтар чӣ ҷавоб гуфтанашро намедониста бошад.

— Холаат садқа, гуфт, ки... а-а, хоҳишашро ба ту сараввал худаш мегуфтаст. Аз забони хостгор шунидани муҳаббат хато гуфт. Ҳеҷ парво накун, холаат садқа, худаш аз пеши роҳат лӯппӣ карда мебарояд, мебинӣ.

— Охир... Охир, шумо намедонед... — Занҷир чӣ гуфтанашро надониста ғурунгос зад. Шарму ҳаё, хиҷолат забонашро басту вай сухани даркориро наёфт, то гӯяд, ки ӯ фотиҳа шудааст, номзад дорад.

Барфӣ-хола саросема ба сӯи дастгоҳаш рафту Занҷир дар банди изтиробу андешаҳои худ саргаранг аз паси вай муддате нигариста монд. «Хуб, аз пеши роҳам мебаромада бошад, ба худаш мегӯям. Кӣ будаст, намедонам. Писараш бошад? — нахустин саволе, ки ба сараш омад, хеле муддат ӯро дар шиканҷа дошт. — Мардум чӣ мегӯянд?.. «Вақти бемории бача ин қадар ҷон кандани ин духтар бесабаб набудаст», мегӯянд. Не, каси дигар. Агар писараш мебуд, Барфӣ-хола хап намегашт, кайҳо ба дугонаҳои сирдонаш мегуфт, ба худам ишора

мекард. Занҳо муранд ҳам, ин хел гапҳоро дар дил нигоҳ дошта наметавонанд. Барфӣ-хола ҳам Занҷир арӯси ман аст гӯён, ба ҳама ҷор меандохт. Агар ин хел ният медошт, маро ба Кабир бирас гӯён ташвиқ намекард. Аммо хола дар ин хел корҳо ба дигарон миёнарав намешавад. Аз ваҷҳи Кабир маслиҳат дода гуфта буд, ки ман миёнарав намешавам, ба ақли худат кор кун. Аз номзад шудани ман бехабар бошад ё дидаю дониста? Хуб, агар писараш бошад, чӣ мегӯям? Не, ба гӯшам расида буд, ки писари Барфӣ-хола номзад дорад. Хӯш, кӣ бошад ин гулбоз? Кабир ҳоло аз паи духтари Бадалбек даводав дорад. Дигар аз чанги он марди хабис халос намешавад. Бегона ба корхона даромада наметавонад. Агар дигаронро ба кор андозад, кайҳо овоза мешуд. Ба пеши Барфӣ-хола рафта, кӣ буданашро пурсам? Не, «шӯй гуфта дилаш қошуқ тарошид» мегӯяд. Даркор бошам, худаш кофта меояд, мебинам. Э, тавба, гулдастаро кӣ овард гӯён пурсуков кардани духтар ҳам кори айб аст. Бибиам мегуфт, ки ҳусну малоҳат, дилкашию дилрабоии зану духтар аз шарму ҳаёи вай аст. «Орзую ҳавасат бисьёр аст, духтар, барвақт пир мешавӣ», мегуфт. Ку он орзую ҳаваси бисьёр?!»

## 22. Орзуҳои Кабир

Дар ҳар замине, ки сабзаи ҳаёт нумӯе дорад, ғаму шодӣ радифи рӯзғори одамист. Мардони бузургдилро андӯҳи бузург сазовор аст, агарчи онон аз камтарин ҷилваи шодмонӣ кӯдаквор қаноатманд ва хушнуданд. Фақат мардумони ҳарису пуртамаъ ва аз кибру бухл захрогин ҳамеша ғаминанд. Ин тоифа ба худ аминанд,

ки аз он, чӣ мо — одамони оддӣ мебинему идрок мекунем, бештар медонанд ва дақиқтар менигаранд. Дар асл, ҳавою ҳавасҳои афзун ононро ба ин ҳол афкандааст. Ҳирс инсонро кӯру кар сохтааст, мағзи ӯро фалаҷ, шахси ӯро маъюбу маслухи маънавӣ сохта, аз нерӯи рӯҳонӣ, ки бузургтарин дастоварди вай аст, маҳрум карда. Ҳар як инсон ба зиндагии бениёз ҳақдор аст, агарчи аслан эҳтиёҷ боиси пешравии башар аст. Аммо осудаҳолӣ ҳоло расм не, ҳирс айб не... Аз ҳамин сабаб ҳам Кабир ҳеҷ хурсанд набуд. Биму ҳароси нотаъине дар синаи вай хона карда, мудом ӯро нороҳат медошт, гумонҳои нотаъину номаълум шабу рӯз ӯро парешонхотир месохтанд. Баъзан ӯро ҳолате рух медод, ки аз ҳавасҳои зиёди худ дилгир ва аз фардои ношинохти худ безор мегашт. Аммо тарси вай ба хатари муқаррарие, ки фарзанди инсон аз боиси дарду марази таҳлукаангези наздикону пайвандонаш, хатари хиёнату бевафоӣ ё изтиробу талвоса аз ҳаёти фарзанд, инсони азизу волое ва ё ба хавфе, ки одамон паи ҳифзи халқу мамлакат эҳсос мекунанд, ҳеҷ нисбате ва қаробате надошт. Хавфи аз даст додани лаби ноне, хатари бемошин, бевазифаи баланд, инсони оддию қаторӣ монданаш боиси андӯҳи азими Кабир гашта буд. Он тарсеро, ки сазовори инсони ҳақиқист, ҳанӯз вай намедонист, аз ин гуна ҳарос сирф огоҳӣ надошт.

Инчунин тарси шоистаи инсонро Занҷир дар дили бибии пири худ дарьёфта, бори аввал аз таъсири он бигириста буд. Бибӣ айёми мавлуди худро охири моҳи сунбула мегуфт. Занҷир аз он онҳое, ки моҳу солгардони пешини тоҷиконро ҳанӯз дар ёд доштанд, пурсон-пурсон охирҳои моҳи сентябрь ҳафтоду панҷсола шудани

бибиашро муқаррар кард. Сонӣ аҳли хонадон ба бибӣ ин розро ошкор накарда ба ҷашни солгарди ӯ омодагӣ доштанд. Ба ташвиқи Занҷир Имомалӣ барои модар аз дасти савдогарони хуфияфурӯш як куртавор шоҳии сабзи японӣ харид. Занҷир сурати бибиро ба район бурда, фармуд калон карда ба чаҳорчӯбаи зарҳалӣ кашида доданд. Вай боз барои бибӣ кафши чармини сарупоӣ харид. Рӯзи ҷашнро таъин карданд ва он рӯз ҳама аз кор барвақт омада, бибиро аз ташвиши рӯзғор фориғ, дар пешгаҳ нишонданду муборакбодию таҳниятгӯӣ оғоз карданд. Бибӣ аз ҳайрат саргаранг буд. Умраш бино шуда, то ҳол касе солу моҳи таваллуди ӯро ёд надошт ва ҳаргиз ба хотир наоварда буданд. Вай ба панҷоҳ даромад, сонӣ шастро гузашт, ҳафтодро ҳам паси сар кард, аммо то ба имрӯз, ба қавли худаш, ягон бандаи худо инро ҳисобу китоб накарда ва насанҷида буд. Баъзан дар тӯю азо занҳо ӯро мепурсиданд, ки чандсола шудааст, вай дар ҷавоб «солам мурғ, хаёлам аз ҳафтод гузаштам», мегуфт. Дар он маҳфил бешак ягон зане пайдо мешуд, ки солаш мурғ аст ва ба иттифоқ занҳо чанд мӯлҷар аз якдигар хурду бузург буданашонро таъин мекарданд.

Ҳоло дар хонавода ба ифтихори вай дастархони хоса густурда меҳмондорӣ барин ташвишу тараддуд кашиданашон ва тӯҳфаҳои мувофиқ дарьёб карданашон ӯро мутаассир сохта, бениҳоят ба риққат оварда буд. Ба нишони миннатдорӣ бибӣ бетаваққуф дуо мекард. Чун ба дастархон санбӯсаҳои гуногун, тушбераву манту ва ҳалвою чакчак барин анвоъи хӯрданиро оварданд, бибӣ аз ҳайрат ангушт газид. Аҳли хонадон якояк тӯҳфаҳои худро ба бибӣ супориданд, орзую дархостҳои худро

изҳор карданд. Бибӣ оби чашм мерехту ҳар якеро алоҳида дуо мекард, аз замину осмон сиҳатию хушбахтии онҳоро таманно дошт. Дар охир Занҷир ба як навъ оҳанги тантанаомез хоҳиши аҳли хонаводаро гуфт: «Бибиҷони ширинам! Бибиҷони сангинам! Саракатон аз санг ҳам сахттар, ҷонатон аз пӯлод маҳкамтар бошад! Орзуи мо, хоҳиши мо аз шумо ин аст: ба сад дароед! Ба сад дароед, бибиҷон, садсолагиатонро тӯй кунем! Талаби моро рад накунед. Мо медонем, агар хоҳед, шумо ба сад ҳам медароед, ба саду панҷоҳ ҳам... » «Э, мон-е, чӣ даркор — бибӣ даст афшонда эътироз кард. — Даркор не, безорам. Ҷонам ба лаб омадагӣ, дигар тобу тоқат надорам...» Ҳама бо тааҷҷуб аз дастархон даст кашида, бо авзои парешон, балки хиҷолатманд ба сӯи бибӣ мутаваҷҷеҳ шуданд. «Наход, ки кампир ин қадар аз зиндагӣ безор будасту мо бехабар?!» мегуфт ҳар яке ба дил. «Мо туро дар азоб мондаем, оча, бубахш, — гуфт оҳиста Имомалӣ, ки сархам ва музтариб монда буд. — Кӣ туро ин қадар ҷунбуҷӯл кун мегӯяд?! Барои чӣ худатро азоб медиҳӣ? Кори хона адоӣ надорад, бимонаш, бачаҳо мекунанд. Ҳар чӣ дилат мехоҳад, талаб куну хап бишин». Писар озурда ва хиҷолатманд ба рӯи фарзандони худ нигариста наметавонист. Бибӣ ба рӯи писар чашм андохту худ ба худ сар ҷунбонд ва сипас гуфт: «Аз кору ҷунбуҷӯли хона азоб накашидаам, безор ҳам нестам, писарам. Агар ҷунбуҷӯл накунам, ман беморам. Ту азоби модарро чӣ медонӣ?! Дили мард бехавф аст. Шабу рӯз тарси ман аз он аст, ки ба пои ягонтаат хоре мезанад. Ҷонам меларзад. Мусибати шумоёнро бардошта наметавонам...»

Оби чашмони Занҷир мисли борон якбора ба рӯяш рехт, вай бархоста гирьяву ханда ба ҳам омехта бибиро оғӯш кашид, аз рӯю мӯи сафеди пиронааш гарм - гарм бӯсид, рӯяшро, чашмони ашкборашро бо меҳр ба рӯи пурожанги пиронаи бибӣ гаштаву баргашта молид.

Тарсу ҳароси Кабир аз ин сон хавотириҳо набуд, Тарси вай ба таҳлукаи бибии меҳрпарвар ҳеҷ монандие надошт. Чашмдошти Кабир ин буд, ки қаробат ва пайвандаш бо Бадалбек ва ҳалқаи ӯ вайро аз иҳотаи рӯзгори оддию берангаш берун мебараду ба ҷаҳони дар тасаввур парвардааш — арсаи кӯшишу талоши мақсаднок, ҳамдастию ҳамбастагиҳои ғайриоддӣ хоҳад афканд. Аммо ҳоло аз нахустин диду водиди худ қаноатманд набуд, дилаш ғашнок гашта, шубҳаи нотаъине дар вуҷудаш хона гирифта, ӯро беқарор медошт. Баъзан чунин ба назар менамуд, ки ӯ аз рӯи ҷимҷима равон аст, ки рӯи он сабзаву гулҳо рӯида, вале зери он шилкобе пинҳон аст ва ин вартаи мудҳиш пои ӯро оҳиста поён мекашад.

Баъд аз маслиҳату машварати зиёд дӯстонаш ба Бадалбек талқин кардаанд, ки Кабир бояд ягон сол ё бештар дар ягон корхонае, зери дасти одами худӣ кор кунаду узви фирқа шавад, аз он ҷо тавсифномаи дуруст бояд гирад ва ғайра. Кабир ин пешниҳодро андешида, сараш ба дард омада буд ва ҳоло ба зоҳир хушнуд, вале ботинан дар ташвиш ба сӯи фардои ноаниқи худ қадам мезад. Баъзан дар назараш чунин меомад, ки хушнудию хушбахтиҳои орзу кардаи вай монанди тасвирҳои саҳнаи театр дурӯғин аст, аз хишту соруҷ не, балки аз картону коғазҳои рангин сохта шуда аст, метавонад боди сабуке онро валангор созад. «Ман кор кардан

мехоҳам, қувватамро, қобилиятамро ба ягон кори арзиданӣ сарф карданиам, руздию ғоратгарӣ карданӣ нестам. Ана, асли мақсадам ҳамин аст! Аммо... қувваи худро ба куҷо сарф карданамро намедонам. Барои ҳамин мӯҳтоҷи Бадалбек барин касонам...»

Кӯчаи пурвалвалаи шаҳр ҳам ошуфтагии ӯро бартараф насохт. Вай имрӯзҳо бештарин ҳангом дар кӯчаҳо пиёдагардӣ дошт, зеро дар хона аҳли хонавода бо ташвишу тараддудҳои ночизи худ ҳар лаҳза ба андешаю хаёлҳои вай халал расонида, оташин мекарданд. Аслан, вай рӯзҳои охир ҳеҷ касро дидан намехост, ҳамгап будан, ҳолҷӯӣ бо шиносон ҳамчун як таомули бекора ӯро ба танг меовард.

Ҳоло вай ҳуштаккашон қадам мезаду бо худ мунозираи ботинӣ дошт: «Ба рафти об нигариста равам ҳам, муқобили ҷараён ҳаракат кунам ҳам, ба ин одамон хуш намеоям. Мехоҳанд, ки пеш нагузарам, як умр монанди онҳо заҳмат кашаму ба як луқмаи ночиз қаноат кунам. Хушмуомила будам, гуфтанд, ки тамаллуқ мекунад, қатъияту дуруштӣ кардам, гуфтанд, ки мағруру худпараст аст. Ҳар чӣ мехоҳед бигӯед, агар осмон дар дастатон бошад, ба сарам партоед, лекин ман бо роҳи худ меравам. Ман кӯр нестам, мебинам кӣ беҳтар зиндагӣ дорад! Монед, ман ба майли худ зиндагӣ кунам. Рост-дия, то кай нони худамро хӯрда, гапи дигаронро гуфта гардам?..»

Кабир аз ин боб андешида, чунон ғарқаи баҳри хаёлу орзуҳо шуд, ки оқибат худро сардори идораи бошукуҳе дид, ки фаршаш ҳама қолинпӯш, мизу курсиҳои нарм дошт, рӯи мизи пешгоҳ қатори телефонҳо. Ӯ тугмаеро пахш мекунаду котибаи хушсурату нозукадо «лаббай»

гӯён бо табассум аз дар медарояд. Табассуми вай монанди... монанди табассуми Занҷир касро маст мекунад. Котиба чойники чойи доғро оварда, рӯи миз мегузораду мегардонад ва пиёлае рехта мунтазири амри вай сарашро ба як сӯ андаке хам карда, мисли ана, он котибаи вазир миҷа назада, ба рӯям менигарад. Ҳарчанд ки мегӯянд одами занбоз ва шаробхора мартабаи баланд намеёбад, ман духтарони нозанинро дӯст надоштан наметавонам. Занбозии ошкоро фосиқист, агар пинҳон май хӯреду ишқварзӣ кунед, ин нишони ҷавонмардию олиҳимматист. Чӣ, ман барзаговам магар, як умр кор кунаму аз лаззати ҳаёт бенасиб монам? Барои як шикамамро сер кардан як умр кор кунам, ҷон коҳонда, худро ба теғу табар занам? Як рӯз шавад, ки пири ранҷур ва ё маъйубу маслух афтам, ба дасти умедам бод, дар сари ҳар чорраҳа хидматҳои собиқамро гуфта, мардумро дарди сар дидам? Не-е...»

Кабир роҳ мерафту мисли одаме, ки иллати молихулиё ба вай сахт асар кардааст ва бар замми он ӯ шароб хӯрдааст, бо лабони инҷ табассум мекард.

Бегоҳирӯзӣ шаҳр ба мисли орухонае, ки бачаҳо ба он чӯб расонидаанд, пурвалвала буд. Кӯчаҳо пурмошин, пайраҳаҳо серодам, ҳама саросема, шитоболуда. Коргарон, инҷенерон, духтурону муаллимон, ходимони идораҳо дар ин соат аз кор фориғ гашта, анбону тӯрхалта, портфельҳои пурбор дар даст ба хонаҳояшон мешитобанд. Мунтазирон дар истгоҳҳои мошин намеғунҷанд, пайраҳа ва бахше аз роҳи мошингардро ишғол карда, аз паси мошинҳои пуродам даводав доштанд. «Маро ронандаи хизматгузор бо «Волга»-и сафед дар ҳама ҷо интизор хоҳад буд», — аз дил

гузаронд Кабир. Вай ба чеҳраи раҳгузарон, ки бо баъзе омадурафти назар дошт, гоҳе аз сари шафқат, гоҳи дигар бо нафрат менигаристу ба ҳамин тариқ хаёлтарошиҳо худро тасаллӣ мебахшид.

Шафақи ғуруб осмонро рангин карда буд. Тадриҷан тафовути рӯзу шаб аз миён сутурда мегашт, ва шаҳри заҳматпеша кам-кам рӯ ба оромию осудагӣ меовард.

## 23. Ғазаби Занҷир

Рӯзи шанбе, одатан, хобгоҳи духтарон нисбат ба рӯзҳои корӣ афзунтар валвала мекард. Аз дару тирезаҳо навою тарона, садои пойкубиву кафзаниҳо ба гӯш мерасид, бӯи иштиҳооварӣ таомҳои миллатҳои гуногун ба ҳам омехта, атрофиёнро беқарор менамуд.

Имрӯз фақат хонаи Занҷирино хомӯш, бетараддуд ва сокит менамуд: Салима ба кӯчае рафта буд, Иринаю Занҷир дар хона, ҳар кадоме ба кори худ машғул менишастанд: Ирина маҷаллаи мӯдро кушода, аз рӯи он ба коғаз нақшаеро мебардошт, Занҷир домани куртаашро ним ангушт барин ба дарун қатъ карда, кӯтоҳтар ва барашро тангтар мекард.

— Бори чандум ин куртаро кӯтоҳ мекунӣ? — пурсид Ирина аз кори худ сар набардошта бо табассум. — Ҳолӣ ба шӯям баробар бошам, гӯён ба ягон донишгоҳ ҳам медаромадагистӣ?! Як дугонаи гӯлу гаранг доштам, ба як олим расиду сонӣ институтро тамом кард, ҳозир рисолаи илмӣ менавиштаст.

— Ба қавли худат, Иринабону, ҳамхонагӣ ба ман ҳам асар кардагӣ барин. Аввал сару либос, сонӣ дигар ҳунарҳои туро ёд мегираму хаёлам нусхаи худат

мешавам. Мебинӣ баъди ду-се сол аз Занҷир фақат ном мемонад! Не, балки ҳамин номамро ҳам мухтасар мекардагистанд.

— Не, номатро кӯтоҳ накун, номат оҳанги хориҷӣ дорад.

— Чаро мо ин қадар хориҷипарастем? Мардуми мамлакатҳои дигар ҳам мо баринанд? А? Боиси ин хориҷипарастӣ чи бошад, Иринабону?

— Ҳаромкорӣ, — гуфт мухтасар аз кораш сар набардошта Ирина.

— Боиси ҳаромкорӣ чист? — қонеъ намегашт Занҷир.

— Боиси ҳаромкорӣ... ба фикрам... бесоҳиб, бесару сомон будани фабрика, замин, мол — ҳамааш. Тарзи раҳбарӣ. Агар кофтан гирӣ, ба сиёсат мерасад...

— Ҳамин қадар донишмандон дорем, чаро сари вақт таъкид карда намегӯянд, ки аз паи ислоҳи кор шаванд?

— Ҳеҷ кас ба пои худаш теша задан намехоҳад...

Дар нимроғ гашту сухани Ирина дар даҳонаш монд. Духтаре аз хонаи рӯ ба рӯ оҳиста сарашро аз дар дарун карду салом гуфт ва сипас хабар дод:

— Занҷир, ба суроғи ту омадаанд, баро.

Баъди дарро пӯшида рафтани он духтар Занҷир дақиқае хомӯш фикр карду баъд гуфт:

— Бовар мекунӣ, Иринабону, ҳозир аз дилам мегузашт, ки мурдори Бадалбек бедарак рафт, магар суханони гуфтагиамро Кабир расонда будаст...

— Кадом суханатро? Ба Кабир чӣ гуфта будӣ? — савол кард Ирина.

— Як шаб ҳамроҳи Кабир ба ёбон, ба ҷои алафдаравии мо омаданд. Худаш канортар истода, ин аҳмақро фиристодааст, ки ҳамроҳаш маро назди ӯ

барад. Гуфтам: «Омада-омада рӯзат ба даллагӣ монд?! Гадои дар кӯча кафашро доштагӣ гадо аст, лекин ту аз вай батарӣ, чашми ту, дили ту гушна, ту — гадотабъӣ... Бирав, косалеси калламайнахӯр, хӯҷаинатро гӯй ба ин ҷо ояд, ман дар назди одамон бо ӯ сухан карданиам. Бирав бигӯ, биёяд...» Иринабону, агар меомад, гуфтаниамро мегуфтам. Афсӯс, наомад. Ҷорӯби дарозро рост карда монда будам, ба фарқаш кӯфта-кӯфта, саг барин мерондам. Афсӯс, наомад, ҳар ду ҳам шабошаб гурехта рафтаанд. Ана, акнун ба дастам афтод! Биё берун барою тамошо кун. Акнун аз ман ин палид фақат гап шунида, халос намешавад. Қумғонро ба алав монда будам, ҷӯшидагист, оби ҷӯшаш катӣ ба сараш мефурорам.

— Девонагӣ накун, духтар! — аз қаҳри қасосталабонаи Занҷир хавотир шуд Ирина. — Судбозӣ кардан мехоҳӣ? Ягон ҷои худатро месӯзӣ.

— Мон, як бор аламам барояд! Лаънатӣ дигар намеояду аламам дар дил мемонад, гӯён хавотир будам, хайрият омад.

— Беақлӣ накун! Бигир, ана, ҷорӯб катӣ бирон фалоката, аммо вай кати моҷаро мекунию обрӯи худро мерезӣ, духтар. Сонӣ мардум ҳар хел тавзеҳ мекунанд. Ин ғавғо ба гӯши Довар мерасад...

Занҷир аз шасташ гашт ва лаҳзае дар банди андеша монд.

— Хуб, чи гӯям ба вай? Ба назди духтари фотиҳа шуда чаро меояд?! Ин марди ҳафтафаҳм ба дороиаш чунон ғарра аст, ки гумонаш Доварро ҳам ба пулу мол мехарад. Ин сабил пулу мансаб ин қадар ақли инсонро тира мекардаст-а!

— Занҷир, ту дигар бо ӯ моҷаро накун. Акнун ту бекас нестӣ, фикр кун. Худро аз ин хел моҷароҳо дар канор бигир. Пеши Довар меравад, ӯ чашмашро мош барин мекушояд, мардаки каллагаранг мебинад, ки ин хел ҷавонмардон ҳам ҳастанд...

## 24. Бадалбек ва Довар

Бадалбек ҳеҷ чашмдор набуд, ки Занҷир ин қадар зуд тағйири одат ва феълу хӯй мекунад, ҳатто андеша накарда, ӯро мазоҳу масхара мекунад. Зиёда аз ин, вай ҳеҷ гумон намебурд, ки ба вай Довар барин талабгори қудратманд ёфт мешавад. «Агар аз ҳамин ҷавонони қаторӣ ягонтааш харидорӣ мекард, ҳатто шаби тӯяш, базмро дар хонаи домодаш гузаронда, Занҷирро бурдан аз дастам меомад, — мегуфт ӯ ҳоло ташвишомез. — Аммо ин катӣ мушкил барин... Пулро писанд накарданаш ҳамту, бодигӣ гӯям, шербачаҳо мегӯянд, ки вайро аз қасдаш гардондан мушкил аст, дар ду олам аз вай халос намешавед, падараш одами таъсирнок, пӯла-шӯла. Болои сӯхта намакоб, духтари бефаҳм ҳам бехуд шудаст. Баъди ба шаҳр омаданаш, дарҳол аз паяш наафтодам, пулу мол чӣ чиз аст, фаҳмад, андак мӯҳтоҷ шавад, гӯён беҳуда гаштам, духтара вайрон кардаанд. Ҳафтаи гузашта ба хобгоҳ равам, чунон лӯлигӣ кард...»

— Як-ду сол тарбия гирад, сонӣ одамсуроб мешавад-а, Мир, — гуфт ӯ ҳоло хитобан ба ҳамроҳаш ҷавонмарди ришрасидае, ки дар чашмаш айнаки сабз дар курсии қафои мошин нишаста, беором сигор дуд мекард.

Бадалбек ба сӯи Кабири дар таҳдари фабрика нигарон ишора карданашро вай фаҳмиду «ҳим-м» гӯён ҳамфикрӣ кард. Сонӣ аз як кунҷи лабаш баромад:

— Ҳолӣ-латта. То ин мепазад, ки даҳ харбузапаз мегузарад.

— Мепазад... Чунон мепазад, ки...

— Баромад, — гуфт ба майли хотир ҷавонмарди айнакӣ.

Бадалбек дари мошинро кушоду ба сӯи Кабиру Довар, ки ин дам воҳӯрӣ доштанд, қадам зад.

— И-и!.. Ассалому алайкум, мулло Кабир! — Бадалбек аз қафо рафта оҳиста даст ба китфи ҷавон расонду баъд баҳри вохӯрӣ ду дасташро ба вай дароз кард, аммо чашмонашро ба Довар дӯхта буд. — Кайфатон чоқ, саломат ҳастед? — Вай дасти ӯро монду барои вохӯрӣ ба Довар даст дароз кард. — Канӣ, домулло тинҷед, сиҳату саломат?.. Аз роҳ мегузаштам чашмам ба дарвоза афтоду нигарам, шумо истодаед, — Бадалбек тап-тап ба китфи Кабир зада, изҳори шодмонӣ мекард.

— Ман ҳайрон шудам... Якбора аз осмон фуромадед магар, гуфтаам, — гуфт Кабир суханони қаблан тайёр кардаашро канда-канда гуфта. — Ҳа, ман шуморо шиносо кунам... Ин кас, — вай ба Довар, ки ҳоло фурсат мепоид, то зудтар хайрухуш кунаду биравад, ишора кард, — инҷенери фабрика, сардори цех, яъне, метавон гуфт аз раҳбарони ин фабрика акои Довар. Ин кас — ӯ ин бор ба сӯи Бадалбек ишора кард, — аз шиносони наздики мо, чорводори номдор — амаки Бадалбек...

— Хуб, бас, шиносоӣ дар сари роҳ намешавад, додар. Ман ба ҳар дуятон гап дорам. Ҳа, хуб шуд, ки дучор кардам. Ку, рафтем, ман шуморо як зиёфат кунам... Ана, сонӣ кӣ чикора аст, дар ёдам мемонад. Рост не? А, домулло? — Ӯ қоҳ-қоҳ заду дасти Доварро гирифта фишурд. Рафтем, Кабирҷон кай боз шуморо пазмон будам, ана, ба шарофати шумо домулло катӣ шиносо шудам. Худо хоҳад, ин касро дар фасли баҳор як бор ба ферма мебаред. Не, худам омада, мошин катӣ мебарам... Ба комбинати гӯшт гӯсфанд овардам, яктагӣ гӯсфанд диҳам, кушта, гӯшти тозаи яхнокарда хӯред-чӣ? А, домулло?

— Моро ба куҷо бурда зиёфат карданиед? — пурсид Кабир агарчи розигии Довар ҳанӯз маълум набошад ҳам, аз номи ҳар ду.

— Ба тарафи Варзоб рафта, кабобхӯрӣ кунем чӣ? А? Ҳавои тоза...

— Бисьёр хуб! — каф ба каф суда изҳори шодмонӣ кард Кабир. — Акои Довар, рафтем... Ин кас одами худӣ, амаки худамон.

— Медонам, медонам, — гуфт Довар бо писханд ва ҳар ду ҳамсӯҳбаташро лаҳзае ҳайрон кард. — Мошинатон ҳамин аст? Бо ҳамин мошин меравем? — пурсид ӯ ба сӯи «Волга»-и сиёҳ пеш рафта. Ба рақами мошин нигаристу баъд ба ҷавонмарди айнакдор рӯ оварда шӯхиомез гуфт: — Аз мошин бароед, як бор қаду бастатонро бинем.

Баъди вохӯрӣ бо ӯ Довар боз ба қафо гашта, ба Бадалбеку Кабир рӯ оварда гуфт:

— Ман занг зада, хабар кунам, ки ба кучо рафтам. Ба Варзоб рафтанамон зарур набудагист-а? Ана, кӯли худамон ҳам чойҳои хилват дорад.

— Ҳа, хуб-хуб. Тез гашта меоем, — ғурунгос зад Бадалбек. Сонӣ ба маънии гуфтаҳои Довар сарфаҳм рафт магар, эътироз кард: — Тилфон чи даркор аст, мо тез меоем.

Довар дар чавоб табассум карду ҳеч чиз нагуфта, ба чониби кулбаи дарвозабони фабрика рафт. Кабиру Бадалбек ҳам аз паси вай рафтанду дар таҳи дар истоданд.

Баъди лаҳзае аз тирезаи кушода ба телефон сухан кардани Довар аранг шунида шуд, аммо чӣ гуфтани ӯро онҳо фаҳмида натавонистанд.

Довар берун омаду ба авзои Бадалбеку Кабир нигариста, онҳоро хотирпарешон дид, аммо худро чунон вонамуд сохт, ки гӯё тағйири авзоъи онҳоро пай набурдааст.

— Дар бозгашт пиёда намонам гӯён, мошин таъин кардам. Ана, ман-тайёрам. Модом, ки зарур аст, меравем. Одатан, ман ба ин хел гаштугузор ва кабобхӯрию шаробхӯрӣ вақтамро сарф карда наметавонам, аммо як бор барои ин амак, меравам. Заҳмат кашида омадаанд...

— Э, раҳмат, саломат бошед, додар, саломат бошед, — Бадалбек ба ҳеч вачҳ пеш аз вақт сир намедод.

Онҳо ба назди мошин расиданду Довар аз марди айнакӣ хоҳиш кард:

— Бародар, агар бемалол бошад, шумо ба курсии пеш гузаред, ману мулло Кабир паҳлу зада, сӯҳбат кунем.

Айнакӣ ба Бадалбек нигарист, вай филфавр сар ҷунбонда гуфт:

— Бемалол, бемалол. Ту ба пеш гузар, Мир. Довар номи ӯро дар хотир нақш кард — Мир. Сонӣ ба курсии қафо, аз паси Бадалбек нишаст.

— Ман фурсати зиёд надорам, — гуфт ӯ бепарво ҳамьёза кашида. — Суханатонро гуфта-гуфта равед, хуб мешуд.

Ба сухани вай ҳеҷ кас ҷавоб надод.

Онҳо равон шуданд.

— То имрӯз як чокари дигаратон аз думи ман кашола буд, имрӯз дигарашро гирифтаед-ку! — гуфт Довар ба сӯи Мир ишора карда, хитобан ба Бадалбек. — Гуфтанд, ки ин бадбахтак гирди хонаи мо мегаштаст, акнун дидам.

Довар ба дасту бозу ва синаи нақшу нигор кашидаи Мир нигариста, фикр мекард, ки ин ҷавонмард дар ҷилави Бадалбек боз чи гуна хизматҳоро адо мекарда бошад. «Ҳоло барои тарсондани ман ӯро ҳамроҳ гирифтагӣ барин ё кӣ медонад, рӯ наметобад зи ҳирс аз нони сӯзандор саг» гуфтаанд. Ҷовид мегӯяд, ки мешиносем, бо чӣ кор машғул аст, МВД, пракратура медонанд, кайҳо назарбанд карда гаштаем, то дар сари гуноҳ нагиред, гап зада намешавад. Бадалбек пул дорад, инҳо — ғуломи пул. Ҳеҷ гап не, киву чи будани ин пулмасти аблаҳро як бор дар ҳузури чокаронаш ба рӯяш гӯям, бас.

Раҳорах фақат Бадалбек ҷоғ мезаду дигарон хомӯш ба фикру андешаҳои худ машғул буданд.

Мошин кӯпруки наҳрро гузашту дар бари кӯл, назди қаҳвахонае, ки буфету кӯри кабоб ва чор-панҷ мизу курсӣ дошт, қарор кард.

— Хилват, камодам... Ҷои мулоқоти президентҳо будаст! — гуфт Довар бедард хандида.

Айнакӣ аз онҳо пештар рафту зуд дар паси буфет, дар сояи тут мизу курсӣ ниҳоданд. Баъд сихкабобу коньяк, аз помидору бодиринги саросема, дурушт-дурушт буридагӣ салат омад.

— Як-ду шиша об ҳам, — гуфт Довар ба ҷавонмарди буфетдор, ки барои онҳо вазифаи пешхизматро адо мекард.

Бадалбек ба истаконҳо нима-нима коньяк рехт.

— Канӣ, дӯстонам, қадаҳи аввал барои саломатӣ! Мард саломат бошад бас аст, дигар ҳамаашро меёбад! Хуш, додарҳо, саломатиро ба пул ёфта намешавад. Аз баҳри саломатӣ!

— Ҳа, гирифтем. Саломат бошем, ба дӯст зору ба душман хор нагардем.

Ба ҷуз Довар ҳама истаконҳоро холӣ карданд. Довар ба майли хотир коньякро ба замин пошиду ба истаконаш оби «Шоҳамбарӣ» пур карда дам кашид.

Бадалбек шароби истаконашро хӯрду газакӣ нагирифта, саволомез ба рӯи вай мутаваҷҷеҳ истод.

— Ман, умуман, шароб намехӯрам, — гуфт Довар.

— Бешароб чӣ хел сӯҳбат мешавад? — Ҳайрон монд Бадалбек.

—Мешавад. Беҳуда нагуфтаанд: «Марди худо маст бувад бешароб, марди худо сер бувад бекабоб». Ё шумо худобехабаред? — гуфт Довар бо табассуми заҳрогин. — Фурсат нагузарад, гап занед. Хӯш?.. Шаф – шаф нагуфта шафтолуи гапро гӯеду монед. Мо дар инҷо — ҳама мардони баркамолем, кӯдак не.

— Ҳа, ҳа, бача нестем, — гуфт Бадалбек асабиёна таҳи истаконро ба миз нарм-нарм кӯфта. Баъд якбора сар бардошту ба истаконҳо боз коньяк рехт. — Ҳаминро ҳам хӯрем.. Бигиред.

Ин навбат онҳо хомӯш истаконҳоро холӣ карданд.

— Бародар, гап ҳамин: шунидем, ки Занҷирро гирифтанӣ будаед.. — Бадалбек лаҳзае ба рӯи Довар нигариста, авзои ӯро мушоҳада карду сонӣ як-ду бор бинӣ кашида, хомӯш монд ва чашм ба рӯи миз духт.

— Хуб, ба ин кор шумо чӣ дахл доред? — асосан, барои зудтар ба сари матлаб расидан савол кард Довар.

— Дахл дорам, додар... — мад кашида, сарҷунбонӣ кард вай. — Андак-мандак ҳам не! Ин духтар аз бағали ман хеста ба ин ҷо омад, ман катӣ хеле гап шудагӣ, инро зану марди як деҳаи калон — ҳама медонанд.

Довар қоҳ-қоҳ заду Бадалбек аз алам забон газида, хомӯш гашт.

— Як бор дасташро дошта, агар аз бағалам хест гӯед, пас бӯса мекардед, чиҳо мегуфтед?! Ё Фотимахон барин агар дар қадаш чормоҳа бача медошт, чӣ мегуфтед-а?!

— Даҳаната пӯш, ҳаромӣ! — Бадалбек рӯи миз муште фуровардy як шиша ва ду истакон ба замин афтод.

Айнакӣ чаҳида аз ҷояш бархост, аммо бо ишораи Бадалбек зуд баргашта нишаст.

— Ҳой, амаки мӯйлаб, ман аз ҳаво гирифта гап намезанам, ҳар як даъвоямро исбот карда метавонам, — ба китфи вай тап-тап зада баланд хандид Довар. — Ана, ҳамин тавр, «макун бад ба фарзанди мардум нигоҳ, ки фарзанди хешат бароянд табоҳ», гуфтаст Шайх Саъдӣ. Шумо бо дили бад фақат дасти Занҷирро доштед, ки ин барои аҳмақон гап аст. Аммо мукофоти амалро бубинед. Хуб, ин гапҳо ба ман дахле надоранд. Бигӯед, аз ман чӣ талаб доред? Чӣ мехоҳед, кушоду равшан гӯед, — ӯ ба ҳар се рӯ оварда, як-як ба рӯи онҳо нигарист.

Кабир рӯяшро ба як тараф гардонда менишаст.

— Чӣ мехоҳам? — Бадалбек баъди гуфтугузори рӯй дода, парешон ва димоғошуфта буд. — Пӯсткандаи гап ҳамин, ки.. ҳар чӣ хоҳӣ, гӯй, ман шартатро қабул мекунам, ту аз ин духтар даст каш, — гуфт вай ҳоло беназокат бо адовати ошкоро. — Чанд пул мехоҳӣ? — Бадалбек чашмонашро кашида ба рӯи Довар чунон менигарист, ки гӯё бо теғи нигоҳаш ба вай захр мезада бошад.

— Чанд пул мехоҳам?! — Довар табассум кард.— Бигӯ, ба чанд пул харидорӣ карданӣ ҳастӣ?.. Ку бифаҳмем, чӣ қудрат дорӣ? — Ҳоло вай ҳам ба ту гӯӣ пардохт.

Бадалбек қоматашро андаке рост гирифту аввал ба ҳамроҳонаш нигарист, сонӣ ба Довар рӯ овард.

— Даҳтара бигиру хап шав. Шутур дидӣ, надидам..

— Ба гап задан намеарзад, — гуфт Довар филфавр даст афшонда. — Барои ҳамин овора гашта, ба ҳамин

қадар роҳ овардед?! Ман шумоёнро одамони ба гап задан меарзидагӣ гӯям...

— Бирав, понздаҳ додам! Дигар даҳон накушо.

— Хобата ба ин оби равон гӯй, амаки бурутак! Фурсати ман кам монд. — Вай бархосту курсиашро қафотар ниҳод ва хулосаи гуфтугузорро нигарон гашт.

Ба миён сукунати гароне афтоду ҳама қариб як-ду дақиқа хомӯш монданд. Бадалбек шароби таҳи шишаро ба истакон рехту ба ҳамнишинонаш эътиное накарда ошомид.

— Чанд мехоҳӣ, ҳой кафангадо, гап зан, ку фаҳмам.

— Садта!.. Як сӯм ҳам кам намешавад! — Довар мағрур ба чашмони ҳар яке нигарист, заҳри нигоҳҳои онҳоро эҳсос карда, дилаш андаке ларзиду, аммо ин вазъи худро айён накард.

— Бисту панҷ... Бисту панҷ ҳазорро ту бисту панҷ сол мехӯрӣ, ҷӯра! Ба ту духтар каҳт не... Аз баҳри ҳамон духтар баро, бародар, — гуфт вай муросоҷӯёна.

— Ними ҳамон гуфтагетона ба ман ёзонед, ман ҳисоби ина баробар кунам, — гуфт оҳиста, бо овози гирифта айнакӣ.

Довар аввалбор овози ӯро шунид.

— Ман аҳмақ нестам, ин ҷиҳаташро ҳам андешидаам, — гуфт вай бо нафрат ба чашми айнакдор нигариста.

— Хайр, бирав — панҷоҳта додам! Дигар як пул зиёд намекунам. Ба як умри ту барин кафангадо мерасад.

Довар писханд карду ба майли хотир оби истаконро ҳам дам кашид. Баъд аз ҷо бархост.

— Ҳеҷ мавриди тааҷҷуб не, мегӯянд, ки пул аз инсони бааклу доно мегурезад. Дарвоқеъ, ҷоҳилу беинсофро

нағз мебинад. Ман ҳазл кардам, амаки пулдор, — гуфт вай ба Бадалбек рӯ оварда. Табассуми кароҳатомези вай аз суханонаш бештар афкори ӯро ифода мекарданд. — Дар ивази мильён сӯм ҳам ба ин орзуи муҳоли худ намерасед. Пул барои шумою ин косалесон эътибор аст, на барои мо.

Довар шахдам-шахдам қадам зада, ба кӯча баромад. Ӯ акнун эътимод ҳосил кард, ки Бадалбек одами хафнок аст. «Занҷир гуфт-а, чи миқдор шоҳивору тилловор тӯҳфа фиристод... Як қуттӣ пур шудаст. Иринаю Салима ҳар замон тӯҳфаҳои ӯро истифода мекардаанд, ба боғ ё концерту кино ба зару зевар ғӯтида рафтанашонро боре дида будам.. Акнун ҳушьёр бояд гардам...»

Аз истгоҳи автобус дуртар ӯро мошини Ҷовид интизор буд. Довар аз канори раҳ ба сӯи мошин мерафт, ногоҳ ба қафояш нигаристу ғайриихтиёр худро аз роҳ берун ғурронд. «Волга»-и ҳаворанг бо суръати баланд аз канори раҳ тоб хӯрду гузашта рафт. Довар пай бурд, ки агар ним дақиқа таъхир мекард, зери чархҳои ин мошин мемонд. Вай дар ҳолате, ки дилаш сахт - сахт метапид, ба мошини Ҷовид нишаст.

Ҷовид андаруни кабина ба воситаи рация рақаму самти ҳаракат ва нишонаҳои дигари он мошинро хабар медод. Мошин ба роҳ даромад.

— Дигар ба роҳи мошингард намебароям, дар истгоҳ ҳам қафотар меистам гӯён назди ман қасам хӯр, — Ҷовид гуфтугузорашро бо рация ба поён расонду ба Довар рӯ овард. — Наханд, қасам хӯр, қасам хӯр!

— Узр, рафиқ майор, дигар такрор намешавад, — гуфт Довар ҳанӯз ҳам тапиши дилаш номунтазам, зӯран табассум намуда.

— Ма, ин оинаро нигар, рангат дока барин кандааст. — Ҷовид оинаи паснамои мошинро ба ҷониби вай гардонд. — Ин аҳмаққо кати шӯхӣ накун. Хавфноктарини аҳмақон аҳмақи пулдор аст, ҷӯра. Ақли вай, фикри вай мувозанатро гум мекунад, барзагов барин рост шох задан мехоҳад.

## 25. Ориф

Соати корбаро. Саҳни фабрика, таҳи дарвоза ва роҳу пайраҳаҳое, ки аз ин ҷо оғоз гирифта, ба чор сӯи шаҳр монанди торҳои тортанаки азиме паҳн мегаштанд, аз валвалаю машғала, хандаю ҳаёҳуи духтарони рангинлибос монандии тӯйхонаи бошукӯҳе буд. Духтарон якдигарро ба сӯи манзили худ кашола мекарданд, бо овози баланд ба ҳамдигар хушбошӣ гуфта, таъинот медоданд, суханони ҳазлу мутоиба, хитобу итоб ба ҳам омехта ба гӯш мерасид.

Як духтараки латифандоме, ки ду моҳ қабл аз ин ба шогирдӣ омада буд, дасти Занҷирро аз дасташ раҳо намекард.

— Эй, апаи Занҷир, як шаб ҳазор шаб намеша, бед ба хонаи мо бирем, — таваллову тазарро дошт духтар.

— Не Шаҳодати ширин, дигар вақт, ҳозир ҳамроҳонам нигаронанд.

— Илтимос мекунам... Ман ба очаам гуфта будам.

Занҷир исрори ӯро ба нармӣ рад кард ва дасташро аз дасти вай раҳо сохту ба назди Иринаю Салима, ки дар хамгашти роҳ ӯро нигарон буданд, тохт.

Вай ба назди ҳамроҳонаш нарасида, чашмаш ба ҷавоне афтод, ки дар сари роҳ истода, нигоҳаш саропои ӯро таъқиб дошт. Ҷавон ба ҳадде ҳуш ба вай бохта буд, ки на фақат чашмаш, балки тамоми вуҷудаш ҷониби ӯ майл карда, баробараш ғайриихтиёр ҳаракат дошт. Занҷир қадамашро сусттар карду ба баҳонаи атрофро нигаристан ба он ҷавон саҳеҳтар чашм андохт: миёнақад, гандумгун, чашму абрӯвонаш сиёҳ, ӯро зебою хушбаст гуфтан нашавад ҳам, ситорааш гарму дилҷӯ метофт, аз чеҳрааш, аз ҷабини кушодааш некӯхисолӣ ва самимияту сидқ таровиш мекард.

— Занҷир.. — ҷавон пеш омада овоз доду духтар бо тааҷҷуб аз роҳ бозистод. — Ман шуморо диданӣ омадам.

— Ана, маро дидед! — Мисли ҳамеша бедард хандид Занҷир. — Муродатон ҳосил шуд охир? — аз сари мазоҳу тамохира пурсид вай, аммо дар чашмони ҷавон ифодаи ҷиддияти ғайриоддиеро пай бурду сонияе дасту по гум кард, ҳатто аз гуфтаи худ андаке хиҷил шуд.

— Шумо маро мазоҳ накунед, — гуфт ҷавон оҳиста ба як навъ оҳанги илтиҷоомез. — Аввал дарди маро шунавед, сонӣ мазоҳ кунед ҳам, розиам. Номи ман — Ориф..

— Ин қадар номи нағз доштаед! — ғайриихтиёр боз ба мазоҳ хандид Занҷир. — Барои номатонро гуфтан сари роҳи маро мепоидед?

— Не, гӯш кунед: ман хуни шумоён катӣ зинда мондам. Дар рагҳои ман хуни ҳамаи шумоён ҷорӣ аст. Шунидам, ки шумо барои мани бегона ва ношинос ин қадар...

Акнун Занҷир чунон аз шӯхии худ хиҷил шуд, ки якбора лабонашро бо ғазаб газиду дар даҳонаш таъми хунро ҳис кард.

Иринаю Салима ба Занҷир андармон шудани ҷавонро дида, оҳиста ба роҳ афтоданд. Ба ин ҷавон беэътиноӣ накардани ҳамхонаашон ҳоло онҳоро ба тааҷҷуб афканда буд, бинобар он, ба навбат гаштаю баргашта ба қафо менигаристанд. Занҷир саравал Орифро ҳам аз қабили ҷавонони ҳарзамаразн доимӣ ангорида, ба мазоҳ сар карда буд, аммо ҳоло суханони ӯро бо диққат гӯш медод. Ҳамхонаҳояш пешопеш, Занҷир баробари Ориф аз қафои онҳо раҳсипор буданд. Ориф саросема, гӯё рози дилашро гуфта адо накарда, ин духтари шӯху саркаш гурехта мерафта бошад, тез-тез сухан мегуфт.

Занҷир аз сӯҳбати ин ҷавони ҳалим ва эътимодбахш ҳаргиз гурехтан намехост. Ҳоло вай ҳайрон буд. Гуфта буданд, ки писари Барфӣ-хола — Ориф бо мошинаш барои сохтмони иморате хишт мекашондаст, дар роҳ бачаяке тохта ба роҳ баромадасту то ки мошин ӯро назанад, вай фармонро ба рост метобад ва дар натиҷа ба сой парида меравад. Мошини давлат, хайрияти кор, ҳеҷ зиён наёфтааст, аммо пои Ориф шикаста, реза-реза шудаст. Ба беморхона бурдаанду ҷарроҳон пои маҷрӯҳро буридаанд. Баъди амали ҷарроҳӣ хунравӣ қатъ нагаштааст. Сонӣ дар корхона эълон додаанд... Аммо ин

ҷавон ба пои худ гаштаст-ку! Ё ғалат фаҳмидаам?... Балки, кӣ медонад, ин ҷавон худро писари Барфӣ-хола гӯён маро мазоҳ кардан мехостагист. Барфӣ-хола баъди аскарӣ писарашро хонадор карданӣ будаст, хоҳарзодаашро даҳанбаста карда будаст, аммо ҷавон ӯро рад кардаст, мегуфтанд. — Занҷир роҳ мерафт, ба суханони ҷавон гӯш медоду дар дил гуфтугузори дигаре дошт. — Писари Барфӣ-хола бошад агар, чаро брояш сиҳат аст? Чаро? Дилсӯзии маро дида, ҳамон рӯз баъзеҳо худ аз худ алам кашиданд, пичингу киноя карданд. Аҷаб не, ҳамон касон барои тамохираи ман ин бачаро фиристодагистанд. Хайр, агар рӯирост бипурсам, ба дил сахт намегирифтагист...

— Истед, ман як гапро пурсам.. Илтимос, қаҳратон наояд, ба дил сахт нагиред, — Занҷир лабханде заду сухани Орифро бурид. — Шумо худро писари Барфӣ-хола гуфтед-а?.. Аммо пои писари ӯро бурида буданд-ку! Шумо пои киро қарз гирифта пеши ман омадед?.. А?

— Бале буриданд, — гуфт Ориф ва оҳиста ба пои чапаш нигарист.

— Буриданду... вақти аз беморхона баромадан боз дигарбора часпонданд? — хандид Занҷир.

Ориф нахандид. Ба чашмони Занҷир маъюс ва ҳасратомез нигаристу сонӣ саргузашти аламноки худро ба гуфтан оғоз кард.

— Албатта, одам то аз як чиз маҳрум нашавад, қадри онро ба дурустӣ намефаҳмидаст. То аз пой маҳрум набудам, ҳис намекардам, ягон бор ба ёд намеовардам, ки ман пой дорам. Азбаски андӯҳи гаронтаре — хавфи марг ба ман таҳдид дошт, алами бепоиам чандон сахт

асар накард. Маро ғамхории шумоён ҳаёт бахшид. Ба худ мегуфтам: агар сиҳат ёфта, ба хизмати ҳамин одамон кор оям, бас, аз дуньё беҳасрату армон меравам. Шабҳо рӯи ҳавлиамон роҳ мегаштам. Аз чашмонам ашк мерехт, аз дарди шадид сарам торик мешуд, ҷои буридагӣ месӯхт, сӯзиш мекард, аммо роҳ мегаштам. Аввал ба асо такья карда роҳ гаштам, сонӣ беасо баъдтар ба кӯча баромадам. «Достони марди ҳақиқӣ»-ро гаштаю баргашта хонда, ёд кардам. Баъдтар шабҳангом дар рӯи ҳавлиамон кам-кам давиданро машқ кардам. Аз сари нав велосипедсавориро омӯхтам. Ана, имрӯз ба ниятам қисман расидам, чунон ки мебинед, баробари дигарон мегардам, кор мекунам, Аввал ба сохтмон рафта хиштчинӣ кардам. Ҳунар аз ёд намерафтаст. Солҳои мактабӣ омӯхта будам. Як рӯз кранчӣ бетоб шуд, ҳама бекор мондем. Ба манора баромадаму кранро ба кор андохтам. Ба ҳамаашон хишту соруҷ расонда додам. Саркор давида омад. Ба корам ннгариста истоду таҳсин кард, аммо ба кори кран раҳ надод, тарсид. Ҳамаи сардорону саркорон ҳамин хел — мабодо ягон гап хезад гӯён, метарсанд. Бори аввал алами маъйубию маслухӣ аз мағз-мағзи ҷонам гузар кард. Фурсати холиамро сарфи мошинронӣ кардаму оқибат тан гирифтанд, боз ба ман мошин доданд, — Ориф оҳи чуқур кашиду хомӯш шуд.

Занҷир шавқи худро пинҳон надошта, ба пои вай, ба гашташ менигаристу менигарист. Ҳисси эҳтиром ба ин ҷавон дар чашмонаш, дар табассуми дилнавозаш таровиш мекард. Вай ин ҳисси худро ҳаргиз пинҳон

доштан намехост, балки гаштаю баргашта ба рӯи ҳамсӯҳбаташ менигаристу маҳин-маҳин механдид.

— Орзу айб не, Занҷир — гуфт Ориф баъди хеле сукут гунаҳгорона табассум карда, — қаҳратон наояд, ман лоиқи шумо нестам, медонам. Аммо, чӣ кунам, амри дил катӣ омадам, ки як раҳ аз наздатон гузарам. Аслан, ҳамаи ин ҷаҳду ҷадалам барои шумо буд. Дилсӯзии шуморо ба ман гуфта буданд ва шуморо надида, аз чи одам буданатон бехабар, меҳратон дар синаам реша гирифт. Агарчӣ хуб медонистам, ки ба шумо мувофиқ нестам, рӯи шуморо боре надида, овозатонро нашунида, дар бистари беморӣ ба шумо дил бастам. Кӣ медонад, балки ҳамин меҳр, ҳамин умед ба ман сиҳатӣ бахшид. Инак, як сол боз шумо ҳамроҳи ман будед, ҳамдами ман, ҳамдасту ҳампои ман будед. Ба қарибӣ ин сирро ба очаам гуфтам, зеро як вақте вай номи шуморо дар қатори дигар духтарони дилхоҳаш ба забон гирифта буд. Аммо ман «фурсати хонадоршавӣ не, ҳанӯз барвақт» гуфтаму вай умедашро бурида буд. Ана, ин фалокат аз таҳи по бархосту муҳаббати шуморо ба дилу ҷонам ҷой кард. Бовар кунед, ман аз он, ки бо як пой мондам, пушмаймон нестам. Агар ин ҳодиса рӯй намедод, бе инчунин муҳаббат аз дунъё мегузаштам. Албатта, дигареро дӯст медоштам, лекин гумон аст, ки ин хел дӯст доштан тавонам. Одам бедасту пой, бечашму гӯш ҳам зиндагӣ мекунад, аммо бемеҳр... ҳаёт маънӣ надоштаст. Балки шумо бовар намекунед? Агар қабл аз дучори фалокат гаштанам ба ман ин суханонро гӯянд, ҳарзагӯии беҳуда мепиндоштам. Ба қарибӣ ба модарам гуфтам, ки ман Занҷирро дӯстдорам, вай

ҳайрон шуд. «Духтарро надида, ҳамгап нашуда, ин чӣ хел дӯстдорӣ?!» гуфта хандид. Бечора модар, агар вазъи ӯро он лаҳза медидед, гирьяатон меомад. Аз дили вай чиҳо мегузашт, ман донистаму бас. Гуфтам: «Рӯяшро надидаам, аммо дилашро дидам, оча».

— Шумо гулдаста меовардед?

Занҷир хуб медонист, ки ин саволаш сирф беҳоҷат аст, аммо мақсадаш аз ин пурсиш гуфтори ҷавонро аз боби муҳаббаташ қатъ кардан буд. Дили ҷавон ҳам гувоҳӣ дод магар, ҳоло ӯ сухан мегуфту рӯҳбаландии аввалаашро кам-кам аз даст медод.

— Ба чӣ роҳ ба фабрика медаромадед, ки ҳеҷ кас намедид? — пурсид Занҷир, то ки ҷавон боз сухан кунаду ба вай фурсат диҳад, чӣ гуна ҷавоби беозор доданашро биандешад. Вай Орифро ҳеҷ озурдан намехост, аммо чӣ кунад, ки дили ӯро кайҳо тасхир кардаанд.

— Саҳари барвакт, ҳеҷ кас ба корхона наомада, дар таҳи дарвоза ҳозир мешудам. Посбонҳо одамони нағз будаанд гулдастаамро сари дастгоҳи шумо бурда мениҳоданд. Фақат як бор таъхир шуд, очаамро хоҳиш кардам...

Иринаю Салима ба хобгоҳ ворид шуданд, вале ним соат бештар вақт гузашт, ки Занҷир ҳамроҳи Ориф оҳиста-оҳиста гирди бино қадамзанӣ дошт. Ҳамхонаҳояш дар тааҷҷуб аз ин кори ӯ дам ба дам аз тирезаи қабати дуюм сар бароварда ба вай менигаристанд, саропои Орифро зеҳн монда мушоҳадаву муоина доштанд. Салима пинҳон аз чашми Ориф нигоҳи Занҷирро гирифту ба вай бо ангушташ

таҳдид кард, мушти дасти росташро ба кафи дасти чапаш кӯфта гуфт, ки ҳолӣ ба хона даро, духтари шайтон, туро чунон таъзир кунам!

Занҷир баъди ин таҳдиду ишораҳои шӯхиомези ҳамхонаҳо хиҷолатманд гашту рабти суханашро гум кард ва саросема бо Ориф хайрухуш гуфт. Вай аз зинаҳо ҷаҳида-ҷаҳида чунон парида ба хона даромад, ки Иринаю Салима аз тарс як қад париданд.

— Девона шудӣ, духтар? — фарьёд зад Ирина даст ба сари синааш ниҳода. — Ҳамон бача ду даҳан гап заду ақлата бурд?

— Эҳ, шумо чӣ медонед, гарангҳо?! Ин кӣ буд?! Чӣ хел одам аст, сад сол фикр кунед ҳам, намеёбед! На-ме-ё-бе-ед!

— Яку якбора расвоиро ба гардан гирифтӣ, ба ту чӣ шуд, хаппаки гӯрсӯхта? — Ирина оҳиста омаду аз сари шӯхӣ ба пешонии Занҷир кафи дасташро ниҳода танат сиҳат не, духтар, гуфтан хост. — Мо туро иззату обрӯят катӣ тӯй мекунем гӯён гаштаем, сари моро хам накунӣ.

— Э, напурс, апаи Ирина, агар Довар шунавад, ки ин бача катӣ гардиш карда, гапзанон доштам, чӣ мегуфта бошад? Хайр ман ба вай бовар дорам, агар таҳи гапро гӯям, мефаҳмад.

— Ба қавли худат, аз таги кадом санҷит гузаштӣ? А? Чорта иморати чорқабатаамон ба чашм намояд гӯён, дар шаҳр дарахт намонд, буриданду ту аз куҷо дарахти санҷит ёфтӣ? — ғут-ғут дошт Салима, ки ба коре банд буд.

— Ҳеҷ напурсед! — сар мечунбонд Занҷир.— Санҷит гӯй ҳам, масҷид гӯй ҳам — бо ӯ гапзанон накарда наметавонистам. Ҷавони бечора ба умеди ман аст охир...

— Манзилаш дар куҷо медонӣ? Бархез, ҷомадонатро бигиру бирав, ба хонааш дарою бишин, — бо тамасхур маслиҳат дод Салима.

— Занҷир ҳазлро мону бигӯ, вай кӣ, ба ту чӣ гап доштаст? — ҷиддан савол кард Ирина.

— Бимон, девонагиаш гузарад.

— Не, девонагӣ не, — гуфт Занҷир ба чашми онҳо маҳзун нигариста. — Ин муҳаббат аст, духтарҳо! Муҳаббати ҷиддӣ!

Занҷир оҳе кашиду аз курсӣ бархост, баъд рафту «уф-ф» гӯён беқарор худро ба рӯи бистараш андохт ва рӯяшро бо болин пӯшид.

— Ним соат гапи мардро гӯш кардию...

— Ними ақлатро гирифт?! — сухани саркардаи Салимаро Ирина буриду аз кори Занҷир дар ҳайрат ба сӯи вай нигариста, лаҳзае хомӯш монд.

— Шавҳари майзадаи ман мегуфт, ки марди боақл кам аст, аммо занӣ боақл умуман нест. — Сонӣ ба лафзи русиаш гуфт: — Мы то ошиблись, ушиблись, думали тебе будет наука.

— Маро таъна накунед, — гуфт Занҷир ашки дар чашмонаш ҳалқа задаро бо нӯги рӯмолаш пок карда.

Сонӣ бархоста як пиёла об хӯрд ва сипас сари миз, рӯ ба рӯи ҳамхонаҳояш нишаст ва вақеаро ба онон гуфт. Дар фуроварди сухан ширин лабханде карду чашмонаш лаҳзае бо нури шӯхиҳои муқаррариаш барқ пошиданд ва сидқан изҳор кард:

— Духтарон, маро айб накунед, ман Доварро сидқан нағз мебинам, аммо ба Ориф раҳмам меояд, дилам месӯзад. Вай маро сахт дӯст медорад. Метарсам, ки худашро ягон кор мекунад. Агар Доварро дучор намекардам, ман аҷаб не, ба Ориф мерасидам.

— Афсӯс, ки комсомол аз ин фидокории ту бехабар аст, вагарна...

— Аз Кабир хеле таълим гирифта будию мо бехабар, — пичингу кинояи ҳамхонаҳо заҳрогин буд.

— Мазоҳ мекунед... Аз афти кор, ман аз рӯи дастури расмшуда, ки шумо — ҳама ба он одат кардаед, зиндагӣ кардан наметавонам. Ҳамту не? Шумо мегӯед, ки агар шавҳарамро дӯст дорам, дигар ба рӯи ҳеҷ марде нанигарам. Лекин ҳисси дӯстию бародарӣ ҳам дорам, апаҳои азизам!..

## 26. Занҷир, Ирина, Салима

Ҳамон шаб дигар хабарҳои рӯз гӯё фаромӯш шуданду дар сари дастархон ҳам, баъди хӯроки шом ҳам мавзӯи сӯҳбати духтарон ишқи Ориф буд. Аз оҳанги суханашон чунин бармеомад, ки фаразан, агар Занҷир Доварро дучор намекард, Иринаю Салима ба Орифи маъйуб расидани ӯро тарафдор намегаштаанд.

— Ту одамшиносӣ, Занҷир, ба назарам чунин меояд, ки дар ин бобат хато намекунӣ. Ба Кабир дилат об нахӯрд, дарвоқеъ, ҷавони беҳуда баромад. Бовар дорам, Довар ба ту ҷуфти сазовор аст. Дӯст доштан ҳам метавонад, дастгирию саробонӣ ҳам аз дасташ меояд. Ба қадраш рас, духтар, муҳаббат ҳазлу шӯхиро

намебардорад. Марди тоҷик алломаю Афлотун гардад ҳам, рашки ганда дорад...

— Ман Доварро дӯст медорам, ба вай бовар дорам, аз ӯ рустӣ андешае надорам. Ишқи Орифро ҳам ба вай мегӯям. Доварро дар ду олам ба каси дигаре иваз карда наметавонам. Ман бо ӯ зиндаам, духтарҳо, бовар кунед.

Лаҳзае ба миён сукунат афтод. Аз кадом як хонаи хобгоҳ садои таронахонии духтаре ба гӯш расид. Аз тарафи кӯча чирроси тормози мошин баланд шуд. Аз дур тундар садо доду шишаҳои тиреза ларзида ба он ҷӯр шуданд.

— Кабир ба кори дигар мерафтаст, — гуфт Ирина хабари аз касе шунидаашро ба ёд оварда. — Мудири шӯъбаи кадрҳо гӯшакӣ карда гуфтаст: «Бача паррончак шудагӣ барин, аз мо меравад».

— Ин бача хоҳу нохоҳ боло меравад. Дониста мон: занбоз зан мегирад, мансабдӯст — мансаб, — гуфт Салима бештар барои ба ғаши Занҷир расидан. — Ин хел гӯсола ба вазорат расад ҳам, ришаш ба дасти занаш мегӯед-ку...

— Мардуми мо зери пошнаи зан мегӯянд, — гуфт Ирина.

— Кабир ҳариси пулу мол ва мансаб аст. Дар дили вай дигар мақсад нест. Дар ин роҳ ҳозир аст ҳамаро қурбон кунад, — гуфт Занҷир дилгир рӯ турш карда.

— Хуб шуд, ки ба вай нарасидӣ, Занҷир, — гуфт Ирина китоби сари дасташро рӯи миз ниҳода — Ту бо ин ҷавони пасттинат як умр сияҳрӯз мегаштӣ. Вай туро ҳурмат намекард. Ҷавони бадбахт аст.

— Не-е! Чаро бадбахт будаст?! — Бо эътироз шӯрида аз ҷо бархост Салима — Магар ҳамаи ононе, ки бо шумо ҳамақида нестанд, ҳатман бадбахтанд? Не-е, ин гумонатон ғалат аст. Аҷаб не, вай ҳам шуморо бадбахт шуморад ва ба даъвои худ садҳо санаду далел оварда онро собит кунад. Аслан, ба вай айбгирӣ дуруст бошад? А? Мақсади вай дуздӣ ё ғорати дигарон не. Бача одам барин зиндагӣ кардан мехоҳад, мехоҳад, ки дорои имтиёз бошад, аз дигарон фарқ кунад. Барои ин ба ҳар шароит мувофиқат кардан зарур аст. Зоҳиран бошад ҳам, мувофиқат лозим. Шумо музеи полеантологияро тамошо накардаед, устухони кулли мавҷудоте, ки ба шароит созгорӣ накарда, несту нобуд шудаанд, дар ҳамон ҷо.

— Давидани гӯсола то каҳдон мегӯянд, дар мамлакати мо ба ин тоифа шароити мувофиқ нест, қонуни мо ба ин фирқа носозгораст, — эътироз кард Ирина. — Кабир бо таҳкӯчаю пасткӯча пеш рафтанӣ.

— Одам роҳи мувофиқи мақсадро интихоб мекунад.

— Ба ман нигар, — сухани Салимаро бурид Ирина, — аз азал росту дурӯғ, илму ҷаҳл, неку бад бо ҳам дар ҷидоланд. Аммо ноҳаққию норостӣ ғолиб наомад. Баъзан боло гирифт, вале ростиро маҳв карда натавонист. Медонӣ барои чӣ? Ростӣ витаминест, ки ба ҳама зарур аст! Ҳатто ҳамон нобакорону ҷоҳилони гузаро ҳам, ҷояш ояд, ба ҳунару заковат ва адлу адолат, ба инсони дурустқавлу ҳалолкор зор мегарданд, ба меваи илму маърифат мӯҳтоҷ мешаванд.

Занҷир хомӯш, гоҳ ба рӯи яке, гоҳ ба авзоъи дигаре нигариста, маънии суханони ононро меандешид, аз хусуси ҳамхонаҳо, айёми гузашта бо онҳо фикр мекард: «..Агар ҳақашро гӯям, бе Иринаю Салима ман чӣ мекардам, худам ҳам намедонам. Рӯзҳои сахти ҳаётам инҳо маро машғул доштанд. Вақтҳое ки аз онҳо ҷудо мемондам, дилам шубҳамазор мегашт. Андаке эътибор ва дилбастагии сохтаи Кабири дағалбоз ҳам ба ман азиз буд. Чунон ки тафовути бӯсаи дуздонаю бӯсаи ҳадья аз замин то осмон аст, ишқи маҷозии Кабир ва муҳаббати ҳақиқӣ аз якдигар хеле дуранд. Он қадар дуранд, ки аҷаб не, Кабири бечора чӣ будани муҳаббати ҳақиқиро нафаҳмида, аз дуньё даргузарад. Хайрияти кор, он ҳама умедвориҳои ман, саргаштагиҳои ман беасар нарафтанд, сабақам доданд. Ба ҷуз ҳаёт кӣ ба одам ин гуна сабақ медиҳад? Кӣ? Нафратам, қаҳру ғазабам ҷӯшиду ман муҳаббати ҳақиқӣ ёфтам. Бе нафрати азим ман ба муҳаббату дӯстдорӣ ирода намекардам. Ба фикрам, маънии ҳаёти одам аз муҳаббат ва нафрат иборат будаст. Лекин... агар одам ҳамеша ба ҷои дигарон худро монда нигарад, сабабҳои кирдору гуфтори одамонро дарьёбад, хеле чизро мефаҳмидаст. Он гоҳ дар дилаш ба нафрат хеле кам ҷой мемондаст. Бадалбеку Кабир ба дил на муҳаббат доранду на нафрат. Бадалбек-ку, як дарди бедаво, аммо ба Кабир ҳайфи кас меояд. Агар ба гапаш гӯш кунед, ҷавони беақл намегӯед, аз ҳама роҳу равиш огоҳ аст. Бадалбек ӯро бероҳа кард. Балки ман ҳам сабаб шудам. Агар ба Бадалбек ӯ дучор намешуд, балки... Не, вай ба ягон Бадалбеки дигар вомехӯрд. Ин хел зотҳо дар шаҳр ҳам

лаб задагӣ. Афсӯс, ҷавоне нобуд мешаваду касе парвое надорад. Дилам месӯзад, ҳайфам меояд, аммо чӣ чора, ӯро халос карда наметавонам. Бибиам мегуфтанд, ки дурӯғу фиреб катӣ ба осмон равӣ ҳам, баргашта омадан наметавонӣ. Бадалбеку Кабир маънии ин гапро намефаҳманд ва ё фаҳмашон расад ҳам, ба дурустии он шубҳа доранд, то табар омадан кунда осудаст мегӯянд...»

— Хуб, Занҷир, акнун бигӯ, агар мард мебудӣ, чӣ мекардӣ? Росташро гӯй, — Ирина аз қафо омада ӯро оғӯш кашиду риштаи андешаашро бурид. Сонӣ баргашта ба чашми вай рост нигарист. — Бигӯ чӣ мекардӣ?

— Агар мард мебуд, ба ту ошиқ мегашту Ориф барин ҳар рӯз гулдаста меовард! — ба кори худ машғул ба киноя хотиррасон кард Салима.

— Меовардам! — гуфт Занҷир ва бо ҳисси ифтихор ба сӯи Салима нигарист. Сипас, гӯё гуфтаи ӯро ба дурустӣ тасдиқ мекарда бошад, худ ба худ сар ҷунбонд. — Ориф дӯстдорӣ метавонад. Нусхаи амаки Лочин аст. Э, шумо ӯро намедонед, як бор ба қаъри чашмони вай нигариста, дарди дилашро мехондед агар... — вай хаёломез ширин табассум кард. Сонӣ ба тарзи хулосаи калом гуфт: — Албатта, Довар дуньёи дигар аст, ба назари ман ягон ҷавони дигар бо ӯ баробар намеояд. Вай қодир аст, донишманд аст, фаросат дорад, боадаб аст ва талош карда метавонад. Аз ҳама муҳиммаш қавлу амалаш якест, ба вай бовар кардан мумкин аст. Дар ҳама бобат! — таъкид кард Занҷир. — Бибии пири ман мегуфт, ки дар бари домани ин хел мард намоз хондан

мешавад!.. Э, духтарҳо, ман ҳамин қадарашро донистам, ки дар дуньё барои ҳақиқат ва адлу инсоф талош кардан барин кори муҳим набудаст. Ҳамаи одамони асил дар ҳамаи давру замонҳо дар талоши адлу инсоф умр гузарондаанд, гӯянд, ба маънии ин суханон ба дурустӣ сарфаҳм намерафтам ва ё эътибор намедодам. Акнун мегӯям: хоҳӣ арбоби ҷаҳоншумули давлатӣ бошад мард, хоҳӣ олим ё шоири забардаст, агар вай ба қаллобию рӯбаҳбозӣ, ноҳақию номардиҳо олуда аст, ба як пули пуч намегирам ӯро!

— Ҳой, Занҷири занҷабил, ҷилави суханро ба сӯи дигар набару ба саволи ман ҷавоб деҳ, — сухани ӯро бурид Салима. — Доим мегуфтӣ — агар ман мард, мебудам, ку бигӯ, агар мард мебудӣ, кӣ барин мебудӣ? Ҳамин Доварат барин? А? Рост бигӯ.

Занҷир дар ҷавоби ин чунин «истинтоқи» Салимаи шайтонхаёл, хаёлбанд, лабханде намуду қабл аз он, ки ба сухан даҳон кушояд, лаҳзае биандешид.

— Гӯш кун, Салимабону, — гуфт вай оқибат фикрашро ба як нуқта ҷамъ оварда, — агар ман мард мебудам, аввалан ҳаргиз зан намебудам. Сониян, ҷавонмарди аз ҳама боақлу фурӯтан мебудам, бовиҷдон, бериё, бетамаллуқ.

Иринаю Салима баробар лаб ба эътироз кушода аз ҷоҳои худ парида бархостанд:

— Ҳамаи мардон худро боақл мешуморанд!

— Ҳамааш худашро марди мардон меҳисобад!

— Не, ман дар сухан не, амалан ҷавонмард мебудам, Фақат барои наздикону пайвандонам ё ҳамфикронам не, дар муқобили мухолифонам ҳам ҷавонмард мебудам.

Бубинед, дар назди ҷавонмарди оқилу хоксор ва баинсоф ҳама сари таъзим фуруд меоваранд! Ҳаёт бар дӯши ҳиммати ин чунинҳо қоим ва устувор аст. Марди ҳарису тамаллуқкор ва бевиҷдон ҳам кас шуд?! Саг барин барои луқмае дум меликқонад.

— Ҳой, духтар, марди беақлтарин ҳам худро...

— Гӯш кун, ман суханамро адо накардаам, — Занҷир сухани Салимаро бурид. — Аммо дар бобати амнияти ҷаҳон ман бештар ба занҳо эътимод дорам. Ҷангро кӣ сар мекунад? Сардорони ҳукуматҳо, ҳарбиён, дипломатҳои сиёсатмадор. Аз занҳо ба ин корҳо машғул хеле каманд. Занҳо ҷангара нестанд. Ба ростӣ, мо сидқан тарафдори амниятем.

— Ҳайфо, ки дар мо баъзан ба ақлашу ҳунараш нею ба ҳуснаш ва дигар ҷиҳатҳои на чандон дилписандаш нигариста занро боло мебардоранд...

Ирина ба ин гуфтаи Салима эътироз карду ҳар ду ба далеловарӣ ва собит кардани ақидаи худ пардохтанд.

Занҷир ҳоло Доварро пеши назар меоварду ӯро бо муҳаббат аз чаҳор сӯю шаш ҷиҳаташ менигарист ва ҷаҳд мекард то маҳбуби худро бо чашми бегонагон бубинад. Дар сари ин матлаб вай ҳама афкори хурду камарзиш ва маҳрамонаи худро гӯё аз сараш берун меандохт. Ин лаҳза вай аз қайди худ раҳоӣ ёфта, гӯё ба мавҷуде табдил ёфта буд, ки дар худ на фақат Доварро, балки ҳамаи инсонҳоро таҷассум медод, дар зарбаҳои қалби худ тапиданҳои дили ҳар як фарди башарро гӯё эҳсос мекард.

Муҳаббат чашми дили Занҷирро боз карда буд ва ӯ ҳоло дар ҳақи одамон кулли он таъсир ва тасаввуроти то

ба имрӯз бардоштаашро аз лавҳи хотир сутурда, ба рӯи ҳар яке беғаш, бетаассуб, фақат аз рӯи меҳр менигарист.

Солҳои 1983—84





# Р У Х С О Р А

Иродат надорӣ, – саодат маҷӯй.

Саъдӣ

## 1. ДУХТАРЕ АЗ ҲАЛҚАСОЙ

Тобистони ҳамон сол ман баъди хатми донишгоҳи олӣ ба кор сар мекардаму вай барои дохил шудан ҳуҷҷат месупурд. Шиносоии мо тасодуфи ҳаёт аст. Агар ман як рӯз пештар паспортамро нав карда, ба деҳа мерафтам, балки тақдири мо дигаргуна сурат мегирифт. Кӣ медонад, балки дар он маврид ин қисса ҳам нонавишта мемонд.

Рӯзе, ки бори аввал нигоҳи мо ба ҳам афтод, ҳаргиз аз хотир намеравад. Назди фаввора хаёломез рост меистодам. Лаҳзае обпошии он чашмамро бурдааст. Ногоҳ аз ақиб касе фамилияамро гирифта чеғ зад.

Нигарам, проректори институт. Чашмам ба чашми он кас афтоду худ аз худ хиҷил шудам. Гумонам, «чаро ба таътил нарафтӣ», гуфта мепурсида бошанд. Агар мӯҳлати паспортам ба охир намерасид, ман кайҳо мерафтам. Айёми имтиҳони давлатӣ ба ивази он фурсат наёфтам. Ана, барои ҳамин имрӯзҳо дар институт беҳудаю баҳуда даробаро доштам. Аслаш, ин қадар шитоб карда, ба куҷо ҳам меравам? Ҷои кор таъин, се-чор рӯз дар шаҳр бе ташвиши имтиҳон, фориғ аз ғами семинар, давр зада гаштан, «шикамсерӣ» филм дидан ҳам  нашъае дорад. Ба кор сар кунам, ин хел фурсат мешавад ё не, даргумон. Шаҳр ба дилам зада, ҳавои дашту саҳроро пазмон шуда будам, аммо боз дар ҳам ин ҷо ба кор монданд. Пеш аз кор сар кардани комиссияи тақсимот дар байни бачаҳо овозае сар зад, ки маро дар кафедра ба кор мемондаанд. Ман умедвори ин хел таклиф набудам, бинобар он ҳайрон шудам. Чандон бовар ҳам  накардам. Баъзе ташвиқ карданд, гурӯҳе нописандона даст афшонданд. Ба ғайр аз ин, маълум шуд, ки талабгорони ин вазифа кам набудаанд. Дарҳол кинояю пичинг, гапҳои пасту баланди онҳо ҳам  ба гӯшам расид. Аз ҳама бештар як гапашон сахт алам кард: гӯё ман лоиқи дар институт мондан набудаам. Одам, баъди ин хел гап дар ин ҷо ба кор намондaнӣ бошад ҳам, як бор монда, кор мекунад. Ҳол он ки дар ин донишгоҳ ҳамроҳии Ҷӯразода барин устоди мӯътабар кор кардан бахти бузург аст.

Вақте ки ба ҳузури комиссияи тақсимот даъват шудам, ректор ба ман талабгор будани кафедраро изҳор карда, аз намояндаи вазорат хоҳиш намуд, ки маро ба ихтиёри институт вогузоранд. Дар ҳамин лаҳза яку

якбора боз дудила шудам: мабодо маро лаборант таъин кунанд! Дарҳол розӣ нашуда, андешиданам ҳозиронро ҳайрон кард. Ректор як бор ба ман, як бор ба мудири кафедра Ҷӯразода нигариста, норозиёна гуфт:

– Дар институте, ки панҷ сол ба шумо дониш дод, якду сол кор кардан намехоҳед?

– Не, майлаш, – гуфтам ман.

Аздусар ба чӣ вазифа таъин карданашонро пурсидан саволи беҷо ва бемаънӣ аст. Ба ғайр аз ин, ҳоло ягон нақшаи аниқе надорам.

Аз мақсад дур наравам, ҳоло маро проректор чеғ зад.

– Илтимос, ин касро ба хобгоҳи чорум бареду мудирро ёфта гӯед, ки хобгоҳ диҳад. Ана, коғаз – проректор мактубчае ба дастам дода, як духтареро, ки дохилшаванда буданаш аён буд, ба ман ҳамроҳ кард.

Дар назари аввал духтар ҳусну малоҳати чашмхиракунанда надошт, аммо дилкаш, ситорагарм, як духтари қишлоқӣ буд. Ман, ҳатто ба рӯяш дурусттар нигоҳ накарда, ӯро ба роҳ ҳидоят намудам.

Дохилшавандаи бебарор бошад ҳам, духтар духтар аст, кас дар назди ӯ дасту по мехӯрад. Албатта, ин сабабҳои зиёде дорад. Дар деҳа аз хурдӣ бо духтарон бозӣ кардани бачаҳоро ноҷоиз мешуморанд. Таъсири ин одат ҳанӯз аз ман гум нашудааст. Ба ғайр аз ин худи мо ҷавонон ҳам ғалатием. Қабл аз сухан сар кардан дар рӯ ба рӯи духтар хеле меандешем, иззати нафсамон иҷозат намедиҳад, ки ягон сухани беҷо гуфта, боиси мазоҳ гардем. Дар хаёли худ ӯро бо фариштаҳои осмонӣ баробар мекунему сипас кебида, бо азобе сухан сар мекунем. Ғарқи хаёлҳои ширин аз табиат гап мезанем ва аз суханони сохтаю бофтаи худ хиҷолат мекашем. Баъзе

духтарон вонамуд мекунанд, ки варсоқигӯии ҷавон дар бораи обу ҳаво ё филмҳои нав шавқовар аст ва бо авзои ҷиддӣ гӯш карда, саволҳо. медиҳанд. Ба мисли он, ки филми навро ба деҳа ҳамроҳи лектор мефиристанду мардум пеш аз тамошо вазъгӯии ӯро ғинги накарда гӯш мекунанд, духтарон ҳам таҳи гапро фаҳмиданӣ шуда, гоҳе имкон медиҳанд, ки ҷавонон хуб лаққанд. Аслан, духтарони боҳуш аз ҳамин суханони дар назар пучу берабт ҳам, кию чӣ будани ҳамсӯҳбаташонро мефаҳманд. Чунон ки сураткаши моҳир ҳамту беҳуда қалам кашад ҳам, аз зери килкаш ягон тасвири аҷиб мебарояд, сӯҳбати беҳудаи одами яклухт ҳам намакдор аст.

Пас аз хеле роҳ рафтан ман ҳанӯз ҳам ба рӯи духтар нанигариста пурсидам:

– Ба институт медароед?

Духтар ба ишораи тасдиқ сар ҷунбонд. Ман дар дилам ба саволи бемантиқи худ хандидам. Охир ҳеҷ набошад, ба кадом факултет даромаданиед, гӯям, намешуд! Ба ҳар ҳол сӯҳбат канда нашавад, гап задан даркор. Ман оҳиста ба рӯи вай зеҳн мондаму ҳамин ки чашмаш ба чашмам афтод, саросема пурсидам:

– Чаро хобгоҳ надоданд?

– Надонам, – вай бепарво китф дарҳам кашид. Ман бори дигар чашмони сиёҳи нармнигоҳашро диданӣ будам, аммо вай ба тарафи ман нанигирист. Номаълум чашмони гирояшро гурезонд. Аз дилам гузашт, ки аллакай таъсири ҳуснашро фаҳмидааст.

– Аз куҷоед? Аз Файзобод не?

– Не, аз Ҳалқасой.

– Аз Ҳалқасой? – ҷои тааҷҷуб буд ва ман ҳайрониамро пинҳон накарда, ба сар то пои вай нигаристам. Духтар сабаби тааҷҷуби маро фаҳмиду бо нимтабассум рӯяшро ба тарафи дигар тофт. Акнун барои ман мавзӯи гап ёфт шуд. Мисли моҳие, ки баъди талвоса дар тунукоби соҳил, дигарбора ба дарё расидааст, нафаси сабук гирифтам.

Духтар ҳанӯз ҳам табассум мекард. Синни ӯ аз ҳабдаҳ-ҳаждаҳ кам набошад ҳам, табассуми беғамона, қадаммонӣ ва боз ким-кадом хусусиятҳои ӯ духтаракони мактабро ба ёд меовард. Ҳангоми табассум дандонҳои монанди биринҷ сафеду резааш аз паси пардаи лабҳои тунукаш сонияе дурахшида, ба монанди ламъаи барқе ба дили кас рушноӣ зада мегузаштанд. Вай духтари маҳинҷуссае буд, сафедандому тозарӯ, ду гесуи тобдор ба миёнаш расида, бозӣ мекарданд, чашмони сиёҳу махмураш ҳамеша ба кас бовиқор менигаристанд. Дар абрувонаш асари кабудии ӯсма буд. Аҷаб не, аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки ба ман аз вай серунии усма, ҳатто ба машомам накҳати он меомад... Аҷаб, мегуфтам худ ба худ, ҳамагӣ чор сол пештар аз Ҳалқасой бо ташвиқу тарғиб духтаронро ба донишгоҳ ҷалб мекардем. Ана, имрӯз худашон омадаанду боз институт хобгоҳ ҳам надодааст.

– Шуморо беимтиҳон қабул кунанд ҳам, кам аст, – гуфтам ман он солҳоро ба ёд оварда.

– Чӣ, мо аз дигарон камем?

Сухани ман ба вай хуш наомад, абрӯяш чин шуду авзояш ҷиддитар гашт. Кӣ медонад, балки дар сараш андешаҳои тамоман дигар бошад.

– Ман шуморо аз дигарон кам нагуфтаам, баръакс... Мо чор сол пеш барои духтаронро ба хондан овардан ба деҳаатон рафтагӣ.

Муомилаи ҳамдеҳагонаш ба хотираш расид магар, ки ӯ боз табассум кард.

– Шумо "бо розигию ризогӣ" омадед, охир? Ё аз ақибатон меоянд?

– Не, бо розигӣ. Агар даромада натавонам, тамом, дигар намемонанд. Ба ҳамин шарт омадам.

– Қабул мешавед, – гуфтам ман чи гуфтанамро надониста.

Вай саволомез ба ман нигарист. Нигоҳаш мепурсид, ки чаро ман дар ин хусус дилпурам, худи ман кистам.

– Шумо ҳам мехонед, ё?..

– Ман ҳамин сол институтро тамом кардам. Акнун ба кор.

Боз хомӯшӣ ба миён афтид. Ҳамеша ҳамин тавр: ба духтарон кӣ буданатонро гӯед, ба риштаи сӯҳбат гиреҳ меафтад. Як шоир дуруст гуфтааст: «Дар ҳузури хубрӯён арзи дониш хуб нест». Охир дипломи донишгоҳи олӣ таъсир ва нуфузе дорад! Акнун бечора сухани мегуфтагиашро чандин бор хоида, сонӣ мегӯяд. Метарсад, ки аз даҳонаш ягон сухани хато мебарояду ин ҳамроҳи «донишмандаш» мазоҳ карда механдад. Ошкоро нахандад ҳам, дар дилаш мазаммат мекунад.

Ман ҳамроҳи ин духтар то бегоҳ мудири хобгоҳро нигарон будам, аммо вай наомад. «Аз паи таъмири хобгоҳ овора гаштаст», гуфтанд. Духтар ба майли хотир дар хараки лаби ҳавз нишаста, китоби «Химия» - ро мехонд.

– Ба фикрам, мудир дигар намеояд, – гуфтам ба тарафи вай наздиктар рафта. Фардо мебиёем. Барои имшаб ҷои хоб доред?

Вай дар ҷавоб ҳеҷ чиз нагуфту фикр карда монд. Баъди фурсате гуфт:

– Ба хонаамон меравам. Саҳар гашта мебиём.

– Оворагии барзиёд. Дер ҳам шуд, гумон аст, ки автобус гардад, – гуфтам ман бидуни ҳеҷ андеша аз рӯи фаҳмиши худ. Духтарак ба фикр афтод. Ба хотирам расид, ки вай дар ягон ҷой хоб карданаш даркор. Бинобар он ба ӯ аввалин ҷораи ба хаёлам расидагиро пешкаш кардам:

– Бед, ба хобгоҳи мо меравем, духтарон ҳастанд, дар хонаи онҳо хоб мекунед. Кати холӣ мӯл. Як шаб ҳазор шаб не.

– Э, чӣ даркор бефараҳ кардан, хонаи амакам меравам.

Аммо ман пай бурдам, ки вай ба чашмони ман нигариста, фаҳмиданӣ аст, ки ба хобгоҳ рафтанаш барои ман ташвише дорад ё не.

– Бевақт шуд. Ба хобгоҳ меравем, назди духтарони мо зиқ намешавед. Баръакс, ба шумо хеле гапу кор ёд дода мемонанд, – гуфтам ман ва ӯро ба роҳ ҳидоят намудам: – Рафтем.

Дар роҳ вай гоҳ баробари ман, гоҳ аз қафо қадам мемонд. Гуфтугӯи мо аз тасдиқу инкор дур намерафт.

Рости гап, ман аз вай ин қадар ҷуръат чашмдор набудам. Ба ҳамин дараҷа расидани духтари ҳалқасоиро кӣ бовар мекунад?

Ҳалқасой чандон деҳаи дурдаст набошад ҳам, бо одату анъанаҳои худ аз шаҳр фарқи калон дорад. Вагарна, дур не, дар тори сари пойтахт, дар болои кӯҳ. Ба ҳар ҳол, аз шаҳр ҳамин хел менамояд. Агар ба худи деҳа  равед, мебинед, ки дар боло боз кӯҳҳои баланд бисёру деҳа  дар бағали кӯҳҳо воқеъ аст. Аз шаҳр то Ҳалқасой бисту чор километр роҳ бошад ҳам, онҳо дар шафати якдигар, дар байн кӯҳу тали баланде нест, аз ин рӯ чорарҳои тарафи муқобилро шабона равшан мебинанд. Агар аз Ҳалқасой пиёда ба роҳ бароед, адир то рафт ба як маром нишеб хӯрда меравад. Мардуми деҳа беҳуда намегӯянд, ки зимистон пой лағжад, рафта ба Душанбе меафтед. Бисёр сокинони деҳа ба шаҳр омада, дар корхонаҳо кор мекунанд. Деҳа  обод – чароғи электр, магазин, клубу китобхона, мактаби калони дуқабата дорад. Иморатҳои колхозчиён шиферпӯш, дар боми хонаҳо антенаҳои телевизорро шумурда намешавад.

Аммо дар бобати зандорӣ мардуми деҳа аз сокинони гӯшаҳои канортарине ки урфу одати пешин устувор аст, мегузаронанд. Чунон, ки гуфтам, чор сол пеш мо якчанд нафар фаъолони комсомол бо супориши махсус ба он деҳа  рафта будем. Ронанда аз даромади деҳа то идораи колхоз як даст ба сигнал мошин ронд. Бегоҳирӯзӣ кӯчаи деҳа  мӯрчахона  барин виҷ-виҷ мекард. «Ба ҳар хона даҳтагӣ бача рост меояд, ки кам не», мегуфт ронанда. Ё дорам, роҳбарон дар клуб мардумро ҷамъ карданд. Лутфулло доир ба саҳми занҳо дар сохтмони сотсиалистӣ гап зад. Ман дар бораи институт, шӯъбаҳои он, таҳсил ва ҳаёти донишҷӯён, Даврию Назокат аз хусуси шароити хубе, ки барои духтарон фароҳам

овардаанд, сухан гуфтем. Матлаби мо ба институт ташвиқ кардани духтарон, аммо дар клуб асосан, мӯйсафедону мардони шаб ба чойхона баромадагӣ ва якта-нимта ҷавонон ғун гаштанд. Ҳамагӣ чор нафар аз духтарони имсол номаи камол гирифтагӣ бо исрори роҳбарон омада дар як гӯша ғун шуда, хомӯш менишастанд. Ҳарчанд гуфтем, ки пештар омада бишинанд, садое набаромад. Ҳозирон чуруққӣ накарда гапҳои моро гӯш кардандy баъд дар охир «Раҳмат додаро, раҳмат. Аз ҳам ин қадар раҳ мора гуфта омадед, раҳмат, сарамо ба осмон расид. Ба устодатон раҳмат, ба падару модаратон ҳазор раҳмат», гуфта миннатдорӣ карданд, баъзеҳояшон «ҳамин гапатон пухта, сад фоиз дуруст, ҳамааш маъқул, додар», гӯён таҳсин кардандy пароканда шуданд.

Моро як нафар дастпарвари институтамон, ки ҳоло дар ин деҳа кор мекардааст, ба хонааш таклиф кард. Падари ӯ мӯйсафеди аҷоиб баромад. Чунон пири хушчақчақе, ки аз сӯҳбаташ дил канда наметавонед. Бесавод бошад ҳам аз сиёсат, аз талаби давру замон хабардор, мантиқи суханонаш пухта, як пири зиндадил. Лутфулло аз озодии занҳо сухан сар карда, ҳанӯз ҳам қисме дар ғафлат, аз таҳсил канор мондани занҳои инҷоро гӯшзад кард. Гуфт, ки дар деҳа ҳамаи корҳои соягиро мардҳо гирифта, дар саҳро аксар занҳо кор мекунанд. Аммо ин даъвояш ба ҳақиқат ҷуфт наомад. Мӯйсафед ҷаҳондида будаст, гуфт: «Писарам, ҳамин хел бошад ҳам, занҳои мо аз занҳои шаҳрат осудатаранд. Хайр, аҷаб не, нағз напӯшанд, бамаза нахӯранд, ба киною консерт наравaнд, аммо биллои азим, осудаанд. Гӯш кун, – пиракӣ ба нотиқи мо маҷоли даҳан кушодан

намедод, – зан дар шаҳр баробари мард дар зовутай ё маҳкама кор мекунад. Боз ташвиши зиндагиаш, бачаю кача ба сараш сарборӣ. Ягон мард ҷомашӯӣ мекунад? Парпечи кӯдакашро мешӯяд? Не. Баъзе мардат хариди бозору магазина ҳам ба занаш насб кардагӣ. Бечора зана озод кардем гуфта худашона озод кардаанд! Ҳам кори давлат, ҳам пештар барин ташвиши зиндагӣ ба сараш... Маънии озодии зан ин хел набудагист, додар! Хайр, агар зани бачадору рӯзгордор ним рӯз кори давлат мекард, гап дигар буд, – мӯйсафед «суханам дуруст ё не» гуфтагӣ барин бо табассум аввал ба Лутфулло, сонӣ ба ҳар яки мо алоҳида-алоҳида нигарист. Сипас чойи пиёлаашро ҳӯп кашид, лаби онро ба канори дастархон пок карда ба писараш доду суханашро давом намуд: «Занҳои мо ҳам меҳнати кликтиф мекунанд, додар, – вай ин ибораи аз нутқи нотиқон ба гӯшаш нишастаро ба тарзе гуфт, ки беихтиёр дар лаби ҳама табассум давид. – Бачааш кам ё каси кӯдакоша менигаштагӣ бошад, чаро дар хона бишнад, дар саҳро кор мекунад... Аммо панҷ бачая ба боғчаю яслӣ дода, зан чӣ кор ҳам мекунад?!.. Ҳа, гуфтӣ ки, – вай боз ба Лутфулло рӯ оварда, зонуи ӯро бо дасташ нихта карда монд, – занҳои мамлакат қаҳрамон шуданд, фалон шуданд, бисмадон шуданд. Ба гумонат занҳои қишлоқ, даст пеш гирифта, хап шиштанд? Эҳ-ҳе-е, – мад кашид мӯйсафед, – аз худи ҳамин Ҳалқасой агар ғалат накунам, ҳаштааш қаҳрамон аст. Агар дурусттар ковӣ, валло, аз бисоти ҳар яктааш як тоқӣ нишон меёбӣ. Рост не?» – Мӯйсафед барои тасдиқи даъвояш писарашро шафеъ овард. Аммо писар зери лаб хандиду оҳиста, хеле боадабона эътироз кард: «Вай орденҳо барои

серфарзандӣ, дада. Онҳо – қаҳрамонмодар!». «Хайр, зан боз чӣ хел қаҳрамон шавад? Асптозӣ кунад ё кӯҳа гардонад? – ба ҳеҷ ваҷҳ тан намедод пирамард. – Даҳтагӣ-понздаҳтагӣ фарзанд калон кардаст, боз чӣ мехоҳӣ? Чӣ, бача калон кардан гумонат кор не? Ба ман монанд, аввал ба ҳамонҳо нафақа медодам»...

Ба мо гуфта буданд, ки аз деҳа ҳеҷ набошад, як-ду нафар духтарро барои таҳсил ба институт ташвиқ карда биёрем.

Субҳи рӯзи дигар ба кор сар кардем. Ҳамроҳи раиси ҷамоа, директори мактаб, инструктори комитети комсомоли район хона ба хона гаштем. Барои ибрат корро аввал аз духтарони фаъолони деҳа сар кардам. Духтари раиси ҷамоат ҳамин сол синфи даҳро тамом кардагӣ будааст, ҳуҷҷатҳояшро гирифтем, худаш ба мошин савор шуд. Аммо аз чашми модари духтар аён буд, ки фарзандаш ба ҳеҷ ваҷҳ намехонад, баргашта меояд. Барои ба падараш гап нарасондан мераваду зуд бо ягон баҳона баргашта меояд... Барои ду духтари дигар, ки бо тавсияи директор ба хонаашон рафтем, қариб буд, ки дилсиёҳӣ кунанд. Мо аз аҳамияти таҳсил гап занем, онҳо хархаша сар карданд. Хеле сурху сафед шудем, суханони пасту баланд ҳам шуд.

Ҳамон рӯз баъди гапгузаронихои зиёд, аз рӯи калонони деҳа гузашта натавониста, падару модар боз як духтарро ба мошин савор карданду мо ба шаҳр баргаштем...

Дар хобгоҳи мо ҳам кор барор нагирифт. Ману духтараки ҳалқасоӣ ҳайрон мондем. Танҳо дар ду хона

духтарон буданд, ки ҳоло дар хобгоҳ нестанд. Шом шуд. Духтар изтиробомез ба рӯи ман менигарист. Мижгонҳои вай аҷаб ҳамвору зич буда, ҳангоми поён шудан гӯё ба мисли пардае чашмони зебои ӯро аз нигоҳи бад панаҳ мекарданд.

Ман ботинан хурсанд будам, ки барои ҳамин хел як духтари нозанин овораам, фикр мекунам. Аммо «чӣ кор мекунем?» - гӯён ба чашмони ман дуру дароз нигариста, имдод хостани вай маро бесаришта мекард. Чӣ бояд кард? Бори дигар ба хобгоҳ даромада, хонаҳоро тафтиш карда баромадам. Ягонта духтар нест. Дар як зум ҳамаи чораҳои имконпазирро андешида дидаму оқибат гуфтам:

– Ман як худам дар як хона, – бо хиҷолат ба чашмонаш нигоҳ накарда, чораи ёфтагиамро пешкаш кардам, – шумо дар кати ман хоб кунед...

– Чӣ-ӣ?... – якбора тори чашмонаш кашида шуду бо адоват ба ман нигариста, ду-се қадам ақиб рафт, ранги рӯяш сап-сафед канд. – Одам гуфта... ман бовар кардаам… – намедонам вай чӣ гуфтанӣ буд, ки сухани даркорӣ ба забонаш наомаду бо изтироб даст афшонда ба роҳ афтод.

– Ҳой, истед! Гапро нафаҳмида... – ман тохта сари роҳашро гирифтам. – Чӣ гап шуд? Куҷо меравед? Ман гапи ганда нагуфтаам - ку?

– Бас, бас! Фаҳмидам. Безорам... Хобгоҳатон аз саратон монад, – аз алам якбора чашмонаш об гирифт, гиря гулӯгираш карду рафт.

Ман ҳайрон мондам, худ ба худ китф дарҳам кашидаму «аҷоиб» гуфтам.

Аввал ман ҳам ба аспи ситеза савор шуда қаҳрам омад, ки чаро бесабаб ин қадар носазо мегӯяд? Ҳушёр аст ё маст? Афсӯс хӯрдам, ки чаро ягон ҷавоби сазовор надодам. Баъд кам-кам ором шудаму худро бо он тасаллӣ додам, ки вай нав ба шаҳр омадаст, ба ҳар кас бо шубҳа менигарад. Сухани маро нодуруст фаҳмид... Чаро дар ин бевақтӣ мондам, ки танҳо равад? Ба куҷо меравад? Агар ҳозир Лутфулло мебуд, мегуфт: «Мурданат авло, ки дар синни бисту се як духтарро ба гап дароварда натавонию ранҷонда фиристӣ!».

Ногоҳ бо такони сахте аз ҷои истодаам парида рафтам. Барои сарозер парчин шуда, наафтода ниҳоли борики соқаш хорпечро дошта, дастамро харошидам.

– Ҳа, кӯкнорӣ! Хобӣ ё хаёл?

Ба Сӯфии дар рӯ ба рӯям хандида истода бо ғазаб нигаристаму чизе нагуфта, рӯямро гардондам. Садқаи сухан шавад.

– Р-р-анҷидӣ? – вай авзои маро дида, андаке ба худ омад. Чӣ гап шуд, ё тобатон гурехт? А? – вай пештар омада, ба чашмам нигарист. Аз даҳанаш бӯи ғализи шароб омад.

– Гум шав-е! – ӯро ба як сӯ тела додаму аз паси духтар давидам.

Ҳамон шаб ҳар касе, ки маро дар кӯча дид, бешубҳа ба сараш ягон фалокат омадаст, гуфтагист. Шомгоҳон дар кӯчаи пуродами шаҳр саросема медавидам. Китфи якеро такон медодам, пои дигареро зер мекардам, китоби сеюмиро аз дасташ зада меафтондам, аммо беузру маъзур, ба қафоям нигоҳ накарда медавидам. Одамон аз қафоям норозиёна ғурғур мекарданд, гап мезаданд, гӯш намедодам. Ана, вай! Ман тозон рафта,

пеши роҳашро доштам... Фарёди тарсноки духтари ношинос маро ба худ овард. Духтари дигар будаст. Бечора аз тарс худро ба қафои дугонаҳояш гирифта, ба ман бо ҳарос менигарист. Ба вай узр гуфтаму ба пеш тохтам. Духтарон ба мазаммати ман ё ба ҳоли дугонаи тарсончакашон қоҳ-қоҳ зада хандиданд. Баргашта нигоҳ накардам. Ханданд, хандидан гиранд.

Ӯро дар истгоҳи автобус ёфтам. Маро диду рӯяшро ба сӯи дигар тофт. Барои нафас рост кардан қарор гирифтаму дар рӯшноии чароғ дурусттар дидам, то ки боз хато накунам.

– Шумо сухани маро... нафаҳмида... ранҷидед, – азбаски тапиши дилам паст нашуда буду ҳаросзанон нафас мегирифтам, суханҳоро канда-канда гуфтам. – Ман охир...

Вай ба сӯи автобусе, ки ин дам омада дар истгоҳ қарор гирифт, қадам монд.

– Истед, наравед, – беихтиёр аз банди дасташ доштанамро худам ҳам намедонам.

– Сартед!.. Одамед ё... – вай бо қаҳр дасташро аз дастам раҳо карда, ба автобус даромаданӣ шуд, аммо ман сар надодам.

Сонӣ дақиқае дасти хурду сахташро такон дода вай кашид, ман кашидам, ҳар ду кашмакаше барпо кардем. Ман ҳаргиз дасти ӯро аз дастам раҳо намекардам, вале мардуми автобус шӯр бардоштанд:

– Ҳой, сар деҳ! Ба духтари мардум чӣ ҳақ дорӣ?

– Шарм дор!... Нахоҳад, вой гӯй!

– Э, намон, рафтанӣ намон! Ин хелаша боз меёбӣ ё не.

– Э, мон, равад, тухмаш анқо нашудаст!

Аксар маро маломат мегуфтанду бо суханони пасту баланд таҳқир мекарданд, ҳатто таҳдид карданд: як марди қавиҷусса қумғон барин мушти сермӯяшро аз тиреза берун карда дӯғ зад:

– Ҳа, ҷояш не-дия, зада сию ду дандоната ба ҳалқат ҷо мекардам.

Якбора аз чашмони духтар сели ашк рехт. Ман дасташро сар дода, акнун ҳамроҳаш ба мошин савор шуданӣ будам, ки вай баргашту бо пайраҳа пиёда ба роҳ афтод.

Ман ҳам  баробараш мерафтам. Дар хулқи ин духтар як махсусияте буд, ки касро маҷбур мекард, ӯро ба дилаш наздик гирад. Не, ин таъсири ҳусни вай набуд. Ман баъзе хушрӯйҳоро медонам, ин хел ҷозиба куҷо, баръакс аз сӯҳбаташон дилгир мешавед. Гапашон ғайбат, ҳасрат, худситоӣ. Ҳаваси шиносоӣ бо ин хел духтарон ба мисли он аст, ки дар кӯҳсор аз дур гули сурхеро дида, гӯё нишони хазинаеро ёфта бошед, ба сӯяш медаведу наздик шуда мебинед, ки он лолаи ҳақиқӣ набуда, лолахасак аст. Ноумедона қафо мегардед, зери лаб ғут-ғут мекунед, ки тухми ин лолахасак чи хел ба кӯҳи баланд афтодааст.

Вай дигар ба сухани ман ҷавоб намедод. Ҳар ду хомӯш мерафтем. Мо хиёбони Ленинро бурида гузашта, ба самти шарқ раҳ гирифтему баъди як зум ба кӯчаи Хайём баромадем. Ин кӯча ба мисоли шерозае шаҳрро аз шимол ба шарқ, давр зада мегузарад. Дар тарафи дасти чап ҳавлиҳо мисли зинапояҳои бешумор болои талу теппаҳо ҷой гирифтаанд. Духтар аз роҳ истоду саргаранг ба чор сӯ чашм давонд. Касе набуд, ки роҳро пурсад.

– Кӯчаи Зайнаббибӣ дар куҷо буд? – ба рӯям нанигариста аз ман савол кард. Албатта, агар вай гап задан намехост, дар он сӯтар, дар назди магазин одамон ҷунбуҷӯл доштанд, рафта аз онҳо раҳро мепурсид.

Ман ӯро ба кӯчаи Зайнаббибӣ бурдам. Ин маҳаллаҳоро нағз медонам. Баъзе солҳо хобгоҳ намерасиду дар ба дар гашта хонаи иҷора мекофтем, дар ҳар интихобот аҳолиро ба рӯйхат гирифта, варақа тақсим мекардем.

Вай дар сари чорраҳа аз роҳ бозистоду ба ман рӯ овард:

– Шумо равед, – гуфт ҷангинамо ба рӯям нигоҳ накарда, бо овози озурда.

– Шумо ба куҷо?

– Хонаи як амакам дар ҳамин ҷо, – гуфт вай канда-канда саросема.

– Одами дуруст аст охир?

– Ҳа, одами нағз... муаллим. Духтарашон катӣ…

– Хайр, то таги дарашон равам? Дида монам?

– Не, не! Гардед, даркор не.

Дидам, ки ҷиддӣ мегӯяд аз роҳ бозистодам. Вай дигар ба ман эътиное накарда дур шуд.

– Хайр, саҳар кати бед. Албатта, бед-а? – гуфтам аз қафояш.

Вай ҷавоб надода дар дили торикӣ гум шуда рафт. Садои кафшҳои ӯро гӯш дода лаҳзае истодам. Баъд он ҳам хомӯш шуд. Агар гӯям, ки табъам хира буд, чандон дуруст не, аммо ким-чӣ хел ноҳинҷор ба роҳи омадагиамон баргаштам. Аз худам норозӣ будам. Ҳар гоҳ вазифаамро аз таҳи дил иҷро накарда, ба ягон

саволи муаллим ҷавоби саҳеҳ дода натавонам, ба ман ҳам ин хел ҳол рӯй медод.

Дили ман ташнаи шиносоӣ буд. Намедонам, чӣ кори савобе кардам, ки ба мукофоташ ин фаришта ба ман рӯ ба рӯ шуд?! Аммо ӯро ҳам ранҷондам. Аз қафояш рафта, ҳавлии амакаш аст, ё ҳам ту шиносашон, дидан даркор буд.

Одамизод пешомадашро намедонад. Ҳамон шаб ман аз куҷо донам, ки соҳиби ин ҳавлӣ рӯзе ба ман даркор мешавад.

## 2. РУХСОРА

Субҳ аз хоб чашм кушода, воқеаи дишабаро бори дигар ба ёд овардам, ҳар як сухан, ҳар як қадамамро чандинбора андешидам, мулоҳиза кардам. Духтари ғалатӣ... Беҳуда ранҷид. Меояд ё не? Мактуби проректор дар дасти ман, вай бе он ба куҷо меравад? Хайр, як-ду соат нигарон мешавам, агар наояд, ба хобгоҳ меравам.

Аз он ки бо духтарон гапам намепазад, малул шудам. Дигарҳо агар бо ҳамин хел духтар шинос шаванд, тез забон меёбанд, ба гап медароранд, бо варсоқиҳои беҳуда қиқир-қиқир механдонанд. Ба фикрам, ҳамаи ин аз кам хондан. Вақтҳои охир ягон повесту романи дурустро хонда нафуровардам. Ба хондан сар мекунаму нимкора мемонад. Барои ҳамин ҳам дар пеши духтарон мум газида мешинам. Пештар боҳавсала будам: суханони нағз, байтҳои обдорро ба дафтарчаам навишта, латифаҳои намакинро ғун мекардам, дар сӯҳбат кор медод. Аммо ҳамон вақтҳо ҳам аҳволам

ҳамин буд. Бо даҳони дигарон нон хоида намешавад. Як шоир гуфтааст ку, «барбаста дигар бошаду худраста дигар». Аслан, хондану сухандонӣ нағз, аммо дилёбӣ дар хислати одам, дар хуни вай набошад, намешавад. Исрофилзода адабиёти бадеъро як тараф монед, аз фанни худаш ҳам  соле ягонта китоб намехонад. Лекин дар муомила чунон усто, ки устухон надорад, мегӯянд. Дар институт обрӯ дорад, аз муаллимони пешқадам ба шумор меравад. Лекин аз лексияаш донишҷӯён безоранд. Як дафтари ғафси аз давраи Одаму Ҳавво мондагиро кушода, калима ба калима мехонаду донишҷӯёнро маҷбур мекунад, ки ҳарф ба ҳарф нависанд. Сарамонро хам карда менавиштем. Ҳайфи умр, ҳайфи рӯзу соатҳои ба конспектнависиҳои беҳуда сарф шудагиам! Ба ҷои он чӣ қадар китоб хондан мумкин буд... Исрофилзода баъзан бо ҷасорат ягон ҷумларо аз ёд гуфтанӣ мешуд ва аз конспекташ ҷудо шуда, ба тарафи тиреза ду-се қадам мемонд, ҳамоно гапашро гум мекарду шитобон баргашта ба дафтар сар хам менамуд. Ёд дорам, боре муаллим дар мобайни дарс аз синф берун рафт. Сӯфӣ дар ин фурсат дафтари кушодаи ӯро чандин варақ гардонда монд. Муаллим баргашта ба синф даромаду дафтарро аз он ҷое, ки Сӯфӣ кушода монда буд, хондан гирифт. Вай мавзӯи дигареро мехонд... Ба аксари мо ин навишта ҳеҷ, даркор набуд. Китобро хонда, ҳар як мавзӯъро нағз мефаҳмидем. Он чиро, ки шарҳаш дар китоб набуд, аз дусар, Исрофилзода ҳам фаҳмонда наметавонист, бинобар он савол дода, беҳуда ӯро дар хиҷолат мононда, ба худ қасддор намекардем. Фақат баъзан, дар соатҳои охирин аз нависонавис хаста шуда, худро ба

чашми муаллим навишта истода вонамуд мекардему дар асл, бо сари хам  пинак мерафтем. Сӯфӣ баринҳо гоҳо саҳифаҳои дафтарро бо суханони бемазмун аз қабили «Ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ...» пур мекарданд. Албатта, тоифаи дигаре низ буданд, ки ҳарф ба ҳарф гуфтаҳои муаллимро навишта, сонӣ гаштаю баргашта ҳам онро хонда, имтиҳон месупориданд. Намедонам, аз чӣ сабаб бошад, дар ёдкуниҳои қориёнаи онҳо ман нишонаҳои нахустини бюрократҳои ояндаро медидам.

Хайр, ҳоло сари гапам сӯҳбаторою сухандонӣ буд. Ҷавононе ҳастанд, ки гапдон ҳам не, товус барин оростаю пероста ҳам не, баръакс, баъзан ба сару либосашон бефарқ менигаранд, гапашонро шунида ба гӯлиашон механдед. Аммо духтарҳо катӣ гапашон мепазад. Умуман, дили ин духтарҳоро дониста намешавад.

Ҳис кардам, ки бағоят гуруснаам. Табъам хира бошад, иштиҳоям кӯр мешавад. Шаб хӯрок нахӯрда хоб карда будам. Дасту рӯ шуста, либосамро пӯшидаму ба чойхона  баромадам.

Аз мӯйсафеде, ки дар як канори чойхона  сабати ангурашро монда, худаш бо ду-се нафар ҳамсолони пираш чой хӯрда, чақ-чақ мекард, ним кило ангур харидаму ба таҳи чорпояи таҳи бед нишастам. Субҳидам чойхона  рӯфтаю обзада, рӯҳафзо ва дилкушо буд. Аз таҳи чорпояе, ки менишастам, обаки соф мисли кабӯтарон кум-кумкунон медавид, дар қафасҳо кабку бедонаҳо бо навбат чаҳ-чаҳ мезаданд. Радиои Душанбе хабарҳои тоза мешунавонд. Чойхонадор амаки Рамазон дар як лаълӣ ду кулчаи кунҷитӣ ва як чойникча чои кабудро бо пиёлааш оварда монданду ҳолпурсӣ карда

рафтанд. Ёдам омад, ки чӣ гуна панҷ сол аз ин пеш, бори аввал аз деҳа  ба шаҳр -- ба даргоҳи ин донишгоҳ омада будам... Ҳозира барин амаки Рамазон дар лаълӣ дуто нону як чойник чой оварда монанд, гуфта будам: «Амак, ба ман якта нон бас». Он кас табассум карданду оҳиста ба наздам нишаста, ҳолҷӯӣ намуданд, сонӣ фаҳмонданд: «...Шумо меҳмон, писарам, ба пеши меҳмон, одатан, якта нон намемонанд. Мехӯрдагетона хӯред, мондагеш меистад, нона намепартоем».

Ҳамин вақти сол буд. Ҳаво гарм, айни ҷӯши саратон. Ман бори аввал ба шаҳр омадагӣ. Аз чойхона баромада, дар оби фаввора даст шуста, киштибозии кӯдаконро тамошо мекардам. Ногоҳ як ҳамдеҳаамонро дидам, ки аз он тарафи кӯча шитобон мерафт. Аз қафояш давидам. Ҳамроҳи вай қариб ним рӯз шаҳрро тамошо кардаму сонӣ чамадончаи дар дастам буда ба хотир расида, «воҳ!» гӯён ба пешониам задам. Лаҳзае саргаранг мондам. Дар чамадонча номаи камол, паспорт, билети ҳарбӣ, пул ва дигар ҳуҷҷатҳоям буд. Ҳамдеҳаамро дида, дар пеши фаввора фаромӯш кардаам. Ман аз хурдӣ дар ҳаққи дуздону қаллобони шаҳр ҳикоятҳои зиёде шунида, алҳол ба ҳар як сокини шаҳр бо шубҳа менигаристам. Ҷавони аз дунё бехабар, ғайр аз деҳаю райони худ ҷои дигарро нодида... Сонитар фаҳмидам, ки дуздону қаллобон чӣ қадар, ки дар шаҳр ҳастанд, дар деҳа  ҳам  будаанд. Фақат усули дуздиашон дигар хелтар. Мардуми асили шаҳр, ки пештар косибу ҳунарманд мегуфтанд, ҳозир коргару зиёӣ, аз деҳотиён гоҳе баинсофтараранд.

Ҳамон рӯз говгум нашуда ба сари фаввора расидам. Аз чамадонча ному нишон набуд. Аслан умедам набуд,

ки онро меёбам. Авзоам парешон чӣ кор карданамро надониста, ҳайрон мондам. Кабобфурӯш - марди солдидаи буруташ мошу биринҷ асбобҳояшро мегундошт. Парешонии маро дида, ба сӯям ду-се бор нигоҳ карду наздиктар омад.

– Ҳа, ошно, ягон чиз гум кардед?

Ман ба рӯи вай нигаристаму фаҳмидам, ки чамадонча гум нашудааст. Мардак насиҳаткунон онро баровардa дод.

Соат нӯҳ шуд, аммо духтарак наомад. То соати даҳ бо азобе нигарон шудам. Дилам хеле алағда, аз чойхона баромада ба сӯи хобгоҳи дуюм тохтам. Аз дарвоза дароям, духтар дар ҷои дирӯзааш, дар хараки лаби ҳавз нишаста, китоб мехонад. Ба дари мудир қуфли калон овезон. Ман ранҷидагӣ барин бо маломат ба рӯи духтар нигаристам. Кокулони майдабофташ аз ду тараф ба рӯи китоб афтода, дар миён рӯи сафеду тозааш монанди себи сероби тирамоҳ, ки аз байни баргҳо метобад, дилро ба худ мекашид. Духтарак хушрӯй аст. Аксар духтарони Ҳалқасой зебоанд: тозарӯ, қоматдор, тарҳи рӯяшон рост, даҳону бинӣ, чашму абрӯ бо қалам кашидагӣ барин.

– Салом, дурӯғгӯй.

– Ассалом. Чӣ дурӯғ гуфтаам? – вай оҳиста аз ҷояш хест.

– Охир ман шуморо дар хобгоҳ нигарон...

– Ман ба хобгоҳатон меравам, нагуфтаам.

Дарвоқеъ, чаро ман ӯро дар хобгоҳи худамон нигарон истодам? Ғалатфаҳмии худам. Баъд дараки мудири хобгоҳро гирифтаму воқеаи шабинаро ба хотири ӯ овардам.

– Ин хел бадгумон нашавед, нағз не. Наход, ки дар ҳаққи ман барин як ҷавони дуб-дуруст ҳамин хел фикр кунед, – гуфтам ба ҳазл то ки буғзи гапҳои шабина аз байн бардошта шавад.

– Бадгумон... худатон, – гуфт вай хандида. – Боз ҷавони дуб-дуруст будаанд! – ба истеҳзо писханд кард вай.

– Не, ман ҷавони ганда не, – гуфтам ба ҳамон оҳанги ҳазл, бо ҷиддияти сохта. Панҷ сол дар гурӯҳамон профорг будам. Хайрият, институтро тамом кардем, набошад, то ба нафақа баромадан бачаҳо аз ман қарздор буданд. Се-чортоаш ҳоло ҳам қарздор, ҳаққи аъзогиро надода гурехтанд.

– Хайр, чӣ гуфтаниед бо ин гапатон?

Аз афташ, вай ҳазлро нафаҳмид, зеро чунон ҷиддӣ пурсид, ки ман лаҳзае чӣ ҷавоб доданамро надониста, даступо хӯрдам, лекин шухиамро давом додам:

– Яъне, гуфтаниам, ки ман одами дуруст, ҳатто як дараҷа одами давлатӣ.

– Одами давлат бошед, ман дар кати шумо хоб мекардам?! – ба истеҳзо хандид вай.

– Ман ба хонаи дигар рафиқон рафта хоб карданӣ будам. Сониян, хӯш, ба кати ман чӣ шудааст? Аз духтур гузаштагӣ. Ҷойпӯшҳоро иваз карда будам. Ба ғайр аз ин, ҳаво гарм, бистар даркор не. Як паҳлу мезанеду бедор мешавед, ки рӯз.

Вай гап назада ба китобаш нигариста монду баъд аз қадре гуфт:

– Э, равед, мудира ёфта бед. Дар ин гуфта ҳам шӯхӣ, ҳам узру дилбардорӣ ва ҳам нози дилбарона буд. Агар гулдаста бандеду гулҳоятон якранг бошад, як дона гули

дигар хелтар басанда аст, ки намуди гулдастаро тағир диҳад. Ин як сухани ӯ ҳам сӯҳбат ва муомилаи моро оҳанги дигар бахшид. Гапамон чунон қӯр гирифтааст, ки баъди якуним соат мудири хобгоҳ омаду мо аз ҷо хестем. Ман мактубчаи проректорро аз ҷайб гирифта чашм давондаму фамилияи духтарро фаҳмидам.

– Фамилияатонро фаҳмидам, номатон чӣ?

– Рухсора.

– Номи ман Вафодор.

Вай номи маро шунида «пиққӣ» карда хандид. Номам Вафодор гӯям, бори аввал ҳама механданд. Баъзе духтарон шӯхӣ мепиндоранд, бовар намекунанд. Ба тарзи мухтасар ва маъмулӣ «Вафо» гуфта будам, дадаам шунида, ранҷиданд. «Номи одамро чала намегиранд», гуфта таъкид карданд.

То дар хобгоҳ ҷо ба ҷо шудани Рухсора нимирӯз гашт. Азбаски хобгоҳро таъмир мекарданд, мудир аз бинои дар як канор будаи ин ҳавлӣ ба ду нафар духтар як хоначаро дод.

## 3. ЯК ҚАДАМИ БОҶУРЪАТ

Се рӯз боз бегоҳиҳо дар атрофии хобгоҳи ӯ сайр мекунам. Баъзан дуру дароз дар рӯ ба рӯи хобгоҳ, дар истгоҳи автобус меистам, аммо ҳама ба мошин савор шуда мераванду ман боз ба раҳам давом мекунам. Ҳатто хӯроки нимрӯзиро ҳам дар ошхонаи назди хобгоҳи ӯ хӯрдам. Тасодуфан бо Рухсора вохӯрдан мехоҳам, аммо чӣ чора... Аз афташ, вай аз хобгоҳ берун набаромада мехонад. Бетаклиф, бе ягон сабаб ба хобгоҳаш равам гӯям, истиҳола мекунам. Гоҳе ӯро аз хаёлам дур кардани

мешавам. Мегӯям, ки ҳой, андаке ақлатро ба ҷояш биёр, соддагӣ накун. Ҳозир ҳушу хаёли вай ба имтиҳон. Ба ту андаке майл зоҳир карда бошад, ҳангоми баромада омадан ақаллан ба дилат шуда як даҳан «биёед, ёрдам тед», мегуфт-да. «Мавзӯъҳои мушкилро фаҳмонам», гуфтӣ, на ҳа гуфт, на не... Аммо чӣ кор кунам, ки симои вай аз пеши чашмам намеравад. Умрам бино шуда ман ба ин аҳвол наафтода будам. Дили якравам ба ягон далели ақлу мантиқ гӯш намекунад. Охир мумкин духтарак номзад доштагист, ё дар деҳа гаҳворабахшаш будагист?

Ана, ба рӯи ҳамин қадар далелҳо хок пошидаму ин бегоҳирӯзӣ ба хобгоҳи Рухсора рафтам. Бе ҳеҷ баҳона, ҳамту, барои ҳолпурсӣ омадам, мегӯям. Аз ҳар як шиносу ношинос кебида, бо ҳазор фикру хаёл, хиҷолат ва изтироб ба наздаш омаданамро кошкӣ, ин духтар медонист?

Бегоҳирӯзии тобистон ҳеҷ кас дар хона намешинад. Агар одам бо ягон кор ба хона дарояд ҳам, тозон гашта мебарояд. Дар хона дили кас заъф мекунад. Ҳарчанд, ки тобистон шабу рӯз тирезаҳо кушодааст, ҳавои хона бегоҳӣ гӯё касро фишор медиҳад. Аз ҳамин сабаб ҳамаи он духтароне, ки дар ин хобгоҳ мезистанд, ҳоло дар саҳни ҳавлӣ буданд. Баъзе бо чашмони нимпӯш қадамзанон қоидаю мисолҳоро ёд мекарданд, такроран аз зеҳн мегузаронданд. Гурӯҳе нишаста саволу ҷавоб ё мусоҳиба доштанд.

Фақат Рухсора дар хона танҳо менишаст. Вай аз омадани ман лаҳзае дасту по хӯрд. Гоҳ ба тугмааш даст мезад, гоҳ ба рӯймолаш, чӣ гуфтанашро, чӣ кор карданашро надониста сурх мегашт, сафед мешуд. Ин

ҳолати ӯро дида ман ҳам дар хиҷолат афтодам. Чӣ гуфтанамро надониста, дар як вазъи ноҳинҷор аз омаданам сад раҳ пушаймон шудам.

– Ҳа, интизор набудед? – гуфтам оқибат базӯр бо овози ларзон.

– Не, чӣ донам, вай уребчаашро ба сараш басту камтар худашро ба даст гирад ҳам, ҳанӯз пояш меларзид. Ба саволҳои ман аз ваҷҳи тайёрӣ ва саломатиаш сурх шуда рӯяшро метофт, чӣ гуфтанашро надониста, аз ҳаяҷон табассум мекард.

Баъд дари хонаашро пӯшида пуштнокӣ ба он такя карда амонат рост истод. Ҳам ба ман, ҳам ба долони бекас бо ҳарос менигарист. Пай бурдам, ки аз вохӯрӣ ва ҳамгап шудан метарсад. Бо вуҷуди ин, ман ӯро саволборон мекардам, ба ҳеҷ ваҷҳ зуд хайрухуш кардан намехостам. Медонистам, ки агар ҳозир «сипоҳигарӣ» кунам, кор тамом, сонӣ ҷуръат аз дилам меравад. Дар ин хел мавридҳо бачаҳо мегуфтанд, ки ба ҳазлу шӯхкаригӣ сар кун.

– Шумо аз боло омадагӣ, – ба тарафи деҳаашон ишора кардам, – ба фариштаҳои осмон надиктар-дия... аз афташ хӯрок ҳам намехӯред? Ё каму беш мехӯред?

– Не, мехӯрем, кӣ гуфт, кӣ намехӯрем?

– Дигар духтарон ҳар рӯз ба ошхона меравид, шуморо намебинам.

– Ҳа-а... Ман дар хона хӯрок мехӯрам.

– Яъне, фақат нону чой? Ё консерваю колбаса ҳам?

– Ҳоло колбасахӯрия ёд нагирифтаем. Аз хона гӯштбирён фиристоданд.

– Хайр, бед, имшаб ман шуморо ба хӯроки ошхона зиёфат кунам, шояд ягон рӯз шумо ҳам бо гӯштбирён… А?

– Раҳмат. Ҳамон хӯрок кати худатона зиёфат кунед... Мо кучоюю ошхонаравӣ!

Нафаҳмидам, ки инро ба киноя гуфт ё аз дили рост. Ба ҳар ҳол таклифамро такрор карда, ӯро ташвиқ намудам, аммо вай рад кард. Ба миён хомӯшии ногувор афтод, ки ман ҳамеша аз он метарсам. Дар назарам ин хел хомӯшӣ ба монанди гирдоби дарё аст, ки торафт тобу тавони касро рабуда, ба комаш фурӯ мекашад. Бинобар он то ҷон дорам зӯр мезанам бо ҳар васила аз чанголи он берун равам.

– Консултатсия даркор не? – нимшухию нимҷиддӣ пурсидам. – Кай вақтатон шавад, гӯед, омада мавзӯъҳои нафаҳмидагиатонро фаҳмонам.

– Охир шумо тамом кардед, ба коратон намеравед? – пурсид вай бо табассум барои чӣ овора шуда гаштанамро фаҳмиданӣ шуда.

– Кори ман ҳамин... шумо катӣ... яъне, ба шумо илм омӯхтан.

– Ба дипломатон муаллим гӯён навишта доданд ё агроном? – акнун вай ҳам шӯхӣ мекард.

– Албатта, агроном... Аммо маро дар институт ба кор монданд-ку. Мумкин ба шумо семинар гузарам.

– Беҳазл? – вай лаҳзае ба чашмони ман чашм дӯхт. Нигоҳаш алмос барин, кас тоб оварда наметавонад. – Ин хел бошад, консултатсия диҳед, мешавад, – вай боз ба чашми ман чашм дӯхту ман гапамро гум кардам.

Сӯҳбати мо кӯр гирифту ним соат барин ё бештар яке дар долон, дигаре ба дар такя карда, дар болои остона

рост истода гапзанон кардем. Ман рӯзи дигар омаданӣ шудам.

– Соати чанд?

– Соати?... Ҳозир... Рӯзона набиёед... Аз қишлоқ ягонтаашон омада монанд... мекушанд. Нағзаш намози дигар. Ҳу, дар сари ҳавз столу стул ҳаст.

– Майлаш, – гуфтам ман. Бо ҳамин хайрухуш кардему ман аз хобгоҳи ӯ баромадам. Аз ин гуна ранг гирифтани муносибатамон хурсанд будам.

– Хӯш, тайёрӣ чӣ хел? Мушкилаш барои шумо «химия» ва «биология» будагист? – бегоҳии рӯзи дуюм дар сари ҳавз ӯро машғули китобхонӣ дида пурсидам.

– Аз химия чудо метарсам. Аз ҳамин фан тарсида ба институти тиббӣ нарафтам. Ба ин ҷо медароям гӯям, ҳамаашон доду вой карданд, ки духтар ҳам агроном мешавад? Бирав, ба муаллимӣ хон.

Гуфтам, ки муаллим намешавам.

– Чиро нафаҳмидед? Мавзӯъҳои нағз нафаҳмидаатон ҳаст?

– Ҳаст. Ҳаст ҳам гап, лак-лак! – вай китобу дафтарашро ба даст гирифт. Китобро варақ зад – варақ заду охир мавзӯи «Оксидшавии оҳан» – ро пурсид. Ман оксидшавиро бо мисолҳои осон фаҳмонидам. Баъд барои имтиҳон аз китоб масъала супурдам. Рухсора онро ғалат ҳал кард. Ман саҳвашро фаҳмондам.

– Нигоҳ кунед, агар каландатон занг занад, онро ба оби ҷӯй партофта монед, зангаш тоза мешавад?

– Не, – вай шарм дошта, бо табассум рӯяшро бо кафи дастонаш руст кард.

– Ана, ба ин ҷо нигоҳ кунед, шумо дар ин формула онро ба об андохта, мегӯед, ки зангаш рафт.

Ҳар ду баробар ба дафтар сар хам кардему тори мӯи вай ба рӯи ман расид. Аз ҳаяҷон лаҳзае гапамро гум кардам. Ба фикрам, ин дам дили ҳардуямон ҳам сахт-сахт тапида дақиқае чанд маҷоли гапзанӣ наёфта, хомӯш мондем. Аз афташ, муҳаббат дар ҳам ин гуна дақиқаҳо ба дили кас сахт реша давонда, кам-кам тамоми ҳастии инсонро фаро мегирад.

Аз шарми диловез рухсораҳои нозуки вай ҳар замон як ранги дигар касб мекард.

Баъди соате дарсгӯию муҳокима кам-кам ҷараёни сӯҳбат тағир ёфт. Рухсора дар бораи деҳаашон, мактабу муаллимонаш, падару модар ва хешовандонаш ҳикоя кард. Аз суханаш ба назар мерасид, ки вай андаке калонгирӣ ва худнамоӣ дорад, шукӯҳу шавкатро дӯст медорад. Баъзе воқеаҳоро мегуфту зимнан шавкату эътибори худаш ё наздиконашро зикр кардан мехост. Чӣ гуна ӯро ба писараш талабгор шудани директори мактабашонро ҳам бо майда-чуйдаҳояш гуфт. Онҳо хостгор фиристода, «духтаратон хонданӣ бошад, худамон мехононем», ҳам гуфтаанд. «Чи қадар раису раисшавандаҳо ба миёна даромада, падарашро розӣ карданӣ шудаанд», аммо он кас «духтарам хонда институтро тамом кунад, сонӣ ихтиёраш», гуфтаанд.

– Дадаам аз аввал мана хононданӣ. «Аз духтарони деҳа худат якум шуда ба хондан меравӣ» мегуфтанд. Гуфтагиашон шуд, – гуфт вай хаёломез аз нуқтае чашм набардошта.

Боз ҳаминро ҳам фаҳмидам, ки падараш аввал дар деҳа хаткашон буда, баъди ташкил ёфтани шӯъбаи

алоқа мудири он таъин шудаанд.

– Як ҷӯраашон ба район ба кор ҷеғ зад, худашон не гуфтанд, илова кард ӯ.

Рухсора дар хусуси тағояшу язнааш ҳам хеле гап заду вале дар хотири ман ҳаминаш монд, ки шаби тӯйи апааш язнааш аз шаҳр ҳофизону раққосонро бурда, базмро чунон тафсондааст, ки кайфи он то ҳол аз ёди мардуми деҳа намерафтааст.

Вай гап мезаду ман гӯш мекардам. Гоҳе боварам намеомад, ки чунин як нозанин дар рӯ ба рӯям нишаста, аз саргузашти худ ҳикоя мекунад. Посбон намедонам, бори чандум бошад, сурфа карда аз назди мо гузашта рафт. Бо сурфаи сохтаи худ вай ба ман мегуфт: беҳуда тақал карда нашин аз ёдам намеравӣ. То ту дар ин ҷо ҳастӣ, ман хотирҷамъ намешавам.

Бегоҳии рӯзи дигар ман аз Рухсора якчанд мазӯъҳоро пурсида, дараҷаи тайёрии ӯро тафтиш кардам. Доир ба мавзӯи «Об», ба монанди аксар тамомкунандагони мактаби миёна, дарҳол формулаи об, вазни қиёсии он, дар шакли моеъ, ях ва бухор дучор шудани онро гуфт.

Ман мавзӯъро батафсил фаҳмондам. Чӣ чизро донистан зарур, алоҳида такрор кардам. Гуфтам, ки ин чизҳоро донистан кам, имрӯз талабот аз тамомкунандагони мактаби миёна, алалхусус аз дохилшавандагон хеле калон аст.

– Об дар саноати химия бағоят зарур. Барои як кило коғази дафтаратон сад литр об сарф мешавад, – гуфтам дар охир ӯро ҳайрон кардани шуда. - Оби уқёнус не, оби нӯшиданӣ! Медонед, сол то сол дар дунё оби нушокӣ кам мешавад.

Аз афташ, хатари кам шудани оби нӯшокӣ ба вай чандон кор накард, ки аз ҷои дигар сӯҳбат сар кард:

– Як амакам пештар ба тарафҳои Фарғона рафтагию ба қарибӣ ба деҳа кӯчида омаданд, – гуфт вай чизеро ба ёд оварда. – Дар таги манаҳашон мушт барин ғӯррӣ, – Рухсора муштчаашро ба таги манаҳаш бурда нишон дод. – Духтур гуфтаст, ки ҳар кас аз оби ҳамон ҷойҳо хӯрад, ғӯррӣ мешавад.

– Ҳар кас не. Агар одам дуру дароз дар ҳам он ҷо зиндагӣ карда аз оби ҳамон ҷо хӯрад. Дар обашон йод кам. Дар магазинашон агар ба як тонна намак даҳ грамм калийи йод ҳамроҳ кунанд, шуд. Ё ки гоҳе моҳии треска хӯрда истанд.

– Имрӯз ба мо як муаллими ҷудо зӯр консултатсия доданд, – гуфт вай боз мавзӯи гапро дигар карда. – Вазифаю китобҳошона гуфтанд... э, як дунё ... номзади илм, дотсент, аъзои ким-чиҳо...

– Қадпасти фарбеҳ?

– Пур паст ҳам  не, миёнақад.

Исрофилзода ба онҳо консултатсия дода, аз рӯи одат, худситоӣ кардагӣ.

– Сонӣ вай савол доред, гӯён аз бачаҳо пурсид. Аз қатори пеш як бача «истифодаи ҳидроген»-ро пурсид. «Канӣ, ба ин савол кӣ ҷавоб медиҳад?» - гӯён муаллим аз мо пурсид. Ҳама хап, донанд ҳам  даст намебардоранд. Э, рав-е, гуфтаму хестам. Гуфтам, ки ҳидроген барои гирифтани аммиак, спирт, бензин даркор. Боз бо ҳидроген нафт тоза мекунанд, оҳан мебурранд, гуфтам. Муаллим дуруст гуфту сонӣ таъкид кард, ки ин хел саросема ҳамаашро омехта накунам. Баъд худаш якта-якта ҳамонҳоро фаҳмонд.

Сонитар баъди як-ду давр аз рӯи баъзе мавзӯҳо саволу ҷавоб кардан Рухсора аз хусуси имтиҳон ва конкурс гап сар карду гуфт:

– Рӯзи ҳуҷҷатсупорӣ як пиракӣ, худаш муаллимсуроб ба ҳамроҳаш гуфт: «Ба ин шӯъба панҷоҳ кас мегиранд. Камаш бист ҷой аллакай банд шудагист… Ана барои ҷои мондагӣ ҳамин қадар ариза...» Инро шунида, ба дилам фаҳм афтод… Қариб ҳуҷҷатамро гашта гирам.

Ин гапҳо барои ман нав набуданд.

Рухсора боз нақл кард, ки чӣ гуна порсол аз мактабашон як бачаи коҳилу бадхон омада, ба институти мо дохил шудаасту як моҳ хонда боз институтро партофта рафтаст.

– Вай аслан хонданӣ набуду дадааш ба зӯрӣ даровардаанд. Ҷудо бою бадавлат, гапашон мебуррад. Набошад, худи бача китоб ба даст нагирифтааст. Аз хизмати ҳарбӣ монад, гуфта ба институт даровардaнд. Худи бача гуфтаст, ки майлаш ба хизмати ҳарбӣ рафта мебиём, дадааш не гуфтаанд. Бача гуфтагӣ будааст, ки бекора як моҳ мехонаму партофта мебиём.

– Ҳар кас имтиҳонро нағз супорад, хоҳ-нохоҳ дохил мешавад. Шумо хавотир нашавед, албатта, дохил мешавед.

Дам ба дам гирди сари мо чарх задани посбон ғашамро овecon ба Рухсора таклиф кардам, ки ин хел баромада дар хиёбон камтар чарх занем. Вай лаб газиду ба инкор сар ҷунбонд. Шаби ороми ҳаловатбахше буд. Дар лаби ҳавз сари миз ману вай нишаста, ба чашми якдигар нигариста, бо забони нигоҳ чиҳо намегуфтем. Нури чароғи электр сояи мижгони ӯро ба рӯяш андохта буд. Амаки посбон дар рӯи кати худ паҳлӯ зада,

транзисторро тофт. Оҳанги мусиқӣ ҳавлиро пур карда дилҳоро ба ҷӯш овард. Ман чору ночор хайрухуш кардам.

## 4. МУАЛЛИМ ҶӮРАЗОДА

Тамоми ҳаёти бошууронаи мо бо имтиҳонсупорӣ мегузарад, гӯям, муболиға намешудагист. Ман аз рӯзе, ки ақламро шинохтаам, то ба ҳол имтиҳон месупорам ва ҳамеша рӯзи имтиҳон аз хона беношто мебароям. Субҳи имрӯз ҳам беношто ба институт омадам. Ин дафъа Рухсора имтиҳон месупорад, аммо ман ҳам дар изтироб. То саршавии имтиҳон ҳанӯз якуним соат вақт бошад ҳам, саҳни институтро писару духтар -- дохилшавандагон, падару модар ва хешу табори онҳо пур кардаанд.

Ман ба дар наздик шуда фаҳмидам, ки ба дарун бо гузарномаи махсус медароянд. Дохилшавандагони ба имтиҳон даъват шудагӣ бо варақаи имтиҳон ворид мешуданд. Азбаски дарбонҳо ҷавонони шинос буданд, ба дар наздик нарафтам. Ҳатман гумон мекунанд, ки ягон хешамро дохил карданӣ омадаам. Моҳи август то метавонед аз таги дари ягон донишкада нагузаред. Ягон муаллими шинос рӯ ба рӯ ояд, калимаро шунавам, дилам ғаш мекунад, маро як эҳсосоти нофораме фаро мегирад. Гумон накунед, ки ман аз имтиҳон метарсам, ё аз ранҷу азоби он озурдаам. Ҳаргиз! Худи мафҳуми имтиҳон дар асл ба монанди адлу адолат мазмуни хуҷастае дорад, дар муомила ва додугирифт тарозуро ба хотир меоварад, дар табиат шабеҳи он фасли тирамоҳ, мавсимӣ, чунон, ки мегӯянд ҷӯҷаҳоро шумурдан ва

ғалберро аз об бардоштан аст. Ба ман усули имтиҳонгирӣ намефорад. Мо дар тӯли як ё ду ҳафта шабу рӯз мехондему дафтарҳоро ёд карда, ба имтиҳон медаромадем, қоидаю мисолҳоро тутивор гуфта дода, баҳо мегирифтем. Ҳамин ки аз имтиҳон гузаштем, ҳар чӣ зудтар тамоми он донишро фаромӯш мекардем. Аз имтиҳон монанди ҷуволи холӣ бармегаштем. Ҳангоми санҷиш аз дастуруламалҳо, китобҳои ёрирасон фоида бурдан мумкин не. Шпаргалка-ку, аҷали муаллим. Дар аввал ман ҳам мисли дигарон гумон доштам, ки китоб ё конспектро хонда, ҳатман ҳифз кардан даркор. Дар кӯҳу саҳро китобу дастуруламал нест-ку! Ба зӯри хотираат нигоҳ карда кор мекунӣ! Аммо сонитар бо чашмони худ дидам, ки дар кӯҳҳои баланду бекаси Помир ҳам геолог, доктори илм ҷилдҳои дастуруламалро оид ба ҷисми кӯҳ зери болин монда мехобид, дар чарогоҳҳои дурдастарин ҳам байтор ду-се китоби заруриро дар хӯрҷин дошт... Сипас ба ҷои беҳуда ёдкуниҳо бештар китоб хонем, ба маънии он илм амиқтар сарфаҳм равем, аз дастуруламал фоида бурданро омӯзем, магар хуб нест?! Дигаронро намедонам, агар ман муаллим шавам, барои шпаргалкаи моҳирона сохтагиаш ба донишҷӯ баҳои қаноатбахш мемондам. Боре шпаргакаи Давриро аз назар гузаронда, қоил шудам. Мазмуни асосии даҳ саҳифа матни китобро дар ним варақ, чунон ҷой кардааст, ки агар худаш сохтагӣ бошад, ҳаққу ҳалол баҳои қаноатбахш монед, меарзад. Санъати шпаргалкасозиро намегӯед! Ҳайрон мешавед. Дар курси сеюм Ҷаъфар дар ҷилдҳои алмоси риштарошӣ мазмуни асосии мавзӯъро ишора кардаасту бас. Саволномаро гирифта нишасту «алмос»-и даркориашро ёфта, қалам

тез мекард ва оҳиста чашм медавонд, ки ба даст афтоду ним сол аз стипендия маҳрум монд. Бечора Лутфия формулаҳои мушкилро аз зону боло ба пояш навишта, хандасор гашт... Вактҳои охир доир ба имтиҳон ва тариқи санҷиш ақидаи ман тағир ёфт. Бигзор, дар рӯи мизи донишҷӯ ҳам китобу тавзеҳоти зарурӣ, ҳам дастуруламалу конспектҳояш бошад. Муаллим саволро дода санҷад, ки донишҷӯ аз конспекту дастуруламал ба чӣ андоза истифода карда метавонад, домани фаҳмиши ӯ то ба куҷо.

Азбаски ҳанӯз аз Рухсора дараке набуд, ман ба чойхонаи сари роҳ даромада, таҳтул фармудам. Дар сари чойхӯрӣ ба ёдам расид, ки панҷ сол қабл аз ин ман ҳам ба мисли ин бачаҳо навбат поида, ба имтиҳони қабул даромада будам. Баҷуръат будаам. Бо дохилшавандагоне, ки дар хобгоҳ буданд, як-як мусоҳиб гаштаму ба ҳамроҳонам гуфтам: «Агар ба ҳамин институт ман надароям, номам Вафо не!» Яке аз ҷӯраҳоям бо истеҳзо сар ҷунбонд, дигаре ба ғурури ҷавониам писханд кард. Ҳамаашон ба ман тез шуданд:

«Даҳанкалонӣ накун, сағира!»

«Нона калон газу гапа калон назан».

«Ба донишат напар...»

«Ҳа, агар толеъ надошта бошӣ, дониш катӣ ба институт даромада намешавад. Чунон донаҳо ғелида рафтанд, ки...»

Аммо ман ҳам  паст наомадам: «Агар ба ҳамин институт надароям, номам Вафо не! Аз баҳри номи падарам додагӣ гузаштам».

Ин қадар бо ҷасорат дил ба дарё задани ман беҳуда набуд. Тайёрӣ ва дониши аксар дохилшавандагон ба

назарам хеле сатҳӣ намуд. Худ ба худ мегуфтам, ки пас аввал киро қабул мекунанд, ҳамон касеро, ки донишаш баланд аст.

Имтиҳонҳоро бо баҳои хубу аъло супорида варақаи имтиҳонамро ба котиб дода пурсидам: «Муаллим, бо ҳамин баҳо қабул мешавам ё не? Вай ба баҳоҳои ман як назар давонду гуфт: «Бешубҳа. Якуми сентябр ба дарс омадан гиред». Яъне, хулосаи комиссияи конкурсро нигарон нашавӣ ҳам мешавад, ту қабул гуфтагиашондия!

Куртаи гули кадуи Рухсораро аз дур дидаму бархоста, ба истиқболаш рафтам. Вай мӯяшро дуто карда бофта ба қафо партофта, фарқашро ҳам ба духтарони шаҳрӣ тақлид карда, андаке кач гирифтааст. Ҳарчанд, ки хуб шона задаст, мӯйҳои хурмоиаш дар баногӯш фатила зада, бо камтарин насим таҳрик ёфта, дили касро ба худ ҷазб месохт. Барои руҳашро бардоштан ман аз таърихи имтиҳонсупориамон як воқеаи латифамонандро гуфта, ӯро каме хандондам. Сухан мегуфтам, механдидам, аммо нигоҳамро саришта карда наметавонистам. Ман ба як ҳолати аҷибе афтодам. Беихтиёр чашмам гоҳ ба зулфу абрӯяш, гоҳ ба рӯяш ё чашмашу миҷгонаш банд шуда, то даме, ки вай шармида бо итоб аз ман рӯй гардонда, қафотар намерафт, карахт барин меистодам.

Дар чунин вазъияти ногувор талвоса доштам, ки муаллим Ҷӯразода пеш омаданд. Ба саломам алек гирифта гузаштанду дақиқае пас аз қафо садо карданд;

– Наврӯзов!

Нигарам, бо ишораи сар маро ба назди худ мехонанд. Саросема дасти Рухсораро фишурдам.

– Муваффақият... Ман интизор меистам.

Ҷӯразода яке аз муаллимони писандидаи донишгоҳ. Муаллимоне ҳастанд, ки унвону обрӯ доранд, китоб навиштаанд, аммо ягон донишҷӯ ба онҳо қоил не, ихлос надорад. Ин касон сутуни мӯҳташамеро мемонанд, ки ҳеҷ боре бар дӯш надорад. Ҳам ту, ба ҳоли худ истодааст. Агар онро аз ҷояш гирифта ба як канор монед, ягон лаби дунё  каҷ намешавад. Аммо Ҷӯразода баринҳо набошанд, ҷояшон холӣ.

Муаллим Ҷӯразода ба қавли худашон, аълохон ва бадхонро зудтар шинохта мегиранду миёнаҳолонро дертар. Се соли охир раҳнамои ҷустуҷӯҳои ман буданд. Дар курси сеюм оид ба ҳаёти якчанд навъ ҳашароти фоиданоки боғу пахтазорҳои кишварамон дар ҷамъияти илмии донишҷӯён гузориши илмӣ доштам. Ҳеҷ кас ба маърӯзаи ман эътиборе накард. На хуб гуфтанд, на бад. Хайр, худаш ҳам ба андозаи як кори курсӣ арзише дошт. Баъди чанд муддат муаллим маро ба кафедра ҷеғ заданду дар хусуси ҳамон маърӯзаам гап кушоданд. Дафтарчаашонро аз ҷайб гирифта, қайдҳояшонро оид ба гузориши ман гуфтанд. Намедонам, чаро дар вақташ нагуфтаанд. Сипас таъкид карданд, ки ин мавзӯъ бароят муҳим аст ва ман ба таҳқиқ давом кунам. «Халилихӯрак бояд ба мо хизмат кунад», гуфтанд он кас. Яке аз навъҳои фоидаовари ҳашорат халилихӯрак буд.

Ҳамин тариқ, бо маслиҳати он кас ман кор сар кардам. Баъд доир ба ҳамин мавзӯъ рисолаи дипломӣ навиштам, бомуваффақият ҳимоя кардам. Муаллим одаме буданд, ки агар чизе ба он кас писанд наояд, зӯр зада писанда кардан ғайри мумкин буд, аммо агар чизе писанд ояд, то ҷон доранд, онро дастгирӣ мекарданд. Тамоми институт он касро ҳамчун марди фозил ва

донишманди ҳақиқӣ эътироф мекарданд. Аммо ба назари ман, он кас олим ва донишманди бузург набошанд ҳам, муаллими ҳақиқӣ, устоди мушфиқ ва беҳамтое ҳастанд. Ҳоло ҳам дар дасташон баробари китобҳои илмӣ, журналу рӯзномаҳои адабӣ, оммавӣ ва ҳатто бачагона. Монанди ҳамаи муаллимони ҳақиқӣ сару танашон покиза, оддӣ ва шинам аст... Ман ҳаргиз овози баланди он касро нашунидаам. Ҳангоми ба ғазаб омадан (ман ҳамагӣ як бор мушоҳида кардам) лаҳзае худро гум мекунанд, қаламро ба даст мегиранд, дубора ба ҷояш мегузоранд, аз киса рӯмолча мебароранд, пешониашонро пок мекунанд ё не, боз ба киса медозанд, баъд озурдахотир гап мезананд. Ман дар тадқиқоти дипломиам ду навъи ҳашароти фоиданоки пахтазорро барои мубориза бо ҳашароти зарарнок интихоб кардам. Аслан, ин фикр хеле кӯҳна, аммо онро дар шароити имрӯзаи пахтазори мо амалӣ кардан даркор аст. Ҳоло дар пеши худ вазифа гузоштаам, ки ин муборизаи биологиро дар қитъаи таҷрибавии институт санҷам. Агар таҷрибаи дилхоҳ диҳад, сонӣ дар пахтазор месанҷем. Сараввал дар пахтазори ягон замини навкорам. Мушоҳида нишон дод, ки дар заминҳои навкорам нисбат ба киштзорҳои кӯҳна ҳашароти фоиданок бештар аст. Аҷаб не, дар марҳилаи аввал ба ёрии ҳашароти фоиданок каму беш интекситсид ба кор барем. Махсусан, агар ҳашароти зарарнок ба дараҷаи авҷ кунад...

Ҷӯразода аз бозуи ман дошта, раҳравон бо муҳаббат ҳолҷӯӣ карданд:

– Ба кор фармон гирифтед?

– Не, муаллим... Ба таътил рафта оям, сонӣ гуфтаанд-ку.

– Ҳа, дарвоқеъ... Хайр, истироҳат карда бед, сонӣ.

– Муаллим, ягон гап доштед?

– Кадом рӯз кори шуморо фикр кардаму як чиз маро ҳайрон кард. Чаро дар киштзори кӯҳна ҳашароти зарарнок мӯлу фоиданокаш қариб нест шудаст?

– Дар натиҷаи дорузанӣ... – дуруст фикр накарда ҷавоб доданамро зуд ҳис кардам.

– Ҳашароти зарарнок нест нашудааст-ку? Ин бесабаб не, – гуфтанд муаллим андешаманд. Маънии ин гапи он касро фақат мо, шогирдон мефаҳмем. Гиреҳи ин муамморо кушодан даркор, гуфтагиашон.

– Маъқул, – гуфтам ман.

Ҷӯразода марди миёнақад, каллакалон, борикрӯ буда, симояшон ҳамеша андешаманд, нигоҳашон ҳамеша равшан буд. Мӯи тори сарашон тунук гаштааст. Ёд дорам, рӯзҳои аввали ба курсии донишҷӯи нишастанамон буд. Муаллим ду соати расо аз ҳар боб саволу ҷавоб карда, бо мо шинос шуданд. Саволоҳояшон ғалатӣ буд: аз як духтар ному фамилияашро пурсида, савол карданд, ки чашмаш ба чӣ ранг аст, таърихи номи худро медонад ё не, шаҷараи гузаштагонашро чӣ? Аз дигаре пурсида буданд, ки дар тарафи онҳо чӣ хел гулу гиёҳи худрӯй ҳаст, кадом ҳайвонҳои ваҳшӣ дучор мешаванд?

Ҳамроҳи муаллим сӯҳбаткунон ба чойхонаи боғ расидем. Чойхоначӣ муаллимро дидан замон пеш баромада, ҳолҷӯӣ карду чои доимии он кас катчаи лаби ҷӯйро ба тартиб овард.

Чойро нӯшида муаллим боз ба сари мавзӯи ман баргашта, гуфтанд:

– Муборизаи химиявӣ бо ҳашароти зарарнок мудохилаи ҷиддии инсон бо табиат аст. Оқибати онро андешидан даркор. Идеяи муборизаи биологӣ нав не, аммо дар муҳити мо амалан ба кор бурдани онро таҳқиқ кардан даркор.

Мӯйсафед якраванд. Мегӯянд, ки агар мавзӯи додагиашонро «хуб» гӯён қабул карда, кор бандед бо ҷону дил мадад мекунанд, коратон пеш меравад. Не, агар ба маслиҳаташон гӯш надода, пешхезӣ кунед, коратон расво, дигар барои маслиҳати кор ба пеши он кас наравед.

Баъди чойхӯрӣ Ҷӯразода китобу журнал дар даст вазнин-вазнин қадам монда мерафтанду ман аз қафояшон то хеле вақт нигаристам. Муаллим кам-кам пир шуда, мӯйсафеди нуронӣ мешаванд. Ҳамаро дидаю озмуда, кӯфтаю пухта шуда, сифатҳои наҷиби ҷавонӣ - шавқу рағбати ҷустуҷӯ, зиндадилӣ ва ростию ҳақгӯиро нигоҳ дошта тавонистан, ба ҳар пири солдида муяссар намешавад.

## 5. АЗ ГУЛ БӮЮ АЗ КАҲ ДУД

Гаштирӯзӣ барои баҳои иншояшро фаҳмидан ба хобгоҳи Рухсора рафтам. Аз ин се рӯз пеш, ҳамон рӯзи имтиҳонаш, тарафи бегоҳ ба хобгоҳаш меомадам, ки дар роҳ пеш омад. «Нағз шуд, – гуфт вай лаҳзае аз роҳ бозистода, – ҳамааш мавзӯъҳои осон буд. «Занон дар «Шоҳнома»-ро гирифтам. Суханони Чернишевский дар бораи Гурдофарид дар ёдам буд, навиштам...». Мо

дуруст ҳамгап нашудем. Азбаски ҳамроҳи дугонааш буд, саросема хайрухуш кард.

Ҳоло вай аз тирезакушода маро диду ду ангушти дасти росташро нишон дода, бо ишорат «ду» гирифтам гуфт. Аммо аз гул-гул шукуфтани чеҳрааш маълум буд, ки шӯхӣ мекунад. Ман аз гармои тоқатшикани гаштирӯз нафасгир ва арақшор ба хонаи ӯ даромадам. Вай нимшӯхию нимҷиддӣ маро бо сачоқи тар ду-се бор бодбезӣ кард ва ба пешам харбуза бурида монд.

– Бигиред, хӯред, ташнагиро мешиканад.

– Гап занед, чӣ шуд? – як карч харбуза гирифтаму бесаброна барои шунидани тафсилоти баҳои имтиҳон ба рӯи вай нигаристам.

– Об овардагию кӯзашикастагӣ баробар будаст, – гуфт вай норозиёна даст афшонда.

– Чӣ гап шуд? – дилам таҳ кашид, наход се гирифта бошад.

– Э бовар мекунед, духтараки дар қабатам нишастагӣ аз сиёҳнависи ман ниму нимкора кӯчонду дод. Ҷумлаҳо хому нотамом, хайр худатон медонед, сиёҳнавис-дия. Ба вай ҳам баҳои «чор», ба ман ҳам.

Зери лаб хандидам. Вай маънии хандаи маро нафаҳмид.

– Балки вай духтарак ҳам нағз кӯчондагист. Аҷаб не, аз худаш илова кардагист?... Муаллим ҳангоми тафтиши иншо соҳиби онро намедонад. Дар вараќи иншо ному фамилия нест, фақат рақам. Кадом рақам аз они кӣ буданашро, баъди баҳо мондани муаллим, комиссияи қабул маълум мекунад, – шубҳаи ӯро бартараф карданӣ шудам.

– Медонам, сухани маро бурид вай, – лекин ҳисобашона ёфтагӣ. Муаллим вақти иншоро гирифтан ишора мемонад. Ба ақиби иншои як бача нуқта монданашро ба чашмам дидам. Як олуфтаи дигар баъди мавзӯъҳоро ба тахта навиштани муаллим ним соат барин печ хӯрда шишту сонӣ рухсат гирифту берун рафт. Муаллим «даробаро мумкин не» гуфту аммо ба вай ҷавоб дод. Сонӣ омаду даҳ дақиқа нишаст ё нанишаст, иншояшро супурд. Чор саҳифаро пур карда омадаст.

Ҳамин хел гапҳоро шунавам, малул мешавам. Майда-чуйдаҳои ночиз бошад ҳам, шаъни институтамонро паст мезанад. Ба ғайр аз ин, намехоҳам, ки аз қадамҳои аввал эътиқоди Рухсора ба донишгоҳ рахна ёбад. Эътиқод чизи ноёб аст. Онро бо валвалаю гапфурӯшӣ ба дил ҷо карда намешавад.

– Имрӯз ба гурӯҳи дуюм имтиҳони шифоҳӣ буд, даҳ кас ду гирифтааст. Як духтар ҳам, – ташвишомез хабар дод ӯ.

– Хоҳ - нохоҳ ҳамаро қабул намекунанд.

– Аз як духтар пурсидаанд, ки чӣ хел морҳоро дидааст? Боз аз як бача пурсидаанд, ки гургу харгӯш барои чӣ ба баландӣ осонтар медаванд?

– Нисбат ба пои пеш пои қафояшон дарозтар.

– Вай надонистааст. Ҷонварони ёбоиро ман ҳам намедонам.

– Агар хоҳед, ба боғи ҳайвонот мебарам, ҳамаашро нишон медиҳам…Боз ба хобгоҳатон оварда ҳам мемонам, – дар омади гап шӯхиомез таклиф кардам.

– Майлаш, – ғайричашмдошти ман Рухсора розӣ шуд. – Лекин як худам не, дугонаам қатӣ.

– Тафси ҳаво шикаст, ҳозир вақти нағз.

– Рафта бинам, агар вай дар хона бошад.

Вай тозон аз хона баромад. Ман танҳо монда хонаро аз назар гузарондам. Ҳама ҷо покиза, пардаҳои тиреза барф барин, хона ба тартиб, дар ҳар як ашёи ночиз ҳам завқи бетакаллуфи духтари оддӣ ба назар мерасид. Фақат як чиз ба ман маъқул нашуд. Рухсора ду канори сачоки рӯпоккуниашро ба усули кашидадӯзӣ гулҳои рангоранг андохтаст. Ба ман, ки ба маданияти имрӯзаи шаҳр одат кардаам, ин гулдӯзиҳо маъқул не гуфтан хато будагист-ку, дар ҷояш не, бемавқеъ барин.

– Нест, хонааш қулф аст, – гуфт вай аз дар даромада.

Нигоҳаш хаёломез ба ман дӯхта шуд, аммо майли дили ӯро фаҳмида намешуд, гӯё парешонхотир бошад, чеҳрааш ифодаи аниқ надошт.

– Ҳеҷ гап не, вай ягон бори дигар меравад, – гуфтам ман, гуё барои чӣ дугонаашро ҳамроҳ гирифтани ӯро намедониста бошам.

– Не-е, – ба аломати инкор сар ҷунбонду зиракона табассум кард вай. Баъд ба авзои ҷиддӣ гуфт: – Ягон кас бинад, ба бало мемонам. Дадаам ба пӯстам каҳ ҷо мекунанд.

– Э, натарсед, дар ин шаҳр каҳро аз куҷо меёбанд, – чунон ҷиддӣ гуфтам, ки Рухсора хандида фиристод.

– Шумо намедонед, ҳамқишлоқиҳомон бинанд…

– Ман қатӣ даст ба даст намеравед-ку! Аз якдигар дурдур мегардем, – сухани ӯро бурида, таклифи ба сарам омадагиро гуфтам.

Рухсора фикр карда монд. Маълум буд, ки вай ҷазбан рафтанӣ. Бинобар он, бо ҷуръат аз дасташ дошта, ӯро ба роҳ ҳидоят намудам. Дасти сахту

хурдакаки ӯро доштаму гӯё тамоми ҷасоратам ба якбора сарф гашт, дигар чӣ гуфтанамро, чӣ кор карданамро намедонистам, дилам ба монанди мошини чокдузӣ шатар - шатар мезад. Зуд дасташро аз дастам раҳо кардам. Ҳар ду ҳам аз ҳаяҷон лаҳзае  сурх шуда, сухани мегуфтагиамонро гум кардем. Аз ростӣ, чӣ кор карданамонро  намедонистем. Вай барои хиҷолат доданам маломатомез ба рӯям ялти карда, як нигаристу бо итоб ба ман пушташро гардонда, дақиқае чанд хомӯш истод.

– Рафтем, дер шуд, – гуфтам ман баъди хеле хомӯшӣ гӯё ҳеҷ воқеае руй надода бошад.

– Ба ҳамин шарт меравем, ки шумо аз як тарафи раҳ мегардед, ман аз тарафи дигар. Майлаш? – якбора ба тарафи ман рӯ оварда бидиррос зад вай ва  чашмони сиёҳашро ба ноз гардонд.

– Хуб, ҳазор бор хуб, – хандидам ман.

– Мабодо ба дилатон сахт нагиред, одати мо ганда, – гуфт вай узрхоҳона. – Аллакай бо як бачаи бегона гаштаст, мегӯянд.

«Бачаи бегона» гуфтани вай ба дилам сахт расид, аммо маълум накардам.

– Хайр, агар бо «бачаи худӣ» гардед, гап намезананд охир?

– Э, ин каса бинед... Дар ҷои мо ин хел гапу корҳо… э -э, гуноҳи азим. Хайр, баъзеҳо рустӣ вохӯрда ҳамгап мешаванд.

– Ҳа, хайрият, – гуфтам ман ба шӯхӣ нафаси  сабук кашида. – Яъне, рустӣ вохӯрем, мешавад?

– Э, тавба! Ман ин хел нагуфтаам-ку! – вай шӯхии маро нафаҳмида хиҷолат мекашид, ранги рӯяш гоҳ сурх, гоҳ сафед мешуд.

– Хайр, аз рӯи одати шумоён агар духтар маъқул шавад, чӣ кор мекунанд? – ҷиддияти бардурӯғамро ҳанӯз ҳам зоҳир намекардам.

– Духтара хуш кунанд, ба хонааш кас мемонанд.

– Ҳим... фаҳмидам... Аз ёд намебарорам.

Баъд ман берун рафтам, то ки вай зудтар тағйири либос карда барояд. Аз дарвозаи хобгоҳ онсӯтар, дар сари кӯча рост меистодам, ки боз дар танаш ҳамон сару либоси хонагӣ давида омад.

– Ҳа, чӣ гап шуд?

– Не, намеравам... Шумо равед… – нигоҳаш поён лағҷида узр мехост. – Мебахшед, шуморо...

– Мебахшедаш чӣ, хайр агар нахоҳед… – аввал ранҷидам, баъд авзои ӯро дида, раҳмам омад. Ҳануз ҳам ду ҳисси ба ҳам муқобил ӯро ба ду тараф кашиданаш аён буд. – Акнун шумо дар мактаби олӣ… хурд нестед, ин қадар тарсу ваҳм? Ҳамроҳи ман ба кӯҳу дашт намеравед-ку!

– Э, метарсам, охир.

– Чӣ метарсед? Тавба... Худатон танҳо рафтагӣ барин. Равед, тезтар либос пӯшеду бароед! Эҳ-ҳа, агар ин хел кунед, дар институт хондан мушкил. Равед, – дудилагии ӯро дида, боз ташвиқ кардам.

– Ягон гап шавад, шумо гунаҳгор, – ҳазломез ба ман таҳдид кард вай ва баргашта ба хобгоҳ даромад.

Ману ӯ аз якдигар дур мерафтем. Дар троллейбус ҳам «бегона» барин, ҷудо-ҷудо нишастем. Ду нафар ҷавонон аз ду паҳлӯяш гузашта, зӯр мезаданд, ки ӯро ба гап

гиранд. Хандааш меомад. Ҳангоми ба истгоҳ расидани троллейбус вай ба ман менигарист, яъне, мефуроем ё не, гӯён мепурсид. Ман ба тарзи инкор сар ҷунбонда, «ҳанӯз нарасидаем», мегуфтам.

Баъд аз мошин фуромада, бо кӯчаи «Путовский» ба сӯи боғи ҳайвонот сарнишеб шудем. Ман пеш-пеш, вай аз ақиб меомад. Болои купруки дарё лаҳзае истода, ба оби кап-кабуди он чашм духтем. Сипас ба якдигар нигариста, хандидему пешу қафо ба роҳ афтодем. Дар таҳдари боғи ҳайвонот ҳеҷ кас набуд. Рӯзҳои миёнҳафта ин ҷо камодам аст. Ду-се гурӯҳ бачаҳо, якта-нимта меҳмонони аз район ё шаҳрҳои дигар омадагӣ ба тамошои ҷонварон саргарм буданду бас. Одамони шаҳр, асосан, ба боғи набототу ҳайвонот рағбат надоранд. Онҳо соатҳои дароз телевизор тамошо мекунанд, ба футбол мераванд. Ҳатто репортажи телевизионро аз боғи ҳайвонот бо шавқ тамошо мекунанду як бор рафта, бо чашми худ ҷонварони зиндаро намебинанд. Бачаҳо ҳам аз хурдӣ ба стансияи техникҳои ҷавон рафта, чизҳои ғалатӣ сохтанро ёд мегиранд, аммо майсаи ҷавро аз гандум фарқ намекунанд. Беҳтарин мурғи ҳаво барои онҳо кабӯтар аст.

Аҷоибхона ором ва сокин буда, осоишгоҳеро ба хотир меовард. Дар сояи чинорҳои азим товусҳои рангоранг хиромон буданд. Ана, товусе сар аз замин бардошта, бо овози дурушт чеғ зад ва сарашро ларзонда, гуё аз овози нохуши худ шармида бошад, ба пойҳои безебаш нигарист. Ҷонварон маро аз хурдӣ ба худ мекашанд, ҳанӯз ҳам агар рӯзҳои дароз бо онҳо монам, дилгир намешавам. Ҳайвонҳо маро ба олами кӯдакӣ ва афсонаҳоям мебаранд. Дар рӯ ба рӯи қафаси

оҳу ва ё ғурми кӯҳӣ соатҳо рост меистам. Хотираҳо, воқеаҳо аз нав зинда мешаванд. Сари ҳар яке аз ин ҷонварони бегуноҳро сила кардан мехоҳам, мехоҳам, ки аз дастам ягон чиз бихӯранд... Боғи ҳайвонот ҳамеша барои ман боҳашамат, ғайриоддӣ ва хаёлангез аст. Охир, ман хирсро бори аввал дар панҷара не, балки дар кӯҳсор, рӯ ба рӯ дидагӣ.

– Ана, ин хирс... бачааш қатӣ.

– Хирси сафеди шимолаш ҳамин? Он чи аз фанни зоология хондааст, ба ёд овард ӯ. – Сафед не-ку?

– Ин хирси кӯҳҳои худамон. Дар ин атроф хирс нест, дар тарафи мо бисьёр аст. Дар кӯҳҳои баланд зиндагӣ мекунад.

– Одама мехӯрад?

– Не, асосан ба одам зиён намерасонад. Ниҳоят бӯйгир аст. Дар дунё хирсҳои аз шаст то ҳафтсад кило вазн доштагӣ ҳаст. Баъзан якта, баъзан сето-чорта бача мекунад. Зимистон карахт шуда хоб меравад.

– Дар куҷо хоб мекунад?

– Даруни ғор ё ковокии чуқури шаху зовҳои баланд. Аз шоххҳои хушк барои хоби зимистонааш «бистар» месозад. Як чӯпон гуфт, ки хирс аз хонааш хасу хошоки поринаашро бароварда партофта, ба ҷояш чӯбу чахси тоза андохтанашро ба чашми худ дидааст. Чӯпонон мегӯянд, ки хирс бачаашро ҳам ба сармои зимистон тайёр мекунад. Вай онро аввал аз байни мушхор мебарад. Мушхор ба тани хирсбача часпида, пачақ шуда, тани онро зиреҳ барин мепӯшонад. Ба ғайр аз ин хор баданашро ба хориш мераду хирсбача худашро ба сангу дарахт молида пӯсташ ғафсу дурушт мешавад, тибит мебарорад.

Рухсора ҳам  монанди ҳамаи мо, аз рӯи китоби дарсӣ ҳаёти хирси сафеди шимол ё худ пингвинҳои Антарктидаро медонист, аммо аз набототу ҷонварони диёри худамон қариб бехабар буд.

Як села майна чуғур-чуғуркунон хӯроки ҳайвонотро тала мекарданд. Нигариста истода аз дилам гузашт, ки майна дар чолокию зиракӣ аз гунҷишк ҳам мегузаронад.

– Ин чӣ  хел парранда, медонед?

– Дар ҷои мо уна подабонак мегӯянд, – гуфт вай бо эҳтиёт, суханашро нимғурма карда.

– Подабонак хол дорад, ин - майна.

Мо аҷоибхонаро тамошо карда, дар канори ҳавзи ҷонварони обӣ, ки ба кӯли табиие монанд буд, дамгирӣ нишастем. Аз байни найзор ва дигар буттаю гиёҳи ботлоқӣ ӯрдаку мурғобиҳои гуногун, ба умеди он ки аз дасти мо хӯроке гиранд, берун омада, пеши мо ҷамъ шуданду ғавғои маҳшар барпо карданд.

Ман фурсат мепоидам. Рухсора тааллуқманде дорад ё не, зудтар фаҳмиданӣ будам. Аз гапу рафтораш маълум, ки надорад. Аммо гуфта намешавад, ин хел духтари нозанинро, ба қавли мардуми деҳа, «сарашро баста монда», сонӣ ба шаҳр мефиристанд. Дар ин хусус чӣ хел гап кушоям, намедонам. Маро ба ин духтари аҷоиб як ҳиссиёти номаълум, кашишу ҷозибаи фавқулодда пурзӯр гӯё тобеъ карда буд. Кам-кам ба худ иқрор менамудам, ки ӯро хуш кардаам. Мегуфтам, ки духтари орзу кардагиам ҳамин. Аммо ин чӣ   хел муҳаббат? Ҳануз ӯро дуруст нашинохта? Охир одам касеро дӯст медорад, ки ӯро як умр ҳамсафари ҳаёт, якдилу якҷиҳати худ қарор диҳад. Намедонам... Ҳар чӣ бошад ҳам, ин

духтар ба ман маъқул, даҳ сол озмуда бинам ҳам, боз маъқул, бо тамоми неку бадаш маъқул. Кори номаъқулаш ҳам маъқул... Вай агар ҳозир ин фикрҳои маро фаҳмад, балки дигар ба рӯям наменигарад. Аҷаб не, ин хел фикру хаёл ҳанӯз дар гӯшаи хаёлаш ҳам набудагист.

Офтобшинам буд, ки мо аз боғи ҳайвонот берун рафтем. То дар буфет дутогӣ самбусаю обмева хӯрдем, ки торикӣ фуромад. Дигар эҳтиёткорӣ фаромӯш шуд, ҳар ду пиёда то ба хобгоҳи Рухсора омадем. Мо мамнун ва хушбахт будем. Ҳангоми аз гузаргоҳ гузаштан як-ду бор аз дасти сарди ӯ гирифтам. Вай сурх шуда, лаб газид, худам ҳам дар вазъияти ногуворе афтода, дасташро зуд раҳо кардам.

Рухсора ба хобгоҳ даромад. Ман боз қадре истода, ба даричаи яктабақа ва дарвозаи оҳанин нигариста мондам. Ҳатто ҳамин дару дарвозаҳо ҳам ба ман азиз ва маҳбуб намуданд. «Хайр... раҳмат» гуфтани Рухсора, овози маҳини зангуладори вай дар гӯшам садо медод. Баъд аз қайди ин эҳсосоти ошиқона раҳоӣ ёфтаму аз соддагию заифдилии худ хиҷолат кашидам. Хайр, дар умрам бори аввал бо духтаре мулоқот доштам, гуфтугӯ, нигоҳҳои сӯзнок, ҳатто дасташро доштам. Дар кафи дастонам лаҳзае аз нав дасти ӯро ҳис карда, беихтиёр ба кафи дастонам нигаристам... Чашмони ӯро намегӯед!.. Имрӯз он чашмони сиёҳи пурнур монанди ду майнаи бесаранҷом дар банди дили ман ҳамешагӣ лона монданд. Аз нигоҳи алмосии вай ҳастии ман ободие дорад, ки гуфта наметавонам.

Шаби ором ва ҳаловатбахш буд. Салқинӣ кам-кам дами гармои рӯзро шикаста, ҳоло вуҷуди кас роҳат ва

сабукие ҳис мекард. Ман ба майли хотир қадам мезадам…

Ҳодисаи дар ин лаҳза рӯйдодаро равшан дар хотир надорам. Ҳамааш дар якчанд сония, не-не, дар як мижа задан содир шуд. Чунон тез рух зада гузашт, ки дар лавҳи хотири ман ҳанӯз ҳам монанди хобе ё хаёле норавшан, гуё аз паси пардае хира ва меғолуд менамояд. Суроби одами масти калаванда ва мошине, ки рост ба сари вай меомад, дар ёд мондаасту бас. Сонӣ зарбаи сахте, ки аз он маро гӯё хоб даррабуд... Сипас ёд дорам, баҳушу беҳуш бархоста, қадаме мондам ё не... чароғҳо давр заданд ва ман гӯё ба чоҳи бетаге фурӯ рафтам... Сонӣ худро дар хараки сари роҳ дидам, ки ду-се нафар аз бағалам дошта, мешинонданд. Милитсионер одамонро пароканда мекард.

## 6. ДАРОЗИИ ШАБРО АЗ БЕМОР ПУРС

Даруни мошини «Ёрии фаврӣ» ман комилан ба худ омадам, яъне чарх задани сар ва тумани пеши чашмам бартараф шуд. Аз ҷоям бархеста нишастанӣ шудам, аммо ҳамшираи шафқате, ки дар паҳлӯям менишаст, амр кард, ки наҷунбида, ором хоб кунам. Сарам докапеч, дасти ростамро то ба гардан тахтабанди симин фишурда буд. Хайрият, гуфтам худ ба худ, зиндаам. Оҳиста дасту по, сонӣ миёнамро ҷунбонда дидам, ба назарам, ҳама ҷоям дуруст барин, фақат гӯшам садо медод, дилам беҳузур буд. Аммо ин ҳам кам-кам бартараф мегашт. Ҳодисаи руйдодаро мулоҳиза кардаму хотирҷамъ шудам.

Баъди муоинаи фаврии духтурҳои бемористон дарҳол сӯзанзанию доругузаронӣ сар шуд. Хулласи калом, дар давоми ним соат ман аз як ҷавони хушҳоли беғам ба бемори бистарӣ табдил ёфтам.

Ҳамон шаб, аз таъсири дору бошад ё зарбу лат, ҳеҷ чизро фикр накарда, хобам бурдааст.

Рӯзи дигар ҳам карахт хобидам, аммо дардамро ҳис мекардам. Бештар рӯҳан азоб мекашидам, ба атрофам беалоқа ва дилсард менигаристам. Ба ҳолҷӯии ҳамхонаҳо лабамро ҷунбонда мемондаму бас. Чандон дарди сахт ҳам набуд, асосан сарам сӯзан задагӣ барин ҷиз-ҷиз мекард. Аз афташ, захми дастам чандон хавфнок нест, ки духтурҳо бештар бо сарам овора.

Ҳама чиз маро оташин мекард. Узвҳои озурдаи баданамро бепарво даст-даст кардани духтур, аз саҳар то шом вақар-вақар беҳудагӯии ду нафар ҳамхонаам, дам ба дам ба сарам омада, ҳолҷӯӣ кардани ҳамшираи шафқат - Ина - ҳамааш ба ман намефорид. Ҳатто ба ман чунин менамуд, ки Ина барои ҳолҷӯии ман не, балки барои бо ҳамхонаҳои ман лаққидан тез-тез меояд. Гоҳе оташин мешудам, ки духтурҳо ба ман дуруст эътибор намедиҳанд. Аксар ҳангом бо ҷойпӯш сарамро пӯшида, гӯшҳоямро бо ду даст руст карда, соатҳои дароз наҷунбида «мехобидам».

Ба ёдам омад, ки дар пуштораам ҳезум аз кӯҳ ба поён ғелон шуда, поямро шикаста будам. Дар синфи нуҳӯм мехондам. Охирҳои зимистон буд. Ҳамроҳи писари амакам Рустам ба кӯҳ барои ҳезум рафтем. Харҳоро дар поён монда, ба кӯҳ баромадему аз шоху кундаи бодому арчаҳои хушкида як харӣ ҳезум тайёр кардем. Ман нисфи ҳезумро сахтакак баста, нӯги арғамчинро аз зери

бағалам гузаронидаму аз сари китфи ростам кашидам. Ба ин минвол ҳезуми ба китфам сахт бастагиро пуштора карда, аз кӯҳ сарнишеб шудам. Рӯзона яхи рӯи замин тунукакак об шуда, зери пой лағжон гашта буд. Аз харсангҳо, аз буттаҳои бодому каҷҷак дошта-дошта хеле поён фуромадам. Аз нишеби лағҷонак фуромадан мадори касро хушк мекунад. Қариб ба поён расидам, буду шуд - саду панҷоҳ метр барин масофа монда буд, ки барои дамгирӣ дар пуштораам ҳезум оҳиста ба замин нишастам. Пойҳоямро рост кардам, дасти арғамчин печондагиамро беҳол ба поён партофтам, китфи озурдаамро аз зери бор гирифта, нафаси бароҳате кашидам. Фароғати ин лаҳзаро фақат одамони корафтода медонанд. Дилатон мехоҳад, ки соате аз ҳама кори ҷаҳон фориғ, озод ва бетааллуқ, дар ҳам ин ҷо, дар ҳамин вазъ хоб кунед... Аммо рӯз бегоҳ шуда, арақи бадан зуд хунук мегашт. Арақатон хунук шавад, нағз не... Ман арғамчинро ба ду дастам печонда сахт кашидаму борамро ба пушт бардошта, аз ҷо хестанӣ шудам. Аммо бори вазнин аз боло маро чунон зер кард, ки... дар пуштораам ҳезум ба поён ғелон шудам. Ҳа, бемуболиға монанди чархи ароба ғелон шудам. Бори пуштам аз ман ҷудо намешуд ва ман дигар зӯри онро боздоштан надоштам ва якҷоя мисли чархи ароба ба поён меғелидам. Ҳезум торафт ҳаво гирифта, суръаташ меафзуд, онро харсангҳою буттаҳои калон-калон ҳам боздошта наметавонистанд. Дар кӯҳ панҷ қадам ғеледу истед, не агар истода натавонед, коратон бад! Маънии ин гапро фақат кӯҳгардон медонанд. Баъди панҷ-шаш қадам чизи ғелон ҳаво мегирад ва то рафт суръати он шиддат ёфта, ҳеҷ чиз онро боздоштан наметавонад. Дар

сари роҳ сангҳои дигарро ба ҳаракат оварданашро ба ёд оред!.. Барои ҳамин ҳам ҳангоми ба кӯҳ баромадан ё аз кӯҳ фуромадан аз якдигар дур намемонанд. Санге аз таги пои одами дар боло буда ғелад, то панҷ-шаш метр безарар, аммо сонӣ фалокати азим аст.

Баъди аз як зови начандон баланд паридан ман бо ҳезуми худ ба танаи як бодоми пир дармонда аз ҳалокат наҷот ёфтам. Чанд ҷоям зарбу лат хӯрда, пои ростам аз ду ҷояш шикаста буд, ки усто Насруллои шикастабанд онро андохта баст. Дадаам мумиё хӯронданду зуд сиҳат ёфта будам. Дарахти бодом маро аз ҳалокат наҷот дод, аммо дар ивази некиаш, ҳанӯз коре накардаам, қарздорам.

...Мо чор нафар бемор дар як хона будем, муаллими нафақахӯр Ҷаводзода, Оқилов ном марди миёнсол ва як ҷавони дастшикаста, ки Ҳусейн ном дошт. Ҳусейнро, асосан, шаб, пеш аз хоб дар палата медидеду бас. Ҳар рӯз ҳамшираҳо дар суроғи вай овора буданд. Ана, ҳозир ҳам Ина дар берун фамилияи вайро гирифта, фарьёд мекунад.

– Даст ба гардан ҳамел ин қадар аз пушти духтарон давида номаъқул мекунӣ! – Ҷаводзода ғур-ғуркунон омада, ба курсӣ нишастанд.

– Дасташ соз нашуда, ин бача пояшро мешиканад! Ҳоло мебинед. Ана, ман гуфтам, шумо шунидед, – ҳукм кард Оқилов, ки фамилияи худро ҳамеша «Акилов» гӯён ғаши маро меовард.

«Бетамиз, – мегуфтам дар дил бо асабоният, – наход, ки «Оқилов» будани фамилияашро надонад!»

– Ҳамин хел шабу рӯз давидан гирад, гарданаша ҳам мешиканад, – муаллим аз рӯзнома сар набардошта,

сухани шарикашонро қувват доданд, ки ин гапи он кас ҳам ба ман нафорид.

Ҷаводзода, ба қавли худашон, нафақаи пиронсолӣ гиранд ҳам, ҳанӯз пир барин наменамуданд. Аслан, нафақаро барои пирӣ не, барои собиқаи хизмат медиҳанд - ку. Пас чаро «нафақаи хизмат» намегӯянд? Ҷаводзода нафақахӯри баҳодурнамуде буданд. Бурути ғафси мошубиринҷ ба каллаи калон ва қомати баландашон зебанда, ришро ҳар саҳар бо алмос тоза метарошиданд. Мӯи сарашон ҳам тоза тарошидагӣ. Муаллим дар ин ҷо бо Оқилов унс гирифта, ба қавли худашон, ҳоло «дегу табақашон ҳам як» шудааст. Ҳар бегоҳӣ аз хонаашон таоми гарм меомад. Онҳо пагоҳӣ ҳам дар палата бо нони танӯрию ангури чавз ношто карда, фақат хӯроки нимирӯзиро қатори дигарон аз ошхонаи бемористон мехӯрданд.

– Нахӯдшӯрбо, гуляш, боз якта самбӯсаю ғӯлунгоб, – бо ғулдуррос оғур дода, дандонковон аз дар медаромад Оқилов. – Бад не.

– Ноштою хӯроки шомаш намешавад, – қариб ҳар рӯз як бор ин маъниро такрор мекарданд Ҷаводзода.

Баъд лаълӣ дар даст саросема Ина меомаду ба мани бистарӣ хӯрок мехӯронд. Вай сачоқро ошхӯраки кӯдакон барин ба гарданам андохта, бо чумча ба ман шӯрбо медод. Ду-се чумча мехӯрдаму аз хиҷолат бас мегуфтам. Вай «боз як чумча, боз як чумча» – гӯён безор мекард. Вақте ки чашмони вай бо хоҳиш ба кас менигаранд, рад карда наметавонед. Ина духтари 18-19 - солаи ситорагарм аст. Беморҳо аз хусуси вай гап ояд, «духтари қобилу вазнинакак» мегуфтанд. Нигоҳаш,

хами абрӯяш камтар ба Рухсора монанд. Намедонам, ё ба назари ман ҳамин хел менамояд.

Ба бемористон афтоданамро аз наздиконам ҳеҷ кас намедонад. Агар Рухсора хабар ёбад, балки меомад. Хабар диҳам ё не? Агар имрӯз мактуб навишта, ба почта партоям, фардо, ҷудо дер монад, пасфардо мегирад. Аммо хатро гирифта чӣ, мегӯяд? Беморбинӣ биё, гуфтагӣ барин. Аз каси дигар шунида худаш ояд, гапи дигар. Каси дигаре дар миёни мо нест. Ҳамкурсон парешон шуда рафтанд. Ба падар хабар намедиҳам. Бекора алағда гашта, аз роҳи дур то расида омадан корашон мешавад. Ин хел хабар касро ба ҳар гумон мебарад... Яку якбора ғайб задам, Рухсора чӣ мегуфта бошад. Нағз нашуд, ба вай хабар додан даркор. Таътил, хобгоҳро таъмир мекунанд, вагарна телефон кардан ҳам мумкин буд. Воқеан, мактуб нависам, ба вай намерасад.

Дар сари хӯроккӯрии ман Ина Ҷаводзодаро андаке ранҷонд. Аслан, гуноҳи духтарак ҳам не, муаллим ҳар гапро ба дил мегиранд. Ина мисли ҳарвақта ба ман исрор мекард:

– Ҳамин гӯштқимаро хӯред, сонӣ бас, гӯед, – мегуфт вай чашмони хуморашро гардонда.

– Ҷуволи холӣ рост намеистад, додар, – суханашонро бафурча дона-дона чида ба гап ҳамроҳ шуданд муаллим. – Аз таом рӯй нагардонед. Дилатон накашад ҳам, хӯред... Чени шумо будам ман оши як кило биринҷа танҳо мехӯрдам. Аз болош якта харбузаи ҷӯрақандиро ҳам мезадам.

– Солатон оштахта будаст-дия, – хандид Ина. Барои ҳамин, муаллим, парҳеза дошта наметавонед.

Ҳақиқати ин сухани шӯхиомези духтарро ман сонитар фаҳмидам ва ҳар гоҳ ба ёдам Ҷаводзода расанд, ҳамин гуфтугузор ба хотир меомад. Аммо ин гап ба дили муаллим сахт расид.

– Аввал шумо ҳам  ба синни мо дароед, ойим. Ҳа, рӯзҳои мо дидагиро набинеду агар медидед, ин хел намегуфтед, – озурдахотир таъкид карданд он кас.

– Даррав ранҷидед? Ман ҳазл кардам, – Ина аз гапаш пушаймон шуда, дар хиҷолат монд.

Вай ба чашми ман нигарист. Ин нигоҳи ӯро бо кадом забоне ифода накунед, маъниаш таъин: «худатон гӯед, охир сухани ман чӣ ҷои бадӣ дошт», мегуфт. Ман ҳам бо забони нигоҳ гуфтам, ки суханаш рост, аммо бо одами солдидаю бемор баҳс кардан хуб не.

– Духтар мардум камтар андешида гап мезанад. Хафа нашавед, ман ҳам  дар омади гап мегӯям, – ба оҳанги насиҳатомез суханашонро давом доданд муаллим. – Ду қаҳтия аз сар гузарондам. Қиматӣ не, қаҳтӣ! Ба пул нон намеёбед! Ана, худатон медонед, ҷанг... Ҳозир ҳам азобашро мекашам, – Ҷаводзода ба шонаи чапи худ ишора карданд: – Духтурҳо мегӯянд, ки дар устухонам як пора тир ҳаст.

Ҷароҳатҳои ҷанг ҳанӯз дар ҳар қадам дучор мешаванд. Захми тани одамон шифо ёбад ҳам, захми дилҳо шифо намеёбад. Солҳои вазнини ҷанг мардуми ақибгоҳро ҳам  дардманд кард. Аммо ҳозир чӣ? Ҳозир баръакс, аксар аз пурхӯрӣ дардманд. Мо се нафар донишҷӯ дар ҳавлии пирамарде иҷорашин будем. Ҳар бор ягонтаамон бетоб шуда, ба дарс наравем, мӯйсафед омада мегуфтанд: «Карная тоза кардан даркор, карная! Карнай ғубор гирифтаст». Чӣ дарде дошта бошед,

мӯйсафед аввал «карная тоза кун» мегуфтанд. «Карнай» гуфта он кас меъдаю рӯдаҳоро дар назар доштанд. Бетобро як шабонарӯз намак чашидан намонда, хоб кун, мегуфтанду сонӣ як коса пиёбаи тунук оварда, гармогарм мехӯронданд. Баъд мефармуданд, ки болояшро дам карда, хоб кунад. Сиҳат шуда мехестем.

Имрӯз Ина докапечи сарамро дуруст карду гуфт:

– Фардо кушода, аз нав мебандем. Духтур мебинанд. Ҳеҷ гап не, безиён, – сипас ба сару рӯям як чашм давонду пурсид: – Гуфтанд, ки як одами маста аз таги мошин мегирам, гӯён афтодаед? – вай бо савол ба ман нигарист. Ман ба ҷои ҷавоб даст афшондам. Ина ба авзои ман эътиборе накарда гап мезад: – Вай ҳамроҳатон буд?

– Не-е... ҳамту, дар миёни раҳ пайдо шуд.

– Ба студентон таътил-ку, шумо нарафтед?

– Ман тамом кардам. Акнун ба кор.

– Ҳа-а.

Ба ҳар ҳол институтро тамом карданам воқеаи хеле таъсирбахш барин. Ина ҳам саросема шуда ба назарам, оҳанги суханаш ҳам каме дигархелтар садо медиҳад.

– Ба кор таъин шудед?

– Ҳа.

– Ба куҷо?

– Ба куҷо? – чӣ ҷавоб доданамро надониста, саволро гашта пурсидам. – Дар ҳамин шаҳр мондам.

– Ҳамин сол кор кунам кифоя, ман ҳам ба институти тиббӣ даромаданӣ.

– Нағз. Таҷриба доред ба шумо осон мешавад.

Бегоҳӣ Ҷаводзодаю Оқилов шалғамшӯрбо хӯрданд. Бӯи шалғами пухта хонаро гирифт. Ба ман ҳам

хӯронданӣ шуданд, аммо рад кардам. Бӯи шалғам хотираи солҳои дури бачагиро бедор карду ҷойпӯшро ба сар кашидам. Солҳои ҷанг, айёми бачагиам ба ёд омад. Ғалла танқис буд. Ҷавро даравида, ба ҷояш сабзӣ ё шалғам мекоридем. Зимистон ба қӯри оташдон шалғам гӯр карда мепухтем. Азбаски он солҳо аксар пойлуч, сару тани дуруст надоштем, фасли сармо аз сулфа нафасгир мешудем. Ба сулфа дору гӯён очаам шалғам пухта медоданд. Шалғами беравған пухтагӣ маза надошт.

Ина омада ба ман дору гузаронд. Баъди як-ду сухани беаҳамият, ки байни мо радду бадал шуд, вай пурсид:

– Хабаргирӣ наомаданд? Ё ҳеҷ кас нест?

– Хешу табор нест. Ҷӯраҳо ҳам тамом карда рафтанд. Баъзе дар таътил...

«Боз як кас ҳаст, аммо аз бемориам хабар надорад» гуфтанӣ шудаму аммо худдорӣ кардам. Ду-серӯза шинос дарҳол ба аёдати ман меомадаст! Умуман, як ман ҳам не, аксари мо ҷавонон камтар хаёлпарастем. Орзую ҳавасамонро гоҳе аз имконияту воқеият фарқ намекунем. Ина боз чизе пурсидан хост, аммо аз Ҷаводзодаю Оқилов, ки аз қадду basти ӯ чашм намеканданд, шарм дошт. Рӯи гулгунаш бо гиребони гули оташи куртаи атлас ва хилъати сафед ҷанг мекард. Вай доруро гузаронда, бо табассуми хиҷолатомез лаб газида, оҳиста баромада рафт. Ҳар се аз пасаш нигариста мондем. Вай аз нигоҳҳои мо шарм дошт. Чӣ шуд, ки диққати ҳар се ҳам ин бор ба ҷониби вай ҷалб шуд.

– Баҳори умраш... Чӣ мехӯрам гуфта ғам нахӯрад, чӣ мепӯшам, гӯён ташвиш накашад... – ғусса мехӯрданд

Ҷаводзода. – Даври ҷавонии мо зану духтарон ҳам хору зор буданд. Духтари хушрӯ ягон-ягон дучор мешуд. Ҳозир якташ аз дигараш базеб. Ҳусн аз даҳан-дия. Серию пурӣ, дили беғам як ҳуснашро даҳ мекунад.

– Муаллимҷон, садқатон шавам, ҳусни зан – табақи чинӣ, – ба ҳикмат сухан сар кард Оқилов. –Табақи чинии холӣ ба кӣ даркор?! Барои тамошо?! Инҳо, – вай ба тарафи Ина ишорат кард, – барои дар кӯчаю кино падрушка карда, гаштан соз, барои рӯзгор кор намеоянд. Ду рӯз ба сари дегу оташдони ману шумо шинад, бинед, чӣ мешавад? Тоб намебиёрад.

– Не, Ина аз он хелҳо не, – эътироз карданд Ҷаводзода. – Дасташ ба оби хунук нарасидагӣ, таннозҳо дигар хеланд. Ҳамаро ба як газ чен накунед.

– Ман медонам, ё шумо? – даст ба сари сина дарк зада, пешхезӣ кард Оқилов. Баъд вай дар хусуси ҳеҷ кадом як хешбачааш, ки ба гапи падару модар гӯш надода, ба як духтари «ҷудо ҳам хондагӣ» хонадор шуданаш ва арӯс чӣ хел кори рӯзгорро надонистанаш, хеле лаққид.

Ҷаводзода суханони ӯро гӯш карда истода беэътино даст афшонданд. Дар ҷои ман Лутфулло мебуд, ба бемориаш нигоҳ накарда, бо ин суроб даст ба гиребон мегашт. Вай мурад ҳам, хап намешишт. Сад бор гӯед, ки «ҳой кори худро кун, ба ҳар гап қатӣ нашав», боз хап истода наметавонад. Парерсол дар фурудгоҳи шаҳр мунтазири самолёт будем. Ногоҳ ду нафар ҷавонмард ширакайф аз ресторан фуромада омада, фаҳмиданд, ки самолёташон аллакай паридаст. Навбатдори сменаро дошта, ба сари вай ғавғо бардоштанд. Мусофирон даъво доштанд, ки навбатдор эълон накарда, самолётро

фиристодааст. Ногоҳ бинам, Лутфулло ба миён даромада, ба он даъвогарон исбот карданӣ: «Ман дар ҳамин ҷо нишаста будам, эълонро бо гӯши худ шунидам» мегӯяд. Ба одами маст ин хел маҳмаддоно маъқул намешавад. Яктааш аз гиребони ҷӯраи мо гирифту «ту худат кӣ?» гӯён тела дода аз дар берун карданӣ буд, ки тохта рафта халос кардем.

Ман рӯболо хобида фикр мекардам. Баъди як ҳафта иҷозати бархестан ва раҳ гаштан медодаанд. Ҷароҳати сарам хавфнок будаст. Худаш ҳам чунон башаст парида рафтам, ки гумонам маро мошин зада бошад. Хайрият, ки ин ҳодиса баъди рафтани Рухсора рӯй дод, вагарна вай тарсида, мумкин буд бетоб шавад. Дар вақти имтиҳон андаке тобатон гурезад, коратон пачоба!.. Ҳоло вай ба чӣ кор банд бошад? Аслан, бесабаб ба вай ин қадар андармонам. Охир қарс аз ду даст, майли ӯ ба ман ҳеҷ маълум не, ҳамту, эҳтиром мекунад. Балки дар институт ба кор монданамро гуфтаму... Кӣ медонад? Шояд дар ягон гӯшаи дилаш будагистам? Одами дил мебастагӣ аз як дидан ҳам дил мебандад. Хайр, аз як дидан дил набандад ҳам, аз шиносоӣ ба дилаш ғулғулае меафтад. Ҳанӯз ҳам ҳайронам, намедонам чӣ кор кунам. Ба Рухсора хат нависам ё не? Не, хат ба дасташ намерасад. Фасли таътил дар хобгоҳ мактуби зиёде ғун мешавад. Азбаски Рухсора аз касе мактуб интизор не, рафта он мактубҳоро тагурӯ намекунад. Намешавад. Телеграмма диҳам? Не, гапи ман бо телеграмма мегуфтагӣ гап не. Чӣ кор кунам?.. Имтиҳонро чӣ хел супурда бошад? Аз конкурс гузарад-дия... Агар баргашта ба деҳаашон равад-чӣ? Не-е, мегузарад. Хайр, мабодо нагузарад, соли дигар меояд. Аз курси мо Ҳафиз

се сол паёпай омада, аз имтиҳон, сонӣ аз конкурс нагузашта, оқибат соли чорум дохил шуд-ку... Рухсора донишҷӯ мешавад, ҳар субҳидам ба дарс мешитобад, дар сари он мизе, ки ман менишастам, нишаста, лекция гӯш мекунад. Пеши назарам омад, ки чӣ гуна вай дарс гӯш мекунад, чӣ гуна мӯяшро дуто бофта, ба пушташ партофтаасту хиромон аз зинапояҳои институт фуромада меояд… Ману вай таҷрибаи сар кардаи маро давом медиҳем, дар пахтазор санҷида исбот мекунем, ки... Не, алҳол масъала мегузорем: инсектисид ё мубориза биологӣ?.. Ба ҷои инсектисид, ки обу ҳаворо заҳролуд мекунад, зидди ҳашароти зараррасон дар пахтазор ҳашароти фоиданокро ба кор андохтан мумкин. Эҳ-ҳе, як худи халилихӯрак тортанакканаро нест карданаш мумкин. Хелҳои гуногуни ҳашароти фоиданокро ёфта, таносуби фоидаю зарари он, усули афзоиши онҳоро дар пахтазори республика бояд дурудароз таҳқиқ кунем. Дар заминҳои обӣ ҳашароти фоиданок кам мондагӣ... Агар ба муқобили ҳашароти зарарнок захрҳои химиявиро бо кор набарем, дар пахтазорҳои мо, дар марғзору юнучқазорҳои мо чӣ қадар занбӯри асал парвариш кардан мумкин...

Ина аз дар даромад. Аз афташ, корашро тамом карда, ба хона мерафт, ки дар рояш кафши нафиси пошнабаланд, қомати ӯро боло карда буд.

– Аҳвол чӣ хел? – вай бо ин савол дилҷӯёна ба назди ман омад, ки аз ин муомила ботинан дилам бардошта шавад ҳам, дар назди ҳамхонаҳо бесабаб шарм доштам.

– Ташаккур, нағз, – гуфтаму бештар барои рафъи хиҷолат саволи кайҳо боз дар нӯги забонам будагиро пурсидам: – Ина, номатон ғалатӣ... аслаш ҳамин хел?

– Номашон Инобатхон – гуфт Оқилов пешдастӣ карда.

– Э-э, ин хел гӯед, номи нағз доштаеду чаро пурра намегиранд? Баъд аз ин ман шуморо Инобат мегӯям, майлаш?

– Дар хона номам Инобат. Ҳамин ки аз дарвозаи бемористон даромадам: Ина, Ина... Куртаҳо кӯтоҳ шуд гуфта, номро ҳам кӯтоҳ кардем, – хандид вай. Баъд аз ман пурсид: – Ба шумо ҳеҷ чиз даркор не? – шармида бо азобе ба ман менигарист ӯ. – Ман меравам... Агар ягон чиз даркор бошад, шарм накунед.

– Ташаккур, Инобат, ҳама чиз ҳаст. Аз дилам гузашт, ки дар хусуси Рухсора вай қатӣ гапзанон кардан мумкин. Фардо ҳатман гапзанон мекунам. Не, намегӯяд.

Баъди рафтани Инобат Оқилов аввал ба Ҷаводзода маънидор нигариста, шумхандае карду сонӣ ба ман айёрона чашмак зада, гуфт:

– Шумо дуруст... Хапакак шишта... А?

Матлаби ӯро фаҳмам ҳам, худро ба гӯлӣ задам. Барои чӣ ин хел кардам, худам ҳам намедонам. Ҳамту, бе ҳеҷ зарурат будагист. Не, оҳанги кароҳатноки гапи вайро ҳис кардам.

– Наход, ки нафаҳмед?... Шумо ба вай маъқул. Рости гап. Ман даррав аз чашмаш мефаҳмам. Ана, вай Ҳусейн шабу рӯз аз қафои духтарон тозад ҳам, ягонтааш омада, «ба ту чӣ биёрам?» нагуфтаст. Шумо ҷимакак... дуруст.

– Мегӯянд-ку «натарс аз он, ки ҳою ҳӯй дорад», – гуфтанд Ҷаводзода, хушнудона ба рӯи ман нигариста. – Ин духтарон зирак, ба ҳар касу нокас рӯи хуш намедиҳанд. Одама мешиносанд гӯрсӯхтаҳо.

Ман табассум кардаму ба инкор сар ҷунбондам, ки гумонашон хато аст.

– Вай аз рӯи дилсӯзӣ... Дар шаҳр ҳеҷ кас надорам... Ҳамту, дилбардорӣ мекунад.

– Чӣ руст мекунед, нағз бинад, ганда-мӣ? Ҷон гӯед! Аз шумо чӣ меравад? Шумо-мард, бадном шавад, вай мешавад. Деги кушодагия кадом саг намелесад! – Боз Оқилов ба гап даромаду табъи ҳардуи моро хира кард.

– Аз мӯрии хунук – дуди хунук мегӯянд, рост. Шумо ҳам, интур ба пасу пеши гап нигоҳ карда, камтар андешида даҳан кушоед.

– Ин хел нагӯед, бародар, – гуфтам ман ҷиддӣ, бо овози озурда, норозиёна ба рӯи вай нигариста. Сипас ба чӣ фикре рафтаму чизеро, ки Оқилов баринҳо ҳаргиз намефаҳманд, ба ӯ фаҳмонданӣ шудам. – Асосан, аксари духтарон ба кас меҳрубон, дилсӯз...

– Духтар - синаи меҳр мегӯянд, – суханамро буриданд муаллим.

– Мо, мардҳо бештар бешафқат, дилсахт ва ноодамем. Мо худамон гунаҳгор. Духтар аз дев наҳаросад ҳам, аз баъзе мард меҳаросад. Даст диҳанд, аз оринҷ мегирем... Нағз не.

– Намедонам, чӣ гуфтанӣ шудед, аммо додар, ба куҷо равед ҳам, мард - марду зан зан-дия! – эътироз кард Оқилов. Имрӯз фарқи зану мард намондаст. Баъзе мард аз занак фарқ надорад, баъзе зана дида, мард мегӯед. На шарм, на ҳаё.

– Худатон такопӯй доред, ки вай профессорзан як бор шуморо бинад. Агар вай гӯяд, ки «не ман - зан, Оқиловро намебинам», чӣ мекардед?

– Духтур қаҳт не.

Маълум буд, ки баҳс ва мунозираи ҷиддӣ бо ин одам суд надорад. Чунон ки мегӯянд, мехи оҳанӣ ба санг намеравад.

– Суханатон ҳақ асту рост. – Ҷаводзода бо оринҷ ба болин такья карда, нимхез шуданду ба ман рӯ оварданд: – Баъзе мардони мо нодида, иззати нафс, ғурури мардӣ надоранд. Гӯш кунед, аз саргузаштам як воқеаро гӯям: соли чандум буд, аниқ дар ёд надорам, ҳафт-ҳашт сол шуд-дия... Ҳа, ҳамон сол сарвазири Ҳинд духтараш қатӣ омада буд. Як гурӯҳ муаллимонро ба Москва, ба маҷлис фиристоданд. Ману як муаллими ҷавон ҳамроҳ ба поезд баромадем. Вай ранги ҳамин Ҳусейни мо базебу олуфта, ба ҳар як зану духтар гап мепартофт. Ҷои ҳардуи мо дар қабати поёни купе, дар назди тиреза. Як зан омад, ки ҷояш дар болои мо будаст. Синнаш зери сӣ, хушрӯй. Аз он муаллими ҷавон илтимос кард, ки вай қатӣ ҷояшро иваз кунад: «Ман зан, баромада фуромаданам мушкил» гуфт. Ҳамроҳам розӣ нашуд. Ман ҷои худамро ба вай зан дода, ба боло баромадам. Дар боло фақат хоб мекардам, аксар дар поён нишаста, чақ-чақ карда мерафтем. Занак ба ҳолам намонда, поён мефуровард. Он солҳо ман ҳам ҷавонмарди бардам будам.

– Хайр, кор буд шуд ё... ҳамту? – пурсид Оқилов, ки ин хел саргузаштҳоро бо диққат гӯш мекард.

– Гап дар сари ин не. Вай зани чудо доно, покдоман будаст. Дар Москва ба ман хеле кӯмакаш расид. Рост мегӯед, ба баъзе ҷавонҳо духтар табассум кунад ҳам, ба бало мемонад. Ширеш барин часпида мегирад. Э-э, чӣ гумонҳое намекунад! Ана, баъди ин хел муомила зан аз дев ҳаросидагӣ барин аз мард мегурезад. Феодализм-дия!

– Ин қадар санги марда паст назанед! Зану духтар шарму ҳаё дошта бошад, нағз. Ҳар хандаю нозу нузаш бошад, барои шӯйҷонаш руст карда монад.

– Ана, халос! Сар аз куҷо, пой аз куҷо. Ман тут гӯям, шумо бед, – Ҷаводзода пойҳояшонро поён партофта, дар кати худ нишастанду ба Оқилов нигоҳ карда, оҳе кашиданд.

– Ҳар чи гӯед ҳам, ҷони гап ҳамин, – ҳукми худро қатъӣ кард Оқилов.

Ба палата Ҳусейн даромада, як-як бо ҳамаамон хайрухуш кард.

## 7. РӮЗҲОИ ДИГАР, СӮЗҲОИ ДИГАР

Дуруст мегӯянд, ки то бемор нашавӣ, қадри сиҳатиро намедонӣ. Тану ҷони сиҳат – давлати бебаҳо, гуфтаниашон рост. Падару модар дар ин хусус насиҳат кунанду таъинот диҳанд, гӯш намекунем, гумонамон ҳамту, аз рӯи одат ва тақозои вазифаи падарию модарӣ мегӯянд. Аммо дар асл, онҳо аз таҷрибаи худ моро сари вақт огоҳ карданӣ мешаванд, мехоҳанд, ки аз қадамҳои аввали ҳаёти мустақил саломатиамонро эҳтиёт кунем. Аммо онҳо як чизро ба инобат намегиранд, ки ҷисму ҷони ҷавон ба эҳтиёт ва андешаю таҳаммул ҳоҷатманд не. Балки ба синни онҳо расем, мо ҳам пухтакору боэҳтиёт мешудагистем, кӣ медонад.

Ҳоло духтур ба ман иҷозати берун рафтан дод. Баромада дар сояи дарахтон хеле вақт нишастам. Дар даст қуттичаҳои дору Инобат омаду сари роҳ бо ман ҳамгап шуд.

– Ҳамон рӯзи гуфтагиатон як духтара дар истгоҳ дидаму аз дилам гузашт, ки ҳамон кас, – гуфт Инобат баробари рӯ ба рӯ шудан ба гап даромада, – сонӣ, ба хобгоҳашон равам, худашон. Дил гувоҳӣ медиҳад-дия, – вай ба назди Рухсора рафтанашро мегуфт.

Ман аз Инобат хоҳиш карда будам, ки узри хабар гирифта натавонистани маро ба Рухсора расонад.

– Ман шаб дар хобгоҳ хоб кардам. Ҳамхонаашон наомад, танҳо буданд. Рафта аз хона хӯрок овардам. Ҳарду то нимишаб китоб хондем. Ман ҳам ба институт тайёрӣ дида истодаам-ку.

– Ману вай дуруст шинос не. Бетаъин будаст нагӯяд, гуфтам-дия.

– Духтари чудо ҳам нағз, ба ман маъқул. Хайр, ҳоло ҷавон. Аммо чудо ҳам мулоҳизакор. Одаму оламро надидаст... Рафта-рафта мефаҳмад.

Аммо ҳамин мулоҳизакории вай ҳам, ки Инобат нобоварӣ ва беқатъиятии ӯро дар назар дошт, ба назари ман ҳусни малеҳ, аз сифатҳои мафтункунандаи вай барин менамуд. Дар дилам мегуфтам, ки духтарони густох ва маҳмаддоно аз нафосат ва назокати ҳақиқӣ маҳруманд. Баъди бо Рухсора вохӯрдани Инобат ба ман чунин менамуд, ки дар арафаи воқеаҳои аҷибу ғариб, иду тантанаи ҳанӯз ба худам ҳам номаълум зиндагӣ мекунам, фардо ё пасфардо воқеаҳои гӯшношунидае рӯй медиҳанд, ба ман хушхабарҳои тоза ба тоза мерасад, бо одамони наҷибе шиносо мешавам.

Биноҳои яккабатаи ин бемористони кӯҳнаи шаҳр дар байни боғу гулзорҳо ғӯтида буд. Ман бо пайраҳаи серсоя мерафтам, ки ногоҳ ба майдончаи фарохе баромадам. Чор тараф – дарахтони азим, дар миёна гулзори ботаровате, гирдогирди он гулҳои оташини

тоҷи хурӯс фурӯзон буда, дар мобайн раддаҳои ҳиною райҳон, гули хайрӣ ва ҳусни Юсуф шукуфта, атрофро муаттар мекарданд. Азбаски нури офтоб ба ин гулзор фақат нимрӯзиҳо бемалол меафтад, гулҳо қад кашида буданд. Шӯълаи зиёди офтоби ҷануб ба сабзиши растанӣ монеъ мешавад. Ман дар канори гулзор нишаста, гулҳоро бӯидам, барги хушкидаи бағалшохашонро беозор шикаста партофтам, печаку аҷриқҳои дар буни гулҳо сар задаро кандам. Одам гоҳе бо табиат танҳо ба танҳо мондан мехоҳад. Бо гулу гиёҳ, шабпараю гамбускҳо машғул будан, гуфтугӯ кардан нашъае дорад, ки ҳеҷ монед! Гоҳе чунин менамояд, ки ман забони баргҳо ва замбӯруғҳоро мефаҳмам ва онҳо ҳам нияти маро пай мебаранд. Дар асл забони баргҳо ва гулҳоро, шеваи ҳазорон ҷонварони хурду калонро фаҳмидан чандон мушкил нест. Ба замин оҳистатар по монед, беталвоса, бевалвала, бодиккат нигаред, гӯш кунед, ором ва бехалал зиндагӣ кунед... Барои мардуми пурғавғо табиат гунгу кар аст, ҷонварон безабонанд, дарҳои сиру асрори ҷамоду набот бастаю пӯшида аст. Одами пурғавғо фақат садои худро мешунаваду бас... Охир ҳар як кашфиёти ҳасадангези аср, ки имрӯз бо он ифтихор мекунем, тақлиде ба офаридаҳои табиат аст. Аввал табиат радар ва локатори ултрасадо сохта, онро ба делфин ва кӯршапара тақдим кардааст. Шабпараи нобино бо ҳамин «локатор»-и табиии худ дар як дақиқа дувоздаҳто хомӯшак медорад. Табиат таҳ ба таҳ сиру асрор аст, кони ҳусну зебоӣ аст. Ана, замбӯрҳои асал аз гул ба гул нишаста шаҳд меғундоранд, кор мекунанд!

Чашмам ба тӯдаи поруи кӯҳна афтод. Оварда, ба ин ҷо рехта, баъд ба замини гулзор пошидаанд. Рӯзномаи

дар дастам будаРо кушода, бо тахтапорае аз он пору қадре гирифтам.

Дар палата Ҷаводзодаву Оқилов харбуза мебуриданд. Андаке сабр кардам, то ки хӯрда шаванд.

– Дар коғаз чӣ  печонда овардед? – пурсид Оқилов ва чашми ҳарду ба дасти ман дӯхта шуд.

– Пору.

Чашмҳои аз косахона  чаҳида баромадаи онҳоро дида, хандаам гирифт.

– Дар «Алифбо» буд, ё «Китоби хониш», – Ҷаводзода дастпоккунон боз ба гуфтани ривояти ба ҳама маълуме сар кард, – бачае аз аробакаш мепурсад: «Амак дар ароба чӣ меоред?» «Пору», – чавоб медиҳад аробакаш. «Охир, ин пору не, ҳезум-ку! – гӯяд, аробакаш: «Донӣ, чаро мепурсӣ»,  мегӯяд.

– Бача ҳам нагуфтаст-дия: «Муаллимамон гуфтанд, ки пурсидан айб не», – илова кардам ман.

Ҳама хандидем. Баъд Оқилов пурсид:

– Бешӯхӣ гӯед, чӣ  вай?

– Пору. Барои ин гулҳо, – ман ба ду тубаки  гул, ки дар пештахтаи тиреза гузошта буданд, ишора кардам. Баъд бархоста, бо нӯги корд хоки тубакҳоро нарм кардаму пору андохта об додам,  шоххои ба ҳар сӯ овезоншудаи гулҳоро рост карда бастам.

– Заб дили дарё доштед-дия!  Оқилов  ба кори ман нигариста истоду дилтанг шуд.

– Кори савоб мекунанд, – Ҷаводзода мисли ҳамеша боз муқобили фикри улфати худ сухан гуфтанд: – Шумо барин як умр шикан-шикан-мӣ?

Баъд ба ман рӯ оварданд: – Як тубакро афтонда пора-пора карданд-дия!

– Афсӯс, – гуфтам ман аз кор сар набардошта.

– Ба ҳамон ҳам афсӯс! Эҳ-ҳа, шумо ҳам қиёмата ба таги дар овардеду мондед-ку!

– Ҳамин гулу гиёҳ ҳам мову шумо барин озорро ҳис мекунад, аз ранҷу азоб бетоқат мешавад, ҳатто нола мекунад.

– Э, монед-е!

– Бача будем, аз боғ бағаламонро пур карда, довучча канем, очаам метарсонданд, ки зардолу дуои бад мекунад, рост будаст-дия-а? – Ҷаводзода аз эҳтиёт тамасхури худро маълум накарданд.

– Албатта, беқарор гаштани гиёҳ ба чашм аён не, нолаашро намешунавем. Аммо олимон инро бо таҷриба исбот кардаанд. Яке ҳамеша гулҳоро шикаставу зери по карда, озор медодааст...

– Мо барин, – гуфта монд Оқилов.

– Дигаре ҳамеша парвариш мекардааст.

– Инаш – шумо барин.

– Асбобҳои махсусе ҳастанд, ки импулси растаниро қайд мекунанд. Вақте ки асбобро ба гул ниҳодаанд, чӣ мегӯед, ки ҳамон озордиҳанда наздик ояд, ақрабаки он ҳаллос мекардааст. Яъне, гиёҳ ҳам одамро мешинохтааст, тарсида, бетоқат мешудаст. Ҳамин ки он одами зиёнкор рафта, парваришгар ояд, импулс барҳам хӯрда, ақрабак ҳамвор хат кашидааст. Олимони Ҳинд муқаррар намудаанд, ки растаниҳо мусиқиро дарк мекардаанд. Баъзе оҳангҳо ба сабзиши растанӣ кӯмак расонда, баъзеяш таъсири ногувор доштааст. Махсусан, оҳанги ҷаз ба растанӣ намефоридаст.

– Ба одам ҳам намефорад, – гуфтанд Ҷаводзода. Пас аз қадре хомушӣ боз пурсиданд: – Ҳамин гапҳотон рост буд, ё ҳазл?

Оқилов ҳам ҷиддӣ ё ҳазл будани ин суханонро нафаҳмида, гаранг буд. Вай гоҳ ба чашми ман, гоҳ ба чашми Ҷаводзода нигариста, рамуз гирифтанӣ мешуд. Метарсид, ки боз наандешида сухане гуфта, дар вазъи ногувор наафтад. Аз изо ва ҳолати ногувор баъзе мардон аз занҳо ҳам зиёдатар метарсанд. Фақат мардуми фурӯтан, фозил ва онҳое, ки ба худ эътимод доранд, аз вазъияти ногувор наҳаросида, бепарво фикри худро мегӯянд. Баъзан аз гуфтани ақидаҳои содалавҳона, шӯхиомез ва густохона ҳам ибо намекунанд.

– Ман гапи ба ҳама маълумро гуфтам. Растаниҳо ҳам як ҷузъи табиати зинда. Баъзе гиёҳҳо ҳашарот шикор карда мехӯранд-ку!

– Аҷаб не, – Ҷаводзода оҳиста сар ҷунбонда сухани маро тасдиқ карданӣ шуданд. – Ҳар рӯз кашфиёти нав. Илм чӣ сирҳоеро, ки намекушояд! Шогирдоне, ки ман дарс додаам, имрӯз корҳое карда истодаанд, ки...

– Э, монед, ҳамин гапҳоя! Шогирдон-шогирдон... Ҳамон шогирдон бе шумо одам намешуд-чӣ?

– Аз шумо хондану навиштан ёд гирифтагистанд. Илм хондану навиштан не-ку!

Ин суханон ба дили Ҷаводзода сахт расид. Даст афшонда бо қаҳр аз хона берун рафтанд. Рангашон канда аз изтироб дасту пояшон дарақ-дарақ меларзид. Ба муаллим раҳмам омад.

– Нағз нашуд, – гуфтам ба Оқилов.

– Э, гапи ёфтагиаш ҳамин, – гуфт вай «ту-ту» карда. – Шогирдони ман инту шуданд, шогирдони ман унту шуданд. Хайр, якта-нимтааш одам шуда, рӯи об баромада бошад, аз ғайраташ, ё худодод ягон чиз доштагист. Аз ҳамин кас шогирд чӣ ёд мегирад?

– Ин фикратон ғалат, Оқилов, – ман ба чашми вай рост нигаристам. – Мо аксар ҳамин тавр фикр мекунем. Агар ба ягон поя расида натавонем, муаллим гунаҳгор, агар расем, аз қудрати худ медонем, аз истеъдоди худ миннатдорем. Фарзанд-падарашро, шогирд-устодашро фаромӯш кунад, нағз набудагист. Ҳамон муаллими пир, ки имрӯз аҷаб не, монанди мо ҳамадон набошад, аз касрати пирӣ фаромӯшхотир ё сергап шуда бошад, як вақте ба мо роҳнамо буд, сабаб шуд, ки хонему аз вай донотар шавем. Фаромӯш накунед, ки як рӯз не, як рӯз агар насиб бошаду мо ҳам ба пирӣ расем, фарзандону шогирдон аз мо донотар мешаванд. Баъд онҳо ба мо бо тамасхур нигаранд, магар хуб аст? Не, шогирде, ки ба устод тамасхур мекунад, ба пои худаш теша мезанад, мегӯянд. Бечора муаллим. Ягона ифтихори ин заҳматкаш дар зиндагӣ ҳамин шогирдон аст.

– Э, шумо ҳам... – Оқилов даст афшонда, муболиға мекунӣ, гуфтанӣ шуд. – Ҳамту кор накардааст, барои кораш пулҷон гирифтагӣ.

– Шумо чанд сӯм моҳона мегиред?

Оқилов бо тааҷҷуб ба рӯи ман нигарист.

– Гӯед, чанд пул мегиред?

– Ин ба шумо чӣ даркор?

– Натарсед, ҳеҷ гап не. Гӯед.

– Ҳисоби миёна... Хайр дусад.

– Барои дусад сӯм гирифтан ин бечора бо чандинсола собиқаи хизмат бояд якуним мизон дарс диҳад. Бояд шаб ба дарсҳо тайёрӣ бинад, дафтари талабагонашро санҷад, яктояш ба дарс наояд ё бад хонад, маҳалла ба маҳалла кофта, ба хонаи вай равад, талабааш дар кӯчое ягон номаъқулӣ кунад, вай овора. Ҳар рӯз чандин бор асабӣ мешавад. Чил нафар кӯдакро ором шинонда, як ҳарфро омӯхтан кори осон не! Намедонам, дар ин ҷойҳо чӣ хел, аммо дар тарафи мо падару модар, муаллим ва меҳмон ба пиру пайғамбар баробар аст... Аммо, ҳозир чӣ? Муаллим ҳақ надорад ба шогирди ноқобил сахттар гап занад, баҳои ду монад, ҳақ надорад дар синф мононад... Худат -гунаҳгор, бо талаба нағз машғул нашудӣ, протсенти мактабро паст накун, мегӯянд.

– Рост, кори муаллимӣ осон не. Лояш ҳам маза надорад. Дар шаҳр ҳозир аксар занҳо - муаллима. Бачаҳои ин замон қатӣ осон не. Пештар хурд ба гапи калон гӯш мекард.

– Бачаҳо донотар шудагӣ... Хайр, дар мактаби шаҳр муаллимони мард кам... Ба бача кӣ ибрат мешавад, муаллим.

– Як одамро медонам, даҳ-дувоздаҳ сол аст, ки муаллим буд, – сухани маро аз даҳон гирифт Оқилов. – Рӯзғораш калон, сербачаякак. Ба ҳолаш нигоҳ карда, бечораҳол мегашт. Ба қарибӣ дида, қариб нашинохтам. Сару либосаша дида министр мегӯед, гапзанию муомилааш ҳам ҷудо зӯр. «Корҳо чӣ хел, муаллим?» гӯям, «э, муаллим нагӯед, аз даҳанатон шамол барад, монед акнун муаллима!» мегӯяд. Муаллимиаша партофта, муфаттиш шудааст. Намедонам номи идорааш дар ёдам намонд, ошхонаҳоя тафтиш

мекардаст. «Шукр, ана, одам барин зиндагӣ мекунем, – мегӯяд. – Ба кадом ошхона дароям, табақи мантую кабоб... хӯш, ки бошад, шишааш қатӣ... Вақти баромаданам ду-се кило гӯшт печонда, «насиби бачаҳо» гуфта, ба таҳи каш мегазонанд. Ба чор танга моҳонаи сабил нигарон шуда намешинем».

– Одам дуздӣ мекунам гӯяд, ба дузд мол каҳт не, – гуфтам ман аз он мард нафратам омада.

– Рост мегӯед, додар, – Оқилов суханашро давом дод: –Ҳозир ин хел дуздия дуздӣ ҳам намегӯянд. Бовар кунед, ҳеҷ айб не. Баъзеҳо даромад надошта бошед, писанд намекунанд, «одами ношуд, аз дасташ набиёд, чӣ кор кунад, барои сиркоталабӣ ҳам лабу лахча даркор», мегӯянд. Порсол дар чойхона мешиштем, як амаки дурам пурсид, ки дар куҷо кор мекунам. Гуфтам, ки дар матбаа. Ҳамон вақт дар матбаа дуредгар будам. Вай чӣ мегӯяд: «Ҳа, дуруст, ҳар рӯз дахта рӯзнома барорӣ ҳам, ду тинӣ-бист тин, пули як нон», – Оқилов хандидани маро дида, пурсид: – «Чӣ бовар намекунед? Нон занад... – Сонӣ ранҷида рафтани Ҷаводзода ба ёдаш расиду гуфт: – Муаллим ранҷиданд-чӣ? Ҳозир рафта аз дилашон мебарорам, – вай бо ҳамин суханҳо аз палата баромад.

Бегоҳӣ духтари Ҷаводзодаро дар таги дар дидаму вай хоҳиш кард, ки падарашро гӯям, бароянд.

Ҷаводзода, ҷойпӯшро ба сар кашида, пинак мерафтанд. Мӯйсафед ҳамин хел: гоҳе гапзадаравон хомӯш мешаванду сонияе нагузашта, фиш-фиши нафасгириашонро мешунавед. Ба сарашон рафта, оҳиста бедор кардам.

– Дар берун духтаратон ба шумо интизор. Бегоҳирӯзӣ хоб накунед, сари одам вазнин мешавад.

– Кӣ интизор гуфтед? – он кас чашмонашонро молида-молида паҳлӯ гаштанду такрор пурсиданд.

– Духтаратон.

– Ҳа-а, садқаи сар, – баъд барои хотирҷамъ кардани ман гуфтанд: – Парво накунед.

– Рафта гӯям, ки мунтазир бошанд ё?

– Парво накарда шиштан гиред. Монед, лаънатиҳо…

Ман дар ин гуна маврид чӣ хел рафтор карданро надониста ҳайрон мондам. Бо Ҷаводзода он қадар наздик ва роздон нестам, ки «чӣ гап шуд», гӯён пурсам, ё маънии ин гуна рафтори ӯро донам. Ба миёни падару духтар даромадан нағз не. Андешидам, ки боз ба дилаш ягон гап наояд. Гуфта намешавад. Сипас, ба сари миз нишаста, ба даст рӯзнома гирифтам. Чашмам ба рӯзномаву ҳушам ба духтари муаллим, ки падарро интизорӣ мекашид, банд буд. Аҷаб не, хавотир шавад. Ё гумон мебарад, ки ман ӯро фиреб кардам, омадани ӯро ба падараш нагуфтам. Рост мегӯянд, ки баъзан муйсафедон кӯдак барин инҷиқ мешаванд. Хайрият, ин лаҳза Оқилов аз дар даромад.

– Бароед, духтаратон нигарон, – вай рост ба сари муаллим омада, ба чашмони он кас маънидорона нигарист.

Ҷаводзода даст афшонда монд.

– Хезед, бароед-е! Шумо ҳам акнун ноз кунед! – вай рӯзномаро аз дасти муаллим чанг зада гирифт.

– Овора нашавед, намебароям. Баромада гӯед, ки равад.

– Нағз не, дилашон алағда мешавад.

– Дониста кор кунад!

Оқилов қадре хомӯш истоду баъд пурсид:

– Чӣ  мефармоед?

– Ҳеҷ чиз. Дигар наоянд.

– И-и, пирию хартозӣ! Кадом ҷин зад? Барои ҳамун?.

– Не, худам, ҳамту.

– Ҳамин ҳам гап шуд! Дилатон чӣ   мехоҳад?

– Гӯед, ки ҳеҷ чиз намехӯрдааст.

– Оббо.

Оқилов баромада рафту хеле вақт гум шуд. Баъд тугунча дар даст аз табассум даҳонаш ба гӯшаш расида, омад.

– Ана, манту, мана манту! Оҳ! Оҳ! Оҳ! Аз бӯи мурчу зирааш оби даҳонам шорид-е! Шумо беҳуда шаб боз табъа хира карда гаштед. Хайр, дасташон нарасидагист, ё гӯшти соз наёфтагистанд? Мешавад-дия, зиндагӣ. Агар пай бурда бошед, ҳафтаи гузашта келинатонро дашному хорӣ дода, ҳай кардам. Ӯсмаю сурмаи очааш намонд, гӯри ҳафт пушташ намонд, ҳақорат додам. Падарлаънат соати нӯҳи шаб омадаст! Аз раҳ нигаристан тори чашмам канда шуд. «Укаам аз мактабаш дер омад, кӯдакро ба кӣ монда биём?» мегӯяд. Рӯзи дигар омад, набаромадам. Хӯроки овардаашро фиристод, гирифта мондаму ҳеҷ чиз нагуфтам. Сонӣ нигарам, бечора таҳ-таҳи тирезаҳо чашм андохта, кофта гаштаст... Охир гиря кард... Қадри марда донад-дия!

Онҳо ба мантухӯрӣ нишастанд. Ман берун рафтанӣ будам, аммо намонданд. Ночор ду дона манту хӯрдаму сонӣ хӯроки тунд хӯрданам манъ аст, гӯён бархестам.

Табъам хира шуд. Чӣ  кор кунам, ба куҷо равам, духтари интизори муаллим ва зани таг-таги тирезаҳо

Оқиловро кофта гаштагӣ пеши чашмам меомад. Дар ҳақиқат муҳаббат ва садоқати занҳо ҳудуд надорад...

## 8. АЙЁМИ ИШҚ

Ба ҳама маълум аст, ки пойдории маънавӣ ва эътимодбахшии инсон дар муҳаббати ӯ ба зан зоҳир меёбад. Ҳамчунон борҳо хондаам ва шунидаам, ки муҳаббати зан, сарфи назар аз чигунагиаш рӯҳи инсонро баланд мекунад, болу пар мебахшад, нерую заковат медиҳад. Намедонам, ин маънӣ чӣ андоза дуруст аст, лекин муҳаббати Рухсора тамоми ҳастии маро ба худ тобеъ карда, намегузорад, ки ба ягон кори дигар ҷиддӣ машғул шавам. Аз бозе ки бо ин духтар сару кор дорам, гӯё доим дар тараддудам, ҳамеша мунтазири ягон ҳодисаи фавқулодда аҷиб рӯз мегузаронам. Чунон ки ба тамошои филми шавқоваре дода мешаведу тамоми ҳастиро фаромӯш мекунед, ман ҳам баъзан шабу рӯзҳои ошиқиамро ба филми дуру дарозе монанд мекунаму худ ба худ мегӯям, ки ин аҳвол поёне доштагист ва рӯзе мерасад, ки ман боз ба ҳаёти муқаррарӣ бармегардам... Не, ҳоло ман аз ин гуна бозгашт метарсам. Дилам мехост, ки ин «филм» тамом нашавад, беохир давом кунад...

Ман дар кафедра вазифаи ассистентиамро иҷро мекардам, вақти холиам ба омӯзиш ва таҳқиқи ҳашарот сарф мегашт. Аз қитъаи таҷрибавии институт як порча замин гирифтам, ба он баҳори оянда пахта мекорам ва бе истифодаи захр ба муқобил ҳашарот ҳашаротро ба кор андохтаниам.

Рухсора ба таҳсил шурӯъ карда, ҳоло аз духтарони фаъоли курсҳои якум ба ҳисоб меравад. Ман фақат аз як чиз хиҷил, алҳол гапи ману вай аз як ҷо намебарояд. Мо ба якдигар сидқан моилем, ба ҳар ҳол ман ба самимияти вай боварӣ дорам. Агар худи маро пурсед, ҳама фикру андеша, кору бор, орзую омоли ман аз ин духтар аст, ягон рӯзи ҳаётамро аз ӯ дуздида, сарфи шуғли дигар насохтам. Чашми ман фақат ӯро мебинад, гӯшам фақат садои ӯро мешунавад, саҳар аз бистари хоб бо умеди дидори ӯ бархеста, шаб бо хаёли рӯи вай сар ба болин мениҳам ...

Ману вай аҳён-аҳён танҳо ба танҳо вомехӯрем. Дар долони институт ва ё дар ягон гӯшаи ҳавлӣ, ошхона, қироатхона ӯ бо ман соате ҳамгап мешаваду дарҳол мегурезад. Ман ҳам чун дигарон бо ёри дилбохтаам ба сайр рафтан, шабҳо дар гулгаштҳои фараҳафзо бо ҳам нишаста, сӯҳбат кардан мехоҳам. Аммо чӣ илоҷ, ба қавли худаш, вай «ин хел имконият надорад». Аллакай падару модараш муомилаашро бо ман фаҳмида, дилашро сиёҳ кардаанд. Падараш ба назди ректор ҳам омадааст. Самеъзода рӯзе маро ба идораашон ҷеғ заданд. Дар кабинети фарох тамокукашон қадам зада, аз зисту зиндагиам пурсиданд, дар омади гап, аз аҳволи падару модарам, кию чӣ кора будани онҳо савол карданд. Ректор марди бағоят ҳайкалдор бошанд ҳам, чобукҳаракат, каме даҳансахт, аммо одами ростдил ва адолатпешаанд. Вақте ки муносибатамро бо Рухсора пурсиданд, буду шуди гапро гуфтам.

– Падараш хавотир шуда ба ин ҷо омад. Ба вай одам гап фаҳмондан мушкил барин, – гуфтанд Самеъзода суханамро шунида андешамандона. – Гуфтам, ки

якдигарро агар писандида бошанд, кори хуб, ҷавон меарзад... Аммо вай дар назди ман шартҳои худашро монда, гаранг карда нишаст. Аз институт ба ҳеҷ ҷои дигар наравад, аз шаҳр ҳавлӣ гирад, боз як дунё ултиматум. Бародар, гуфтам, ман барои шумо кистам, – ректор бо тамасхур хандида хомӯш монданд. Сонӣ ба ман рӯ оварданд: – Биё, аз баҳри ҳамин савдо гузар, – он кас якбора ба «ту-ту» гузашта, ҳукм карданд. – Дар институт агар тавонӣ, бегапу калоча хонадор шав. Не, агар кор ба ғавғою ҷанҷол гузарад, нағз намешавад, – ректор аз роҳгардӣ бозистода, ба рӯи ман зеҳн монданд. Ман нигоҳи норозиамро гурезондаму ҳарфе назадам. – Сари хамидаро шамшер набуридаст.

– Ҳар чӣ ҳам бошад, ту дар институт кор мекунӣ, вай шогирди ту, мардум ин ғавғоро шунида, чӣ мегӯянд?! – оташин мешуданд он кас. – Ҳар касе, ки дар ин ҷо кор мекунад, бояд шахси аз шубҳа пок бошад! Намегӯям, ки ту ба дӯстдорӣ ҳақ надорӣ. Марҳамат, хонадор шав, ҳамсаратро дӯст дор, аммо... – ректор бо ангушт ба рӯи миз таблакзанӣ карданд, ки маънии он, огоҳ мекунам, сонӣ аз ман наранҷ гуфтанашон буд.

Лаҳзае ҳар ду ҳам фикр карда мондем. Сонӣ он кас бо овози пасттар ва оҳанги дигар гуфтанд:

– Ба духтар каҳтӣ наомадаст, ягонта ба худат муносиб, духтари ҳозирзамонро ёфта, маъқул куну овозаю дарвоза накарда, ба пеши худам биё, худам хостгор мешавам. Тӯятро ҳам дар институт мегузаронем. Ҳамин хел як ҷавон, – ректор дасташонро шоф карда, ба ман ишора карданд, – афту башара дар ҷояш, қадду баст чор кас медидагӣ... Хӯш, ки бошад, мутахассиси даркорӣ, дар як институти калон кор кунию

барои як духтар ғавғо бардошта, ояндаи худро ҳеҷ карданат мумкин... Одам қадри худро надонад ҳам мушкил будааст! – Самеъзода бо таассуф сар ҷунбонданд, баъд рӯ турш карда, даст афшонданду ба ҷои худ нишастанд.

Ман он рӯз дар рӯ ба рӯи ректор нишаста, суханони он касро шунида, фикр мекардам, ки ҷиддан мегӯянд ё аз рӯи вазифадорӣ ҳамин хел гуфтанашон зарур аст, бинобар он, мегӯянд. Ҳар чи ҳам бошад, он кас ҳақиқати талхи зиндагиро бепарда ба ман гуфта буданд. Аммо ман ҳамон  рӯз суханони он касро шунида, дар дилам ба соддадилии ректор хандидам. Сонитар ин сӯҳбатро ба ёд оварда, гӯё ягон масъалаи дандоншиканеро ҳал мекарда бошам, фикр мекардам. Кӣ медонад, аҷаб не, ректор ҳам  ба тарзи худ ҳақ бошанд?

Ҳамон рӯзҳо ректор Рухсораро ҳам ба назди худ чеғ зада, насиҳат кардаанд. Суханони ба вай гуфтагиашон ҳам  ба нафъи мо набуд. Аммо фақат ману вай ҳис мекардем, ки ҷудоӣ чандон осон не, он барои мо баробари бадбахтии калон аст.

Бо вуҷуди ин, баъди гуфтугӯ бо ректор Рухсора хислатҳои аҷиб пайдо кард. Аз ҳар чиз, аз ҳар як духтару зане, ки бо ман ҳамгап медид, шубҳа мекарду фавран омада мегуфт, ки маро диданӣ, гапи зарур дорад. Баъд маълум мешуд, ки ҳеҷ  гапи зарур надораду фақат шубҳаю гумони беасос дили ӯро харошидааст.

Боре ман аз Рухсора пурсидам, ки чаро падару модараш хушбахтии моро намехоҳанд, нияташон чист?

– Надонам, – гуфт вай андешамандона сарашро ба як тараф андаке хам карда. Аммо аз авзоаш аён буд, ки медонад.

– Охир, худатон медонед, дар аввал муқобил набуданд, тағоятону апаатон омада, маро дида рафтанд...

Аввалҳои сентябр буд. Рӯзе Рухсора хабар овард, ки хешовандонаш омада, маро диданианд, фардоюпасфардо ба кор сарулибоси дурусттар пӯшида оям. «Гум кунед, ин кафша, – гуфт вай ба туфлии кӯҳнаи рангдодаи ман бо кароҳат нигариста. – Аз афташ пули ёфтагиатон ба ресторан меравад!» – вай ба чашми ман маломатомез нигарист. Чӣ ҳам гӯям, мисли дигарон вай ҳам гумон мекунад, ки ман дар донишгоҳи олӣ кор мекунам, моҳонаи калон дорам. «Онҳо тарафдори шумо, худатонро надида, маъқул... ба дадаам таъриф карданд. Аммо дадаам бо кадом як ҷӯраашон қудо мешавем, гуфтагӣ аз афташ. Вай бача дар Москва аспирант будаст. Боз кӣ медонад. Мумкин барои ҳамин дудилаанд», мегуфт вай. «Тағоям шуморо дида, гапзанон карданиaнд. Нашиносанд ҳам, ба дадаам тарафи шуморо гирифта, гап заданд. Гуфтанд, ки бачаи нағз будаст, нағз хондаст, ки ба ҳамин хел институт ба кор гирифта мондаанд». «Дадаатон чӣ гуфтанд?» – пурсидам ман. «Дадаам гуфтанд, ки... – вай лаҳзае ғулунгхоӣ карду сонӣ ночор иқрор намуд: – Гуфтанд, ки ҳеҷ касаш нест, танҳо, бе пуштупаноҳ... Сонӣ як рӯз духтарама мегираду ба қишлоқаш меравад... ман ба дидораш зор...» Вай аз гуфта пушаймон барин нигоҳашро аз нигоҳи ман гурезонда, бо нохунаш андармон шуд. Ман боз таҳқовӣ карда пурсидам: «Боз

чиҳо гуфтанд? Гӯед, ин фоида дорад, ман ба ҳамин нигоҳ карда, кор мекунам, ҳаракат менамоям, ки дилпур шаванд». Рухсора узромез ба рӯи ман нигариста, табассум кард, сонӣ ман боз ба исрор талаб кардаму гуфт: «Хайр, чӣ ҳам мегуфтанд... худаш танҳо, бекас, на хонаю ҷояш дар ин ҷо, на падару модараш... Зери боми осмон зиндагӣ карда намешавад-ку, гуфтанд... Э, гапи бисёр мезананд ҳамааша чинда мегардам-чӣ?!»

Ҳамаи ин гуфтугузори ғайритабииро ҷиддӣ дарк карда наметавонам. Ҳамаи ин гапҳои сохта, мазоҳу бутафория маро ҳайрон мекарданд, ақида ва принсипҳои касро зеру забар сохтанӣ мешуданд. Агар дар миён Рухсора намебуд, ман дар олам хотири ҳеҷ чизи дигар бо ин хел мардум сарукордор намегаштам. Рухсора бо рӯи хотир ва мулоҳизакории худ дасту пои маро бастааст. Бар замми ҳамаи ин гапҳо, худаш ҳам дили маро пайваста харош медод, ҳар замон хотирамро парешон мекард. Баъзан ӯро шинохта намешавад, монанди ҳавои баҳор ҳар нафас дигар мешавад. Агар имрӯз бо ман меҳрубон, ҳамчун бо дӯстдори худ боназокат муомила кунад, рӯзи дигар бесабаб аз ман рамида мегузашт. Чунон вонамуд мекард, ки маро дуруст намешиносад.

Чанд рӯз боз дар дилам гиреҳ карда гаштаам, ки ӯро ба мулоқот, ба ягон ҷои аз назари шиносҳо дуртар таклиф карда, батафсил гапзанон кунам. Аммо вай пагоҳу фардо гуфта, чап дода мегардад.

Оқибат, як шаби истироҳат мо дар хараки зери чинори калон нишаста, қариб ду соат гапзанон кардем. Шоху барги чинори солдида, ки ба осмон панҷа мезад, моро ба монанди чатри бузурге паноҳгоҳ гашта буд. Аз

ҳаво салқинии борон меомад. Ман пиҷакамро ба китфи Рухсора андохтам. Ду гесӯи дарозаш аз таги рӯймоли шоҳӣ лағҷида ба пасу пеш афтода, ӯро бағоят дилошӯб менамуд. Гесӯҳо аз нисф поён нобофта буд. Ба ёдам расид, ки пештар дар деҳаи мо занону духтарон фақат рӯзи азои сахт мӯяшонро кушода мепартофтанд.

Ман аз Рухсора талаб кардам, ки боҷуръаттар бошад, ба падараш фаҳмонад, мо самимӣ якдигарро дӯст медорем.

– Э, ба кадом руй мегӯям, ки маро ба фалонӣ диҳед? Ягон духтари тоҷик ин хел нагуфтаст!... Хайр, аҷаб не, дар шаҳр гӯянд, якзайл эътироз мекард вай.

Ман ба шӯхӣ гуфтам:

– Бед, ба ҳеҷ кас нафаҳмонда, ҳар ду аз қайди никоҳ мегузарем, аммо чунон ки будем, ба роҳи худ гаштан мегирем. Агар шуморо маҷбуран ба каси дигар доданӣ шаванд, мегӯед, ки ана, ман аз қайд гузаштагӣ!

– Аз даҳанатон шамол барад... Мурданам авлотар... Очаю додою хешу табора як тараф монед, ҳафт пушт авлодамон ба ман лаънат мегӯяд. Нагӯед, ки ҳатто нашунавам! Худо нигоҳ дорад!

– Хайр, бед ба ягон тараф баромада меравем. Ба ғайр аз шумо ба ман ҳеҷ чиз даркор не. Хоҳед, ба Мирзочӯл ё Қазоқистону Сибир, ба ҳар куҷо хоҳед... – боз бештар ҷуръат гирифтам.

Ин ҳам шӯхиҳои ба ғаши вай мерасидагӣ буд.

– Ҳим... Дадаю очаам духтарамо мурд гӯён азо мекушоянд, – ҷиддӣ ҷавоб медод вай гӯё ҳазлро нафаҳмида бошад.

– Баъди як-ду сол меоем, аз гуноҳамон мегузаранд.

– Ба дуои бади падару модар гирифтор нашавед. Одам дар дунё рӯзи равшан надида меравад,– гуфт вай бо андӯҳ, гӯё ман ҳозир ӯро бо худ гирифта мерафтагӣ бошам.

– Ба ҳамин гапҳо бовар мекунед? – хандидам ман.

– Бовар накарда ҳам бинед. Ба рӯи дадаю оча давидагиҳоро дидем-дия... Э, шумо ҳам чира медонед, фақат хондан қатӣ овора.

– Хайр, ин хел бошад, падаратонро розӣ кунед,

– Ҳунаратон бошад, шумо розӣ кунед.

Ҳарду ба чашми якдигар нигариста, ба бечорагиамон табассум мекунем. Аммо дар таги дили ман оташи умеди номаълуме пинҳон аст. Аз чӣ бошад дилпурам, боварӣ дорам, ки агар Рухсора аз ман рӯй натобад, чораи ин мушкил ёфт мешавад.

– Як бача аз мо ба шаҳр омада хонду аз ҳамин ҷо як духтара бурд. Тӯяш ҳам калон нашуд. Хайр, дар шаҳр тӯй додагист, гуфтанд. Сонитар фаҳмидем, ки дадаю очаи духтар розӣ набудааст вай худсарӣ карда, ба ин бача расидаст. Дадаю очааш ягон бор диданӣ наомаданд. Хайр, ду сол барин ҳар ду хонаю дар карданд, як духтарча ёфтанд. Арӯси нағзакак... Аммо ситорааш бо модари шавҳараш ҳеҷ рост наомад... Очаатон дуои бад кунад, ҳеҷ гап не, шираш мегардондаст, аммо агар дада дуои бад кунад, одам берӯзӣ мешавад, – гуфт вай ва бо андӯҳ оҳ кашид.

– Ба меҳнати муаллимон ҳайфам меояд, – ба нишони маломат сар ҷунбондам ман. – Дар дилатон ҳам ин қадар хурофот... тавба... Ин гапро дар назди дигарон нагӯед, ки механданд... Дар байни садҳо дилдодаҳо якта нимта бе дуои падару модар ҳам саҳв мекунанд. Ба

Инобат нигаред... ана, аз вай ибрат гиред. Бинед, чӣ хел духтар...

– Инобат маъқул бошанд, равед...

– Гап зану муомила шунав, – гуфтам ман ранҷидахотир.

– Ман ба шумо Манучеҳр барин шавед, нагуфтаам-ку! – бидиррас заду бо итоб димоғ тоб дода, аз ман рӯяшро гардонд.

Ба миён хомӯшие, ки одатан баъди гапгузаронӣ ва андаке озурдагӣ меафтад, афтод ва хеле тӯл ёфт.

– Хӯш, ман коре карда, падаратонро розӣ карданам даркор, фаҳмидам, – гуфтам ман оқибат муросоҷӯёна. Вай дар ҳолате, ки пушташ ба ман буд, табассум кард. – Лекин ба як шарт: шумо ба ман ёрӣ медиҳед.

– Чӣ хел ёрӣ? – рӯяшро ба тарафи ман нагардонда пурсид.

– Вақташ расад, мегӯям. – Сонӣ, нимшӯхию нимҷиддӣ гуфтам: – Эҳ, агар ҳозир даҳ ҳазор сӯм пул медоштам. Худам рост ба пеши дадаатон мерафтам.

– Эҳ-ҳа-а! Хобатона ба об гӯед! Дадаи ман қалин гуфта намурдаанд. Агар қалин гирифтанӣ мебуданд, ба хондан намефиристоданд. Чунон пул мерехтагиҳо буд… Ба хонаводаи нағз, ба ҷавони бамаънӣ доданианд. Шуморо кай медонанд, – нигоҳи лоқайди вай ба нуқтаи номаълуме дӯхта шуд ва ё чашмашро раҳ бурд, маълум набуд.

– Ин хел бошад, чӣ тавр худамро ба онҳо маъқул кунам? Худам равам, айб аст. Ё дадаам рафта, писари ман бачаи бамаънӣ гӯянд?

– Мазоҳ накунед, – гуфт вай ҳам он аз роҳ чашм наканда.

Баргеро дар банди зулфаш андармон дидаму даст дароз кардам, ки онро бигирам, вай бо ҳарос як қад парида, аз ҷояш хест.

– Боз ин чӣ гап? Маст-паст-ку нестед? Ман узр гуфта, фаҳмондам, ки барги хушкро аз мӯяш гирифтанӣ будам. Сонӣ, ҳар ду чӣ гуна якбора оҳубара барин ҷаҳидани ӯро муҳокима карда, бо завқ хандидем.

## 9. АҶАБ СИРУ САВДОҲО

Бо шавқи дил ба кор сар кардам. Ба машғулиятҳои семинарӣ пухта тайёрӣ медидам, кӯшиш мекардам, ки донишҷӯён аз ман қаноатманд бошанд. Аксарияти шогирдон ташнаи илм, толиби ҷустуҷӯ ва бозёфт буданд. Баъзан сухан мегуфтаму дар нигоҳи онҳо ифодаи ҳамфикрӣ ва шавқу рағбатро дида, ба ваҷҳ меомадам. Кӯшиш мекардам, ки машғулият ҳамеша пурмазмун ва шавқовар гузарад. Далелҳои бисёр, санаду ном ва иқтибосҳоро аз ёд гуфтанам, ба шогирдон таъсир мекард, зеҳнашонро ковиш дода, илҳом мебахшид. Онҳо ба рағбат омада, китобҳои гуногунеро, ки ман аз онҳо нақл мекардам, ҷуста меёфтанд, мехонданд. Рости гап, ман аз ин фан дар имтиҳон баҳои аъло гирифта бошам ҳам, нимкора бохабар будааму бас. Акнун дар давоми тайёрӣ ба дарс ман ба таври бояду шояд ин фанро омӯхтам. Ҳоло шогирдон ҳам дигар хел. Якчанд сол пеш аз ин ба илми растанишиносӣ шавқмандон зиёд набуданд. Беҳтарин шогирдони мактабҳои миёна ба факултетҳои гуманитарӣ, техникӣ ва тиббӣ мерафтанд. Илми биология он эътибореро, ки дар асри гузашта, баъди кашфиёти бузурги Луи Пастер ва Роберт Кох

шарафёб гашта буд, кам-кам аз даст медод. Имрӯз, махсусан пешрафти илмҳои генетика ва биохимия, аз сари нав ҷавонони қобилиятнокро ба факултетҳои биологӣ шавқманд кард. Албатта, талаботи ҷамъият ҳам бетаъсир нест.

Ҷидду ҷаҳди шогирдон маро хурсанд мекард. Андешаю хулосаҳои аксари онҳо қолибзадаю пеши по афтода набуд. Муаллим шогирди қобилиятнокро аз беқобилият зуд фарқ мекардааст. Одами соҳибистеъдод бештар ҷиҳатҳои торик ва ҳанӯз номаълуми ягон масъаларо гӯяд, шахси беистеъдод баръакс, фақат он чизҳоеро мегӯяд, ки кайҳо исбот шуда, дар он ҷои шубҳа намондааст. Омӯзиш ва ҷустуҷӯи ҷавонони аз худам се-чор сол хурд ва қисме ҳамсол табиист, ки маро тамом ба худ ҷазб мекард. Онҳо андеша ва таклифҳои ҷиддӣ, баъзан аҷиб ва бебокона пешкаш мекарданд. Ин ҷавонони дорои маънавиёти ҷасур аз рӯирост гуфтани тахмину фаразияи худ ибо намекарданд, бо маслиҳату машварат, баҳсу талош дар куҷо бинанд, бемалол ба наздам меомаданд.

Баъзан кас ҳайрон мешавад. Ҳамкорон сад кори савобатонро намебинанду як ғалататонро парчам мекунанд. Ба кас алам мекунад. Сахтгирию серталабии ман ба як қисм донишҷӯён ва муаллимон хуш наомаду эътироз карданд. Пеш аз ин, барои баҳои баъзеҳоро паст монданам Исрофилзода ва Обидӣ чанд бор ба ман гапгузаронӣ карда буданд, аммо ман садои виҷдонамро хомӯш карда натавонистам. Ба онҳо як хол зиёд монам, ба дигарон ҷабр мешавад. Баъди ин гуна беадолатӣ чӣ хел ба рӯи онҳо менигарам?! Не, барои муаллим адолат силоҳи аз ҳама зарур, бе он вай ҳеҷ аст... Ман

донишҷӯёни норозиашонро дубора санҷидам. Ба варсоқигӯӣ одат кардаанд, дониши аниқ надоранд. Сипас, якчанд нафар ин гуна баҳои паст гирифтагиҳо бо шикоят ба декан рафтаанду муаллимони мазкур даъвои онҳоро қувват додаанд. Гӯё ман китобҳои дар қуттии аттор набудагиро бар хондан ба онҳо тавсия додаам ва саволҳои ман ҳам берун аз барномаи таълим будааст ва ғайра ва ҳоказо. Ҳамон вақт декан ба онҳо чӣ ҷавоб доданаш ба ман торик монд. Сонитар Наимӣ дар як машварати муаллимон ақидаи онҳоро дар бобати тавсияи китобҳо танқид карда, тариқи кори маро тарафдорӣ намуд.

Баъди як ҳодисаи дигар онҳо дар ин хусус аз сари даъво гузаштанд. Воқеа ин тавр шуд: рӯзе ба хонаи муаллимон даромадам, ки декан Обидӣ ва Солеҳовро ба чӣ коре розӣ карданӣ мешуд.

– Худатон медонед, дина аз курорт омадам. Ба ғайр аз ин, ман намефаҳмам, барои чӣ яку-якбора ба дарси ман медаромадаанд? Мо аз конкурс гузаштагӣ... – Обидӣ дар курсии роҳат нишаста, зону ба зону зада буд.

– Маҳз ба дарси шумо даромаданӣ нестанд, омадаанд, ки бо кори мо шинос шаванд. Ҳозир дарси шумо будаст, – ҷавоб дод Наимӣ. Аммо гапи Обидӣ дар хусуси конкурс ба декан сахт расид магар, баъди лаҳзае бо ҷадвали дарс андармон шудан гуфтанд: – Ду дафъа боз ҳамин ки конкурс сар шуд, шумо бемор мешавед-ку, домулло…

– Ана, ба дарси ин кас дароянд, – Солеҳов гардани дарозашро монанди мурғобӣ ёзонда, ба ман ишора кард.

– Охир, ин кас ассистент, машғулияти семинарӣ мегузаранд. Шумо муаллимони ботаҷриба истода, ба дарси ассистенти навкор таклиф кунем, ректор чӣ мегӯянд? – зарда кард Наимӣ.

– Э, намоянда ба дарси мо даромада чӣ мегӯяд? Акнун ба мо ақл ёд додан бефоида. Ҷавонон гапи дигар. Инҳоро тарбия кардан даркор. Аз маслиҳати нағз як дунё баҳра мегиранд, – гуфт Обидӣ монанди ҳамеша ба рӯи ман нигоҳ накарда. Ин одам чунон бо виқор мегардад, ки салом диҳед, ба зӯр сар ҷунбонда мегузараду нигоҳ намекунад, ки салом додагӣ кӣ буд. Вай маро ҳам ҳанӯз аз қатори донишҷӯён набаровардааст, ягон бор ба рӯям нигоҳ намекунад.

– Наврӯзов, дарс доред? – Наимӣ ноумедона оҳе кашиду ба ман рӯ овард.

– Соати аввал буд, гузаштам.

– Ба ҷои ман дароянд, – зуд чораҷӯӣ кард Обидӣ.

Наимӣ лаҳзае хаёл карду сонӣ гуфт:

– Тайёр шавед, ба курси якум ба ҷои домулло дароед. Танаффус шавад, донишҷӯёнро огоҳ кунед, комиссия медарояд. Аз академия олимон омадагӣ, – декан ба чашмам нигариста, «оё ту тайёрӣ?» гуфтагӣ барин табассум карданду сипас барои тасаллии дил таъкид намуданд: – Барои шумо ин имтиҳони ҷиддӣ. Дар ин хел маврид худатонро нишон диҳед.

– Барои ин кас сабақ мешавад, аз маслиҳатҳои онҳо баҳра мегиранд, – ҳамон ба тарафи ман нанигариста, ғурунгос зад Обидӣ. Ҳоло вай тану тӯши ниҳоят фарбеҳашро ба курсии роҳат партофта, бемалол сигарет дуд мекард.

Ёдам омад, ки чӣ гуна Обидӣ ба мо дар курси сеюм дарс мегуфту боре мудири кафедра бо як нафар меҳмон ба дарс даромаданд. Аслан, ин корашон чандон дуруст не, пешакӣ таъкид накарда, яку якбора даромада, муаллимро саросема карданд. Обидӣ мавзӯи аз дафтар хонда истодаашро ба як сӯ монду шаракқӣ гапро ба аҳамияти яхобмонӣ бурда, аз ин хусус гап задан гирифт. Мо ҳамаамон медонистем, ки яхобмонӣ мавзӯи рисолаи номзадии муаллим аст ва онро гаштаю баргашта шунида, безор шуда будем.

Вақте ки Ҷӯразода меҳмонро гирифта, ҳамроҳи ман ба синф даромаданд, рости гап аввал дасту по хӯрда, ду-се дақиқа худамро гум кардам, нафас дар гулӯям печида, суханам нимғурма мебаромад. Хайрият, сонӣ худро ба даст гирифтаму машғулият нағз гузашт. Дар танаффус ба хонаи муаллимон даромадам, меҳмон бархоста ба назди ман омад, дастамро фишурда ҳолҷӯӣ кард ва қаноатмандона ба Ҷӯразода гуфт:

– Муаллими нағз мешаванд. Мавзӯъ диҳед, кор кунанд. Ба кори илмӣ ҷалб кунед... – Сонӣ ба ман рӯ оварда гуфт: – Агар хоҳед, ба аспирантураи институти мо биёед.

Ташаккур кардаму гуфтам, ки дар ин хусус бо муаллимам маслиҳат мекунам ва ба Ҷӯразода ишорат намудам.

Баъди чанд рӯз Ҷӯразода ҳам он таклифи меҳмонро ба хотир оварда гуфтанд:

– Ин хел таклиф гирифтан барои ҳар як мутахассиси ҷавон мукофоти калон аст, аммо ин мукофотро ба шумо намедиҳем. Шумо дар ин ҷо зарууртар.

Вале аз қадамҳои аввал маълум буд, ки муҳити маънавии ҳозира дар институт густохию баъзе худсариҳои маро намепарварад. Ман аксар дар олами андешаҳои худ, нисбат ба атрофиён беэътино муомила мекунам, ки инро аллакай нафоронда истодаанд. Рафиқам Манучеҳр, ки панҷ сол ҳамроҳ дар як курс хондему хислати маро нағз медонад, баъзан омада, маро насиҳат мекунад. Ҳис мекунам, ки вай гапҳои дигаронро дар ҳаққи ман шунида, сари вақт огоҳ карданӣ аст. Аммо чӣ чора, одамизод аз ақида ва бинишу фаҳмиши худ ба осонӣ даст намекашад. Баъзан дилтанг мешаваму фарёд карданам меояд: маро ба ҳоли худ монед!

Бо донишҷӯёни курси дуюм машғулияти семинарӣ доштам. Сардори ин гурӯҳ дар институт яке аз ҷавонони фаъолу ташкилотчӣ буда, қариб ягон ҷамъомад ва чорабинии донишҷӯёни факултет бе фаъолияти вай намегузашт. Дар аввал ба машғулияти ман иштирок накард, сабаб овард, ки бо ким-чӣ хел чорабиниҳо машғул аст. Сонӣ, дар яке аз машғулиятҳо ба саволе ҷавоб доданашро хоҳиш кардам. Маълум шуд, ки вай тамоман аз ин гапу корҳо бехабар, ба дасташ китоб нагирифтааст. Аз дилпурии беасоси вай ман ҳайрон, аз ҷасорату бебокии ман вай дар таажҷуб буд. Баҳои «ғайри қаноатбахш» монда, гуфтам, ки ҳамаи мавзӯъҳоро пурсида, сонӣ баҳояшро ислоҳ мекунам. Ҷои он, ки дар пеши синф ҳамчун сардор барои семинарро тайёр накарданаш шарм кунад, баръакс вай бо ситеза ба ман тундӣ кард. Ҳайрон шудам.

Ин гуна гуфтушунид байни муаллим ва донишҷӯ рӯй доданаш ҳеҷ аҷобате надорад. Баъзе ҷавонони

кундзеҳну худписанд барои бе барориашон аксар аз муаллимон домангиранд.

Лекин аз миён муддати дарозе нагузашта буд, ки ман маҷбур шудам ин воқеаро боз ба ёд орам. Ба ёд орам, ки чӣ гуна Исрофилзода барин муаллим «обрӯи сардори гурӯҳро нигоҳ доштан даркор, ба он кас сахт нарасед» гуфту ман нописандӣ кардам. Сухани онҳоро ба замин задан чӣ маънӣ дорад, сонитар фаҳмидам. Аммо чӣ илоҷ, ман ҳамон вақт ҳам, баъд аз ин ҳам дигар хел рафтор карда наметавонистам. Агар гӯянд, ки ҳаётатро аз дигар сар кун, ман боз ҳам ин муомиларо такрор мекунам.

## 10. МАНУЧЕҲР

Агар ман дар дунё ба касе ҳасад бурда бошам, ҳамин Манучеҳр, рафиқи ҳамкурсам. Дар соатҳои дилтангӣ борҳо ӯро ба ёд оварда, таскин ёфтаам. Мо – ҳама кор мекунем, мехонем, фикр мекунем, аз баҳсу талош, аз бедардию фориғболии одамон, баъзан аз пичингу киноя, аз нигоҳҳои ғаразнок дилтанг ва асабонӣ мешавем ва оқибат дар поёни рӯз хастаю лакот гашта, ба хонаҳои худ паноҳ мебарем. Мо хурсандӣ намекунем ва хушнудӣ намеҷӯем. Аммо Манучеҳр гапи дигар! Вай аз ин доира берун, вай мудом барои худ василаи хурсандӣ ёфта метавонад. Ман дар давоми чандинсола шиносоӣ хандаи беғубори баъзе одамонро надидаам. Гӯё мардум хандиданро фаромӯш кардаанд. Баъзан мебинед, ки одамон заҳрханда мекунанд, писханд мезананд, лаб каҷ менамоянд, аммо хандае, ки аз дили кас гиреҳ кушояд, кам ба гӯш мерасад... Ҳайвон намехандад, мурғон ҳам

хандида наметавонанд, фақат одам хандида метавонад, аммо ку он ханда?! Аз одамони атрофи ман фақат Манучеҳр, ба қадре ки барои инсон зарур аст, механдад. Муаллим Ҷӯразода ҳам агар аз ягон чиз ба ваҷд оянд, кӯдаквор печутоб хӯрда механданд, аммо аҳён-аҳён ин хел ҳолат рӯй медиҳад. Ёд дорам, боре чӣ гуна мӯрчаҳоро мушоҳида карданамро гуфтам. Мӯрчаҳо ҷасади мурдаашонро аз хона дур меандозанд. Барои таҷриба ман аввал мӯрчаеро нимҷон карда, ба назди мӯрчахона мондам. Мӯрчаҳо ба вай кордор нашуданд. Онҳо ба мӯрчаи навмурда ҳам эътибор надоданд. Аммо мурдаи кӯҳнаро фавран аз мӯрчахона дур меандозанд. Ман мӯрчаеро ба даруни мурдаҳои кӯҳна андохтам ва баъди чанд муддат онро озод кардам. Ҳамин ки мӯрчаяк ба хона наздик шуд, ду-се тан аз ҳамҷинсонаш ӯро кашолакунон ба ҷои мурдапартоӣ бурда, партофтанд. Мӯрчаяк боз баргашта омад, вале онҳо ӯро боз ба «гӯристон» оварданд. Аз мӯрчаяк ғолибан бӯи мурда меомад, ки ҳамҷинсонаш то хеле ӯро ба хона наздик шудан намонданд. Инстинкт... Ҷӯразода инро шунида, чунон ба завқ хандиданд, ки мабодо нафасгир мешаванд, гӯён тарсидам.

Манучеҳр тобистон баъди дипломашро гирифтан ба кор таъинот гирифта рафту баъди як моҳ боз дар институт пайдо шуд. Гуфт, ки ба аспирантура дохил шуданӣ. Бо ҳамин дар як гӯшаи донишгоҳ даробаро карда гаштаст.

Ин бегоҳӣ дилтангона чӣ кор карданамро намедонистам. Ба куҷо равам, ки камтар дилам кушода шавад, гӯён ҳайрон будам. Кафею ресторан барои серпулҳо ҷои дилхушӣ аст. Баъди супоридани имтиҳони

давлатӣ чор кас як бор даромада, кам-кам аз шаробаш нӯшидему сонӣ пуламон нарасида, қариб шарманда шуда будем, ки хайрият, аз факултети ветеринарӣ як бача даромада омаду аз вай қарз карда ҳисобу китоб кардем. Пештар чойхона  ҷои сӯҳбату вохӯрӣ, ҷои истироҳату дилкушоӣ буд. Ҳар як маҳалла чойхона дошт, мардон аз кор омада, бегоҳӣ вақташон холӣ бошад, ба чойхона мебаромаданд. Сӯҳбат, чақ-чақ, ошхӯрию ошпазӣ, муҳокимаи хабару воқеаҳои нав, шоҳмотбозӣ, рӯзномахонӣ, хулласи калом, чойхона вазифаи чандин муассисаи имрӯзаро анҷом медод. Ба назари баъзеҳо ҳамин чойхона  ҳам нишонаи феодализм барин намуду пасопеш дарашро бастан гирифтанд. Якта-нимта мондагиашро ҳам аз маҳаллаҳо дур бурда, боз чунон модернизатсия кардаанд, ки ҳеҷ напурсед... Чойхона  гӯянд, оҳангсози пир Самимӣ ба ёд меоянд. Дар кадом мавзӯъ гап зананд, дар суханашон «чойхона» ҳаст:  «Дина аз чойхона  баромадам, ки...», «дар чойхона менишастам, ки...» ва «як бегоҳ ба чойхона  набаромада, дар хона менишастам, ки...». Рӯзе шӯрои бадеии Иттифоқи бастакорон операи нави як бастакори ҷавонро муҳокима мекардааст. Оҳангсозон ба асари нави ҳамкасби ҷавони худ хеле эродҳои ҷиддӣ гирифтаанд. Сонӣ мӯйсафед Самимӣ сухан гирифта, боз гап аз чойхона  сар кардаанд: «Гӯш кун, ман ба ту ҳанӯз ду моҳ пештар дар чойхона  гуфта будам…» Чунон ханда шудаст, ки ҳеҷ  монед.

Ман бо ҳамин андешаҳо беихтиёр рафта, хонаи Манучеҳрро кӯфтам. Вай дар назди оина пасу пеш гашта, либоси пӯшидаашро бо диққат аз назар мегузаронд. Агар ҳозир гӯянд, ки шаҳрро сел мебарад,

вай бофурча либосашро мепӯшад. Дар либоспӯшию либоскашӣ шитоб кардани ӯро ман дар тасаввур ғунҷонда наметавонам.

– Марҳабо-о-о, эй ҷӯраи ҷон, марҳабо-о-о! – аз рӯи одат вай бо созу тарона, артиствор даст кушода, ба таъзим хаму рост шуда, маро пешвоз гирифт. – Аҳволи шариф? Табъи латиф?

– Дилтангам, чӣ кор карданамро надониста, ба хонаи ту сар халондам. Хайрият гӯям, ё ба ягон ҷо равонаӣ?

– Ман омадаам ба хонаи ту, эй дӯст, куҷо равонаӣ ту? – ин дафъа ҷавоб аз ким-кадом як опера омад. – Ман на фақат камар бастаю дасту остин бар зада, ҳатто бандҳои туфлиамро аз се ҷояш сахтакак баста, ба хизмати ту ҳозиру нозирам, ҷӯраҷон! Баъд вай аз мӯю рӯй ва сару танаш қаноатманд шуд магар, дар рӯ ба рӯи ман ба курсӣ нишасту ба чашмонам чашм дӯхт: – Хӯш, ба куҷо? Ба боғ? Ракс мешавад. Намехоҳӣ. Маълум. Рақсида наметавонӣ. Шарм медорӣ. Сонӣ... аз ун кас ҳам метарсӣ.

– Ман гуруснаам. Аввал ба ягон ошхона даромада, хӯрок хӯрем-чӣ? Ана, сонӣ ба маслиҳат ягон кор мекунем. Мусулмонӣ ба шикамсерӣ, мегӯянд.

– Э, барвақттар ҳамин гапатро намегӯӣ! Ҳатто банди туфлия набаста, аз хона мебаромадам! – вай гапҳоро ба як оҳанги махсуси худаш, на ҷиддии ҷиддӣ, на ҳазломез чунон мегӯяд, ки нахандида илоҷатон нест. – Шаби якшанбеи беташвиш, ду шиша пиво, ё ягон... «шишаи май дур аз он лабҳои майгун мегирист, то дили худро каме холӣ кунад, хун мегирист», – боз ба тараннум даромад вай.

Мо ба ошхонаи боғ рафтем.

Ман раҳорах гӯшам ба сухани Манучеҳр, худ ба худ фикр мекардам. Манучеҳр ҳам аз ягон нобарорӣ, нокомӣ ва ё беадолатӣ ғамгин мешуда бошад? Дар давоми панҷ сол ягон бор дар ҷабини вай гиреҳ надидаам. Осмон ба замин фурӯ афтад, ҳайрон мешавад, балки «аҷоиб» мегӯяд, аммо афсӯс гуфтанаш даргумон. Тавба, агар вай ба духтаре ошиқ шаваду маҳбубааш Рухсора барин бошад, «худат ошиқ шудӣ, худат сарҳисобата ёб» гӯяд, чӣ кор мекарда бошад?.. Ба ошиқ шудани Манучехр ҳеҷ кас бовар намекунад. Ба ягон духтар ҷазман ошиқ шуданаш ҳам даргумон. Ишқаш ҳам масхарабозӣ... Инобат қатӣ як-ду бор дидам.

– Ҳой, агар ман қатӣ мегаштагӣ бошӣ, ҳушата ба ман кун! – китфаш қатӣ маро такон доду риштаи хаёламро бурид вай.

– Мегӯянд, ки ту бераҳбари илмӣ мондаӣ? – худро ба даст гирифтаму бештар барои он ки ягон чиз гӯям, аз вай пурсидам.

– Ҳеҷ гап не, сар амон бошад, тоқӣ ёфт мешавад. Ҳозир ба корҳои дигар бандам.

– Чӣ хел корҳои дигар? Агар махфӣ набошад?

– Маҳфили ҳаваскорон, – вай ҳайрон шудани маро дида, гӯё шарҳ дод: – Ҳаваскорони санъати нафиса.

Ман бо тааҷҷуб ба рӯи вай нигаристам.

– Чӣ, ганда аст?

– Надонам, – гуфтам ман ҳайратам афзуда, сонӣ ақидаамро баён кардам: – Охир ту олим шуданӣ, ягон маҳфили илмиро ба зимма гир.

– Ҳамин қадар дилхун шуда хонаму боз дар маҳфил ҳам гапи илм?.. Не-е, ин қадараш ба мо ҷудо вазнинӣ мекунад. Ту баринҳо дар институт кам не.

Ман хандида ба тасдиқ сар ҷунбондам, яъне, гап зан, гуфтам.

– Хайр, ту аз дусар дилат пур, ки як рӯз хиёбони холии институтро ҳайкалат оро медиҳад. Аммо ман чӣ?

– Ин чӣ гуфтагиат? Боз ин гап аз куҷо?

Пай бурдам, ки дар таги ин гапи ҳазлона гуфтагии вай ягон дард ҳаст.

– Надонам, мардум гап мезананд. Ба ту «ҷигари институт» лақаб додаанд. Аз семинари ту баҳои дуруст гирифтан мушкил будаст. Хусусан, аълочиёнро чашми дидан надоштаӣ. Стипендияашон қариб баробари моҳонаи ман гӯён ҳасад мебурдаӣ.

– Манучеҳр! Ҷӯра, ҳазл ҳам ба эбаш! – якбора аз қаҳр ларзидам.

– Ҳай-ҳай, худатро дор! – қоҳ-қоҳ зада хандид вай. – Аз ман домангир нашав, ҷӯра, ин гапҳоро аз дигарон шунидаму қаҳрам омада, ту барин ба якта-дутааш дарафтоданӣ шудам. Баъд худ ба худ гуфтам, ки канӣ, аввал аз худаш як даҳан пурсам. Мегӯянд, ки ҳатто гапи муаллимони калонро ба инобат намегирифтаӣ? Боз гапи мӯл... Ана, дар бораи вай... – ба ишораи чашму абрӯ «маҳбубаат» гуфт.

– Агар ба ғайбати мардум гӯш кунӣ, гап бисёр, — гуфтам ман чӣ ҷавоб доданамро надониста.

Дилам ғаш буд, бештар ғаш кард. Ин гапҳо барои одами каму беш таҷрибаи зиндагӣ доштагӣ огоҳии ҷиддӣ буд, аммо ҳамон вақт онро дуруст андешида, хулоса бардоштан ба ёдам ҳам наомад. Чунон ки мегӯянд, аз ин гӯшам даромаду аз он гӯшам баромад.

Пешхизмати ошхона хӯрок овард, хӯрокро хӯрдем, Манучеҳр дар бораи кадом ҳофизи ҷавон ҷоғ зад, аммо

ман хотирпарешон менишастаму ба ҷуз тасдиқу инкор ҳарфе намезадам.

– Хайр, биё мон, бало ба пасашон. Бигӯ, кай тӯй мекунӣ? Як бор шикамсерӣ коняк зада, муддаои табъ рақсам! – вай дар ҷои нишастагиаш бо шавқ ба рақс даст кушода, китфҳояшро моҳирона ларзонд.

– Ту ба ман маслиҳат деҳ, чӣ кор кунам? Бо ин духтар сарҳисоби корамро гум кардам... – аз гап гап бароядӯ шояд ягон маслиҳати дуруст диҳад гуфта, аз вазъи муносибатам бо Рухсора ӯро хабардор кардам. Дар охир таъкид намудам: – Барои ман фақат як роҳи ҳалли ин мушкил ҳасту бас, ин ҳам дили падару модари ӯро ёфта, илоҷе сохта, онҳоро розӣ кардан.

– Дар ин ҷо, дар шаҳр истода, ҳеҷ кор карда намешавад, – гуфт вай қатъӣ, гӯё илоҷи корро аниқ медониста бошад. – Меравем. Ба Ҳалқасой рафта, интур аз чапу росташ гузашта, бинем, канӣ. Чӣ кор кардан даркор сонӣ маълум мешавад.

– О, ману ту ба он ҷо чӣ гӯён меравем?

– Парво накун... Меравем. Ту баҳузур дар чойхона чой хӯрда мешинӣ. Ман худам мефаҳмам. Ягон хешу табори гапфаҳм доштагист? Корро аз вай сар мекунем. Хӯш, ба ман нигар... сару либоси дурусттар пӯшиданат даркор! Сонӣ, ман туро ба онҳо номзади илм мегӯям, боз ту...

– Не, не, илтимос, бе ҳамин хел «нағмаҳо».

– Ба ин аҳвол як умр азобата кашида гард! – вай дақиқае димоғ тоб дода нишасту сонӣ маслиҳатомез гап сар кард: – Ҳой, Вафо, ҷӯраҷон, дар ин хел маврид камтар рангу бор дода, воҳима накунӣ, намешавад. Як мақол ҳаст-ку, бепардоз очаата ба додот нишон нате,

мегӯянд. Гумонат гапу кори Лайлию Маҷнун ҳамааш рост аст? Нисфаш дурӯғ.

– Не, дӯстам, бедурӯғ, бе ваъдаҳои пуч.

– Шуд! Аммо як имконият аз даст рафт, – баъд замзама сар кард: – Ваъдаҳо-о, ваъдаҳои ширинат... Хӯш, кай меравем? Пагоҳ равем-чӣ? Рӯзи истироҳат, бекорӣ, а?

– Майлаш. Аммо ба куҷо, ба назди кӣ меравем, таъин не, – боз шубҳаи худро гуфтам.

– Э, парво накун! Оба бину мӯзая каш, гуфтаанд. Ба деҳааш равем канӣ. Пурсуҷӯ карда, одами даркориамонро меёбем. Гап якта: пагоҳ рафтем! «Рафтем аз ин боғ ҳаҷри ту ҳосил...доғи ҷудоӣ...»

– Рухсораро хабардор накунам?

– Не-е, корро вайрон мекунӣ. Чӣ, вай рафта талабгорони ман меоянд, пешвоз гиред, мегӯяд?! – заҳрханда кард Манучеҳр.

– Аз эҳтиёт пурсидам-дия, – баъди хеле хомӯшӣ гуфтам: – Ё ягон одами калонсолтарро ҳамроҳ гирем?

– Мо хостгорӣ намеравем-ку, чӣ даркор? Ин ҳамту, разведка... Натарс, ба ту барин ҷавон ҷон гуфта духтарашро медиҳад. Як бор худата нишон доданат даркор, фаҳмидӣ?

Ҳамин тариқ, Манучеҳр маро дилпур карду ҳар ду ба Ҳалқасой рафтанӣ шудем.

## 11. ОСТОНАИ ДУХТАРДОР БАЛАНД АСТ!

«...Агар дар зиндагӣ буду нобудамро ба гарав монда, ҳақиқатро гӯям, қадами одилонае бардошта, дасти афтодаеро гирам, аз ҳаёт розӣ, хурсанд ва хушбахт

мебудам». Ин суханон аз рӯзномаи солҳои донишҷӯиам. Онро қариб чор сол пеш аз ин навиштаам. Дар он айём чӣ идеалҳои олӣ, чӣ орзуҳои баланд доштанамро имрӯз ба хотир оварам, аз хиҷолат таб мебарорам. Чаро андешаҳои пешинаам ҳоло хандаовар ва содалавҳона менамоянд? Чаро ин хел? Чаро аз хурдӣ чашми моро ба зиндагии воқеӣ намекушоянду дар тасаввури мо ҳама корро осон, ҳаётро бемонеа ҷилва медиҳанд? Дар натиҷа аз қадами аввал дар зиндагӣ ба чунон кашмакаше дучор мешавед, ки сарҳисобатонро гум мекунед! Дирӯзакак ба суханони маслиҳатомези ректор дар дил хандида будам. Як моҳ нагузаштаст! Имрӯз мегӯям, ки баъзе суханони он кас ҷон доштагӣ барин. Муаллимон, раҳбарон, аксар шиносҳо аз дилбастагии ман ба Рухсора хабар ёфта, ҳардуямонро ҳам нафоронда истодаанд. Маро бештар, ӯро камтар, маро андаке пинҳонӣ, ӯро ошкоро.

То имрӯз Рухсора аз донишҷӯёни умедбахш буд, аммо ҳоло кам-кам аз назар афтода истодааст. Мегӯяд, ки баъзеҳо ӯро хуш намекунанд, ким-чӣ хел заҳрханда ва муомилаи сард доранд. Сабаби ин гуна муомиларо ман намефаҳмам. Ба рашк монанд ягон чиз будагист мегӯям. Ё ҳамту, аз рӯи одат бошад, кӣ медонад. Бадии кор дар он ки ин хел муомилаи онҳоро худи Рухсора пай бурдааст. Ман намехоҳам, ки вай аз институт, аз атрофиён дилмонда шавад ва як умр айёми донишҷӯии худро бо озурдагӣ ба ёд оварад. Не, вай бояд дар дил нисбат ба одамон кудурате надошта бошад, ба некӣ ва накӯкории мардум, ба адолати ҳаёт бовар кунад.

Бале, инҳо ҳама харалу марали ночизанд ва набояд маро ба гирдоби худ кашида, аз роҳи равиши асосиам берун кунанд. Аз дусар, бадкорию бадгумонӣ кӯшиши

бенатиҷа ва бемаънӣ, як рафтори ба худи ин одамон зарарнок аст.

Ба Ҳалқасой рафтани ману Манучеҳр сирф зиёни корамон гардид. Ба гуфтани шарҳи он ғавғо забон намегардад. Дар ҳавлии тағои Рухсора моро миёнагир карда, чунон суханони пасту баланд гуфтанд, чунон беобрӯ карданд, ки поямонро кашола карда, ба азобе баромада омадем. Қумғон барин муштҳояшонро ба таги биниамон оварда, дӯғу дабара кардани калонсолон кам набуд, ки ба кӯча бароем, аз қафоямон бачаҳо сангғурронӣ карда, сагонро гиркиш дода, то хеле роҳ оварда монданд. Мо ба истгоҳи автобус набаромада, аз байни боғу киштзорҳо гузашта ба сӯи шаҳр роҳ гирифтем. Истгоҳи автобус дар маркази деҳа, дар ҷои серодам. Мо тарсидем, ки мабодо бачаҳо моро дар байни мардум беобрӯ кунанд.

Ман ҳушу беҳуш қадам мемондам. Дунё дар назарам торик, ҳаёту зиндагӣ — бешафқат, аз ҳастиам нафрат мекардам. Ба ман чунин менамуд, ҳеҷ як ҷавонмарди баномус ба ин хел хорӣ тан намедиҳад. Бояд ягон кор кунам, аммо чӣ кор карданамро намедонистам. Манучеҳр дашном қатӣ дилашро холӣ мекард. На гӯри падару бобояшон монд, на ӯсмаю сурмаи модару модаркалонашон, ҳамаро олуда кард. Оқибат, аламаш паст нашуд магар, ба ман рӯ овард:

– Ба ман нигар, Вафо, баъди ин қадар гапу кор, наход ки боз бо инҳо хешу табор шавӣ?! – вай ба чашми ман нигариста мазмун гирифтанӣ шуд. Сипас хомӯш мондани маро дида гуфт: – Намешавад, дурри ноёб бошад ҳам, аз баҳраш баро! Вай хоҳараш чиҳо гуфт... Аслан ба ту ҳайронам, ба куҷои вай ин қадар шайдо

шудӣ? Агар ту майл кунӣ, беҳтарин духтари институтро мегирӣ. Беҳазл мегӯям. Хайр, худат медонӣ, духтарони курсамон чӣ хел ба ту дом мепартофтанд... Санавбар омада буд. Ба ин духтар ошиқ шуданатро фаҳмида аз ман илтимос кард, ки як бор ӯро нишон диҳам. Диду «афсӯс, ҳайфи Вафо» гуфта, рафт.

– Мон ҳамин хел гапҳоро, Манучеҳр, – гуфтам ман дилтангона.

Қаҳраш омаду дигар гап назад.

Аз домани деҳа, он ҷо ки бору киштзорҳо ба теппазорҳо пайванд мехӯрд, мо ба ҷодда баромадему ба кабинаи мошини боркаше нишаста, ба шаҳр расидем.

– Ғам нахӯр, – гуфт Манучеҳр вақте ки ба хобгоҳ наздик омадем, – аламашонро гирифтанд-дия. Ин ҳам ба фоидаи ту. Дар деҳа ин моҷаро хоҳ-нохоҳ овоза мешавад, нархи духтарашон мешиканад, маҷбур ба худат медиҳанд. – Вай лаҳзае ҳуштаккашӣ карду сонӣ тахмини дигарашро баён кард: – Ба фикрам, гапашон ба Рухсора нагузаштагӣ. Агар гапашон ба вай мегузашт, ин қадар ба мо сахт намерасиданд. Ҳа гӯй, Рухсора ҳам сахт гирифтагӣ!

Ман ҳеҷ чиз нагуфтам. Тахмини сонии вай диламро андаке равшан карду бас.

Аз таассуроти нохуши ин воқеа хеле вақт ба худ омада натавониста, маъюс ва пакар будам. Баъзан аз ин орзу ноумед мешудам, аммо ҳис мекардам, ки ман бе умеди муҳаббати Рухсора зиндагӣ карда наметавонам. Агар аз вай умедамро канам, бояд ки аз ҳама чизи дигар дил бардорам.  Аммо ин гуна лаҳзаҳои ноумедиам як-ду соат беш тӯл намеёфт. Боз ягон чораи дигаре меёфтаму умедам аз нав реша мегирифт. Баъди ба Ҳалқасой рафта

омадан фаҳмидам, ки ин корро фақат миёнаравони баобрӯ ҳал карда метавонанд. Бинобар он, муаллим Ҷӯразодаро хоҳиш кардам, ки ба назди падари Рухсора рафта, боре «тақдирҷунбонӣ» кунанд. То он кас фурсат ёфтанду кадом як мӯйсафеди ошнояшонро ба ҳамроҳ рафтан розӣ  карданд, аз миён як ҳафта зиёдтар вақт гузашт.

Ба қавли худашон, муаллим «оҳани онҳоро хеле мулоим карда» омадаанд. Маслиҳаташон ҳамин шуд, ки ягон сол сабр кунам, худ аз худ ҳал мешавад. Аммо ман ҳеҷ нафаҳмидам, ки баъди ягон сол чӣ   хел худ аз худ ҳал мешудааст.

Баъди ба Ҳалқасой рафтанамон кадоме аз хешовандони Рухсора ба ректор шикоят навиштааст. Дар ҷаласаи кумитаи комсомол муносибати маро бо Рухсора муҳокима карда, дар асоси шикояти хешовандони духтар сахт огоҳ карданд ва ба ректор тавсия доданд, ки минбаъд маро ба кори лаборатория гузаронанд.

...Чандест, ки Рухсораро дида, ҳамгап шуданиам, аммо ҳеҷ ҷуръат намекунам. Баъди ин гапу корҳо ману вай дар институт рӯ ба рӯ шавем ҳам, аз гуфтугӯ худдорӣ мекунем. Дар атроф ҳама бепарво мегарданд, механданд, ҳазлу шухӣ мекунанд, дӯст медоранд, изҳори муҳаббат месозанд, касе ба касе кордор не. Аммо ба ман чунин менамояд, ки агар бо Рухсора дақиқае ҳамгап шавам, ҳама ба сӯи мо менигаранд, тамасхур месозанд, пичир-пичир мекунанд. Аҷаб не, дар асл ин хел набудагист, аммо вақтҳои охир, аз чӣ  бошад, ба назари ман ҳамин хел менамояд. Ғалатӣ. Ин ҳол фақат дар тасаввури ман аст, гӯям, Рухсора ҳам ҳамин хел мегӯяд.

Чаро мо ин хел диламонро гиронда мондем, ҳеҷ намефаҳмам.

Ҳоло се-чор рӯз боз Рухсораро диданиаму раҳашро мепоям, аммо танҳо дучор намеояд. Оқибат ба воситаи Манучеҳр хоҳишамро ба вай расонида, мулоқот таъин кардам.

Заҳри интизориро аз дилдодагон зиёдтар кас намечашидагист. Интизорӣ аз ҷон кандан бадтар аст, гуфтаанд, инро бешубҳа ягон ошиқи сӯхтадил гуфтагӣ. Рухсораро ду соат интизорӣ кашида, бо алам шаб ба хобгоҳ рафтам. Аз қаҳрам ба Манучеҳр дарафтодам, ки вай таъиноти аниқ надодагист.

Бинобар он, бегоҳирӯзи дигар, вақте ки Рухсора омад, ман ӯро чандон бо хурсандӣ пешвоз нагирифтам. Вай гуноҳашро фаҳмида, ғубори онро аз дилам бароварданӣ шуд, аммо шӯхӣ ба дилам намеғунҷид.

– Духтарбинӣ омадаанд, як даҳан намегӯед ҳам, – гуфтам гилаомез баъди он, ки ҳар ду ба роҳи пиёдагарди хиёбон баромадем.

– Кӣ гуфт? Аз кӣ шунидед? – якбора ба ҳаяҷон омад вай.

– Разведкаи мо дар ҳама ҷо кор мекунад.

– Э, гӯед, кӣ гуфт?

– Фаҳмидам.

– Аз кӣ фаҳмидед?

– Инаш махфӣ. Сири разведкаро намекушоянд.

Вай қаҳр кардагӣ барин бо нозу итоб аз раҳ бозистоду ба ман пушташро гардонд. Баргашта ба вай рӯ ба рӯ шудам, вай боз аз ман рӯ тофт.

– Оштӣ... Мегӯям.

Вай базӯр табассум карду ба рӯям нигарист.

– Инобат гуфтанд.

– Чиҳо гуфтанд? Аз кӣ шунидаанд? – оҳанги киноядори саволаш равшан буд.

– Вай ба ману шумо дӯсти беғараз.

– Дар ҳамин замон дӯсти беғараз ҳам ҳаст?!

– Ин хел нагӯед.

– Ман ҳайронам, Инобат барои чӣ ба институти мо надаромадаанд. Наздиктар мешуданд.

– Бас, Рухсора.

Хомӯшие, ки дар ин хел вақтҳо ба миён меафтод, дер давом намекард, аммо ин бор ману ӯ дуру дароз хомӯш мондем.

– Хайр, чиҳо гуфтанд?

– Гапи гуфтагиашонро дар асл шумо бояд мегуфтед. «Харидорон» омадаанд, чаро хап гаштед? Ё аз раҳ мезанад, гуфтед? – гила кардам ман. Рухсора аввал қиқирросзанон хандид.

– Гапи ёфтагии дӯстатон ҳамин будаст? – вай авзои гирифтаи маро дида, ҷиддитар гашт. – Се кас омада буданд. Ман бехабар, дар танаффус гуфтанд, ки дар таги дар хешонатон мунтазир, тохта баромадаму сонӣ фаҳмидам... Чӣ, калтак гирифта, хай кунам? Диданӣ омадаст, дидан гирад.

– Барои омаданаш ҳеҷ чиз намегӯям, ба ман нагуфтанатон...

– Гуфтан қатӣ чӣ мекунед? Беҳуда дилатонро ғаш...

– Садо аз ду даст, Рухсора. Агар ду кас баробар ҳаракат накунем, мушкил.

– Ҷӯразода ба хонаи мо рафтаанд, шумо ҳам ба ман нагуфтед-ку?

– Рӯзи мерафтагиашонро аниқ накарданд. Ба ҳамроҳашон вобаста буд. Гуфтаанд, ки сараш банд. Шарм надошта дурӯғ мегӯянд.

– Дурӯғ не. Одати мо, агар аз ягон ҷо умедвори хостгор бошанд, ҳамин хел мегӯянд. Хайр, баъзан духтардорон бо ҳамин роҳ мефаҳманд, ки ҷазбан талабгор аст ё не. Рафтан гиранд, сонӣ...

– Ҷӯразода амакам намешаванд, ки ҳар ҳафта як бор хостгорӣ фиристонам, – гуфтам ман ба киноя. Сонӣ ба нармӣ илова кардам: – Он кас ҳам гуфтанд, ки хостгор фиристам. Остонаи духтардор баланд, одам рафту омад қатӣ якдигарро мешиносад, гуфтанд. Лекин сонитар мегӯянд.

– Аз коратон гирифтанашон нағз нашуд. Дадаам нафаҳманд-дия, – гуфт вай бо малолат бар ман нигоҳ накарда.

– Ҳеҷ, гап не, барои шумо ман ҳозирам...

– Чӣ гап доштед? – суханамро буррид вай. Изҳори садоқат ба ӯ маъқул набуд.

– Ҳамин ғавғоро тезтар яктарафа накунем, намешавад. Бовар кунед, ягон кор карда наметавонам... Ҳушам...

– Ман надонам, – гуфт вай аз рӯи одат оҳиста китф дарҳам кашида.

Аслан, ман ҳам, вай ҳам ягон гапи муҳимму тоза надоштем, фақат ба баҳонаи дидор сухани чандин борҳо дар байнамон радду бадал гаштагиро такрор мекардем.

– Гӯед, ки шуморо ба чӣ хел ҷавон медиҳанд? А?

– Хайр, мисол... ҷавони бамаънӣ... баодоб... падару модар, хешу табораш қатӣ бошад... Ҳамин ҷой...

– Ба падару модар, хешу табори ман чӣ шудаст?

– Охир онҳо қати шумо нестанд-ку, дур.

– Фарқаш чӣ?

– Дар сари кас дадаю очааш бошад, хешу табораш дар гирдаш бошад, андеша мекунад, ба ҳар роҳ намеравад, мегӯянд.

– Ҳим-м... Яъне ба ман бовар намекунанд, дилпур нестанд?

– Хайр, одамони нахондагӣ... Расму одати қишлоқ... Духтара ҳаждаҳ сол ба хуни ҷигар калон карда, «ҳа» гӯед, «ма» гӯён, бароварда диҳанд? Осон не. Худатон духтардор шавед, баъд мефаҳмед! – вай аз гуфтаи худаш хиҷолат кашида рӯяшро ба сӯи дигар гардонда хандид.

– Кампирҳо барин гап мезанед.

– Хайр, росташро гуфтам.

– Шумо як фикр кунед... бепарво нашавед.

– Аз дастам ҳеҷ кор намеояд. Ихтиёри ман дар дасти падару модар. Гуфта будам-ку...

Ман бо меҳр ба вай наздиктар нишастам. Лаҳзае ба ҳам наздик нишастему баъд бархоста, ба тарафи китобхона раҳсипор гаштем. Ба ёдам омад, ки чанде пештар дар таҳдари бино Рухсораро бо як нафар донишҷӯи курси сеюм ҳамгап дида будам. Рухсора ба вай саҳифаи китоберо кушода, бо шавқ гап мезаду ҳар ду механдиданд. Баъди ду рӯзаш дар долони донишгоҳ онҳоро ҳамгап дидам. Ҳамон вақт ба ин муомилаи онҳо эътибор надода бошам ҳам, сонитар аз касрати бебарорӣ бошад ё асабоният он воқеа диламро харош дода, дар он тухми рашку шубҳа мекошт.

– Ё ягон ҷавони дигар маъқул шуда бошад...?

– Боз ин гапро аз куҷо ёфтед?

– Ягон романи аҷоиб буд аз афташ, а?

– Э-э... Даррав аз ҳамон бача рашк кардед? Тавба. Китоби дарсӣ буд. Дар китобхона набудаст, вай гуфт, ки ба ман ҳозир даркор не, гиред. Агар ин хел бадрашк бошед, рафта аз қишлоқатон ба ягон духтари хонашин….

– Узр. Ман шуморо ранҷонданӣ набудам. Ҳамту, пурсидам. Умуман, вақтҳои охир дилтанг шудаам... Ҳамин корҳо кай яктарафа мешаваду ман хотирҷамъ мешавам.

– Вақту соаташ расад.

– Вақту соаташ расад гӯён шинаму боз ду даст ба бинӣ намонам?... Не, ман тарафдори талош, кӯшиш... Чӣ кор кунам, дадаам раванд?

– Надонам, – гуфт вай бо табассум ба чашми ман нигариста. – Боз даррав хафа шуда нараванд? Одати мо, агар дил кунанд ҳам, як-ду бор рафтан қати рӯмолча намедиҳанд.

– Медонам, дар ҷои мо ҳам ҳамин хел. Сонӣ, як вақт гуфта будед-ку, дар шаҳр як амакатон ҳастанд, ба пеши ҳамон кас равам-чӣ?

– Шумо ба пеши он кас рафтан қатӣ чӣ фоида? Он кас шумора надонанд. Агар Ҷӯразода ҳамон касро ҳамроҳ мебурданд... Аз Ҷӯразода илтимос кунед.

– Надонам, розӣ мешаванд ё не... Рӯям намешавад. Сараввал нагуфтед... Хайр, мебинам. Агар нашавад, дадаам мераванд.

Ман лаҳзае ба рӯи вай, ба мӯйҳои бирешимвор маҳину пурпечухами вай бо меҳр нигариста, хомӯш мондам. Вай шармида, мисли ҳамеша бо итоби дилбарона рӯяшро ба тарафи муқобил гардонда, аз

таъсири ҳусни худ мамнун табассум мекард. Баъд пурсид:

– Мегӯянд, ки пагоҳ-фардо ба пахтачинӣ меравем. Шумо ҳам меравед?

– Надонам. Мерафтагистам.

Рухсора эҳсосоташро ҳаргиз кушоду равшан зоҳир намекунад. Ба фикрам, бо ҳамин хислаташ вай аз духтарони дигар фарқ дорад. Кӣ медонад, балки маҳз барои ҳамин ин қадар ӯро дӯст медорам, дар назарам чунин менамояд, ки дар дунё дигар ягон духтар ҷои ӯро гирифта наметавонад. Ҳатто қаҳри вай, норозигию итоби вай, ҳангоми андаке ранҷиданаш бо шаст пушташро гардонда, ба дуриҳо нигариста мағрур табассум карда истодани вай — ҳамааш барои ман бемисл аст.

## 12. ХОСТГОРӢ

Тирамоҳ дар тарафҳои мо фасли аз ҳама дилфорам аст. Субҳидам ҳаво чунон соф мешавад, ки олам дар назар монанди ҷоми булӯрини нафисест. Ба ман чунин менамояд, ки он аз камтарин беэҳтиётӣ ва ҳаракати дурушт ҷарангос зада садо мебарораду сукути дилнавози он мешиканад. Офтоб монанди фасли саратон, гӯё аз кӯраи оташ берун меомада бошад, суп-сурх, хунобаранг не, шафақ монанди сӯхтори азим ними осмонро фаро намегирад. Не, субҳи тирамоҳ ором, поку мусаффо, офтоб монанди лаълии нуқрагин аз паси дандонаи қуллаҳо оҳиста берун меояд. Тирамоҳ рӯзҳои гарм бисьёр, аммо дар нимаи дуюми он шабу саҳар кас бо либоси тунук хунук мехӯрад.

Насими сабук аз ҷониби кӯҳ мевазаду дар бадани ман мурғак медамад. Дар оби ҷӯй дасту рӯй мешӯяму ба дуродур нигоҳ мекунам. Дар осмони зарҳалӣ пора-пора абрҳои сафед беҳаракат  истодаанд. Онҳо аз дур ба хирманҳои пахта шабоҳат доранд. Тирамоҳ ҳаво соф, осмон соф, оби рӯдҳо ҳам соф, ҷӯшу хурӯши баҳориашон фурӯ нишаста, гӯё полуда мешаванд.

Агарчӣ табиат дар тирамоҳ сокит ва хаёлангез аст, одамон пуркор ва сертараддуданд. Тирамоҳи кишвари мо, махсусан пурташвиш аст. Тамоми ҳосили дар сахро расидаро ғундошта, саранҷом кардан кори саҳл не. Ба ёрии деҳқонон шаҳриён, сокинони деҳаҳои кӯҳистон, донишҷӯёну талабагон меоянд.

Ин тирамоҳ донишҷӯёни институти моро аз  ҳарсола барвақттар ба пахтачинӣ фиристоданд. Ҳамроҳи шогирдон як қисм муаллимон ва дигар кормандони институт ҳам  ба пахтачинӣ омаданд. Факултети мо дар колхозҳои райони Вахш пахта мечинад. Дар аввал мо як гурӯҳ кормандони гуногункасб ҳамчун дастаи алоҳида бо донишҷӯёни курси чорум дар маркази колхоз, дар назди штаби факултет будем. Истиқоматгоҳамон ҳам, хӯрокамон ҳам бо муаллимони штаб якҷоя буд. Аммо аз миён ду ҳафта гузашт ё не, сафи мо ҳам, сафи муаллимони ба гурӯҳҳои донишҷӯён раҳбарикунанда ҳам тунук шуд. Онҳое, ки ба нияти сайру ҳаво омада буданд, бо сабабу баҳонаҳои гуногун ба шаҳр рафтанд.

Гурӯҳи Рухсораино аз деҳкада дур, дар паси теппаҳои навободе пахта мечид. Дар давоми як моҳ ӯро фақат як бор, шабе ба магазини деҳа барои харид омаданаш дидаму бас. Бегоҳирӯзиҳо аз пахтачинӣ баргашта, дар оби ҷӯй шустушӯ мекардаму ба як канори боғ рафта ба

сӯи он теппаҳо бо ҳасрат менигаристам, хаёлам ба кимкуҷоҳо рафт.

Донишҷӯёни курси сеюм бераҳбар монданду маро ба сари онҳо фиристоданӣ шуданд, аммо баҳонаҳои бетаъин пеш оварда, рад кардам. Дар дилам гуфтам, ки агар ба гурӯҳи Рухсораино фиристанд, кӯр шавам, меравам. Ӯро бениҳоят ёд карда будам.

Ин гуна имконият фақат дар охири мавсими пахтачинӣ даст доду маро ба муддати се-чор рӯз ба сари курсҳои якум фиристоданд. Барои дидорбинӣ ҳамин басанда. Аммо баъди чор рӯз Исрофилзода аз шаҳр баргашта маро иҷозати баргашта омадан надоду дар ҳамон ҷо ҳамчун табелчӣ мононда гуфт, ки ҳисобу китоби пахтаи чидаи донишҷӯёнро ба тартиб оварда, ҳаққи онҳоро аз колхоз рӯёнда диҳам. Кай боз ҳисобу китобашон чигил гашта, донишҷӯён пулашонро нагирифта будаанд.

Исрофилзода бештар вақташро дар штаби факултет, дар давраи калонон мегузаронд. Дар ин ҷоҳо аз раиси колхоз сар карда, то агроному саркорҳо – аксар бо ӯ шинос буданд, хеле иззату икром мекарданд. Мудом кас мефиристоданд, ба тӯю меҳмонӣ мебурданд. Аз калонони колхоз ҳар касе ба бригада ояд, ӯро мепурсад, аммо бечора Ҷӯразода омада, як ҳафта истода рафтанд, ҳеҷ кас нагуфт, ки ту кистӣ?! Саркор як асп ёфта надод, ки ба штаб савор рафта оянд. Ду бор пиёда рафта омаданд.

Ман ҳисобу китоби пахтаи чидаи донишҷӯёнро дуруст карда, аз колхоз пулашонро оварда додаму як ҳафта ҷавоб гирифта, ба деҳа рафтам.

Он рӯз дар ҳаётам дарозтарин рӯз буд, гӯям, муболиға намешавад. Ду қуттӣ сигорро дуд кардам. Дар хобгоҳ касе нест, ки сӯҳбат карда, андармон шавам, ҳама дар пахтачинӣ. Дарун медаромадам, берун мебаромадам, сигарет мекашидам. Хаёлам ба ҳазор кӯй мерафт. Вақте ки модараш пурсидаанд, Рухсора гуфтааст, ки «вай бача гумонатон доим аз қафои ман мегардад? Не, вай якам шармгин, гоҳе рӯ ба рӯ гардем, ба азобе гап мезанад. Ҳамту, маъқул кардаст, хайр, ҷавони бад не». Дигар гап назадаст. Вай гуфт, ки агар ман қатӣ вохӯрда, ҳамгап буданатонро гӯям, дигар аз хона баромадан намемонанд... Хайр, ман аз вай ҳамин қадар ҳам умедвор набудам.

Имрӯз пагоҳӣ дадааму амакамро ба Ҳалқасой гуселондам. Ҳоло бетоқатона ба роҳ менигараму аз дилтангӣ сигарет аз паи сигарет мекашам. Шояд падару модараш ба сари инсоф омада, хайр, ба дилхоҳаш медиҳем, гуфта бошанд. Аз тарафи дигар, ҳеҷ боварам намеомад, ки падару модари Рухсора ин гуна осон ба тӯйи мо розӣ шаванд. Афсӯс, адреси ҳамон амаки дар шаҳр будаашро аз Рухсора напурсидаам. Ба хонаашон кофта рафта, илтимос мекардам, зорӣ мекардам... Агар вай одам имрӯз ҳамроҳи дадамино ба хостгорӣ мерафт... Ба пеши як одами бегона чӣ гуфта равам, гӯён истиҳола кардам. Кӣ медонад, вай розӣ мешуд ё не? Агар падару модари Рухсора аз тасмимашон нагарданд, як бор ба назди ҳамин амакаш меравам. Ҳамроҳи Манучеҳр меравем.

Рӯз бегоҳ мешуд. Маро ғам мегирифт, ки агар ноумед гашта оянд, ба рӯи онҳо чӣ хел менигарам. Амакам-ку, марди ҷаҳондидаи дилфарох, хорӣ дода, аз дарашон

ронанд ҳам, боз омада маро дилбардорӣ медиҳанд, аммо падар гап намебардоранд. Мӯйсафед барои иззати нафс ҷон медиҳанд. Худо накунад, мабодо онҳо ягон гапи пасту баланд зананд, маро ҳамту намемонанд. Аз ин ҷиҳат ҷонам дар сари як мӯй ларзида меистод. Ба ғайр аз ин, падар ба духтар хуш кардани ман чору ночор розӣ шуданд. Моҳи август писари амакам Ҳамид омада, маро ҳамроҳаш ба деҳа бурд. Сонӣ сари раҳ, гӯё барои ҳолҷӯӣ ба деҳаи холаи дадаам даромадем. Ман пай бурдам, ки Ҳамид бо таъиноти махсус амал мекунад. Мақсадашон духтари ин холаашонро ба ман нишон додан, сонӣ хостгорӣ... Баъд дар деҳа хешу табор маро миёнагир карда, ба ин кор розӣ  карданӣ шуданд. Э, дар тавсифи духтар, падару модари вай, покизагии зоту зурриёташ, хосияти неки бо ин хел одамони поку ҳалол хешу табор шудан чӣ қадар гап заданд, далелҳо оварданд, мисолҳо гуфтанд.  Хок гирӣ, аз ҳамин хел хоктӯдаи баланд гир, мегӯянд. Гуфтам, ки хоки вай хоктӯдаи баланд ба ман даркор набошад ҳам  гирам?.. Баъди он ки онҳоро ноумед кардам, дадаам маро дашном дода, гапҳои сахт гуфтанд. Ман ранҷида, дар сари қаҳр аз хона  баромада омадам... Хайр, сонӣ баъди ду ҳафта боз ба деҳа рафта, ба дадаам узр гуфтам, фаҳмондам, ки аз як ҷо андаке умедворӣ дорам. Ин гап дар моҳи август буд...

Дар пахтазор ману Рухсора дар ин хусус хеле фикр карда, оқибат вай ба хонаашон рафта, авзои падару модарашро фаҳмида омаду гуфт, ки ихтиёратон. Ман ба деҳаамон рафта ин розро боз ба ҳамон Ҳамид гуфтам. Вай дар бадали ду рӯз гапро пазонда, дадааму амакамро розӣ  кард, ки ба хостгорӣ раванд.

Рӯз торик шуд. Аз раҳпоӣ тори чашмонам канда шуду ба хона даромада, чизу чораи парешони дадаам ва амакамро ба тартиб овардам. Сипас як чойник чойи кабуд дам карда, бо дасторхон печонда мемондам, ки онҳо пасопеш «ассалому алайкум», гӯён аз дар даромаданд. Аз табассум даҳони ҳар дуяшон ҳам ба гӯш мерасид. Ман аз авзоашон барори корро пай бурда бошам ҳам, саволомез ба амакам нигаристам.

– Кор пухт, додарам! Хотирҷамъ бош, – гуфтанд он кас сару либосашонро кашидаравон.

Падарам ҷомаю маҳсиашонро кашида, дар диван паҳлӯ заданду гуфтанд:

– Марди хушфеъли яклухт барин. Он кас падари Рухсораро дар назар доштанд. Мамнун табассум кардани дадаам маро хурсанд кард. Барои ман розигии падару модар, хурсандии онҳо мукофоти баланд аст. Аммо ҳоло хурсанд шуданамро ҳам намедонистам, хурсанд нашуданаро ҳам. Ким-чӣ хел бовариам намеомад. Ҳеҷ намефаҳмам ба ман чӣ гап шуд, бо умед хостгор фиристодам, онҳо мушкиламро ҳал карда омаданд, аммо дили ман ғаш. Ба назари ман чунин менамояд, ки ин савдо ба ин осонӣ набояд ҳал шавад. Хислатҳои аҷибе дорад одамизод! Боз кӣ медонад, баъзан дили кас ҳам гувоҳӣ медиҳад.

Онҳо аз тафсилоти гуфтугузорашон хеле ҳикоя карданду сипас амакам ба ман рӯ оварда гуфтанд:

– Қарор ҳамин шуд, додарам, ба пешамон шарт монданд. Аввало, аз шаҳр ҳавлӣ мехарӣ. Ба ин хонаҳои қабат ба қабатат зан намедодаанд. Хӯш, ки бошад, сонӣ мӯҳру васиқа карда, навишта медодаӣ, ки аз шаҳр кӯчида ба қишлоқат намеравӣ. Ҳавлӣ ба номи занат

мешавад, – баъд ба дадаам рӯ оварда гуфтанд: – Одамони ғалатӣ, ҳавлӣ ба номи зан бошад, аз ҳавлӣ дил канда рафта наметавонад, мегуфта бошанд?

– Худо медонад дар дили онҳо чӣ гап аст, – гуфтанд дадаам ғарқи андеша чойи пиёлаашонро ҳӯп кашида.

– Аз куҷо, ба кадом пул ҳавлӣ мехаридаам?

– Парво накун, хуб гӯю тахт ист. Ҳавлӣ гӯянд, хешу табор пургарием, як бало мекунем. Ягон рӯз пулдор шавӣ, қарзатро меканӣ. Қарза меканӣ, зан мемонад. Аз шаҳр ба ягон гӯристон намеравам, гӯён хат карда те. Ун сунаш боз худо подшоҳ аст. Нону насиб медонад. Ман хешоната дилпур кардам: «Гиред, ҳамин як писарамонро ба шумо додем!» гуфтам... Э, инҳо дарди бахайр, қалинашона намегӯӣ? Ману дадаат ҳайрон шудем. Дар тарафи мо ҳаққи шири модар гуфта як чиз мепартоянд. Не, инҳо чобуканд аз қалини духтар мошин савор шуданӣ.

Дадаам аз ин қабоҳат лаб газида, сар ҷунбонданд.

– Хайр, ҳоло аниқ гап нашудасту ҳамту ишора кард. Вақти дар пеши қавм нон шикастан гапзанон мекунем. Як бало мешудагист, ғам нахӯр, – дарёдилона даст афшонданд он кас.

Амакам марди бағоят навчаи зебоандоманд. Қаддашон расо яку ҳаштоду шаш. Ситорагарми гандумгун, чашму абрӯсиёҳ, бинии рости теғадор ва нигоҳи равшан доранд. Аз ҳама бештар гардани баҳодуронаи он кас диққати маро ба худ мекашад. Баёзи гарданашон бемуҳобот расо як ваҷаб аст.

– Ҳафтаи дигар рӯзи шанбе шаш-ҳафт кас шуда меоему рафта нон шикаста, хотирата ҷамъ карда мемонем. Биринҷ, меваю қандалот, ягон гӯсфанд, ё

кушта гӯшташа меорем, – қарордодашонро ба ман фаҳмонданд амакам.

– Рӯзи шанбе ту ҳамин ҷо ҳозир шав, бо ягон кор бароядд, сарсон нашавем, – гуфтанд падарам. Азбаски дар хусуси хонадоркунӣ падару писар гап заданаш чандон аз одоб не, ману он кас дар ин боб хомӯш будем.

– Сараввал ба ҳавлии каси дигар афтодем, – амакам хандида-хандида тафсилоти сафарашонро ба гуфтан сар карданд. – Аз мошин фуромада ҳавлии Асрорбой кадом, гӯён пурсем, як одам ҳавлии сари роҳ бударо нишон дод. Дарвозаро кӯфтем, як духтари қадрас баромад. Дар дилам гуфтам, ки хайрият, худи арӯс ҳам ҳамин ҷо будаст. «Ҳавлии Асрор-амак ҳамин аст?» гӯям, «ҳа» гуфт. Бе пӯшт-пӯшт даромадем. Як мӯйсафеди нуронӣ баромад. Ту гуфта будӣ, ки падараш одами миёнсол. Ҳайрон шудам, аммо гап назадам. Дар як тарафи ҳавлӣ меҳмонхонаи соз доштаст, даромадем, дастархон кушод. Сонӣ, дар сари чой оҳиста пурсидам: «Амак, агар хато накунем, як духтарчаатон дар институт мехонад-а?» Пиракӣ ҳангу манг шуд. Баъд таги гапа фаҳмиду гуфт, ки саҳв кардед, ҳавлии вай Асрорбои шумо мегуфтагӣ дар домани деҳа, дар пушти осиёб. Сонӣ, узр гуфта баромадем.

Рӯзи дигар ман онҳоро ба деҳа гуселонда, худам ба Вахш шитофтам. Зудтар Рухсораро дида, ин хушхабарро ба вай гуфтан мехостам. Рухсораро ба ман медиҳанд! Ин маъниро ба хотир оварда, аз хурсандӣ ба куртаам намеғунҷидам. Ба тамоми дунё ҷор зада, ин хабарро эълон кардан мехостам. Мехостам, ки ӯро бо меҳрубонию муҳаббати худ хушбахт кунам, суханони дилрасе гӯям.

Тамоми роҳ дар автобус бо ҳамсафарон гап зада механдидам, латифа мегуфтам. Одами хушбахти дунё будам. Олам дар назарам якбора дигар шуд: одил ва тандеҳ, меҳрубон ва дилбастанӣ.

Ба қароргоҳамон наздик шудаму дилам сахт-сахт тапидан гирифт. Кошкӣ ҳозир дар ин ҷо донишҷӯ мебудам! Ба ҳама эълон мекардам, ки аз ҳамин рӯз эътиборан Рухсораи нозанин арӯсшавандаи ман аст! Зиёфат медодам.

Дар қароргоҳ Исрофилзодаро ҳамроҳи чор нафар духтар дар сари дастархон дида, рости гап ғашам омад, ё рашк кардам, намедонам. Вохӯрӣ кардаму густохона бо назари савол ба рӯи муаллим нигаристам. Вай маънии нигоҳамро фаҳмиду гуфт:

– Бечора духтарон монда шудаанд, ду-се рӯз дам гиранд. Ман ошпаза ба пахтачинӣ фиристода, ба ҷояш инҳоя мондам.

Чӣ гуна пахта чидани ошпази маъюб – Подабони лангро пеши назар оварда, беихтиёр табассум кардам.

Рухсора гунаҳгорона сар хам карда менишасту аҳён-аҳён ба чашми ман нигариста, мазмун гирифтанӣ мешуд.

– Саркорба гуфтам дусад кило пахта илова мекунад, ба номи инҳо менависем, – муаллим рӯзе қариб дусад кило пахта чидани ин духтаронро ба ёд оварда, маро хотирҷамъ карданӣ шуд.

– Чӣ хел? Аз куҷо илова мекунад? – азбаски вазифаам ҳисобдорӣ буд, ҳайрон шуда пурсидам.

– Э-э, шумо ин корҳоро намедонед. Ҳозир як тонна пахта чинем, агар хоҳам, барои ду тонна справка

медиҳад. Пахта тар буд, хушк шуд, мегӯяд. Кӣ онро ҳисоб карда шиштаст?

Рухсора аввал ба гапам бовар накард. Баъди пурсукови зиёд гуфт:

– Чӣ хел даррав розӣ шудаанд, ҳайронам, – чашмаш ба як нуқта банд гашта, хеле фикр карда монду баъд хоҳиш кард: – Дар ин ҷо ба ҳеҷ кас даҳан накушоед. Агар гӯед, сонӣ мебинед! – вай бо нозу адо таҳдид кард. Сипас шармида, нигоҳашро гурезонд. Дар сухани вай ҳоло як оҳанги маҳрамона, муҳаббат ва навозиши то имрӯз ба ман ноошноеро пай бурда, аз миннатдорӣ бошад ё дигар ягон ҳиссиёт дар чашмонам об чарх зад.

Баъд аз ин вай тамоман аз ман гурехта мегаштагӣ шуд. Дар роҳ ҳамроҳи духтарон пеш ояд, то саломуҳолпурсӣ карда, гузаштани ман вай суп - сурх шуда, қариб нафасгир мегашт.

Хушбахт будам. Ҷаҳон ҳоло барои ман пур - пур аз шодмонӣ. Албатта, ҳанӯз пурра дилам тахт набуд, баъзан нохуни шубҳаи номаълум ким-куҷои синаамро мехарошид, хотирамро парешон карда, ба деги ҷӯшони хушнудиам кам-кам оби сард мерехт. Худ ба худ мегуфтам, ки агар ба ин тариқ нигарони хостгори ман бошанд, чаро ин гапро ба нағзӣ нагуфта, ману Манучеҳрро беобрӯй карда ронданд? Ҳеҷ намефаҳмам, гапу кори инҳо ба ягон қоидаи мантиқ рост намеояд.

Исрофилзодаро се-чор рӯз ба сари курсҳои чорум фиристоданду қасд кардагӣ барин, дар ин миён як дунё моҷаро бархост. Ман ҳар бегоҳирӯзӣ пахтаи чидаи донишҷӯёнро ҷамъбаст карда, ба штаби факултет мерафтам. Ҳисобот медодам, дар хусуси кори фардо дастур мегирифтам. Шабе соат қариби ёздаҳ аз штаб

меомадам, дар роҳ аз донишҷӯёни курси якум як нафар духтару ду тан ҷавон ба ман ҳамроҳ шуданд. Ҳар се ҳам комсорги гурӯҳи худ буда, аз бюрои комитети комсомол меомаданд. Ба қароргоҳ расидему таҳдари хобгоҳи бачаҳоро пуродам дида, дилам таҳ кашид. Саросема пеш давидам. Маълум шуд, ки донишҷӯе якбора ба дарде печида, аз по афтодаст. Вай беҳуш, дасту пояш чангак шуда, даҳонаш кафк зада, бачаҳо дасту пояшро дошта меистоданд. Ман фурсатро нагузаронда, ба тарафи саройи пахтаи бригада тохтам. Дар он ҷо ғайр аз саройбони пир каси дигар набуд. Ногоҳ ба хотирам омад, ки дар ҳамин наздикӣ, дар юнучқазор ҳамеша се-чор асп мечарид. Тозон рафта, ишкели яктаашро кушода, ба гардани асп бастам ва онро нухта кардаму беабзор савор шуда ба ҷониби деҳа роҳ гирифтам. Тақрибан соати  дувоздаҳ ба деҳа даромадам. Сагон аз ин шабохуни одами ношинос валвала карда, деҳаро ба сар бардоштанд. Ман духтури деҳаро аз хоб бедор карда, воқеаро гуфтам. Ҳар ду ба духтурхонаи вай рафта,  ба бемористони район занг задем ва ба мошини ёрии таъҷилӣ раҳнамоӣ карданро ба писарчаи сездаҳсолаи ӯ вогузошта, худамон саросема ба қароргоҳи мо омадем.

Он шаб қарибиҳои соати се ҷавони беморро ба ягон бемористон бурданду баъд мо хоб кардем.

Субҳи рӯзи дигар ман ба бемористон рафтам. Бемор ба ҳуш омада, нишаста буд, дақиқае ҳамгап ҳолҷӯӣ намудам, духтурро дида, вазъи беморро пурсидам. Сипас баргашта омада, донишҷӯёнро хотирҷамъ кардам.

Бегоҳӣ ба штаб равам, Самеъзода бағоят ғазаболуд, хирмани хошоки хушк барин дармегирифт.

– Ба ман дар колхози ҳамсоя гуфтанд, ки донишҷӯе ҳалок шудааст, шумо бо духтарон ба сайру гашт рафта будаед! – бо ғазаб ба рӯи миз мушт зада, бо пояш замин мекӯфт вай. – Ба штаби факултет омада пурсам, инҳо бехабар! Ин чӣ  номаъқулӣ? Шумо калла доред ё… – Вай ин қабил суханҳоро сел барин мерехту фарёд мезад ва ба ман имкони даҳон кушодан намедод.

– Муаллим, ман...

– Чаро ба штаб хабар надодед? Чаро? Агар мурад, чӣ кор мекардед? А? Шумо ҳушёр мегардед ё маст?

– Шаби гузашта ин ҳодиса рӯй дод. Ман дар штаб будам. Рафтам, шабошаб ба беморхона  равон кардем. Ана, акнун омадам.

– Чаро пагоҳӣ хабар надодед? Чаро шаб хабар надодед? Каллаварам!

– Пагоҳӣ ба беморхона рафтам. Аҳволаш дуруст. Дигар фурсат нашуд.

– Кайфу сафо карда гаштам, гӯед! Ман шуморо як одами дуруст мешавад,  гӯям, як дарди сар  будед-ку!

– Чӣ хел кайфу сафо?.. Тавба... – имдодталабона ба ҳозирон нигаристам. Ҳама хомӯш, ба ҳар тараф чашм дӯхта буданд, фақат ба рӯи ман наменигаристанд. Чашмам ба донишҷӯи курси дуюм, сардори гурӯҳ Қодиров афтод. Вай шаби гузашта дар бригадаи мо буд. – Ин кас дар ҳамон ҷо буданд, гумонам, ки омада мегӯянд, – гуфтам ман ночор монда. Ин лаҳза аз дилам гузашт, ки хабарҳои дурӯғро вай паҳн кардааст.

– Ҳа, ин кас барои обуна рафта буданд, ҳозир омаданд, – гуфт ҷонишини декан бештар барои худашро сафед кардан.

– Ман аз он ҷо баромада, ба бригадаҳои дигар рафтам, ба колхози ҳамсоя гузаштам, ҳозир омадам, – гуфт Қодиров ба гапи ман писханд зада.

Авзои хушнуди ӯро дида, семинаре, ки вай баҳои ғайриқаноатбахш гирифта буд, ба хотирам омад. Дар ивази корҳои ҷамоатиаш баъзе муаллимон ба вай гузашт мекардаанд, семинарҳоро тайёр накунад, гап намезадаанд, ҳатто берозигии худи вай аз ӯ дарсро намепурсидаанд. Исрофилзода ӯро ҷонибдорӣ карда, «обрӯи ин хел фаъолҳоро нарехтан даркор», гуфтанашон дигарбора дар гӯшам садо дод.

Ҳоло Қодиров барқасди ман хушнудиашро пинҳон накарда, бо раҳбарон худро наздик гирифта, гап мезад, хушомад мегуфт ва бо тамоми ҳаракатҳояш маро нописанд карданӣ мешуд. Ба ҳар як сухани оддии калонон, агар он ба мақсади ҳаҷву киноя гуфта шавад, аз ҳама пеш, вай қоҳ-қоҳ зада механдид. Тамаллуқкориҳое мекард, ки аз он дили ҳар одами каму беш зирак беҳузур мегашт, аммо калонон аз ӯ мамнун буданд. Баъзан фарёд карданам меомад, ки ҳамаи ин пастии нафратангез аст!

Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад, гуфтаанд, ин ҳам гузашт. Аммо андӯҳи сазовортаре дар пеш ба ман нигарон будаст. Рост мегӯянд, ки бебарорӣ ҷуфт-ҷуфт меояд. Ғусса як бор аз дар дарояд, омӯхта мешавад, лангон-лангон, бо овози хиррӣ, напурсида омадан мегирад.

Тангии тирамоҳ буд. Баргҳои дарахтон тиллоранг гашта, дар гулзорҳои канори раҳ ва хиёбон охирин ғунчаҳои гули садбарг мешукуфт. Ҳаво шабона сардакак бошад ҳам, рӯзона салқиниаш ба кас гуворо. Осмон пас аз як-ду давр боридан ҳоло соф ва нилгун. Боронҳое, ки борида гузаштанд, аз рӯи барги дарахтон ва сабзаю гулҳо чангу ғубори тобистонро шуста, ҳамаро пуртароват карданд. Табиат ором ва сокит, гӯё ба хоби зимистон омода гаштааст.

Ман ба гулҳои баҳор нигариста, ҳамеша шодӣ мекунам. Агарчи баҳор мегузарад, гулҳои зебою рангини он дар тобистон ҳам шукуфтан мегиранд. Аммо ба гулҳои тирамоҳӣ назар карда, ҳамеша малул мешавам. Охир фасли сармо наздик аст, ин гулҳои беғубор ҳама ногузир тӯъмаи боди хазон мешаванд. Умри онҳо ҳафтае ё каме бештар аз он. Ман ба ғунчаҳои навшукуфта гӯё ба рӯи бемори дардаш беилоҷ менигариста бошам, бо азоб назар медӯзам. Не, ман ба ҳавои софу ороми тирамоҳ, ба гулҳои рангини он дил баста наметавонам.

Рӯзи шанбе мувофиқи қарордодамон ба шаҳр омадам. Дадаам барои маросими номзадӣ, ки мардуми мо «ноншиканӣ» мегӯянд, як ҷамоати калонро аз деҳа овардаанд. Мардуми деҳа шукӯҳу дабдабаро нағз мебинанд, ба сарахбори тӯй ҳам шаҳомате бахшида, хурсандиашонро ҳамеша бо умум ба ҳам мебинанд. Дар асл, ин ҳама шавкату шукӯҳ беҳуда не, нишонаи фаровонӣ, осоиш ва ҳамҷиҳатии мардум аст.

Онҳоро ба Ҳалқасой гуселондаму ба тамошоҳи шаҳр баромадам. То бегоҳ кӯчаю магазинҳоро давр зада, як чиз-ним чиз харидам, сонӣ ба ошхонае даромада хӯрок

хӯрдам, чашмам ба эълонномаи филми нав афтоду билет гирифта, ба кино даромадам.

То имрӯз дар хусуси тӯй, зиндагиамон бо Рухсора, хонаю манзил ҳеҷ фикр накарда будам. Ҳамаи ин дар назарам гапу кори оянда дур барин менамуд. Аммо имрӯз ин андешаҳо гаштаю баргашта дар сарам ҷӯлида, маро беқарор мекарданд. Институтро тамом карда, се-чор моҳ кор карда бошам ҳам, ҳоло дар ҷайбам сад сӯм пул несту хонадор шуданиам, тӯй карданиам! Албатта, умедам ба падар, онҳо ба нияти тӯйи ман чандин сол боз аз хӯрдану пӯшидан сарфа карда, тайёрӣ доранд. Аммо умедворанд, ки ман ҳам «инро харҷ кунед», гуфта, ҳеҷ набошад, чорсад-панҷсад сӯм дароз мекунам. Онҳо намедонанд, ки дар шаҳр аз моҳонаи ман баринҳо пасандоз кардан осон не. Агар ин хел ҳолат рӯй доданашро медонистам, аз ягон ҷо кори шабона мегирифтам...

Баъди тамошои филм бо ҳамин андешаҳо ба хобгоҳ расиданамро худам нафаҳмида мондаам. Боди сарди фасли хазонрез аз роҳу майдонҳо баргҳои рехтагиро рӯфта, ба ҷӯю чуқуриҳо ғун мекарду гӯё ҳамаи ин бесару сомониро ба тартиб овардан мехост.

Аз дур қомати баланди амакамро дида, дилам таҳ кашид. Онҳо имшаб дар Ҳалқасой бо як дег ош, нон шикастанашонро ба пирони деҳа маълум карда, рӯзи дигар баргаштанӣ буданд. Қомати амакам аз ҳарвақта пасттар, тамоми ҳастиашон сарнагун ва пажмурда барин намуд, ки ин аз ягон ҳодисаи ногувор далолат мекард.

Баъзан мушкиле, ки ба ҳалли он чашматон намерасад, ба осонӣ, худ аз худ ҳал мешаваду коре, ки аз он дилпур

ҳастед, вайрон мешавад. Боғи ободу шукуфонатонро сел рӯфтагӣ барин ҳайрону музтар мемонед.

– Ҳа, чӣ гап шуд? – тоқатам тоқ шуда, аз масофаи бист-сӣ қадам дур пурсидам.

– Э, напурс, – гуфтанд амакам ғамгин сар ҷунбонда, баъди он ки мо рӯ ба рӯ шудем, – инҳо қавли ҳалол надоштаанд. Таксӣ мора бурда, сари кӯча партофту рафт. Чизу чораро фуроварда, дар таги чинор мондему барои хабар додан ба ҳавлӣ даромадем. Дар қафо боз ду таксӣ одам, якбора бесаришта нашавад, гуфтем. Э, вай одами ғалатӣ будаст. «Баъди шумоён рафтан маслиҳат кардем, модари духтар розӣ не, берозигии модар чӣ хел мешавад?» мегӯяд, – амакам тақлиди гапзании падари Рухсораро карданд. – Гуфтам, ки бори гузашта маслиҳататон напухта буд? Ин қадар одама аз куҷо ба куҷо овора карда овардан бозӣ не! «Хайр, як бор аз мо гузашт, мебахшед», мегӯяд. Сонӣ дадаат даромаданд, дигарҳо рафта гап заданд, не, гап таъсир намекунад. Ба чойхона рафта, аз якта-нимта мӯйсафедони деҳааш маслиҳат пурсидем. Бечораҳо чӣ ҳам гӯянд, номардӣ кардаст, гуфта оташин шуданд, дилбардорӣ доданд. Сонӣ харбузаҳоро ба ҳамонҳо додем, як гӯсфанди дусадсӯмиро кушта оварда будем, арзону аломат гӯшташа фурӯхтему омадем. Димоғи дадаат сӯхтагӣ, ҷудо оташин... Хайрият, ки дар хона набудӣ. Шумоён равед, ман имшаб хоб карда, фардо меравам, гуфтам. Баъд онҳо рафтанду ман мондам... Ягон нокас ин кора вайрон кард-дия, набошад маслиҳат пухтагӣ буд.

Вазъияти он лаҳзаинаи маро тасаввур кардан мушкил аст. Ман ба ҳар як нокомӣ, ба ҳар як зарбаи зиндагӣ омода бошам ҳам, чунин бешафқатиро ҳаргиз нигарон

набудам. Бигзор, бо ман ҳар чӣ хоҳанд кунанд, аммо падари пир ва ҳамдеҳагони солдидаи маро ин хел овора ва музтариб карданашон, маро дар деҳа ба ин андоза шарманда сохтанашон мағз андар мағзи устухонамро месӯхт, саропо меларзидам, аз ғазаб дандон ба дандон фишурда будам. Ҳар як бебарорӣ аламовар аст, аммо ин хел муомила тобу тавони касро хушк мекунад, монанди дарахте, ки барқ задааст, одамро дар як лаҳза сӯхта, хокистар месозад. Аз афташ, баъзеҳо дар сари ҳамин хел вазъият ҷиноятҳои мудҳиш содир мекунанд.

– Э, афсӯс, сад афсӯс! – бо алам сар меҷунбонданд амакам. – Охир нокас, дилат набошад, дафъаи аввал не гӯю мон, ё чарх зада бед, маслиҳат карда бинем, гӯй. Мо ин одамҳоро намеовардем, он вақт садқаи сар мегуфтему мерафтем... Дар байни халқ сар бардошта гаштан мушкил шуд. Боб кард! Э, боб кардан ҳам гап шуд!..

Амакам дар диван, ман дар кат нишаста, ҳарду лаънат мегуфтем, алам мекашидем, дандон мехоидем. Вақте ки дил дар оташи ситам ва ноҳақӣ гудохта мегардад, об мешавад, ниҳоят хатарнок аст. Дил ҳам шиша аст, шиша, ки об шуд, аз оташ бадтар аст, мегӯянд.

– Замона намебардорад-дия... – гуфтанд амакам, аммо давоми гапашонро изҳор накарданд. Чашмонашон ба як тарзи аҷиб дурахшид, дар ваҷоҳати он кас шарораи густохӣ ва бебокии кайҳо хомӯш гашта, лаҳзае рӯй задагӣ барин шуд.

Ман фикр кардам, ки амакам агар замона бардорад, ин ғавғоро чӣ хел ҳал мекарда бошанд? Магар ман розӣ

мешудам, ки ба пои духтар хоре халад, ё ба падару модару хешу табори вай ситаме расад?

– Монед, ғам нахӯред, ҳеҷ гап не, – гуфтам ман бештар барои ором кардани он кас.

– Ҳа, сарат амон бошад, тоқӣ ноёб не. Фақат барои саргардон карданаш мегӯям-дия. Дар пеши халқ кори нағз нашуд. Набошад ҳеҷ гап не, ту парво накун, – он кас ҳам дар навбати худ маро тасаллӣ доданд.

Оё ман тасаллӣ меёфтам? Касе тасаллӣ меёбад, ки ба тақдир тан медиҳад. Дили якрави ман ба ҳукми зиндагӣ, ба амри дигарон сар намефуровард. Баъзан худам ҳам намедонистам, ки аз ин умеди дароз муродам ҳосил мешавад ё не. Бо дили якрӯй ва иродаи таслимнопазире, ки доштам, маҷбур будам умре дар изтироб зиндагӣ кунам.

Аммо қадами шуми бебарорӣ бо ин ҳам аз остонаи ман канда нашуд. Аз рафтораш, устод – зиндагӣ ҳамаи билетҳои имтиҳонашро пеши ман гузошта, қасди он дошт, ки ирода ва тобу тавоноии маро дурусттар санҷад.

## 13. ОСМОН ДАР ҲАМА ҶО ЯКРАНГ НЕСТ!

Мегӯянд, ки ситораи думдор нишонаи ягон фалокати ба сари халқу мамлакат меомадагӣ аст. Дар осмон ситораи думдорро дида, пирон даст ба гиребон бурда, лоҳавл мехонанд, зимнан абрӯ чин карда, аломатҳои фалокати пеш меомадагиро дарёфтанӣ мешаванд, нишонаҳои онро меҷӯянд. Ҳоло ба назарам чунин менамуд, ки дар осмони ҳаёти ман ҳам ситораи думдоре пайдо шудааст. Дандонаҳои сарди он аз нохушие хабар

медоданд магар, дилам ҳамеша ғаш буд, баъзан бесабаб аз ҳама кор дилсард ва маъюс гашта, ба зиндагӣ беалоқа ва лоқайд менигаристам. Мардум дар атроф кор мекарданд, механдиданд, бо ҳам дарди дил мегуфтанд, суруд мехонданд–зиндагӣ доштанд.

Исрофилзода аз кори ман қаноатманд аст. Баъзан зиёда меҳраш метобаду маро ҳамроҳаш ба тӯю зиёфатҳои ошноҳояш мебарад. Ягон шиносаш ба меҳмонӣ таклиф кунад, баъзан «агар равем ҳар ду меравем, шуморо дар ин ҷо монда, худам танҳо намеравам», гӯён одамгариро сад фоиз ба ҷо меорад. Дар ин хел зиёфатҳо маро дар паҳлӯи худ шинонда, қадаҳамро холӣ намегузорад. Дар муддати пахтачинӣ ақидаи ман дар хусуси ин одам дигар шуд. Исрофилзода ҳамчун муаллим ва олим қобилияти баланд надошта бошад ҳам, марди дарёдил, дилёб ва беғаш барин. Манучеҳр ба наздам омаду маро аз кинадории вай огоҳ карданӣ шуда, дар омади гап, чӣ гуна декани пештараи факултетро ба вартаи бадномӣ андохтани Исрофилзодаро ҳикоят кард. Гуфтам, ки Исо ҳам ба раҳи худ, Мӯсо ҳам. Ба ман бадкорӣ накардагӣ одамро бад гуфта наметавонам.

Баъди хостгорӣ ману Рухсора ба чашми якдигар нигариста наметавонистем. Вай аз кори падару модараш дар хиҷолат, ман дилозурда ва малул, гӯё ба якдигар чӣ гуфтанамонро намедонистем. Вай хиҷил гашта бошад ҳам, ман барин пакар ва малул не. Маълум буд, ки муҳаббати вай мулоҳизанок аст, баръакси ишқи пуршӯру пурэҳтироси ман, вай ба ҳукми ақл ва мантиқ тан дода, кор мекунад.

Рӯзе ду нафар ҷавон бо мошини сабукрав Рухсораро пурсида омаданд. Ӯро аз пахтазор ҷеғ зада, даҳ дақиқа барин гапзанон карданду баргашта рафтанд.

Ман дар сари тарозу будам, аз он сӯи қитъаи калон, онҳоро шинохта натавонистам. Ҳар қадар дилам беқарорӣ кард, худдорӣ кардаму наздик нарафтам. Ҳамон талабгори Рухсора будаст, ки ба институт омада буд. Баъди ба донишгоҳ омада, Рухсораро дида рафтанаш ману Манучеҳр ба наздаш, ба Ҳисор рафта будем. Буду шуди гапро гуфта, хоҳиш кардем, ки ба муҳаббати мо халал нарасонад. Ҳақиқати ҳолро аз худи Рухсора мепурсам, гуфта буд. Имрӯз омада, ҳамон гапро пурсидаст. Рухсора даъвои маро тасдиқ кардасту вай гапро дароз накарда, ба роҳи омадааш баргаштаст. Барои Рухсора дар назди вай ҷавон иқрор кардани муҳаббаташ чӣ ҷасорати баланд аст, ман медонистаму худи ӯ. Ин гап ҳаргиз дар дили он ҷавон хоб намекунад. Ҳатто як бор даҳ афзуда, овоза мекунад, бо ҳамин тасаллӣ меёбад, дар пеши наздиконаш худро сафед мекунад. Албатта, дар шаҳр, дар аксар деҳоти Тоҷикистон ҳам, ин гуна воқеаҳо гапу кори муқаррарии ҷавонону духтарон аст, аммо барои духтари Ҳалқасой ин гуна иқроркунӣ бадномии гӯшношунидае буд.

Гоҳе фикр мекунаму худро маломат мекунам, ки гул барин духтар ба ҳасрати ман сараш пурмаломат, дилаш дар изтироб аст. Бо ҳамин андеша аксар озурдагиамро аз муомилаи падару модараш маълум намекардам. Фақат баъди ба хона рафта омаданаш пурсидам:

– Барои чӣ ин хел кардаанд?

– Надонам, – гуфту зери лаб хандид. – Хостгорҳои умедворашонро аз раҳ задед... ба ситеза ҳамин хел кардагистанд-дия.

Аммо ин гапаш барои шухӣ буд, инро ман аз оҳанги суханаш фаҳмидам. Вай дурӯғро бомаҳорат гуфта наметавонад. Сонитар фаҳмонд, ки падараш ба институт омада, аз ину он дар хусуси ман пурсуҷӯ кардаанд.

– Як муаллими пиракӣ гуфтаанд, ки вай дар сағирхона калон шудагӣ... Боз бекасу кӯй, арақхӯр, бадахлок... Боз ким-чӣ гапҳои намешудагӣ ёфта омада, ҳамаро гаранг карда шиштаанд... Аслаш, худатон гунаҳгор. Ҳамаро ба худ душман карда, дигар ба дардатон даво наёфта гардед, – гуфт вай бо алам.

Аммо ҳуши ман ба муаллими пир банд буд.

– Аҷоиб... Муаллими пиракиашон кӣ бошад?.. Обидӣ будагистанд? Он кас дар ҳамон ҷо. Ҷӯразода ин хел намегӯянд.

Он рӯзҳо аз ростӣ, ба бедардию беғамии Исрофилзода ҳавасам меомад. Вай соатҳои дароз бо донишҷӯён чақ-чақ карда менишаст. Ба пеши саркор мерафт, вай қатӣ гапаш қӯр мегирифт, шабҳо дар штаб ё меҳмонӣ гум шуда мерафт, хуллас, моҳияти рӯзу фароғати хоби шаб, нашъаи сӯҳбат ва лаззати таоми хӯрдагиашро медонист. Баъзан нимишаб ба хобгоҳ ширакайф меомаду ҷои он ки оҳиста даромада хоб кунад, маро бедор мекард:

– Вафобек! Ӯ, Вафобек! – сару либосашро кашида истода, фарёд мекард вай.

Намедонам аз чӣ сабаб вай ба номи ман «бек» ҳамроҳ мекард. Исрофилзода ҳамкори хушҳол буд, аммо ман он

рӯзҳо бо ғами худ андармон гашта, ба гӯшам гап намедаромад. Китоби бисьёре оварда будам, дар соатҳои бекорӣ дар гӯшае нишаста, мутолиа мекардам.

Дар ин ҷо вазифаи ман баркашида гирифтани пахтаи донишҷӯён, сипас онро ба ҳисобдори бригада супорида, барои пахтаи чидагӣ справка гирифтан, феҳраст сохта, пули аз хӯрок бар изофаи донишҷӯёнро аз сандуқи хазинаи колхоз гирифта ба онҳо додан. Исрофилзода ҳар бегоҳӣ ба штаб, ба пеши калонон рафта, аз пахтаи чидаи донишҷӯён ҳисоб медиҳад. Муаллим аз тоифаи он касоне, ки бо раҳбарон сару кор доштан, дар атрофи онҳо ҷӯлида гаштанро нағз мебинанд. Хислатҳои аҷиб дорад.

Рӯзе ректор ва парторги институт колхозро давр гашта, ба бригадаи мо омаданд. Онҳо ҳар сари чанд вақт барои ҳолпурсӣ меоянд. Дар институт, дар колхозҳое, ки донишҷӯёни мо пахта мечинанд, чӣ аҳвол аст, чӣ гапҳои нав, кӣ ғайрат дораду кӣ не, киро сарфароз карда, ба кӣ ҷазо додаанд, хабар медоданд, аз мо ҳолҷӯӣ мекарданд, таъинот медоданд. Исрофилзода намонд, ки гапҳои тозаро гӯянду шунавем. Ба онҳо навбати сухан намедиҳад. Гоҳе сухан дар даҳонаш мемонду ректор аз ягон кас гап мепурсид, ё ба ягон кори мо эрод мегирифт.

Аввали моҳи декабр. Ҳаво сард гашта, як-ду раҳ борони барфолуд ҳам борид, аммо тафси замин кори худро кард. Деҳқонон кайҳо ҳосили полезҳояшонро ғундошта гирифта буданд. Дар пахтазор ҳам пахта нест, донишҷӯён кураку қашқа мечинанд. Мо ҳар рӯз интизори фармони ба шаҳр баргаштан будем. Плани бригада ҳам, плани колхоз ҳам кайҳо буд шуда, дигар

онҳо ба қашқаи чидаи мо чандон эътиборе намедоданд. Ҳатто ба ҳисоб намегирифтанд, худамон ба саройи бригада бурда, дар таги айвон мерехтем. Аслан онро пахта гуфтан ҳам хато, ғоз надошт, ба хамири сахтшуда монанд буд. Донишҷӯён дарсҳои нахондагиро ба ёд оварда, фикр мекарданд, баъди ба институт баргаштан соати кадом дарсҳоро мебурранд, рӯзе ҳаштсоатӣ дарс мехонанд ё шашсоатӣ, муҳокима мекарданд.

Ҳамон сол ғалла танқистар шуд. Орду нон ду-се моҳ камчин гашт. Ба мо сари вақт нон нарасид. Рӯзи аввал захираҳоро сарф кардем. Рӯзи дигар ошпаз аз субҳ ба анбор рафта, то бегоҳӣ гум шуда рафту боз ду даст ба бинӣ омад. Агар дар деҳа, дар байни мардум мебудем, гурусна намемондем, аммо дар ин гӯшаи бекас одам чӣ кор карданашро надониста, саргаранг мешудааст. Картошкаю макарони таги халтаҳоро афшонда, хӯрок пухтему ба донишҷӯён таоми шомро бенон додем. Пагоҳирӯзи дигар ҳам нон наомад. Қанд фаровон буд, аксар як пиёлагӣ қандчой хӯрданд, баъзеҳо печени ва конфет қатӣ ношто карда, ба қашқачинӣ баромаданд.

Исрофилзода ҳамроҳи ошпаз ба анбор рафту ман ҳамроҳи донишҷӯён ба саҳро баромадам. Дар роҳ картошказори ҳосилаш ғундошта гирифтаро дида, аз раҳ гаштам. Омадаму каланду сатил гирифта рафтам. Замини картошкаро бо каланд дигарбора гардонда, то нимрӯзӣ зиёдтар аз ду сатил картошкамайда чидам. Бачаҳо ба нимрӯзӣ омаданд, картошка ҷӯшондем. Ба ҳар кас ду-се дона картошка расид.

Боз аз идора дасти холӣ омаданд. Ваъда кардаанд, ки то бегоҳ озуқа мефиристанд. Дигар ба умеди ваъдаи онҳо нишастан нашуд. Бо Исрофилзода маслиҳат

кардему ҳарду ба тарафи сарои пахтаи бригада рафтем, ду нафар колхозчиён дар пахтахушккунак ҷунбуҷӯл мекарданд.

Аз хоначае, ки тирезааш ба тарафи раҳ буд, ба истиқболи мо саркор баромад. Дар тан ҷомаи зира, дар сар тоқӣ, вай як марди ҳайкалдор, шоффбурут, рӯяш сергӯшт, нигоҳаш вазнину бовиқор буд. Саркор гап мезаду ба чашми кас наменигарист. Аз ин хислаташ тахмин кардам, ки вай одами коргар, аммо ростгӯю чарбзабон аст. Аммо ҳайбати вай аз саркор дида бештар ба раисҳои солҳои пеш монанд буд. Саркор арзамонро шунида, «не-е, наход?» гӯён дар ҳайрат афтод, оташин шуд, ба номи касе дашном фиристоду сонӣ аз мо гила кард, ки чаро се рӯз боз ба вай нагуфтем. Баъд яке аз колхозчиёнро чеғ заду амр кард:

– Аспи мана савор шаву ба қишлоқ тоз. Ҳар як хона сетогӣ нон ёфта диҳад. Агар нонаш набошад, аз ҳамсояаш қарз гирифта диҳад. Аз хонаи Сафар, Шукур ҷамъи нони будагира мегирӣ. Боз аз хона як ҷувол картошка гир. Дар таги айвон рехтагӣ, худат фуромада, бардор. Тез гашта биё.

Баъди рафтани он мардак саркор ба Исрофилзода рӯ оварда гуфт:

– Домулло, шумо шаҳриҳо одати мора намедонед... Наход, ки дар ҳамин хел замони серӣ, дар қишлоқ, тӯй аз паси тӯю бачаҳо гушна шинанд?! Ба ёрдами мо омада, кор кунанду... – вай бо таассуф сар ҷунбонд. – Ҳар яктаи инҳо падару модар дорад, барои падару модараш азиз... Қишлоқ – одами пур, як порагӣ диҳад, сер мекунад, як муштӣ занад, мекушад... Истед, ки аҳволи худатон чӣ

хел? – нигоҳи бовиқори вай ин дафъа рӯи маро палмосида гузашт.

Ёфтам, нигоҳи вай ба нигоҳи шер, шери дар боғи ҳайвонот дидагиамон шабоҳат дошт. Азбаски вай маро донишҷӯ ҳисобида, беэътино, фақат ба Исрофилзода нигариста гап мезад, ман ду-се қадам канортар рафтам.

– Ягон чиз ҳаст охир? – пурсид Исрофилзода берағбат фиш-фишкунон. Ӯ «ягон чиз» гуфта ош ё ягон хел зиёфатро дар назар дошт ва оҳанги суханаш ба он далолат мекард, ки бо саркор борҳо ҳамтабақ шудааст.

– Ин хел бошад, ана, ба ин хона  марҳамат кунанд. Хонаи гург бе устухон намешавад, чӣ гуфтед? – саркор моро ба ҳамон хонае, ки аз он берун омад, раҳнамоӣ кард.

– Бачаҳо чӣ   мешаванд? – пурсидам ман оҳиста аз Исрофилзода.

– Саркор гуфтанд-ку, надидед, одам рафт? - гуфт вай дилпур, ба оҳанги акнун донишҷӯён сер шуданд, гуфтан гир.

Саркор моро ба хона  даровarда шинонд. Баъд худаш берун рафта ба саройбон супориши даркориро дода омаду дар таги тиреза чорзону зада нишаст.

Фурсате нагузашта, саройбон даромаду ба назди мо дастархон паҳн кард. Аввал нону ангур овард. Саркор нонро шикасту моро ба дастархон ҳидоят карда, худаш ба гап андармон шуд. Нигарам, Исрофилзода ҳам шикамаш сер барин ба гап саргарм, муроoти зиёдро мунтазир нашуда, як пора нону як сар ангур гирифта хӯрдам. Саройбон дар як коса салати помидору ду шиша арақ оварда монду худаш баромада рафт. Саркор яке аз шишаҳоро кушоду баробар тақсим карда, ба се

пиёла рехт. Дар дил гуфтам, ки ҳозир ин ғӯзачашм маро маҷбур мекунад, ки ба шиками гурусна ин заҳрро нӯшам. Баданам виҷиррос зад, вуҷудам ларзид.

– Хайр, гиред, аз дӯсти нодон, аз зани беҳаё, аз раҳбари худдонам нигаҳ дорад, – вай бо ин ҳикмати бофтаи худаш пиёларо ба Исрофилзода дароз кард. Сипас дигарашро ба ман пешкаш менамуд.

– Не, ман намехӯрам, узр... Ду рӯз боз хӯроки дуруст нахӯрдаам.

– Ҳозир тайёр мешавад, шумо ина гиред. Барои иштиҳа, – гуфта вай пиёларо ба ман дароз карда истод.

Аз афташ, саркор ё сухани маро нафаҳмид ва ё аз қабили одамоне буд, ки ба ҳарфи хурдон чандон эътибор намедиҳанд. Ба ҳар ҳол «барои иштиҳа» гуфтани ӯ хандаамро овард.

– Хайр, шумо гиред, ман сонитар, – одами калонсол якзайл даст дароз карда истоданаш маро саросема карду пиёларо аз дасташ гарифта, ба дастархон мондам.

– Аз даст намемонанд. Қоидааш ҳамин, – гуфт саркор ва ба Исрофилзода рӯ овард: – Домулло, ба шогирдон камтар услубу одоб ҳам ёд диҳетон.

– Сад грамм арақ, намекуштагист, гиред, – Исрофилзода пиёлаи маро гарифта, ба дастам дод.

– Гиред, додар, дӯст кушад ҳам, ба офтоб намепартод. Аз дасти дӯст як пиёла об хӯред, ки асал аст, – чеҳрааш кушода гашта, боз мақол овард саркор.

Кӯр шавад, гуфта нӯшидаму зимнан ба саркор зеҳн мондам. Вай пиёлаи пурро оҳиста дам кашиду бе ҳеҷ рӯтуршкунӣ як пора нонро бӯ кашида, гапашро бо Исрофилзода давом дод. Аз ҳар як ҳаракати вай, аз ҳар

як суханаш маълум буд, ки марди бениёз, коркун ва ба худ боваридор аст.

Он рӯзи наҳс бо хотираи нохуши худ ҳамеша дар ёди ман, ҳамчун ҷароҳати накбат маро ҳар замон сӯзиш медиҳад, ҳамчун сабақе аз соддагӣ ва бетаҷрибагии ҷавониам ҳамеша бароям кор медиҳад. Ба ёд меораму худро маломат мекунам, аз ҳастиам дилмонда мешавам. Сипас боз худро тасаллӣ медиҳам, ки оби рӯд ҳам аз пасту баланди роҳ, аз афтодану кӯфтанҳо пухта мешавад.

Баъд мурғбирён овардандy шишаи дигарро кушода, нӯшидем. Ман дар хусуси бешудгори тирамоҳӣ мондани заминҳои бригада гап кушода, бо саркор баҳс кардам, киштгардон накарда, ҳар сол ба замин як хел зироат кориданашонро гуфта, андешаҳои худро дар ин хусус баён карда, аз афташ, сарашонро хеле гаранг кардам, ки саркор боз шишаи арақ кушод.

Ман аз рӯи китобҳои хондагиам мулоҳиза меронадам, доир ба ин масъала ҳамон вақт таҷрибаи амалӣ ва вуқуфи саҳеҳ надоштанамро хеле сонитар фаҳмидам.

Бегоҳирӯзӣ ба сӯи қароргоҳамон омаданам аранг-аранг дар ёдам мондааст. Аз донишҷӯе пурсидам, ки бачаҳо куҷо шудаанд? «Ба район, ба деҳа, ба ҳар тараф рафтанд», гуфт вай. Ба сари вай дод задаам, ки ҷаро беиҷозат мераванд... Сонӣ ба куҷо рафтам, чӣ кор кардам, намедонам, ногаҳон дар рӯ ба рӯям Рухсораро дида, лаҳзае ба худ омадам. Вай ким-чиҳо гуфта, маро ба хонаи хобам бурд. Ёд дорам, вай лампаи керосинии хонаи маро дармегиронд...

Баъд, дар ёдам мондааст, маро ба хоб кардан ташвиқ мекарду ман саркашӣ карда ба куҷое рафтанӣ, бо касе

хархаша карданӣ мешудам. Як замон чашм кушоям, муовини декан дар рӯ ба рӯям истода, бо тамасхур, балки бо ғазаб ким-чиҳо мегӯяд. Ҳаминаш дар хотирам мондааст, ки мақол мегуфт, аз қабили устод чӣ гуна шогирд намуна ё ба ҳамин монанд.

Сонитар ба ман ҳикоят карданд, ки ба вай хеле суханони пасту баланд гуфтаам, шикамсерон, гӯён дашном додаам.

Фардояш дер аз хоб бедор шудам. Рӯз чоштгоҳ шудааст. Атроф сокит, бачаҳо ба саҳро рафтаанд. Исрофилзода ҳам наменамуд. Агар ин лаҳза вай рӯ ба рӯ шавад ҳам, ба рӯяш туф намекардаму, аммо як-ду даҳан мегуфтагиамро гуфта мегирифтам. Не, гуноҳи вай не... Ман худам гоч... Эҳ... ҳамон рӯз ҳодисаи шабонаро ба ёд оварда, қариб буд, ки девона шавам. Одамизод тар аст, дуд мекунаду намесӯзад. Аз кирдори худ чунон алам мекашидам, ки чӣ кор карданамро намедонистам. Ба ман ҳолате рӯй дод, ки беихтиёр ба мехи чароғвези болор нигариста мондам. Арғамчин ҳам ёфт мешавад... Ман аз ҳастии худ, аз одамони наздик, аз ҳама чизи дунё нафрат карда, худро радди маърака, ба ҳеҷ кас нодаркор, муҷиби ҳар гуна тамасхур мешумурдам. Марги ман боиси тамасхур мешаваду бас. Номус гиребонгири ман буд.

Баъд дар бораи Рухсора фикр кардам. Ба вай нағз намешавад, баръакс, болои сӯхта намакоб мепошам. Агар ман худро ягон кор кунам, боз валвала мехезад. Мегӯянд, ки дар ишқи ҳамин духтар худро ҳалок кард. Вай дигар ба ҳеҷ кас аз бинӣ боло гап зада наметавонад. Ҳама маломаташ мекунанд, ки аз барои ту

шумдидор ҷавоне худро ба куштан дод. Аҷаб не, ҳама аз вай ҳазар кунанд... Балки баръакс... «Духтаре, ки фалонӣ дар ишқаш сӯхта, худро овехт, ҳамин аст», гӯён ҳар як ҷавон ба вай хушдору талабгор шавад?.. Марги ман барои Рухсора шикасти калон мешавад, беадолатӣ, берамӣ... Не, ин хел номардона мурдан намехоҳам... Охир ману вай сарфи назар аз монеаҳо, ноумедиҳо якдигарро дӯст медорем. Беҳтарин ва хушнудтарин лаҳзаҳои умри ман ҳамон аст, ки бо вай будам... Ба ҷуз вай, балки ҳеҷ кас баъд аз вафот дар шаҳр аз буду набуди ман ёд намекунад. Ҳа, ҳеҷ кас ёд намекунад... Не, Инобат-чӣ? Инобатро ба ёд овардаму рӯҳам боз қадре кушода шуд. Чӣ хел духтари ҳалиму меҳрубон, дӯсти беғараз ва дилсӯз... Не, барои наҷоти худам падару модари пирамро сӯзондан, Рухсораи меҳрубонро ноком карданам ноодамӣ аст...

Садои ғурриши мотори мошин маро аз ин андешаҳои ғамангез ба худ овард. Аз тиреза нигаристам, ки мошине пахта бор карда, аз тарафи хирман меояд. «Ба пункт пахта мебарад», аз дилам гузашт. Тозон ба сари роҳ баромадаму мошинро нигоҳ доштам. Баъд ба хона омада, чизу чораамро баста, ба даст гирифтаму ба кабинаи мошин нишастам. Баромада рафтани маро ҳеҷ кас надид.

Дар роҳ саркор мошинро нигоҳ дошту ба ронанда таъин кард, ки боз як бор ояд. Ба ман дар аввал эътиное накарду баъд дар омади гап, ба тариқи тасаллӣ гуфт:

- Парво накунед, муаллим... дар ҷавонӣ мешавад... Албатта, нағз нашуд. Домуллотона ҳам нафаҳмидам.

Ман ҳеҷ чиз нагуфтам.

Мехостам, ки зудтар аз ин мардум ва ин ҷойҳо дур равам.

Дар кабина нишаста, ба пахтазори хазоншудаи сиёҳчатоб, ки ҳар як ваҷабаш ба ман ошно буд, назар мекардам. Рухсора дар ин ҷойҳо пахта мечид... Рухсораро партофта, ба куҷо ҳам меравам! Бигирам, ки муваққат бошад ҳам аз ин ҷойҳо меравам, аз дидори ин одамон мегурезам, аммо аз шиканҷаи виҷдон, аз нигоҳи пурмаломати Рухсора, Манучеҳр, Инобат, аз таассуф ва дареғгӯии Ҷӯразода ба куҷо гурехта, наҷот меёбам? Не, одам аз худаш гурехта наметавонад... Ман дар гирдоби фикрҳои муғлақ, дарҳам - барҳам ва парешон ғарқ будам. Гоҳе худ ба худ мегуфтам: бас аст, лаганди ман аз бом афтид, дигар чаҳдам ба ҷое намерасад. Сарамро гирифта ба ягон тараф меравам.

Дигар рӯям нест, ки ба чашми одамон нигоҳ кунам. Худам гунаҳкор, худам гумроҳи бебарор, ҳарзахаёли ношуд. Меравам, дигар илоҷ нест, меравам!

## 14. АНДЕШАҲОИ РОҲИ ЗИНДАГӢ

Дар синну соли ман баъзе ҷавонон дар ҷамъият мавқею мақоми муайянеро соҳиб мешаванд. Аммо аксар ҳанӯз ба ҷое нарасида бошанд ҳам, бо умед, дилпур аз фардо зиндагӣ мекунанд, боварии комил доранд, ки ба ҳамаи мақсадҳои аниқу ноаниқи худ мерасанд. Бахту толеъ дар назари онҳо ба аспи бодпое монанд аст, ки ба ҳар як кас як навбат мерасад. Даврат, ки расид, метозӣ! Чунон ки мегӯянд, асп ёбию дашт ёбию натозӣ, гунаҳгор - худат... Ҳоло ба ман чунин менамояд, ки навбати аспт озиам расид, аммо ба корҳои муҳимтаре саргарм

будам, бинобар он, асп ҳанӯз  резачорпо накарда зуд фуромадаму навбатро гузарондам... Ду моҳ пештар ман чунон пуркор будам, ки гузаштани рӯзу расидани шабро пай намебурдам. Аз саҳар то шом бо дарсгӯӣ, машғулияти семинарӣ, маҷлис, маҳфил, консултатсия, китобхонӣ, санадғундорӣ машғул будам. Худро одами бағоят зарур мепиндоштам, ба ҳар як гапу кор ҷавобам тайёр буд, дар ҳар як масъала фавран ба хулосае меомадам. Барои андешаҳои чуқур фурсат надоштам.

Инак, ҳоло худро дар институт одами нодаркор меҳисобам. Аз хиҷолат рӯям намешавад, ки ба факултет равам.

Дадаам имсол ба нафақа баромаданд, колхоз бист сӯм нафақа таъин кардаст. Понздаҳ сотих замини рӯидарича доранд, обчакорӣ мекунанд. Деҳаи мо аз шаҳру бозор дур, бинобар он, сабзавот ва меваи зиёдатиро фурӯхтан ба мардуми мо расм нашудааст. Ҳар кас ба замини рӯидаричааш зироати ба рӯзгор даркориашро мекорад. Дадаам, ба ғайр аз ин, гови дӯшоӣ ва ҳафт-ҳашт сар моли реза доранд, ки бо нигоҳубини онҳо худро машғул месозанд. Вақтҳои охир ба рӯи ман нигариста, оҳиста бо дард оҳ мекашанд, аммо чизе намегӯянд. Ман ҳис мекунам, ки аз кору бори ман норозианд, умедҳои он касро барбод додаам. Дар деҳа  айёми мактабхониам муаллимон бо як овоз талқин мекарданд, ки маро баъди тамом кардани мактаб ба институт фиристонанд. Бо таъсири ҳамин ташвиқот дадаам аз ояндаи ман дилпур буданд, умедҳои калон доштанд, ки хонда ба деҳа меояму дар колхоз агроном ё раис мешавам ва он кас дар сояи обрӯю эътибори ман ба роҳат зиндагӣ мекунанд.

– Бас не оворагиат, биё дар колхоз ягон кор ёфт мешудагист?.. Хонадор кунем, зани ту ҳам ба мо хизмат кунад, – бо умед ҳанӯз ҳам маслиҳат медиҳанд, ё хоҳиш мекунанд, фаҳмидан мушкил.

Ман аз бисёр ҳамдеҳагон ин гапро мешунавам. Ҳар бор таъкид мекунанд, ки дадаат пир шудаст, хоҳаронат бо рӯзгори худашон овора, ту биё, ба мӯйсафед саробонӣ кун, бечора ба умед туро калон кард, хононд. Ман ба ҷои ҷавоб бо дард оҳе мекашам. Чӣ гӯям, чӣ ҷавоб диҳам?!

Бинобар он ҳам, рӯзҳои дар деҳа буданам соате бекор наменишинам. Ин бор ҳам боми ошхона ва оғилро толпӯш кардам, печкаи хонаро аз нав соз карда шинондам, барои зимистон ҳезуму ангишт ёфта овардам. Баъд чор-панҷ сӯм пули дар киса мондагиро ба дасти падар додаму ба шаҳр баргаштам.

Ба институт омадам, ки донишҷӯён аз пахта баргашта, таҳсил сар шудааст. Дигар ман бо таълиму таҳсил алоқае надорам. Аҷаб не, аз ин корам ҳам пасттар фуроранд. Барои арақхӯрию бадмастӣ албатта ҷазо медиҳанд. Худ ба худ аҳд кардам, ки ягон кори дигар ёбам. Агар ба ягон институти илмию таҳқиқотӣ ба кор мегирифтанд, хуб мешуд. Мақолаҳоямро хондагистанд, агар нахондагӣ бошанд, бурда нишон медиҳам. Ягон кори паст диҳанд ҳам, ман розӣ.

Имрӯз ба номи ректор ариза навишта рафтам, аммо он касро дар идора наёфта омадам. Дар роҳ Манучеҳр пеш омад. Саросема ба дарс мерафт, гуфт, ки Рухсора маро кофта гаштааст, як бор ӯро рафта бинам.

Дар ривоятҳои динӣ аз азоби дӯзаху фароғати биҳишт гап мезананд, аммо дар асл, ҳамаи ин мавҳумот

акси ҳаёти воқеии мост. Дӯзах ҳам, биҳишт ҳам дар худи мо, дар рафтору гуфтор, дар тинати худи мо таҷассум аст. Шиканҷаи виҷдон аз азоби кадом дӯзах камтар? Ана, ман ҳоло ба чашми рафиқон нигоҳ карда наметавонам ва як умр, ҳар боре, ки ин одамонро бинам, ҳамон номаъқулиам ба ёд меояд, диламро фишурда, айшамро талх мекунад.

Субҳи рӯзи дигар аз хоб чашм кушодаму хеле вақт дар бистар ғелида хобидам. Ба хестан ҳавсала надоштам. Ин хел одатам набуд. Айёми донишҷӯӣ мудом аз рафиқони ҳамхона маломат мешунидам: аз хоб чашм мекушоию мор газидагӣ барин парида мехезӣ, як дам хоб кун, мегуфтанд. Ҳозир бархоста, бояд ба институт равам, лабораторияро кушоям... Не, ҳеҷ поям намекашад, ман баъзеҳо барин пӯсти ғафс надорам. Аризаамро бардошта, ба назди ректор меравам... Соли нав наздик меояд. Порсол ҳамин вақт чӣ хел беғаму беташвиш будам. Ним сол кор накарда, ҳамин қадар ғавғо. Саъдӣ нағз гуфтааст: «То ба пои худ равон гаштем, саргардон шудем».

Касе дарро бо нӯги ангушт нарм - нармак зад. Ҳаросон бархоста, шимамро пӯшидам.

– Дароем майлаш, ё як бор мебароед? Илтимос, – овози сохтаи ба тақлиди духтаракони нозпарвард борик баровардаи Манучеҳрро шинохтам.

– Гаранг накун, даро! – асабонӣ ба кат нишастам.

Баъди вохӯрию пурсупос Манучеҳр ба чашмонам нигариста аз рӯи одат кайфияти маро санҷиданӣ шуда, пурсид:

– Нағзӣ?

– Бад.

– Боз чӣ гап шуд?

– Шуданӣ шуд, боз чӣ шавад.

– Ҳеҷ гап не... – Лаҳзае ба расми ҳамдардӣ хомӯш монду сипас мавзӯи гапро дигар кард: – Рухсора туро кофта гаштааст. Бечора мурғи посӯхта барин, бетоқат «он каса ёбед», мегӯяд. Қариб ба деҳаатон телеграмма фиристонам. Надидӣ?

– Не.

– Имрӯз ба кор мерафтагистӣ?

– Не. Аз кор меравам.

– Э-э, бачагӣ накун. Ҳамин ҳам гап шуд! Маст шудаст! Мардум ҳар рӯз маст мешаванд. Ана Баротов ба дарс ҳам маст даромад. Ҷави ягон каса хом надаравидӣ-ку! – Сонӣ лаҳзае таваққуф карду баъд гуфт: – Ман туро огоҳ карда будам, дар ёдат?

Даст афшондаму садқаи сар гуфтанӣ шудам. Гуноҳи худам, вай зӯран ба даҳони ман нарехтааст-ку. Хайр, агар одамгарӣ мекард, маро намегузошт, ки ба назди донишҷӯён равам. Барои ин аз вай домангир шудан нодуруст.

– Хез рафта ношто кунем.

– Не, намеравам. Ман аз кор меравам, Манучеҳр. Бас.

– Ҳиъ... – писханд кард вай.

Сонӣ ҷиддияти авзои маро дида, аввал ба фикр афтод, баъд ба чашмам нигариста табассум кард. Одатан, ба нозу нузи кӯдаки инҷиқ ҳамин хел табассум ва тамасхур мекунанд. Вай пай бурд, ки ман андешаи изҳор накардаи ӯро аз авзоаш хондам, ҷиддан ба насиҳат сар кард:

– Гӯш кун, ту ин хел сабӯс барин сабук нашав. «Мард бояд, ки дар кашокаши даҳр санги зерини осиё бошад»,

гуфтаанд. Наход, ки ҳамин як зарра ногуворӣ туро аз мувозинат барорад?! Гурехтан осон, ариза менависию рафтан мегирӣ, чор тарафат қибла. Аммо ин кори мард не. Агар худатро қадр накунӣ ҳам, Рухсорароро фикр кун... Офарин ба вай. Бо ҳамин қадар маломат, тазъиқи падару модар як гапашро ду накард. Ана, ин кори вай ҷасорат аст. Агар равӣ, нисбат ба вай кори нағз намешавад.

Дар дилам гуфтам, ки насиҳат кардан осон, ба ҷои ман худат мебудӣ, сонӣ мефаҳмидӣ. Аммо Манучеҳр баринҳо ба вазъияте, ки ман афтодам, ҳаргиз намеафтанд. Барои чӣ намеафтанд, гуфта наметавонам, аммо намеафтанд, инаш аниқ, ба ман бовар кунед.

– Ба ҳар ҳол, як бор аз назди ректор мегузарам.

– Чӣ мегӯӣ? Чӣ мехоҳӣ аз ректор? Ҳеҷ чиз... Ҳамту... Маслиҳат мепурсам. Он кас аз ҳамаи ин воқеаҳо хабардор. То ҳамаашро гуфта, диламро холӣ накунам, дигар кор карда наметавонам.

– Хайр, ихтиёрат... Лекин калимаи «меравам» – ро ба забон нагир. Агар туро аз кор ронанд ҳам, бояд илоҷашро ёбию наравӣ. Вагарна ҳамаи ин ишқу муҳаббат дурӯғ будааст. Хайр, хато кардӣ ислоҳ менамоянд. Пасфардо маҷлис, ба ман таъин карданд, ки туро бохабар кунам. Вазнин шав, санги вазнинро об намебарад. Агар вазнин шавӣ, ҳамааш мегузарад. Ба кайк ситеза карда кӯрпаро сӯзӣ, сӯхтан мегирӣ.

Ана, гап дар куҷо будааст. Пеш аз маҷлис ба ман матонат бахшиданӣ. Эй, Манучеҳр, Манучеҳр! Агар ман ба ҷои ту мебудам, барои ин хел гуноҳи дӯстам, насиҳатгӯӣ намекардам. Ду-се сухани ҷонсӯз мегуфтам. Гоҷ, аҳмақ бодии каллаварам, мегуфтам. Мегуфтам, ки

Рухсора ба ту ҳайф, ба як тори мӯи вай намеарзӣ! Балки онгоҳ ба ман осонтар мешуд. Аз муҳокимаи рафтори ношоистаи худ наметарсам. Ман аз ҷазо наметарсам, аз маломати дӯстон, аз заҳрханди баъзе нокасон аз он ки дар ин миён Рухсора ҳаст ва дар маҷлис номи ӯро мегиранд, метарсам... Кошки, ҳамон рӯзи мастиам Рухсора пайдо намешуд! Ҳеҷ намехоҳам, ки номи вай ба миён афтад!..

Аз хона баромадему Манучеҳр аз паи кораш рафт. Ман чӣ кор карданамро, ба куҷо рафтанамро аниқ намедонистам, бинобар он давр задаму ба хобгоҳ баргаштам. Дар роҳ ғарқи фикру хаёлҳои беохир ба роҳгузарон ҳам эътибор накарда меомадам. Ногоҳ садои Рухсора монанди барқ сар то поямро ба ларза оварду сар бардоштам, ки вай дар он тарафи роҳи мошингард, ба ман нигариста табассум мекунад. Агар чеғ назанад, гузашта мерафтаам. Вай ғолибан аз хобгоҳи ман меомад. Аз дилам гузашт, ки духтари бечора аз бозе, ки бо ман шинос шудааст, ба ҷуз ғаму ташвиш, таънаю маломат, чӣ ёфт? Вай метавонист ягон ҷавони кордону хуштолеъро дӯстдошта, умрашро ба қавли мӯйсафедон, як гуфтаю ду хандида гузаронад... Аммо он ҷавони муросоҷӯи хуштолеъ ӯро ман барин дӯст медошт магар? Боз худро таскин додам, ки ҳанӯз умри мо дар пеш, ҳама кор дар пеш аст.

Вай аз табассум, гул-гул шукуфта бо ман вохӯрӣ кард. Ӯро дида якбора дилам кушода шуд. Рухсора маро пазмон шудаст. То имрӯз вай пазмон шуданашро ягон бор ба ман ошкор накарда буд. Нигоҳаш сар то пои маро гӯё сила карда мегузашт, машомаш ҳастии маро бӯиданӣ, хандааш қаъри дили маро равшан карда,

гиреҳҳои вазнини синаамро кушоданӣ, тамоми вуҷуди маро бо нур ва ҳарорати худ фаро гирифтан мехост. Вай ким-чӣ гуфт, аммо аз шиддати изтироб ва ғалаёни дил онро нашунидам. Аз табассуми вай ҳам навозиш ва ҳам маломат ва дилсӯзӣ эҳсос кардам. Дар чашмонаш ашк ҳалқа зад ва дар як мижа задан ду чашми сиёҳ ду коса об гашт. Бо хиҷолат рӯй аз ман гардонду гуфт:

– Тамошои зӯр нишон додед, – аммо дар ин гуфта низ таъна не, бештар тараҳҳум ҳис карда мешуд.

Ман ба чашми вай рост нигаристам. Ӯ ягона касе буд, ки ман ба рӯяш бехиҷолат нигариста метавонистам, дар назди вай виҷдонам пок, гуноҳам авфпазир буд.

– Шумо баромада омадед... хаёлам ба ҳазор кӯй рафт... Зиқ шудам, – гуфт вай гилаомез чашмонашро гардонда. – Сонӣ ба шаҳр омадем, ман ба деҳа рафтам... Ба дилам ҳеҷ чиз намеғунҷид... Модарам катӣ ҷанг кардам... Ҳамаашон ҳайрон шуданд.

– Ҷанг кардед? Барои чӣ?

– Барои чӣ! – вай бо нозу нузҳои ширин ва эркагиҳои ба худаш зебанда маро сарфароз мекард. – Барои шумо... Рост. Чӣ ин қадар бечoраро гаранг мекунед, гуфтам. «Бӯғчаатро гиру рав, дафъи муминон шав», гуфт.

– Наход?.. Акнун чӣ кор мекунед? – намедонистам, ки аз ин ҷуръати вай хурсанд шавам ё хафа, аммо аз ваҳми дилмониаш бо модар сахт ба ташвиш афтодам. Медонистам, ки ин ҳодиса барои вай андӯҳи калон аст.

– Чӣ кор мекардам, ба хонаи шумо меравам, – шӯхӣ мекард вай.

– Не, бешӯхӣ мепурсам, чӣ кор мекунем? Охир берозигии онҳо...

– Надонам, охираш чӣ мешавад... Худо зад-чӣ, розӣ мешудагистанд? – вай тахмин намекард, балки аз ман мепурсид. Розӣ нашаванд, ман ҳам ба хостагии онҳо розӣ намешавам.

Нигоҳи миннатдори маро дида, аз ин густохиаш хиҷолат кашидагӣ барин бо шӯхӣ хандид.

Баъд ману вай аз пиёдагард қадамзанон то канори шаҳр, домани теппаҳо рафта омадем, ҳамаи гапҳои дар диламон ғуншудагиро гуфтем, барои оянда баъзе тахмину реҷаҳо кашидем.

Сӯҳбати имрӯза ба ҷароҳати дили ман марҳам шуд. Дарахти умеди ман аз беобӣ бемаҳал хазонрез гашта буд, аммо Рухсора ба он ҷӯй оби равон оварду дигарбора ба нашъунамо сар кард. Дар дилам аз нав умеди тоза, боварӣ ва иқтидор ба кору вазифа, ба фардо пайдо шуд.

– Хостгор гуфтагӣ, агар ҷазман бошад, чарх зада меомад. Хостгорҳои шумо дигар хел будаанд, – гуфт вай гӯё дар омади гап.

Ман ба ҷои ҷавоб нимтабассум кардам. Вай фаҳмиданӣ буд, ки ҳоло хостгор фиристоданиам ё не, бинобар ба даҳонам нигарон шуд.

– Вай воқеа камтар аз ёдашон равад, кӯҳна шавад.

Дар ҳақиқат ҳоли ҳозир ба дадаамно аз ин хусус даҳон кушода намешавад, алами он хостгорӣ аз дилашон нарафтааст.

– Агар аз дастам меомад, ҳар рӯз як бор хостгор мефиристодам. Аммо чӣ кор кунам?

– Инобатро дидед?

Рухсора ҷавоби инкор гирифта, зери лаб хандидагӣ барин шуд. Ба ман чунин намуд, ки вай аз ягон сир бохабар аст.

– Чӣ гап, тинҷӣ охир? – лоқайд, **бо** як оҳанги сард пурсидам.

– Гуфта будам-ку, дар шаҳр як амакам ҳастанд. Ҳамон кас аз ман шумора пурсиданд, – гуфт вай андаке сурх шуда, бо изтироб. – Инобатон ба он кас гуфтаанд.

– Ман худам ҳам як бор ба назди амакатон рафтанӣ будам. Ана, ин ғавғоҳо пеш омаду сарҳисобамро гум кардам.

– Акаи Манучеҳр ба шумо ҳеч  чиз нагуфтанд? – бесаброна сухани маро бурид вай.

– Ҳа, гуфт, – гуфтам ман хабари маҷлисро дар назар дошта. Бо зарда даст афшондам.

– Аз афташ, худо оҳатона шунидагӣ барин, – асроромез табассум мекард вай.

– Чӣ гап? – пурсидам ман бо таажҷуб, балки хавотиромез...

– Ҳамту, худам, – сиреро пинҳон карданаш аён шуд, аммо дигар гӯй гуфта исрор накардам.

Нимаи дуюми моҳи  декабр ҳаво сард гашта, баъзан шамоли изғрин аз тарафи кӯҳ барфи майда меовард. Маълум буд, ки ба кӯҳҳои атроф барф мебориду гардаш то ба шаҳр мерасид. Аёсаш сару рӯи касро алмос барин мебуррид. Сурати ҳамонрӯзаи Рухсора ҳамеша дар пеши назарам дар сараш тоқии парча, аз болои он рӯмоли шоли тагаш сиёҳу гулҳои коса-косааш сурху сабз. Як нӯги рӯмолро аз таги гулӯяш гирифта ба китфаш партофтааст. Чашмони ӯ ҳамеша ба ягон нуқта банд,

ҷиддӣ, ба ман ҳамеша бо савол менигаристанд; лабони борикаш саҳл ва фарқаш рост кушодагӣ, як даста мӯяш аз пешонӣ хамида, абрӯ ва чашми чапашро андаке пинҳон карда гузаштааст. Дар тӯли ин чор-панҷ моҳи охир қомати вай расотар шудааст ё лоғар гаштаасту дар назар қадбаланд менамояд.

Аз Рухсора ҷудо шуда, ҳамон рӯз баъди пешин ба кор рафтам.

Соат наздик ба шаш буд. Мо аз маҷлиси комсомолӣ баромадем. Аз дар берун шудему яктогӣ сигор даргиронда, хомӯш ба роҳ афтодем. Аз ваҷҳи ҷазогирии ман Манучеҳр ҳам нохуш, худро гунаҳгор барин мешумурд. Ман вазъияти ӯро ҳис мекунам, имкони сафед кардани ман набуд, гуноҳам таъин, пеш аз ин ҳам дар шумораи комсомолони намуна ва фаъол набудам. Аммо вай гунаҳгор барин ба рӯи ман нигоҳ намекард, агар ман ба рӯи вай нигоҳ кардани шавам, нигоҳашро мегурезонд. Маҷлис - маҷлис аст. Алалхусус маҷлисе, ки дар он гуноҳи одамро муҳокима мекунанд, як навъ суди рафиқона аст. Суд эҳсосоти шахсро, таъсири шароити гуногун, муносибатҳо, ақида ва афкори касро ба инобат намегирад.

Дастҳо ба киса, сарамонро аз гиребони палто ба дарун кашида хомӯш мерафтем. Осмон соф бошад ҳам, ҳаво хунук, замин ях кардагӣ. Шаби дарози зимистон аллакай ба шаҳр доман паҳн карда, чароғҳо ва лавҳаҳои электрикӣ дар ҳавои ғуборолуд хира метофтанд. Таассуроти вазнин ва ногувори муҳокима, ҷазогирии ман ба ҳар ду ҳам маҷоли сухан гуфтан намедод. Манучеҳр нағз медонист, ки ба ман тасаллӣ додан

баробари дашном додан аст. Тасаллӣ ва тасаллибахшро хуш намекунам.

Пештар тахмин карда бошам, акнун боварӣ пайдо намудам, ки ба комёбиҳои нахустин ва фазлу дониши нокирои худ ғарра шуда, дӯстону ҳамкоронро ранҷондаам. Ба ҳар ҳол онҳо аксар кию чӣ будани маро аниқ надонанд ҳам, аз ғайбат, аз гапу калочаи ину он дар хусуси ман ақидаашон чандон нағз набудааст. Баъзан бо беэътиноӣ, баъзан бо қатъияти якравона ва худдонамӣ баъзеҳоро лат дода бошам, онҳо ҳам чун саргине, ки як дег ошро ҳаром мекунад, кори худро кардаанд. Ғайр аз ду-се нафар касе напурсид, ки гуноҳи ман чист?

– Ҷои мулоҳиза не, гап заданат даркор буд, – риштаи хаёламро бурид Манучеҳр. – Нина дуруст гуфт, тақдират ҳал мешаваду ту бошӣ ба даҳанат об гирифта шиштӣ.

Ман ба ҷои ҷавоб додан сарамро бештар ба даруни гиребони палто кашидаму қадамамро тез кардам. Ҳаёти ман вақтҳои охир аз силсилаи нокомиҳо иборат гашта, рости гап, баъзан барои ин нобарориҳо киро гунаҳгор карданамро намедонистам. Наход, ки як умр номуросои бебарор монам? Албатта бо дурӯғ, бо сохтакориҳо носозгорӣ ҳам  кайфияте дорад, аммо ман як умр дар шиканҷаи бебарорӣ зиндагӣ кардан намехоҳам. Чӣ бояд кард? Баъзан ҳам аз худам, ҳам аз атрофиёнам безор мешудам. Ана, ҳамин тариқ, принципҳои зиндагиро, ки аслан дар ин боб ҳеҷ чизро намедонистам, таҳлил ва таҳқиқ карданӣ мешудам. Чаро ман, донишҷӯи аълохон, пурсабр дар байни ҳамкурсон баобрӯй якбора ба кор ношоям шудам?! Кошкӣ, ман он вақт ба ин савол ҷавоби

аниқ ва саҳеҳ медоштам. Ин гуна хулосаҳои сарсарӣ ва берабт ҳамеша ҳангоми ягон нокомӣ дар сари ман ба рақс медаромаду сонӣ монанди дуди сигоре, ки хонаро пур кардааст, оҳиста парешон мешавад.

Дар сари чорраҳаи хобгоҳ Рухсораю Инобат ба мо нигарон буданд.

– Чӣ шуд? – ҳарду баробар ба ману Манучеҳр рӯ оварданд.

Манучеҳр даст афшонда, кирои ғам хӯрдан не, гуфтанӣ шуд.

– Танбеҳи сахт, – гуфтам ман бо малолат ночор табассум карда. Дар дилам Манучеҳрро маломат кардам, ки беҳуда духтаронро аз ин сир огоҳ кардааст.

– Барои ҳамун арақхӯрӣ? – пурсид оҳиста Рухсора ғолибан бо ҳайрат.

Сараввал ба саволи вай ҳеҷ кас ҷавоб надод, ҳама хомӯш будем.

– Арақхӯрӣ… – гуфт Манучеҳр. Сонӣ илова кард: – Арақхӯрӣ, бемории кадом як донишҷӯй, шикояти дадаатон, гилаи ҷингилаи рафиқон, – ҳамаашро ба ришта кашиданд.

– Парво накунед, ин тарафаш нағз мешавад, – сухани ӯро бурид Инобат. – Як сол нагузашта боз об бо лаби ҷӯй баробар.

Вай сухани Ҷӯразодаро гуфт. Ҷӯразода ҳам дар пахта маҳз ҳамин маъниро ва бо ҳамин мақол гуфта буданд. Одамони хуб аз бисёр ҷиҳатҳо ба якдигар монананд, ҳатто суханашон ҳам аз як ҷо мебарояд. Ҷӯразода вақте ки як ҳафта барин омада, ҳамроҳи ман дар пахтазор буданд, ҳамин гапро гуфта, таъкид карданд, ки ҳарчи зудтар ба кафедра, ба кори дарсгӯӣ гузаронданианд.

Ман ҳаргиз инро аз он кас таманно накарда будам, худашон гуфтаанд, ки шумо ба кафедра зарургед.

– Хайр, рафтем, – баъди лаҳзае сукути умумӣ Инобат ба роҳ ҳидоят кард ва дар ҷавоби нигоҳи саволомеаи ман маънидорона табассум намуду гуфт: – Мегӯянд-ку, ғам нахӯр, аз қафои ҳар як гиря ханда меояд. Шумора ба як ҷое мебарем, ки ... – дилбарона пошнаҳояшро тақ-тақ ба замин зада, аз хушхабаре мужда медод вай. Дар равшании чароғи офтобӣ дандонҳои сап-сафеди вай ҷило дода аҷаб не, дили Манучеҳрро боз бештар ба шӯр оварда бошанд.

Ман ҳамчунон саволомез ба Манучеҳр нигаристам.

– «Вақти гулу рӯзи шодмонӣ омад, сармо шуду вақти меҳрубонӣ омад» вай ба илҳом омада, замзамаашро сар карду ҷавоби аниқ надод.

Ман ҳавсалаи шӯхию базлагӯӣ надоштам, бинобар он бо нигоҳи хаста ва лоқайд ба Рухсора нигаристам, аммо вай ба аломати «намедонам» сар ҷунбонд. Вале чашмони ростгӯяш, табассуми ба дигарон ноаён, лекин ба ман ҳамеша маълуми вай гувоҳӣ медоданд, ки аз сире бохабар аст.

– Худаш чӣ гап? Ба куҷо меравем? – пурсидам оқибат дилтангона бо андаке асабоният.

– Гӯям? – ҳанӯз ҳам шӯхиашро бас накарда, ба Манучеҳр нигарист Инобат. Сонӣ ҷавоби ӯро нигарон нашуда гуфт: – Агар ба хонаи Рухсора-ино барем, меравед? Ба хонаи ягон хеши наздикашон? Домодашонро дида монанд?

– Беҳазл гап занед, Инобат.

– Беҳазл мегӯям.

– Ҳама гапро дар ҳамон ҷо мефаҳмӣ, биё рафтем, – гуфт Манучеҳр аз бозуи ман гирифта раҳакӣ шуда. – Ин қадар дилтангӣ накун.

Аммо ба куҷо равонаанд, аллакай пай бурдам.

– Гӯй аввал, набошад, намеравам, – раҳравон эътироз кардам.

– Ба хонаи амаки Рухсора меравем. Ба меҳмонӣ таклиф карданд. Гапро пур акуну омадан гир, – гуфт Манучеҳр ҳам аз инҷиқии ман зарда карда. Сипас ҳамроҳи Инобат пеш даромада раҳакӣ шуд.

Ману Рухсора оҳиста ба онҳо пайравӣ кардем..

Қаҳрам омаду дигар пурсуков накардам. Ҳеҷ намефаҳмидам, ки амаки Рухсора барои чӣ моро ба меҳмонӣ таклиф мекардааст. Аслан, вай одам дар чӣ бобате аз додараш дадаи Рухсора ранҷида, аз деҳа саргурез шудагӣ. Боре Рухсора ҳамин хел гуфта буд. Ҳарчанд падари Рухсора кӯшиш мекардааст, буғзи дили бародарашро барорад, ба гузашта салавот гӯянд, аммо ин кас расман равуо кунанд ҳам, чандон часпон набудаанд. Акнун омада-омада хушдори духтари додарашонро ба меҳмонӣ хостаанд! Мурғи пухтагиро ханда мегирад!

Шубҳаю андешаҳои маро пай бурд магар, Рухсора шарҳ дод.

– Амаки Худойдод гуфтаанд, ки имшаб ҳамаамон ба хонаашон таклиф. Ҳу, рӯзи аввал... дар ёдатон? Бегоҳӣ маро гирёндед? Сонӣ ба хонаашон рафтам?

– Медонам. Аммо ҳеҷ, намефаҳмам, он кас барои чӣ моро ба меҳмонӣ таклиф кардаанд? Ё бо супориши дадаатон?

– Не-е, агар дадаам ягон гап гӯянд ҳам, ин кас дилхоҳаш те, мегӯянд. Шумо намедонед, амакам одами аҷоиб. Ҳоло ҳамгап шавед, сонӣ мефаҳмед. Он кас ба ман доим биё, мегӯянду худам намеравам. Духтари худашон барин нағз мебинанд.

– Дадаатон «нарав» мегуфтагистанд?

Аз пеши гастроном мегузаштем, Манучеҳр «ҳозир» гуфта ба магазин даромаду лаҳзае нагузашта дар даст чизе коғазпеч баромад.

Мо кӯчаро бурида гузашта, ба маҳалла ворид гаштем. Дарҳол ба машомҳо бӯи дуди мӯрӣ ва зирбаки ош омад. Дар шаҳр одам баъзан ҳамин нишонаҳои муқаррарии зиндагии деҳаро ҳам ёд мекунад, дуди мӯриро бинад ҳам, дилаш гум мезанад.

## 15. ҲАҚИҚАТИ ОДДӢ

Ҳавлии амаки Рухсора сарбунаи он маҳалла набошад ҳам, имораташ хушсохту хушнамуд ва саҳнаш сердолу дарахт буд. Аз дарвоза даромадему сири ҳамаи ин гапу кор ба ман равшан шуд. Моро Ҷаводзода пешвоз гирифтанд. Амаки Худойдоди Рухсора муаллим Ҷаводзода будаанд. Дар бемористон ман ҳам як даҳан номашонро напурсидаам. Одатан, дар мо номи пиронро ба забон гирифтан беадабӣ, «бобо», «амак», «муаллим» мегӯянд. Рухсора ҳам ягон бор фамилияашонро ба забон нагирифт. Он кас дар кӯча Инобатро дида, маро пурсанд, вай гуфтааст, ки сараш дар ғавғо, ёрдам кунед. Сонӣ ҳамроҳи Манучеҳр ба хонаи он кас омадаанд, маслиҳат кардаанд. Ман ҳам, Рухсора ҳам бехабар.

Ҷаводзода аз Рухсора ҳам дар ин хусус гап пурсидаанд, аммо ман қатӣ шинос буданашонро изҳор накардаанд.

Он касро дида, вохӯрӣ кардему ба ёдам расид, ки чӣ хел баъди бо ситеза дар беморхона духтарашонро ранҷонда фиристодан муаллим пушаймон гашта, ба чашмашон об гирифта буданд... Инҷиқиҳои пирӣ будааст, баъзе пирон кӯдак барин зуд аз карда пушаймон мешаванд.

Хурсандии Ҷаводзода ҳамон шаб ҳадду ҳудуд надошт. Маро ба куҷо шинонданашонро намедонистанд. Ҳеҷ гумон надоштам, ки мӯйсафед ин қадар ба ман дилбастагӣ доранд. Аз муҳаббати он кас хиҷил будам, ки як бор аз аҳволашон хабар нагирифтам. Гила карданд, гилаашон ҷой дошт ва ман ба ҷуз узргӯӣ чораи дигар надоштам.

Мизро калон кушоданду дастархон партофтанд. Тайёриашонро дидагӣ буданд, ки зуд дар рӯи дастархон нозу неъмат - кабобу самбусаҳои варақӣ, салатҳои гуногун, хӯрданӣ - аз мурғ то моҳӣ пайдо шуд. Дар як сабӯ шароби сурхи дастӣ оварданд.

– Шароби ноб аз ангури боғчаи худамон, – шарҳ доданд муаллим.

Духтарон дар поёнтари миз ғун шуда, ба гапи худ машғул буданд. Онҳо духтари муаллимро миёнагир карда, аз даҳони вай нақли шавқоваре мешуниданд. Духтарак зуд-зуд аз пеши онҳо бархоста, ба ошхона мерафту дар даст ягон хел таом, салат ё чойники чойи тозадам бармегашт. Сипас боз амонат нишаста, нақлашро давом медод. Вай ҳоло фарбеҳтар шуда, ба рухсорааш сурхӣ дамидаст, чашмонаш махмур - як духтари нозанин гаштааст.

Манучеҳр қиссаи маҷлисро гуфта, маро андаке оташин кард. Ҷаводзода хомӯш гӯш карданду насиҳатомез гуфтанд:

– Ҳеҷ гап не, асп чор пой дораду боз пешпо мехӯрад. Баъд аз ин ҳушёр мешавед.

Дигар дар ин бора гап кушода нашуд. Муаллим ба пиёлаҳо шароби ноб рехтанӣ буданд, Манучеҳр дасти он касро боздошту бархоста, аз кисаи палтоаш як шиша коняк гирифт.

– Э, ин коратон беҳуда, – эътироз карданд муаллим. – Ба мани мӯйсафед ин носи шумо баландӣ мекунад.

– Кам-камакак амак, – исрор кард Манучеҳр ва шишаро кушода, ба назди муаллим гузошту ба ман хитобан гуфт: – Доғи шароба бо шароб мешӯем.

Ман аз қаҳр суп-сурх гаштам.

Баъди ду - се қадаҳ нӯшиданамон як сӯҳбати озод, табиӣ ва дилҷӯ барпо гашт. Духтарон азбаски наменӯшанд, ба гапу кори худ саргарм буданд.

– Гап ҳамин, Вафо, – муаллим қадаҳи навбатиро нӯшонданду бо овози паст, ки фақат ба ману Манучеҳр шунаво буд, бори аввал «ту-ту» гӯён ба ман рӯ оварданд. – Ман аз ҷониби ту ба Ҳалқасой рафтам. Худата нағз медидам, барои ҳамин хостгорӣ рафтам. Набошад... – муаллим давоми суханашонро нагуфтанду рӯ турш карданд. – Ҳамааш соз шуд, гапро пазондам. Онҳо нафаҳмида, кора чигил кардагӣ. Акнун тайёрии тӯя бин. Вақтатро ёбу рафта падара биёр... Ду-се кас биёнд, даҳан-баста карда монем. Сонӣ фурсат ёфта, тӯятро мегузаронӣ. Ҳоло ҷиҳози духтар ҳам тайёр не.

– Ташаккур, муаллим... То зиндаам некиатон аз ёд намеравад, – гуфтам ман аз замин чашм набардошта, бо каме хиҷолат.

– Барои ин кор то охирин қатрааш нӯшидан даркор, – Манучеҳр ин гапро бо овози баланд гуфту диққати духтарон ба сӯи мо ҷалб шуд. Вай шишаро гирифта ба қадаҳҳо шароб рехт. Лаҳзае хомӯш мондем. Ҳар яке ҳис мекард, ки дар ин хел маврид ҳеҷ  як сухан туғёни дилро ифода карда наметавонад.

Баъди таом шеърхонӣ, рақсу суруд сар шуд. Ҳар яке ҳунари худро нишон медод. Ҷаводзода шеърҳои латиф мехонданд. Ҳоло ба ман шеърҳои солҳо боз медонистагиам фавқулодда таъсири зӯр мерасонданд. Махсусан, ин рубоии Хайёмро муаллим пуртаъсир хонданд:

Ёрон, чу ба иттифоқ меод кунед,
Худро ба ҷамоли якдигар шод кунед.
Соқӣ чу маи муғона бар каф гирад,
Бечора маро ҳам ба дуо ёд кунед.

Сипас Манучеҳр рубоб хосту асбобро ба дасташ дода буданд, суруде сар кард, ки нақароти онро ҳама баробар такрор кардем:

Нимишабон субҳро майли дамидан диҳам...

Ин шаб аз шабҳои такрорношудании ҳаёти ман буд. Бори аввал ман суруди Рухсорaро гӯш кардам. Баъди таронаҳои Манучеҳр муаллим рубобро ба вай дода, хоҳиш карданд, ки ягон чиз хонад. Ман хомӯш табассум мекардам, аз ҳунараш сирф бехабар будам.

– Як бор «Муноҷот»-а зан, – хоҳиш карданд он кас. Сонӣ ба мо рӯ оварда гуфтанд: – Ҳар бор биёед, як раҳ «Муноҷот»-а  навоз мегӯям.

Рухсора саравввал аз шарм ё изтироб каме ноӯҳдабароёна навохтагӣ барин намуд, аммо то рафт ҷуръат гирифта, ангуштони нозукаш рӯи пардаҳои рубоб ба рақс даромад. Рости гап, ман мафтуни рубобнавозии вай гашта, ба савти изтиробангези он кам диққат кардам. Баъд бо талаби муаллим суруд сар кард. Ба гӯш овозаш аввал маҳину ноҷур шунида шуд. Ҳатто каме гирифтагӣ барин буд. Лаҳзае нагузашта савти гуворо ва лаҳни дилнишини вай ҳамаи моро ба худ ҷазб кард.

Вай менавохту месуруд, овозаш гоҳ баланду гоҳ паст мешуд, аммо пайваста ба нотаҳои баланд бозмегашт, хомӯш мемонд ва боз баргашта ба авҷи аввала мерасид. Аз як банд ба банди дигар гардишҳои диловез дошт, ки бароят дилрас ва табиӣ мебаромаданд. Агар дар ин маҳфил мусиқишиносе мебуд, аз ин сопранои лирикии дилкаш, табиӣ ва носуфта ангушти ҳайрат мегазид. Суханони вай аз мағзи дилу ҷон берун меомаданд:

Ду-се рӯзест бӯи гул наомад-е,
Садои хониши булбул наомад,
Равед аз боғбони гул бипурсед,
Чаро булбул ба сайри гул наомад-е?

Ин таронаро ман борҳо аз ҳофизони касбӣ шунида будам, аммо Рухсора онро дигаргуна, бо як оҳанги махсуси худаш ёфта, афсункорона мехонд. Ҳавояш қадре вазнин, бо лаҳни дарднок, гӯё худ ба худ ҳасрат мекарда бошад, дилу ҷонро гудоз дода, тараннум мекард:

Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ,
Диламро хун куну ёр, зинда бошӣ.

Ҳама хомӯш, саропо гӯшу ҳуш гашта будем. Аз дилам гузашт, ки дар байни мардуми мо чӣ қадар соҳибҳунарони бисёр ҳастанд, аммо ба монанди Рухсора ба ғайр аз наздиконашон каси дигар аз ҳунари онҳо хабар надорад. Баъзе боҷуръаташон ба саҳна набароянд, дигар ҳама хомӯш мегарданд.

Рухсора сурудашро поён кард. Суханони таҳсин ва дархостҳои самимӣ баланд шуданд:

– Офарин! Кам нашав!

– Ғам набинед! Ҷуфт шавад!

Вай шармида, рӯяшро бо дастонаш пӯшид. Гӯё тамоми ҳастиаш даргирифту шӯълаи ин оташ аз байни ангуштонаш забона мезад. Баъд рангаш канд, дасташро аз рӯяш фуроварда, хиҷолаткашон табассум кард, гӯё дар сари шавқ сухани густохонае гуфта бошад, чашмонаш узр мегуфтанд. Ҷаводзода мамнун ба рӯи вай нигаристанд:

– Рубоби ман додагӣ дар деҳа ё дар ҳамин ҷо?

– Дар деҳа, наовардаам.

– Ин Рухсора аз хурдиаш ҳамаро қоил мекард. Муаллимон зорӣ мекарданд, ки дар консерти ҳаваскорони мактаб суруд хонад, не, аз саҳна метарсад.

– Аз саҳна нею аз гапи мардум метарсидагистанд? – гуфт Манучеҳр.

– Ҳа, баъзе одати ганда дорем, – гуфтанд муаллим.

Рухсора рубобро ба Манучеҳр дароз кард, аммо ҳама бо як овоз аз ӯ хоҳиш карданд, ки боз ягон чиз хонад. Ба ман чунин намуд, ки дар синаи вай мавҷи суруд талотум мекунаду роҳи берун шуданро меҷӯяд. Аз суруди вай дилҳои мо бо фараҳ ва эҳсосоти ширину гуворо лабрез мегашт. Вай месуруду ман хаёлан гоҳ дар марғзорони

деҳа, гоҳ дар бағали кӯҳҳои обшор сайр мекардам. Дар суруди вай ҳам ҳусну нафосати табиат, ҳам орзуҳои ҷавонӣ, ҳам дард ва ҳам шодмонӣ буд. Ҳар як сухани тарона чунон бо дард ларзида, аз дили духтар берун меомад, ки вуҷуди кас зир-зир мекард. Беҳуда намегӯянд, ки духтар синаи меҳр аст. Одами беғам ва бедард ҳаргиз ин хел суруда наметавонад... Ман дар домани ҳамин гуна изтиробҳо мисли афсунзадае, ё сурати деворе шах шуда будам. Ҳама чашму гӯш ба вай, аммо ӯ ба ҳеҷ кас нанигариста, гӯё худ ба худ роз мегуфта бошад, мехонд:

Биё дар оташи ғамҳо бисӯзем,
Даруни ашки мотамҳо бисӯзем,
Биё по бар сари дунё гузорем,
Миёни чашми одамҳо бисӯзем.

Суруди ӯро гӯш мекардаму хаёлам дар ким-куҷоҳо парвоз дошт. Ин таронаҳо маро ба олами орзую армонҳои наврасиам мебурд... Дашти Баҳори-кор, шабҳои хирманкӯбӣ, моҳи дуҳафтаи тамоме, ки аз қафои хирманҳо мебаромад, аз пеши назарам мегузаштанд. Аспҳои хирманкӯб хастаҳолона якта-якта пой мепартофтанд, маро дар болои зин хоб мебурд. Аз дуродур суруди даравгардухтарон ба гӯш мерасид... Санъат ва адабиёт дар дили одам як навъ чашмаи меҳру шафоат мекушояд, ӯро аз дуруштию дилсахтӣ, norостӣ ва бешармӣ дур мекунад, ҳассостарин торҳои нозук ва наҷиби вуҷуди одамиро ба ҷунбиш меоварад.

Ҳамон шаб дар хонаи Ҷаводзода қариб то соати дувоздаҳ нишастем. Бо таклифи муаллим ва исрори духтарашон Рухсора дар хонаи онҳо хоб карданӣ шуд. Мо Инобатро гусел кардему пиёда ба сӯи хобгоҳ

меомадем. Манучеҳр гоҳ замзама мекард, гоҳе ба гап даромада, маро дарди сар медод. Гӯшам ба вай, аммо фикрам ба андешаҳои дигар банд буд. Хешовандони Рухсора, пеш аз он ки ба Ҷаводзода розигӣ диҳанд, ба деҳаи мо рафта, аз мардум кию чӣ будани тӯбу тухмаи моро пурсидаанд. Муаллим инро ба ман гуфтанд, ҳатто худи Рухсора бехабар будааст.

– Баъди пахта Рухсора... пай бурдӣ, саду ҳаштод дараҷа дигар шудаст! – дар таги гӯшам дод мезад Манучеҳр. – Ман акнун аз вай дилпур... Чӣ гуфтӣ?...

– Ман ҳам, – суханро мухтасар кардам, то ки хомӯш гардаду ба фикру андешаҳои ман халал нарасонад.

Ман чиро фикр мекардам?

Агар гӯям, ки баъди тамом кардани институт, ман ба мактаби ҳаёту зиндагӣ дохил шудам, сипас, ҳоло семестри аввалини онро ҷамъбаст кардам. Намедонам аз имтиҳони аввалини дорулфунуни ҳаёт гузаштам ё не? Чӣ баҳо гирифтам? Агар худам одилона ба худам баҳо диҳам, ба ҷуз муҳаббати Рухсора, алҳол аз ҳамаи фанҳо баҳоям «2». Аммо гап дар сари баҳо не. Аз ҳама муҳимаш дониш, фаҳмиш ва таҷриба аст. Ҳамаи ин сабақи аввалини зиндагӣ аст ва набояд барои ман беасар бошад... Манучеҳр мегӯяд, ки Рухсора дигар шудааст. Чаро дигар шуд, инашро гуфта наметавонад. Аслан, вай дигар нашудааст, фақат кию чӣ будани маро донист, шинохт. Ба фикрам, одамон агар бо ҳам созгорӣ накунанд, ҳамҷиҳат набошанд, ин нишонаи он аст, ки онҳо якдигарро нағз намешиносанд.

Инак, саргузашти ман поён ёфт. Тафсилоти тӯямонро навиштан ҳеҷ зарурате надорад. Ҳамаи тӯйҳо қариб ба якдигар монанд. Тӯи мо ҳам мисли тӯйҳои дигар,

нимзамонавию ниманъанавӣ буда, барои дигарон ягон навӣ надошт. Аҷаб не, баъзеҳо гӯянд, ки ин қиссаи муҳаббат ҳам нав не, борҳо адибони заковатманд дар ин мавзӯъ навиштаанд ва боз навиштани он ҳоҷат набуд. Дуруст, лекин як ҷиҳат дорад, ки аз он сарфи назар кардан мушкил: дар зиндагӣ ин ҳақиқати оддиро ҳар кас бояд ба тарзи худ кашф кунад.

1974 – 1975.





# СИТОРАИ ДУМДОР

Дар рӯзгори ҳар як фард фосилаи барору нобарориҳо ҳастанд.

Одамон аз айёми барори кори худ ҳамеша қаноатманду мамнунанд, вале фасли пурташвиши нобарории худро ҳаргиз ба ёд овардан намехоҳанд. Мегӯянд, ки зиндагӣ аслан талош аст. Агар одамон ба бурду бохти рӯзгори худ амиқтар, бо назари холис менигаристанд, он гоҳ нек медиданд, ки фасли барорҳо ба онон чандон подоши зиёде надода, вале аз аҳди нобарорӣ натиҷае даркорӣ ва сабақе фаромӯш ногаштанӣ ёдгор мондаст. Мардум кулли майда-чуйдаи зиндагиро андоза мегиранд, бармекашанд, натиҷа мешиносанд, аммо аз оқибати оқибатҳо камтар касон пай мебаранд. Ҳар он чӣ барораш мехонему ба мо хуш меояд, дарвоқеъ, натиҷаи пурарзише овардаст? Ё худ он чӣ нобарориаш меномем, дар ҳақиқат нокомӣ ва умрфарсоии беҳуда буд? Аз ин хусус гоҳе андешидан ҷоиз аст. Ин қисса аслан аз ин бобат ҳикоя мекунад.

## 1

Ҳамин ки Ғаюр ба хона ворид шуд, ба деги ҷӯшони сӯҳбати ҳамхонаҳо гӯё оби сард мерехт: лаҳзае онҳо хомӯш мемонданд ё мавзӯи гуфтугӯро дигар мекарданд; агар мавзӯи пешинро идома диҳанд ҳам, суханашон чандон намечаспид ва барои ин беш аз пеш ба вай хашм мегирифтанд. Баъзе аз ҳамсабақонаш дар ҳузури Ғаюр худ аз худ ноҳинҷор ва асабонӣ буданд. Вазъи ҳамеша ҷиддӣ, нигоҳи вазнин ва ба атроф беэътино, бепарво нигаристанаш, бегонахӯӣ ва дигар хислатҳои ба инсони ҷавон ночаспони ӯро аломати худписандӣ, ғурур ва кинадории вай мешумурданд. Аксари ҳамсабақон аслан зуҳури равшани худписандию кинаварии ӯро возеҳ надонанд ҳам, ин хулоса ва ҳукми тайёрро, ки аввал бор аз кӣ сар заданаш маълум набуд, аксарият бе чуну чаро қабул карда буданд. Гумони ононро низ асосе буд, вале ҷавонон баъзан аз хусуси гапу кори ба шахси онҳо камиртибот зуд ба ягон хулосаи ростмонанд шарик мешаванду барои ақли худро давондан коҳилӣ мекунанд. Вагарна дар сириштти Ғаюр ба ҷуз эҳсоси шаъну эътибор, ки тафриқаи он аз ғурур гоҳе мушкил аст, сифатҳои аҷибу ғариб кам набуд.

Имрӯз ҳам сокинони ин хонаи калони хобгоҳ — донишҷӯёни ҳамсабақ сари мизи дарози дар мобайн гузоштагӣ нишаста, аз чойники тунукаи сирдор чой рехта, нону қанд мехӯрданду бо овози баланд гуфтугӯ мекарданд. Ним соат қабл аз ин онҳо

ончунон баҳсу талош доштанд, ки рагҳои гарданашон арғамчин барин ҷаҳида, лаблабу барин сурх гашта буданд, аммо ин лаҳза ҳама ба сари сулҳу салоҳ омада, аҳьён-аҳьён қоҳ-қоҳ зада, хонаро ба сар мебардоштанд.

Ғаюр аз дар даромаду сӯҳбати онҳо худ аз худ қатъ ёфт. Вай мисли ҳамеш а парешонавзоъ ва зоҳиран ба атрофиён беалоқа ба хона ворид гашт, чунон ки мегӯянд, ба номаш сар ҷунбонда, ба ҳамхонаҳо салом карду ҷониби кати худ гузашт. Пичақакашро кашида рӯи болиш партофт ва як лаби кӯрпаро бардошта, дар каташ нишаст. Дар назар чунин меомад, ки вай саҳван ба ин хона ворид гашта ва ҳоло ба чи кор андармон гаштанашро намедонад. Аксар ҳангом дар хулқи Ғаюр инчунин вазъ ба назар мерасид, ҳатто баъзан дар ҳузури ду-се тан ҳамсабақони каму беш наздикаш ҳам, вай бесабаб дасту по мехӯрд ва баҳонае пеш оварда зуд аз онон ҷудо мешуд.

Ҳоло ӯ аз даруни ҷевончааш китоберо гирифта, варақ мезад.

Ҳамхонаҳо ҳар замон ин ҷевончаро кофта, китобу дафтар ва дигар ашьёи ӯро дарҳам-барҳам карданашон, ҳатто як-ду бор қуфли ҷомадонашро шикаста, онро ба тафтиш кофтанашон ӯро ёд омаду димоғаш гирифт. Дар тӯли панҷ соли донишҷӯӣ ба дили ҳамсабақон раҳ наёфта, бегонавор монданаш ботинан ӯро азият медод. «Чаро вай бо ин ҷавонон наздикию қаробат намеҷӯяд? Чаро боре бафурҷа ба чашми онон наменигарад, рози дилашонро

намешунавад? Дарди дилашро намегӯяд, ба онон ғамшарик намешавад? Чаро вай баробари онҳо хандидан наметавонад? Охир, ханда оби ҳаёт аст-ку, чаро вай аз ин эъҷози табиати инсонҳо бенасиб мондаст?» — баъзан аз худ савол мекард Ғаюр, вале ҷавоби таъин намеёфт. Ӯ ба ҳамсабақон агарчи бо чашмони як инсони неку бади рӯзгорро санҷидаву гармию сардии онро басо санҷида нигоҳ мекард, вале аксаран худ ба муҳокимаронҳои онон тамасхур менамуд. Бешак, вай ин ҳисси худро ҷаҳд мекард, ки зоҳир насозад, вале аз ин худфиребӣ бештар азият мекашид.

Дар асл, чаро ба ин кӯдакони сабукфикр тамасхур ҳам накунад? Акнун, дар синни бисту се-бисту чор «Чор дарвеш» ва «Се мушкетёр»-ро хонда, ба ваҷҳ меоянду ӯ ба берангии афкори онҳо писханд нанамояд?! Барои хас барин манфиати худ баъзе аз онҳо оламеро мефӯрушаду Ғаюр кароҳат накунад?! Ҳар яке аз ин ҷавонон агар саргузашти ӯро аз сар мегузаронд...

Бале, ӯ ба тарзе, ки дилаш мехост мезист, таҳсили илм дошт, кор мекард, вале бо атрофиён зиёда сару кордор будан намехост. Аммо ӯ бехабар аз он буд, ки одамон чунин хулқу рафторро ба вай намебахшанд.

Боре ҳамсабақон маслиҳатро ба як ҷо монда, ба муаллим гуфтанд: китобе, ки аз рӯи он бояд мавзӯи семинарро хонанд, дар китобхона нест ва бинобар он, тайёрӣ надидаанд. Муаллим аз ду-се нафар донишҷӯёни пешқадам алоҳида-алоҳида пурсид,

вале онҳо сухани аксариятро тасдиқ карданд. Муаллим ба Ғаюр рӯ овард: «Ман доири ин мавзӯъ каму беш аз китобҳо хондаам...» гуфт вай.

Албатта, дар маслиҳати ҳамсинфон Ғаюр шарик набуд. Баъзан вайро сирф фаромӯш мекарданду шахси ӯро ба инобат намегирифтанд. Бе ин ҳама вай хуб медонист, ки ин гуна рафтор дар ҳаққи шарикдарсон хиёнат аст, вале чӣ кунад, ки дурӯғ гуфтан наметавонист. Ба дурӯғ, ба фиреб як навъ нафрат ва адовати модарзодӣ дошт.

Ҳоло Ҳайдар аз таги чашм ба сӯи вай нигариста, мисли ҳамеша асроромез ба ҳамхонаҳо нигаристу бо овози паст, мад кашида гуфт:

— Аз ин хел худхӯраму худшавам эҳтиёт шавед.

— Аз девори кач ҳазар, — аз рӯи одат зуд ӯро дастгирӣ кард Ғиёс. Сонӣ ба тарафи ҳамнишинон айёрона чашм хобонду ба Ғаюр нигарист: — Ғаюр, ҳой, Ғаюр, полонат нав шудаст, пулро аз куҷо ёфтӣ? — ба пиҷаки нави вай ишора кард.

Ғаюр аз китоб чашм набардошта бо ишораи тасдиқ сар ҷунбонду бас, ки маъниаш чӣ мехоҳӣ, фаҳмидам, вале лоиқи ҷавоб намеҳисобам, гуфтани ӯ буд. Чунин беэътиноии ӯ махсусан ҳамхонаҳоро оташин мекард.

— Ҳой, аз ту мепурсам!.. Ба даҳонат об гирифтӣ? Ё забоната ғунда газид? — Ғиёс ҷавоби бесухани Ғаюрро нафаҳмид ва ё фаҳмад ҳам, ба инобат гирифтан нахосту ба ҳар навъе ӯро ба сухан оварданӣ буд.

Вай пешонии тангашро пурчин карда, ошкоро бо мазоҳ ба сӯи Ғаюр менигаристу дасисаҷӯёна ӯро ба гап даровардан мехост. Вай ба Ғаюр ҳарзагӯӣ ва ҳарзаталошӣ мекард, ба дилу ба асаби ӯ сахт расида, аз мувозинат баровардан мехост. Вале Ғаюр бо ифодаи танаффур дар чеҳра хомӯш буд.

Кӣ медонад, агар вай қаҳру ғазаб ва нафраташро мисли дигарон фошофош изҳор мекард, аз гиребони баъзеҳо сахт гирифта такон медод, балки бо ӯ чунин муомила намекарданд.

Ғиёс аслан дар курси якум ҷавони бечораҳоле буд. Сару либосаш ҳам, гуфтору рафтораш ҳам, қобилияти фикрию дарсхониаш ҳам ба ёрию дастгирӣ ниёзманд, дар хусуси чӣ гуна аз конкурс гузаштанаш донишҷӯён ҳар хел тахминҳо мезаданд. Вай чунон фурӯтан, мутеъ ва гапдаро буд, ки агар баъзеҳо аз ин бечорагии ӯ сӯиистеъмол кунанд ҳам, қаҳраш намеомад. Аммо дар чунин ҳолатҳо ғазаби Ғаюр меҷӯшид. Сонитар Ғиёс худро ба паноҳи сардори гурӯҳ — Ҳайдар гирифту ба қавли баъзеҳо «адютант», ба ифодаи гурӯҳе «сумкабардор»-и вай гашт ва кам-кам хулқу атвораш ҳам дигар шуд, тамоми он нишонаҳои бечораҳолиаш барҳам хӯрданд ва дар тӯли як-ду сол ӯ ба як ҷавони сахтрӯй, дасисаталаб ва моҷароҷӯй табдил ёфт. Тағйири хулқу атвори вай фақат баъзеҳоро ба тааҷҷуб афканду бас. Ҳайдар дар ҳар бобат ба вай валинеъматӣ зоҳир мекард. Сару либоси кӯҳна ва ё писанд наомадагиаш ба Ғиёс мерасид. Ҳангоми санҷишу имтиҳон ва ё тақсими стипендияю хобгоҳ

акнун Ғиёс хотирҷамъ буд. Солҳои охир ӯ билкулл аз ҳаддаш гузашта буд ва аксар ба бисьёр бачаҳо тааддӣ мекард, нописандию калонгириҳои ӯро одат карда буданд магар, касе ба вай эътироз надошт.

— Хайр, бигӯ, семинарро тайёр кардӣ? — ба сари Ғиёс чӣ андешае расиду мавзӯи суханро дигар кард.
— А? Тайёр кардӣ?.. Аз ту мепурсам?

— Чӣ кор дорӣ, Ғиёс? Тайёр кардам ё накардам, ба ту чӣ? Аз кори худ ба ту ҳисоб додани ман зарур набудагист? — Оқибат Ғаюр дилгир гашту сарашро аз китоб бардошта ба вай рӯ овард. Баъд заҳрханде намуду илова кард: — Баъзе занҳо аз шавҳар ҳамин хел ҳисобот мепурсанд...

— Дафтаратро те, як бор аз ту ҳам бардорем, — гуфт Ғиёс ин бор гунаҳгорона бо овози нарм. Аз сухани Ғаюр дар назди ҳамхонаҳо хиҷил мондани вай аён буд.

— Чанд бор ба ту гӯям... — Ғаюр суханро зиёда дароз кардан нахосту баъди лаҳзае таваққуф гуфт:
— Дафтари ман дар каллаам, ман бо асои дигарон раҳ намеравам.

— Э, каллаат дар гӯр.

Ҳозирон баробар хандиданд. Ин хандаи онҳо аз қабили он хандаҳое буд, ки матлабро аз ҳар сухане равшантар ифода мекунад, яъне, санги маломат ба сари Ғаюр мезад.

Ғаюр конспект наменавишт: аз лекцияи муаллимон, аз китобҳо, мухтасар баъзе далелу санад, иқтибос аз гуфтаҳои бузургони илму ҳунар ва ё рақамҳоро қайд мекарду бас. Он навиштаҳоро

фақат худаш мехонду мефаҳмид. Аксари ҳамхонаҳо, балки ҳамаашон инро медонистанд, аммо донанд ҳам, азбаски ин кори вай миёни донишҷӯёни он айём маъмул набуд, ба онҳо хуш намеомад, бинобар он, мавриде ёфта аз ин ваҷҳ ба вай неш задан мехостанд.

— Худписандӣ далели нодонист! — гуфт Ҳайдар заҳрханда карда. — Дафтарашон дар каллаашон будаст! Ҳиъ... Ҳамин ҳам одам аст, ки аз вай ёрӣ мепурсӣ?! — гуфт вай хитобан ба Ғиёс. — Бо асои дигарон раҳ намерафтаст!.. Агар мурӣ, ягон кас ба лабат об мечакконад? Ҳай, гумон аст... Аввал ту ҳам ба ҳамдастию бародарӣ сазовор бишав, сонӣ таъна кун.

— Нодон кӣ, ноодам кӣ — ҳамааш маълум мешавад, сабр кун, Ҳайдар! Саъдӣ гуфтааст: «Зарандудагонро ба оташ баранд, падид ояд он гаҳ, ки мис ё заранд». Ба ин баҳоҳоят бисьёр ғарра нашав — гуфт дар ҷавоб Ғаюр ва тамоми заҳру аламашро бо ин суханон ифода кард. — Илму ҳунарро фирефта намешавад, ба пул ҳам харида наметавонӣ.

— Э, бас кун, бодӣ! Ту ҳам одамӣ? Махавӣ ту!.. Ҳамроҳи ту аз ҳавои ин хона нафас гирифтан ҳам гуноҳ аст! — Баъд хитобан ба ҳамнишинонаш илова кард: — Демократияи Советӣ аз ҳад зиёд инсонпарварӣ мекунад... Баъзан ҳайрон мешавӣ... Ин куҷою даргоҳи ҳамин хел донишгоҳ куҷо?!

Дар тахи ин суханони ӯ сухан буд, вай ба гузаштаи Ғаюр ишора мекард ва медонист, ки бо ин

ишора ҳамеша ба ҷароҳати носури ҳарифи худ намак мепошад.

Ғаюр гуфтаҳои ӯро бо ғазаб, дандон ба дандон монда гӯш карду сипас, суханонашро дона-дона карда ба таанӣ гуфт:

— Демократия?! Қонун? — рӯ турш карду тамасхур намуд Ғаюр. — Аробаи холиро гирифта метозӣ, бача! Саросема нашав, замон ҳар касро ба хари худаш савор мекунад.

— Ба ту бадбахт хар ҳам намерасад, — зуд ба даҳони вай зад Ғиёс.

Аслан ба Ғаюр кинакашии вай барои ризои хотири Ҳайдар буд.

Ба мақсади ҳамфикрӣ ба Ҳайдар бачаҳо боз баробар хандиданд.

Ҳайдари навчаю сафедандом, газгӯшт бо чашмони чуқури бемижа ба атрофиёнаш ҳамчун ҳомӣ бо виқор менигарист. Симои вай ким-чӣ хел ниқоби беранг доштагӣ барин, зуд дар ёд намемонад. Ба монанди мансабдӯстони ҷавон дар симояш калонгирӣ ва ваҷоҳати карахт дошт, ба атрофиён ҳомиёна, як навъ сарпарастивор менигарист, кам сухан мегуфт, нигоҳаш гӯё одамро надида, аз ӯ парешон, лағжида мегузашт. Ақлаш буд, қобилияти таҳсил ҳам дошт, мавридаш ояд, худдорӣ карда метавонист. Камбудии асосии вай ин буд, ки ҷозиба надошт, ҷозибаи сидқӣ дар салиқаи вай набуд, чунон ки дар одамони хасис.

Баъзе аз ҳамдарсон аз Ҳайдар метарсиданд, тоифае ботинан аз ӯ нафрат кунанд ҳам, ночор ба

рӯяш механдиданд, гурӯҳи дигар ба ҳар навъ бо ӯ мувофиқат доштанд, бо майлу хоҳиши вай кор мекарданд. Фақат чор - панҷ нафаре дар ин гурӯҳ мухтор буданд ва бо салоҳдиди худ ва фикру ақидае, ки доштанд, амал мекарданд ва дар баробари ин бо Ҳайдар муносибаташон мӯътадил буд.

Ҳайдар аз тоифаи он ҷавонони хушбарор буд, ки аз рӯзи ба остонаи донишгоҳ қадам зер карданаш буҷулаш хест: декани факультет — Орифӣ рӯзи аввали таҳсил ба синф даромада, ӯро бо суханони нағз тавсиф дода, ба донишҷӯён шиносонд ва сардори гурӯҳ таъин кард. Худи Ҳайдар аз шиносоиаш бо декан дар тӯли панҷ сол ягон бор ба касе даҳан накушода бошад ҳам, аз рӯзи аввал бачаҳо ҳамин қадар фаҳмида буданд, ки падари вай аз шахсони баландмартабаи музофот аст — яке мегуфт, ки раиси колхоз аст, дигаре тасдиқ мекард, ки раиси идораи матлубот, сеюмӣ ӯро прокурори район тахмин мекард.

Зисту зиндагӣ ва харҷу хароҷоти Ҳайдар ба ин далолат мекард, ки пул барои ӯ монанди барги хазон аст. Дар донишкада ягон донишҷӯ ин қадар костюмҳои аъло, куртаю туфлиҳои нодири хориҷисохт надошт. Ғиёси камбағал ҳатто кӯҳна-колаҳои ӯро пӯшида, як сару гардан аз дигарон фарқ мекард. Қобилияти Ҳайдар аз миёна болотор бошад ҳам, бо ин қадар имкону васила оё дар силки донишҷӯёни пешқадам ва аълохон набуда метавонист? Агарчи ҳамдарсон ҷавоби саҳеҳи ӯро

кам шунида буданд ва дар имтиҳонот чӣ гуна ба саволҳо ҷавоб доданашро аксаран намедиданд, вай аълочии мутлақ ба шумор мерафт. Фақат соли гузашта як нафар муаллими фанни фалсафа дар имтиҳон ба вай баҳои «миёна» монду Ҳайдар ним сол аз стипендияи аълочиён маҳрум гашт. Аз рӯи гуфти баъзеҳо ин баҳои «миёна» ӯро аз дипломи имтиёзнок маҳрум кардаст. Аммо ҳолдонҳо мегуфтанд, ки ӯ имтиҳони фалсафаро аз нав ба муаллими дигаре месупоридаст.

Ғаюр ҳам дар таҳсил пешқадам буд, аммо ба мисли Ҳайдар ҷамоатчӣ ва обрӯманд не, дар назди раҳбарони факультет ҳам таъсир ва эътиборе надошт. Ҳамту, дар қатори донишҷӯёни миёнаҳол ба назар ноаён мегашт. Агар баъзе муаллимон ӯро таҳсин кунанд, гӯё гуноҳе содир карда бошад, хиҷолат мекашиду лаблабу барин сурх мешуд. Чунон ки Мирзо ном ҳамсабақашон мегуфт, вай ба таъриф ҳеҷ одат накард, ки одат накард.

Вақтҳои охир декан Орифӣ аз чӣ бошад, ки Ғаюрро ҳеҷ хуш намекард. Агар мавриди таҳсин ояд, кӯшиш мекард, ки ӯро пай набурда хомӯш гузарад, замони сарзаниш — аввал ба вай дармеафтод. Ғаюр тағъири авзои деканро кайҳо пай бурда буд. Аз нигоҳаш, саломи алекаш возеҳ эҳсос мегашт, ки ин одам ӯро хуш намекунад, балки зиёда аз он, адовате дорад, вале ин кашфи худро вай дар қаъри дил пинҳон медошт, ҳатто худ ба худ ҳам иқрор намекард. Сонитар пай бурд, ки муомилааш бо дигар муаллимон ҳам қавию эътимодбахш нест,

зиёда аз ин, баъзан бо ҳамдарсон ҳам тезу тундӣ дорад. Ғаюр сабаби ин ҳолро дарьёфтан, вазъи нохуши ба миён омадаро ислоҳ кардан мехост, вале кӯшиши ӯ аксар бар ҳадар мерафт. Ба назари вай чунин мерасид, ки дар ин бозӣ дасти тасодуф бар қасди вай мӯҳра меронад.

Ҳоло вай дарьёфт, ки агар дар хона боз фурсате бишинад, Ғиёс бо ягон баҳона ба асаби вай расида, дилсиёҳие сар мекунад, бинобар он, китобашро пӯшиду аз ҷо бархост ва ҳарфе назада берун рафт.

— Тезтар дафъ шав, пес, — гуфт Ғиёс ҳанӯз Ғаюр аз қафои худ дарро напӯшида. Сонӣ ба ҳамнишинон рӯ овард: — Гурезондам-а!— қоҳ-қоҳ зад вай. — Ҳамин ки як даҳан гап занам, мегурезад! Бадбахтро расо тарсондаам!

— Вай ҳам туро боб кард, — гуфт кадоме, аммо сухани ӯро Ҳайдар бурид.

— Бохабар шав, ин падарлаъват хапгир аст. Номаълум чунон боб мекунад, ки... Ҳозир мо ҳама яктан гаштему беилоҷ аст, лекин фурсат мепояд баттол! — Ҳайдар намехост, ки дар дили ҳамфикронаш нисбат ба Ғаюр ҳисси шафқат пайдо шавад. — Солеҳов илтимоси маро ба инобат гирифта, ба ҳама баҳо монд. Кӣ ба ректор хабар дод? Кори ҳамин!

— Албатта, кори ҳамин аст! — зуд сухани Ҳайдарро тақвият дод Ғиёс. — Стипендияро нодуруст тақсим кард гӯён аз болои декан кӣ навишт? Ҳамин!

— Не, вай моҷарои баҳомонии Солеҳов аз кафедра, аз худи муаллимон сар задагӣ, — эътироз баён кард Ҳусейн, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар фикру ақида мухторияташро аз даст намедод. — Аз хусуси Орифӣ хабари беимзо будаст...

— Ба мудири кафедра Наимӣ ин пес хабар додагӣ, — тавзеҳ кард Ҳайдар. — Меҳри боимҷон ба каду тофтагӣ барин, ба Наимӣ ин гоҷ маъқул. Доим Ғаюрҷон-Ғаюрҷон... Агар дар байнамон ҳамин иғвогар набошад, аз бисьёр муаллимон ман ба шумо муфтакак баҳо гирифта медодам. Порсол Алӣ дар курсаш намемонд. Рашид аз донишгоҳ намерафт... Хайр, агар баъзе фанҳои нолозимро нахонда, вақтро барои фанҳои зарурӣ сарф кунем, хуб намешавад?

— Наход ягон илоҷи дафъ кардани ҳамин пес набошад-а? — Ғиёс маслиҳатомез ба чашми ҳозирон нигарист. — А, Ҳайдарҷон, чӣ мегӯед?

— Ин гапро нагӯй, аз ту дилам мемонад, ҷӯра, — гуфт Мирзо, ки барои бетарафиаш дар ин хел кашокашҳо ба Ҳайдар чандон хуш намеомад. — Халал нарасонед, дипломашро гирад. — Баъд аз лаҳзае хомӯшӣ, гӯё дар омади гап қайд кард: —Аслан, ба ҳеҷ кас зарараш нарасидаст-ку, ин қадар ба вай тез мешавед? Ана, ҳозир ҳам — мо хуб накардем, вай баракс баланд омад. Қариб панҷ сол ҳамроҳу ҳамнишин будем, айб аст, ки дар охир...

— Ана, ҳамин хел-дия! — дилтангона сухани Мирзоро буриду даст афшонд Ҳайдар. — Яктаамон агар тут гӯем, дигарамон бед мегӯем. Масалан,

гирифтем, ки Ғаюр донишгоҳро тамом карду диплом гирифт ва ба кор сар кард. Аз муфаттиш ё прокурори сангдилу бешафқат ба халқу давлат фоида не, зарар мерасад...

Ҳайдар ба ин оҳанг хеле сухан гуфт.

## 2

Ғаюр падарашро дар ёд надошт. Модар ҳар замон хати сиёҳи падарро гирифта, хомӯш оби чашм мерехту дар ин хел вақтҳо соате дар пеши чашми ваю хоҳараш — Ҳалима симои хаёлии падар, ки дар ҷанг шаҳид гашта буд, намудор мешуд. Онҳо лаҳзае ӯро ба ёд оварда, дар тасаввур овардани мешуданд, ки агар падар дар сарашон ҳаёт мебуд, зиндагиашон чӣ хел сурат мегирифт... Вале ҳақиқати воқеӣ ин буд, ки модари дасттанҳо онҳоро ба сахтию зорӣ ба воя расонид, дар хонаводаи онҳо ҳатто охири солҳои панҷоҳум ҳам, серию пурӣ барқарор набуд. Сахтии солҳои баъди ҷанг чунон буд, ки Ғаюр ҳеҷ ба ёд овардан намехост.

Аз таассуроти овони кӯдакӣ Ғаюр махсусан, се воқеаро дар ёд дошт: яке — он шабе, ки ӯ ситораи думдорро дид, дигаре — он рӯзе, ки аз падар хати сиёҳ расиду ҳавлиашон азохона гашт ва сеюмӣ — он субҳидаме, ки чойники ҷӯшонро аз рӯи сандали кашида, чаппа карду шикамаш сӯхт. Доғи ин сӯхтагӣ дар қисми аз ноф поёни шикамаш боқӣ монд.

Ғаюр ситораи думдорро як шаби тобистон дар сари хирман дида, бо ҳайрат ба модараш нишон дода буд. Модар онро диду бо даҳшат фарьёд кард: «Нигоҳ накун, эй рӯдапо! Туф кун, тез туф кун! Ба замин туф кун!.. Дигар нанигар. Балои омадагӣ ба худаш занад...» Модар дуру дароз дуо хонду сонӣ фаҳмонд, ки ин ситораи наҳсу касофат аст. Ҳар кас онро бинад, ба ягон фалокат дучор мегаштааст, як умр бадбахт ва берӯзию бебарор мемондаст. Он шаб дили Ғаюрро ваҳм гирифт: «Ман нигоҳ кардам, бо чашми худ дидам. Нафаҳмида нигаристам, акнун сиёҳбахт мешавам?» — ӯ гаштаю баргашта аз модар мепурсид. «Не, як бор нафаҳмида нигаристӣ, ҳеҷ гап не, туф кардӣ-ку. Дигар нигоҳ накун. Ба дигарон ҳам нишон надеҳ», — гӯён модар ӯро таскин дода буд.

Он солҳо ризқу рӯзии сокинони деҳот ба бист сотих замини рӯидарича вобаста буд. Ҳосилаш бештар аст гӯён, модар он сол ба замин ҷувории сафед кориду Ғаюр то пухта расидани он қариб аз пой афтода буд. Ҷувориро аз ҳамлаи гунҷишкон эмин доштан осон набудааст. Модар дар кори колхоз банд, ваю хоҳараш он сол савганд хӯрданд, ки дигар ба замин ҷуворӣ намекоранд. Баъд, дар сари хирмани ин ҷуворӣ чашмаш ба он ситораи шум афтода буд.

Сонитар, вақте ки ба синфҳои боло гузашт Ғаюр аз муаллимон пурсид, дар китобҳо бихонду чи чиз будани он ситораи думдорро донист, ба мавҳумоти фалокатбории он хандид ва ба монанди афсонаҳои

дигари кӯдакӣ даҳшатбории онро ҳам қариб фаромӯш кард. Аммо сонитар, ҳар боре, ки ба сараш мушкиле афтаду бебарорие пеш ояд, беихтиёр гӯё шӯълаи сарди он ситораи думдор аз пеши чашмонаш мегузашт.

Солҳои таҳсили илмаш дар мактаби деҳа ӯ бештар ба кору бори рӯзгор ва колхоз пайваста буд. Ҳафтсола буд, бобояш ба хар пору бор карда медоданду вай ба замини рӯидарича рехта меомад. Дар синфи чорум таҳсил дошт, ёдаш меояд, боре шаш бузеро, ки доштанд, чӯпон нагирифт, чӣ аламе гузашта будаст, ҳоло ёд надорад, Ғаюр маҷбур якчанд рӯз молҳоро худаш ба чарогоҳ бурд. Боре чоштгоҳӣ се тан аз ҳамсинфонаш назди ӯ ба чарогоҳ омада хабар доданд ки дигар ба мактаб наравад, таътил сар шудааст. Сонӣ, солҳое, ки дар синфи шашуму ҳафтум таҳсили илм дошт, ҳамроҳи бобояш ба ёнадои кӯҳ ҷуфтронӣ рафт. Ғаюр аз хурдӣ ба ҷои модари дардмандаш аксар айём дар кори колхоз ширкат дошт, иҷрои корҳои сабукро ба ӯ вазифа мекарданд. Ӯ барзаговҳоро ятак мекарду бобояш ҷуфт меронданд. Аз саҳар то шом замин ҷуфт мекарданду сонӣ Ғаюр бо азобе дар сари зини хар нишаста ба хона мерасид. Чанд бор хобаш бурда, аз сари зин ба замин афтода буд.

Мамлакат захмҳои ҷангро даво мекард. Қатори калонсолон наврасон ҳам дар ғаллазору пахтазорон кор мекарданд, ба дарави ғалла мебаромаданд, дастьёри хирманкӯб, обкашон, дарзағундор — хуллас дар ҳама кору бори колхоз ҳамроҳ буданд.

Калонсолон дар сари ҳар сухан ба таъкид гӯшзад мекарданд, ки дар синни чордаҳ онҳо колхоз сохтанд, ҷангиданд, хун рехтанд. Ғаюр ба даъвои онон чи ҷавоб гуфтанашро намедонист. Худ ба худ меандешид, ки чӣ кор кунад, то рӯзе вай ҳам дар пеши фарзандон фахр намояд. Не, ӯ номи ҷангро дигар шунидан ҳам намехоҳад. Колхозро ҳам сохта ба суботаш расондаанд. Фақат зиндагиро ба сомон расонидан мондаст.

Сонитар модараш дардманд гашту Ғаюр баъди дарсҳо мунтазам ба кори колхоз баромад. Дарвоқеъ, ба донишгоҳи олӣ дохил шудан ва ихтисосе омӯхтан ба гӯшаи хаёли ӯ набуд. Ғаюр даҳсоларо, асосан, бо баҳои хуб тамом карду шаш моҳ дар курси тракторчиён хонда, ба фароғат дар колхоз трактор меронд. Ҷавони коргар, ғайратманд, хушқадду баст ва хушҳоле буд. Духтарони нозанини деҳа ба ӯ бепарво набуданд. Қадду басти расо, нигоҳи ҳамеша хандони ӯ, шармгиниаш, ки агар ба рӯи духтаре нигарад, то ба нӯги гӯшҳояш сурх мешуд, дили ҳар як духтари деҳаро мерабуд. Кӣ медонад, баъзе аз ҳамдеҳагонаш мегуфтанд, ки ҳамин ситораи гарму дилнишин сабаби фалокати ба сараш афтода гашт... Не, бебарории ӯ аз он ки мардуми оддии деҳа тасаввур мекунанд, решаи чуқуртаре дошт.

Як соли пеш аз он ҳодиса як воқеа рух зада буд: ҳосили пахтазори колхоз хуб буд. Охирҳои моҳи октябрь колхоз супоришро иҷро карду зиёда аз

план пахта месупорид. Рӯзе Ғаюр бордони мошини пахтачиниашро ба хирман холӣ карду дар он ҷо се тан одамони ношиносро дид, ки пахтаи чидаи ӯро ба мошини бегонае бор мекунанд. Ғаюр мошини пахтачинашро қарор доду ба назди онҳо рафт.

—Ассалому алайкум... — Ӯ як-як даст дода бо он касон вохӯрд. — Бетон... Шумо кистед, аз куҷоед? Барои чӣ ин пахтаро бор мекунед? Агар малол наояд, мегуфтед... — Пурсид вай тааҷҷубашро пинҳон накарда.

—Ҳамин хел амр шуд, додар, — яке аз онҳо бо дили нохоҳам ба ӯ ҷавоби муҷмал дод. — Саркор сар шуда моро оварду аз паи кораш рафт. Бе рухсат ки ҳад дорад, додар?! Ин пахтаи давлат аст...

—Дуруст аст, ки пахта дар ҳама ҷо моли давлат аст, аммо ҳосили колхози мо ба ҳисоби колхоз бояд дарояд. Ба ғайр аз ин, пахтаро ман чидам, — гуфт Ғаюр панҷшохаи якеро аз дасташ гирифта, — ҳақ надорам, ки онро ба шумо диҳам. То раис ё саркор ба ин ҷо наояд, ба пахта даст нарасонед! Пахтахарию пахтафурӯшӣ ба куҷо мебарад, медонед? — Ӯ ангуштонашро панҷара кард.

Се тан лаҳзае ба даҳони ӯ нигариста, ба инчунин бебокии бачаи навхат хандиданд. Сипас гуфтанд:

—Парво накун, ба пахтаи чидагиат ҳақ мегирӣ.

—Не. Даст нарасонед.

Баъди он ки миёни онҳо хеле суханони пасту баланд радду бадал шуд, оқибат яке аз он касон гуфт:

— Ҳой бача, ин пахтаро раисат ба колхози мо фурӯхт, фаҳмидӣ? Ба ту колхозат ҳақата менависад... Тахи гапа кофта чӣ мекунӣ?! Аз гапковӣ ҳеҷ кас ба мурод нарасид. Ҳозир, додар, гӯшам — кару чашмам — кӯр гӯён гардӣ, беҳтар аст.

—Ман котиби комсомолам. Ба ин кор роҳ намедиҳам. Ин кори ҷиноятӣ аст. Ман ба ин ҷиноят шарик шудан намехоҳам. Шумо медонед...

— Ҳой, бачагӣ накун, — баъд он мард оҳанги суханашро дигар кард: — Ман ҳазлона гуфтам, ҳазл... Ба мо ин пахтаро раисатон қарз дод, соли дигар медиҳем... Раҳбарон байни худ ҳазор хел муомали доранд. Аҷаб не, пор колхозатон аз мо гирифтагӣ...

Мардак дурӯғро ростмонанд карда гуфта натавонист.

—Ин кор ҳам хилофи қонун, ба чашми давлат хок пошидан аст, — ҳамвора якраҳагӣ мекард Ғаюр.

Баъд ба сари ғавғо саркор расиду ба Ғаюр фаҳмондан хост, ки агар колхоз аз план зиёд пахта супорад, соли дигар планашро зиёд мекунанду деҳқонон аз подош маҳрум мешаванд. Колхози ҳамсоя имсол пахтаи моро қарз гирифта, планашро иҷро кунад, хилофи қонун не. Аздусар мо ба пахтазор мол сар медиҳем. Саркор ҳам ӯро розӣ кардан натавонист. Ғаюр гуфт, ки ҳозир корҷомаро мекашаду ба район меравад, ба идораҳои дахлдор хабар медиҳад.

Саркор аз паи ҷустуҷӯи раис рафт.

Раиси колхоз омаду гуфтугӯро мухтасар кард:

—Кай боз ту забон баровардӣ?! А?.. Шикамат аз нон сер шуд-чӣ? Чени даҳанат гап занӣ намешавад?! Хуб ҳозир ба хонаат раву дар соя фароғат кун, фардо ба хошокғундорӣ меравӣ. Фаҳмидӣ? Ҷавоб ба ту.

Ғаюр якчанд рӯз ба хошокғундорӣ нарафт. Маҷлиси комсомолӣ даъват накарда, ӯро аз котибӣ озод намуданд.

Тракторҳо беронанда буданд, вале раис ба вай дигар трактор намедод. Оқибат Ғаюр ба идораҳои район шикоят кард. Тавсифномаҳояшро бурда нишон дод, аммо — бенатиҷа.

Зимистон расид, барои таъмири тракторҳо таъмиргарон кам буданд, вале ӯро ба ёд намеоварданд. Оқибат, баъди ба осоишгоҳи канори баҳри Сиёҳ рафтани раис ӯро ба кори таъмир ҷеғ заданд. Ғаюр бо ғайрат ва дилгармии тоза ба кор сар кард.

Зимистон гузашту баҳори дигаре фаро расид. Тракторчиён ба кишту кор шурӯъ намуданд, вале раис боз ба вай трактор надод. Ғаюр ба аламаш тоб оварда натавонисту ин дафъа ба район рафта, домани яке аз роҳбаронро сахт гирифт. Он шахс дар ҳузури Ғаюр ба раис занг зада, шафқат талаб кард, аз номи вай маъзарат хост.

Ин бор раис ба ӯ таъмири як трактори вайронаро, ки мурватҳои даркориашро кайҳо кашида бурда буданд, супурд.

— Ана, ҳаминро таъмир куну бигир.

Ғаюр ба таъмири он тамоми баҳору тобистон машғул шуд. Дар ин миён аз барои мурвати даркориро надоданаш чандин бор бо сармеханик ва раис хархаша кард, дар байни онҳо суханони тунду тез ҳам гузашт. Баҳору тобистон бо сӣ сӯм моҳонаи ночизи таъмир қаноат карду аввали тирамоҳ, тракторро ба саҳро бароварда нафаси сабук гирифт. Аммо бо ин трактор ҳам, ки аз арақи ҷабини вай ба по рост гашта буд, муддати дароз кор кардан ба вай насиб нашуд.

Баъди ин воқеаҳо дар деҳа ӯро мазоҳу масхара мекарданд, ҳамсолонаш сари ҳар сухан ба ӯ пичингу киноя ва мазоҳу тамохира доштанд, саргузашти Ғаюр боиси ҳазлу мутоиба ва дилхушиҳо гашт.

— Пахтаро надодӣ охир, ё бурданд, Ғаюр? — дар ҳар давра ягон кас ҳазломез аз ӯ савол мекарду дигарон механдиданд.

— Буза пушташ хорад, нони чӯпона мехӯрад!

— Охир, ту пахта чин, раис пахтаро ба кӣ медиҳад, чӣ кор дорӣ?

— Эҳ, комсомол, комсомол! Дидӣ, раис як пуф карда буд, қариб як сол саргардон гаштӣ! Бобоҳо беҳуда нагуфтаанд: ҳазл накун ба арбоб, арбоб занад ба ҳар боб.

Ғаюр дар дил ба бебурдию беҷуръатии ин одамон механдид, вале хомӯш сар меҷунбонд, — чи гӯяд, ки ҳоло вай мағлуб аст ва мағлубон аксаран ноҳақанд, хатокоранд. Вале Ғаюр ба худ амин буд, ки ин кӯтоҳназарон пагоҳ ё фардо аз гуфтаҳои худ

пушаймонӣ мекашанд... ва ӯ он гоҳ ба рӯи онон нигариста ғолибона механдад.

— Ҳолӣ, ки сари вақт аст, пеши раис раву узр гӯй, озурдагиашро аз дил барор, бо ин калонон тараф афтода, кӣ рӯз дид, ки ту бинӣ?! — гуфт яке аз дӯстони наздикаш Камол. Вай дуру дароз пеши ӯ нишаста, ба ҳар навъ маслиҳат медоду аз гарданкашӣ манъаш мекард. — Ин калонон шикоятгарро аз вилт, аз сел, аз зил - зила ҳам бештар бад мебинанд, то аз деҳа гумаш накунанд, хотирҷамъ намешаванд. Ба наздаш раву «бачагӣ кардам, ба дил нагиред, гумонам шумо бехабар бошеду онҳо ба чашми шумо хок мепошанд...» гӯй, аз ту чӣ меравад?! Дар ҳама ҷо росту дурӯғ таърифаш кун, агар ягон кас ӯро бад гӯяд, бо овози баланд номаъқул гуфтӣ, кӯрнамак, пӯла-шӯла гӯяш. Бархез, бираву...

— Намеравам, — гуфт Ғаюр ба нафрат ва кароҳат даст афшонда. — То ба кай ҳукмаш раво? Раисиро ба вай васиқа карда надодаанд. Соли дигар ба нафақа мебарояду давру давронаш мегузарад. Ҳозир замони бою феодалон не-ку! Ту ҳам саратро бардору ба дуртар нигар, рӯзномаҳоро хон.

— Замони давлатмандон гузашту рафт, медонам, лекин замони камбағалӣ ҳам рафт... Даври дурӯғу фиреб ҳам меравад. Бинобар он, амал кун, ҷӯра, вай то мурданаш ба сари ин халқ раис аст. Ба ҳаштод дарояд ҳам, агар намурем, мебинем, ҷӯра, вай ба нафақа намеравад. Раис инро нағз медонад, бинобар он, гапи ту — як пул! Аз ашриқ то машриқ

дили ҳамаи калононро ёфтагӣ, ба халқу палқат чи кор дорад, — ақидаи худро Камол ба Ғаюр талқин мекард.

Ғаюр ба ҳақиқати давру замон ва идеали худ бовар мекард ва эътиқоди қавӣ дошт ва ин ақидаи ӯро рахна задани Камол барин нобоварону муросоҷӯён осон набуд. Бинобар он, вай агарчӣ адаб нигоҳ медошту фошо - фош сухани сахту дурушт намегуфт, қалбан буздилию беғайратӣ, кӯтоҳназарию коҳилииононро нафрат мекард. Вай амин буд, ки агар ин одамон донову ҷасур ва бебоку ҳақгӯй мебуданд, корҳо дигаргуна сурат мегирифтанд.

### 3

Тирамоҳ аз шаҳр донишҷӯён ба ёридастӣ омаданд. Деҳаи хомӯш ва ором аз қадами онҳо якбора пурвалвала шуд. Махсусан, шабҳо клуб, китобхона, боғи атрофи идораи колхоз бо хандаю сурури ҷавонон шодоб буд. Сокинони деҳа ҳар сол омадани онҳоро интизорӣ мекашиданд, зеро агар ёрикорон оянд, онҳо аз кори саҳро қадре фориғ мегаштанд.

Ғаюр дар қироатхона, ки айёми ҳолу зарби пахтачинӣ, асосан, шабҳо кушода буд, бо Лола ном духтари курси дуюм шиносо шуд. Лола барои мутолиа ба вай китобе дод ва онҳо рӯз аз рӯз бо ҳам наздик гашта, улфат мегирифтанд. Ғаюр ҳар бегоҳ саросема хӯроки шомро мехӯрду ба қироатхона

меомад, рӯзномаю маҷаллаҳоро варақ гардонда, интизори Лола менишаст, агар духтар наояд, бағоят дилтанг ва малул ба хона бармегашт. Онҳо аксар ҳангом аз хусуси таҳсил, китобҳои адибон, таърих, театру музейҳои шаҳр сӯҳбат мекарданд. Ҳар як сухан, нишасту хез, нозу адоҳои духтар, донишу завқаш Ғаюрро мафтун мекард, барои вай нав, бетақлид ва махсуси ин духтар буду бас. Ҳафтае аз миён гузашту онҳо сӯҳбаткунон дар боғ чарх заданд.

Лола духтари резаустухони дилкаш буд. Нигоҳи содда ва эътимодбахши вай, овози маҳини диловезаш, табассуми беғубораш — ҳама ба Ғаюр дилписанд буданд. Ҳатто як дандони андаке рӯи дандони дигар афтодааш ҳам, ҳангоми хандиданаш гӯё ба ҳуснаш ҳусн зам мекард.

Ҳар бор, баъди сӯҳбати Лола Ғаюр илҳоми тоза мегирифт, гӯё фаҳмаш расотар, чашмаш бинотар мегашт ва тамоми рӯз гуфтаҳои духтарро гаштаю баргашта меандешиду ба фаросатмандии вай мафтун буд. Масалан, бори нахуст вай аз Лола шунид, ки мардони дорои истеъдоди фавқулодда даҳоёнаро ҳамзамонон нағз намешиносанд, зеро қобили идроки осори ӯ нестанд, вай аз завқу афкори замони худ пештар рафтааст... Ё худ дирӯз, гуфт, ки чаро ҳамдеҳагони шумо боғу полиз намекунанд. Сонӣ сири онро кушод. Ғаюр ҳеҷ наандешида буд, ки рафта аз шаҳр тухму гӯшт, харбузаю тарбуз, картошкаю мева харида омадани мардуми деҳа хуб нест. Дарвоқеъ, чаро имрӯз мурғ

намепарваранд? Харгӯш-ку қариб нест гаштаст. Барои сабзавоту боғдорӣ ҳам замин нест. Дар як порча замини рӯидаричааш деҳқон иморат карда барои ду-се писараш хона месозад... Махсусан, суханони Лола доири дастьёрони шаҳрӣ ақидаи Ғаюрро дар ин бобат батамом дигар кард. Лола ҳамон шаби охирини мулоқоташ аз ӯ пурсид:

— Чаро пахтаро мекоред, мерасонеду чида гирифтан наметавонед?

— Мошин тоза намечинад... Сонӣ, одам кам... — гуфт Ғаюр чунон ки раҳбарони колхозу район аз минбар мегуфтанд.

— Агар барои ҳар килои пахтаи чидагиатон колхоз ба шумоён даҳтинӣ диҳад, бо дасти худ чида супорида метавонед? — савол аз паи савол медод Лола.

— Не, намешавад, — гуфт Ғаюр бори аввал дар ин бора ба ин тарз андешида.

— Агар ба ҳар килояш бисту панҷтинӣ диҳад-чӣ?

— Ба ҳар килояш бисту панҷ тин кӣ медиҳад? —ҳайрон шуд Ғаюр.

— Колхоз намедиҳад.

— Ҳар як кило пахтаи чидаи мо — донишҷӯён ба колхоз бисту панҷ тинӣ меафтодаст! Инро иқтисодчиёни мо аллакай ҳисоб карданд... Яъне, тахмин не, аниқ аст.

— Агар ба колхозчӣ бисту панҷтинӣ диханд, зану бача ба саҳро мебароянду кӯрак шукуфта — нашукуфта мегиранд-дия. Ба мо сетинӣ, сонитар панҷтинӣ, дар охир даҳтинӣ ҳақ медиҳанд.

— Дидед, аз ин хусус ҳеҷ кас фикр намекунад. Чунон ки русҳо мегӯянд, хасис дуболо харҷ мекунад, — ҳам ҳамон бисту панҷ тин аз кассаи колхоз меравад, ҳам ташвиши зиёд, ҳам ҷавонон аз таҳсил, коргарони завод аз кори худ мемонанд.

— Ба колхозчӣ раис бисту панҷтинӣ дода наметавонад. Район ба ин раҳ намедиҳад.

— Барои чӣ?

— Сабабашро намедонам. Аммо раҳ намедиҳанд.

— Ана, ҳаминро бюрократизм мегӯянд. Мамлакати моро ана, ҳамин мараз хароб мекунад.

Ғаюр ҳайрон буд, ки ин духтари шаҳрӣ ин ҳама сирҳоро аз куҷо медонад. Дар сини аз ӯ як сол хурд-а! Мо расо умрамонро беҳуда мегузарондаем.

Он шабе, ки Ғаюр аз паҳлӯи Лола қадамзанон қад - қади рӯди деҳа мерафту суханони ӯро гӯш медод, бо майдатарин ҷузъиёташ дар хотири вай якумрӣ нақш баст, зеро он шаб дар деҳа вопасин мулоқоташ бо Лола буд.

Рӯзи дигар дар сари кӯпруки сой трактори Ғаюр вайрон шуду ӯ қарибиҳои соати даҳуним ба хона омад. Саросема шустушӯ кард, тағйири либос намуду хӯроки модар ба пешаш гузоштаро нахӯрда, ба сӯи идораи колхоз тохт. Бевақт шаб дар кӯчаи деҳа одам кам буд. Ғаюр саросема ба китобхона даромад, ба клуб рафт, ба магазин сар халонд, аммо Лоларо наёфт. Ба хобгоҳи донишҷӯён рафта,

ӯро чеғ заданӣ шуд, аммо андеша кард, ҷуръаташ нарасид. Дар сари чорраҳа ба равандагону ояндагон нигариста, то хеле вақт истод.

Шаби торики деҳа зуд ҳамаро хона ба хона меронд. Ягона мотори гоҳ вайрону гоҳ соз, ба чароғҳои кӯчаю биноҳои маъмури базӯр қувва медод. Лампочкаҳо монанди помидори танги тирамоҳ базӯр сурх гашта кӯчаҳои торики деҳаро равшан карда наметавонистанд.

Табъи Ғаюр бениҳоят хира ба хона баргашт. Ҳарчанд худро таскин дод, ҳар қадар гуфт, ки шаби дигар Лоларо мебинад, вале дар дилаш як навъ ташнагӣ, андӯҳи вазнини ғашноке ӯро безобита мекард. Дилаш чунон танг шуд, ки мисли мурғи посӯхта намедонист худро ба куҷо занад.

Субҳи рӯзи дигар идораи колхоз, чойхона ва боз ду биное, ки ҳоло хобгоҳи муваққатии донишҷӯён буд, ба мисли орухонае гашт, ки бачаҳои шӯх онро бо чӯб кофтаанд: роҳбарон дар такопӯй, ҳама безобита, асабонӣ, парешонавзоъ; донишҷӯён ба кор набаромада, гӯё касеро мунтазир, воқеаеро нигарон буданд. Баъзеҳо лаҳза ба лаҳза ба роҳ баромада, ба тарафи район менигаристанд, то бубинанд мошине меояд ё не.

Интизории онон тӯл наёфт. Газики милиция омада дар назди идораи ҷамоа қарор гирифт ва аз он ду нафар милиционер ва ду-се нафари дар тан

либоси урфӣ фуромада, саросема ба идорахона даромаданд.

Дар идорахонаи раиси ҷамоа Лола дар иҳотаи сечор нафар раҳбарон ва муаллимони донишгоҳ менишаст. Рӯмолашро аз таги гӯлу печонда бастагӣ, чашми чапаш андаке варам, як тарафи пешониаш кабуд. Духтарак гирьяолуд аз фарш нигоҳашро намебардошт.

Ҷавонмарде, ки аз гапу кораш муфаттиши адлия буданаш аён буд, портфелашро кушода коғазу ручка гирифту шикояти Лоларо навишт, ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои расмиро оид ба ҷиноят тахт кард ва сипас дигарҳоро аз идора баровард ва ба чашми Лола зеҳн монда нигарист. Духтар аз ин нигоҳ бесаранҷом гашту нафақат чашмашро, балки рӯяшро ҳам андаке аз ӯ гардонд, миёни абрӯвони борику хамзадааш чин гирифт.

— Хӯш, акнун ба саволи ман ҷавоб диҳед: Гумонатон одами ҳамла кардагӣ кӣ бошад?... Аз кӣ гумонбаред? Ба кӣ монанд буд? — овози муфаттиш сохта ва оҳанги тантананоки худбоварона дошт.

Лола сарашро набардошта китф дарҳам кашид.

— Натарсед, шубҳаатонро гӯед, мо номаълум месанҷем, таъин мекунем... Дар дасти мо усулу воситаҳои гуногун даст, агар ба осмон равад, аз пояш мегирем, ба замин дарояд, аз гӯшаш кашида мебарорем.

Лола боз китф дардам кашид, вале ба ҷавоби ӯ нигарон будани муфаттишро пай бурду гуфт:

— Нашинохтам. Ба чашмам хок буд ё хокистар чизе пошид... даҳанамро бо дасташ пӯшид як бор ё ду бор фарьёд карда тавонистам... Баъд кашола кард... Хайрият, бачаҳо овозамро шунида, расида омаданд. Дигараш — маълум.

— Яъне, фарьёд кардед?

— Ҳа, якбора фарьёд кардам. Сонӣ ба рӯяш чанг задам... Даҳону биниамро бо дасти ифлосаш сахт пӯшид, қариб нафасгир шавам. Ҷонҳавлӣ ба рӯяш чангол задам. Аз дасташ бӯи рӯғани трактор меомад.

— Ҳа-ҳа... равғани трактор... Хӯш-хӯш... Ҳа, дар чашмаш ё рӯяш захми нохунатон мондагист-а?

— Ҳа, мондагист... Ман чӣ донам, — боз илова кард духтар.

— Баъд чӣ?.. Ҳа, батафсил, ҳамаашро, майда-чуйдаашро напартофта гап занед. Ҳар як ҷузъияти воқеа зарур аст. Шумо аҳамияти онро намедонед.

— Хайр... Сонӣ... кашола кард, ман тан надодам... Сонӣ, бачаҳоро дида, гурехт.

— Қадду басташ, овозаш чӣ хел буд?

— Бачаҳо омаданд... Ман чашмамро кушода наметавонистам, — чашмам месӯхт.

— Овозаш? Овозаш чӣ хел буд? Борик? Ғафс? Овози бача ё марди калон? Нафаҳмидед?

— Ба фикрам... овоз набаровард.

— Хайр, ба гумонатон кӣ бошад?.. А? Ҳа, синнаш гумонатон чанд буд? Хайр, тахминан ҷавон ё миёнсол?

— Ҳайронам... Намедонам. — Баъд лаҳзае андешиду гуфт: — Ба фикрам, ҷавон набуд... Дасти бачаи ҷавон ин хел намешавад.

Ба миён хомӯшӣ афтод.

— Аз ҷавонон бо киҳо наздик будед? Аз бачаҳои деҳа?.. Кӣ шуморо таъқиб дошт, раҳатонро мепоид? А?.. Ё бо ҳавас менигарист? Аз нигоҳаш, ваҷоҳаташ пай намебурдед?.. Аз донишҷӯён кӣ ба шумо диққат мекард... Хайр, аз чашмаш, ҳаракаташ маълум-ку.

— Ҳайронам... Бо як бача шиносам, аммо... вай набуд.

Баъд аз пурсуҷӯ ва нависонависи бисьёре муфаттиш дигар шоҳидони воқеа ва муаллимони донишгоҳро низ пурсид, аз дар яке баёнотнома гирифту сипас раҳбари гурӯҳи донишҷӯёнро ҷеғ зада, амр кард, ки ҷавонон як кас намонда, ҳама саф кашанд, агар ҳар касе, дар саф набошад, номашро ба ӯ навишта диҳанд.

Муфаттиш ва дигар ходимони адлия як-як ба чеҳраи ҳар як ҷавон зеҳн монда нигариста, аз пеши саф гузаштанд. Баъд, он ду нафар ҷавони ба ҳимояи Лола расидаро боз ба идора ҷеғ зада, гап пурсиданд. Сонӣ роҳбарони деҳаро пурсуков карданд.

Ходимони адлияи район баъди он ки ду рӯз дар деҳа кофтукову пурсуҷӯ карданд, рӯзи сеюм бо ҳамон мошини газик ҳамроҳи раиси ҷамоа ба пахтазор рафта, Ғаюрро аз сари кораш гирифтанд. Ҷавон ба ғазаб омад, суханони пасту баланд гуфт, дар худсарию беадолатӣ онҳоро муттаҳам кард,

вале ба суханони фиғономези вай ҳеҷ яке аз онҳо эътибор накарданд. Фақат раиси ҷамоа ҳамдардона гуфт:

— Ғам нахӯр... Месанҷанд, агар бегуноҳ бошӣ, озод мекунанд.

— Ин аҳмақӣ аст, амак! Аввал маро ба ҳабс андохта, сонӣ аниқ мекардаанд!.. Ман гурехта рафтанӣ нестам-ку... Чӣ ҳақ доранд? — фиғони ӯ баланд мегашт.

Ҳафтае аз миён нагузашта, дар ҳабсхонаи муваққатӣ мӯи қатрон барин сиёҳи Ғаюр ранги хокистари ҳезуми сафедор гашт. Аз саволу ҷавоби муфаттиш чунон ба ҷон омад, ки баъзан гапи гуфтагиашро худаш ҳам намефаҳмид. Аз талқин ва пурсиши бисьёр баъзан ба вай чунон ҳолате рӯй медод, ки гуё ҳамаи ин гунохро ӯ содир кардааст.

— Ту додарам, агар ин хел инкор кардан гирӣ, гуноҳатро вазнинтар мекунӣ. Худат иқрор гаштӣ, ки шабҳо духтарро ба сайругашт мебурдаӣ. Ҳамаи санаду далелҳо нишон медиҳанд, ки ту гунаҳгорӣ. Хоҳӣ-нахоҳӣ, гунаҳгорӣ, ҳазор бор не гӯй ҳам, беҳуда!.. Худат медонӣ, агар ҳар кас бо дили соф гуноҳашро ба гардан гирад, аз кардагиаш пушаймон бошад, қонун ҳам ба вай гузашт мекунад... Ҷавониатро, софдилиатро ба инобат мегиранд. Хуш... тавсифномаи ба ту додаи колхозат ҳам нағз не...

Дар умраш бори аввал Ғаюр фаҳмид, ки рӯзу шабҳо ин қадар дароз будаанд. Дар ҳабсхона одамон фикр мекунанд. Вай ҳам фикр мекард.

Соатҳои дароз меандешиду оқибат дар пеши чашмаш боз ҳамон ситораи думдори дар овони кӯдакӣ дидааш ҷилва менамуд. Нури сарди он дар замон гӯё дилу ҷигарашро алмос барин бурида мегузашт. Не, вай аз бебароригиҳо наметарсид, азму умедҳои ӯро шикастани нокомӣ осон набуд. Вай ҳанӯз умедвор буд, ба инсофу адолати мардумӣ бовар дошт.

## 4

Ғаюр ҳам дар коргоҳ, ҳам дар маҳбасхона фикр мекарду аз як нафар маҳбуси қонундон гаштаю баргашта мепурсид: «Охир мани бегуноҳ чаро дар ин ҷоям? Чаро?» Маслиҳат мепурсид, аммо ба саволи худ ҷавоби саҳеҳ намеёфт. Ӯ ба ин ҳукми ноодилона ҳеҷ тан дода наметавонист. Гоҳе аз алами оҷизӣ хилвате меҷусту хомӯш нишаста, гирья мекард. Вай то ба маҳбусӣ одат карданаш он қадар оби чашм рехт, ки зани гирьёнчаки бебахт ҳам, умре ин қадар ашк рехтанаш дар гумон буд. Аммо Ғаюр эҳсос мекард, ки аз ашкрезӣ ҳолаш сабук намешавад, аламаш паст намегардад. Ашки вай ғӯраҳои қаҳру ғазаб буд.

Айёми ҷавонӣ — даврони беғамию хушбахтиҳои беканори вай, фасли муҳаббаташ ба ҳамин минвол, ба тарзи ҷонгудоз хотима ёфт. Вай ҳанӯз ҳам бовар надошт, ки гунаҳгораш карданд. Чунин мепиндошт, ки адлия саҳви худро ислоҳ хоҳад кард.

Агар вай то ба имрӯз доири зиндагӣ, неку бади ҳаёти одамӣ ягон лаҳза ҷиддӣ наандешида бошад, дар ин ҷо рӯзу шабҳои дароз, ҳафтаҳо ва моҳҳои тоқатшикан фикр мекарду фикр мекард. Ғаюр ҳамеша гирди ду-се тан мардони донишманду соҳибтаҷриба мегашт ва гаштаю баргашта аз онҳо доири ин тӯҳмати ба сараш афтода маслиҳат мепурсид.

Вай беш аз ҳама аз он алам мекашид, ки дар деҳа ҳеҷ кас ба шахси вай тӯҳмат будани ин ҳодисаро намедонад ва як умр ӯ дар назди одамон бегуноҳии худро исбот карда наметавонад. Агар ягон касро мекӯфт ва ё пулу молеро duздид гӯён ӯро ҷазо медоданд, беҳтар буд, вай ба одамон исбот мекард, ки ба кӯфтан ё ба duздӣ қобил нест.

Дар ин ҳама ранҷу шиканҷаи худ Ғаюр сараввал Лоларо гунаҳгор медонист, ӯро бо лаънату нафрати беҳудуд ба ёд меовард, афсӯсу надомат мекард, ки чаро бо вай ошно гашту ба сари худ ин касофатро биовард. «Агар дар суд як даҳан мегуфт, ки одами ба ман ҳамлавар ин ҷавон не, — олам гулистон буд. «Чӣ хел одам будани ӯро дида натавонистам... Ба фикрам, одами ҷавон набуд...» пӯла-шӯла гӯён майдагапӣ карду сари маро ҳар бало бимонд. Агар қатъӣ мегуфт, ки ин ҷавон не, суд ҳам, прокурор ҳам, маро ҳеҷ кор карда наметавонистанд. Дар ин ҷо одамони қонуншинос ҳам ҳаминро гуфтанд. Як даҳан гап-а, беинсоф, агар як даҳан мегуфт, ки ин бача не, ман ин вақт хушбахту хушҳол трактор ронда мегаштам, замин шудгор мекардам, алаф

медаравидам, силос мехобондам, ҷӯяҳои пахтаро нарм мекардам, пахта мечидам... Э, чӣ қадар дар деҳа кори мӯле! Агар намурда, аз ҳамин ҳабсхона зинда бароям, аввал рафта модару хоҳарамро мебинаму сонӣ туро кофта ба Душанбе меравам, духтар! Агар дар назди чор нафар ёру дӯстонат мегуфтагиамро гуфта, ба рӯят туф накунам, аз дилам ин алам намерафтагӣ барин. Бигузор, маро гирифта боз ҳабс кунанд! Се сол дар ҳабс намурдагӣ одам, агар барои авбошӣ боз як моҳ бишинад, намемурдагист...»

Рӯзе аз рӯзҳо вай аз Лола мактуб гирифт. Пагоҳӣ ба кор равона буданд, ӯ мактубро гирифту аввал хост, ки пас баргардонад, вале фурсати дуруст андешидан набуд, бинобар он, ба ҷайб заду ба кор рафт. Тамоми рӯз Ғаюр кор мекарду дар ҷайбаш нома не, гӯё каждуме бошад, беқарор буд. Ба вай чунин менамуд, ки ҳатто ҳамин номаи вайро ба даст гирифтанаш ҳам, аломати сустдилӣ, заифмиҷозӣ, нишонаи азму ҷазми қавӣ надоштани вай аст. Аз тарафи дигар, вай мехост, ки чиҳо навиштани Лоларо, бо чи суханон худро сафед кардани ӯро боре бихонад. «Аз оҳанги каломаш дилашро мефаҳмам. Азоби виҷдон як умр туро ором намемонад, духтар!.. Хайр, чӣ ҳам менавишт, тасаллӣ, дилсӯзии оҷизона, узр, мебахшӣ, ман нафаҳмидам... Гум шав. ...» Ғаюр хост номаро аз кисааш бигираду даруни хокрӯба партояд, вале боз ҳам андешид...

Ғаюр фақат баъди се рӯз тавонист, ки ба рӯи нома раддия навишта, онро баргардонад. Се шабу се рӯз ақлу дили вай дар ду ҷабҳа талош карданд. Дилаш мегуфт, ки мактубро кушою бихон, он ба номи ту, суханони меҳрангези он фақат ба номи ту имло шудаанд, гуноҳи маҳбубаро бахшидан ҳам аз ҷавонмардист, балки вай ҳам гуноҳе надорад, охир, дар суд гуфт-ку, кӣ будани он нокасро намедонам, ба ҳар ҳол, ҷавон набуд, дасти марди миёнсол буд... Вале ақлаш исрор мекард, чунин беақида ва ноустувор набош, гуфтӣ, ки ба рӯяш туф мекунам, сабр намою туф кун, ана, ин кори ҷавонмардона аст. Беҷазо мондани хиёнат ва нобакорӣ чӣ маънӣ дорад, намедонӣ? Яъне, ту оҷизу бечораӣ, беномус ва безардаӣ! Мард дар дуньё барои ситондани қасосаш зиндагӣ мекунаду умр ба сар мебарад...»

Аз миён ду ҳафта ё бештар вақт гузашту боз аз Лола мактуб омад. Ғаюр ин бор лаҳзае наандешида номаро пас гардонд. Баъд номаҳои зиёдро гардонд, ҳатто шумораи мактубҳои раддия навиштаашро фаромӯш кард.

Сони худи Лола омад. Ба Ғаюр рухсати мулоқот доданду вай омад.

Қасди Ғаюрро пай бурд магар, ки духтар ҳамроҳи модару хоҳари ӯ омад. Аввал сухани модар ин буд, ки ин духтар бегуноҳ аст, шир барин поку мубарро аст, аз ӯ зинҳор наранҷад, аслан ин ҳам хости худо будаст ё навиштаи қисмат ё кори душманони нотавонбин ва ғайра ва ҳоказо. Ғаюр ба хотири сухани модараш ба ночор бо Лола салом кард.

Лола қариб ҳар ҳафта рӯзи истироҳаташ аз шаҳр ба деҳа омада, модару хоҳари ӯро ҳолҷӯӣ карда мерафтаст. Улфат мегуфт, ки ягон бор дасти холӣ наомадаст, рӯзгорамон серию пурӣ, аз ягон бобат камӣ надорем, Лола ҳар ҳафта сумкаашро пур карда биринҷу қанду набот, гӯшту равған, пичинию макарон — ҳамаашро мебиёрад.

— Саробони хонаводаро ба ҳабс андохт. Даркор не... Нагиред!... — гуфт Ғаюр аз илтифоти духтар кароҳаташ афзуда.

— Агар ризои модаратро хоҳӣ, дар ҳақи ҳамин духтар сухани бад нагӯй, ки сахт убол аст, писарам, — гуфт модар ин бор ба оҳанги сахт ва бо ҳамин хори кинаро аз дили Ғаюр барканду партофт.

Баъди як соли воқеа Ғаюр аз деҳа мактуби беимзое гирифт. Шахси маҷҳуле, ки аз оҳанги суханаш Камол буд, ба вай навиштаст. «Ғаюр, ҳеҷ ғам нахӯр. Кора кардагӣ Муроди мантӯр будаст, дониста мон. Дар як ҷо маст гашта, худаш пӯкидаст. Аллакай мӯли мардум медонанд». Ин хабар ба ҷароҳати қалби вай намаксой шуд: Ғаюр хеле муддат беқарорӣ кашид, ҳатто дигарбора хӯрду хобашро гум кард. Чӣ хаёлҳое ба сари ҷавони маҳбус намеомаданд, чӣ нақшаҳое дар сари вай ҷавлон намекарданд!

Он марди қонундоне, ки маҳбусон Қонунӣ лақаб карда буданд ва Ғаюр ҳамеша аз вай маслиҳат мепурсиду машварат меандохт, ин бор ҳам ӯро хурсанд накард.

— Ҳой, гаранг, адлия маҷбур аст, ки ба номаш бошад ҳам, гунаҳгорро ёфта, ҷазо диҳад, — мегуфт вай монанди ҳамаи маҳбусон ба дуруштӣ. — Агар наёбад — кораш вой! Фалон қадар ҷиноятро наёфтӣ гӯён муттаҳам мекунанд, ҷойро холӣ кун мегӯянд. Бе вазифа вай якпула одам аст!.. Хӯш, гунаҳгор одами кордида будаст, паяшро нест кардаст. Ту каллаварамро ба миён андохта, муфаттишро ба роҳи ғалат равон кардагӣ. Муфаттиши гаранг сонитар саҳвашро дониста бошад ҳам, аз гӯлию соддагии ту истифода карда, гуноҳро ба гарданат задаст. Ана, кори ин дуньё ҳамин хел аст, додарам: камзӯру камақл гаштана се газ замин кову дарою хоб кун, дигар гап не!

— Кӣ шуморо сер мекунад, кӣ шуморо мепӯшонад, медонед? — Ин бор Ғаюр ҳам паст наомад. — На зӯру на доно — деҳқони хокпоше, ки назару писанд намекунед, ба сӯяш ба таҳқир менигаред...

— Ана, аллакай ақлат даромадаст, бача! — Ба сари Ғаюр Қонунии навча аз боло бо кафи дастони бузургаш чунон фуровард, ки зоҳиран ба шӯхӣ мемонд, аммо ҳар инсонро аз пой меафканд.

Ғаюр калавида се-чор қадам рафту наафтод, вале сараш чарх гашту лаҳзае чашмонаш торик шуданд, гӯшҳояш садо доданд. Дақиқае чанд аз миён гузашту вай тамоман ба худ омад. Ба дил хайрият гуфт, ки аз по наафтод, шарманда нагашт. Ин мардум афтодаро бештар таҳқир мекунанд, сахттар мезананд.

— Ҳой, гаранги қишлоқӣ, ҳамон Муроди мантурат чи хел одам аст, медонӣ охир? — боз пурсид Қонунӣ рӯзи дигар дар омади сухан.

— Э, як нокас... Шабҳо мотори электрро мегардонад. Як касро корд зада ҳабс шуда буд, шӯрапушт... Ғаюра боб кардам гӯён, хандида гаштагист.

— Ҳа, кордида будаст, — гуфт он мард андешаманд. — Муфаттишатро боб кардаст. Боз чунон осон гӯл додаст... Муфаттиши навкори бетаҷриба ҳам ӯро зуд меёфт. Ҳамааш — аз коҳилӣ.

— Акнун чӣ мешавад?

— Ҳеҷ гап не, ба тақдир тан медиҳӣ, гӯсола. Боз якуним солат монд. Мегузарад. Минбаъд чашмат кушода мешавад... Хайр, агар одами медавидагиат мебуд, сари вақт давуғеҷ мекарду судро вайрон карда, озодат менамуд. Ҳақиқат ҳаст, лекин... аз паяш давидан ловим. Суди Олӣ кайҳо тасдиқ кард, дигар ҳоҷати гап не.

— Гап дар ин не...

— Ҳа, боз чӣ мехоҳӣ? Вай монтёрро ҳабс кунонданӣ ҳастӣ? Ба ин кор зӯри ту намерасад, додар. Ҳақиқат ҳаст, аммо барои ба он расидан дасти ту кӯтоҳ аст.

— Гап дар ин не, охир... Ман намехоҳам, ки ноҳақ ҳамин доғ ба номам монад. Бо кадом рӯй ба деҳа меравам?.. Э, шумо одамони моро намедонед... Сад сол гузарад ҳам, фалонӣ ҳамин хел кор карда буд, гӯён таъна мекунанд. Як умр дар назди халқ забонкӯтоҳам! Ҳатто фарзандони маро таъна

мекунанд: «Додотон аз дасти як духтари шаҳрӣ гирифта кашола карда, се сол дар ҳабс буд» мегӯянд.

— Не, халқ аҳмақ не, медонад. Ба ин хел кор кӣ қобил, кӣ қобил не, нағз медонад. Ана, аллакай фаҳмидаанд-ку! Парво накун.

— Парво накарда мешудаст, сабил...

— Хайр ба деҳа нарав. Ба шаҳр раву хон, ҳунар ёд гир! Дидӣ, ҳамдеҳаҳои гарангат бегуноҳии туро донанд ҳам, хап гаштаанд. Ҳой, ба ман нигар, як кор кун — худат хонда муфаттиш шав. Ана, сонӣ, ин корро аз нав тафтиш карда, гуноҳи он мантуратро ба гарданаш дайн куну номатро сафед намо! Беҳазл мегӯям.

— Ҳамин хел карда мешавад? — чашмони Ғаюр бо нури шодмонӣ дурахшиданд.

— Албатта. Ту ҳоло ҷавонӣ. Маълумоти миёна дорӣ. Аз ҳозир тайёрӣ бин, хон. Дар як сол ҷунон тайёр мешавӣ! Ман ёрӣ медиҳам... Лекин аз ин хусус дар ин ҷо ҳеҷ кас нафаҳмад. Фаҳмидӣ? Туро ҷунон омӯзам, ки ҳуқуқшиносони олам ба ҷангат расида натавонанд. Лекин қасам бихӯр, ки баъди тамом кардан прокурор намешавӣ.

— Кошки ҳамин хел мешуд!.. Агар бар ивази ин ранҷу азоби сесолаам ҳуқуқшинос мегаштам, як не, сад бор аз толеъ розӣ будам... Он лаънатиро ба гуноҳаш иқрор менамудаму дар назди омма судаш мекардам.

Дар тӯли як сол бори аввал ба дили Ғаюр ин гуна шавқу рағбати зиндагӣ шарора пошид, бори аввал

дарду алами худро каме фаромӯш кард. Ин рағбат дар пеши назари вай кулли сахтиҳоро осон намуд, дари дуньёи дигареро аз боби илму дониш, китобу фарҳанг боз кард.

Ғаюр дигарбора китобу дафтару қалам ба даст гирифт. Ба китобу дафтар вай ин бор бемақсад, ҳамчун як кори беҳуда ва нодаркор наменигарист.

## 5

Имтиҳоноти қабул ба факультети ҳуқуқшиносӣ бори аввал рӯҳи муддатҳо нагун афтодаи ӯро боло бардошт, вай худро ба дигарон ҳамсанг ва ҳамсар дид, ба рӯяш табассуми шодмонӣ давид, қоматашро андаке рост гирифт. Баъди супоридани иншо ду нафар муаллимон ӯро чеғ зада, аввал пурсиданд, ки чаро ба факультети ҳуқуқшиносӣ даромаданӣ аст.

— Ҳамту... — ҳайрон-ҳайрон китф боло кашид ӯ.

— Ҳуқуқшинос шуданиам, — ҷавоб дод Ғаюр сахт ваҳмида. Вай аз саргузашти сиёҳи худ дар хавф буд, ки мабодо фош гардаду ба таҳсилаш монеъ шавад.

— Ҷои ту факультети филология аст, додар!.. Агар хуб гӯӣ, мо гап мезанем, мегузаронанд. Мутахассиси хуб шуданат мумкин, — гуфт яке аз муаллимон бо табассум. — Бовар кун, дар илми адабиёт қобилиятат бештар аст. Албатта, онҳое, ки факультети филологияро хондаанду худро адабиётдон меҳисобанд, бешуморанд, аммо адабиётшиноси ҳақиқӣ дар мо хеле кам аст. Дар ин бобат ба ту умед бастан мумкин аст.

Ғаюр ба чеҳраи онҳо нигариста, сабаби ин ҳазли бемавридро фаҳмидан мехост, аммо муаллимон аз афти кор, хаёли ҳазл кардан надоштанд, ҷиддӣ ба ҷавоби ӯ нигарон буданд. Ғаюр боз ба шубҳа афтод: чаро онҳо ӯро ба факультети дигар ташвиқ мекунанд? Боз ин чӣ найранг бошад? Рӯирост гӯянд — намешавад? Дар ин факультет хондани ман мумкин набошад, не-дия...

Ғаюр аз ҳабсхона дилашро бо шубҳаю гумон ва нобоварӣ пур карда баромада буд, аммо инро худаш пай намебурд. Вай тахи ҳар як сухан, ҳар як рафтори атрофиёнашро бодиққат мекофт, ҳар як суханро баъзан аз чор сӯю шаш ҷиҳат мулоҳиза мекард, мабодо дар таҳди коса нимкоса бошад, мегуфт. Бинобар он, аз ин пешниҳоди муаллимон бағоят андӯҳгин гашт, ҳатто аз орзуи дер боз ба дил парваридааш ба якборагӣ умедашро бурид.

— Муаллим, рӯирост гап занед, чӣ муддао доред?.. Ман кӯдак не, мефаҳмам, — гуфт вай ба дуруштӣ. — Дар ин факультет таҳсили илм кардани ман мумкин нест?.. А? Ҳамин тавр гуфтаниед?

— Мо ба фоидаи ту мегӯем, бародар, — аз қаҳру тундии ӯ ҳайрон шуданд онҳо. — Агар нахоҳӣ, зӯрӣ намекунем. Дар синни ту бисьёр ҷавонон маркази қобилияти худро возеҳ дарк накарда, ба ҳар сӯ парешон, мегардангу вақти азизро беҳуда мегузаронанд. Мо мехоҳем, ки дар ин ҷода ба ту ёрӣ кунем. Аз ту филолог мебарояд, медонӣ?

— Не... Агар мумкин бошад, ман дар факультети ҳуқуқшиносӣ хонданиам, — гуфт Ғаюр бо авзои оштинопазир ба чашми муаллимон нанигариста.

— Афсӯс. Қобилияти худро ҳайф мекунӣ! — гуфт сар ба надомат ҷунбонда яке аз муаллимон.— Имрӯз дар назарат прокурору муфаттиш барин одами бузургу қудратманд нест...

— Не нагӯй, фикр кун. Мо ба ҳар кас ин хел пешниҳод намекунем, — сухани якеро бурида, исрор мекард муаллими дигаре, ки аз дуруштии Ғаюр ба ҷои қадр тааҷҷубаш афзуда, кунҷковона ба рӯи вай менигарист.

— Не, намехоҳам... Ман ҳуқуқшинос шуданӣ.

Муаллимон бо таассуф такрор ба такрор сар ҷунбонда аз ӯ дур шуданд.

Ғаюр дар ҳабсхона китоби «Гулистон» ва «Бӯстон»- ро хонда буд, хонда буд гуфтан кам аст, аз пурхонӣ ёд карда буд. Умуман, аз осори Саъдӣ байту ғазалҳои зиёде аз ёд медонист. Дар имтиҳон бо унвони «Одамият ва назари Саъдӣ» иншои самимие навишта буд, ки муаллимон аз хондани он ба ваҷҳ омада, ба ӯ бо чунин пешниҳод рӯ оварда буданд.

Дар имтиҳони фанни таърих вай баробари Ҳайдар билет гирифта, дар сари як миз нишаст. Нишасту саволҳои билеташро мулоҳиза кард ва дилпур аз худ, хотирҷамъ онро чаппа карда монд.

Сипас ба қафояш нигарист, ки духтараке имдодталабона сӯяш нигоҳ кард. Ғаюр оҳиста сарашро гардонда саволҳои билети ӯро хонду

ҷониби духтар ба ишорат чашм хобонд, яъне, хондам, ҳозир навишта медиҳам, гуфт. Баъд вай дар даҳ дақиқа ба ҳар ду саволи билети духтарак мухтасар ҷавоб навишта дод. Сонӣ як тан ҷавонаки лоғари деҳотӣ, ки дар паҳлӯи чапаш менишаст, билеташро бо оринҷ тарсону ҳаросон ба ҷониби Ғаюр лағҷонда, ба имо хоҳиш кард, ки кӯмак расонад. Ғаюр ҷавоби саволҳои ӯро ҳам зуд навишта, варақро ба сӯяш ғеҷонд.

Ӯ ҳеҷ намеандешид, ки агар муаллим дар сари ин амал бигирадаш, мебояд бо орзуи таҳсили илм ва ҳуқуқшиносӣ падруд гӯяд... Аз афти кор, айёми ҷавонӣ бо ҳамин гуна сифатҳои бепарвоию фориғболӣ ва дил ба дарьё заданҳояш аз фаслҳои дигари умр тафовут мекунад. Сарфи назар аз саргузашти талху сабақомӯзаш Ғаюр ҷавон буд ва аз меҳвари синну соли худ берун рафта наметавонист.

Баъди он, ки Ғаюр ба атрофиён кӯмак расонд, Ҳайдари бо кару фар, олуфтавор либос пӯшида, низ оҳиста ба тарафи вай лағҷида наздик гашту ду-се бор бо оринҷаш нихта карда, гуфт, ки саволҳои билети ӯро нигарад. Ғуруру баланддимоғӣ ва ситораи ин ҷавон ба Ғаюр хуш наомад магар, ба вай ёрӣ кардан нахост. Ӯ бо тааҷҷуби ошкоро ба вай нигариста китф дарҳам кашиду бо забони нигоҳ мо имтиҳон месупорем, ман ба ёрӣ ҳақ надорам гуфт. Ҳайдар ғазабнок пичиррос зад, аз афти кор, зери лаб дашноме дод. Баъд ба хона Орифӣ даромад. Мӯйи ҷингилааш аз равғани бриолин ялаққос мезад.

Вай лаҳзае дар паҳлӯи имтиҳонгирандагон нишаста, ҷавоби духтаракеро гӯш кард, сипас, бархосту ба назди Ҳайдар омад. Орифӣ сараввал «ҳа-ҳу» гуфта хаёл карду баъд пичиррос зада, мавзӯъро ба хотири вай оварданӣ шуд:

— Ҷанги Ватании 1812, ҳуҷуми Наполеон... Кутузов... Бородино... Шикасти французҳо... Ҳа-ҳа, ба ёд биёред... — ин мафҳумҳоро якта-якта, бафосила номбар кард вай.

Ғаюр барои ҷавоб додан бархосту дигар надонист, ки Ҳайдар он мавзӯъро чӣ андоза ба хотир овард, чӣ хел ҷавоб дод, чӣ баҳо гирифт.

Вай ҳоло хуб медонист, ки хари ин гуна зотҳо ба ҳар усул аз об мегузарад, онҳо дар зиндагӣ дармондан чист, намедонанд.

**6**

Айёми таҳсил дар донишгоҳ, ҳалқаи ҳамсолони шӯху беғам занги андӯҳ аз дили Ғаюр асосан сутурданд. Ғаме, ки ба зоҳираш соя афканда буд, гӯё бартараф гашт, вале он гиреҳе, ки дар дили вай афтода буд, ба осонӣ кушода намешуд, ҳасрате, ки дар умқи чашмони андешамандаш нишаста буд, бо гузашти айём бардошта намегашт. Ғаюр як ҷавони камгап, ба кас нобовар, нисбат ба синну солаш зиёда вазнин ва пуртамкин, ҷиддӣ, ҳазлнобардор ва дар назари ҳамсолон дарундору пурасрор буд.

Вай солҳои аввал шабҳо ҳамчун посбони як идораи сохтмон кор мекарду рӯз дар донишгоҳ дарс

мехонд. Шабдармиён навбати посбониаш мерасид. Ба ин васила вай ба хонаводa кӯмак мерасонд.

Лола ҳоло дар курси чоруми факультета иқтисодӣ таҳсили илм мекард. Алҳол муносибати ӯ бо Ғаюр номуайян, тира ва рӯҳшикан буд. Баъзан Лола бо ягон баҳона сари роҳи Ғаюрро поида меистоду соате ҳамроҳаш мерафт, дар симояш хушҳолии бардурӯғ бидиррос мезаду аз ҳар бобат сухан мегуфт, аммо сӯҳбаташ даргир намегашту оқибат малулу музтариб хайрухуш мекард.

Баъди аз ҳабс озод гаштани Ғаюр Лола дигар ба деҳа намерафт, аммо модари Ғаюр ҳар замон ба маркази район омада, ба хонаи онҳо занг мезаду ӯро бо ягон баҳона ба деҳа даъват мекард ва то аз ӯ ваъдаи рӯзи рафтанашро нагирад, гӯшаки телефонро намегузошт.

Бешак, агар модараш ба Лола ин қадар моил намебуд, Ғаюр кайҳо чашмашро мепӯшиду гуфтаниашро ба рӯи вай мегуфт ва як санги ноҳинҷорро аз синааш дур меафканд. Меҳри Лола ҳанӯз ҳам дар як гӯшаи қалбаш зинда буд, аммо ҳисси кину қасосро ӯ дар худ бартараф карда наметавониет. Аз ин рӯ вай дар миёни обу оташ афтода буд. Худ амин буд, ки меҳри Лоларо аз дил берун карда наметавонад, аммо гуноҳи ӯро бахшидан ҳам наметавонист. Акнун, ки модараш ин қадар ба ин духтар часпон гаштааст, Ғаюр ба ночор бо ӯ каҷ дору нарез мекард, вале охири ин муомиларо пешбинӣ карда натавониста саргаранг буд.

Лола сараввал гумон мебурд, ки прокурору суд ин гуноҳро ба гардани ҷавон бор карданду вай пеши Ғаюр бегуноҳ аст. «Ҳамла кардагӣ Ғаюр не, — гуфтам, — дасти он нокас ба дасти ҷавон ҳеҷ монанд набуд», — гуфтам, боз чӣ кунам? — мегуфт вай баъзан ба хоҳари Ғаюр Ҳалима ҳасрат карда.— Акотон аз ман домангир барин, ҳамроҳатон рафтам, рӯи хуш надоданд...» Вале амин буд, ки муҳаббат кори худро мекунад, тамоми ин гумону шубҳаҳои камарзиш, гиламандию ранҷишҳои беасосро аз миён бартараф хоҳад намуд. Махсусан, баъди он, ки дар деҳа кӣ будани гунаҳгорро донистанду ин хабар аз даҳон ба даҳон гузашта ба аҳли хонаводаи Ғаюр ҳам расид ва боре модар онро ба Лола ҳам бигуфт, вай бештар ба ҳоли ҷавон дилаш месӯхт. Аҷаб не, Лола баъди ин хабар Ғаюрро бештар аз ҳар вақт дӯстдор гашт, ӯро як инсони ба ҳурмат сазовор донист.. Дар суд мардона тамкин нигоҳ дошта бешӯру ғавғо, бе фарьёду фиғон, радди даъво кардани вайро пеши назар меоварду дар чашмонаш ашк меҷӯшид. Дар яке аз чунин лаҳзаҳо Лола аҳд карда буд, ки худро якумрӣ ба ин ҷавон хоҳад бахшид.

Бинобар он ҳам, се соли расо як пои вай дар деҳа буд. Мардуми деҳа дар автобус, дар кӯчаю магазин ӯро дида, ҳар мудом гӯшакию пичир-пичир доштанд, баъзан аз кундфаҳмони бедаҳан кинояю пичингҳои талх ҳам шунид, аммо ба дил нагирифт, баръакс, аз назди чунин касон сарбаланду мағрур, нописандона, тамоми таъсир ва зӯри ҳусну

малоҳати ҷавониашро намоиш дода мегузашту бо ҳамин дар назди ҳамдеҳагони Ғаюр собит мекард, ки ӯ ҷавони хушбахт аст, аз аксари онҳо хушбахттар аст, ку барои кадоме аз шумо чунин як духтари нозанин саргардон меояд, гуфтан мехост. Аввалбор номаашро рад кардани Ғаюр ӯро сахт малул кард, вале Лола ба маъюсӣ тан надод. Вақте ки рухсати мулоқот доданду вай модару хоҳари ӯро гирифта ба Ёвон рафт, Ғаюр боз ҳам ба вай рӯи хуш надод ва Лола сахт малул буд, аммо модару Ҳалима парешонии ӯро бартараф карданд: «Ҳеҷ ғам нахӯр, вай туро дӯст медорад, ба ҷуз ту дигареро хуш намекунад. Ту фариштаӣ, аз ту гузашта вай киро мегирад?!»

Лола равуои худро ба деҳа қатъ накард. Аз ин бобат мактубе ба Ғаюр навишту ба модар дод ва хоҳиш кард, ки бо дасти худ ба писар диҳад, то ӯ бихонад ва боре дарди дили ӯро бидонад. Дар он нома Лола навишта буд: «...Акнун, баъди он, ки шумо ба касофати ман ин қадар азоб кашидед, бовар кунед, ман бо каси дигар хушбахт будан наметавонам, як умр диламро мехарошам, худамро мехӯрам. Фақат дар паҳлӯи шумо, дар баробари шумо ман хурсанд будан метавонаму бас...»

Ғаюр ҳоло ба одамон нобовар гашта буд. Вай на фақат розҳои нонавиштаи духтар, балки суханони сидқан гуфтаи ӯро низ намешунид ва ё шунавад ҳам, аз як гӯшаш медаромаду аз дигараш берун мешуд. Ҳол он, ки Лола барои алоқамандиаш бо

кадом як ҷавони деҳотӣ аз аҳли хонавода гоҳу бегоҳ таъзир мешунид, номеҳрубониҳо медид.

То ба пахтачинӣ рафтан аз ҳамсабақонаш касе ба Ғаюр кордор набуд ва ӯ ҳам ба онҳо наздикӣ намеҷуст. Кор, китобхона, дарс.. Ӯ фақат шаб дар миён, пеш аз хоб ба хобгоҳ медаромад ва одати бо дигарон аз кору бори худ сухан гуфтан надошт.

Тирамоҳи соли аввали таҳсил донишҷӯён ба муддати якуним моҳ ба пахтачинӣ рафтанд. Ғаюр ҳамкори посбонашро розӣ кард, то муддате ба ҷои вай ҳам навбатдорӣ кунад ва худ бо ҳамсабақон ба пахтачинӣ рафт. Айёми пахтачинӣ ӯ бо ҳамдарсони худ хеле наздик шуд, аммо дар ҳамон ҷо ҳам вай, ба қавли баъзеҳо ҳамчун «Ҷумҳурияти мухтор» монд. Ӯ саргузашти аламовари худро фаромӯш карда наметавонист. Дар миёни ҷамъ, лекин яккаю танҳо, бегузашт, бемуросо, гӯё ба ҷигар санг баста зиндагӣ мекард. Ҳазли андаке дурушт, лутфу кинояи сабук ҳам зуд ӯро аз мувозанат мебаровард. Андаке кибру калонгирӣ, заррае норостӣ ва беадолатӣ ӯро ба хашм меовард. Ба назар чунин менамуд, ки хол - хол доғҳое, ки дар китоби зиндагӣ ҳар мудом ҳастанд, дигар саҳифаҳои покиза ва бегарду беолиши онро аз чашми ӯ пинҳон мекунанд. Баъзан аз дилаш мегузашт, ки ҳамаи ин одамон артистанд, найрангбозони гузароянд, ба рӯи якдигар бардурӯғ механданд, мунофиқона аз меҳру дӯстӣ, сидқу вафо гап мезананд. Он касе, ки худро одамшаванда ҷилва медиҳад, дар асл айёри мунофиқ ва нобакори гузаро аст, мегуфт вай ба дил.

Ғиёс дар он айём, ба қавли ҳамсабақон, «Адютант» ҳам набуд, «Сумкабардор» ҳам ва гузашта аз он «Пешдаргирон» ҳам. Ӯро бачаҳо мазоҳу масхара мекарданд, бо ҳазлҳои дурушт баъзан ранҷ медоданд.

Ҳамон соли аввали мавсими пахтачинӣ гурӯҳи курсҳои якум аз маркази колхоз дуртар, дар шипанги бригадае қарор гирифта буданд. Шабҳо бачаҳо бо ҳар хел бозиҳо ва дилхушиҳои беақлона машғул мегаштанд. Боре мӯзаи Ғиёсро шабона ба кучҷое баровcovarda руст карда, ӯро хеле дар азоб монданд. Баъд дӯлчаю косаи алюминиашро мех зада, сӯрох карданд.

Баъзан нимишабӣ ба ҷогаҳи Ғиёс об рехта ё ба рӯяш сиёҳии дег молида, саҳарӣ хандохандӣ мекарданду бечораро масхара медоштанд. Дар ин хел вақтҳо фарьёду фиғон ва дашноми Ғиёс мебаромад.

Боре бегоҳирӯзӣ, баъди кор дар сабзамайдон чор нафар ҷавонони густох бо ташаббуси Ҳайдар телпаки Ғиёсро аз сараш гирифта, тӯби футбол карданд. Ғиёс барои телпакашро аз таги пои онҳо гирифтан зӯр зада, гоҳ ба сӯи яке, гоҳ ба сӯи дигаре метохт, аммо онро гирифта наметавонист. Ҳамин ки Ғиёс ба телпак наздик рафт, бо зарби сахти пой онро яке ба дигаре медод. Донишҷӯён аз ин тамошо завқ карда механдиданд. Оқибат, аз ин ҳол, Ғиёс ба гирья наздик шуд. Аввал ба яке, сонӣ ба дигаре суханони дурушт гуфтан оғоз кард. Тамошогаронро

ҳам ин хории ӯ таъсир карду онҳо ба нармӣ он чаҳор танро ба инсофу шафқат даъват мекарданд.

— Телпакашро диҳед, наранҷонед...

— Ҳа, бас акнун, рафиқон, хуб хандидем.

— Ҳа, кори хуб не.

— Ма-ма, гир! — Ҳайдар телпаки дар пеши пояш бударо ба Ғиёс пешниҳод кард, аммо ҳамин ки пеш омаду ба телпак даст дароз кард, бо зарби сахт онро ба бозигари дигар дод.

Мӯзаи Ҳайдар магар ба сарангушти Ғиёс расид ва ё ин хорӣ ба вай сахт асар карда будаст, ки ӯ якбора ба дашному носазо гуфтан сар кард. Ҳайдар ҳеҷ чашмдор набуд, ки ба қавли худаш «ин девонаҷулхундӣ» ӯро, сардори гурӯҳро дар назди ҷамъ ин хел ҳақорати кабеҳ медиҳад. Ранги бе он ҳам камхунаш дока барин сап-сафед канд.

— Чӣ гуфтӣ, мурдор?... А? Чӣ гуфтӣ?.. Як бори дигар гӯй, падарлаънатӣ! — Ҳайдар ба Ғиёс рӯ ба рӯ рафту бо шаст ба рӯи вай торсакие фуровард.

Ғиёс фиғоне бароварду чашми латхӯрдаашро дошта, ба қафо гурехтанӣ шуд, аммо бо зарбаи лагади Ҳайдар парида рӯ ба замин афтод.

Ғаюр, ки бе он ҳам аз ин бозии нафратовари чор тан эркатулфор, ба қавли худаш, хунаш вайрон гашта буд, дигар худдорӣ карда натавонист.

— Чаро мезанӣ? — ӯ бо як авзои ваҳшатангез, ки тамоми вуҷудаш дарак-дарак меларзид, ба Ҳайдар рӯ ба рӯ рафт. — Чӣ ҳақ дорӣ?.. Ку, гап зан, бодича!

— Ту чӣ кор дорӣ? — нописандона писханд кард Ҳайдар. — Аввал ба ман бигӯ, ки дар кучо ба ту даллолиро ёд доданд?

Мушти гиреҳхӯрдаи Ғаюр монанди хоиск ба чоғи сардор чунон бо суръат зад, ки атрофиён фақат ба мисли навдаи досбурида, парида ба замин яксон афтодани Ҳайдарро дида тавонистанду бас.

Лаҳзае чанд ҳама нафас ба дарун кашида, гӯё шах гаштанду баъд ғуррӣ карда, монанди селаи гунҷишкон ба сари он ду ғун шуданд. Ҳайдар чоғашро бо як даст дошта, аз замин бархосту дақиқае бо чашмони кашидаи нимпӯш, дандон ба дандон фишурда истод. Ба ҳамин минвол дарди ин зарбаро гӯё гузаронд. Баъд либосашро афшонду канортар рафта туф кард. Туфаш хунолуд буд.

— Хайр, мебинем!.. Ба шаҳр равем... Дониста мон, донишкада чои ту баринҳо не!.. Мебинем!.. — Ӯ ин суханҳоро бо алами каси ночор, дар ҳолате, ки чашмонаш аз ғазаб меҷӯшиданд, Ғаюрро лахта-лахта кунам мегуфтанд, аз зиҳи дандон баровард. Чӣ кор мекунӣ? — тамасхур кард Ғаюр. — Аз дастат ҳар чӣ ояд, кун. Ман наметарсам. Зинҳор маро тарсонданӣ нашавӣ.

— Мебинам... Мебинам... Агар паятро нест накунам, номам Ҳайдар не! Дониста мон: то ман зиндаам ту ин донишгоҳро тамом намекунӣ!

— Ҳой, оҳистатар, аз пушти дигарон напар!.. Ман батарашро дида омадам.

— Тушбераро хом шумурдӣ... Ба ман даст мебардоштагӣ ҳолӣ дар шиками модараш хоб аст!

Азбаски дар ин моҷаро гунаҳгор худаш буд, Ҳайдар мағалро калон накард. Ғаюр ҳам ба худ омада, аз тезии худ пушаймон, ба таҳдидҳои ӯ ҷавоб надода, сархам ба ҷониби хобгоҳ рафт.

Баъди ин воқеа аз муносибати ҳамсабақон ӯ чунин қиёс гирифт, ки аксар аз рафтори Ҳайдар не, балки аз муомилаи вай дар тааҷҷубанд. Вай фикр мекарду ҳеҷ сарфаҳм намерафт, ки чаро таҳқири Ҳайдар бегуноҳеро дар чашми ин ҷавонон як кори табиӣ ва қонунӣ аст, вале бечораеро ҳимоя кардани вай як навъ хавфи мубҳаме ба вуҷуд оварда. Мантиқи ин гуна ақидаро идрок карда натавонистанаш Ғаюрро канораҷӯ ва мардумгурез мекард.

## 7

Ҳам дар овони пахтачинӣ ва ҳам дар тӯли таҳсил дар донишгоҳ, баъзан дар синфхона, баъзан дар хобгоҳ ба ҳамин монанд ҳодисаҳо гоҳ-гоҳе рух мезаданд, агарчӣ дигар бор кор ба мушту лағад нарасида бошад ҳам, дар панҷ сол мухолифати Ғаюр бо ҳалқаи Ҳайдар давом кард. Бинобар он, Ғаюр бо дастаи асосии ҳамдарсон, ки дар гирди Ҳайдар ҷамъ гашта буданд, беиртибот ва бегона барин монд. Баъзе аз ҷавонон Ғаюрро эҳтиром мекарданд, аммо аз Ҳайдар ва наздикон вай кебида, зиёда бо ӯ ҳамгап ва ҳамнишин намешуданд.

Ғаюр аз рафтори худ пайваста меандешид, фикр мекард, ки чаро ин хел бемуросо аст. Дар мактаби

миёна ҷони ҳамсинфон буд-ку!.. Наход, ки суханони модараш дуруст бошад? Баъди аз ҳабс омаданаш ӯ гуфта буд: «Ғаюрҷон, писарам, захри алама дар дилат нигоҳ надор, зиёнаш ҳаст. Ба гузашта салавот гӯю аз ёд барор, писарам...»

Соли сеюми таҳсилаш дар донишгоҳ боз ҳам мавсими пахтачинӣ буд. Гурӯҳе нимишабӣ аз паи харбузадуздӣ рафтанд. Баъд маълум шуд, ки онҳо дар бадали ду-се шаб полези колхозчиеро батамом хароб кардаанд. Вақте ки роҳбарон омада, ҳамаро ғун карда, бо суханони сахт изо доданд ва зиёда аз он, ҷаримаро аз музди кори ҳама ситониданӣ шуданд, Ғаюр бархосту дуздҳоро ном ба ном гуфт ва ин нангро ва ҷаримаи онро аз гардани донишҷӯёни дар ин хиёнат беалоқа бардошт.

Чор нафар дуздон танбеҳи сахт гирифта, ду нафар саркардаашон ба болои танбеҳ, семоҳӣ аз стипендия ҳам маҳрум гаштанд.

Баъд дар шаҳр онҳо алами инро аз Ғаюр ситонданд. Шабе се тан ширакайф дар роҳ бо Ғаюр ҷангангезӣ карда, ӯро ду-се мушту лагад заданд. Ғаюр ҳам суст намеомад, ба ду мушти онҳо як мушт зад, аммо якбора ба се тан баробар омада натавонист.

Ғаюр арзу шикоят накард, ин гуна ниқоргирӣ ва ҳамиятҷӯӣ дар хулқи вай набуд.

Солҳои охир вай аз ҳама бештар аз Ғиёс нафрат мекард. Ғиёс аксар бо ишораи Ҳайдар баҳудаю беҳуда бо дигарон тез мешуд, суханони пасту баланд мегуфт. Дар гурӯҳашон Карим-ака ном

ҷавони синнаш аз дигарон шаш-ҳафт сол бузургтар ва ҷуссаааш ҳам баҳодурасосе буд. Вай як одами вазнин, ором буда, ба гапу коре, ки ба ӯ дахл надорад, ҳаргиз ҳамроҳ намешуд. Ғаюр боре ба ҳамин одам дӯғу пуписа кардани мушт барин Ғиёси пешдаргиронро дида, аввал ха ндида нигарон истод, сонӣ ҷаҳлаш омаду пештар рафта гуфт:

— Хок кашад туро, косалеси мурдор, — гуфт Ғаюр бо нафрат ба Ғиёс нигариста. — Охир, ин одамро агар барои калонсолиаш ҳурмат накунӣ ҳам, ба ҷуссаааш як бор нигар. Як мушт занад, гард-гард мешавӣ!

— Ту ҳам гап зан! — аз эҳтиёт ду-се қадам ақиб рафт Ғиёс. — Санг ҳам заду чӯб ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад! — барои мазоҳ қоҳ-қоҳ зад вай. — Ё боз хумори калтакхӯрет гирифт? — ба тарафи Ҳайдару ҷӯраҳояш баргаштаравон ба дили Ғаюр неш зад вай. — Ҳа-а, донистам, донистам! Ҳабсхонаро пазмон шудаӣ! Дуруст, дуруст... Мегӯянд, ки хумори он ҳар замон касро безобита мекунад, ин гап рост аст? А, ту чӣ мегӯӣ? Рецидив чӣ, медонӣ? Такрори гуноҳ ва ҷиноятро рецидив мегӯянд!

Ғаюр ба сахтӣ худдорӣ кард. Дар дилаш мегуфт: «Агар ҳамон вакт бо тӯҳмат нею ягонта ҳамин хел косалеси палидро зада, маъюб мекардаму ҳабс мешудам, ҳеҷ ҳасрат намехӯрдам. Ба худо, як бор ҳам «афсӯс» намегуфтам! Ҷаври Ҳайдари палид ҳеҷ гап не, ҷаври ин хел косалесонаш ба ҷон мерасад...»

— Монед, баробар нашавед, Ғаюр, — Карим-ака он рӯз ӯро таскин доду аз дасташ гирифта бурд.

Гузашти вақт, айём чӣ захмҳоро шифо намебахшад, чӣ дардҳоро таскин намедиҳад! Ҳоло баъди панҷ сол нишонаҳои шикастарӯҳию нобоварӣ, асабонияту дуруштие, ки Ғаюр бар асари гузаштаи талхаш пайдо карда буду рӯзгори ҷавониашро ноором медошт, кам-кам бартараф гашта, дигар вай ба зиндагӣ, ба фардои худ бо дили пурумед, хушҳол менигарист. Баъзан барои дуруштиҳояш, барои атрофиёнашро дуруст нашинохта аз онҳо канора ҷустанаш афсӯс мехӯрд ва гӯё қусури он рӯзҳоро баровардanӣ бошад, кӯшиш мекард бештар дар ҳалқаи ёрон ба чойхона равад, як ҷо нишаста дарс хонаду мубоҳиса кунад, ба сайру гашти шаҳр барояд. Азбаски вай доир ба аксари фанҳо дониши саҳеҳ дошт ва донистани худро мухтасар, аниқ бо маҳорат бозгуфтан метавонист, духтарон ӯро пайваста ба ҳамроҳ дарстайёркунӣ даъват мекарданд.

Метавон гуфтан, ки то курси панҷум, ӯро бо духтарон дӯстӣ ё ба он монанд наздикӣ набуд. Аксаран бо онҳо ба ҷуз саломи алек дигар сухане ё муомилае надошт. Агар дар синф бачаҳо набошанд, ҳатто ба назди духтарон намедаромад. Агар духтаре аз ӯ мадад пурсад то имконе ҳаст, ҷадал мекард, аммо ба дигар саволи онҳо «ҳа-ҳу» гӯён нимғурма ҷавоб медоду аз сӯҳбаташон мегурехт. Аввалҳо дар ҳаққи ӯ ҳар хел тахмину гумонҳо сар зада бошад ҳам, оҳиста-оҳиста дар тӯли панҷ сол аксар

ҳамсабақон инчунин хислати ӯро фаҳмида, ба бегонахӯиаш одат карда буданд.

Натиҷаи чунин канораҷӯиаш буд, ки боре ҳангоми тайёрӣ ба имтиҳони навбатӣ дар чорбоғи донишгоҳ Адолати шартакигӯй ба бозувони вай, ба мушакҳои дасташ, ки аз кураи нимостин нағз намоён буд, лаҳзае дуру дароз нигариста монд. Баъд нигоҳи духтар аз як бозу ба бозуи дигари ӯ гузашт, сипас ба гиребони кушодааш. Ғаюр ҳайрон буд, ки ин духтари шӯху шаттоҳ аз бозувони ӯ чӣ меҷӯяд.

— Ҳа, чӣ дидед? — пурсид Ғаюр аз чунин нигоҳи духтар хиҷолат кашида. — Пайкаршиносӣ мекунед? Ба кадом гурӯҳ дохилам?

— Э, ҳамту, худам... — гуфт Адолат хаёломез. Баъд рост ба чашмони Ғаюр нигариста пурсид: — Ғаюр-ака, агар як гап пурсам, қаҳратон намеояд?

— Чӣ гап будааст он? Чаро аз он қаҳрам меомадааст? — дилаш таҳ кашид, ки ҳабс шуданашро ва сабаби онро пурсидан мехоҳад. Ва барқвор аз хаёлаш гузашт, ки чӣ бояд гӯяд.

— Ҷӯраҳои худатон як гап паҳн карда буданд... Ҳамон... Чӣ хел гӯям... Ман ҳеҷ чиз намебинам...

— Чӣ гап? Чиро намебинед?

— Гуфтанд, ки дар баданатон... Чӣ гӯям... ҳамун... як хел ҷароҳат ҳаст-ку...

— Ҳа-а... — Ғаюр мақсади ӯро пай бурда, оҳи сабук кашид. Якчанд бор аз қафояш «пес, баданаш пес дорад» гуфтани Ҳайдару Ғиёс ба гӯшаш расида буд. Вай лаҳзае дар муқобили духтарон сархам, хомӯш, монду сипас гуфт: — Дар хурдӣ чойники

чойро чаппа карда, шикамамро сӯхта будам... Пеши ноф, — гуфт вай андаке асабонӣ, сурху сафед гашта.

— Рӯяш сиёҳ ин Ғиёса... — гуфт Адолат бо алам, дилсӯзона ба Ғаюр нигариста. Сонӣ ба дугонааш Мунира рӯ оварда гуфт: — Дар китобе хонда будам, ки духтарон даставвал бо ҷавонони пасттинат шиносо мегарданду дар охир бо ҷавонмардони шоиста. Кӣ гуфта бошад ҳам, сухани паямбарона гуфтааст.

— Ман дар китоб нахондаам, вале доим мегӯям: ҳамеша хас дар рӯи об аст, — гуфт Мунира.

Заҳри ин тӯҳмат дар дили Ғаюр кор карду вай хеле муддат ба худ омада натавониста дилгир буд. Аммо ба Ҳайдару Ғиёс ҳарфе назад. Бе ин ҳам, вақтҳои охир онҳо баҳона кофта гаштаанд, то дили ӯро сиёҳ кунанд. Аҷиб аст, ки Орифӣ дар ин ҷода ба онҳо шарикфикр гаштааст.

Боре Ғаюр дар маҷлиси умумии донишҷӯёни факультет, дар ҳузури ҳама муаллимон ва проректор ба сухан баромада, нуқсонҳои зиёди таълиму таҳсил ва дар мавсими пахтачинӣ рӯй дода, инчунин баъзе бетартибиҳои дар хобгоҳ ба вуқӯъ пайвастаро як ба як гуфта, таъмини чораҷӯӣ талабид. Ба аксари донишҷӯён ин суханони боҷуръатона писанд омад. Ба декан танқиди вай сахт расид. Махсусан, дар назди раҳбарони донишгоҳ сири ин хонаро ба берун баровардани Ғаюр Орифиро оташин кард.

Баъди маҷлис Карим-ака Ғаюрро аз роҳ дошта, гуфт, ки Орифиро ба худ кинадор сохта, кори хуб накард.

— Аз олими беинсофу бевиждон гузаротар аҳмақ дар олам нест, Ғаюр, шумо намедонед, — таъкид кард вай. — Меъёри неку бади инсон виждон будаст, агар виждон надорад, чӣ академику чӣ президент якпула одам аст.

—Э, равад, аз дасташ биёяд, ҳамон дипломи имтиёзнокашро надиҳад, — гуфт вай ба нописандӣ дар ҷавоби суханони Карим-ака. Баъд ба худ иқрор кард, ки дурӯғ мегӯяд, аз дипломи имтиёзнок даст кашиданаш чунин осон нест. — Як бор агар диламро холӣ накунам, намешуд. Ҳеҷ илоҷи дигар надоштам, ака. Ба кафидан наздик омадам, — гуфт вай оқибат ба худ омада, ба як навъ оҳанги узромез.

—Гумонат гуфтан катӣ ислоҳ мешавад? Ба худат қасддор мекунию бас. Намебинӣ, чӣ миқдор мегӯянду мегӯянд. Аз котиби комсомоли мо то ба Хрущев — ҳама гап мезананд. Аммо фоидаашро намебинем.

—Тамом карда меравем,— гуфт Ғаюр бепарво даст афшонда. — Як бор диламро холӣ кардам... Худатон фикр кунед: ба ин тариқ агар ҷасорату шуҷоати моро, ғайрати моро кушта бошанд, фардо аз кори мо ҷамъият бахрае намегирад. Бюрократу муросоҷӯ кати ҷамъият ҳаргиз пеш намеравад. Ин қабил касон аломати эрозияи ҷамъиятанд, мо бояд аз ин офат халос шавем. Аммо чӣ гуна? Оҳанро занг

мехӯраду мо аз рӯяш рангмолӣ мекунем. Худро мефиребем. Илоҷаш будагист...

Баъди ин гуфтаҳои Ғаюр Карим-ака бо ӯ мубоҳисаи ҳақиқӣ оғоз карду онҳо то бегоҳ ҳам дар роҳ, ҳам дар ошхона мунозара доштанд.

**8**

Қариб ҳашт сол аз ин муқаддам, вақте ки Ғаюр дар китобхонаи деҳа як шомгоҳи тобистон бо Лола ошно гашта буд, ӯро донишҷӯи факультети филологӣ пиндоштанаш як амри воқеӣ буд, зеро дар он замон вай як ҷавони лоуболи соддалавҳ ва аз дунье бехабар буда, ба одамон асосан аз рӯи гуфтору рафтори онон баҳо медод. Лола бо ӯ бештарин ҳангом аз боби адабиёту санъат сӯҳбат мекард, доири китобҳо, фильмҳо, ҳофизону актёрҳо савол медоду ақидаи ӯро мепурсид, фикри худро мегуфт. Агар имрӯз сурати онрӯзаи Лола баринеро ба Ғаюр намоянд, вай бехато мегӯяд, ки ин хелҳо рост ба донишгоҳи политехникӣ ё тибб ва ё факультети физмату иқтисодиёт мераванд. Дар танаш куртаи нимостини аврупоидӯхт аз чити оддии рах-рах, миёнаш бо камарбанди борике бастагӣ, гиребони борику росташ монанди гиребони куртаи аскарон, нигоҳаш, абрӯвонаш, лабонаш, ҳатто биничаи нарму росташ аз ҷиддият, қатъият ва пухтагӯии духтар далолат мекарданд.

Ҳоло Ғаюр сурати онрӯзинаи ӯро пеши назар оварда, гоҳ дур бурдаву гоҳ наздик карда, аз ҳар

ҷиҳат менигаристу ба дил иқрор мекард, ки Лола барин духтаронро фирефтан кори осон аст, онҳо ба қавли одам бовар мекунанд, ба ҷиҳати соддадилии худ ё бовари ю ғамхорӣ ба дигарон диққати қаллобону нобакорони гуногунро ба худ мекашанд, бинобар он, пай дар пай ба нохушиҳои гуногун пешрав мегарданд. Толеаш баландӣ карду хайрияти кор, ин духтар ба ман дучор гашт, агар дар ҷои ман каси дигар мебуд, ӯро кайҳо расвои радди оламиён месохту мепартофт.

Ғаюр ҳеҷ гумон намебурд, ки Лола ҳам ҳисси одамшиносӣ дорад, ба марди нобакор ҳаргиз чунин эътимод ва дилсӯзӣ зоҳир намекунад ва наметавонад бо ашхоси носазовор дӯстӣ ва қаробат намояд.

Ҳамон соле, ки Ғаюр ба донишгоҳ дохил шуд, Лола донишҷӯи курси панҷум буд. Муносибати нотаъин, балки як андоза, сарди Ғаюр ӯро ҳайрону музтар медошт, аммо ноумед намегашт. Ҳатто дар сари чанд гоҳ ба деҳа рафта, модару хоҳари Ғаюрро дида, ҳолҷӯӣ мекард, баъзан ягон шаб дар хонаи онҳо хобида, рӯзи дигар бармегашт.

Лола дар факультети ҳуқуқшиносӣ орзуи таҳсили илм кардани ӯро шунида, хеле даву ғеҷ карда буд, то бо сабабҳои ночиз мабодо ҳуҷҷати ҷавонро баргардонанд. Хайрияти кор, як тан аз дугонаҳояш ҳамон сол ҳуҷҷат қабул мекардаст, ин мушкили ӯро осон кард. Ғаюр ҳанӯз ҳам аз ин сир бехабар буд.

Падару модар ва хешовандон аллакай Лоларо пирдухтар меҳисобиданд. Дарвоқеъ, ҳамсолони вай аллакайҳо шавҳар карда, модари ду-сетогӣ фарзанд гашта буданд. Аз ин бобат волидайн дар ғами духтари худ сахт дармонда буданд. Хешовандон аз дуру наздик барои Лола талабгор ёфта, бо ҷавонони гуногун мулоқоту дидорбинии ӯро меоростанду умедвор буданд, ки ягонтои он ҷавонон ба духтар хуш меояд ва аз баҳри он ҷавони қишлоқӣ мебарояд. Аммо Лола як зайл такрор мекард:

— Ҳаёти як ҷавони бегуноҳро шикастам... Бе вай ман як умр диламро хӯрда-хӯрда аз дуньё меравам. Маро ба ҳолам монед, ман назри ваям.

— Охир, вай ҳам ба ту майл-пайл дорад? Ҳеҷ маълум не-ку... — Сонӣ санади аз ҳама «муҳими» худро пеш меоварданд: — Ба ғайр аз ин, оянда ӯро фикр кун... Вай дур намеравад.

— Агар маро нахоҳаду ба дигаре хонадор шавад, он гоҳ... мебинам, — мегуфт Лола зуд, то аз хусуси ояндаи Ғаюр «пешбиниҳои» онҳоро дигар нашунавад.

Мисли ҳамаи падару модарон волидайни вай ҳам хушбахтии фарзандро орзу доштанд ва аз ин азизтар таманнояшон набуд. Онҳо бахти духтарро фақат дар он медиданд, ки вай арӯс гашта ба чи гуна хонавода меравад. Афкори маъмула дар ин боб инчунин буд. Онҳо ҳоло медиданд, ки ҳусну таровати дилрабои духтар дар пеши назарашон кам-кам коста, ба қавли баъзе талабгорон, баҳораш

мегузашт. Аз ин ваҷҳ падару модар беқарор чораҷӯӣ мекарданд. Онҳо саравваал ба Ғаюр вохӯрда, аз хусуси Лола нияти ӯро пурсиданд. Ғарази асосии онон қимати ҷавонро таъин кардан буд. Ғаюр ба онҳо ҳеҷ хуш наомад: «ҷавони бениҳоят дарундор будаст, Лола агар ба ҳамин расад, умраш хазон мегардад. Аз вуҷудаш заҳри заққум меборад-е! Ягон бор табассум карданашро надидем. Не-е, вай ҳаргиз лоиқи Лолаи мо не,» — мегуфтанд онҳо. Сонӣ боз ба насиҳат ва ташвиқу тарғиби духтар мепардохтанд, аммо ҷаҳдашон беасар буд.

Лола аз он қаноатманд буд, ки соли аввали таҳсилаш дар шаҳр Ғаюр ба вай сирф бепарво буд, аммо ҳоло дигаргун аст. Боре Лола нимҳазлу нимҷиддӣ «аз афти кор, ба умеди шумо пирдухтар мешавам» гуфт, Ғаюр дар ҷавоби сухани ӯ абрӯ чин карда, хеле муддат андешиду оқибат гуфт: «Ман лоиқи шумо нестам, Лола... Аз ин бобат наандешида наметавонам. Охир, шумо барои зиндагии мӯҳташамона офарида шудаед... Ман ба ин қарибиҳо хонадор шудан наметавонам, солҳои наздик чунин имконият надорам. Ман катӣ азоб мекашед... Бе ин ҳам шуморо хеле азоб, овардам.» Лола он рӯз дар ҷавоб гуфт: «Аввал шумо хонадор мешавед, ман хушбахтии шуморо бинам, сонӣ...»

Дарвоқеъ, Ғаюр ҳоло медонист, ки Лола аслан дар назди вай гунаҳгор нест, фаразан агар ӯ дар суд одами ҳамла кардагӣ ин набуд гӯяд ҳам, ӯро сафед намекарданд. Айёми охир дили Ғаюр ҳар лаҳза аз

он фишурда мегашт, ки Лола худро пеши вай гунаҳгор мешуморад ва аз вай даргузашта ба дигаре шавҳар карданӣ нест. Ин гуна дилсӯзии духтар ғазаби ӯро меҷӯшонд, аммо аз чӣ бошад, ки бо духтар рӯирост аз ин хусус сухан карда наметавонист. Алоқамандии Лола бо ӯ ва хонаводаи ӯ хеле сидқию самимӣ буд ва ба ин ҳама муносибати меҳрогин пушти по задани вай кори осон набуд. Ба ғайр аз ин, дар қаъри дили Ғаюр ба Лола меҳри гарме монанди лахчае, ки рӯяшро хокистар пӯшидааст, пинҳон буд, аммо дар назари халқи ҷаҳон худро ба ин духтари зебо ва маъсума носазовор медид ва аз ин хусус басо шиканҷаи рӯҳӣ мекашиду сабр мекард. Аз ин бобат баъзан меандешиду ба дарьёи хаёлҳои ширин ғӯтавар мегашт ва худро ҳамсари Лола медид, вале ин замон хешу ақрабои Лола пайдо мешуданду дар паҳлӯи духтар ӯро дида, маъюс нигоҳи худро мегурезонданд, ба таассуф оҳ мекашиданд, ба якдигар маънидор нигариста лаб каҷ мекарданд... Тарсу ҳарос аз ин чунин вазъи кор дар хобу дар ҳушьёрӣ ӯро думболагир буд. Хусусан, пеши назари хешовандони Лола вай аз вазъи хонаю манзили фақиронаи худ изтироб накашида наметавонист: кулбаи похсадевораш каҷу килебу боми пастакаш хаспӯши онҳоро бешак дар хонаводаи духтар, агар мол мепарвариданд, барои чорпо лоиқ медонистанд. Агар тӯй кунад, падару модари баландмартабаи духтар, хешовандони калонгири вай, савори «волга»-ҳои сафеди бошукӯҳ ба деҳа мераванд...

Мераванду дар ҳузури мардуми деҳа фиғон мебардоранд, аз бетолеию бебарории духтари худ алам кашида, балки ҳой-ҳойкунон гирья оғоз менамоянд... Он гоҳ дар назари аҳли деҳа чӣ одаме мешавам?! — мегуфт Ғаюр дар соатҳои танҳоӣ аз ин хусус андешида. — Ҳар яке аз ҳамдеҳагон рӯирост мегӯяд: «Ба кӯрпаат нигариста, пой дароз кунӣ, намешавад?! Ту куҷою духтари вазир куҷо? Дар сурфаат нимча орд нею ба гардани сагат марвориду марҷон бастан мехоҳӣ?!» Медонам, хонадони ӯро аз ҳоли мо нанг меояд, аз он ҳам огоҳам, ки бо саргузашти ман барине ба сояи Лола барин духтар нигаристан ҷоиз нест, лекин бо дили худ чӣ илоҷ кунам?.. Сад не, ҳазорон бор мехостам, ки вай духтари коргар ё колхозчии оддию қаторӣ ё фарзанди муаллими мактаб ё духтуре бошад. Баъзан ба худ мегӯям, ки хайр, дар замони пеш ҳам аҳьён-аҳьён нодору доро, омию саид ба якдигар пайванд мехӯрдаанд-ку! Пастию баландии миёни мо меросӣ не, ирсӣ не, агар волидайни Лола одамони фозил ва ба мақому мартабаи худ шоиста бошанд, набояд, ки ба ҳоли ман баринҳо бихананд ва аз кори ман хашм бигиранд. Охир, ҳамагӣ ним аср шуд, ним асракак қабл аз ин инқилоб ҳамаро баробар карда буд... Аслан, агар ҳақи гапро гӯям, аз нодорию кулба-козаи харобамон ҳам чандон зиёд хавотирӣ надорам. Агар ҳамин сабилмонда аз ҳабс баргаштанам набошад... Ҳолӣ ҳайронам, ки чӣ хел адвокат мешавам?.. Махсусан, бо ин одамон, бо ин чунин коргузорию муомила... Ба фикрам, Қонунии

лаънатӣ маро саргардон кард... Бачагию хаёли хомро нигаред, бовар кардаам, ки ман ҳуқуқшинос мегардаму гунаҳгорро меёбам ва худамро сафед мекунам!..»

* * *

Айёми долу зарби тайёрӣ ба имтиҳонот.

Коҳилтарин донишҷӯй ҳам дар ин айём вақти худро барҳадар намегузаронаду агар он илмро дигар дар хотир гирифтан натавонад, дар варақчаҳо мухтасар сабт карда, шпаргалка месозад.

Ҳатто он донишҷӯёне, ки тамоми сол аз устодони сахтгир безор буданду муаллимоне, ки дарсро бо латифабозию саргузаштгӯӣ мегузаронданд, писандашон буд, дар арафаи имтиҳон тағйири афкору ақида мекарданд ва дигар ба суханони пучу вақтхушиҳои беҳуда тоқат надоштанд.

Аммо Орифӣ солҳои охир ба маҷлису машваратҳои гуногун он қадар хӯ гирифта буд, ки дигар ҳавсалаи дарсгӯӣ надошт, агар маҷлисе набошад ҳам, ба баҳонаи машварате ё ташрифи меҳмоне ба дарс намедаромад.

Ба Ғаюр ҳаминаш алам мекард, ки боз маҳз, ҳамин хел муаллимон аз донишҷӯён интизоми оҳанин, ба амри онҳо бечуну чаро итоат карданро талаб мекарданд. Дар асл, онҳо интизом не, балки тобеият ва фармонбардорӣ талаб доштанду бас.

Ҳамаи донишҷӯён медонистанд, ки агар дар мактаб директор дарсгӯиро аз ягон фане ба зиммаи

худ бигирад, толибилмон аз он фан бебаҳра хоҳанд монд. Сабаби ин ҳол он буд, ки дар мактаб ҳеҷ кас ҷуръати ба директор эродгирӣ ва ғайрати танқид карданро надорад.

Орифӣ ҳам баъди чор-панҷ соли деканӣ ба ҳамин «дард» гирифтор гашта буд. Вай аксар ҳангом понздаҳ - бист дақиқа таъхир карда ба синф медаромаду боз дар соати дуюм ба Ҳайдар китоберо дода, «Аз фалон саҳифа то фалон саҳифа мехонед, ҳама ором нишаста гӯш кунанд», гӯён баромада мерафт.

Ғаюр соатҳои дарси ӯро умрфарсоӣ мешумурд, аммо дандон ба дандон монда ночор менишаст. Айёми охир ҳис мекард, ки Орифӣ ба дарсаш нописандии ӯро пай бурдааст. Заҳрхандаш, нигоҳи ғазабнокаш, кинояҳояш ба ин далолат мекарданд.

Боре ба ин тариқ баъди вазифа супурда рафтани ӯ, Ғаюр ҳам аз ҷояш бархосту ба Ҳайдар гуфт:

— Китобро то худам нахонам, намефаҳмам. Беҳтараш ба қироатхона рафта, ин бобро худам ба диққат мутолиа кунам.

— Рафта аз муаллим иҷозат гиру сонӣ бирав, — гуфт Ҳайдар бо тамасхур.

— Барои чӣ иҷозат гирам? Аздусар дарс намегузаранд. Ман аз қироати дигарон ба дурустӣ намефаҳмам.

— Нагузаранд ҳам, нафаҳмӣ ҳам, мешинӣ, вассалом! Дигарон нишастаанд-ку!

— Ман ба дигарон кор надорам. Хоҳанд, бишинанд. Ман нишаста наметавонам, вақти бекораам нест.

— Ҳа, шумо олим шудагӣ, вақтатон қимат аст! — масхараомез заҳрханда кард Ҳайдар.

Ғаюр аз дари синфхона баромаду дарро сахт пӯшид. Аз қафояш хандиданд.

Аз ин гуфтугузор хеле вақт гузашту, Ғаюр онро қариб фаромӯш карда буд. Боре, дар охири дарси Орифӣ доир ба тартиби имтиҳонҳо Ғаюр аз ӯ саволе пурсид. Орифӣ ба ҷои ҷавоб ба Ғаюр теғ кашида сахт нигоҳ карду аз синф баромадаравон бо заҳрханда манаҳашро ҷунбонда-ҷунбонда гуфт:

— Шумо... ҳи-ҳи... ҳама чизро худатон хонда мефаҳмед... ҳи-ҳи... Ҳамту не?.. А?.. Фаҳмондани ман зарур набудагист? Ҳи-ҳи-ҳи... Ё барои... ҳи-ҳи-ҳи... декани факультетро ҳам имтиҳон карданӣ ҳастед? Деканат бо шумо маслиҳат намекунад.

Ғаюр аз инчунин муомилаи кинаварона бемантиқи декан ҳайрон монд. Ду-се нафар бачаҳои рамузфаҳм оҳиста ӯро огоҳ карданд: «Ҳушьёр шав, авзояш беҷо барин, кинааш ганда мегӯянд...» Аммо Ғаюр ба ин огоҳии онон эътибор накард. Вай ба худ амин буд, ки ба ҳар навъ имтиҳонҳоро месупорад ва аз ин даргоҳи дилфишори кинаварону ошнобозон дуртар меравад ва ҷаҳд мекунад зудтар онҳоро фаромӯш кунад.

Ситораи думдори касофатбор, аз афти кор, аз осмон рафта бошад ҳам, дар сиришти Ғаюр, дар хулқу хӯи вай сахт ҷой гирифта буд.

## 9

Баҳор аллакай дару тирезаҳои хобгоҳро боз намуда бо нуру ҳарорат, бо насими сабзаю шукуфа, бо чаҳ-чаҳи мурғони гуногун хонаҳоро пур мекард, дилҳоро ба ҷӯш меовард. Аввали рӯз соате борони сахт рехту ҳоло офтоб баҳорона механдид. Аммо абрҳои сиёҳ рӯяшонро турш карда, дар як канори осмон болои кӯҳҳои Варзоб соя андохта буданд.

Ғаюр дар назди тиреза ба оинача нигариста, риш метарошид. Ҳусейн ва Саид дар рӯи кат ғелида китоб мехонданд. Ҳайдар бо магнитофони нав харидагиаш, Ғиёс бо ҷомадонаш андармон. Ришашро тарошида, дар оина андоми худро бодиққат нигаристани Ғаюрро дида, Ғиёс Ҳайдарро нихта карду оҳиста дар бехи гӯшаш гуфт:

—Нигоҳ кун, нигоҳ кун, шутур нозанин завқ мекунад! Хушрӯ! Ҷудо хушрӯ!

Ҳар ду якбора қоҳ-қоҳ зада хандиданд.

Баъд Ғиёс ба Ғаюр рӯ овард:

—Ҳой, Ғаюр, ришат-ку мӯл, мӯйлабат чу кам?

—Чӣ илоҷ — гуфт Ғаюр маънии қабеҳи суханбозии ӯро пай бурда, — ба боло туф кунам, мӯйлаб, ба поён туф кунам — риши сабил... — вай «Ришу мӯйлаб» лақаб доштани ин ҳардуро дар назар дошт.

—Ту ҳам туф дорӣ магар?.. Дар даҳони ту туф ҳам нест, гӯҳ аст! — Ҳайдар инро гуфту қоҳ-қоҳ зад ва овози магнитофонро якбора баланд кард, то

ҷавоби гуфтаҳояшро нашунавад ё ба ҳарифи худ имкони сухангӯӣ надиҳад.

Лаҳзае ҳар ду ҳам хомӯш гаштанд.

—Ба ин ғӯли биёбон гап зану муомила шунав. Охир ба ман гап бизан, ин касро чиба қатӣ мекунӣ? — Баъди хеле вакт Ҳайдар овози магнитофонашро гирифту Ғаюр ба сухан даромад. Вай ба майли хотир, беасабоният, дар чеҳрааш ифодаи истеҳзаомез сухан мекард.

—Айба кӣ монад? Маъюб... Дар ҳаққи ман чиҳо гуфта гаштед, чӣ кор карда истодаед, медонам. Ба панҷ сол хонданам ҳайфам меояд, набошад...

—Чӣ набошад?.. Гап зан, канӣ фаҳмем? — гуфт Ғиёс хушнуд ба сӯи Ҳайдар чашмакӣ зада. — Аз дастат чӣ кор меояд, бадбахт? Агар метавонистӣ, кайҳо ту ҳамаро лагадкӯб ҳам мекардӣ, таҷовуз ҳам...

—Туро ҳар кор кунам, савоб мегирам.

—Ҳеҷ гап не, зарурати муҳофиза ҳуқуқ медиҳад, ки мо...

—Саросема нашав... Мебинам.... Ҳоло гап дар пеш... — овози магнитофонро боз баландтар кард Ҳайдар. — Вақте ки ҷазоҳои дигар таъсири зарурӣ намебахшанд, ҷазоҳои иловагӣ ҳам ҳастанд. Ҷазо дар кодекси ҷиноятӣ... — фарьёд зада мегуфт вай.

Ғаюр «ту катӣ кирои гап задан не», гуфтан хосту даст афшонд ва барои асбоби риштарошиашро шустан аз хона мебаромад, ки Мирзо аз дар даромад.

—Ҳой, ба ту нагуфтанд-чӣ?

—Чӣ гап? — дар таги дар бозистод Ғаюр.

—Э, Ғиёс, ту чӣ хел одамӣ? — Баъд ба Ғаюр рӯ овард: — Зуд ба меҳмонхонаи «Помир» рав. Як ҳамдеҳаат кофта омад. Модарат бетоб будаст.

—Модарам?.. Эҳ... Кай омада буд? — Ғаюр аз ин хабари ногаҳонӣ якбора дасту по хӯрд ва аз дасташ асбоб ба замин афтод, аммо вай даст афшонду чашм аз Мирзо наканда ба эзоҳи ӯ нигарон буд.

—Саҳарӣ... Тоз. Имшаб дар меҳмонхонаам, гуфт. Хонаи 36. Аз ёд набарор — 36.

Ғаюр риштарошакашро саросема шуста омаду либосашро пӯшида тозон баромада рафт.

—Кори нағз накардӣ, Ғиёс, — баъди рафтани ӯ Мирзо Ғиёсро маломат кард. Нигоҳи вай қаҳролуда буд. — Ин хел ташвиш ба сари ҳар кас меояд. Аз ёдат баромад ё қасдона нагуфтӣ?.. Агар қасдона нагуфта бошӣ, вой бар ҳоли ту! Ба ту ҳам одамон ҳамин хел муомила мекунанд, ҷӯра. Аз мукофоти амал халосӣ нест мегӯянд, дониста мон.

—Гап задан намехоҳам. Ба дилам задаст ҳамин ғӯли биёбонӣ. Як ман не, ана, Орифӣ ҳам аз бало бадтар мебинад. Ҳайдар кофтуков карда баъзе чизҳоро фаҳмидаст. А, Ҳайдар?

—Ҷим, ин гап аз хона набарояд, — гуфт Ҳайдар асроромез бо овози паст. — Роҳбарият маслиҳат доранд. Кайҳо боз таги чашм карда гаштаанд. Гуноҳаш бисьёр будаст... Ҳозир лагандаш дар рӯи об лаппида истодааст. Ба ҳеҷ кас алҳол бӯяшро набаоред, гапу кор дар пеш аст...

—Нағз не, ҷӯраҳо. Бо ин коратон, ба вай не, ба номи худ исноди нохуш мебиёред. Агар ба вай ҷазо диҳанд, ҳама моро маломат мекунанд. Панҷ сол дар як гурӯҳ таҳсили илм карда душманӣ, кинадорӣ нишони камолот не...

—Ҳой, ба ин хелҳо ҳеҷ дилат насӯзад, — таъкид кард Ҳайдар. — Дар синни ҳаждаҳ ҳабс шудагӣ одам, одами нағз не, нобакори модарзод аст! Мегӯянд, ки ҷинояти ин бисьёр аст. Кадом як ҳамдеҳааш ҳикоя кардааст...

—Ман ҳам шунидам — тӯҳмат аст, — гуфт Ҳусейн сухани Ҳайдарро бурида. — Ҳамту, нигаред, Ғаюр ба ин хел корҳо қобил аст магар? Ҳамаи мо фардо муфаттиш мешавем, бояд одамшинос бошем. Ғаюр ба ин хел ҷиноятҳо қобил не! Агар ғазабаш ҷӯшад, мезанад, мекӯбад, аммо...

—Ба тӯҳмат мондагӣ... ё тасодуф... Кӣ медонад, — тахмини худро изҳор кард Мирзо. — Агар нағз дида бошаду аз рашк ҳамин тавр карда бошад ҳам, ба ҷавони ҳаждаҳсола бахшидан мумкин аст. Ман дар ҳаждаҳсолагӣ ба як духтар сахт ошиқ шудам, вақте ки волидайнаш ӯро ба ҷавони дигаре фотиҳа карданд, тайёр будам, ки маҳбуби худро дуздида ба ягон тараф барам, ё коре кунам, ки он ҷавон аз вай даст кашад...

—Ба дасташ кору вазифа расад, сонӣ башараи ҳақиқии ин хел одамро тамошо кунед. Солҳои аввал чӣ хел буд, медонед?! Мо кам-кам дамашро паст кардем, набошад, ба сари ҳама чормағз мешикаст, — гуфт Ҳайдар.

—Ман баҳона кофта гаштаам, — сухани Ҳайдарро бесаброна бурид Ғиёс. — Бингӣ кунад, чойникро гирифта рост ба сараш заданиам. Шумо чудо карданӣ шуда уна доред, ман як бор базарба кӯбам. Майлаш? Вай шикоят намекунад, ман медонам.

—Ҳушьёр шав, занӣ ҳам, ба чои кабуд намешудагеш зан, — ба вай маслиҳат дод Ҳайдар ва аз чӣ бошад бо шавқ, кафашро ба кафаш суда, аз чояш бархост. — Натарс, даъво намекунад, — одатан бе имою ишора, изҳори матлаб карда натавонист вай.

—Ҳамин одам ба роҳаш рост мегардад, агар худатон ба вай чақка нашавед, ҳеч гап не. Дар охир бе дилсиёҳӣ тамом карда равем, нағз мешавад. Фикр кунед, Ҳайдар... — гуфт Мирзо маслиҳатомез. — Духтарони гурӯҳамон Ғаюрро ҳурмат мекунанд. Донишчӯёни курсҳои поёнӣ ҳам.

—Э, ман ба муқобили вай ягон кор карданӣ нестам, фикри деканатро гуфтам. Аз дасти ман чӣ кор меояд?! — қабл аз ин суханони гуфтагиашро зуд ба ҳазл бурд Ҳайдар. — Ман кордор нестам, сарашу равғанаш.

Ҳайдар ҳис мекард, ки ҳамсабақонаш рӯз ба рӯз бештар ба тарафдории Ғаюр сар бардошта ҳатто баъзеҳо рӯирост «расо ба ҳамин чавон шалоим гаштӣ-да, бадкина будӣ-е!» гӯён ӯро муттаҳам мекарданд. Вай аз ин ҳол бештар асабонӣ мешуд, роҳҳои нав ба нави бадном кардани Ғаюрро мечуст,

аммо чунин ба назар мерасид, ки дар ин боб ҳамаи тирҳои тирдонашро парронда холӣ кардааст.

## 10

Ғаюр қариб як ҳафта дар деҳа монд. Модараш кайҳо боз бетоб будаст, аммо «имтиҳонаш дар пеш, ҳушат парешон мешавад» гуфта, ба вай хабар нафиристодаст. Дар захрадонаш санг будаст, духтурҳо ба бемористон бурданӣ шаванд, модар «духтарам як худаш танҳо мемонад» гӯён рад кардаст. Ғаюр модарашро ба беморхона бурду духтари холаашро ба ҳавлӣ ба назди хоҳараш овард. Модар ба ҷарроҳӣ ҳеҷ розӣ нашуд. Сипас духтурҳо як-ду хел дору фармуданд, ӯ ба чор сӯ давуғеҷ карду онро дарьёб кард. Сонӣ ҳоли модар андаке рӯ ба беҳбудӣ овarду вай ба шаҳр баргашт.

Азбаски декан рухсат надоду вай рафта буд, ҳоло дилаш гувоҳӣ медод, ки Орифӣ фурсатро аз даст намедиҳад, ба вай камаш ягон танбеҳ медиҳад. Бинобар он, аз мошин фуромаду ба хобгоҳ ҳам нарафт, саросема дар дасташ тӯрхалта ба дарс омад. Ҳайдар ӯро дар таги дар боздошт.

—Мумкин не, ба назди декан рав, — ӯ хунсардона сари роҳи Ғаюрро гирифт. — Ҳамин хел фармон доданд, маҷбурам фармонро иҷро кунам, — бо мулоимхунукӣ табассум кард вай.

Ғаюр бо ӯ гапро дароз накарду ғазаболуд ба сӯи идораи декан рафт. Дар кабинет Орифӣ бо се-чор нафар муаллимон сӯҳбат дошт. Кордорҳо даромада,

мебаромаданд. Ғаюр лаҳзае дар таги дар истоду баъди баромадани як нафар сардори курси сеюм, дарро нимроғ карда пурсид:

—Мумкин?

Декан ба тарафи ӯ нигоҳ накард. Ғаюр такрор пурсид.

—Намебинед, одамон нишастаанд, — гуфт Орифӣ ба ҳамсӯҳбатонаш ишора карда. Овози вай, андоми кибрноку сангинаш, нигоҳи сардаш — ҳама бо як забон гӯё мегуфтанд: ана, ин хел нигарон мешавӣ, дар таҳи дар мешинӣ, зорӣ мекунӣ...

Ғаюр мунтазир истод. Лаҳзае аз миён гузашту занги электрикӣ чиррос зада садо дод. Дар долон лаҳзае ғалоғула баланд гашту донишҷӯён ба дарс даромаданд. Ҳама ҷо ором гашт. Дар тамоми синфхонаҳои бинои сеқабатаи факультет вазъгӯию муҳокимарониҳо сар шуданд.

Ғаюр чӣ кор карданашро надониста, асабонӣ, ба худ мепечид. «Саҳарӣ ношто накарда аз деҳа баромада давидам, то ки имрӯз ҳам аз дарс намонам, аммо ин одам барқасд чақ-чақ карда нишастасту...» — вай ботинан, бо декан муноқиша мекард.

Баъди даҳ дақиқа яке аз ҳамсӯҳбатони декан, муаллими ҷавоне дарро кушоду дар як даст портфели пурбор, бо дасти дигараш ба дастаи дар такья карда хайрухушкунон дар остона истода хотиррасон сохт:

—Хайр, муаллимҷон, ман ба дарс медароям. Аз ёдатон набурод, нимрӯзӣ ош ҳаст-а!.. Шумо агар

набошед, аз гулӯи мо ош-пош намегузарад. Дар ҳамон ҷои дилхоҳатон... ҳу-у... гурунҷи девзираи Панҷакент кати худи ҷӯраи искалодчимон мепазад...

Вай рафт, аммо ду нафари дигар ба майлу хотир менишастанд.

Як соат дарс гузашту занги танаффус боз чиррос зада садо дод, фурсате нагузашта долон боз пурмағал гашт. Ба назди декан боз ду-се нафар кормандони факультет ва сардорони гурӯҳ даромада, баромаданд. Фақат як нафар духтарак, аз курсҳои поёнӣ, монанди ӯ интизори қабул истод. Донишҷӯён ба дарси дуюм даромаданду Орифӣ дар иҳотаи ҳамсӯҳбатонаш аз идора баромад. Ғаюрро гӯё надида бошад, беэътибор, саргарми гуфтугӯ гузашта берун рафт.

—Ғаюр алам кашиду аз қафои ӯ тохта рафтанӣ шуд, аммо худдорӣ кард. «Ҳеҷ гап не, вазнин шудан даркор, — гуфт ӯ худро таскин дода. — Як-ду моҳ монд, дағдағаю дамдамаи ин одам ба сари мо мегузарад. — Баъд дар пеши тирезаи қабулгоҳ нишасту нақшаи гуфтугӯяшро бо декан фикр кард: — Гуноҳи ман чӣ, ҷавоб пурсидам, иҷозат надод, «имрӯз раву фардо биё, ҷавоб-павоб нест», гуфт, ба ночор рафтам. Агар аз донишкада хориҷ кунанд ҳам, мерафтам. Модарам бемор, мӯҳтоҷи ёрдами ман хоб асту як шаб рафта рӯзи дигар меомадаам... Ҳайронам, — мегуфт вай дар дил, — охир дигарон мераванд-ку... Ғалатӣ... Гӯё ин одам модар чӣ буданашро намедонад. Аслан, ин хел одамони кинадору дилсахтро чӣ хел модарон зода калон

кардаанд?! Не, ин одам бе меҳру самимият не, балки дар иҳотаи дурӯғу фиреб, хушомаду тазъиқ калон шудагӣ... Наход, ки ҳамин шахси исту бисташ риёро модараш дӯстдор бошаду навозиш кунад? Не, модарон кӯр нестанд, фарзанди ноадлу ноинсофи худро мешиносанд, аз ҳаёти вай нангашон меояд, аммо тоқат мекунанд. Охир, модари ман агар заррае дар дилам ба каҷию норостӣ, дилсахтӣ монанд чизе бошад, медонад-ку. Ба Лола нотандеҳӣ кардам, зуд шастамро гардонд...»

Баъди танаффуси дуюм Орифӣ ба кабинеташ даромаду аз қафояш Ғаюр ҳам ворид гашт. Ин дафъа иҷозат напурсид. Ҳар ду ҳам ба чашми якдигар нигариста, нури сарди ғазаб ва адовати хомӯшро пай бурданд. Аз дили Ғаюр гузашт: «Агар як-ду сол қабл аз ин ингуна башараи нафратангези ӯро медидам, валлоҳ, ки донишгоҳро тарк мекардам! Нигоҳи одам ин қадар шум мешудааст!.. Ҳеҷ гап не, як-ду моҳ монд.... Бояд тоқат кунам...»

— Хӯш, бародар... — декан дигар ба рӯи вай нанигариста машғули ҷузъбанд ва коғазҳои даруни он сухан сар кард. — Шумо хоҳед, ба дарсҳо иштирок мекунед, нахоҳед, не-ку?! Ба рӯи ҷамъият, ба рӯи сардори гурӯҳ шумо кайҳо туф кардагӣ... Сухани декан ҳам, барои шумо якпула қурб надорад... Хӯш, чӣ кор кунем?.. А?

Муллоқандов ном муаллими тоссар аз дар даромаду сигареташро кашида дар диван такья зад.

—Ман аз шумо иҷозат пурсидам. Ҷавоб надодед. Дигар илоҷам набуд.

—Номаъқул кардед!.. Тӯҳматчии бевиҷдон!.. Бас, ман дигар тоқати тӯҳматбофиҳои шуморо надорам!.. Дар байни донишҷӯён чӣ гуна овозаҳои дурӯғи фитнаангез паҳн карда гаштаед, мо медонем!.. Ҳамаро кӯру кар гумон кардед?! Не-е...

Орифӣ яку якбора шӯрида аз курсиаш парида бархосту аррос зада ба чор сӯ оби даҳонашро пош додан гирифт, девонавор ба миз мушт зада, Ғаюрро дар лаҳзаи аввал билкул моту мабҳут сохт. Ӯ гумон бурд, ки декан бо ҳамин усул аз вай аламашро гирифтанӣ, гуфтаниашро гуфтанӣ, бинобар он, хомӯш тоқат кард, Вай баъдтар, дар поёни ин мунозара пай бурд, ки Орифӣ аз ин воқеаи ҳечу пуч ҳодисае ташкил додан мехоҳад ва равшан дид, ки дар чашмони декан асабонияти махсуси устодон не, балки прокурори бераҳмонае барқ мезанад.

—Не, шумо донишгоҳро мазоҳу масхара карданиед! — ба таъкид мизро мушт мезад Орифӣ. — Бас аст, тоқати мо шикаст! Ин дафъа ба шумо дурусттар чора мебинем... Ё шумо дар ин донишгоҳ монед, ё ин рафиқон! — Орифӣ ба сӯи Муллоқандови аз ин муомала ҳайрон ишора кард. — Ман ариза менависаму меравам! Тоқати бо шумо дар зери як бом кор карданро надорам, кор ба ҷону корд ба устухон расид...

—Муаллим, росташро гӯед, чӣ мехоҳед аз ман? Чӣ муддао доред? — Ғаюр аз қаҳру ғазаб даргирифту лаблабу барин сурх гашт ва ба рӯи декан рост нигариста пештар рафт. — Ман ба ҳавлии шумо мошин кати биринҷ бурда дода

наметавонам, гӯсфанд ҳам... ба чӯбу тахта худам мӯҳтоҷам...

—Домулло, шунидед, ин бача ба ман тӯҳмат мекунад!.. Шумо гувоҳ мешавед... — Ба Муллоқандов рӯ овард Орифӣ. Ранги вай дока барин сафед гашта буд. — Ин тӯҳмату таҳқирро беҷазо...

—Тӯҳмат?.. — Заҳрханд кард Ғаюр. — Ҳамаашро медонам, гувоҳ дорам... кадом мошин овард...

—Ин ҷо ҳабсхона не, маро бо иғвою дасиса наметарсонӣ, авбоши лаънатӣ!.. Гум шав! — Сари дилашро дошта, дардмандона чашмонашро нимкоф карду ба курсиаш нишаст ӯ.

Муллоқандов саросема бархосту аз машраба ба истакон об рехта ба декан дод.

— Ман писари раис нестам, фарзанди як камбағалам, айби ман, буду шуди ман, ана ҳамин, — бо изтироб овозаш ларзон-ларзон гуфт Ғаюр. — Косалесӣ аз дастам намеояд... ришвадиҳӣ ҳам... Аз ман чӣ мехоҳед, ҳеҷ нафаҳмидам.

—Домулло, ин бача маро ҳақорат кард, шунидед?! Гувоҳ мешавед, чӣ гуфт аз ёд набароред!.. Баро, баро... Гум шав!.. Баро!.. Масъалаи туро худи ректор ҳал мекунад!

— Э, равед, аз дастатон омадагиашро кунед-е!.. Ман муаллим гӯён ин қадар сол ҳурмат карда гаштаам! Садқаи ҳурмат шавед!

Ғаюр дарро сахт пӯшида аз хона берун гашт.

## 11

Вай ҳамон рӯз пуршитоб, аз ғазаб бехуд чи гуна аз бинои факультет баромад, ҳеҷ дар ёд надошт. Ба кӯча баромаду ба кадом сӯе пояш кашад, бехабар мерафт. Чунон дар қаҳру алам ғӯтида буд, ки чашмаш ҳеҷ касро намедид. Роҳ мегашту фикр мекард, ки чаро ҳақиқат, адлу ростӣ, виҷдон ва одамгарие, ки шиори ҷамъият аст, дар амал нест, наход ки ин суханон — ҳама лофу газофе барои фиреби соддалавҳон бошад?! Чаро ҳақиқату адолат вақти зарурат ба имдоди кас намерасад? Аслан, худи адолат бошад ё не? Ҳама ташнаи он, ҳама дар талаби он, гӯё оби ҳаёт бошад... Чаро маро ба ҳоли худ намемонанд? А? Ман ба одамон чӣ бадӣ кардам? Чаро ба ман ин қадар кина доранд?.. Ғайр аз ин, барои чӣ, ман танҳо? А?.. Наход, ки Ҳайдар ҳақ бошад? Охир, аксари ҳамсабақон дар гирди вай... Панҷ сол дар донишкада хонда чаро ман ягон нафар дӯсти тарафгир, ҷасуру бебок наёфтам? Тухми ин хел касонро малах хӯрд магар? Ё худам гунаҳгорам? А? Ба кӣ бадӣ кардам?.. Ба ҳеҷ кас! Агар мор бошам ҳам, ба касе заҳрназадаам-ку! Фақат чоплусию тамаллуққорӣ намекунам, муросокориро намедонам бериё, росту ҳалол зистан мехоҳам. Хӯш, аз ман чӣ мехоҳанд? Рафта ба декан, ба Ҳайдар зорию илтиҷо кунам? «Ман хато кардам, аз гуноҳам гузаред, дигар тезию густохӣ намекунам, чунин номаъқулӣ такрор намешавад, тавба, ҳазор бор тавба» гӯям? Ба онҳо ин хел Ғаюр мефорад, аз

гуноҳам мегузаранд, дар маҷлис ба некӣ номамро ба забон мегиранд, тавсифномаҳо медиҳанд... Баъд чӣ? Баъд... Баъд бо тавсияи хуб ба кор, ба район меравам. Муфаттише, ки маро айбдор, кард, ҳозир прокурор шудаст. Сабзидаст, пеш рафтаст. Агар лаббай гӯям, бешак ба вай ҳам мефорад. Сонӣ кор накарда моҳона гирифта мегардам, зуд боло меравам... Ҳа, агар каҳи кӯҳнаро бод накунаму ба кору вазифаам не, балки маҳз, ба вай садоқати худро нишон диҳам, агар маҳз ба шахси вай хидматгузорӣ кунам, корам пешрав мегардад!.. Дар акси ҳол, як умр азоб мекашам, аз кор ронда, аз кас монда, овораи ҷаҳон мегардам... Майлаш?.. Фикр кун, ҷӯраҷон, фикр кун, Ғаюр, ту акнун бача не... Ё ба ин роҳ меравӣ, ё ба он, ё ба рост, ё ба чап, роҳи миёна нест. Дуруст фикр кун, — мегуфт вай худ ба худ дар мунозираю мунокиша. — Ситораи думдор... Ситораи думдори наҳс... Ин ҳамааш касофати ана, ҳамон аст! Дигар гап не!..

Аз сари роҳи Ғаюр ошхонае баромаду ӯ ба хотираш расид, ки вай имрӯз наҳорӣ нашикастаст. Вай ба он ошхона даромада хӯрок хӯрдан хост, вале иштиҳои таомхӯрӣ надошт. Агарчи иштиҳояш набуд, ба ошхона ворид гашт. Баъд ду шиша пиво гирифту сари миз нишаст. Пиворо кам-кам дам кашида, хеле вақтро гузаронд. Мардум хӯроки пешинро хӯрда рафтанду ошхона андаке камодам ва ором гашт. Дар мизи кунҷакӣ се тан мардони миёнсол шароб хӯрда, шоду беғам чақ-чақ мекарданд. Ғаюр ба ҷониби онҳо бо ҳасад

нигаристу айёми тракторрониаш ба хотираш расид ва беихтиёр оҳи пурдарде кашид. Сонӣ пешхизматро чеғ заду дусад грамм арақ фармуд.

Ҳамон рӯз вай дигар дар шаҳр истода натавонисту баргашта ба деҳа рафт. Дар гумонаш чунин менамуд, ки агар аз ҳамин шаҳри касофатбор берун равад, кулли андӯҳаш аз вай монанди лою гили ба кафшаш часпидагӣ ҷудо гашта мемонаду ӯ боз озод ва сабукрӯҳ зистан оғоз мекунад. Мехост ӯ ба деҳа расида, ҳамаи дарди дилашро ба модар гӯяду синаашро аз андӯҳ холӣ кунад, вале худдорӣ намуд. Ғаюр то ин вақт рози дилашро, дарду ҳасраташро ҳамеша ба модар мегуфт. Ҳамеша модар шарики шодию ғуссаи ӯ буд. Аммо ин бор ӯ ташвиши ба сараш афтодаро ба вай нагуфт. Модар авзои ӯро парешон дида, гаштаю баргашта пурсид, аммо Ғаюр сир надод.

Саҳари рӯзи дигар ӯ боз гашта ба шаҳр омад. Аз мошин фуромаду боз ба факультет рафт. Бо гардани баста, ночор рафт. Ҳамсабақонаш ба сари саломатии модарашро пурсиданд. Ҳайдар, гӯё ӯро надида бошад, беэътино аз пешаш гузашту рафт. Дили Ғаюр аз он меларзид, ки Ҳайдар боз ягон сухан мегӯяду дар ҷавоб ӯ худдорӣ карда наметавонад. Он рӯз гурӯҳи онҳо ду соат дарс хонду бас. Вақтҳои охир соати бисьёр фанҳо тамом шуда, баъзан ду соат, гоҳе тамоман дарс намехонданд. Дар пеш имтиҳонҳои давлатӣ мисли роҳи ағбаи мушкилгузар...

Дар роҳ Мирзо аз қафои Ғаюр расида омаду бозуи ӯро гирифт. Ин ҷавони зирак, ҳамеша оқибатандеш, ба хушҳолӣ ва табъи беғубораш ба Ғаюр маъқул буд.

— Тинҷ ҳастӣ, Ғаюр? — Авзои ӯ ба он далолат мекард, ки аз ягон сир воқиф аст.

Дар бобати пеш аз дигарон пай бурдани ҳар хел хабару воқеаҳо вай ба худ ҳамто надошт. Ҳар як воқеаи дар донишгоҳ рӯй медодагиро, ба қавли бачаҳо, аз ректор пештар вай мефаҳмид. Албатта, аз ректор пештар огоҳӣ ёфтанаш муболиға буд, аммо аз аксари донишҷӯёну муаллимон хеле пештар воқиф гаштанашро ҳамсабақон медонистанд. Ӯ он сирро аз куҷо, ба чӣ тарз мешунид, ҳеҷ кас намедонист.

— Тинҷ. Чӣ гапи нав ёфтӣ, Мирзо? — пурсид бепарво Ғаюр, агарчӣ аз сири муҳиме огоҳӣ ёфтани ӯ маълум буд.

— Орифиро дашном додӣ? — савол кард Мирзо.

— Не, кӣ гуфт?.. Ҳамту, мавриди сухан буд, сахт гап задам.

— Нағз накардӣ. Аз шунидам, декан ба ректор рапорт навиштааст, ба ту чора мебинанд.

— Садқаи сар, — даст афшонд Ғаюр. — Танбеҳ медиҳад? Диҳад! Аз стипендия маҳрум карданӣ? Кунад! Боз чӣ мекунад? Аз донишгоҳ хориҷ намекардагист?

Ҳар ду ҳам лаҳзае хомӯш қадам заданд.

— Ба ман нигар, Орифӣ танбеҳ қатӣ қонеъ намешавад. Ин тоифа агар газад, сахт мегазад,

дигар ба худ намеоӣ... Дар боло ягон кас дорӣ? — Мирзо баъди лаҳзае якбора бо изтироб ба чашми Ғаюр нигариста, ӯро аз роҳ дошт. — Ҳой, ман ҷиддан мегӯям: ягон кас дорӣ ё не?

— Чӣ хел кас? — Матлабро фаҳмида бошад ҳам, беихтиёр савол кард Ғаюр. Вай ҳайрон буд, ки Орифӣ ба ҷуз танбеҳ ва ё буридани стипендия дигар чӣ ҷазое медида бошад. — Дар ин диёр ман худ чи касам, ки боз касе дошта бошам!..

—Хайр, дар вазорат ё дигар идораҳо... Агар як бор телефон кунанд, ҳозир сари вакт аст.

—Ман ҳеҷ кас надорам, ҷӯра... — Баъд пайрави ин сухан илова кард: — Ва кас доштан ҳам намехоҳам.

—Ин хел якравиатро мон, мавриди худписандӣ не, — Мирзо оҳиста таъкид кард: — Инҳо гапашонро бо ректор пазондагӣ барин... Ба ин факультет даромадан осон не. Ман ду сол паёпай аз конкурс афтодам. Ба хизмати ҳарбӣ рафта омадаму соли чорум беконкурс даромадам... Панҷ сол ба сахтӣ хондӣ, фикр кун. Ҳозир сари вакт, ба назди ректор даро, гап чист, фаҳмон, ҳамин хел шуд маҷбур будам гӯй. Инҳо гузаштаатро дастак карда, туро хориҷ мекунанд.

Ба Ғаюр лаҳзае чунин намуд, ки замини таҳи пояш оҳиста фурӯ меравад. Аммо ба рағми иродаи худ гуфт:

—Гумонат Ҳукумати Советӣ фақат аз Орифӣ ва Ҳайдар иборат аст? Не, дӯстам, замони ҳукмравоии ин хел тӯраҳо гузашту рафт. Шукр, акнун ман ҳаққу

ҳуқуқи худамро ҳимоя карда метавонам. Панҷ солро дар кинохонаҳову ресторанҳо нагузаронидаам...

—То исбот мекунӣ... — даст афшонд Мирзо.— Қонунро вобаста ба шароит ва вазъи ҳол бояд...

—Мон, Мирзо, дар коре ки аз дасташ ояд, кунад! Ман як бор диламро холӣ кардам, дар ҳақаш ҳар чӣ медонистам ва ҳар чӣ мехостам, гуфтам. Узр намегӯям. Дар умрам як бор заҳри ноҳақию беадолатиро чашидаам. Агар ин бор ҳам бегуноҳиамро собит карда натавонам марги ман барин ҳуқуқшинос!..

Ӯ ин суханонро агарчӣ басо дилпур, бо эътимоди қавӣ мегуфт, вале аз хотираш мегузашт, ки ҳамаи ин тӯҳматҳо, ноҳақию бебарориҳо чаро фақат ба сари ман ғун гашта мерезанд?! Наход ки ситораи наҳс гуфтанашон асосе дошта бошад? Дар гузашта вақти таваллуди инсон аз рӯи вазъи ситораҳо қисматашро таъин мекардаанд, неку бадашро мегуфтаанд...

## 12

Ҳамон рӯз Мирзо аз Ғаюр ҷудо нашуд. Аввал онҳо ба ҳуҷраи иҷораи Карим-ака рафтанд, дар он ҷо боз аз ин боб сухан гуфта, тахминҳо заданд, чораҳо андешиданд, ҳар яке аз рӯи қонуну қоидае, ки медонистанд, ба сари шарикашон Орифӣ чӣ сахтиҳо оварда метавонад, пешбинӣ карданд. Баъд Мирзо Ғаюру Карим-акаро ба деҳааш, ба тӯй бурд. Деҳаи Мирзо аз шаҳр дар масофаи 10—12 километр, дар мавзеи ободу хуррам воқеъ афтода буд, бинобар

он, ҳар ду ҳам зиёда сипоҳигарӣ зоҳир накарда, ҳамроҳи ӯ равон шуданд.

Ҳамон шаб рақсу таронаҳои рӯҳафзо, базм, дидори духтарони шӯхнигоҳ ҳам гиреҳи синаи Ғаюрро накушоданд: вай мерақсид, механдид, аммо дар синааш гӯё санги вазнине овехта буд.

Он шаб бори нахуст сурур шодмонии ҷавонону духтарони деҳаро нигариста, ӯ қалбан беғашию бепарвоии ононро ҳавас кард, ҳасрат хӯрд, ки дигар ҳаргиз мисли онҳо хушнуд буда наметавонад. Суханони кадоме аз файласуфони пешинро ба ёд овард, ки хандаи бедардонаи гурӯҳи занонро дида гуфтааст: «Агар инҳо ҳар он чӣ ман медонам, медонистанд, ҷои ханда гирья мекарданд». Дарвоқеъ, чунон ки гуфтаанд: ҳар киро ақл беш, — андӯҳ беш, — мегуфт Ғаюр ҳаёти деҳот ва ҳамсолони худро дар он ҷо ба ёд оварда.

Рӯзи дигар Ғаюр дар назди лавҳаи эълонҳо аз ҳамешагӣ бештар ғун гаштани донишҷӯёнро аз дур диду яқин кард, ки аз хусуси вай фармон аст. Ғаюр аз танбеҳ гирифтан ва ё буридани стипендияаш наметарсид, хавфаш аз он буд, ки танбеҳ медиҳанду сипас то имтиҳони давлатӣ он ҷазоро аз зиммаи ӯ намегиранд ва ба ҳамин усул ба имтиҳони давлатӣ роҳ намеёбад. Аммо ба лавҳа наздик нарафта аз даҳонҳо шунид, ки ӯро аз донишкада хориҷ кардаанд. Боовараш наомад. Наздиктар рафт. Аввал онҳое, ки ба лавҳа наздик буданд, бо овози баланд фармонро гаштаю-баргашта хонданду ӯ шунид, сипас боз наздиктар рафта, бо чашми худ хонд.

Хонду беҳол ба девор такья карда, лаҳзае карахт гашт ё фикраш кор накард. Баъд шитобон берун рафт.

— Не, ҳеҷ мумкин не... — вай ба ҷиддияти фармони ректор бовар кардан намехост. — Охир... барои чӣ? Гуноҳам чист?.. Наход ин фармон рост бошад?.. То имтиҳони давлатӣ якуним моҳ фурсат монд-а!.. Охир, чаро худамро чеғ зада, боре напурсиданд? Аҷиб... Не, Ҳайдару Ғиёс ё кадоме дигар барои тарсондан ё мазоҳи ман фармони сохта часпондагистанд...

Ғаюр хилвате меҷуст, мехост, ки соате танҳо бишинад, бемалол фикр кунад, аммо дар асл зудтар аз назар бадар рафтан мехост. «Хайрият, дар назди лавҳа аз шарикдарсон ҳеҷ кас набуд, хайрияти кор...» — мегуфт вай шитобон аз бинои факультет дур гашта.

Вай осемасар ба сӯи боғи донишгоҳ рафт.

Пас аз он ки дар боғ ҳам хилвате наёфт, ба қафо баргашту ба ҷониби истгоҳи мошин давид. Вай ҳоло қариб ҳеҷ чизро фикр намекард, дар пеши назараш фақат модар, чашмони аз ин хабари шум ғамолуд ва ноумеди модар ҳувайдо буду бас...

Баъди пешин Ғаюр ба донишгоҳ омад, то ба назди ректор дарояд. Аммо ректор ба коре банд будаст, котиба баромада ба нармӣ гуфт, ки ягон вақти дигар ояд, ҳозир димоғашон сӯхтагӣ барин. Ғаюр пай бурд, ки духтарак ба вай аз рӯи дилсӯзӣ ин хел мегӯяд. Дар асл, ректор ягон ҷавоби сахт додагӣ.

—Ман аз таги дарашон намеравам. Аз кабинет бароянд, як бор, бинам. Охир, ин чӣ бедодӣ?! Як бор гуноҳамро напурсида — хориҷ! Хӯш, гуноҳам чист? Дуздӣ кардам? Авбошӣ кардам? Ришва гирифтам? А?...

Ғаюр худ бехабар, гӯё дар рӯ ба рӯяш, котиба нею ректор истода бошад, тамоми гуфтаниҳояшро ба ҳаяҷон ва изтиробе, ки ба гирья наздик меовардаш, гуфт.

—Зиқ нашавед, гуноҳатон набошад, фармонро бекор мекунанд. Бишинед, — гуфт котиба ҳамдардона ба чашмони Ғаюр нигариста.

Ғаюр ним соат дар қабулгоҳи ректор нишаст ё камтар, вале дар ин фурсат аз муомилаи Ҳайдару Ғиёс то Орифӣ — тамоми моҷарояшро бо камтарин ҷузъиёт ба котиба гуфт ва ҳоло ӯро ҳолате рух зада буд, ки ин даҳонкушодагии худро соддалавҳӣ намеҳисобид.

Тарафи бегоҳ, ки соати девор ба шаш наздик мешуд, ногаҳон ректор бо шаст аз кабинет баромаду ба сӯи дар равон шуд. Вай Ғаюрро дар сари роҳи худ дида қадамашро андаке сусттар карда гуфт:

—Шумо ҳақ надоред, ки ходими адлия бошед!.. Ба худи шумо мебояд дафтари ҷиноятӣ кушоянд. Ба ҷои миннатдорӣ, муаллимонро дашному таҳқир кардаед! Як рӯз ҳам дар ин донишгоҳ нагардед.

—Охир, муаллим... — Ғаюр бо тааҷҷуб китф дарҳам кашид, аммо ректор аллакай аз дар берун гашта буд. — Аввал пурсиш...

Дар берун Карим-ака, Мирзо, Адолат боз ду нафар аз духтарони ҳамсабақаш Ғаюрро иҳота карда, аз хусуси гуфтугӯяш бо ректор пурсиданд. Баъд тасаллӣ доданд, умедвор карданд, ки идораҳои болоӣ ба ин хел беадолатӣ ҳаргиз роҳ намедиҳанд.

—Фурсатро нагузарон, пагоҳ ба вазорат рав, ба назди вазир даро. Арзамро фақат ба вазир мегӯям, гӯю шин. Ба вазир буду шуди гапро гӯй, — маслиҳат дод Карим-ака. — Ҳаққу ҳуқуқ гӯён фирефта нашав, фурсатро нагузарон.

—Панҷ сол хондан осон не! Давлат чӣ қадар пул сарф кардагӣ. Як даҳан гапи Орифӣ катӣ... Э, тавба... — мегуфт Адолат. — Ректор ҳам ғалатӣ будаанд-ку! Аввал чеғ зада, як даҳан пурсанд-дия! Дар қадим бобоҳои соддадилу кӯрсаводамон нағз медонистаанд, ки гуфтаанд: аввал пурсиш—баъд кӯшиш. Дар факультети ҳуқуқшиносӣ ҳуқуқи инсонро намешиносанду боз таълим медиҳанд! Дилам монд!

—Ректор ба Орифӣ бовар накарда, ба сухани Ғаюр бовар мекард-чӣ?! Хоҳу нохоҳ худашро сафед мекунад, мегӯяд. Фардо албатта, ба пеши вазир даро, — боз таъкид кард Мирзо. — Агар худи ҳамон рӯз бо ректор воҳӯрда, пешакӣ ҳама гапро мегуфтӣ... Инҳо салларо гир гӯянд, калларо гирифта одат кардагӣ. Донишҷӯ дар наздашон ҳу, ҳамон алафи сари роҳ барин, барои як курсию ҷевончаи донишгоҳ ҷавобгарӣ ҳаст, аммо барои панҷсола заҳмати як ҷавон ним саҳифа акт ҳам навишта имзо намекунанд. Харҷи таҳсилаш аз кисаи инҳо

набошад... Фардо боз як бор аз пеши ректор гузарад-чӣ? А? — Мирзо бо сӯзу гудоз сухан гуфту якбора пешниҳод кард. Сипас ба рӯи Карим-ака нигариста дар ин бобат фикри ӯро фаҳмидан хосту шарҳ дод: — Ҳозир табъи ректор ночоғ, одами шарту пурт, таги гапро нафаҳмида фармонро имзо кардагӣ бошад, то фардо фикр карда, пушаймон мегаштагист.

—Ин гап ҳам ҷон дорад, — гуфт Карим-ака. — Пор ба назди пахтачинон омада «барои чӣ тарозу нест» гӯён валвала кард, ҳамаро аз гӯр гирифта ба гӯр зад, сонӣ оҳиста эзоҳ дода буданд, «ҳа, ин хел гӯед» гӯён аз дамаш фуромада буд.

—Ба пеши ректор боз як бор дароянд, — ин пешниҳодро Адолат ҳам дастгирӣ кард. — Гапу кор чист, як бор гӯянд. Охир, ин кори Орифӣ тамоман ба моддаи 270 мувофиқ аст! Ҳа, сӯиистеъмол аз мансаб, аз ҳаддаш гузарондани ҳокимият...

Ин дам Ғаюр худ ба худ аз дил мегузаронд: «Ман ҳам баробари дигарон ба осонӣ, панҷ солакак хонда, соҳиби маълумоти олӣ шавам?! Нее, қисмат ягон бор сари маро сила накардаст. Вагарна дар остони имтиҳони давлатӣ-я! Бечораро дар болои шутур ҳам саг мегазад...»

## 13

Сараввал Ғаюр ба ҷиддияти фармони ректор дар дил шубҳае дошт, баъд онро саҳви качфаҳмӣ пиндошт ва ҳанӯз ҳам вай дилпур буд, ки ректор

агар ҳақиқати ҳолро фаҳмад, дарҳол фармонро мансух мекунад. Аммо ректор рӯзи дигар ҳам арзу додхоҳии ӯро ба эътибор нагирифт. Ба ӯ воқеаро чунон маънидод намудаанд, ки пӯстинашро батамом чаппа пӯшида буд. Донишҷӯён байни худ дар беинсофию кинаварӣ Орифиро ва Муллоқандовро муттаҳам мекарданд, аммо норозигии худро аз ин амали тӯҳматомези онон ҳатто ба якдигар аз фошофош гуфтан меҳаросиданд.

Ректор гувоҳии Муллоқандовро шафеъ оварда, ба Ғаюр гуфт:

— Мо ба шумо диплом дода наметавонем. Ҳимояи ҳуқуқи мардумро ба дасти чунин касон супурдан мумкин не!.. Аз рафтору кирдоратон аён аст, ки шумо ислоҳ нашудаед. Ҳуҷҷати шуморо аслан ба ин факультет набояд қабул мекарданд... — Ректор хомӯш монд. Баъди лаҳзае таваққуф гуфт: — Одамонро мезадаед, дашному таҳқир мекардаед, беҳурматӣ... Дар тасаввур меорам фардо мусибатзадае ҳимоя ҷуста, бо умед ба шумо муроҷиат мекунад... Тақдири як не, чандин касонро шумо ҳал мекунед... Не-е...

— Ба Ҳайдару Ғиёс барин риёкорону косалесон мумкин аст, ба Орифӣ барин беинсофон ҷоиз аст, аммо ба ман мумкин не!.. Дар физика қонуне ҳаст: қоидаи дасти рост мегӯянд. Корбарии шумо ҳам ба он монанд аст. Шумо илми ҳуқуқшиносиро намедонед, ман аз рӯи моддаҳои 183, 216 шуморо гунаҳгор мекунам: сӯиистеъмол аз мансаб ва

худсарӣ — аз ҷиноятҳои хавфноки шахси мансабдор аст...

— Эҳ-ҳе!..— аз ин сухани Ғаюр ранги ректор андаке канд, аз ғазаб лабонаш пир-пир париданд, вале ба ночор, тамасхуромез нидо баровард: — Акнун ба ман таҳдид мекунед? Бо ҳамин иғвою дасиса маро тарсонданиед?.. Деканро тарсонда шудед?! Равед, ба суд диҳед!.. Ба Маскав равед... Гум шавед аз назарам, аҳмақ... — ректор бехудона намчинаки сангинро фишурда аз ҷо бархост.

— Ором... Андаке батамкин бошед, домулло. Ин чӣ гап? — Ғаюр ҷаҳд дошт пинакашро вайрон накунад, бинобар он, зоҳиран, бепарво дар курсӣ менишаст. — Ба ректори чунин як донишгоҳи обрӯманд ин хел сабукрафторӣ, дашномдиҳию таҳқири донишҷӯ намезебад. Агар ин суханонатонро дар лентаи магнитофон сабт кунанд... таъсири хеле нохуш мегузорад. Аз ман наранҷед, маро панҷ сол илми ҳуқуқшиносӣ омӯхтанд, ба ходимии адлияи Советӣ тайёр карданд, бинобар он, ҳар гуфтору рафтори аз қоидаи маъмулӣ беруни одамонро мувофиқи моддадои кодекси ҷиноятӣ тавзеҳ мекунам... — гуфт Ғаюр тез-тез. Баъд то ки ба ректор имкони киноя ё пичинг надиҳад, зуд пешдастӣ карда гуфт: — Гуфтору рафтори худро ҳам ба ҳамин меъёр андоза мекунам. Аммо барои чӣ шумо гуноҳи маро ба гарданам дайн накарда, аз рӯи шаҳодати ду-се нафар кинадорон ҳукми қатъӣ баровардед? Се

нафари дигар оянду маро одам кушт гӯянд ҳам, бовар мекунед?

— Ҳамаашро санҷида исбот карданд, мо аз ҳаво гирифта фармон намебарорем. Рапорти декан, гувоҳии муаллимон, рафиқони худатон, комитети комсомол... Мо ҳақ надорем, ки як рӯз ҳам шуморо дар донишгоҳ нигоҳ дорем...

Ректор баъди ин суханон лаҳзае ба андеша афтоду ба портфели дар дасти Ғаюр буда тез-тез нигарист ва сипас, муросокорона гуфт:

— Шумо, додар, ин хел ба ҳама таҳдид накунед, сахт нарасед. Панҷ сол хонда илми ҳуқуқшиносиро омӯхтаед, аммо маълум мешавад, ки илми муомиларо намедонед. Ана, ба ҳамин усул шумо Орифиро ҳам, Муллоқандовро ҳам зиқ кардагӣ... — ӯ дигар сухане гуфтанӣ буд, аммо филфавр «зиқ кардагӣ» гӯён оҳангу маънии гуфторашро нармтар сохт. — Ана, натиҷааш... Акнун аз ман домангир гаштанатон бефоида. Ман шуморо то имрӯз мешинохтам? Не!

— Муаллим, дурусттар фикр карда гап занед, аввал санҷед, аз дигар донишҷӯёну муаллимон ҳам пурсед. Ба ман тӯҳмат мекунанд...

— Ҳеҷ кас намегӯяд, ки дӯғи ман турш аст. Аз аввал андешидан лозим буд, додар. Ҳа, акнун аз дасти ман чӣ кор меояд...

Ғаюр якбора бо шаст аз ҷояш бархост ва дарро тараққос занонида пӯшиду рафт. Вай ин дафъа аз сухан гуфтан тарсид, зеро дигар буньёди тамкину

худдориаш футур рафта буд, агар ба сухан лаб кушояд, ҳатман алфози сахту дурушт мегуфт.

Дигар чӣ кор карданашро надониста, ҳайрон буд. Ноумедӣ баъди гуфтугӯ бо ректор дар тӯли якду соат вақт, ӯро он чунон фишурду пажмурда сохт, ки саҳл монда буд, ба ҷонаш қасд кунад. Хайрияти кор шуд, ҳамсабақонаш ӯро ҷуста ёфтанд. Ҳоло вай хаёл мекарду пеши чашм овардани мешуд, ки имрӯзҳо агар танҳо мебуд, чӣ кор мекард?.. Худаш танҳо, бе маслиҳатгаре, бе рафиқи дилбардоре, бе раҳнамое... Ӯро хотираҳои нохуши рӯзҳои рафтааш — танҳоиҷӯӣ, бепарвоӣ, беалоқагӣ бо дӯстон дар шиканҷа мегирифт. «Эҳ, афсӯс! — ба пешониаш зада оҳ мекашид вай, ки ҳоло аксар шабҳо дар ҳуҷраи Карим-ака хобу хез дошт то дидори Ҳайдару Ғиёс баринҳоро набинад. — Панҷ сол дар як гурӯҳ хонда, ин ҷавонони наҷибро ба дурустӣ нашинохтам, сидқан дӯстию одамгарӣ накардам, ба ғамашон шарик набудам... Аҳсан, сад аҳсан ба онҳо... Ҳанӯз ҳам чашмам кӯр будааст. Аслан, ман садқаи дилсӯзӣ шавам! Сазои ман ҳамин аст.»

Боз дӯстон ғун гашта, маслиҳат карданд, андешиданд, раҷа кашиданд. Тамоми имконият, алоқамандӣ ва дигар василаҳои ҳаёти ҷавони худро ба кор мебурданд, то рафиқи худро аз ин варта наҷот диҳанд. Аз ҳар сар садое мебаромад. Мирзо гуфт:

— Ҳеҷ гап не, ғам махӯр. Дина муаллими фалсафа — Комилов туро пурсид. Фармони ректорро шунида, ҳайрон монд. Сонӣ таъин кард,

ки ба наздаш равӣ. «Зинҳор, маро надида наравад», гуфт. Ана, Карим-ака ҳам буданд.

— Ҳа, воқеан, муаллима Мария Аванесовна расо зани дилсӯз будаст, бачаҳо. Воқеаи туро шунида, дарс гузашта натавонист, мушоҳида кардед? Гирья гулӯгир карду чашмаш лиққӣ об гашт. Гап зада натавонист, берун рафту, сонӣ андак ба худ омад, — гуфт Карим-ака.

— Хайр, ҳозир чораи накди дар пеш истода — Комилов, — гуфт Мирзо. — Ғаюр ба назди муаллим Комилов як бор равад, ку, чӣ мегӯяд? Худаш таъин кард-ку. Шояд ягон роҳ нишон диҳад.

— Чаро мо туро барвақттар огоҳ накардем?! — афсӯс мехӯрду ба ҷабинаш шаппотӣ мезад Карим-ака. — Гумонам, ки наздик монд, тамом мекунию меравӣ. Ҳол он ки хатои туро медидам, медонистам...

— Хайр, акнун таънаю маломат фоида надорад, Карим-ака, — гуфт Адолат, — илоҷи воқеаро фикр кунед. Агар Ғаюр равад, ин фақат мағлубияти вай не, онҳо ба рӯи ҳамаи мо бо тамасхур менигаранд!

— Ҳозир дигар илоҷи умедбахш надорем, фақат — Комилов, — гуфт Мирзо зуд ба Адолат ҳамовоз гашта.— Нотиқи махсус, ба идораҳои боло даро-баро дорад.

— Рост, ман чанд бор пай бурдам: вай на гапи деканро мехӯрад, на нозу нузи дигарашро мебардорад.

— Ҳа, марди аҷиб аст, ба кори худ машғул, — гуфт Карим-ака.— Ба факультет меояду агар вақт

бошад, дар берун гардиш мекунад, сонӣ рост ба синф медарояду дарсашро мегӯяд. Баъзеҳо барин ба назди декан, ба назди мудири кафедра ва дигар казову казоҳо дароям, хушомад гӯям, беҳуда лаққида нишастанро намедонад.

Онҳо дар хоначаи иҷорагии Карим-ака нишаста маслиҳат доштанд. Карим-ака дар тӯли панҷ соли таҳсилягон бор хобгоҳ нагирифт. Ҳар сол аз гузарҳои гирду атрофи факультет ягон кулбачаи тангро иҷора мегирифту ба майлу муроди худ зиндагӣ мекард. Вақтҳои охир кулбаи ӯ, як навъ клуби гурӯҳе аз ҳамдарсон гашта будаст, аммо Ғаюр аз ин ҳам бехабар мегаштаст.

Ҳанӯз маслиҳати дӯстон напухта буд, ки дарвозаи ҳавлиро кӯфтанд.

— Ин тақ-тақи духтарон. Э, хонаро ба тартиб биёр, — Карим-ака ба Мирзо супориш доду худаш барои кушодани дарвоза рафт.

Мирзою Адолат саросема рӯи миз, фарши хона ва кароватро ба тартиб оварданд, чизҳои паҳну парешонро саришта карданд.

Кавкаб, Мунира ва Зебо бо вағар-вағар ба хона даромаданду дар кулба дигар илоҷи ҷунбидани кас намонд.

Маслиҳати онҳоро шунида Мунира, ки барои бениҳоят лоғариаш "Мӯрчамиён" лақаб дошт, чашмонашро калон карда гуфт:

— Хайр, бед, ба назди муаллим рафта, ҳамаамон илтимос мекунем. — Сонӣ илова кард: — Аз рӯзе,

ки фармон баромад, духтарони гурӯҳамон азодор барин, ба лабашон ханда намеояд.

— Ҳа, ҳама — хафа, на дарс мехонанд, на аз гулӯяшон хӯрок мегузарад, — гуфт Кавкаб ғамолуда. — Ҳусейну Раҳматулло рафта аз деҳаат барои ту тавсифнома ҳам оварданд. Раиси ҷамоа гуфтаст, ки ман худам ба назди ректоратон меравам, ҳама гапро мегӯям, дар ин дуньё ба одами росту дуруст рӯзи равшан ҳаст ё не?!

— И-и-и!.. — гуфт Ғаюр инро шунида таассуфомез. — Модарам мешунавад...

— Хотиратро ҷамъ дор, раиси ҷамоаро қасам хӯрондаанд, ки то ту худат рафта нагӯӣ, аз ин сир ба касе даҳон намекушояд, — гуфт Мунира бидиррос зада дастони борику дарозашро ҳаракат дода.

— Хуб, қарордодамон ҳамин: ба назди муаллим Комилов бояд худат, танҳо равӣ, — гуфт Карим-ака. Сонӣ таноби суханро ба шӯхӣ бурду гуфт: — Ҷавобҳои ту ба он кас ҷудо мефорид. Ҷавоби маро шунида, рӯяшро турш мекард. Мабодо боз дуализми ҷисму рӯҳи Декартро пурсад, ҳолам табоҳ! — воқеаи дар имтиҳони фалсафа дармонданашро ба ёд оварда, хандид вай.

— Тамоми ҳамсабақон ғун шуда ба назди ректор равем-чӣ? А? Фаҳмонем, талаб кунем, гӯем, ки ин тавзеҳи нодурусти далелҳо аст, аслан ин тавр не...

Ба ин пешниҳоди соддадилонаи Кавкаб Карим-акаю Мирзо табассум карданду ҳеҷ чиз нагуфтанд. Гап зананд, ба дили Ғаюр сахт мерасид. Қариб аз

нисф зиёди ҳамсабақон ба хориҷ шудани Ғаюр ҳеҷ норозигие надоштанд ва ё агар дар дил норозӣ бошанд ҳам, ҳаргиз инро зоҳир наменамуданд ва ин буздилию муросоҷӯии худро ба лоқайдӣ ва беалоқагӣ пардапӯш мекарданд. Ғаюр дуруст мегуфт: «Агар дуньёро ягон рӯз саросар бисӯзанд, маҳз, бо дасти ҳамин тоифа бетарафону муросоҷӯён месӯзанд...»

## 14

Карим-ака, Мирзо, Ҳусейн, Адолат ва Мунира дар канори сераҳа, назди ательеи «Зинат» ҳалқа гирифта рост меистоданду гоҳе ба якдигар сухане гӯянд ё саволе пурсанд ҳам, ба нияти вақткушӣ буд, зеро фикран ҳамагон ин лаҳза бо Ғаюр буданд ва чашм аз бинои онсӯи кӯчаи калон намеканданд.

—Э, зудтар бароянд, намешавад, дилам ба кафидан расид-е! — оқибат бетоқатона «уф-ф» гуфт Мунира. — Адоҷон, агар ман ту барин фарбеҳакак мебудам, кайҳо торс мекафидам, — вай аз қафо Адолатро оғӯш гирифту сарашро ба китфи вай ниҳод.

—Дилата тахт дор, Мӯрча, Ғаюр зӯр баромад, гуфтан гир. Шаб дар хонаи он кас ҳамаашро гуфтем, донистанд, ҳамту, барои расмият «фардо ба идора биё» гуфтанд-дия.

—Карим-ака, Наврӯзов аниқ тағои зодаатон мешаванд?

— Ҳа, — гуфт бепарво Карим-ака. — Додари модарам тағои зода намешавад магар?!

— То ба имрӯз ягон бор нашунидем... Расо одами дарундор будед-дия, — гуфт Мирзо гилаомез. — Ҷияну ҷиянзодаҳои шахсони баландмартаба ҳамин, ки ба факультеты мо дохил шуданд, аз рӯзи аввали таҳсил овоза меравад, ба онҳо дигар хел муомила... Агар барвақттар мегуфтед, дар сояи шумо мо ҳам камтар такаббур мекардем.

— Таҳи гапро наков, Мирзо, вақту соаташ расад, ҳамаашро мефаҳмӣ, — гуфт Карим-ака асроромез.

Ду тан лӯлизан, яке кӯдак дар бағал аз пиёдароҳ мегузаштанд. Адолат ба кӯдак конфет дароз карду лӯлизандо зуд ӯро иҳота карданд.

— Духтари ширин, як фол бинамат. Ба қарибӣ ба як хурсандӣ мерасӣ, шодмонӣ мекунӣ... Аз бахту толеат гӯям, ё аз тану ҷонат...

— Ба вай не, ба ман фол кушо... — пеш баромад Мунира. — Ба ман фол не, ба як дӯсти наздикам. — Ба сӯи шариконаш рӯ гардонда оҳиста гуфт: — Ку, ба Ғаюр фол кушоям... — Вай боз ба лӯлизан рӯ овард: — Фақат дар ин ҷо не, биё ҳу, ба қафои он бино гузарем... Ягонтааш дида монаду ин духтар ба дину афсун эътимодманд аст гӯён аз комсомол хориҷ накунанд.

Мунира дар иҳотаи лӯлизанон ба қафои бино гузашт.

Аз миён панҷ-шаш дақиқа вақт гузашту Ғаюр аз он сӯи кӯча пайдо шуд ва ҳама бо ҳаёҳу садо бароварданду дастафшонӣ карда, бо ишорат аз ӯ мепурсиданд, ки кораш барор кард ё не. Баъди он

ки ӯ аз гузаргоҳ гузашт, Мирзо дигар тоқат накарда, дастонашро ба даҳонаш карнай карду гуфт:

—Гург ё рӯбоҳ?

Ғаюр табассум намуду ба нишони қаноатмандӣ сар ҷунбонд. Баъд ҳамсабақон ба ӯ расиданду ҷавонон ба навбат канораш гирифтанд.

—Аз шумоён миннатдорам... Агар шумоҳо кӯмак намекардед, аз донишгоҳ хориҷ будам. Ин Орифии нобакор гапашро дар ҳама ҷо пазондагӣ будаст... Ман ҳамту, маро тарсонданӣ гӯям, не...

—Хуб, бигӯ, чӣ гуфтугузоре шуд, ҳамаашро гӯй, — ба беқарорӣ сухани ӯро бурид Мирзо.

—Ғаюр!.. Ман ба ту фол кушодам! — Мунира ӯро диду якбора беихтиёр бо овози баланд фарьёд кашид. Баъд аз карда хиҷолат гашта, даҳонашро бо кафи дасташ пӯшид ва ҳаросон ба чашми раҳгузарон нигариста мазмун гирифтан мехост.

—Мӯрча, метарсам, ту ҳам Ғаюр барин ба ягон хел фалокат пешрав мегардӣ! — гуфт Карим-ака бо табассуми маломатомез сар ҷунбонда.

—Садқаи сарам, дипломамро диҳанд, ба ман бас аст, дигар наметарсам. Ягон шавҳари серпулро меёбаму бафароғат дар хона мешинам, кор-пор намекунам...

—Хайр, биист, Ғаюр гап занад, — гуфт Мирзо, сухани Мунираро бурида. Сонӣ ба Ғаюр рӯ оварда гуфт: — Зудтар гӯй...

—Чӣ ҳам гӯям, ҳамаи гуфтаниҳоро шаб гуфта будем. Дафтарчаи имтиҳоноту дафтарчаи

меҳнатиамро ҳиҷҷа карда бадиққат хонданд. Дуним моҳ пештар аз кор озод гашта дафтарчаи меҳнатиамро гирифта будам. Сонӣ ба ректор занг заданду аз хусуси ман пурсон шуданд. Аз афти кор, вай эркатулфори пулмаст, пӯла-шӯла гуфт магар, ки «эркатулфори кучо, бепадар, як модар дорад, панҷ сол баробари таҳсил кор кардааст... Боз аъло хондааст... Ин хел донишҷӯён, дар донишгоҳатон хеле бисьёр будаанд-дия...» гӯён киноя карданду ректор хап шуд. Сонӣ... Ҳа, сонӣ гуфтанд, ки давлати мо дар тӯли панҷ сол барои таҳсили илми ин ҷавон чӣ қадар маблағ сарф кардагӣ, медонистагистед. Ба ғайр аз ин шумо, инсонпарварӣ зоҳир кунед, барои як пула гапу кор ҳаёти инсонро шикастан аз рӯи адолат не. Ректор дар ҷавоб дуру дароз эзоҳ дод, Наврӯзов «хӯш-хӯш», «ҳа-ҳа» гӯён гӯш доду сонӣ суханро мухтасар карду гуфт: «Дар маҷлиси комсомолӣ муҳокима кунанд...» Сонӣ ба ман гуфтанд, ки ба назди ректоратон равед.

—Ура-а-а! — Карим-ака, Мирзо ва Ҳусейн якбора аз чор тараф Ғаюрро оғӯш карда ду-се бор бардошта бо пояш ба замин партофтанд.

Духгарон дасти ӯро фишурда суханони табрику таҳният ва муборакбодӣ гуфтанд.

—Рӯи ин лӯлизанаки дурӯғгӯй сиёҳ! — гуфт Мунира. — Фолаш чап омад магар, ба ҷои Ғаюр фақат як духтараки малламӯй ба фолаш омад. Сараш дар об, пояш дар гирдоб аст, хайр, охираш ба рӯшноӣ мебарояд, аммо алҳол раҳаш торик аст, гуфт. Акнун росташро гӯй, Ғаюр, духтари малламӯй

кӣ?.. А?.. Чаро то имрӯз мо намедонем?.. А? Аз мо руст мекунӣ? Меёбем, — бидиррос мезаду истинтоқ мекард Мунира.

—Тую Мирзо аз ҳама гӯр хабардор бошед ҳам, он духтари малламӯй ки, дар сад сол ҳам намеёбед, намедонед. Аммо ман медонам! Медонам ё не, Ғаюр?!

— Аз куҷо медонед? — ҳайрон буд Ғаюр. Нигоҳи пургумон ва авзои хавотиромези вай диққати ҳамаро ҷалб кард.

— Медонам. Номашро гӯям? А?.. Лолаи боғу чаман! Лолахасак не, лолаи ҳақиқӣ, лолаи асл! Ҳа, Мунира, ту аз дуньё бехабар гаштӣ-дия!

— Аз мо руст кардед?.. Хайр... — Мунира хотирозурда ба рӯи Ғаюру Карим-ака менигарист. — Не забудьте, закон имеет обратную силу!

— Ба ман Ғаюр ин сирро нагуфтааст. Ана, худаш гӯяд. Хайр, вақташ расад, худаш мегуфтагист.

Онҳо раҳораҳ то ба донишгоҳ Ғаюрро аз ҷон безор карданд, то бигӯяд, ки он духтар кист, аммо Ғаюр якзайл мегуфт, ки «духтари амаам будагист» ва айёрона табассум менамуду саволомез ба чашми Карим-ака менигарист ва донистан мехост, ки ба чи усулу аз Лола дарак ёфта аст.

— Сабру таҳаммул кунед, ба қарибӣ ҳама гапро мефаҳмед, дӯстон. Ин Ғаюр гуфтагетон чунон одаме будаст, ки андарунаш гов мепазад! Охир, панҷ сол боз бо ин духтар Лайлию Маҷнун бошад ҳам, ҳеҷ кас бӯяшро нафаҳмидаст-е!.. Қоил мондам. Хайр, алҳол худи Ғаюр ҳам аз баъзе сиру савдо бехабар

барин менамояд... Чашмашро кушода мемонем!.. Лекин ин Лола гуфтагем, як духтаре, ки... бе муболиға, чунон ки дар афсонаҳо мегӯянд, ба хирочи ҳафтсолаи мамлакат меарзад! Қасам мехӯрам...

—Эҳ-ҳе-е! — ба истиғно мад кашид Адолат. Ин чунин таърифи як духтари ношинос ба вай хуш наомад ё ба иззати нафсаш расид. — Ҳеҷ набошад, нархашонро ба бюҷети республика баробар кунед! — пичинг кард вай.

—Ҳой, Ғаюр, ин хел дурри қиматбаҳоро аз куҷо ёфтӣ?.. Барои ҳамин ин қадар сол дар кисаат як пули сиёҳ набошад ҳам, димоғат осмонро сӯз дода мегаштай - дия! Такаббурат бесабаб набудаст, — гуфт Мирзо аз ин хабар тамоман моту мабҳут.

—Худаш кӣ вай? А? — Беқарор буд Мунира. Вай гоҳ ба даҳони яке, гоҳ ба рӯи дигаре менигаристу маънӣ гирифтан мехост. — Намегӯед?.. Хайр, нигариста истед агар духтари ҳамин шаҳр бошад, дар ду рӯз ёфта нагирам, номам Мунира не!

—Ҳолӣ ҳам номи ту Мунира не! Кӣ туро Мунира гуфт? А? — Мавриди шухӣ омаду зуд ба вай часпон гашт Мирзо. — Ман Мӯрчамиёни азизамонро медонам, агар Мӯрчабону гӯӣ ҳам, қабул, аммо Мунира...

—Албатта, набера ҳам ба хешу табори наздик дохил аст, — гуён Мунира ба лақаби Мирзо, ки замоне аз сабаби баҳсаш аз ин боб гирифта буд, ишора кард. — Набера ҳақдор аст, ки ҳатто ҳукми судро инкор кунад.

Онҳо лаҳзае гӯё кулли ташвишҳои дигарро фаромӯш карданду ба ҳазлу мутоиба пардохтанд ва мисли он, ки қартаи радиоларо дигар карда бошанд, зуд ҷои андешаҳои ғамангезро хандаю чирроси шодӣ гирифт.

**15**

Ғаюр интизори ректор дар долони донишгоҳ қадам мезад. Дар сараш ҳазору як тахмину гумон радду бадал мешуданд. Аслан, вай гумон дошт, ки дар идораҳои боло беадолатии ректорро шунида ба шӯр меоянд, изҳори тааҷҷуб мекунанд. Аммо Наврӯзов гӯё ба суханони вай бовараш набошад, бепарво буд, на ҳайрон буд, на ба шӯр омад. Ин гуна вазъияти ӯ Ғаюрро хуш наомаду бағоят рӯҳафтода гашт. Шояд ректор аз сабаби ҳамин бепарвоии вай ҷаҳд дошт, ки Ғаюрро сиёҳ кунад, фармони худро дуруст ва ҳаққонӣ гӯяд. Бо ректор ба нармӣ, маслиҳатомез сухан кардани Наврӯзов Ғаюрро, дар шубҳа афканда буд. «Охир, ректор сад фоиз ноҳақ аст, — мегуфт вай ба дил, — ба хулосаҳои сохтаи Орифӣ ва гувоҳии тамаллуқкоронаи Муллоқандов, шаҳодати Ҳайдару Ғиёс барин косалесони декан бовар карда, фармон баровард. Ё кӣ медонад, балки забони ҳамаашон як будагист, қаллобии онҳоро дидаю дониста, мани бечораро қурбони рӯи хотири дӯстонаш кардагист. Балки... дар як ҷо ғун гашта ошхӯрӣ мекунанд... Бинобар он, ҷаро ба майлу муроди якдигар

мувофиқ амал накунанд?! Аммо Наврӯзов аз чӣ бошад, ки бо ректор нармакак сухан кард...» Ғаюр азбаски корафтода набуд, намедонист, ки шахсони масъул ва мансабдор дурандешанд, эҳтиётпешаанд, ба осонӣ касеро гунаҳгор намекунанд, ба иззати нафсаш намерасанд, дониста-надониста ба кори дигаре мудохила карданро ба худ нораво мешуморанд.

Роҳравҳои бинои асосии донишгоҳ, ки ректорат дар он воқеъ буд, ҳамеша пурравуо. Ғаюр аз рӯ ба рӯ гаштан бо шиносон мегурехт. Агар шиносеро бубинад, ки ба сӯяш меояд, худро нодида ва саросема вонамуд мекарду дари ягон хонаро кушода медаромад ва сипас узр гӯён боз мебаромад.

— Соҳибов, бед канӣ, — ректор аз долон мегузашт, ногаҳон ӯро даъват карду Ғаюр сар бардошта аз наздаш гузаштани вайро дид ва мувофиқат намуд.

Юнусӣ ин дафъа ӯро ба мизи худ наздик биншонд ва сипас дуру дароз аз боби гуноҳҳои вай сухан гуфт. Ғаюр сухани ректорро набурид, дурӯғу ғалат ояд, ислоҳ накарду дандон ба дандон фишурда тоқат дошт. Зеро Карим-ака инро ба таъкиди сахт хоҳиш карда буд. Оқибат ректор гуфтаҳояшро ба ин тариқ хулоса баст:

— Ана, дидед, додар, гуноҳатон бениҳоят бисьёр аст, гуноҳҳои сахт аст, барои баъзеи он одамонро суд мекунанд, аммо мо ба номи донишгоҳ исноди нохуш наоварем гӯён андешидем.

Юнусӣ гӯё дар банди масъалаи мушкиле дармонда бошад, мизро бо ангуштонаш нақоракӯбӣ мекарду меандешид. Ба Ғаюр ҳоло оҳанги сухани ӯ, ҳар замон «додар» ва ё «писар» гӯён ба сӯҳбат ранги маҳрамона задани вай хеле таъсир дошт.

— Мо аз даво гирифта фармон набаровардаем, додар... — Юнусӣ сар аз андеша бардошту пайрави гуфтаҳои худ бозгуфт. — Фикри деканат, муаллимон, комитети комсомол, ҳатто ақидаи рафиқонатонро дар ҳақи шумо пурсида гирифтем. Мебахшед... Наврӯзов ба шумо чӣ хел каробат доранд? — Ногаҳон чи фикре ба хотираш расиду савол кард ректор.

Ғаюр ин чунин саволро нигарон набуд, бинобар он, чи ҷавоб гуфтанашро надониста, лаҳзае дасту по хӯрд. Ректор саволашро эзоҳ кард:

— Ҳайрон нашавед, ин ҷиҳаташ ҳеҷ аҳамияте надорад... Ман ҳамту, донистанӣ будам, ки хешу таборӣ доред ё дигар хел...

— Не, мо на хешу таборем... на дигар хел... — гуфт Ғаюр ғайриихтиёр тамкин аз даст доду ба киноя сухани ректорро такрор намуд. — Пеш аз ин воқеаҳо шиносо набудем.

— Ҳа-а... Ин хел гӯед... — Сипас ректор ба маҷрои аслии сӯҳбат баргашту гуфт: — Ман ба он кас фаҳмондам... Қурбони одами хирадманд шавам, он кас ҳам даррав фаҳмиданд. Ҳамин, вақти азизи худро сарф карда шуморо қабул карданашонро нигаред!.. Охир, он касро он қадар масъалаҳои муҳими давлатӣ ва ба тамоми халқи мо, республика

судманд дар пеш бошад ҳам, нигаред, ки... Чӣ тавр шуморо рухсат додаанд...

—Ҳамин ҳам гап шуд, домулло! — гуфт ногаҳон Ғаюр аз равиши афкори ректор матлабро пай бурда. — Рост рафтаму гуфтам, ки ман ҳақиқату адолат кофта омадам! Ҳамин хел чиз ҳаст ё не? Вассалом. Фаҳмидед?

Юнусӣ андаке сурх шуд, вале сир бой надод.

—Ана, дидед, чи микдор касонро аз кор монондед, гуфтаниам... Гуноҳатон як тараф, ҳам донишҷӯён ва ҳам муаллимон аз шумо норозианд, додар! Агар Орифӣ ин масъаларо набардоранд ҳам, шуморо аз имтиҳони давлатӣ намегузаронданд. Он кас рӯирост гуфтанд: «Аз фанни ман баҳояш —2».

Дар дили Ғаюр дарьёи эътироз талотум мекарду меҷӯшид, як-як ҳамаи гуноҳҳои ба сари вай мондагии ректорро рад кардан мехост, вале баъди моҷарои Орифӣ, баъди таъкидҳои такрор ба такрори ёронаш вай аз баҳс кардан меҳаросид.

Ғаюр бесаброна қарори ректорро нигарон буд.

Ректор андешамандона шишаи рӯи мизро нақоравор навохт, баъд ба Ғаюр нигариста, ба маънии «дидӣ, хеҷ илоҷ намеёбам» сар ҷунбонд. Ваҷоҳати вай равшан мегуфт: «Чӣ чора кунам, намедонам. Дар миёни обу оташ мондӣ маро, бача»...

Баъд гӯё маслиҳатомез пурсид:

—Хӯш, худатон гӯед, аз дасти ман чӣ кор меояд? Ҳақ, надорем, ки ба шумо диплом диҳем! Ин касбу кори одамони сирф бедоғ аст! Муфаттиши адлия! Кӣ

мадад ҷуста пеши шумо меояд? Кӣ ба шумо бовар мекунад?.. Ду моҳ кор мекунед ё не, аз бобати шумо даста - даста ариза, норозигӣ... Сонӣ аз мо мепурсанд, ходими адлия гӯён ба кӣ роҳхат додед, мегӯянд. Охир, шумо дар давоми панҷ сол ахлоқатонро ислоҳ насохтаед! Ана, шаҳодати рафиқони худатон, муаллим, декан...

Ғаюр хомӯш буд. Вай аз гап задан метарсид, метарсид, ки агар даҳан кушояд, фарьёд мезанаду гиребони худро пора мекунад ва аз нав ҳама корро чигил менамояд. Беҳтарин кор — хомӯшӣ, хомӯшӣ. Сари хамро шамшер намебурад гӯянд, вай инро ҳикмати бечорагону оҷизон мегуфт...

Баъди хеле хомӯшӣ Юнусӣ масилҳатомез ба сухан даромад:

—Ба факультети таърих гузаронем? Боз як сол мехонеду сонӣ тамом мекунед? А?

Ғаюр китф дарҳам кашид. Чӣ гӯяд? Вай чӣ ҷавоб доданашро намедонист. Баъди чандрӯза ноумедӣ, арзашро гӯш накарданҳо ҳамин ваъдаю кафолат ҳам дар назараш комьёбӣ барин менамуд.

—Гап ҳамин, писар... Якуми сентябрь рост ба назди худам биёед. Ман гуфтам, гапам якта: донишгоҳро тамом карда меравед. Як сол ҳеҷ гап не. Акнун, писар, он тарафаш гуноҳи худатон...

—Наход, ки ягон илоҷи дигар набошад? — гуфт вай имдодхоҳона. — Ман муфаттиши оддии адлия шудан мехоҳам! Ман ба кор омилам... Панҷ сол бо баҳои аъло хондам...

—Бо ин қадар доғ мумкин не, — таъкид кард ректор. — Деканат, комсомол, донишҷӯён... Агар ҳозир ба муҳокимаи комсомолон гузорем ҳам, ҷазои сахт медиҳанду бо он танбеҳ имтиҳони давлатиро супурдан намегузоранд... Ҳамин хел кунед, додар. Соли дигар биёед. Ҳамин хел кунед, укоҷон, — ӯ Ғаюрро гоҳ додар мегуфт, гоҳ писар ва гоҳе укоҷон. — Агар ба маслиҳати ман гӯш кунед, зиён намебинед.

—Хуб, ҳеҷ набошад, рухсат диҳед, ки соли дигар омада, дар факультети худамон таҳсил кунам, — гуфт Ғаюр маъюс ба чашми ректор нигариста.

—Хайр, мебинем, укоҷон, ваъда намедиҳам, лекин ягон илоҷ мекунем. Шумо ба назди домулло Орифӣ рафта ҳозир узр гӯед, муаллимҷон, аз ман беақлӣ гузашт, бубахшед...

—Маро мебахшед, ин корро наметавонам... Ба одами қаллоб узр?! Ҳаргиз наметавонам.

—Ана, диҳед, ман ба шумо некӣ карданиам, лекин шумо баръакс... Хайр, ҳеҷ гап не, ин тобистон нағз истироҳат кунед. Тирамоҳ биёед, ягон илоҷ мекунем. Гап ҳамин, фаҳмидед-а?

Ғаюр ба тасдиқ сар ҷунбонд.

Аслан дар дилаш вай аз ҳамин илтифот ҳам шукр мекард. Донишҷӯи рондаи донишгоҳ, ки дирӯзакак ҳеҷ яке аз ин касон арзашро шунидан намехост, имрӯз ин қадар илтифот медид, суханони нарму дилсӯзона мешунид, оё ба ин пешниҳод розӣ нагашта метавонист?!

— Инак, гап ҳамин-а, додар? — ректор аз ҷо бархосту аз бозуи Ғаюр гирифту ба сӯи дар бурд, — Якуми сентябрь рост ба пеши худам бед! Як чашм пӯшида мекушоед, ки соли хониш гузаштааст, дипломро мегиред. Вассалом... Хайр, саломат бошед.

## 16

Ҳамхонааояш аз дарс наомада, Ғаюр саросема борашро басту бистарашро ба мудири хобгоҳ супурд. Сипас, ду ҷомадони пуркитобро бардошта ба хонаи Карим - ака рафт, то дар он ҷо бо дӯстон хайрухуш кунад.

Дӯстонаш одатан баъди дарс дар он ҷо ғун мешуданд.

Қарордоди ректорро шунида, Мирзою Карим-ака, ки аз ҳама пеш бо дили пур омада чашм ба роҳи Ғаюр интизор менишастанд, баробар фиғон бароварданд.

— Барои чӣ розӣ шудӣ?.. Э, калла! — чашмони Мирзо аз косахонааш ҷаҳида баромад, рангу рӯяш аз алам лаблабу барин сурх гашт. Ба назар чунин мерасид, ки ҳозир вай аз гиребони Ғаюр мегирад. — Охир, ту чӣ гуноҳ кардӣ?! Аз чӣ метарсӣ?!

— Э, афсӯс! Сад афсус!.. — Ба зонуҳояш мезад Карим-ака. — Корро ланҷ кардед, додарам! Ректор гапи нағз кати шуморо... Э, афсӯс... Одами дилаш рост камтар гӯл мешудааст.

— Гашта рав, не гӯй! — Мирзо қатъӣ муқобили ин қарордод буд. — Фикр карда дидам, намешавад, гӯй.

— Не-е... Садқаи сар...

Ғаюр инро мегуфту вале дилаш афсӯс мехӯрд, ки чаро ба гапи ректор зуд розӣ шуд. Ақаллан, «фикр карда мебинам, сонӣ омада ҷавобашро мегӯям», гуфтан даркор буд.

— Рост мегӯӣ, Мирзо, ман саросема шудам, — гуфт вай дар ҷавоби Мирзо, ки аз алам худ ба худ алав мегирифт. — Хайр, шудагӣ кор шуд, пушаймонӣ суд надорад.

— Боб карданд туро! — гуфт Мирзо бо алам.— Гашта рав, ба пеши ректор даро, намешавад гӯй! — исрор кард ӯ. — Бесабаб як сол...

— Не-е... Чӣ тавр аз қавлам мегардам?! — Ғаюр бо табассум сар ҷунбонд. — Намешавад. — Баъд ба рӯи ҳар яке алоҳида-алоҳида нигариста, бо меҳр табассум кард. — Шуданӣ кор шуд, ҷӯраҳо...

— Гашта ба пеши ректор дароед, — Карим-ака ҳам сухани Мирзоро дастгирӣ кард. — Ҳеҷ ҷои айб нест. Ин кори ҳазл не... Аълохонро дар синфаш монондан чӣ маънӣ дорад?! — вай китф дарҳам мекашиду дастони бузургашро ба ду тараф мекушод.

— Аз шумоён миннатдорам... Аз ёдам намеравед... Ман хеле хато доштаам, акнун фаҳмидам. Ба қадри шумо нарасидам, ана, барои ин афсӯс мехӯрам. Ҳайфо, ки дигар як ҷо нишаста дарс намехонем... Ана, ҳаминаш алам мекунад. Аз

ростӣ... — Дар чашмони Ғаюр ашк чарх заду аз ҳаяҷони худ дар хиҷолат шуд ва ба замин нигариста хомӯш монд.

Мирзою Карим-ака ҳам дар изтироб афтода, чӣ гуфтанашонро намедонистанд. Мирзо ҳанӯз умедвор буд, ки дукаса Ғаюрро розӣ мекунанд, то дигарбора ба назди ректор дароянд.

— Ҳой, Ғаюр, чизе надорӣ, то онро ту бой диҳӣ... Чӣ ҷои андеша!.. Бираву бигӯ, ки фикр карда дидам, намешавад. Ман худро бегуноҳ мешуморам ва талаб дорам фармонатонро мансух кунед. Ана, ҳамин ду ҷумларо бигӯю хап шин. Ана, сонӣ ҳамроҳ дарс ҳам мехонему имтиҳон ҳам месупорем. Хез, зудтар бирав!

— Не, қавли мард дута намешавад. Дуруст мегӯед, маро бо суханони ширин фирефтанд ё ақламро туздиданд, худам ҳам ҳайронам. Лекин барои як сол аз қавлам намегардам. Қавлу виҷдон — якумрӣ аст, охир. Ба ғайр аз ин, ман акнун донистам, ки агар диплом бигирам ҳам, аз дастам ҳеҷ кори дуруст намеояд. Муросокорию хушомадгӯӣ карда наметавонам... Сабилмонда виҷдон халал медиҳад, дар сари ҳар қадам маро пешпо медиҳад. Ин бори ноҳинҷор катӣ ба куҷо мерасам?! — Ӯ ин суханонро ба майли хотир мегуфту ба рӯи дӯстонаш алоҳида-алоҳида нигариста табассум мекард ва маҳзун сар меҷунбонд.

— Ҳамин як зарра бебарорӣ аллакай туро аз мувозанат баровард?! — Ба истеҳзо теғ кашида ба

Ғаюр нигарист Мирзо. — Он ҳама виқору сарбаландиҳот хӯшаи пуч будаст-ку!

— Ман розӣ не... — гуфту сипас сухани худро ислоҳ кард Карим-ака. — Мо розӣ не... Ту бояд, ки ба назди ректор боз дароӣ ва бигӯӣ. — Карим-ака ҳам тан намедод.— Виҷдон, кор, муросокорӣ — ҳамааш сонӣ... Ин гапҳот демагогияи ба ҳеҷ кас нолозим аст, худат медонӣ.

— Аллакай ҳавсалаам пир шуд, шавқамро куштанд, дӯстон, — гуфт Ғаюр ба таъкид ба замин пой кӯфта. — Ман меравам, зеро чӣ одам будани инҳоро донистам. — Шумо, Карим-ака, ин суханҳоро аз сари қаҳр гуфтед. Ман медонам, ба сухани ман писханд мекунед, аммо худатон ба садои виҷдонатон гӯш медиҳед, гӯш надода наметавонед!

— Ҳой, мон ин сафсаттаҳоро... — аз қаҳр сурх гашта гӯё бо Ғаюр ҳоло гиребонгирӣ мекарда бошад, дасташро шоф карда пеш омад Мирзо. — Охирин илтимоси мо аз ту: ба назди ректор медароӣ ё не?

— Мирзо... — гуфт Ғаюр як навъ дарднок ва озурда. Нигоҳаш гӯё синаи ӯро парма мекарданд. — Ман аз онҳо сахт дилмонда гаштам... Ту мехоҳӣ ҳоло аз худам ҳам дилмонда шавам? Ҳаминро хоҳонӣ?

— Мирзо дилаш сӯхта ин суханро мегӯяд, — гуфта Карим-ака обсофкунак шуд. — Ту наранҷ Ғаюр, гап ин хел нашудаст. Ту сари моро хам карда меравӣ, медонӣ?

— Не! Агар ин воқеа рӯй намедоду ман донишгоҳро тамом карда мерафтам, гумонатон кори хуб буд? — Ғаюр ба ҳар ду рӯ оварда савол карду худ дар ҷавоби саволаш ба инкор сар ҷунбонд. — Ҳаргиз! Бадбахту берӯзӣ мегаштам, кӯрдилу носипос мемондам! — Таъкид дошт вай. — Як солро аз даст додаму дар ивазаш шуморо ёфтам! Шумо тамоми умр аз манед, бо ёди шумо, бо меҳри шумо... Э-э, аз афти кор, қисматам ҳамин будаст... Ситораи наҳс ҳар замон маро аз пой меафканад, аммо мағлуб карда наметавонад.

Карим-ака ин суханони ӯро шунида, дар изтироб аз ҷояш парида бархосту назди тиреза рафт ва лаҳзае дилтанг ба берун нигариста истод. Сонӣ чи фикре ба ёдаш расиду барқосо якбора ба қафо нигаристу ба Ғаюр рӯ ба рӯ рафт.

— Бигирем, ки сухани моро ба замин мезанӣ, мо барои ту беэътиборем, — гуфт вай озурдахотир ба чашми Ғаюр нигариста. — Ба хотири ҳамон духтар, барои он, ки Лоларо ноумед накунӣ, як бор баргашта ба назди ректор даро! Агар ту донӣ, дар ин моҷаро аз ҳама бештар Лола ранҷ кашид. Азбаски ту ин розро ба вай як даҳан нагуфтӣ, вай сахт малолат кашид, аммо дар канор тамошобин набуд: Наврӯзов тағои ман не, тағои вай аст. Вай аз тағояш хоҳиш кард, то арзи туро шунида, мусоидат кунад.

Ҳамагон «ҳа-а-а» гӯён лаҳзае даҳон во намуданду баъд Мирзо ба Ғаюр нигариста, муште ба рӯи миз

зад, аммо Ғаюр ба вай имкони даҳон кушодан надод.

— Беҳтараш... Ман ба деҳа меравamу тӯй сар мекунам... Хабар мерасонам ба тӯйи ману Лола ҳамаатон меоед.

— Ҳозир гуфтанӣ будам: агар ту нагирӣ, ҳамон духтарро ман мегирам...

Табассуми ширину хаёлангез дар чеҳраи Ғаюр гул мекард.

Дӯстонаш ба шодмонии вай шарик набуданд, зеро онҳо маънии хушҳолии ӯро ҳанӯз ҳам равшан намефаҳмиданд, ба дурустӣ идрок намекарданду дар дил васвосию ҳардамхаёл меҳисобидандаш. Дарвоқеъ барои дарк кардани хушнудии вай мебоист, ки саргузашти ӯро аз сар гузаронд.

Солҳои 1976 — 86

# МУНДАРИЧА

**АГАР ВАЙ МАРД МЕБУД...** .............................. 6

1. Боби 1. Бадалбек .................................... 7
2. Боби 2. Занҷир ....................................... 13
3. Боби 3. Бибӣ .......................................... 25
4. Боби 4. Хешовандон ................................ 35
5. Боби 5. Инқилобе чун обҳои баҳорон... .......... 43
6. Боби 6. Девонаи Даҳандарида ...................... 55
7. Боби 7. Мулоқот дар хобгоҳ ........................ 65
8. Боби 8. Кабир ва Занҷир ............................. 77
9. Боби 9. Амаки Исмоил................................. 90
10. Боби 10. Имомалӣ ..................................... 100
11. Боби 11. Агар Кабир директор шавад... ......... 108
12. Боби 12. Кабир дар деҳа .............................. 116
13. Боби 13. Дилмонӣ ...................................... 127
14. Боби 14. «Афсун»-и миёнҷӣ ........................ 137
15. Боби 15. Дилҷӯӣ ....................................... 148
16. Боби 16. Бадалбек дар шаҳр ........................ 158
17. Боби 17. Фотима ........................................ 184
18. Боби 18. Кабир ва Бадалбек ......................... 199
19. Боби 19. Кабир .......................................... 208
20. Боби 20. Довар ва Занҷир ........................... 213
21. Боби 21. Дилсӯзӣ ........................................ 229
22. Боби 22. Орзуҳои Кабир .............................. 238
23. Боби 23. Ғазаби Занҷир .............................. 245
24. Боби 24. Бадалбек ва Довар ......................... 248
25. Боби 25. Ориф ............................................ 258
26. Боби 26. Занҷир, Ирина, Салима ................. 267

**РУХСОРА** ........................................................ 276

1. Духтаре аз Ҳалқасой..........................................276
2. Рухсора ....................................................................292
3. Як қадами бочуръат...........................................298
4. Муаллим Ҷӯразода .............................................307
5. Аз гул бӯю аз каҳ дуд..........................................314
6. Дарозии шабро аз бемор пурс ...........................324
7. Рӯзҳои дигар, сӯзҳои дигар ...................................339
8. Айёми ишқ.................................................................350
9. Аҷаб сиру савдоҳо....................................................359
10. Манучеҳр................................................................365
11. Остонаи духтардор баланд аст! .........................372
12. Хостгорӣ..................................................................382
13. Осмон дар ҳама ҷо якранг нест!...........................339
14. Андешаҳои рохи зиндагӣ......................................411
15. Ҳақиқати оддӣ.........................................................426

**СИТОРАИ ДУМДОР** ..........................................
436

1. Боби 1. ..................................................... 437
2. Боби 2. ..................................................... 449
3. Боби 3. ..................................................... 458
4. Боби 4. ..................................................... 467
5. Боби 5. ..................................................... 475
6. Боби 6. ..................................................... 479
7. Боби 7. ..................................................... 487
8. Боби 8. ..................................................... 494
9. Боби 9. ..................................................... 503
10. Боби 10. ................................................... 508
11. Боби 11. ................................................... 514
12. Боби 12. ................................................... 519
13. Боби 13. ................................................... 524
14. Боби 14. ................................................... 532
15. Боби 15. ................................................... 538

16. Боби 16. ............................................................. 544

# Фируз Бахром Бобоевич

## ЕСЛИ БЫ ОНА БЫЛА МУЖЧИНОЙ
(на таджикском языке)

Муҳаррир Т. Расулова
Ороишӣ М. Собир.
Муҳаррири ороиш С. Логинов
Муҳаррири техникӣ И. Насырова.
Мусаҳҳеҳ М. Холматова
БИ № 1370

Ба матбаа 02.04.87 супурда шуд. Ба чопаш 02.12.87 имзо шуд. КЛ 04556. Формати 84x1081/з2. Коғази типографии № 1. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 16,8. Ҷузъи рангаи шартӣ 17,22. Ҷузъи нашрию хисобӣ 21,259. Адади нашр 11 000 нусха. Супориши № 4510. Нархаш 1 с. 50 тин.

734003, Душанбе, нашриёти «Адиб», кӯчаи Рудакӣ, 33.

Матбааи № 1 Комитета давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734025, Душанбе, хиёбони Ленин, 37.